ISSN 2413-5151

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ

2023. №5.

---

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук

2023. №5.

---

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences

2023. No.5.

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2023**

**ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ–ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ**

**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.

***САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***08.00.00 –иқтисод***

| | |
|---|---|
| **Ғаниев Таваралӣ Бобоевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Давлатзода Кудрат Қамбар** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Чая Владимир Тигранович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Федератсияи Россия)* |
| **Иброхимзода Илхомуддин Раҷабалӣ** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Исайнов Ҳисайн Раҳимович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Исраилов Мукаш Исраилович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Ҷумҳурии Қиргизистон)* |
| **Калемуллоев Мунир Воҳидович** | *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент* |
| **Кодирзода Диловар Бахриддин** | |
| **Низомов Самариддин Фахриевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Умаров Ҳоҷимуҳаммад** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Шамсов Илёс Сафарович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |

***12.00.00 – ҳуқуқшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Азиззода Убайдулло Абдулло** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ* |
| **Раҳмон Дилшод Сафарбек** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Шарипов Тақдиршо Шарифович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |

***23.00.00 –сиёсатшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Зокиров Гулмаҳмад Нозимович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Курбонов Абдураҳмон Шерович** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ* |
| **Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Потселуев Сергей Петрович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор (Федератсияи Россия)* |
| **Сафарализода Ҳуҷамурод Қуддусӣ** | *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент* |
| **Сафранчук Иван Алексеевич** | *Номзади илмҳои сиёсӣ (Федератсияи Россия)* |

*Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.*

*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:*

***Дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ:*** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

***Дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ:*** *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

***Дар соҳаи илмҳои сиёсӣ:*** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*

*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.*

*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (*www.vestnik-tnu.com*).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**
**Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ**
– 2023. – №5.
ISSN 2413-5151

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №181/МҶ-97 от 19.02.2021 ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ДМТ, 2023

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК**

**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет
**Журнал основан в 2012 г.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт** | *Доктор экономических наук, профессор, ректор Таджикского национального университета* |

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**

***08.00.00 – Экономика***

| | |
|---|---|
| **Ганиев Таварали Бобоевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Давлатзода Кудрат Камбар** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Иброхимзода Илхомуддин Раджабали** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исайнов Хисайн Рахимович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исраилов Мукаш Исраилович** | *Доктор экономических наук, профессор (Кыргызская Республика)* |
| **Калемуллоев Мунир Вохидович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |
| **Кодирзода Диловар Бахриддин** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомов Самариддин Фахриевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Одинаев Хаёт Абдулхакович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Умаров Ходжимухаммад** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Чая Влидимир Тигранович** | *Доктор экономических наук, профессор (Российская Федерация)* |
| **Шамсов Илёс Сафарович** | *Доктор экономических наук, профессор* |

***12.00.00 – Юриспруденция***

| | |
|---|---|
| **Азиззода Убайдулло Абдулло** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Гаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Муртазозода Джамшед Сайдали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Насриддинзода Эмомали Сайфиддин** | *Доктор юридических наук, профессор, член-корр. НАНТ* |
| **Рахмон Дилшод Сафарбек** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Шарипов Такдиршо Шарифович** | *Доктор юридических наук, профессор* |

***23.00.00 – Политология***

| | |
|---|---|
| **Зокиров Гулмахмад Нозимович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Курбонов Абдурахмон Шерович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Махмадизода Нозим Давлатмурод** | *Доктор политических наук, профессор, член-корр. АН РТ* |
| **Муњаммад Абдурахмон Навруз** | |
| **Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Поцелуев Сергей Петрович** | *Доктор политических наук, профессор (Российская Федерация)* |
| **Сафарализода Худжамурод Куддуси** | *Кандидат политических наук, доцент* |
| **Сафранчук Иван Алексеевич** | *Кандидат политических наук (Российская Федерация)* |


Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016.

Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:

**В области экономических наук:** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

**В области юридических наук:** *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

**В области политических наук:** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
**Серия социально-экономических и общественных наук.**
– 2023. – №5.
ISSN 2413-5151
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство №181/ЖР-97 от 19.02.2021 г.
**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**
**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2023

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Series of economic and social sciences**
**Founder of the journal:**

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 2012.**

***CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Khushvakhtzoda Kobildzhon Khushvakht** | *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University* |

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

| | |
|---|---|
| **Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** | *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Ismonov Karomatullo** | *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University* |

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:**

***08.00.00 - Economy***

| | |
|---|---|
| **Ganiev Tavarali Boboevich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Davlatzoda Kudrat Kambar** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Chaya Vladimir Tigranovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor (Russian Federation)* |
| **Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Isainov Khisain Rakhimovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Israilov Mukash Israilovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor (Kyrgyz Republic)* |
| **Kalemulloev Munir Vohidovich** | *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor* |
| **Kodirzoda Dilovar Bahriddin** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Nizomov Samariddin Fakhrievich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Nizomova Tuhfamo Davlatovna** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Odinaev Hayot Abdukhakovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Faizulloev Mashrab Kurbonalievich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Shamsov Ilyos Safarovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Umarov Khojamuhammad** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |

***12.00.00 – Jurisprudence***

| | |
|---|---|
| **Azizzoda Ubaydullo Abdullo** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Gayurov Shukrullo Karomatulloevich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Dinorshoev Aziz Musoevich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Murtazozoda Jamshed Saidali** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Nasriddinzoda Emomali Saifiddin** | *Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan (NAST)* |
| **Rahmon Dilshod Safarbek** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Sotivoldiev Rustam Sharofovich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Sharipov Taqdirsho Sharifovich** | *Doctor of Law, Professor* |

***23.00.00 – Political sciences***

| | |
|---|---|
| **Zokirov Gulmahmad Nozimovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor,* |
| **Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** | *Doctor of Philosophy, Professor* |
| **Mahmadizoda Nozim Davlatmurod** | *Doctor of Philosophy, Professor* |
| **Muhammad Abdurahmon Navruz** | *Doctor of Political Sciences, Professor, Corresponding Member of the NAST* |
| **Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor* |
| **Potceluev Sergey Petrovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor (Russian Federation)* |
| **Safaralizoda Khujamurod Quddusi** | *Candidate of Political Sciences* |
| **Safranchuk Ivan Alekseevich** | *Candidate of Political Sciences, Associate Professor (Russian Federation)* |

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016.

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

**In the field of economic sciences:** 08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.

**In the field of jurisprudence:** 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.

**In the field of political sciences:** 23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin of the Tajik National University. Series of economic and social sciences**
– 2023. – №5.
ISSN 2413-5151

The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

**The journal is being prepared for publication**
**in the Publishing Center of TNU.**
**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

©TNU, 2023

# ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

**ТДУ: 336.581**

## ИСТИФОДАИ МЕХАНИЗМИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ЛОИҲАВӢ ҲАНГОМИ АМАЛИСОЗИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ИНФРАСОХТОРИ САЙЁҲӢ

*Иброҳимзода И.Р., Аҳмади Зоҳидҷон*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Солҳои охир аҳаммияти соҳаи сайёҳӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам меафзояд. Барои рушди боз ҳам бештари ин соҳаи ояндадори иқтисодиёти миллӣ сармоягузориҳо зарур мебошанд. Сармоягузориҳо, пеш аз ҳама, бояд ба инфрасохтори сайёҳӣ равона карда шаванд. Зеро мавҷуд будани инфрасохтори муносиб шарти асосии фаъолияти босамараи корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ мебошад.

Ба масъалаҳои рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он ҳам дар сохторҳои ҳукуматӣ ва ҳам дар доираҳои соҳибкорӣ таваҷҷуҳ зиёд шудааст. Олимон ва муҳаққиқон низ ба таҳқиқи мушкилоти рушди соҳаи сайёҳӣ рӯ овардаанд. Онҳо дар интишороти худ, аз ҷумла, ба ҷанбаҳои иқтисодӣ ва масъалаҳои таъминоти молиявии рушди соҳаи сайёҳӣ бештар дахл мекунанд.

Дар интишороти олимон ва муҳаққиқони соҳаи иқтисод ва молияи кишвар Х.Ҳ. Алишоев [1], Б.Ҳ. Каримов [3], С.М. Курбанова [4], А.А. Мирзоалиев [5], М.А. Раҳимов [9], С.Х. Раҳимов [10], С.К. Ризоева [11], Қ.Х. Хушвахтзода [15; 16] ва дигарон паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои рушди иқтисодии соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Вале дар асарҳои мазкур ба масъалаҳои таъминоти молиявии рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он, аз ҷумла ба корбурди механизми маблағгузории лоиҳавӣ ҳангоми амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ диққати муҳим дода нашудааст.

Бояд қайд кард, ки сабаби таваҷҷуҳи назаррас ба рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он аз ҷониби намояндагони ҳукумат, доираҳои соҳибкорӣ ва сармоягузорон, инчунин, аҳли илми кишвар, пеш аз ҳама, ин аст, ки хизматрасонии сайёҳӣ дар ҷаҳон яке аз соҳаҳои сердаромад мебошад. Гузашта аз ин, тиҷорат дар соҳаи сайёҳӣ ба доираи фаъолияти худ корхонаҳои соҳаҳои дигари иқтисодиёт, чун нақлиёт, алоқа, хуроки омма, хоҷагии меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо, санаторияҳо, муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ, варзишию солимгардонӣ, агентиҳои таблиғотӣ ва дигар ташкилотҳоро, ки дар маҷмуъ инфрасохтори сайёҳиро ташкил медиҳанд, ҷалб менамояд.

Инфрасохтори сайёҳӣ маҷмуи иншооти гуногуни техникӣ, ташкилӣ ва иқтисодӣ – муассисаҳо (ташкилотҳо)-е мебошад, ки фаъолияти мунтазами соҳаи сайёҳиро таъмин мекунанд. Онҳо корхонаҳои соҳаи сайёҳиро бо иттилоот, нақлиёт, меҳмонхонаҳо ва дигар шароити буду боши сайёҳон таъмин намуда, ҳамчунин, ба сайёҳон хизматрасониҳои фароғатию солимгардонӣ, табобатӣ ва варзишӣ пешниҳод менамоянд. Фаъолияти иншооти инфрасохтор ба сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ таъсир расонида, сатҳи самаранокии фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро муайян мекунад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин самтҳои афзалиятноки рушди сайёҳиро: сайёҳии экологӣ, табобатию солимгардонӣ, кӯҳнавардӣ, шикор, саёҳат ва сайругашт, таърихию фарҳангӣ муайян намудааст. Захираҳои бузурги табиию иқлимӣ, иншооти таърихӣ ва фарҳангӣ, обҳои маъданӣ ва чашмаҳои гарм барои рушди намудҳои мазкури сайёҳӣ мусоидат мекунанд. Вале барои бо сатҳи баланди сифат пешниҳод намудани хизматрасониҳои сайёҳӣ ба шаҳрвандон ва сайёҳони хориҷӣ дар мамлакат мавҷуд будани иншооти муносиби инфрасохтори сайёҳӣ зарур аст.

Бо саъю кӯшиши соҳибкорон ва бахши давлатии иқтисодиёт солҳои охир дар мамлакат тадбирҳои дахлдор роҳандозӣ гардида, иншооти гуногуни меҳмоннавозӣ, варзишӣ, фароғатию солимгардонӣ бозсозӣ карда шуда, ҳамчунин, иншооти нав сохта шудаанд. Яке аз чунин иншооти инфрасохтори сайёҳӣ Осоишгоҳи «Баҳористон» мебошад, ки соли 2011 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Осоишгоҳи овозадори «Хоҷа-Обигарм», ки пештар дар тобеияти иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт, соли 2012 аз ҷониби Сарраёсати корҳои сохтмонии

Дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон азнавсозӣ карда шуда, дар пояи он ҶСК Осоишгоҳи «Хоҷа Оби Гарм» таъсис дода шуд. Бо ҷалби сармояи хусусӣ соли 2015 пойгоҳи варзишию лижаронии аз замони Иттиҳоди Шуравӣ бозмондаи «Сафедорак» азнавсозӣ карда шуда, акнун ҳамчун маҷмааи варзишию солимгардонӣ ва сайёҳии Сафед-дара фаъолият мекунад. Ҳамчунин, бо ҷалби сармояи хусусӣ соли 2016 осоишгоҳи «Шоҳамбарӣ» низ азнавсозӣ карда шуда, ба яке аз осоишгоҳҳои бузургтарини мамлакат табдил ёфт. Ҳамин тариқ, ҳоло дар мамлакат 295 иншооти инфрасохтори сайёҳӣ фаъолият мекунад (диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. Миқдори иншооти инфрасохтори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Diagram 1. Number of tourist infrastructure facilities in the Republic of Tajikistan**




Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси [6]

Мавҷуд будани иншооти муносиби инфрасохтори сайёҳӣ ба афзоиши шумораи ширкатҳои сайёҳӣ ва густариши хизматрасониҳои онҳо мусоидат мекунад. Мувофиқи маълумоти оморӣ, шумораи ширкатҳои сайёҳӣ дар мамлакат аз 91 адад дар соли 2017 то ба 242 адад дар соли 2022 зиёд шудааст (диаграммаи 2).

**Диаграммаи 2. Афзоиши шумораи ширкатҳои сайёҳӣ**
**Diagram 2. Growth in the number of travel companies**




Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси [7]

Бо вуҷуди зиёд шудани иншооти инфрасохтор ва ширкатҳои сайёҳӣ, ҳоло ҳам дар мамлакат фарогирии захираҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба доираҳои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ кам аст. Барои истифодаи ҳарчи бештари захираҳои сайёҳӣ маблағгузориҳои дахлдор зарур мебошанд. Сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ, яке

аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории рушди ширкатҳои сайёҳӣ ва густариши хизматрасониҳои онҳо ба ҳисоб меравад. Дар шароити норасоии маблағҳои худии корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ барои рушди фаъолияти худ, истифодаи манбаъҳои иловагӣ ва шаклҳои босамараи маблағгузорӣ масъалаи муҳим мебошад. Дар навбати худ, гуногунии эҳтиёҷоти корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ ба манбаъҳои маблағгузорӣ боиси рушди шаклҳои босамараи маблағгузории лоиҳаҳо ва барномаҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла маблағгузории лоиҳавӣ мегардад.

Вобаста ба ин, таҳқиқи механизми маблағгузории лоиҳавӣ ҳамчун шакли босамараи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва имконияти корбурди он барои амалисозии лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунад.

Маблағгузории лоиҳавиро метавон ҳамчун «маблағгузории хароҷоти сармоягузории воҳиди иқтисодӣ (ташкилоти лоиҳавӣ), ки худ хароҷоти истеҳсолиро пардохт мекунад, ҳам пардохти марбут ба пӯшонидани уҳдадории қарзии дарозмуҳлат аз рӯи маблағҳои ҷалбгардидаро анҷом медиҳад ва дар баробари ин, қарздиҳандагон барои ҳисобузам кардани фоизҳо ва бозпас гирифтани маблағҳои ҷалбгардида, пеш аз ҳама, ба пардохтпазирии иловагии интизорӣ ва хароҷоти пешбинишудаи лоиҳа такя менамоянд» [14,с.60], шарҳ дод. Дар ин маврид, «кафолати таъмини бозпас гардонидани маблағҳои қарзӣ даромадҳои дар натиҷаи амалисозии лоиҳа гирифташаванда мебошанд. ... Хусусияти асосии ин шакли маблағгузорӣ мақсаднокии истифодаи сарватҳои молиявӣ ва сатҳи начандон баланди хавф мебошад» [15,с.9].

Дар таҷрибаи ҷаҳонии маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ, бартарии маблағгузории лоиҳавӣ ҳамчун механизми тақсими хавфҳо дар байни давлат, бонк, сармоягузор ва ташаббускори лоиҳа – ташкилоти лоиҳавӣ аз ҳисоби қисман пешниҳод кардани кафолати давлатӣ ва бозтамвили имтиёзнок эътироф гардидааст.

Вале, тавре муҳаққиқон арз мекунанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корбурди маблағгузории лоиҳавӣ «дар марҳилаи ташаккул қарор дошта, заминаҳои амалисозии он фаъолияти сармоягузории лоиҳаҳои афзалиятноки миллӣ ва, пеш аз ҳама, лоиҳаҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ мавҷуд мебошанд. Таҷрибаи ҷаҳонии амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ самаранокии ин намуди маблағгузориро аллакай собит кардааст» [12,с.185]. Аз ҷумла, яке аз самтҳои ояндадори истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ, лоиҳаҳои имтиёзнок дар соҳаи инфрасохтори сайёҳӣ мебошанд.

Бояд қайд кард, ки амсилаҳои дар амалияи ҷаҳонӣ истифодашавандаи маблағгузории лоиҳавӣ дорои хосияти умумӣ мебошанд: дар доираи амалисозии онҳо на лоиҳаи мушаххаси сармоягузорӣ, балки корхонаи бутун, ки ташаббускори лоиҳа мебошад, маблағгузорӣ мешавад. Дар ин маврид, «на ҷараёнҳои пулии озоди лоиҳа сарчашмаи воситаҳои пулӣ барои бозпас гирифтани маблағи гирифташуда мебошанд, балки таъмини маблағгузории тамоми дороиҳои корхонаи ташаббускор мебошанд» [13,с.115].

Лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ, аз лоиҳаҳои сармоягузории дар соҳаҳои дигари истеҳсолот ва хизматрасонӣ амалишаванда тафовут доранд. Махсусияти лоиҳаҳои инфрасохтори сайёҳӣ, пеш аз ҳама, дар мураккабии онҳо ифода меёбад, онҳо аксаран лоиҳаҳои бузург мебошанд. Бинобар ин, шумораи иштирокчиёни онҳо низ зиёд аст.

Дар шароити маблағгузории лоиҳавии сохтмони иншооти инфрасохтори сайёҳӣ бонкҳои маблағгузор иштирокчии бевоситаи раванди амалисозии лоиҳа буда, метавонанд худ мустақилона ба таҳияи лоиҳаи сармоягузорӣ машғул шаванд ё ба ташкилоти ташаббускори лоиҳа машваратҳои касбӣ пешниҳод намоянд. Онҳо хароҷоти амалисозии лоиҳаро пардохт менамоянд ё тавассути ба даст овардани саҳмияҳо соҳибмулки корхонаи сохташавандаи инфрасохтори сайёҳӣ мегарданд. Ҳамин тариқ, маблағгузории лоиҳавӣ як намуди алоҳидаи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, ки дар раванди ташкили маблағгузории лоиҳаи сармоягузории сохтмони иншооти инфрасохтори сайёҳӣ иштирок мекунанд, мебошад. Бинобар ин, маблағгузории лоиҳавӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ҳамчун шакли хоссаи маблағгузорӣ, ки ба иқтидори

фаъолият намудани худи лоиҳа бе баҳисобгирии пардохттавонӣ ё кафолати иштирокчиёни асосии он такя мекунад, фаҳмида мешавад.

Дарвоқеъ, маблағгузории лоиҳавӣ муносибатҳои қарзии нисбатан мураккаб оид ба ташкили лоиҳаи сармоягузорӣ дар сохтмони иншооти инфрасохтори сайёҳӣ бо истифода аз олоти молиявии гуногун мебошад. Шарти муҳимтарини он пӯшонидани қарз аз ҳисоби ҷараёнҳои пулии ҳосилнамудаи худи лоиҳа (фаъолияти иншооти инфрасохтори сайёҳӣ) мебошад. Бинобар ин, маблағгузории лоиҳавӣ бояд ҳамчун низоми мураккаби дарбаргирандаи шумораи зиёди иштирокчиён, иншооти маблағгузорӣ, қарордодҳо, идоракунии хавфҳои лоиҳа, инфрасохтори дахлдор ва дигар унсурҳо баррасӣ карда шавад. Ҳамаи унсурҳои низоми маблағгузории лоиҳавӣ байни ҳам дар робитаи зич амал карда, самаранокии ҳаракати ҷараёнҳои молиявиро таъмин менамоянд.

Дар низоми маблағгузории лоиҳавӣ ба идоракунии хавфҳо диққати муҳим дода мешавад. Дар низомҳои маблағгузорӣ, дар асоси қарздиҳии муқаррарӣ қарзгир ҳамаи хавфҳоро ба уҳдаи худ мегирад. Дар мавриди маблағгузории лоиҳавӣ хавфҳо бояд дар байни ҳамаи иштирокчиёни лоиҳа тақсим карда шаванд: «аллакай дар марҳилаи таҳияи лоиҳаи сармоягузорӣ муайян намудани омилҳои дорои хавф, ки метавонанд ба ҷараёнҳои пулии он таъсир расонанд, муҳим аст». Ба ин хотир, дар марҳилаи пеш аз сармоягузории лоиҳа, таҳлили муфассали миқдорӣ ва сифатии хавфҳо дар доираи таҳлили лоиҳавӣ гузаронида мешавад. Дар ин маврид, «ҳар як хавф бояд ба зиммаи ҳамон ҷонибе вогузор карда шавад, ки барои босамара идора кардани он имконияти бештар дорад» [8,с.28].

Маблағгузории лоиҳавӣ чун дигар намудҳои маблағгузорӣ бо истифодаи воситаҳои қарзӣ алоқаманд аст. Сарчашмаи имконпазири воситаҳои қарзӣ, ки метавонанд ба муҳлати тулонӣ ва бо шароити муносиб барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ, дар доираи маблағгузории лоиҳавӣ ҷалб карда шаванд, имконияти истифодаи бахши бонкӣ, аз ҷумла бонкҳои давлатӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ, ҷойгир намудани қарзҳои вомбаргӣ ва истифодаи қарзҳои синдикатӣ (қарзи синдикатӣ - қарзе, ки аз ҷониби ду ва зиёда бонкҳо бо шартҳои ягона дар асоси қарордоди якҷоя пешниҳод карда мешавад) мебошанд.

Бо вуҷуди ин, маблағгузории лоиҳавӣ набояд ҳамчун шакли қарз тасниф карда шавад. Ин намуди маблағгузорӣ «маҷмуи васеи механизмҳо, аз қабили идоракунии хавфҳо, суғурта, арзёбии лоиҳа, таҳлили хароҷот, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, созишномаҳои консессионӣ, эскроу-ҳисобҳо, вомбаргҳои лоиҳавӣ ва ғайраро дар бар мегирад» [2,с.26].

Истилоҳи «маблағгузории лоиҳавӣ» ҳаммаъно ё мутақобили истилоҳи «қарзи дарозмуҳлати бонкӣ» нест. Илова бар ин, қарзи дарозмуҳлати бонкӣ барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити муайян метавонад ҳамчун яке аз шаклҳои содатарини маблағгузории лоиҳавӣ баррасӣ шавад. Хусусияти асосии маблағгузории лоиҳавӣ ин истифодаи васеи сарчашмаҳо, воситаҳо ва усулҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла қарзҳои бонкӣ, барориши саҳмияҳо, саҳмҳо ба сармояи саҳомӣ, қарзҳои вомбаргӣ, иҷораи молиявӣ (лизинг), воситаҳои худии корхонаҳо (маблағҳои истеҳлок ва фоидаи тақсимнашуда) ва дигарҳо мебошад. Ҳамчунин, метавонанд маблағҳои буҷети давлатӣ дар намуди қарзҳои давлатӣ ва мусоидат (субсидия), инчунин, дар намуди кафолатҳо ва имтиёзҳои андозӣ истифода шаванд.

Барои ташкили маблағгузории лоиҳа иштирокчиёни гуногун, чун бонкҳои тиҷоратӣ ва бонкҳои сармоягузорӣ, фондҳои сармоягузорӣ, фондҳои нафақа, ташкилотҳои суғурта ва дигар сармоягузорони ниҳодӣ, ташкилотҳои лизингӣ ва дигар ниҳодҳои молиявию қарзӣ ва сармоягузорӣ ҷалб карда мешаванд. Ба сифати сармоягузорон корхонаҳо ва ташкилотҳо низ баромад карда метавонанд. Ҳангоми қарзи бонкии муқаррарӣ бонк дар алоҳидагӣ ҳамчун қарздиҳанда баромад мекунад.

Тарҳи анъанавии маблағгузории лоиҳавӣ тавре мебошад, ки дар мавриди он бонк ба қарзгир бе ҳуқуқи регресс (қарздиҳанда дар ҳолати баргардонида нашудани маблағи қарз ба ғайр аз амволи гарав дигар ба ягон дороиҳои қарзгир даъво ё даҳолат карда наметавонад) қарз медиҳад. Аз як ҷониб, сарчашмаи фоидаи бонк дар ин маврид

даромадҳое мебошанд, ки аз амалисозии лоиҳаи сармоягузорӣ гирифта мешаванд, аз ҷониби дигар, бонк бар ивази хавф меъёри баландтари фоизи қарзро аз қарзгир талаб мекунад. Бо чунин тарҳи маблағгузорӣ, бонк метавонад хавфи бештарро танҳо дар сурате мақбул ҳисобад, ки аз амалисозии лоиҳаи сармоягузорӣ гирифтани фоидаи баландтар имконпазир бошад. Лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ба ҳамин гуна лоиҳаҳо мансуб мебошанд.

Ҳангоми истифодаи тарҳи анъанавии маблағгузории лоиҳавӣ худи бонк дар раванди амалисозии лоиҳаи сармоягузорӣ ҳамчун соҳибкор амал намуда, дар равандҳои таҳиясозӣ ва иҷрои лоиҳа, инчунин, дар идоракунии иншоот (корхона)-и дар натиҷаи он ба истифода додашуда иштирок мекунад, баъзан ҳуқуқи ба даст овардани ҳиссаи саҳмияҳои корхонаи мазкурро барои худ нигоҳ медорад. Вале, дар амалияи ҷаҳонии корбурди механизми маблағгузории лоиҳавӣ, дар шароити муосир, бо сабаби норасоии лоиҳаҳои сердаромад, дар инфрасохтори сайёҳӣ асосан тарҳҳои маблағгузорӣ бо регресси маҳдуди бонк ба қарзгир ё тарҳҳои маблағгузорӣ, ки муомилоти бештари бонкро бо қарзгир пешбинӣ менамоянд, истифода мешаванд. Яъне, ба сифати таъмини уҳдадориҳои пардохтии қарзгир (ташкилоти лоиҳавӣ) на танҳо даромадҳои он аз амалисозии лоиҳа, балки даромадҳо аз фаъолияти умумии хоҷагидории корхонаи дар натиҷаи иҷрои лоиҳа сохташуда, инчунин, дигар дороиҳо, ҳаргуна кафолат ва замонатҳои он низ истифода мешаванд.

Ҳангоми истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ вазифаҳои асосии бонкҳо дар раванди маблағгузорӣ ташкил ва пешниҳод кардани қарз, иштирок дар консорсиумҳо бо захираҳои молиявии худ мебошад. Иҷрои вазифаҳои дигар, аз ҷумла вазифаи мушовири молиявӣ ба зиммаи дигар иштирокчиёни лоиҳа вогузор карда мешавад.

Ба раванди амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои бузург, шумораи зиёди иштирокчиён ҷалб карда мешаванд, чун: сарпарастон (ё ташаббускорон)-и лоиҳа; гурӯҳи лоиҳа – ташкилоти лоиҳавӣ, ки аз ҷониби сарпарастон ё ташаббускорон таъсис дода мешавад; қарздиҳандагон (бонкҳо, консорсиуми бонкӣ); мушовирон; паймонкорон; таъминкунандагони таҷҳизот; ширкатҳои суғурта ва бонкҳои кафил; сармоягузороне, ки саҳмияҳо ва дигар қоғазҳои қиматноки ташкилоти лоиҳавиро харидорӣ мекунанд; харидорони маҳсулот ва хизматрасониҳои иншооти дар натиҷаи амалисозии лоиҳа сохташуда; корхонае, ки иншооти инфрасохтори сайёҳиро пас аз ба истифода додан идора мекунад; дигар иштирокчиён.

Ташкили маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ, истифодаи унсурҳои появии маблағгузорӣ - субъект ва объект, принсипҳо, намудҳо ва тарзҳои маблағгузориро дар бар мегирад. Унсурҳои мазкур дар якҷоягӣ механизми муносибатҳои молиявии байни субъектҳои низоми сармоягузориро ташкил медиҳанд, ки барои қонеъ гардонидани талаботи молиявии субъектҳои мазкур нигаронида шудааст.

Бо сабаби зиёд будани хавфҳои лоиҳавӣ дар амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, дар инфрасохтори сайёҳӣ идоракунии хавфҳои мазкур ба ҷо овардани назорати беисти раванди иҷрои лоиҳаро талаб менамояд. Усулҳои молиявие, ки барои кам кардани хавфҳои лоиҳавӣ дар ин маврид ба кор бурда мешаванд, инҳоро дар бар мегиранд: кафолатҳои ҳуқуқӣ, кафолатҳои бонкӣ, таъсиси фондҳои захиравӣ, истифодаи дороиҳои корхона ҳамчун гарав барои пӯшонидани хавфҳои қарзӣ, кафолатҳои ғайримустақим дар шакли қарордодҳои дарозмуҳлат барои фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои лоиҳа, таъсиси фонд барои пӯшонидани хавфҳои имконпазир, замонат (ивазкунандаи кафолати бонкӣ), қарзҳои захиравӣ, истифодаи васиқа чун уҳдадории қарзгир барои баргардонидани қарздорӣ, шароити махсуси пардохтҳо аз рӯи қарордодҳо дар якҷоягӣ бо дигар усулҳо, истифодаи ҳисобҳои бонкӣ бо шароити махсус, истифодаи уҳдадориҳои муассисони лоиҳа аз рӯи саҳмҳои иловагӣ ба сармояи ташкилоти лоиҳавӣ, намудҳои гуногуни суғурта, гузаронидани чорабиниҳо барои идоракунии хавфҳои лоиҳа, аз ҷумла оид ба кам кардани хавфҳо, пешгирӣ, назорат ва тақсими онҳо дар байни иштирокчиёни лоиҳа ва ғайра.

Ҳамин тавр, маблағгузории лоиҳавӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ механизми мураккаби молиявие мебошад, ки бо ҷалби шумораи зиёди иштирокчиён ба раванди амалисозии лоиҳаи сармоягузорӣ ва гуногуншаклии олоти молиявии истифодашаванда алоқаманд аст. Гарчанде дар таҷрибаи ҷаҳонӣ намудҳои зиёди олоти маблағгузории лоиҳавӣ вуҷуд дошта бошанд ҳам, вале дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан барои истифода дар равандҳои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ, онҳо то ҳанӯз маъмул нестанд.

Олоти муҳимтарини маблағгузории лоиҳавӣ дар марҳилаи баррасии ғояи лоиҳа таҳлили арзишӣ ҳамчун технологияи муайян ва ҳисоб кардани масрафҳо барои амалисозии лоиҳаи сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Корхонаҳои ватанӣ ҳоло танҳо самаранокии иқтисодии лоиҳаро аз нуктаи назари манфиатҳои шахсии соҳибмулкон ҳисоб мекунанд. Чунин равиш имрӯз мубрам нест, махсусан дар шароити амалисозии лоиҳаҳо дар инфрасохтори сайёҳӣ. Таҳлили арзишӣ, муайян кардани нишондиҳандаҳои арзиш ва буҷети лоиҳа, самара ва хавфҳои лоиҳа бо ифодаи пулӣ, инчунин, тафсири омилҳои арзиширо пешбинӣ менамояд. Дар ин маврид, арзёбӣ, назора ва назорати нишондиҳандаҳои мазкур бояд дар давоми тамоми муҳлати амалкунии лоиҳа назаррас бошанд.

Бартариҳои маблағгузории лоиҳавӣ ҳангоми истифодаи он, аз ҷумла дар раванди амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ чунинанд:

- тақсими оқилонаи хавфҳо дар байни иштирокчиёни лоиҳа;
- ҷудо намудани хавфҳои тиҷорати асосии сарпарастони лоиҳа аз лоиҳаи сармоягузорӣ, аз ҳисоби иштироки ташкилоти лоиҳавӣ дар раванди амалисозии лоиҳа;
- имконияти ҷалб намудани ҳаҷмҳои калони маблағгузорӣ ба муҳлати зарурӣ ва бо меъёри пасти фоизи қарз;
- ташаккули ҷараёнҳои шаффофи пули нақд ва низоми босамараи истифодаи маблағҳо.

Бо вуҷуди доштани бартариҳои зикргардида нисбат ба шаклҳои анъанавии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, маблағгузории лоиҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд накарда, бонкҳо ба он таваҷҷуҳ зоҳир наменамоянд. Ба андешаи мо сабабҳои асосии рушд накардани механизми маблағгузории лоиҳавӣ дар мамлакат инҳо мебошанд:

- мавҷуд набудани асосҳои ҳуқуқию меъёрии истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ;
- нарасидани кормандони баландихтисос, сатҳи пасти дониш ва кордонии мутахассисони бонкҳо дар соҳаи таҳлили лоиҳаҳои сармоягузорӣ;
- мавҷуд набудани захираҳои кифояи бонкҳо барои қарздиҳии дарозмуҳлат.

Имрӯз маблағгузории лоиҳавӣ ҳамчун яке аз усулҳои босамараи маблағгузории лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал карда метавонад, чунки он бо хусусиятҳои худ метавонад ҷалби сармояро ба яке аз соҳаҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти миллӣ – сайёҳӣ таъмин намояд. Дар навбати худ рушди сайёҳӣ бо таъсири таконбахшандаи худ ба рушди дигар соҳаҳои инфрасохтори иқтисодиёт, чун нақлиёт, алоқа, хоҷагии меҳмоннавозӣ, осоишгоҳҳо, истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум ва дигарҳо мусоидат мекунад.

Бо истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ ҳангоми амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ алоқамандӣ ва ҳамкории босамараи соҳаи сайёҳӣ бо бахши молиявию бонкии иқтисодиёт таъмин мегардад. Ҳамкории сайёҳӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ бо бахши молиявию бонкӣ рақобатпазирии корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ ва ширкатҳои сайёҳиро густариш медиҳад. Дар ин маврид, таъкид бояд кард, ки аз сатҳи рушди инфрасохтори сайёҳӣ, фаъолнокии молиявии субъектҳои хоҷагидорие, ки иншооти инфрасохтори сайёҳиро истифода мебаранд, истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ ҳангоми амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ вобаста мебошад.

Таҳлили омилҳои боздоранда ва мусоидаткунандаи истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ ҳангоми амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ имкон медиҳад, ки монеаҳои мавҷуда ва тадбирҳои имконпазир, ки ба

истифодаи босамараи шакли мазкури маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятнок дар инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат мекунанд, ҳамаҷониба таҳқиқ ва арзёбӣ карда шаванд. Баҳисоб гирифтани омилҳои мазкур минбаъд ба ташаккули самтҳо ва рушди усулҳои ҳавасмандгардонии маблағгузории лоиҳавӣ барои бомуваффақият истифода бурдани он ҳангоми амалисозии лоиҳаҳои бузург ва афзалиятнок дар инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат хоҳад кард.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДБССТ – Исмоилов А.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Алишоев Х.Ҳ. Сайёҳӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти кишвар / Х.Ҳ. Алишоев, М.А. Раҳимов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. -№4. -С.102-106.
2. Езангина И.А. Совершенствование инструментов проектного финансирования в реализации стратегии пространственного развития России (на примере приоритетных отраслей) / И.А. Езангина, Н.Д. Захарова // Финансы: теория и практика. – 2020. -Т.24. -№2. -С.22-38.
3. Каримов Б.Ҳ. Ҷанбаҳои иқтисодии идоракунӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Ҳ. Каримов, М.А. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. -№3(42). -С.180-188.
4. Курбанова С.М. Развитие туризма в Республике Таджикистан на основе природно-рекреационных ресурсов / С.М. Курбанова, К.К. Акназаров // Вопросы управления и экономики: современное состояние актуальных проблем. Сб. ст. по материалам LXVIII междунар. науч.-практ. конф. -М.: Интернаука, 2003. -№2(61). -С.56-63.
5. Мирзоалиев А.А. Нақши соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар / А.А. Мирзоалиев, А.М. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. -№3(32). -С.138-144.
6. Омори сайёҳӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://ctd.tj/site/omori-sayyohi (санаи муроҷиат: 22.01.2023).
7. Омори ширкатҳои сайёҳӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://ctd.tj/safar-ba-tojikiston/shirkathoi-sayyohi/omori-shirkathoi-sayyohi (санаи муроҷиат: 22.01.2023).
8. Переверзева В.В. Механизм проектного финансирования при реализации инвестиционных проектов / В.В. Переверзева // Вестник Российского экономического университета имени Г.В. Плеханова. – 2018. -№3(99). -С.24-32.
9. Рахимов М.А. Развитие туристического предпринимательства в Республике Таджикистан / М.А. Рахимов // Основные направления обеспечения ускоренной индустриализации экономики в контексте стратегических целей Республики Таджикистан. Материалы научно-теоретической конференции преподавателей и студентов университета, посвященной объявлению 2022-2026 годов «Годами развития промышленности» (29-30 апреля 2022 года). -Душанбе: Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, 2022. -С.9-14.
10. Рахимов С.Х. Оценка влияния глобализации на внедрение инновационных технологий в индустрии гостеприимства // С.Х. Рахимов, Б.Х. Каримов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2020. -№1(30). -С.117-123.
11. Ризоева С.К. Ташаккул ва дурнамои рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон / С.К. Ризоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№3. -С.254-259.
12. Рустам А.Р. Механизм ва сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ / А.Р. Рустам // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№8. -С.179-186.
13. Собина Н.В. Механизм и система проектного финансирования / Н.В. Собина, М.П. Логинов // Вопросы управления. – 2017. -№2(45). -С.113-120.
14. Чараева М.В. Использование проектного финансирования при реализации инвестиционных проектов в ТЭК России / М.В. Чараева // Вестник Ростовского государственного экономического университета (РИНХ). – 2011. -№1(33). -С.59-69.
15. Хушвахтзода Қ.Х. Маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти миллӣ / Хушвахтзода Қ.Х., Рустам А.Р. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№11. -С.5-13.
16. Хушвахтзода Қ.Х. Ҷанбаҳои иқтисодии ташкил ва идоракунии рушди соҳаи хизматрасониҳои сайёҳӣ / Хушвахтзода Қ.Х., Н.Н. Сайфуллоев, З.М. Орзиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№2. -С.154-161.


## ИСТИФОДАИ МЕХАНИЗМИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ЛОИҲАВӢ ҲАНГОМИ АМАЛИСОЗИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ИНФРАСОХТОРИ САЙЁҲӢ

Дар шароити муосир норасоии сарчашмаҳои маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ, аз ҷумла лоиҳаҳо дар инфрасохтори сайёҳӣ барои корхонаҳои алоҳидаи соҳаи сайёҳӣ ва ҳам барои иқтисодиёти миллӣ масъалаи мубрам мебошад. Зеро мавҷуд будан ва бомуваффақият амал кардани иншооти инфрасохтор ба рушди сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятнок ва умедбахши иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад. Дар навбати аввал сайёҳӣ бо таъсири таконбахшандаи худ имкон медиҳад, ки

соҳаҳои дигари иқтисодиёт, чун нақлиёт, алоқа, хӯроки омма ва дигарҳо низ рушд кунанд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки барои амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ яке аз шаклҳои муносиб ва босамара, ин маблағгузории лоиҳавӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз шароити зарурӣ барои истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ ташаккул наёфтааст. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои истифодаи маблағгузории лоиҳавӣ барои амалӣ намудани лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ баррасӣ карда мешаванд. Дар асоси таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ муҳиммии истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ дар раванди амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ тасдиқ карда мешавад. Бартариҳои маблағгузории лоиҳавӣ нисбат ба шаклҳои дигари маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, инчунин, сабабҳои асосии рушд накардани маблағгузории лоиҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шудаанд. Таъкид карда мешавад, ки сатҳи рушди инфрасохтор ва фаъолияти молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ, ки иншооти инфрасохториро истифода мебаранд, ба истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ ҳангоми амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсир мерасонад.

**Калидвожаҳо:** сайёҳӣ, инфрасохтори сайёҳӣ, ширкатҳои сайёҳӣ, захираҳои сайёҳӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, маблағгузории лоиҳавӣ, хавфҳои лоиҳавӣ

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МЕХАНИЗМА ПРОЕКТНОГО ФИНАНСИРОВАНИЯ ПРИ РЕАЛИЗАЦИИ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ПРОЕКТОВ В ТУРИСТСКОЙ ИНФРАСТРУКТУРЕ

В современных условиях отсутствие источников финансирования приоритетных инвестиционных проектов, в том числе проектов в туристской инфраструктуре, является острой проблемой как для отдельных предприятий туристической отрасли, так и для экономики страны. Ведь наличие и успешная работа объектов инфраструктуры способствует развитию туризма как приоритетной и перспективной отрасли национальной экономики. В свою очередь, туризм своим стимулирующим действием позволяет развивать другие отрасли экономики, такие как транспорт, связь, общественное питание и другие. Мировой опыт показывает, что для реализации инвестиционных проектов в туристской инфраструктуре одним из наиболее подходящих и эффективных форм финансирования является проектное финансирование. Однако в Республике Таджикистан пока еще не сформированы необходимые условия для использования механизма проектного финансирования. В данной статье рассматриваются вопросы использования проектного финансирования для реализации приоритетных инвестиционных проектов в туристской инфраструктуре. На основе анализа теоретических и практических аспектов реализации инвестиционных проектов подтверждается важность использования механизма проектного финансирования в процессе реализации инвестиционных проектов в туристской инфраструктуре. Выявлены преимущества проектного финансирования по сравнению с другими формами финансирования инвестиционных проектов, а также основные причины недостаточного развития проектного финансирования в Республике Таджикистан. Подчеркивается, что уровень развития инфраструктуры и финансовая активность хозяйствующих субъектов, использующих объекты инфраструктуры, влияют на использование механизма проектного финансирования при реализации инвестиционных проектов в туристской инфраструктуре.

**Ключевые слова:** туризм, туристическая инфраструктура, туристические компании, туристские ресурсы, инвестиционные проекты, финансирование инвестиционных проектов, проектное финансирование, проектные риски.

## USING THE MECHANISM OF PROJECT FINANCING IN THE IMPLEMENTATION OF INVESTMENT PROJECTS IN TOURIST INFRASTRUCTURE

In modern conditions, the lack of sources of financing for priority investment projects, including projects in the tourism infrastructure, is an acute problem both for individual enterprises in the tourism industry and for the country's economy. After all, the availability and successful operation of infrastructure facilities contribute to the development of tourism as a priority and promising sector of the national economy. In turn, tourism, with its stimulating effect, allows the development of other sectors of the economy, such as transport, communications, catering and others. World experience shows that one of the most suitable and effective methods of financing for the implementation of investment projects in tourism infrastructure is project financing. However, the necessary conditions for using the project financing mechanism have not yet been formed in the Republic of Tajikistan. This article discusses the use of project financing for the implementation of priority investment projects in the tourism infrastructure. Based on the analysis of theoretical and practical aspects of the implementation of investment projects, the importance of using the project financing mechanism in the process of implementing investment projects in the tourism infrastructure is confirmed. The advantages of project financing in comparison with other methods of financing investment projects, as well as the main reasons for the insufficient development of project financing in the Republic of Tajikistan, are revealed. It is emphasized that the level of infrastructure development and the financial activity of economic entities using infrastructure facilities affect the use of the project financing mechanism in the implementation of investment projects in the tourism infrastructure.

**Keywords:** tourism, tourism infrastructure, travel companies, tourism resources, investment projects, financing of investment projects, project financing, project risks.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети молиявию иқтисодӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **ilhomuddin@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-81-42-40**
***Аҳмади Зоҳидҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D кафедраи молия ва суғурта. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **ahmadizohir@mail.ru**. Телефон: (**+992) 553-05-05-57**

**Сведения об авторах:** ***Иброхимзода Илхомуддин Раджабали*** - Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, декан финансово-экономического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **ilhomuddin@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-81-42-40**
***Ахмад Зохиджон*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры финансов и страхования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **ahmadizohir@mail.ru.** Телефон: (**+992) 553-05-05-57**

**Information about the authors:** ***Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Dean of the Faculty of Finance and Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-81-42-40**. E-mail: **ilhomuddin@mail.ru**
***Ahmad Zohidjon*** - Tajik National University, Ph.D student of the Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **ahmadizohir@mail.ru.** Phone: (**+992) 553-05-05-57**

ТДУ: 657.1

# БАҲИСОБГИРИИ ВОСИТАҲОИ АСОСӢ: ҚОИДАҲОИ СБҲМ ВА МУҚАРРАРОТИ КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Низомов С.Ф., Каримиён М.Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мусаллам аст, ки имрӯз дар фаъолияти ҳар як корхона воситаҳои асосӣ нақши муҳим доранд. Онҳо яке аз унсурҳои асосии истеҳсолот ва фаъолияти муқаррарии корхонаҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт мебошанд. Вазъ ва истифодаи босамари воситаҳои асосӣ ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти корхона таъсир мерасонанд. Ташкили муносиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ ба истифодаи босамари мошин, таҷҳизот ва дигар объектҳои воситаҳои асосӣ мусоидат мекунад.

Тавре таҳқиқи муҳтавои ҳисоботи молиявӣ дар аксар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ, ки имрӯз дар ҳисоботи молиявӣ оварда мешавад, на ҳамеша пурра ва саҳеҳ аст, зеро муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунгузории андоз бо муқаррароти стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ), ки равандҳои ташаккули иттилоот дар бораи воситаҳои асосиро танзим мекунанд, дар баъзе ҳолатҳо мувофиқат намекунанд. Бинобар ин, такомули равандҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ ва ташаккули иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ зарур аст. Дар навбати худ, барои такомули баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ ба ҷо овардани таҳлили вазъи имрӯзаи он зарур аст.

Солҳои охир дар доираи олимон ва муҳаққиқони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ таваҷҷуҳ ба масъалаҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибии объектҳои баҳисобгирӣ, аз ҷумла баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити СБҲМ ва риояи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд шудааст. Дар робита ба ин метавон асарҳои олимони ватанӣ М.У. Бобоев [2], Б.Ҳ. Каримов [3; 4; 5], Г.Т. Қодирова [7], А.А. Мирзоалиев [8], С.Ф. Низомов [10; 11], Қ.Х. Хушвахтзода [1; 15] ва дигаронро номбар кард. Вале дар асарҳои мазкур мушкилоти баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, ки дар робита бо корбурди СБҲМ ва риояи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд, аз мадди назар берун мондаанд. Бинобар ин, барои таҳқиқи масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар шароити СБҲМ ва риояи меъёрҳои қонунгузории андоз зарурат ба миён меояд.

Баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ ба мисли баҳисобгирии дигар объектҳои баҳисобгирӣ дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои тиҷоратӣ, ба истиснои корхонаҳои соҳибкории хурд ва миёна дар асоси муқаррароти СБҲМ бурда мешавад. Талабот барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси муқаррароти СБҲМ пас аз қабули Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 ноябри соли 2002, №428 «Оиди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ» пешниҳод гардидааст. Аз лаҳзаи қабули қарори мазкур дар мамлакат ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ оғоз гардид, ки ҳадафи асосии он мутобиқсозии низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ ба талаботи имрӯзаи рушди иқтисодиёти бозорӣ ва татбиқи СБҲМ дар равандҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ мебошад.

Тавре муҳаққиқон қайд мекунанд, бо роҳандозӣ намудани ислоҳот асосҳои миллии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи шароити бозор ва талаботи СБҲМ ташаккул ёфтаанд, «таҷрибаи муайяне дар ин самт ғун гардидааст ва акнун лаҳзае фаро расидааст, ки натиҷаҳои ислоҳоти мазкурро арзёбӣ намуда, муайян кунем, ки ба чи ноил гардидем ва чиро натавонистем ба даст орем» [5,с.24].

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ душвориҳои гуногуни назариявию методологӣ ва амалӣ ба миён омаданд. Тадбирҳои дар доираи иҷрои вазифаҳои ислоҳот роҳандозишуда асосан бебарор буданд.

Натиҷаҳои нигаронкунандаи раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибиро ба инобат гирифта, барои такон бахшидан ба ислоҳот Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ аз 3 октябри соли 2006, № 465 «Оиди чораҳои иловагии татбиққунии СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» роҳандозӣ намудани тадбирҳои иловагиро барои анҷоми бобарори ислоҳот ва ноил гардидан ба ҳадафҳои он муайян намуд.

Дар соли 2007 Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шурои парасторони Кумита (ҳоло Шуро)-и СБҲМ шартнома ба имзо расониданд, ки мувофиқи он ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи муаллифӣ барои истифодаи тарҷумаи русии дастаи СБҲМ пешниҳод гардид. Акнун субъектҳои иқтисодие, ки фаъолияти худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд, метавонанд ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявии худ аз СБҲМ истифода кунанд.

Омӯзиши вазъи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ дар аксари корхонаҳои дар мамлакат фаъолияткунанда нишон медиҳад, ки бо гузашти зиёда аз 20 сол аз оғози ислоҳот, татбиқи СБҲМ дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба анҷом нарасидааст. Мушкилот ва масъалаҳои баҳснок дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла дар баҳисобгирии воситаҳои асосӣ зиёд мебошанд.

Раванди номатлуби ислоҳотро дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ мушоҳида намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон низ ба масъалаи рушди баҳисобгирии муҳосибӣ борҳо дахл намудаанд. Аз ҷумла дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 зикр гардидааст: «... масъалаҳои гузариши пурра ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ... то ҳанӯз ҳал нагардидаанд ва мо дар ин самт аз талаботи замона қафо монда истодаем. Бо мақсади танзими муносибатҳо дар самти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҷалби сармояи мустақим ба вазоратҳои молия, саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз ва дигар мақомоти назоратӣ супориш дода мешавад, ки барои ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва аз аудити ҳарсолаи ҳатмӣ гузаштани субъектҳои дорои манфиати умум ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ чораҳои бетаъхир андешанд» [12].

Мушкилоти нисбатан муҳимми рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити муосир – ин мушкилоти якҷоя амал кардани баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) ва баҳисобгирии андоз мебошад. Вобаста ба ин, вазъи имрӯзаи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосиро дар субъектҳои иқтисодии мамлакат метавон бо таҳқиқи ин ду намуди баҳисобгирӣ, ки ба воситаҳои асосӣ дахл мекунанд, арзёбӣ кард.

Имрӯз низоми мукаммали баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ метавонад ба ташаккули нишондиҳандаҳои васфкунандаи вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии субъектҳои иқтисодӣ таъсири муҳим расонад. Зеро воситаҳои асосӣ яке аз захираҳои муҳимтарини истеҳсолӣ буда, истифодаи онҳо дар фаъолияти хоҷагидорӣ бо омилҳои гуногуншакли дохилӣ ва берунии истеҳсолот алоқаманд аст. Рух додани амалиёти хоҷагидории субъектҳои иқтисодӣ оид ба харид ва сохтани объектҳои воситаҳои асосӣ ба зиёд шудани хароҷот дар шакли маблағи истеҳлок, хароҷоти таъмир ва навкунии воситаҳои асосӣ боис шуда, инчунин, зарурати пешбурди назорати вазъ ва истифодаи воситаҳои асосиро ба миён меорад. Ҳамаи ин ба ҳаҷми маблағи арзиши аслии маҳсулоти истеҳсол ва фурӯхташаванда ва дар ниҳоят ба ҳаҷми фоидаи субъекти иқтисодӣ таъсир мерасонад.

Вазъи воситаҳои асосӣ, ки бо нишондиҳандаҳои миқдор, арзиш, дараҷаи техникӣ, муҳлати истифодаи нафъовар тавсиф мешавад, ба самаранокии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ таъсир мерасонад. Зеро дар сохтори тавозуни муҳосибии субъектҳои дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт фаъолияткунанда, воситаҳои асосӣ вазни қиёсии нисбатан назаррасро ташкил медиҳанд. Бинобар ин, эътимоднокии маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар бораи воситаҳои асосӣ, эътимоднокии иттилоотро дар бораи вазъи молиявии умумии корхона муайян мекунад.

Субъектҳои иқтисодӣ ҳангоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ ва пешниҳод кардани иттилоот оид ба воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ Низомномаи баҳисобгирии муҳосибӣ (НБМ) 4/2002 «Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ»-ро ба кор мебаранд [13]. Бояд гуфт, ки санади мазкур то қабули Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №428 «Оиди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ» таҳия гардидааст, бинобар ин, дар муҳтавои он ҳолатҳои мувофиқат накардан бо нишондодҳои СБҲМ (аз ҷумла, СБҲМ IAS 16 «Воситаҳои асосӣ») ба назар мерасанд.

Дар асоси шартномаи байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шурои СБҲМ оид ба дасткашӣ аз ҳуқуқи муаллифӣ дар марзу буми алоҳида (Ҷумҳурии Тоҷикистон) субъектҳои иқтисодӣ метавонанд ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявӣ аз муқаррароти СБҲМ IAS 16 «Воситаҳои асосӣ» истифода баранд. Вале, дар ин маврид мушкилоти дигар ба миён меояд: талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз ҷумла, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон) имкон намедиҳанд, ки муқаррароти СБҲМ IAS 16 «Воситаҳои асосӣ» пурра аз ҷониби субъектҳои иқтисодӣ ҳангоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ ва ташаккули иттилоот оид ба воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ риоя гарданд. Дуруст аст, ки ҳангоми ихтилофи муқаррарот дар байни қонунгузорӣ ва қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) фарқҳои муваққатӣ пайдо мешаванд ва бо баҳисобгирии ин фарқҳо ва нишон додани иттилоот оид ба онҳо дар ҳисоботи молиявӣ мушкилот метавонад аз байн равад. Вале таҳқиқи равандҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар аксар корхонаҳои тиҷоратӣ нишон дод, ки муҳосибони онҳо дар бораи баҳисобгирии фарқҳои муваққатии дар мавриди баҳисобгирии воситаҳои асосӣ пайдошаванда маълумот надоранд, бинобар ин, иттилоот оид ба ин гуна фарқҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос намешавад ва дар ҳисоботи молиявӣ низ нишон дода намешавад.

Имрӯз масъалаи мухолифати баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз яке аз мушкилоти асосӣ дар баҳисобгирии воситаҳои асосӣ барои субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зеро мавҷудият ва арзиши воситаҳои асосӣ ба бузургии уҳдадориҳои субъектҳои иқтисодӣ, ки вобаста ба андозҳо, пеш аз ҳама, андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ (андоз аз фоида) ва андозҳо аз молу мулк (андоз аз объектҳои ғайриманқул) пайдо мешаванд, таъсир мерасонад.

Моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ки баҳисобгирии андоз – ҷараёни пешбурди ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷониби андозсупоранда тибқи талаботи кодекси андоз бо мақсади мураттаб намудани маълумот дар бораи объектҳои андозбандӣ, ҳисоб кардани андозҳо ва тартиб додани ҳисоботи андозӣ мебошад [6]. Ҳамчунин, андозсупоранда уҳдадор аст, ки пешбурди баҳисобгирии андозро мутобиқи қонунгузории муҳосибӣ, санадҳои меъёрии мақомоти давлатӣ дар соҳаи молия, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ намояд. Бинобар ин, низоми баҳисобгирии андоз ба равандҳои иттилоотии мутобиқи методология ва қоидаҳо (стандартҳо)-и баҳисобгирии муҳосибӣ ташаккулёфта, ки аллакай дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СБҲМ ҳамоҳанг карда шудаанд, асос меёбад. Вале ҷиҳатҳои андозбандӣ, ки бо воситаҳои асосӣ алоқаманд мебошанд, бо қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ мувофиқат намекунанд. Вобаста ба ин, нишондиҳандаҳои дар баҳисобгирии молиявӣ ташаккулёфта бо мақсадҳои андозбандӣ бо андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ тасҳеҳ карда мешаванд. Яъне, андозсупоранда ба хотири дуруст ҳисобузам кардани маблағи андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, ҳамзамон, ду низоми баҳисобгириро пеш мебарад:

- низоми баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ – мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», СБҲМ, низомномаҳо (қоидаҳои миллӣ)-и баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин, дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои иқтисодию молиявӣ;
- низоми баҳисобгирии андоз мувофиқи муқаррароти боби 13 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Баҳисобгирии андозӣ ва ҳисоботи андозӣ».

Таҳлили муҳтавои қонунгузории соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва қонунгузории андоз

нишон медиҳад, ки дар байни талаботи ин ҳуҷҷатҳо тафовути назаррас вуҷуд доранд, ки дар раванди ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз мушкилиҳо эҷод мекунанд. Аз ҷумла, тафовут дар қоидаҳои гурӯҳбандии даромадҳо ва хароҷот, эътироф кардани онҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ [3,с.47] ва баҳисобгирии андоз, дар тарзҳои баҳодиҳии воситаҳои асосӣ, усулҳои ҳисобузам кардани истеҳлоки воситаҳои асосӣ, дар тартиби тақсим кардани хароҷот ва он ҳиссаи хароҷот, ки ба хароҷоти давраи ҷорӣ мансуб дониста мешавад, ба назар мерасанд.

Албатта, муҳтавои қонунгузории андоз имкон медиҳад, ки асосҳои методӣ ва ташкилӣ барои таъмини пешбурди муносиби баҳисобгирии андоз бо харҷи ками вақт ва захираҳои молиявӣ ба кор бурда шаванд. Вале дар ин маврид, рисолати баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, ки пешниҳод кардани иттилооти саҳеҳ ва асоснок оид ба вазъи молиявӣ ва нишондиҳандаҳои натиҷаҳои фаъолияти корхона ба истифодабарандаи асосии ҳисоботи молиявӣ – соҳибмулк мебошад, иҷро намегардад. Риояи талаботи қонунгузории андоз, ки барои субъектҳои иқтисодии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда ҳатмӣ мебошад, иҷрои муқаррароти СБҲМ ва низомномаҳои миллии баҳисобгирии муҳосибиро маҳдуд мекунад.

Ҷиҳатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) ва баҳисобгирии андоз (андозбандӣ), ки ба объектҳои воситаҳои асосӣ дахл мекунанд, дар шароити имрӯзаи пешбурди тиҷорат самтҳои муҳиме мебошанд, ки натиҷаҳои онҳо ба натиҷаҳои умумии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ва дар ниҳоят ба сифати қарорҳои идоракунии аз ҷониби соҳибмулкони корхонаҳо қабулшаванда таъсир мерасонанд. Саҳеҳӣ ва эътимоднокии иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ оид ба воситаҳои асосӣ «ба қабули қарорҳои идоракунии босамар на танҳо дар фаъолияти ҷорӣ, балки дар рушди ояндаи субъекти иқтисодӣ низ мусоидат мекунад» [14,с.106].

Бояд гуфт, ки пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла, баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар на ба манфиати соҳибмулкон (ҳамчун рисолати баҳисобгирии муҳосибӣ), балки ба манфиати мақомоти давлатӣ, пеш аз ҳама, мақомоти андоз нигаронида шудааст. Ҳамин аст, ки ҳангоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, муҳосибон ва ҳам роҳбарияти субъектҳои иқтисодӣ бештар таваҷҷуҳ ба он доранд, ки қоидаҳои баҳисобгирии андоз, ки бо қонунгузорӣ муайян карда шудаанд, ба инобат гирифта шаванд, то дар фаъолияти худ ба пайдо шудани баҳсҳо ва мунокишаҳои молиявӣ бо мақомоти давлатии назоратӣ роҳ надиҳанд. Вале тавре омӯзиши фаъолияти хадамоти муҳосибӣ дар аксари корхонаҳои тиҷоратии мамлакат гувоҳӣ медиҳад, муҳосибон ва ҳам роҳбарияти корхонаҳо то ҳол ба муҳиммии пешбурди алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) ва баҳисобгирии андоз сарфаҳм нарафтаанд.

Ба андешаи мо, пешбурди алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии муҳосибии андоз (пеш аз ҳама, баҳисобгирии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ) дар муҳосиботи корхона имкон медиҳад, ки тафовутҳои байни онҳо бо ба инобат гирифтани афзалиятҳои ҳар як намуди баҳисобгирӣ барои истифодабарандагони худ бартараф карда шаванд. Яъне, баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ бояд ба соҳибмулкон ва дигар истифодабарандагоне, ки ба иттилоот оид ба вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона барои таҳия намудани қарорҳои иқтисодии худ ниёз доранд, нигарон бошад. Баҳисобгирии андоз бошад, эҳтиёҷи мақомоти андоз ва дигар мақомоти назорати молиявии давлатиро қонеъ мегардонад. Бинобар ин, ҳангоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ муқаррароти СБҲМ ва қоидаҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ (низомномаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ), ки аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ - Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, ба кор бурда мешаванд. Ҳангоми пешбурди баҳисобгирии андоз риояи талаботи қонунгузории андоз ва дигар санадҳои меъёрие, ки Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, ҳатмӣ мебошад.

Ташкили хуби баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ бе нигориши муносиби ҳуҷҷатҳои аввалии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ имконнопазир аст. Назорати

ҳаракати воситаҳои асосӣ имкон медиҳад, ки самаранокии истифодаи воситаҳои асосӣ дар раванди истеҳсолӣ арзёбӣ карда шавад.

Дар корхонаҳои тиҷоратие, ки мо дар онҳо вазъи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосиро таҳқиқ кардем, барои баҳисобгирии ҳаракати воситаҳои асосӣ ҳисобҳои муҳосибии дар асоси нақшаи ҳисобҳои тасдиқнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [9] пешбинишуда истифода мешаванд (расми 1).

**Расми 1. Ҳисобҳои муҳосибӣ барои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ**
**Figure 1. Accounts for accounting for fixed assets**




**Сарчашма:** таҳияи муаллифон дар асоси [9]

Воҳиди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ, объекти инвентарӣ мебошад. Ҳамчун объекти инвентарии воситаҳои асосӣ, объекти дорои ҳама асбоб ва лавозимот ё ашёи алоҳидаи сохторӣ, ки барои иҷрои вазифаҳои муайяни мустақил таъин гардидааст, ё маҷмуи алоҳидаи якчанд ашёи якҷояшуда, ки чизи томро ташкил медиҳанд ва барои иҷрои кори муайян пешбинӣ шудаанд, эътироф карда мешавад [13].

Дар корхонаҳо барои ташкили баҳисобгирӣ ва назорати воситаҳои асосӣ ба ҳар як объекти инвентарӣ рақами алоҳида дода мешавад, ки он дар тамоми давраи дар корхона будани объекти воситаҳои асосӣ боқӣ мемонад. Дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои аввалӣ ва феҳристҳои баҳисобгирии ҳаракати воситаҳои асосӣ ин рақам гузошта мешавад.

Объектҳои воситаҳои асосӣ, ки ба корхона ворид мешаванд, аз ҷониби комиссияи таъиннамудаи роҳбари он қабул карда мешаванд. Комиссия аз натиҷаи қабул барои ҳар як объект дар як нусха санади қабулу супоридани воситаҳои асосӣ (шакли № ВА-1) тартиб медиҳад. Агар гурӯҳи объектҳои ҳамсон, ки дорои арзиши якхела ва дар таҳти масъулияти як шахс мебошанд, қабул карда шаванд, - санади умумӣ барои гурӯҳи объектҳо тартиб дода мешавад. Дар санад номи объект, соли истеҳсол ё сохтан, тавсифи мухтасари объект, арзиши аввалӣ, рақами инвентарии ба объект додашуда, макони истифодаи объект ва дигар маълумоти барои баҳисобгирии таҳлилии воситаҳои асосӣ зарурӣ нишон дода мешавад.

Баҳисобгирии таҳлилии воситаҳои асосӣ дар карточкаҳои инвентарӣ (шакли № ВА-6) бурда мешавад. Ҳуҷҷати мазкур дар баробари шаклҳои дигари ҳуҷҷатҳои аввалӣ

ва феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ бо Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон № 102 аз 25 декабри соли 2010 дар мувофиқа бо Агентии омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст [16]. Аммо дар китобе, ки расман ба фармоиши мазкур замима гардидааст, номи карточкаи инвентарӣ ғалат оварда шудааст: «барои ҳайвонот, дарахтони бисёрсола ва хароҷотҳои асосӣ оиди беҳтаркунии заминҳо» (ин ҳуҷҷат бо шакли № ВА-8 пешниҳод шудааст). Бояд қайд кард, ки чунин ғалатҳо дар китоби мазкур зиёд мебошанд ва ин ҳолат боиси пайдо шудани номуайянӣ ва нофаҳмиҳо барои муҳосибон гардидааст. Вале фикр мекунем, ки муҳосиби кордон бо андешаи солими худ аз чунин ҳолат раҳо меёбад.

Карточкаи инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ барои ҳар як объекти воситаҳои асосӣ дар муҳосибот кушода ва бурда мешавад. Барои объектҳои гурӯҳии воситаҳои асосӣ карточкаи инвентарии баҳисобгирии гурӯҳии объектҳои воситаҳои асосӣ (шакли № ВА-9) кушода мешавад.

Дар тарафи рӯйи карточкаи инвентарӣ ном ва рақами инвентарии объект, санаи истеҳсол (сохтан), сана ва рақами санади қабул (ба истифода додан), макони ҷойгиршавӣ, арзиши аввалӣ (барқароркунӣ), меъёри истеҳлок, рамзи хароҷот (барои гузаронидани маблағҳои истеҳлок), маблағи истеҳлоки ҳисобузамшуда, инчунин, маълумот дар бораи таҷдид, навкунӣ ва таъмири асосӣ нишон дода мешавад. Дар тарафи паси карточкаи инвентарӣ қайд дар бораи ба баҳисобгирии муҳосибӣ қабул кардани объекти воситаҳои асосӣ, маълумот дар бораи ҷойивазкунии дохилӣ, қайдҳо оид ба хориҷкунӣ ва сабабҳои хориҷкунии он, инчунин, тавсифи мухтасари объект оварда мешавад.

Карточкаҳои инвентарии пуркардашуда дар рӯйхати карточкаҳои инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ (шакли № ВА-10) ба қайд гирифта мешаванд. Рӯйхати мазкур дар муҳосибот барои ҳар як гурӯҳи таснифии объектҳои воситаҳои асосӣ алоҳида бурда мешавад. Корхонаҳои хурд метавонанд воситаҳои асосиро дар китоби инвентарӣ, ки шакли он расман муайян нагардидааст, ба ҳисоб гиранд ва рӯйхати карточкаҳои инвентариро набаранд.

Карточкаҳои инвентарӣ дар як нусха тартиб дода шуда, дар муҳосибот нигоҳ дошта мешаванд. Дар ҳолате, ки агар дар объекти воситаҳои асосӣ тағйирот ворид карда шавад ва инъикос кардани онҳо дар карточкаи инвентарӣ ғайриимкон бошад, карточкаи инвентарии нав пур карда мешавад ва карточкаи пешин ҳамчун ҳуҷҷати маълумотдиҳанда нигоҳ дошта мешавад.

Дар маконҳои ҷойгиршавӣ (истифода)-и воситаҳои асосӣ барои назорати ҳифзи онҳо рӯйхати инвентарии воситаҳои асосӣ (шакли № ВА-13) бурда мешавад. Дар ин рӯйхат рақам ва санаи карточкаи инвентарӣ, рақами инвентарии объект, номи пурраи он, инчунин, маълумот оид ба хориҷшавӣ (ҷойивазкунӣ) – сана, рақами ҳуҷҷат ва сабаби хориҷшавӣ навишта мешавад. Дар баъзе корхонаҳо баҳисобгирии объектҳо дар маконҳои ҷойгиршавӣ дар карточкаҳои инвентарӣ бурда мешавад. Дар ин маврид карточкаҳои инвентарӣ дар ду нусха тартиб дода мешаванд ва нусхаи дуюм ба макони ҷойгиршавии объект супорида мешавад. Баҳисобгирии объектҳои воситаҳои асосӣ дар маконҳои ҷойгиршавӣ аз ҷониби шахсони барои ҳифзи онҳо масъул ба ҷо оварда мешавад.

Дар охири моҳ маълумоти карточкаҳои инвентарӣ якҷоя бо варақаи ҳисобузамкунии истеҳлок барои тартиб додани карточкаи баҳисобгирии ҳаракати воситаҳои асосӣ, асос мешаванд. Маълумоти карточкаи баҳисобгирии ҳаракати воситаҳои асосӣ дар охири сол барои тартиб додани варақаи гардишии ҳаракати воситаҳои асосӣ истифода мешаванд.

Ҳоло дар аксари корхонаҳои таҳқиқшуда, баҳисобгирии таҳлилӣ ва таркибии воситаҳои асосӣ бо истифода аз шаклҳои ҳамсонкардашудаи ҳуҷҷатҳои аввалӣ, ки барои истифодаи воситаҳои техникаи компютерӣ мутобиқ карда шудаанд, бурда мешавад.

Ҳангоми бо тарзи паймонкорӣ иҷро намудани корҳои сохтани объектҳои воситаҳои асосӣ, баҳисобгирии хароҷот дар асоси арзиши шартномавии ҳисобномаҳои корхонаи паймонкор ба ҷо оварда мешавад. Дар асоси санадҳои қабули корҳо дар

баҳисобгирӣ бо дебети ҳисоби дахлдори гурӯҳи 11000 «Воситаҳои асосӣ» ва кредити ҳисоби 22040 «Дигар ҳисобҳо барои пардохт» гузарониш тартиб дода мешавад. Дар ин маврид маблағи гузарониш андоз аз арзиши иловашударо низ дар бар мегирад.

Бояд қайд кард, ки дар гузарониши муҳосибии мазкур ҳисоби 10540 «Андозҳои подошшаванда» иштирок намекунад, зеро моддаи 266 (сархати 6 қисми 6) Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат намедиҳад, ки андоз аз арзиши иловашудаи дар мавриди хароҷоти харид, истеҳсол, сохтмон, васлкунӣ ва насбкунӣ, инчунин, барқароркунӣ (таъмир)-и дороиҳои истеҳлокшаванда пардохтшуда ҷуброн карда (ба ҳисоб гирифта) шавад. Мутобиқи муқаррароти моддаи 190 (қисми 6) Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, андоз аз арзиши иловашуда, ки ба ҳисоб гирифтан (ҷуброн кардан)-и он мумкин нест, дар арзиши дороиҳои харидашуда ба ҳисоб гирифта мешавад. Аз ин бар меояд, ки андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми харид ё сохтмони объектҳои воситаҳои асосӣ пардохтшуда, ба арзиши аввалии онҳо зам гардида, тавассути истеҳлок ҷуброн карда мешавад.

Ҳангоми мустақилона сохтани объектҳои воситаҳои асосӣ хароҷоти воқеӣ дар дебети ҳисоби 11090 «Сохтмони нотамом», дар гузарониш бо ҳисобҳои воситаҳои пулӣ, захираҳои молию моддӣ, ҳисобҳо барои пардохт, ӯҳдадориҳои ҳисобузамшудаи кӯтоҳмуҳлат ва дигар ҳисобҳо ғун карда мешаванд. Ҳангоми ба истифода супоридани объект ҳисоби 11090 «Сохтмони нотамом», дар робита бо ҳисоби дахлдори гурӯҳи 11000 «Воситаҳои асосӣ», кредит карда мешавад. Дар ҳисоби 11090 «Сохтмони нотамом», инчунин, объектҳои воситаҳои асосии барои васлкунӣ қабулшуда низ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар анҷоми корҳои васлкунӣ ҳисоби 11090 «Сохтмонӣ нотамом», дар робита бо ҳисоби дахлдори гурӯҳи 11000 «Воситаҳои асосӣ» кредит карда мешавад.

Бо дебети ҳисоби 11090 «Сохтмони нотамом», инчунин, хароҷоти сохтмон (азнавсозӣ)-и объекти сохтмони нотамом, ки дар оянда истифодаи он ҳамчун сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул дар назар аст, инъикос карда мешаванд. Дар анҷоми сохтмон (азнавсозӣ) ҳисоби 11090 «Сохтмони нотамом», дар робита бо ҳисобҳои гурӯҳи 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» кредит карда мешавад.

Воридшавии объектҳои воситаҳои асосӣ ҳамчун саҳм ба сармояи оинномавии корхона бо баҳои пулии бо муассисон мувофиқашудаи дар шартномаи муассисӣ муқарраргардида инъикос карда мешавад. Ба шартнома метавонад хулосаи коршиноси баҳодиҳанда ё аудитори холис замима карда шавад. Дар ин маврид воридшавии объектҳо бо чунин гузаронишҳо инъикос карда мешавад:

муайян кардани андозаи саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ пас аз бақайдгирии давлатӣ:

Дебет 10601 «Қарздории муассисон, ки ҳангоми таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд»,

Кредит 33000 «Сармояи эълоншуда (оинномавӣ)»;

қабул кардан (ба истифода супоридан)-и воситаҳои асосии ба ҳисоби саҳмҳои худ ба сармояи оинномавӣ гузоштаи муассисон:

Дебет 11010 «Бино ва иншоот» ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ,

Кредит 10601 «Қарздории муассисон, ки ҳангоми таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд».

Маблағи барзиёдии арзиши воситаҳои асосии гузошташуда аз маблағи исмии қарздории муассисон бо чунин гузарониш соқит карда мешавад:

Дебет 11010 «Бино ва иншоот» ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ,

Кредит 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда»,

Хароҷоти бо кашонидан ва насб кардани объектҳои воситаҳои асосии гирифташуда алоқаманд бо дебети ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ва кредити ҳисобҳои баҳисобгирии хароҷоти дахлдор (асосан музди меҳнат ва андози иҷтимоӣ) ва 22040 «Дигар ҳисобҳо барои пардохт» инъикос карда мешаванд.

Бо пул харид кардани воситаҳои асосӣ аз таҳвилкунандагон бо чунин гузаронишҳо инъикос карда мешавад:

ҳангоми пардохти ҳамзамон аз суратҳисоб:

Дебет11010 «Бино ва иншоот» ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ,
Кредит 10210 «Ҳисобҳо бо асъори миллӣ»;
ҳангоми харид бо мавкуфгузории пардохт:
Дебет 11010 «Бино ва иншоот» ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ,
Кредит 22040 «Дигар ҳисобҳо барои пардохт».

Объектҳои воситаҳои асосӣ метавонанд бо роҳи ивазкунӣ (бартер) ба даст оварда шаванд. Ҳангоми дар баҳисобгирӣ инъикос кардани амалиёти ивазкунӣ ва дар дигар ҳолатҳо баъзе талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат гирифтан муҳим аст. Аз ҷумла, моддаи 2 (қисми 34) Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, ки супоридани ҳуқуқи моликият ба молҳо, аз ҷумла фурӯхтан, иваз ё ҳадя кардан, ройгон додан ё додан бо пардохти қисман, дар шакли аслӣ (бо молҳо) пардохт кардани музди меҳнат ва дигар пардохтҳо дар шакли аслӣ (молӣ), инчунин, ба гаравгиранда додани ҳуқуқи моликият ба молҳои ба гарав мондашуда – ҳамчун амалиёти таҳвили молҳо эътироф карда мешаванд. Мутобиқи муқаррароти қисми 5 моддаи 90 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиёти мубодила, пардохт тавассути додани мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) ва ба гаравгир додани ашёи гарав дар ҳолати иҷро нашудани уҳдадории бо гарав таъминшуда барои мақсадҳои андозбандӣ ҳамчун амалиёти фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) эътироф мешаванд.

Яке аз лаҳзаҳои муҳим дар баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз ин баҳисобгирии хориҷшавии воситаҳои асосӣ мебошад. Арзиши объекти воситаҳои асосӣ, ки хориҷ мешавад, ё дигар барои истеҳсоли маҳсулот, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо ва мақсадҳои идоракунии корхона истифода намешавад, бояд аз тавозуни муҳосибӣ соқит карда шавад.

Мутобиқи муқаррароти банди 30 НБМ 4/2002 «Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ», агар соқит кардани объекти воситаҳои асосӣ дар натиҷаи фурӯши он ба амал ояд, пас маблағи фурӯш баробар ба маблағи дар шартнома мувофиқагардидаи тарафҳо ба баҳисобгирии муҳосибӣ қабул карда мешавад. Банди 31 НБМ 4/2002 «Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ» муқаррар менамояд, ки даромадҳо ва хароҷот аз соқиткунии объектҳои воситаҳои асосӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳамон даврае инъикос карда мешаванд, ки онҳо ба он мансуб мебошанд. Даромадҳо ва хароҷот аз соқиткунии воситаҳои асосӣ ба ҳисоби фоида ё зарар чун даромадҳо ва хароҷоти ғайриамалиётӣ гузаронида мешаванд.

Дар асоси санади барои соқиткунии объекти воситаҳои асосӣ тартибдодашуда, ки ба муҳосибот супорида мешавад, дар карточкаи инвентарии объекти воситаҳои асосӣ, инчунин, ҳуҷҷати дар макони ҷойгиршавии он кушодашуда, дар бораи хориҷ шудани объект қайд карда мешавад. Карточкаҳои инвентарии объектҳои воситаҳои асосии хориҷшуда дар муддати на кам аз панҷ сол нигоҳ дошта мешаванд.

Ҳангоми соқит кардани объекти воситаҳои асосӣ ҳисобҳои баҳисобгирии арзиш ва истеҳлоки ғуншудаи он маҳкам карда шуда, арзиши тавозунии объекти воситаҳои асосии хориҷшаванда бо чунин гузарониш соқит карда мешавад:
Дебет 11100 «Фарсудашавии ҷамъшуда – бино ва иншоот»,
Кредит 11000 «Воситаҳои асосӣ».

Агар объекти воситаҳои асосии соқитшаванда арзиши бақиявӣ (барҳамдиҳӣ) дошта бошад, пас ин арзиш бо чунин гузарониш соқит карда мешавад:
Дебет 66160 «Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат»,
Кредит 11000 «Воситаҳои асосӣ».

Хароҷоти барҳамдиҳии объектҳои воситаҳои асосӣ бо чунин гузарониш инъикос карда мешаванд:
Дебет «Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат»,
Кредит 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда»,
Кредит 22240 «Андози иҷтимоии пардохтшаванда» ва дигар ҳисобҳо.

Маводи аз барҳамдиҳии объекти воситаҳои асосӣ гирифташуда бо дебети ҳисобҳои 10720 «Ашёи хом ва маводҳо», 10770 «Қисмҳои эҳтиётӣ» ва дар ҳолати

ғайриимкон будани ҳамтокунии мушаххаси онҳо бо дебети ҳисоби 10790 «Дигар захираҳо» ба баҳисобгирӣ қабул карда мешаванд.

Агар дар натиҷаи хориҷшавӣ ё фурӯши объекти воситаҳои асосӣ фоида ба миён ояд, он бо кредити ҳисоби 66060 «Даромад аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат» инъикос карда мешавад, зарари пайдошуда - бо дебети ҳисоби 66160 «Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат» инъикос карда мешавад. Натиҷаи молиявӣ (фоида ё зарар) ба ҳисоби 70000 «Маҷмуи даромадҳо ва хароҷот» соқит карда мешавад.

Дар нишондодҳои методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳо пешбинӣ гардидааст, ки маблағи аз фурӯши объекти воситаҳои асосӣ гирифташуда, бо дебети ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ ё ҳисоби 10590 «Қарздории дебиторӣ аз рӯи дигар амалиётҳо» ва кредити ҳисобҳои 66060 «Даромад аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат» ва 22320 «ААИ барои пардохт» инъикос карда мешавад. Мутобиқи талаботи сархати 6 қисми 6 моддаи 266 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаҳо ҳақ надоранд, ки андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми хариди дороиҳои истеҳлокшаванда, инчунин, дар ҳолати ба ҷо овардани дигар хароҷоти бо харид, истеҳсол, сохтан, насбкунӣ, васлкунӣ ва барқароркунӣ (таъмир)-и дороиҳои истеҳлокшаванда алоқаманд пардохтшударо барои ҷуброн кардан ба ҳисоб гиранд. Қисми 5 моддаи 246 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки таҳвили молҳо аз ҷониби супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, ба истиснои истифодаи меъёри пасткардашуда, ки ин молҳоро дар натиҷаи амалиёти бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандишаванда харид кардааст, вале мутобиқи моддаи 266 кодекси мазкур барои ба ҳисоб гирифтан (ҷуброн кардан)-и маблағи андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми хариди ин молҳо пардохткардаи худ ҳақ надошт, амалиёти бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандишаванда ҳисобида намешавад. Агар ҳангоми хариди молҳо ба ҳисоб гирифтани андоз аз арзиши иловашуда қисман иҷозат нашуда бошад, пас маблағи амалиёти андозбандишаванда мутаносибан ба ҳиссаи ба ҳисоб гирифтанаш иҷозатнашуда кам карда мешавад. Вобаста ба ин, фурӯши объектҳои воситаҳои асосӣ, ки дар истифодаи корхона қарор доштанд, бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ намешавад. Аз ин бармеояд, ки дастури дар нишондоди методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳо овардашуда, ҷиҳати дар гузарониш оид ба инъикос кардани маблағи фурӯши объектҳои воситаҳои асосӣ нишон додани ҳисоби 22320 «ААИ барои пардохт» дар ин маврид нодуруст аст.

Аммо, ҳангоми фурӯхтани объекти воситаҳои асосӣ, агар корхонаи фурӯшанда истеҳсолкунандаи он бошад, ё корхона объектро барои минбаъд фурӯхтан харида бошад, пас дар корхона уҳдадорӣ барои пардохт кардани андоз аз арзиши иловашуда ба миён меояд. Дар ин маврид маблағи фурӯш бо дебети ҳисобҳои воситаҳои пулӣ ё ҳисоби 10410 «Ҳисобҳо барои қабул» (на ҳисоби 10590 «Қарздории дебиторӣ аз рӯи дигар амалиётҳо») ва кредити ҳисобҳои 44010 «Даромад аз фурӯш» ва 22320 «ААИ барои пардохт» инъикос карда мешавад.

Ҳамин тавр, мо баъзе ҷиҳатҳои баҳисобгирии воситаҳои асосиро дар робита бо корбурди СБҲМ ва риояи меъёрҳои қонунгузории андоз баррасӣ кардем. Масъалаҳои дар мақолаи мазкур зикргардида, метавонанд ба беҳгардонии баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ ва самаранокии истифодаи онҳо дар корхонаҳои тиҷоратӣ мусоидат кунанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Бобиев И.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Барфиев Қ.Х. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот мувофиқи СБҲМ дар сектори аграрии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қ.Х. Барфиев, Н.Ҷ. Ҳасанова // Номади Донишгоҳи (Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров) Бахши илмҳои табиӣ ва иқтисодӣ. – 2020. -Т.52. -№1. -С.182-186.
2. Бобоев М.У. Гузариш ба СБҲМ ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.У. Бобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№5. -С.20-27.
3. Каримов Б.Ҳ. Масъалаҳои эътирофкунии даромади корхонаи тиҷоратӣ / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. -№1(30). -С.47-53.

4. Каримов Б.Ҳ. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№4. -С.169-179.
5. Каримов Б.Ҳ. Таҳлили раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. -№3(42). -С.23-34.
6. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021. [Манбаи электронӣ]. URL: https://andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__15-03-2023-RT_tj.pdf
7. Қодирова Г.Т. Мушкилоти корбурди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Г.Т. Қодирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№2. -С.136-145.
8. Мирзоалиев А.А. Финансовая отчетность по МСФО: методологические и методические проблемы составления / А.А. Мирзоалиев, М.И. Холикова // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. -№3(42). -С.188-197.
9. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, №41. [Манбаи электронӣ]. URL: http://minfin.tj/downloads/farmoish%20sevum.pdf
10. Низомов С.Ф. Реформа бухгалтерского учета в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы развития / С.Ф. Низомов // Аудит и финансовый анализ. – 2010. -№2. -С.73-76.
11. Низомов С.Ф. Проблемы внедрения МСФО в Таджикистане и пути их преодоления / С.Ф. Низомов, М. Шобеков // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2015. -№2-1(9). -С.216-221.
12. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 январи соли 2021. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/25005.
13. Положение по бухгалтерскому учету «Учет основных средств» ПБУ 4/2002. [Электронный ресурс]. URL: http://minfin.tj/downloads/prikaz17.pdf
14. Путихин Ю.Е. Особенности бухгалтерского учета и налогообложения основных средств в современных условиях ведения бизнеса / Ю.Е. Путихин, В.В. Шнайдер // Вестник НГИЭИ. – 2016. -№3(58). -С.106-112.
15. Хушвахтзода Қ.Х. Таҳқиқи вазъи муосири пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Хушвахтзода Қ.Х., Д.А. Розиев, Бобохонзода М.Ҷ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№5. -С.5-11.
16. Шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ ва субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: http://minfin.tj/downloads/Shaklhoihujathoiavaliy.pdf

## БАҲИСОБГИРИИ ВОСИТАҲОИ АСОСӢ: ҚОИДАҲОИ СБҲМ ВА КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар шароити иқтисодии муосир, ки бо густариши муносибатҳои бозорӣ алоқаманд аст, талабот нисбат ба рақобатпазирии маҳсулот ва хизматрасониҳои корхонаҳои тиҷоратӣ зиёд мешавад. Барои қонеъ намудани талаботи бозор корхонаҳои муосирро зарур аст, ки сатҳи техникии истеҳсолоти худро такмил диҳанд, пойгоҳи техникӣ ва технологии онро васеъ гардонанд, шароити истифодаи воситаҳои асосиро беҳ гардонанд, объектҳои фарсудашудаи воситаҳои асосиро иваз карда, бо ин васила фаъолияти босамари худро таъмин намоянд. Ҳамчунин, талаботи мазкур зарурати ташаккули иттилооти пурра, саҳеҳ ва босифати баҳисобгирии муҳосибиро дар бораи вазъ ва шароити истифодаи воситаҳои асосӣ дар равандҳои истеҳсолӣ ба миён меорад. Истифодаи чунин иттилоот дар низоми идоракунии истеҳсолот имкон медиҳад, ки қарорҳои идоракунии муносиб оид ба беҳгардонии натиҷаҳои фаъолияти корхона қабул карда шаванд. Дар мақолаи мазкур ҷиҳатҳои амалии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва риояи меъёрҳои қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешаванд. Дар асоси таҳқиқи кори ходамоти муҳосибии корхонаҳои тиҷоратии дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда, инчунин, омӯзиши интишороти илмии ватанӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, вазъи имрӯзаи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ бо назардошти татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва риояи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда шудааст. Тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибии амалиёти воридшавӣ ва хориҷшавии объектҳои воситаҳои асосӣ нишон дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** воситаҳои асосӣ, ҳисоботи молиявӣ, стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, қонунгузории андоз, фарқҳои муваққатӣ, баҳисобгирии андоз, баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, баҳисобгирии таҳлилии воситаҳои асосӣ.

## УЧЕТ ОСНОВНЫХ СРЕДСТВ: ПРАВИЛА МСФО И ПОЛОЖЕНИЯ НАЛОГОВОГО КОДЕКСА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В современных экономических условиях, обусловленных расширением рыночных отношений, возрастает потребность в конкурентоспособности продукции и услуг коммерческих предприятий. Для

удовлетворения требований рынка современным предприятиям необходимо повышать технический уровень своего производства, расширять его технико-технологическую базу, улучшать условия использования основных средств, заменять изношенные объекты основных средств и тем самым обеспечить свою эффективную деятельность. Также данное требование приводит к необходимости формирования полной, достоверной и качественной учетной информации о состоянии и условиях использования основных средств в производственных процессах. Использование такой информации в системе управления производством позволяет принимать соответствующие управленческие решения для улучшения результатов деятельности предприятия. В данной статье рассматриваются практические вопросы учета основных средств в контексте применения международных стандартов финансовой отчетности и соблюдения налогового законодательства Республики Таджикистан. На основе изучения деятельности бухгалтерских служб коммерческих предприятий, работающих в различных отраслях экономики Республики Таджикистан, а также изучения отечественных научных публикаций в области бухгалтерского учета дана оценка современного состояния учета основных средств в контексте внедрения международных стандартов финансовой отчетности и соблюдения положений Налогового кодекса Республики Таджикистан. Изложен порядок ведения учета операций по приему основных средств в эксплуатацию и их списанию.

**Ключевые слова:** основные средства, финансовая отчетность, международные стандарты финансовой отчетности, налоговое законодательство, временные разницы, налоговый учет, бухгалтерский финансовый учет, аналитический учет основных средств.

**ACCOUNTING FOR FIXED ASSETS: IFRS RULES AND PROVISIONS OF THE TAX CODE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

In modern economic conditions, due to the expansion of market relations, there is an increasing need for the competitiveness of products and services of commercial enterprises. To meet the requirements of the market, modern enterprises need to improve the technical level of their production, expand its technical and technological base, improve the conditions for the use of fixed assets, replace worn-out fixed assets and thereby ensure their efficient operation. Also, this requirement leads to the need for the formation of complete, reliable and high-quality accounting information on the state and conditions for the use of fixed assets in production processes. The use of such information in the production management system allows you to make appropriate management decisions to improve the performance of the enterprise. This article discusses the practical issues of accounting for fixed assets in the context of the application of international financial reporting standards and compliance with the tax legislation of the Republic of Tajikistan. Based on the study of the activities of the accounting services of commercial enterprises operating in various sectors of the economy of the Republic of Tajikistan, as well as the study of domestic scientific publications in the field of accounting, an assessment is made of the current state of accounting for fixed assets in the context of the implementation of international financial reporting standards and compliance with the provisions of the Tax Code of the Republic of Tajikistan. The procedure for keeping records of operations for the acceptance of fixed assets into operation and their write-off is outlined.

**Keywords:** fixed assets, financial reporting, international financial reporting standards, tax legislation, temporary differences, tax accounting, financial accounting, analytical accounting of fixed assets.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Низомов Самариддин Фахриевич –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **samaridin@mail.ru.** Телефон: **(+992) 934-77-33-66**
***Каримиён Мадинаи Баҳодур*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **medessa_@mail.ru.** Телефон: **(+992) 550-05-54-30**

**Сведения об авторах:** ***Низомов Самариддин Фахриевич*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, доцент, заведующий кафедрой экономического анализа и аудита. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **samaridin@mail.ru.** Телефон: **(+992) 934-77-33-66**
***Каримиён Мадина Баходур*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры бухгалтерского учета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **medessa_@mail.ru.** Телефон: **(+992) 550-05-54-30**

**Information about the authors:** ***Nizomov Samariddin Fakhrievich*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Associate Professor, Head of the Department of Economic Analysis and Audit. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **samaridin@mail.ru.** Phone: **(+992) 934-77-33-66**
***Karimiyon Madina Bahodur*** - Tajik National University, PhD student of the Department of Accounting. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **medessa_@mail.ru.** Phone: **(+992) 550-05-54-30**

ТДУ: 33.17.8(575.3)

# АРЗЁБИИ ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОХТОРҲОИ ҲАМГИРОӢ

*Қодирзода Д.Б., Зиёев С.С.*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тоҷикистон**

Волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷик истиқлолият аст, ки 31 сол муқаддам ин воқеаи муҳимми сарнавиштсози миллати тоҷик ба вуқуъ пайваст. Бо ба даст омадани истиқлолият имкон фароҳам омад, то ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳои минтақа ва ҷаҳон робитаҳои иқтисодӣ-иҷтимоиро роҳандозӣ намояд. Тоҷикистон низ мисли дигар кишварҳо дар алоҳидагӣ наметавонад ба ҳадафҳои стратегии дар пешгузоштаи худ ноил гардад ва аз инҷо зарурат ба шарикию ҳамкориҳо ва фаъолияти муштарак ба миён меояд. Дар баробари ин, Тоҷикистон саъю талошро ҷиҳати таъмин намудани рушди устувор ва тақвияти руҳияи ҳусни ҳамҷаворӣ, эътимод ва дӯстии пойдор дар минтақаи Осиёи Марказӣ идома медиҳад.

Тоҷикистон ҳамкориҳои худро бо шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар сохторҳои бисёрҷониба ҳамчун узви фаъол идома хоҳад дод [8].

Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи якчанд иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ мебошад, аз ҷумла, Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (ЭКО, 29.11.1992), Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ, сентябри 1993) ва Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ, 2001). Воқеан ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва муносибатҳои дустонаи Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон чи дар сатҳи сохторҳои ҳамгироӣ ва чи берун аз он ба худ шаклу намудҳои нав мегирад ва рӯз то рӯз тавсеа меёбанд. Рушди муносибатҳои иқтисодии дустонаро бо мамлакатҳои иттиҳодияҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Динамикаи гардиши мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (тақсимоти минтақавӣ, дар соли 2020, млн. доллари ИМА)**

**Table 1. Dynamics of turnover in the Republic of Tajikistan (regional distribution, in 2020, million US dollars)**

| Сохторҳо | Гардиши мол | | Содирот | | Воридот | | Салдо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | млн. долл. | бо % | млн. долл. | бо % | млн. долл. | бо % | |
| СҲИ (ЭКО) | 1771,1 | 8,3 | 541,6 | 30,6 | 1229,5 | 69,4 | -687,9 |
| ИДМ | 2357,9 | 51,7 | 289,5 | 20,5 | 2068,4 | 65,6 | -1778,9 |
| СҲШ | 2792,2 | 61,2 | 334,9 | 11,9 | 2457,3 | 88,1 | -2122,4 |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои омории “Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (барои солҳои мувофиқ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. -581 с.

Таҳлили маълумоти омории ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки шарикони асосии гардиши мол бо Тоҷикистон дар солҳои 2016-2020 кишварҳои узви созмонҳои ҳамгироӣ мебошанд. Дар ҳаҷми муомилоти моли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 кишварҳои СҲШ (61,2%), ИДМ (51,7%) ва ЭКО (8,3%) саҳми назаррас гузоштаанд. Аз ҷиҳати содирот 30,6% ба кишварҳои узви СҲИ, 20,5% ба кишварҳои ИДМ ва 11,9% ба кишварҳои СҲШ рост меояд ва дар воридот ҳиссаи кишварҳои узви СҲШ аз дигар иттиҳодияҳои минтақавӣ пеш аст. Афзоиши назарраси воридот нисбат ба содирот дар муомилоти савдо бо кишварҳои узви ИДМ (65,6%) мушоҳида мешавад. Кишварҳои узви ин иттиҳодияҳои ҳамгироӣ ҳамкории иқтисодии минтақавиро бо назардошти эҳтиёҷоти умумии мамлакатҳои худ, дигаргуниҳои иқтисодию сиёсии дар арсаи байналхалқӣ ба амаломада инкишоф медиҳанд.

Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ моҳи июни соли 2000 ба Созишномаи дар чаҳорчӯбаи СҲИ (ЭКО) оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ ҳамроҳ шуд. Ҳамчунин, лоиҳаи созишнома таъсиси низоми шаффофтари тиҷоратро дар минтақа пешбинӣ мекард, ки дар мафҳуми умумӣ ба қоидаҳои тиҷорати байналмилалӣ, ки дар чаҳорчӯбаи Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) қабул шудаанд, мувофиқ аст. Динамикаи ҳаҷми муомилоти мол миёни Тоҷикистон ва кишварҳои ЭКО тамоюли афзоишро дорад (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Динамикаи гардиши моли Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви ЭКО барои солҳои 2016-2020 (млн. доллари ИМА)**
**Table 2. Dynamics of the turnover of goods of the Republic of Tajikistan with ECO member countries for the years 2016-2020 (million US dollars)**

| | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020с./2016с., бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Эрон | 114,2 | 91,8 | 97,3 | 64,4 | 57,7 | 50,5 |
| 2 | Покистон | 55,5 | 41,3 | 62,5 | 56,3 | 25,8 | 46,5 |
| 3 | Туркия | 315,3 | 338,6 | 401,4 | 377,3 | 322,6 | 102,3 |
| 4 | Қазоқистон | 676,0 | 838,9 | 836,5 | 957,6 | 909,7 | 134,6 |
| 5 | Озарбойҷон | 13,4 | 2,8 | 6,9 | 5,8 | 6,2 | 46,3 |
| 6 | Афғонистон | 75,0 | 100,2 | 72,4 | 98,1 | 70,7 | 94,3 |
| 7 | Қирғисистон | 25,7 | 48,8 | 62,3 | 54,2 | 36,8 | 143,2 |
| 8 | Туркменистон | 93,5 | 50,3 | 47,2 | 12,2 | 7,8 | 8,3 |
| 9 | Ӯзбекистон | 69,2 | 126,4 | 288,5 | 362,2 | 333,8 | 482,4 |
| 10 | Ҳамагӣ | 1437,8 | 1639,1 | 1875 | 1988,1 | 1771,1 | 123,2 |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои омории “Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (солҳои мувофиқ). Агентии омори назди Президенти ҶТ. –Душанбе, 2021. -581 с.

Чуноне аз ҷадвали 2 бар меояд, дар соли 2020 нисбат ба соли 2016 ҳаҷми гардиши моли ҶТ бо дигар кишварҳои узви СҲИ (ЭКО) 23,2 банди фоиз афзоиш ёфтааст. Тавре мушоҳида мешавад, ҳаҷми гардиши мол бо кишварҳое, ба мисли Қирғисистон, Қазоқистон, Туркия ва Ӯзбекистон дар солҳои охир дар сатҳи ин сохтори минтақавӣ рӯ ба афзоиш овардааст, аммо мутаассифона ин нишондиҳандаҳо бо дигар кишварҳои узви иттиҳод тамоюли пастравиро ба худ гирифтааст [12,с.14]. Махсусан, ҳаҷми гардиши мол бо Туркменистон, ки дар давраи таҳлилӣ хеле коҳиш ёфта, дар соли 2020 ҳамагӣ 8,3 банди фоизи соли 2016-ро ташкил додааст, хеле ташвишовар мебошад.

Метавон афзалиятҳои миллии Тоҷикистонро дар ҳамкорӣ бо дигар кишварҳои узви ЭКО номбар намуд, ки инҳоянд: рушди равобити тиҷоративу иқтисодӣ, низоми бонкӣ, энергетика, сайёҳӣ, нақлиёту иртиботот, кишоварзӣ ва мубориза бо паҳншавии маводи мухаддир.

Қобили зикр аст, ки он таҳти роҳбарӣ ва бо шарофати ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳатарм Эмомалӣ Раҳмон ва дар партави сиёсати «дарҳои боз»-и Ҳукумати кишвар, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, аз ҷумла, Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ шомил гардид. Дар ҷаласаи ахири вазирони кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (ЭКО), ки дар шаҳри Хуҷанд баргузор шуд, Душанбе барои солҳои 2020-2021 пойтахти гардишгарии кишварҳои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ интихоб шуд.

Пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе ба макони баргузории чорабиниҳои сатҳи баланди байналмилалӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ табдил ёфт ва дар ин замина шаҳри Душанбе ҳамчун бренди сайёҳии Тоҷикистон ба ҷаҳониён муаррифӣ гардид. Ҳоло Тоҷикистон дар самти рушди соҳаи сайёҳӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст, ки дар ин раванд омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ, таблиғ ва ташвиқи иқтидори сайёҳии кишвар хеле муҳим аст. Пойтахти сайёҳии кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ барои солҳои 2020-2021 интихоб шудани шаҳри Душанбе натиҷаи сиёсати хирадмандона ва созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Имрӯз ба рушди соҳаи сайёҳии пойтахт, мавзеъҳои таърихӣ, ёдгориҳои бостониву меъморӣ, муассисаҳои табобатию профилактикӣ ва ғайра мусоидат мекунанд.

Тавре дар Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 зикр шудааст, яке аз масъалаҳои муҳимми ворид шудан ба бозорҳои ҷаҳонии сайёҳӣ, узвият дар созмонҳои байналмилалӣ, созмонҳои бонуфузи ҷаҳонии сайёҳӣ ва ширкат дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ мебошад [11].

Дар панҷ соли охир ба кишвари мо беш аз 3,9 миллион нафар, аз ҷумла соли 2022-юм 1 миллион нафар сайёҳон ворид гардидаанд. Дар ин давра барои пешниҳоди хизматрасонӣ ба онҳо беш аз 600 ва танҳо соли 2022-юм 100 иншооти инфрасохтори сайёҳӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шудааст [8].

Барои кишварҳои узви ИДМ бошад, равандҳои ҳамгироӣ, пеш аз ҳама, дар асоси гузаштаи умумии таърихӣ таҳрик меёбад. Барбод рафтани фазои ягонаи иқтисодии СССР барои кишвар назар ба дигар давлатҳо оқибатҳои хеле ногувор овард. Аз ин рӯ, Тоҷикистон ба Шартномаи таъсиси Иттиҳоди иқтисодии кишварҳои ИДМ имзо гузошт ва ба он ҳамроҳ гашт. Ин иттиҳод ба тадриҷан ташаккули фазои умумии иқтисодии дар асоси иқтисоди бозаргонӣ асосёфта, барои ҳамаи субъектҳои хоҷагӣ имконияту кафолатҳои баробар, якҷоя амалӣ гардондани лоиҳаҳои калони иқтисодии ба манфиати умум, ҳалли проблемаҳои тезутунди иқтисодӣ нигаронида шудааст. Дар оянда ҳам ба даст овардани чунин максадҳо, монанди ҳаракати озоди мол, хизмат, сармоя ва қувваи корӣ; мутобиқ намудани сиёсати пулию қарзӣ, буҷетӣ, андоз, нарх, савдои берунӣ, гумрук ва асъор; ба ҳам наздик шудани усулҳои танзими фаъолияти хоҷагӣ; ягонагии қонунгузории иқтисодӣ пешбинӣ карда мешавад.

Дар доираи иттиҳоди иқтисодии кишварҳои ИДМ чунин афзалиятҳои асосии ҳамкорӣ муайян карда шуданд, ба монанди таъмини устувори энергия дар асоси системаҳои энергетикии ба ҳам алоқаманд; ҳамоҳангӣ дар соҳаи нафту газ, гидроэнергетика, энергетикаи атомӣ; ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт, коммуникатсия, мошинсозӣ; инкишофи кооперация (истеҳсолӣ) ва алоқаҳои бевоситаи истеҳсолӣ, маблағгузориҳои байниҳамдигарӣ ва ғайра. Дар ин давра садҳо созишномаҳо ба имзо расиданд, ки ба наздикшавии ҳамгироии мамлакатҳои ИДМ нигаронида шудаанд. Бояд гуфт, ки суръати наздикшавии ҳамгироӣ умуман дар ИДМ хуб буда, муттаассифона дар бисёр соҳаҳо парокандагии иқтисодӣ давом дорад. Бояд гуфт, ки суст шудани алоқаҳои иқтисодии мамлакатҳои ИДМ ба кам шудани гардиши молу маҳсулот дар дохили ИДМ оварда мерасонад. Аммо ҳаҷми муомилоти мол миёни Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ дар ҳафт моҳи соли 2022 нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба миқдори 31 банди фоиз ё 495,7 млн. доллари ИМА афзоиш ёфтааст.

Бино ба маълумоти Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми умумии гардиши мол миёни Тоҷикистон ва кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар ин давра 2 миллиарду 95,4 млн. долларро ташкил дод, яъне ба кишварҳои ИДМ 50,7%-и ҳаҷми умумии муомилоти моли кишвар рост меояд [15].

Шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон аз кишварҳои ИДМ Россия, Қазоқистон ва Ӯзбекистон мебошанд. Ҳаҷми муомилоти мол бо Россия дар ҳафт моҳи соли 2022 беш аз 908,2 млн. доллари ИМА, бо Қазоқистон беш аз 781,6 млн. доллар ва бо Ӯзбакистон беш аз 314,8 млн. долларро ташкил додааст [14]. Бояд гуфт, ки тавозуни савдо бо кишварҳои ИДМ манфӣ буда, воридоти мол аз содирот бештар ба назар мерасад. Дар маҷмуъ ба ин кишварҳо ба маблағи беш аз 1994,8 млн. доллари ИМА мол содир шуда, ба маблағи беш аз 9287,4 млн. доллар мол воридот шудааст.

Сабаби асосии кам шудани афзоиши муомилоти мол, яъне савдои берунии ҷумҳурӣ бо мамлакатҳои узви ИДМ дар соли 2020 ба омилҳои зиёд вобастагӣ дорад, ки яке аз онҳо ҳолати руйдодаи бемории ҳамагири КОВИД-19 мебошад. Инчунин, вазъи сиёсӣ ва мунокишаҳои марзии байни кишварҳои узви ин иттиҳод низ ба ҳолати гардиши молу маҳсулоти байни кишварҳо бетаъсир намонд (ниг. ба ҷадвали 3).

Ҳамин тавр, робитаҳои савдои берунӣ, саноатӣ, молиявӣ ва дигар алоқаҳои Тоҷикистон дар солҳои аввали таъсиси ИДМ дар доираи ин Иттиҳод нисбатан суст буд ва бо як қатор ҷумҳуриҳои аз ҷиҳати географӣ аз он дур воқеъ буда, савдо қариб вуҷуд надошт. Ин робитаҳои дар оянда мустаҳакам гашта ба худ самтҳои муайян ва фоидаоварро касб кард.

**Ҷадвали 3. Динамикаи гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ (млн. доллари ИМА)**
**Table 3. Dynamics of the financial flow of the Republic of Tajikistan with the CIS countries (million US dollars)**

| *Солҳо* | *Гардиши мол* | | *Содирот* | | *Воридот* | | *Сальдо* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | бо млн. долл. | бо % | бо млн. долл. | бо % | бо млн. долл. | бо % | бо млн. долл. |
| 2016 - ҳамагӣ | 3929,9 | 100 | 898,7 | 100 | 3031,2 | 100 | -2132,5 |
| - бо кишварҳои ИДМ | 1969,0 | 50,1 | 294,4 | 32,7 | 1673,6 | 55,2 | -1379,2 |
| 2017 - ҳамагӣ | 3979,9 | 100 | 1198,0 | 100 | 2774,9 | 100 | -1576,9 |
| - бо кишварҳои ИДМ | 2086,9 | 52,4 | 430,7 | 35,9 | 1656,2 | 59,6 | -1225,5 |
| 2018 - ҳамагӣ | 4224,3 | 100 | 1073,3 | 100 | 3151,0 | 100 | -2077,7 |
| - бо кишварҳои ИДМ | 2348,3 | 55,5 | 530,3 | 49,4 | 1818,0 | 57,6 | -1287,7 |
| 2019 - ҳамагӣ | 4523,7 | 100 | 1174,4 | 100 | 3349,3 | 100 | -2174,9 |
| - бо кишварҳои ИДМ | 2521,1 | 55,7 | 449,9 | 38,3 | 2071,2 | 61,8 | -1621,3 |
| 2020 - ҳамагӣ | 4557,8 | 100 | 1406,9 | 100 | 3150,9 | 100 | -1744 |
| - бо кишварҳои ИДМ | 2357,9 | 51,7 | 289,5 | 20,5 | 2068,4 | 65,6 | -1778,9 |
| Ҳамагӣ (солҳои 2016-2020) | 21215,6 | 100 | 5751,3 | 100 | 15457,3 | 100 | -9706 |
| **Кишварҳои ИДМ** | **11283,2** | **53,1** | **1994,8** | **34,6** | **9287,4** | **60** | **-7292,6** |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои омории "Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (солҳои мувофиқ). Агентии омори назди Президенти ҶТ. –Душанбе, 2021. -581 с.

Дар баробари ин, зарурати васеъ кардани бозор, ворид шудани сармоя, татбиқи лоиҳаҳои муштарак барои ҷумҳурӣ ниҳоят зарур буд ва мемонад. Иштирокчиёни фаъолтарини равандҳои ҳамгироии минтақавӣ Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон (дар солҳои охир) мебошанд. Ин давлатҳо фаъолияти худро дар чаҳорчӯбаи ИДМ ва СҲШ, ҳамоҳанг мекунанд. Ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллии онҳо ҳоло ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар сатҳи бисёрҷониба ҷараён дорад.

Бояд гуфт, ки вазифаи ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои тиҷорат ва сармоягузорӣ ва ҳамчунин, фазои мусоид барои фаъолияти тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ байни кишварҳои узв бо рафъи монеаҳое, ки дар ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ вуҷуд доранд, иборат аст.

Дигар созмони бонуфузе, ки дар сатҳи ҳамгироии минтақавӣ то имрӯз фаъол аст ва Тоҷикистон узви комилҳуқуқи он маҳсуб меёбад, Созмони Ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) ба ҳисоб меравад. Узвият ба ин созмони ҳамгироӣ ва ҳамкорӣ бо дигар кишварҳои аъзои он барои Тоҷикистон судманд арзёбӣ мешавад.

Стратегияи СҲШ дар минтақаи Осиёи Марказӣ комилан равшан аст. Ҳамаи ин вазифаҳо дар ҳуҷҷатҳои бевоситаи мамлакатҳои узви ин иттиҳод мавҷуд мебошанд. Бояд қайд кард, ки гардиши мол миёни Тоҷикистон ва кишварҳои узви СҲШ рӯ ба афзоиш аст. Ин рақам аз 53,5% дар соли 2010 то 63,1% дар соли 2021 афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми муомилоти мол миёни Тоҷикистон ва кишварҳои дигар аз феҳристи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай дар давраи гузашта беш аз 2,8 миллиард долларро ташкил додааст. Агар ҳаҷми умумии гардиши моли Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон дар соли 2016 дар маҷмуъ 3929,9 млн. долларро ташкил диҳад, аз он 2 771,6 млн. доллари ИМА ба кишварҳои узви Созмони Ҳамкориҳои Шанхай рост меояд, ки зиёда аз 70%-и ҳаҷми умумиро ташкил кардааст. Дар соли 2020 бошад, аз ҳаҷми умумии гардиши моли Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 4 557,8 млн. долларро ташкил додааст, ба кишварҳои узви ин созмон 2792,2 млн. доллар (61,2%) рост меояд. Русия, Қазоқистон, Чин ва Ӯзбекистон шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон дар СҲШ боқӣ мемонанд [12,с.16]. Динамикаи гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви ин созмони ҳамгироӣ барои таҳлили ҳаматарафа дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, кишварҳои асосии воридкунандагони молу маҳсулот ба Тоҷикистон дар доираи СҲШ Россия, Чин, Қазоқистон ва Ӯзбекистон ба ҳисоб мераванд ва нишондиҳандаҳои омории онҳо нисбат ба дигар узви ин созмон фарқкунанда буда, зиёда аз 90% ҳаҷми воридотро дар дохили ҳамин созмони ҳамгироӣ ташкил мекунанд.

**Ҷадвали 4. Динамикаи гардиши моли Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои СҲШ дар солҳои 2016-2020**

**Table 4. Dynamics of the turnover of goods of the Republic of Tajikistan with the SCO countries in 2016-2020**

| № | *Сол ва давлатҳо* | *Гардиши мол* | | *Содирот* | | *Воридот* | | *Фарқият* | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | млн. долл. | % | млн. долл. | % | млн. долл. | % | млн. долл. | % |
| | **2016** | | | | | | | | |
| **1** | Россия | 1036,3 | 26,3 | 50,6 | 1,8 | 985,7 | 35,5 | -935,1 | 33,7 |
| **2** | Чин | 885,1 | 22,5 | 44,0 | 1,5 | 841,1 | 30,3 | -797,1 | 28,8 |
| **3** | Қазоқистон | 676,0 | 17,2 | 194,9 | 7,0 | 481,1 | 17,3 | -286,2 | 10,3 |
| **4** | Қирғизистон | 25,7 | 0,6 | 8,9 | 0,3 | 16,8 | 0,6 | -7,9 | 0,3 |
| **5** | Ӯзбекистон | 69,2 | 1,7 | 35,6 | 1,2 | 33,6 | 1,2 | 2 | 0,07 |
| **6** | Покистан | 55,5 | 1,4 | 30,3 | 1,09 | 25,2 | 0,9 | 5,1 | 0,18 |
| **7** | Ҳиндустон | 23,8 | 0,6 | - | - | 23,8 | 0,8 | -23,8 | 0,8 |
| | Ҳамагӣ | 2771,6 | 70,5 | 364,3 | 13,2 | 2407,3 | 86,8 | -2043 | 73,6 |
| | **2020** | | | | | | | | |
| **1** | Россия | 973,6 | 21,3 | 41,0 | 1,4 | 932,6 | 33,4 | -891,6 | 32 |
| **2** | Чин | 472,8 | 10,4 | 34,4 | 1,2 | 438,4 | 15,7 | -404 | 13,5 |
| **3** | Қазоқистон | 909,7 | 19,9 | 152,2 | 5,4 | 757,5 | 27,1 | -605,3 | 16,3 |
| **4** | Қирғизистон | 36,8 | 0,8 | 9,6 | 0,3 | 27,2 | 0,9 | -17,6 | 0,6 |
| **5** | Ӯзбекистон | 333,8 | 7,3 | 83,5 | 2,9 | 250,3 | 8,9 | -166,8 | 6 |
| **6** | Покистан | 25,8 | 0,5 | 14,2 | 0,5 | 11,6 | 0,4 | 2,6 | 0,1 |
| **7** | Ҳиндустон | 39,7 | 0,87 | - | - | 39,7 | 1,4 | -39,7 | 1,4 |
| | Ҳамагӣ | 2792,2 | 61,2 | 334,9 | 11,9 | 2457,3 | 88,1 | -2122,4 | 76,2 |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои омории “Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (солҳои мувофиқ). Агентии омори назди Президенти ҶТ. –Душанбе, 2021. -581 с.

Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) намунаи созмони минтақавӣ барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ мебошад. Иштироки Тоҷикистон дар СҲШ бевосита дараҷаи ҳамгироии онро ба иқтисоди ҷаҳонӣ муайян мекунад ва дар ниҳоят ба рушди устувори иқтисодӣ таъсир мерасонад. Аъзоёни ин созмони байналмилалӣ тадриҷан аз ҳалли мушкилоти марзӣ ба баррасии муштараки доираи васеи масоили амниятӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ гузаштаанд. Айни замон СҲШ вазифаи асосии худро ҳамчун воситаи муассири ҳамгироии иқтисодӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ иҷро мекунад. Созмони Ҳамкориҳои Шанхай иттиҳодияи ҳамгироии навъи нав аст. Ҷалби Чин ва як қатор кишварҳои нозири Осиё ба раванди ҳамгироӣ барои рушди сатҳи муассири ҳамкориҳои иқтисодӣ дар фазои пасошуравӣ заминаҳои зарурӣ фароҳам меорад.

Барои Тоҷикистон ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои узви СҲШ, барои таҳкими нуфузи худ дар Осиёи Марказӣ хеле муҳим аст. Бартарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ҷо дар он аст, ки ҳам он ва ҳам кишварҳои Осиёи Марказӣ дар муддати тулонӣ узви низоми ягонаи иқтисодӣ буданд ва дар ҳоли ҳозир иқтисоди онҳо бештар ҳамдигарро мукаммал менамояд.

Кишварҳои узви ин созмон имкон доранд, ки таваҷҷуҳи худро дар кори худ ба бахши тиҷорату иқтисод равона кунанд. Ин маънои онро дорад, ки кишварҳои ширкаткунанда ба сатҳи муайяни ҳамкории сиёсӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи амният ва гузаштан ба фаъолияти бештар дар соҳаи ҳамкориҳо дар иқтисодиёт ва тиҷорат расидаанд [2,с.286].

Саммити навбатии СҲШ, ки охирҳои соли 2022 дар Самарқанди Ӯзбекистон баргузор шуд, масъалаҳои марбут ба ҳамкорияҳо дар самти сохтани мактабҳои русӣ дар манотиқи Осиё, сохтмони роҳҳои оҳан ва пайвастшавӣ бо дигар манотиқи кишварҳои узви ин созмон, гузаронидани лулаҳои гази русӣ, сармоягузориҳои муштарак ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва амнияти минтақа мавриди баррасӣ қарор гирифт. Масъалаи дигари муҳим ва марказии нишасти сарони кишварҳои узви ин созмон, ба узвият пазируфтани кишвари Эрон аст, ки чанд соли охир ба ҳайси нозир дар нишастҳо иштирок менамуд.

Ҳамин тавр, муносибатҳои ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамкориҳои он дар доираи иттиҳодияҳои минтақавии ҳамгироӣ бо суръатҳои гуногун инкишоф меёбад. Аммо бо ба даст омадани истиқлолият дар сохторҳои минтақавӣ тамоюлҳои бештари ҳамгироӣ ба мушоҳида мерасад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир дар самти ҳамкориҳои иқтисодӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гашта, он тамоюли афзоиш дорад. Инро дар ҷалби сармояи хориҷӣ ва сармоягузориҳо ҳамчун ҷанбаҳои асосии тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи кишварҳои узви созмонҳои ҳамгироӣ метавон мушоҳида намуд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Иброҳимзода И.Р.**

## АДАБИЁТ


1. Архипов, А.Ю. Внешнеэкономическая деятельность российских регионов / А.Ю. Архипов. -М.: Ростов н/Д: Феникс, 2015. -192 с.
2. Зиёев, С.С. Роль региональных интеграционных объединений в развитии экономики РТ / С.С. Зиёев // Вестник ТНУ. –Душанбе, 2014. -№2/4(138). -С.284-287.
3. Кандыерова, Д.О. Интеграционные процессы в странах с переходной экономикой: теория, методология, практика / Д.О. Кандыерова. -Душанбе: Ирфон, -179 с.
4. Клименко, А.Ф. Проблемы становления Шанхайской организации сотрудничества и взаимодействия России и Китая в Центральной Азии / А.Ф.Клименко. -М.: Ин-т Дальневост. РАН, 2005. -310 с.
5. Мирзоев, С.С. Особенности современных макроэкономических условий инфляции в Республике Таджикистан / С.С. Мирзоев, А.Дж. Хайдаров // Экономика Центральной Азии. - 2017. -№1. -С.90-96.
6. Округ, З.М. Теоретические концепции и объективные предпосылки международной экономической интеграции / З.М. Округ. -М., 2001. -34 с.
7. Омори солонаи ҶТ: "Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ". Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2021. -702 с.
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ (ш. Душанбе, 23.12.2022). –Душанбе, 2022.
9. Саидов, Қ.Т. Масъалаҳои ҷалби сармояи хориҷӣ ба инфрасохтор (дар мисоли инфрасохтори сайёҳии ҶТ): автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ / Қ.Т. Саидов. –Душанбе, 2022. –30 с.
10. Солехзода, А.А. Развитие производственного предпринимательства в условиях открытости / Солехзода А.А., Ф.М. Имомёрбеков. -Душанбе: Ирфон, 2020. -138 с.
11. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 августи соли 2018, № 372.
12. Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе: 2021. - 581 с.
13. Холиков, М.Г. Направления обеспечения импортозамещения и экспортоориентированности продукции пчеловодства Республики Таджикистан /М.Г. Холиков//Экономика Центральной Азии. - 2017. -№4. -С.56-62.
14. [Манбаи электронӣ]. URL: https://avesta.tj/2022/11/04/tovarooborot-tadzhikistana-i-rossii-vyros-bolee-chem-na-22 // 10.01.2023.
15. [Манбаи электронӣ]. URL: https://gumruk.tj/index.php/2018-06-12-04-34-10/2018-06-14-07-44-16/2018-06-14-07-45-21 // 12.01.2022.


## АРЗЁБИИ ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОХТОРҲОИ ҲАМГИРОӢ


Дар мақолаи мазкур арзёбии вазъи кунунӣ ва дурнамои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохторҳои минтақавии ҳамгироӣ таҳлил карда шудааст. Дар айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи чунин созмонҳои бонуфузи ҳамгироӣ, ба монанди СҲИ, ИДМ ва СҲШ мебошад. Самараноктарин ҳамгироии иқтисодӣ дар замони муосир дар сатҳи минтақавӣ амалӣ карда мешавад. Вазъи кунунии иқтисодӣ, робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва ҷойгиршавии ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар зарурати таҳкими робитаҳои иқтисодии онро бо давлатҳои узви сохторҳои минтақавии ҳамгироӣ (ИДМ, ЭКО ва СҲШ) муайян мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамгироии бомуваффақ ва пурра ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва ҳамкории фаъолтар бо иттиҳодияҳои иқтисодии минтақавӣ имкониятҳои зиёд дорад. Барои татбиқи ин имкониятҳо сиёсати амиқи иқтисодиро пеш бурдан лозим аст, ки қодир ба таъмини рушди устувори иқтисодиёт, тағйир додани сохтори он ва баланд бардоштани рақобатпазирии молҳои ватанӣ бошад. Муносибатҳои ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамкориҳои он дар доираи иттиҳодияҳои минтақавии ҳамгироӣ бо суръатҳои гуногун инкишоф меёбад. Бо ба даст омадани истиқлолият дар сохторҳои минтақавӣ тамоюлҳои бештари ҳамгироӣ ба мушоҳида мерасад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир дар самти ҳамкориҳои иқтисодӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст ва он тамоюли афзоиш дорад, ки онро аз таҳлилҳои овардашуда дар мақолаи мазкур метавон мушоҳида намуд.



**Калидвожаҳо**: иқтисодиёт, содирот, воридот, ҳамгироӣ, иқтисоди минтақавӣ, рушди устувор, рақобатпазир, савдои хориҷӣ, созмони ҳамгироӣ, тиҷорат, сармоя, лоиҳа, созишнома, гардиши молу хизмат.

**АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ И РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ИНТЕГРАЦИОННЫХ СТРУКТУРАХ**

В данной статье проводится анализ оценки текущего состояния и перспектив участия Республики Таджикистан в региональных интеграционных структурах. В настоящее время Республика Таджикистан является полноправным членом таких влиятельных интеграционных организаций, как ЭКО, СНГ и ШОС. Наиболее эффективная экономическая интеграция в современности осуществляется на региональном уровне. Текущая экономическая ситуация, внешнеэкономические связи и географическое положение Республики Таджикистан определяют необходимость укрепления ее экономических связей с государствами-членами региональных интеграционных структур (ЭКО, СНГ и ШОС). Республика Таджикистан имеет много возможностей для успешной и полноценной интеграции в мировую экономику и более активного сотрудничества с региональными экономическими объединениями. Для реализации этих возможностей необходимо проводить глубокую экономическую политику, способную обеспечить устойчивое развитие экономики, изменение ее структуры и повышение конкурентоспособности отечественных товаров. Интеграционные отношения Республики Таджикистан и ее сотрудничество в рамках региональных интеграционных объединений развиваются с разной скоростью. С достижением независимости усиливается тенденция интеграции в региональные структуры. В последние годы Республика Таджикистан добилась значительных результатов в сфере экономического сотрудничества, и оно имеет тенденцию к росту, что можно наблюдать из представленного в данной статье анализа.

**Ключевые слова:** экономика, экспорт, импорт, интеграция, региональная экономика, устойчивое развитие, конкурентоспособность, внешняя торговля, интеграционная организация, торговля, капитал, проект, соглашение, поток товаров и услуг.

**ANALYSIS OF THE CURRENT STATE AND DEVELOPMENT OF ECONOMIC RELATIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN INTEGRATION STRUCTURES**

This article analyzes the assessment of the current state and prospects for the participation of the Republic of Tajikistan in regional integration structures. At present, the Republic of Tajikistan is a full member of such influential integration organizations as ECO, CIS and SCO. The most effective economic integration in modern times is carried out at the regional level. The current economic situation, foreign economic relations and geographical location of the Republic of Tajikistan determine the need to strengthen its economic ties with the member states of regional integration structures (ECO, CIS and SCO). The Republic of Tajikistan has many opportunities for successful and full integration into the world economy and more active cooperation with regional economic associations. To realize these opportunities, it is necessary to pursue a deep economic policy capable of ensuring the sustainable development of the economy, changing its structure and increasing the competitiveness of domestic goods. Integration relations of the Republic of Tajikistan and its cooperation within the framework of regional integration associations are developing at different speeds. With the achievement of independence, the trend of integration into regional structures is intensifying. In recent years, the Republic of Tajikistan has achieved significant results in the field of economic cooperation, and it tends to grow, which can be observed from the analyzes presented in this article.

**Keywords:** economy, export, import, integration, regional economy, sustainable development, competitiveness, foreign trade, integration organization, trade, capital, project, agreement, flow of goods and services.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Қодирзода Диловар Баҳридин*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992 37) 903-38-81-81.** E-mail: **dilovark@mail.ru**
***Зиёев Сулаймон Саъдулоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992 37) 988-98-92-71.** E-mail: **ms_tj78@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Кодирзода Диловар Бахридин*** - Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор общеуниверситетской кафедры экономической теории. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992 37) 903-38-81-81**. E-mail: **dilovark@mail.ru**
***Зиёев Сулаймон Саъдулоевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент общеуниверситетской кафедры экономической теории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992 37) 988-98-92-71.** E-mail: **ms_tj78@mail.ru**

**Information about the authors**: ***Kodirzoda Dilovar Bakhriddin*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor of the University-wide Department of Economic Theory. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992 37) 903-38-81-81**. E-mail: **dilovark@mail.ru**
***Ziyoyev Sulaimon Saduloevich*** - Tajik National University, candidate of economic sciences, associate professor of the university department of economic theory. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992 37) 988-98-92-71.** E-mail: **ms_tj78@mail.ru**

ТДУ: 330.15

# ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ОБИЮ ЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ДОИРАИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ

*Исайнов Ҳ.Р., Казокзода У.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити ҳозира модели анъанавии иқтисодии мамлакатҳои тараққикарда аз рӯйи баъзе меъёрҳо ба мақсад мувофиқ набуда, барои дигар кишварҳо ба сифати намуна ҷиҳати истифода бурдан пешниҳод карда намешавад. Ин ҳолат дар бисёре аз ҳуҷҷатҳои СММ ва дигар маърӯзаҳое, ки дар конфронсҳои байналмилалӣ мегузарад, пайваста баррасӣ карда мешавад. Дар онҳо аз он ҷумла қайд карда мешавад, ки модели тараққиёти ғарб ба мақсад мувофиқ набуда, ягона роҳи ҳалли муаммоҳои глобалӣ тараққиёти устувор аст.

Ҳолати мураккаб гардидани муаммоҳои экологии истифодаи захираҳои табиӣ ва таъсири манфии он ба муҳити зист бисёре аз роҳбарони кишварҳои иқтисодашон тараққикардаи дунёро ба ташвиш даровардааст. Дар ин бора ноиби президенти ИМА А. Гор (дорандаи Ҷоизаи нобелӣ дар соҳаи иқтисодиёт) ҳанӯз солҳои 1993-2000 дар китоби «Замин дар палаҳои тарозу. Экология ва руҳи одамӣ» (соли 1992) чунин менависад: «…дар шароити ҳозира тараққиёти иқтисодӣ аз бисёр ҷиҳат ба муҳити зист харобиовар аст, ки ин ҷараён рӯз то рӯз ба табиат ва дар ниҳояти кор ба тараққиёти башарӣ таъсири манфии худро расонида истодааст» [13,с.78].

Аз ин ҷост, ки назарияи рушди устувор дар шароити ҳозира яке аз идеологияҳои базавии бартариятноки ҳуҷҷатҳои консептуалӣ ва стратегии давлатӣ ва байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки дарк намудани алоқаҳои экологӣ ба соҳаи иқтисодию иҷтимоӣ ҳанӯз дар солҳои 70-80-уми асри гузашта ба ташаккули консепсияи тараққиёти устувор оварда расонд. Ин ҷо метавон якчанд чорабиниҳо ва нишастҳои сатҳи байналмилалӣ оид ба муаммоҳои тараққиёт ва ҳифзи муҳити зистро мисол овард, ки миёни онҳо ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд: семинари шаҳри Фун, давлати Шветсария (соли 1971), конференсияи байналмилалӣ оид ба муҳити зисти инсонияти Стокгольм (соли 1972), маърузаи Комиссияи байналхалқӣ бо муҳити зист ва тараққиёт «Ояндаи умумии мо», ки бо супориши СММ ва таҳти раисии Х.Г. Брундтланд (сарвазири ҳамонвақтаи давлати Норвегия) баргузор гардида (с. 1987), конфронси СММ дар бораи муҳити зист ва тараққиёт Рио-92 (соли 1992), саммити умумиҷаҳонӣ оид ба рушди устувор шаҳри Йоханнесбурги Африқои Ҷанубӣ (соли 2002) ва ғайраҳо. Ҳамин тавр, баргузории конфронсу саммитҳо ва чорабиниҳои дар сатҳи байналмилалӣ баргузоршуда аз заминаҳои пайдоиши рушди устувор гувоҳӣ медиҳанд. Инчунин, 25 сентябри соли 2015 дар шаҳри Нью-Йорки ИМА дар Иҷлосияи 70-уми СММ, рушди устувори иқтисодӣ яке аз масъалаҳои марказии иҷлосияи мазкур ба ҳисоб рафта «Мақсадҳои рушди устувор» барои то соли 2030-юм қабул гардид. Он аз 17 мақсади глобалӣ, 169 вазифаи муҳим ва 230 индикатор, ки ба таъмини тавозунии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии унсурҳои рушди устувор равона карда шудааст, иборат мебошад [14; 17]. Баргузории ин чорабиниҳо ва нишастҳои сатҳи байналмилалӣ - ҳамчун қадами мустаҳкам дар роҳи дар оянда амалӣ намудани рушди устувори иқтисодӣ арзёбӣ карда мешаванд.

Умуман дар адабиётҳои илмӣ бештар аз 60 мафҳуми рушди устувор вуҷуд дорад, ки миёни онҳо таърифи аз тарафи комиссияи таҳти роҳбарии сарвазири ҳамонвақтаи давлати Норвегия Г.Х. Брундтланд пешниҳодшуда ба мақсад бештар мувофиқ аст. Онро бо чунин тарз метавон шарҳ дод: «Рушди устувор - чунин тарзи тараққиёт мебошад, ки талаботи ҳозираи аҳолиро қонеъ намуда, талаботи наслиояндаро зери хатар намемонад». Ё ба тарзи дигар гӯем, «Рушди устувор - чунин тарзи тараққиёт мебошад, ки талаботи имрӯзаи аҳолиро бо дарназардошти талаботи насли оянда қонеъ менамояд». Он аслан ду мафҳуми асосиро дар бар мегирад:

1) Мафҳуми талабот, аз он ҷумла талабот барои арзи вуҷуд доштани табақаи қашшоқи аҳолие, ки бояд предмети аввалиндаҷаи пешбурди ҷамъият бошад;

2) Мафҳуми маҳдудият, ки ҳолати технологӣ ва ташкилии ҷамъиятро бо назардошти ҳифзи муҳити зист, ки ба қонеъ намудани талаботи имрӯзаю ояндаи ҷамъият равона карда шудааст, фаро мегирад. Умуман, рушди устувор се унсури асосӣ дорад: рушди иқтисодӣ, баробарии иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист.

Таъмини рушди иқтисодӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, мувофиқи он вазъи некуаҳволии мардум бояд ба таври максималӣ баланд бардошта шавад, камбизоатӣ бо ёрии истифодаи оптималӣ ва оқилонаи захираҳои табиӣ кам гардад. Аз ин ҷо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки зимни амалисозии рушди устувори иқтисодӣ дар назди мо, интихоб байни тараққиёти устувор ва нигоҳдории муҳити зист меистад. Дар ҳолати нигоҳдории чунин тавозун имконияти ҳам қонеъ намудани талаботи аҳолӣ бо неъматҳои моддӣ ва ҳам нигоҳ доштани ҳифзи муҳити зист ба амал меояд.

Чи тавре маълум аст, имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чор масъала ба сифати самтҳо ва ҳадафҳои стратегии рушди устувори иқтисоди миллӣ арзёбӣ гардидаанд. Инҳо: 1) баромадани ҷумҳурӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани он ба кишвари транзитӣ; 2) таъмини амнияти озуқаворӣ ва худтаъминкунии озуқа; 3) истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ ва расидан ба истиқлолияти энергетикӣ; ва 4) саноатикунонии босуръати кишвар мебошанд. Албатта дар ин самтҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баъзе аз комёбиҳо муваффақ гардидааст. Вале, новобаста аз дастовардҳои аниқу дақиқ ҳалли ин муаммоҳо дар даҳсолаҳои наздик ҳамчун самтҳо ва ҳадафҳои стратегии рушди иқтисоди миллии мамлакат боқӣ мемонанд.

Аз ин нуқтаи назар саволе ба миён меояд, ки чаро Ҳукумати ҷумҳурӣ таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳз ба ин чор масъалаи ҳамзамон мубрами рӯз таваҷҷуҳи бештар намудааст? Ин чор масъала ба он хотир ҳамчун масъалаҳои аввалиндараҷа арзёбӣ гардидаанд, ки *аввалан,* ин масъалаҳо ба якдигар алоқаи зич дошта, ҳалли як масъаларо бе масъалаи дигар тасаввур кардан ниҳоят мушкил аст. Масалан, норасии захираҳои обӣ, бахусус, обҳои нӯшокӣ яке аз муаммоҳои асосии нарасидани маводи ғизоӣ ба ҳисоб меравад, зеро чи тавре дар урфият мегӯянд, «бе об ҳаёт нест». Ё ин ки сари вақт бо қувваи барқ таъмин набудани аҳолӣ ва корхонаҳо ба истеҳсоли дилхоҳ маҳсулот, аз он ҷумла маҳсулотҳои озуқаворӣ ва рушди саноатикунонӣ таъсири манфии худро мерасонад. Ва, албатта, набудани роҳҳои ба талаботи стандарти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҷавобгӯ низ метавонад ба интиқоли молу маҳсулотҳои ниёзи аввалиндраҷа низ таъсири манфии худро расонад. *Дуюм,* ин ки бе ҳалли ин масъалаҳо вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳуриро баланд бардоштан ғайримкон аст, зеро сухан сари масъалаи зиндагӣ ва рӯзгузаронии аҳолии ҷумҳурӣ меравад, ки ин масъалаҳо бояд ҳамчун масъалаи муҳимтарин ва калидӣ дар зинаи аввал арзёбӣ гардад.

Дар самти **истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ ва расидан ба истиқлолияти энергетикӣ**, қайд кардан бамаврид аст, ки истифодаи захираҳои обии минтақаи Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, сол то сол ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини сиёсати кишварҳои ҳавзаи баҳри Арал табдил ёфта, метавонад дар пешрафти иқтисодиёти кишварҳои минтақа нақши бузурге дошта бошад. Таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба муҳим будани ин масъала ҷалб намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд мекунад: «… сол то сол дар кураи Замин ҳаҷми обҳои ошомиданӣ коҳиш меёбад, хавфи ба амал омадани «бухронҳои об» воқеӣ мегардад... Ҳамагон бояд фаҳманд, ки арзишмандии об на камтар аз арзишмандии нафт, газ, ангиштсанг ва дигар навъҳои сӯзишворию манбаъҳои энергия барои рушди устувори кишвар ва минтақа мебошад» [12].

Чи тавре ба ҳамагон маълум аст, масъалаи мазкур на танҳо хусусияти локалӣ (ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ) дорад, балки ин масъала дар сатҳи глобалӣ (байналмилалӣ) мавзуи муҳим ва рӯзмарра ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки дар нишастҳои байналмилалӣ Пешвои миллат бо иқдомҳои наҷиби худ баромад намуда, диққати иштирокчиёнро ба масъалаҳои ҳифзи захираҳои об ҷалб намудаанд ва вобаста ба ин як

қатор санадҳои меъёрию хуқуқӣ дар сатҳи байналмилалӣ қабул гардидаанд. Аз он ҷумла эълон гардидани «Соли 2003 соли байналмилалии оби тоза», давраи солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмилалии фаъолияти «Об барои ҳаёт», соли 2008 эълон гардидани «Соли байналмилалии санитария» ва солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор".

Мувофиқи ақидаи баъзе аз мутахассисон ва коршиносон сабабҳои асосии муҳиммият пайдо намудан ва мураккаб гардидани истифодаи захираҳои обию энергетикӣ дар сатҳи локалию миллӣ (минтақа, ҷумҳурӣ) ва глобалӣ (ҷаҳонӣ) аз инҳо иборат мебошад (ҷадв.1).

**Ҷадвали 1. Сабабҳои асосии муҳиммият пайдо намудани истифодаи захираҳои обию энергетикӣ дар сатҳи локалӣ (минтақа), миллӣ (ҷумҳурӣ) ва глобалӣ (ҷаҳонӣ)**
**Table 1. The main reasons for the importance of the use of water and energy resources at the local (regional), national (republic) and global (world) levels**

| Сабабҳои асосӣ | | Натиҷаи руйдоди ҳодисаҳо |
|---|---|---|
| 1. | Гармшавии иқлим (ҳарорат) дар кураи замин ва обшавии пиряххо | Ба амал омадани ҳодисаҳои ғайричашмдошт аз қабили гармӣ ва хунукиҳои аз ҳад зиёд, баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, обхезӣ, сухтани ҷангалҳо ва ғ. |
| 2. | Камчинии захираҳои об ва норасоии обҳои нӯшокӣ дар ҷаҳон | Мувофиқи сарчашмаҳои омории ҷаҳонӣ, имрӯзҳо дар дунё зиёда аз 1 млрд. одамон аз норасоии захираҳои об танқисӣ мекашанд ва қариб 2 млрд. одамон аз обҳои ба талаботҳои гигиению санитарӣ ҷавобгӯ набуда истифода мебаранд. Агар чунин ҳолат идома ёфтан гирад, он гоҳ пас аз 20-25 сол қариб 3 миллиард, яъне қариб нисфи зиёди аҳолии рӯи дунё ба буҳрони норасоии об рӯ ба рӯ хоҳад гардид. |
| 3. | Зиёдшавии аҳолӣ дар кураи замин ва баланд гардидани талабот бо обҳои ҳам нӯшокию ҳам истеҳсолӣ (истифодаи об барои обёрикунӣ) | Ба ҳамагон маълум аст, ки бо зиёдшавии аҳолӣ талабот бо обҳои ҳам нушокию ҳам истеҳсолӣ (истифодаи об барои обёрикунӣ) зиёд мегардад (бо нишондиҳандаҳои ҳозира дар дунё 7,8 млрд. одамон умр ба сар мебаранд) |
| 4. | Тақсимоти ноодилонаи захираҳои об дар баъзе аз манотиқ ва кишварҳои алоҳидаи дунё | Тақсимоти ноодилона ва ғайрисамараноки захираҳои об дар баъзе аз манотиқи дунё боиси пайдо гардидани низоъҳо (конфликт) мегардад. |

- гармшавии иқлим (ҳарорат) дар кураи замин, обшавии пиряххо ва ба амал омадани ҳодисаҳои ғайричашмдошт аз қабили гармӣ ва хунукиҳои аз ҳад зиёд, баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, обхезӣ, сухтани ҷангалҳо ва ғ. Чи тавре, ки маълум аст тақрибан 1-ҳафта пеш аз ин сарони кишварҳои бо ном G-20 дар давлати Индонезия ҷамъ шуда масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсиро ҳаллу фасл намудаанд. Дар ҳамин вохӯрӣ қарор карда шуд, ки яке аз масъалаҳои марказӣ - ин тағйирёбии иқлим дар кураи замин мебошад, ки бояд як чорабинии сатҳи баланд баргузор гардад ва ин масъала мавриди ҳаллу фасл қарор гирад. Ҳамин хел низ шуд, баъдан дар давлати Аморати Араб вохӯрии сатҳи байналмилалӣ бо номи СОП-27 баргузор гардид, ки дар он ҷо ҳамагӣ ҳалли як масъала мавриди барасӣ қарор гирифт - ин ҳам бошад тағйирёбии иқлим дар кураи Замин ва вобаста ба ин ҳодисаҳои ғайричашмдошт (аз қабили гармӣ ва хунукиҳои аз ҳад зиёд, баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, обхезӣ, сухтани ҷангалҳо ва ғайраҳо) мебошанд, ки тули як ҳафта бо иштироки намояндагони зиёда аз 30 давлати дунё иштирок ва баромад намудаанд, баргузор гардид. Хотиррасон менамоем, ки яке аз ҷамъомад ва нишасти ин чорабинии сатҳи баланд бо иштироки Пешвои миллат ва Сарвазири давлати Ҳолландия баргузор гардида, дар назар дошта мешавад, ки тобистони соли 2023 боз як конфренсияи сатҳи баланд вобаста ба ин масъалаҳо дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе баргузор мегардад;

- камчинии захираҳои об ва норасоии обҳои нӯшокӣ дар ҷаҳон. Мувофиқи сарчашмаҳои омории ҷаҳонӣ имрӯзҳо дар дунё зиёда аз 1 млрд. одамон аз норасоии

захираҳои обӣ танқисӣ мекашанд ва қариб 2 млрд. одамон аз обҳои ба талаботҳои гигиению санитарӣ ҷавобгӯ набуда истифода мебаранд;

- зиёдшавии аҳолӣ дар кураи замин ва баланд гардидани талабот бо обҳои ҳам нӯшокию ҳам истеҳсолӣ. Ба ҳамагон маълум аст, ки бо зиёдшавии аҳолӣ талабот бо обҳои ҳам нӯшокию ҳам истеҳсолӣ (истифодаи об барои обёрикунӣ) зиёд мегардад (бо нишондиҳандаҳои ҳозира дар дунё 7,8 млрд. одамон умр ба сар мебаранд);

- тақсимоти ноодилона ва ғайрисамараноки захираҳои об дар баъзе аз манотиқи дунё боиси пайдо гардидани низоъҳо (конфликт) мегардад. Масалан, тибқи таҳлилҳои Созмони Милали Муттаҳид имрӯз дар олам қариб 300 нуқтаи доғу эҳтимолии бархӯрдҳо (низоҳо) вобаста ба захираҳои обӣ мавҷуд аст ва мардумони қариб 80 давлати дунё бо камбудии оби нӯшокӣ гирифтор ҳастанд.

Ҳарчанд Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаи бо замин таъминбуда дар минтақа яке аз ҷойҳои охиринро гирад, яъне ба ҳар сари аҳолӣ 0,10 га замини кишт ва 0,06 га заминҳои обӣ рост ояд ҳам, аз рӯи захираҳои об ҷумҳурии мо нисбатан бой мебошад ва аз рӯи ин нишондиҳанда дар миқёси кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷои аввалро ишғол намуда, 70% захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ ба ҳудуди он рост меояд. Барои мисол, аз рӯйи захираҳои умумии имконпазири *барқии гидроэнергетикӣ* ҷумҳурии мо баъди Ҷумҳурии Чин, Федератсияи Россия, Амрико, Бразилия, Зоир, Ҳиндустон ва Канада дар ҷои 8-ум меистад ва иқтидорҳои истеҳсолии гидроэнергетикӣ тақрибан дар ҳаҷми 527 млрд кВт-соат арзёбӣ мегардад. Ҳамзамон, аз рӯйи ин нишондиҳанда Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси ИДМ баъди Федератсияи Россия дар ҷои 2-юм, дар Осиёи Марказӣ дар ҳудуди он рост меояд, ки дар шароити ҳозира қариб 4%-и он истифода мешавад [11,с.63-67] (ҷадв. 2).

**Ҷадвали 2. Захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал (ҲБА)**
**Table 2. Water resources of the Aral Sea basin**

| Ҷумҳуриҳо | Ҳавзаи Амударё (км³/сол) | Ҳавзаи Сир дарё (км³/сол) | Ҳамагӣ дар ҲБА км³/сол |
|---|---|---|---|
| Қазоқистон | - | 4,5 | 4,5 |
| Қирғизистон | 1,9 | 27,4 | 29,3 |
| Тоҷикистан | 62,9 | 1,7 | 64,6 |
| Туркменистон (якҷоягӣ бо Эрон) | 2,78 | - | 2,78 |
| Ӯзбекистон | 4,7 | 4,14 | 8,84 |
| Афғонистон | 6,18 | - | 6,18 |
| Ҳамагӣ | 78,46 | 37,7 | 116,2 |

**Маъхаз:** Справочник // Секретариат Интеграционного Комитета Евразийского экономического сообщества. -М., 2020. -118 с.

Умуман, сохтори обистифодабарӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ чунин аст: саноат - 6%, кишоварзӣ -85% (аз он ҷумла барои обёрикунонӣ 65-70%), бо обтаъминкунӣ дар деҳот - 5 ва дар шаҳрҳо - 4%.

Истеъмолкунандагони муҳимтарини захираҳои обӣ зироаткории обӣ (обёрикунонӣ), обрасонии обҳои ошомиданию хоҷагӣ ва соҳаи саноат мебошанд. Истифодабарандаи асосии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи тавлиди неруи барқи обӣ (гидроэнергетика) ба ҳисоб меравад. Инҳо муҳимтарин унсурҳои таркибии захираҳои обию энергетикӣ ба ҳисоб рафта, метавонанд дар ояндаи наздик стратегияи рушди миллии Тоҷикистонро муайян намоянд.

Таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сарфи об дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, пеш аз ҳама, дар кишоварзӣ, бахусус барои обёрӣ аз меъёрҳои муқарраршуда зиёд аст. Сабаби аз ҳама зиёд истифода бурдани захираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ нисбати дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар минтақаи биёбонӣ ҷойгир шудааст ва зиёда аз 90% маҳсулотҳои соҳаи растанипарварӣ аз заминҳои обӣ ба даст меояд.

Бо назардошти чунин вазъият зарурат ба амал меояд, ки мувофиқи самтҳои асосии рушди устувори иқтисодии ҷумҳурӣ, мо бояд ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва истиқлолияти энергетикӣ ноил гардем. Агар ба масъалаи тақсимоти одилонаи захираҳои обӣ ва бунёди сохтмони обанборҳо дар дарёҳои калонтарини Тоҷикистон муносибати оқилона зоҳир кунем, он гоҳ ягон кишвари минтақа камбудии обро эҳсос намекунад.

Яке аз нишондиҳандаи обистифодабарӣ - ин нишондиҳандаи обғунҷоиши соҳаҳои иқтисоди миллӣ мебошад (ҷадв. 3).

**Ҷадвали 3. Нишондиҳандаи обғунҷоиши соҳаҳои иқтисоди миллӣ**
**Table 3. Indicator of fluctuations in the sectors of the national economy**

| Соҳаҳо | Энергетика | Металлургияи ранга | Мошинсозӣ | Маҳсулотҳои саноати химия | Маснуоти металии тайёр | Кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ивазшаванда (ҳаҷми барориш) | 1397,1 | 3562,43 | 259,45 | 139,70 | 459,02 | 9473,80 |
| Соҳаи энергетика | 51,8 | 444,28 | 7,79 | 4,31 | 36,60 | 143,14 |
| Металлургияи ранга | 18,85 | 1028,52 | 15,25 | 0,21 | 39,87 | 2,95 |
| Мошинсозӣ | 26,90 | 63,69 | 56,33 | 1,70 | 9,31 | 306,58 |
| Маҳсулотҳои саноати химия | 306,54 | 289,09 | 36,34 | 62,06 | 41,16 | 1486,64 |
| Маснуоти металии тайёр | 0,97 | 6,50 | 1,52 | 0,07 | 9,64 | 29,99 |
| Саноати сабук | 0,11 | 0,24 | 0,08 | 0,02 | 0,06 | 3,71 |
| Саноати хӯрокворӣ | 0,12 | 0,70 | 0,08 | 0,10 | 0,11 | 143,20 |
| Дигар соҳаҳои саноат | 16,59 | 79,18 | 19,76 | 1,94 | 115,13 | 98,76 |
| Сохтмон | 10,59 | 50,08 | 3,26 | 1,59 | 2,82 | 47,15 |
| Кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал | 0,00 | 6,26 | 0,59 | 0,07 | 1,49 | 2671,31 |
| Обғунҷоиш | 0,716 | 0,140 | 0,385 | 0,716 | 0,218 | 0,911 |

**Сарчашма:** Автореферат докторской диссертации Садриддинова М.И. на тему: «Интеграционные процессы по использованию водных ресурсов в странах Центрально-Азиастского региона: ретропспектива, методология, анализ и методика прогнозирования. –Душанбе, 2022. -С.26.

Чи тавре аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бар меояд, аз ҳама бештар соҳаҳое, ки обғунҷоиши баланд доранд - ин соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки барои тайёр кардани як воҳиди маҳсулоти соҳа 0,911 захираҳои об истифода мешавад, ки ҷойҳои баъдинаро соҳаи энергетика ва саноати химия ишғол менамоянд. Аз ҳама бештар обғунҷоиши маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ баланд мебошад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ба 9473,8 млн. сомонӣ баробар мебошад. Ҳаҷми истеҳсоли соҳаи энергетика дар давраи таҳлилӣ ба 1397,03 млн. сомонӣ ва саноати химия ба 139,7 млн. сомонӣ баробар аст. Ин рақамҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти якумин (соҳаи энергетика) нисбати маҳсулотҳои саноати химия 10 баробар зиёд мебошад [9,с.48]. Як нуктаро низ ҳамзамон бояд қайд намуд, ки новобаста аз ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, ҳарду соҳаҳои таҳлилшаванда захираҳои обро дар ҳаҷми якхела истифода мебаранд, яъне онҳо соҳаҳои бештар обғунҷоишӣ ба ҳисоб мераванд, аммо аз рӯи истеҳсоли маҳсулот бо андозаи ду маротиба фарқ мекунанд.

Яке аз омилҳои манфии ба вазъи истифодаи захираҳои обию энергетикии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ таъсиррасон - ин обшавии пиряхҳо, ки сарчашмаи ҳавзагирии захираҳои обӣ дар минтақа ба ҳисоб мераванд мебошад. Аз ин ҷост, ки дар расмҳои поёнӣ хатти ҳаракати таъсири обшавии пиряхҳо ба вазъи ногувори он ба захираҳои обию энергетикии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ оварда шудааст.

Чи тавре, ки ба ҳамагон маълум аст, дар Осиёи Марказӣ пиряхҳо сарчашмаи асосии обгирии дарёҳо ба ҳисоб мераванд. Онҳо таъмини захираҳои обро дар давраи гарми сол, ки барои обёрикунонӣ лозим аст, ба амал мебароранд. Аммо чи тавре, ки таҷриба нишон медиҳад, дар солҳои охир, суръати обшавии пиряхҳо афзуда, таъсири бевоситаи худро аз он ҷумла ба соҳаҳои таъмини обҳои нӯшокӣ, тағйироти иқлим, ирригатсия ва гидроэнергетика мерасонад. Аз рӯйи баъзе маълумотҳо дар давоми 10 соли охир масоҳати пиряхҳои минтақа ба миқдори 30-35% кам гардидааст. Дар соли 2019-2021 аз сабаби он, ки ҳаво хеле ҳам гарм омад ҳарорат то 45 дараҷа дар ҷануб ва дар шимол бошад, то 35 дараҷа боло баромад ва обшавии бештари барфу яхҳои кӯҳӣ ҳаҷми об ва воридоти он ба обанборҳо 30-35% кам гардидааст [1,с.69-75; 5].

Бинобар ин, Ҳукумати Тоҷикистон ин проблемаи глобалиро баназар гирифта 27 июни соли 2008 дар Душанбе «Конфронси байналмилалӣ оид ба коҳиши офатҳои табиии вобаста ба об», даъват намуда будаанд. Дар конфронси мазкур мутахассисону масъулон ва олимони ин соҳа зиёда 40 кишвари ҷаҳон ва бонуфузтарин созмонҳои байналмилалию минтақавӣ иштирок доштаанд. Соли 2017 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсан пешниҳоди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Марказӣ омӯзиш ва мушоҳидаи пиряхҳо дар ҷумҳурии мо кушода, айни ҳол низ фаъолият дорад. Ҳамзамон, бо пешниҳоди Сарвари давлат ҷиҳати ҳалли мушкилот дар ин самт бори дигар ташаббуси эълони соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳоро ба миён гузоштаанд. Таъкид гардид, ки эълон шудани “Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо”, таъсиси “Хазинаи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо”, ташкили “Системаи муттаҳидшудаи глобалии иттилооти криосфера ва механизми байналмилалӣ”, ки барои осон кардани дастрасии иттилооти дақиқ ва саривақтӣ оид ба криосфера мусоидат менамояд, аз натиҷаҳои назарраси татбиқи ташаббуси мазкур хоҳанд буд [4,с.3].

Масъалаи истифодаи пиряхҳо, роҳҳои пешгирии обшавӣ ва кам гардидани онҳо низ яке аз самтҳои афзалиятноки идоракунии захираҳои обӣ ба ҳисоб меравад. Ин масъала, бахусус, дар шароити тезутунд гардидани муаммоҳои тағйирёбии иқлим дар рӯйи замин хусусияти ниҳоят муҳим ва ҳозиразамонаро касб менамояд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар 50 соли охир бинобар тағйироти глобалии иқлим ҳодисаи камшавии пиряхҳо ба назар мерасад. Ба ақидаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «…дар Осиёи Марказӣ, ки захираҳои об дар он омили калидии таъмини рушди устувори минтақа мебошанд, кайҳост, ки зарурати таҳияи барномаи фарогири минтақавӣ оид ба мутобиқкунӣ ба тағйироти иқлим эҳсос мешавад. Саривақтӣ будани чунин барномаро зери таъсири тағйирёбии иқлим босуръат коҳиш ёфтани масоҳати пиряхҳои минтақа низ тақозо дорад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки баъди солҳои 60-уми асри гузашта сеяки пиряхҳои минтақа, ки манбаи асосии оби дарёҳои Осиёи Марказӣ мебошанд, нест шудаанд» [12].

Ҳамин тавр, харобшавӣ (деградатсия)-и пиряхҳо хавфи иловагиро барои рушди устувор, энергетика ва бехатарии озуқаворӣ дар Осиёи Марказӣ эҷод менамояд. Яке аз мисолҳои чашмрас - ин хушкшавии баҳри Арал мебошад, ки дар 50-соли охир ба мушоҳида мерасад. Кишварҳои дар саргаҳи дарё ҷойгиршуда (Кирғизистон, Тоҷикистон, Афғонистон) ва кишварҳои поёноб (Ӯзбекистон, Казоқистон, Туркменистон), манфиатҳои гуногуни худро дар ҳавзаи баҳри Арал доранд. Агар кишварҳои болооб ба захираҳои об, бахусус барои гидроэнергетика дар давраи зимистон эҳтиёҷ дошта бошанд, пас кишварҳои поёноб дар давраи тобистон ба захираҳои об ба мақсади обёрикунонӣ сахт эҳтиёҷод доранд [1,с.69-75; 9,с.26].

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои омории ҷаҳонӣ, вобаста ба афзоиши шумораи аҳолӣ дар ҷаҳон вазъият бо истифодаи захираҳои обӣ дар оянда аз ин ҳам мудҳиштар хоҳад гардид. Ҳатто дар ҳолати кунунии шумораи аҳолӣ (7,8 млрд.), кураи Замин норасоии бузурги захираҳои обиро ҳис менамояд. Дар асоси маълумотҳои як қатор кишварҳои дунё ба монанди Ҷумҳурии Чин, Ҳиндустон, Арабистони Саудӣ, Африқои Шимолӣ ва ИМА яке аз муаллифони китоби «Pillar of Sand» («Тӯдаи хок») Сандра Постел ҳаҷми аз меъёр истифодабарии обҳои зеризаминиро ҳисоб карда баромадааст. Мувофиқи ҳисобҳои ӯ ин нишондиҳанда (яъне ҳаҷми аз меъёр истифодабарии обҳои зеризаминӣ)

тақрибан 160 млдр. $м^3$, ё ин ки 160 млрд. тоннаро ташкил медиҳад. Сандра Постел чунин меҳисобад, ки агар барои истеҳсоли 1 тонна ғалла тақрибан 1000 тонна об зарур шавад, он гоҳ камчинии захираҳои обӣ ба миқдори 160 млрд. тонна ба бузурги ба даст наовардани 160 млн. тонна ғалла, ё ин, ки ними ҳосили ғалладонагиҳо дар ИМА мебошад [13,с.78]. Дар ҳолати истеъмоли ҷаҳонии ғалла дар ҳаҷми зиёда аз 300 кг ба ҳар сар аҳолӣ дар як сол ин 160 млн. тонна метавонист тақрибан 480 млн. одамро хӯронад. Бо тарзи дигар гуем, 480 млн. тонна аз миқдори 7,8 млрд. аҳолии бо ғалла таъминбудаи кураи Замин дар натиҷаи истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои обӣ ба даст омадааст. Яъне ин нишондиҳандаҳо ба он далолат менамоянд, ки мо дар ҳоли ҳозир аз ҳисоби захираҳои обе, ки барои насли оянда (яъне фарзанду набераҳои мо) муқаррар шудааст, истифода мебарем.

Яке аз дастовардҳои назарраси ҷомеаи ҷаҳонӣ сари масъалаи таҳлилу баррасӣ ва пешниҳоду ҳалли мушкилоти марбут ба об дар минтақаю ҷаҳон таъсиси Шурои ҷаҳонии об мебошад. Саҳми Шурои ҷаҳонии об дар баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба масъалаҳои глобалии об ва сафарбарнамоии сиёсатҳо дар ни самт мебошад, ки тавассути Форуми ҷаҳонии об ба даст оварда мешавад. Форуми ҷаҳонии об бошад, ҳамчун санади муҳим дар самти ҳамкориҳои глобалӣ дар соҳаи об хизмат карда, платформаи нодирест, ки дар он сиёсатмадорону тасмимгирандагон аз тамоми минтақаҳои ҷаҳон барои муҳокима ва кӯшиши ҳалли масъалаҳои таъмини хифзи захираҳои об ҷамъ меоянд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ягона сарвари сиёсие мебошанд, ки аз ҳашт форуми то имрӯз баргузоргардида, дар аксари онҳо иштироку суханронӣ намудаанд ва дар ҳар форум пешниҳоди мушаххаси хешро оиди истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ба самъи ҷаҳониён расонидаанд. Аз ҷумла, се иқдоми аз тарафи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Форумҳои гуногуни ҷаҳонии об пешниҳодгардида: 1) дар Форуми сеюми ҷаҳонии об, 16-23 марти соли 2003 дар шаҳри Киото (Ҷопон) Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015», 2) дар Форуми панҷумн ҷаҳонии об, 15-22 марти соли 2009 дар шаҳри Истанбул (Туркия) Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об, соли 2013 ва 3) дар Форуми ҳафтуми ҷаҳонии об, 12-17 апрели соли 2015 дар шаҳри Тэгу-Кенгбук (Ҷумҳурии Корея) Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хушнудӣ истиқбол ва қабул карда шудаанд [5].

Дар ҷумҳурӣ миқёси истифодаи захираҳои об сол то сол васеъ шуда истодааст, ки ин, пеш аз ҳама, ба азхудкунии заминҳои нав ва талаботи зиёд ба обёрии сунъӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, хоҷагиҳои ҷумҳурӣ бояд барои оқилонаю сарфакорона истифода бурдани обҳо ҷидду ҷаҳд намоянд. Пеш аз ҳама, лозим аст, ки захираҳои обҳои зеризаминии ҷумҳурӣ тариқи мукаммал тадқиқу ташхис карда шуда, баъдан истифодаи онҳо дар обёрии заминҳои нав васеъ шаванд. Зеро ин захираҳо хеле зиёданд ва нисбатан хароҷоти камро талаб менамоянд.

Яке аз сабабҳои дар бисёр ноҳияҳои ҷумҳурӣ зиёд будани исрофкорию муносибати бепарвоёна ба табиат ва захираҳои обӣ, пеш аз ҳама, ба суст будани тартиби муҳофизати табиату маърифати экологӣ вобаста аст. Агар тарбияи экологӣ ва ҳифзи муҳити зист дар байни муассисаҳои томактабӣ, мактаббачагон, донишҷӯён ва умуман дар байни тамоми аҳолии ҷумҳурӣ пурзӯр гардад, дар он сурат чунин ҳодисаҳо кам ва ё умуман такрор нахоҳад шуд.

Ҳамин тавр, вазъ ва тамоюли рушди захираҳои обию энергетикии ҷумҳурӣ - ҳамчун самти муҳимми рушди устувори иқтисоди миллиро арзёбӣ намуда, ҷиҳати бартарафсозии муаммоҳои ҷойдошта ва расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, дарояндаи наздик гурӯҳи чорабиниҳои зеринро амалӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст:

- сари вақт азнавтаҷҳизонӣ ва барқароркунии иншоотҳои гидротехникӣ. Тавре ки маълум аст, дар ҷумҳурӣ 9 обанбор вуҷуд дорад, ки ҳар кадоме онҳо аз 0,028 то 10,5 млрд. $м^3$ обғунҷоиш доранд. Иншоотҳои мазкур дар шароити ҳозира ба хизматрасониҳои техникӣ эҳтиёҷ доранд, зеро аз сабаби дар минтақаҳои сейсмологии номусоид ҷой доштанашон хатари таги об мондани водиҳои дар поёноб ҷойгиршударо

ба миён меоранд (новобаста аз оне ки ин чараён дар ҷумҳурӣ зина ба зина амалӣ гардида истодааст). Як нуктаро бояд қайд намуд, ки дар ин самт даҳҳо лоиҳаҳои инвеститсионӣ оид ба рушди соҳаи гидроэнергетика амалӣ гашта истодаанд. Дар баробари бунёди иншооти нави тавлиди неруи обии барқӣ имрӯз зарурати таҷдиди неругоҳҳои амалкунанда пеш омадааст, ки сармоягузории нисбатан зиёдро тақозо менамояд. Лоиҳаи таҷдиди неругоҳи барқи обии “Норак” дар ду марҳала бо ҷалби 6 млрд. сомонӣ пешбинӣ шуда, марҳалаи якуми он оғоз ёфтааст. Дар самти татбиқи лоиҳаи таҷдиди неругоҳи барқи обии “Сарбанд” ба маблағи 1,1 млрд. сомонӣ корҳо оғоз ёфта, агрегати якуми он охири соли 2018 ба кор андохта мешавад. Неругоҳи барқи обии “Қайроққум” яке аз куҳнатарин неругоҳҳо буда, аз соли 1957 мавриди истифода қарор дорад. Моҳи августи соли 2014 Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии таҷдид ва Рушд дар хусуси азнавсозии НОБ-и Қайроқум дар ҳаҷми 75,7 млн. доллари амрикоӣ ба анҷом расид. Дар маҷмуъ, барои таҷдиди ин неругоҳ 600 миллион сомонӣ ҷалб гардида, корҳо тибқи лоиҳа охири соли 2018 оғоз гардидаанд. Ҳамин тавр, барои таҷдиди неругоҳҳои амалкунанда беш аз 8 млрд. сомонӣ равона гардидааст. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мебуд, агар азнавтаҷҳизонӣ (реконструкция)-и иншоотҳои гидротехникӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди гидроэнергетика дар ҷумҳурӣ қарор гирад;

- сохтану ба истифода додани неругоҳҳои обии барқӣ (НОБ)-и ба нақша гирифташуда (Роғун, Даштиҷум ва ғ.). Чунончи, дар назар дошта шудааст, ки танҳо сохтану ба истифода додани НОБ-и Роғун имконият медиҳад, ки коркарди солонаи қувваи барқ дар ин неругоҳи аср ба 14 млрд. кВ соат расонида шавад, ки арзиши пурраи ин сохтмон бо нишондиҳандаҳои тахминӣ 3,4 млрд. доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Барои бунёди неругоҳи барқи обии “Роғун” соли 2017-ум аз ҳамаи манбаъҳо 4 млрд. 700 млн. сомонӣ харҷ гардид ва дар соли 2023 ба ин мақсад қариб 5 млрд. сомонӣ дар назар гирифта шудааст. Умуман, пешбинӣ шудааст, ки бо сохтану истифода додани НОБ-ҳои ба нақша гирифташуда то соли 2025-ум истеҳсоли қувваи барқ дар ҷумҳурӣ метавонад то 30 млрд. кВт. соат расонида шавад, ки ин имконият медиҳад натанҳо истиқлолияти пурраи энергетикиро ба даст дарорем, балки содироти қувваи барқро ба давлатҳои ҳамсояи ҷануб, ба мисли Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Покистон ба роҳ монем;

- ҷоннок намудани ҷалби сармоягузориҳо ба рушди «иқтисодиёти сабз». Ин мафҳум чунин низоми иқтисодиеро дар бар мегирад, ки технологияи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок бояд асоси рушди устувори кишоварзиро таъмин намояд, ки ҳам рушди иқтисодӣ ва ҳам бехатарии муҳити атрофро таъмин кунад. Барномаи СММ оид ба муҳити зист дар моҳи марти соли 2009 маърӯзаи «Раванди нави глобалии сабз»-ро тайёр намуд, ки дар он зарурати сармоягузориҳо оид ба пешгирии муаммоҳои экологии ҷаҳонӣ пешниҳод гардид. Масалан, сармоягузориҳо дар ҳаҷми 1% аз ММД-и ҷаҳонӣ, яъне $750 млрд, дар ду соли оянда метавонад ба ташкили «иқтисодиёти сабз» заминаи мустаҳкам гузорад. Дар соҳаи истифодаи захираҳои обию ирригатсионӣ бошад, ин ҷараён тавассути амалисозии маҷмуи чорабиниҳо, ба монанди гузаштан ба технологияи ҳифзи захираҳо ва энергия равона гардида (ҷорӣ намудани усулҳои нави обёрӣ, ба мисоли қатрагӣ, боронӣ, зерихокӣ), амалӣ намудани чорабиниҳои муҳофизати растаниҳо бо истифодаи усули агробиологӣ, пешгирӣ намудани сарчашмаи ифлосшавии захираҳои обӣ, таъмини аҳолӣ бо оби тоза ва аз ҷиҳати санитарӣ ҷавобгӯй ва ғайра амалӣ карда мешавад;

- тараққӣ додани кулли соҳаҳои энергетикӣ, дар навбати аввал такя ба соҳаи гидроэнергетика ва дар ин радиф равнақи навъҳои гуногуни энергия - аловӣ, энергияи офтобӣ, шамоли (бодӣ) ва ғ. Ҳамаи ин намуди сарчашмаҳои энергияро дар якҷоягӣ ба роҳ мондан душвор ва шояд ғайриимкон низ бошад. Масалан, таҷрибаи ҷаҳонӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки танҳо давлатҳои бузургу бой ба мисли ИМА, Русия ва Чин азхудкунии саноатии ҳамаи он сарчашмаҳои энергияро дар маҷмуъ ба таври комплексӣ ба роҳ мондаанд. Мамлакатҳои хурд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон шояд ба ин гурӯҳ шомил бошад, чун қоида дар масъалаи инкишофи худ ба ҳар суръат метавонанд дар марҳилаи аввал танҳо ба яке аз онҳо такя кунанд. Хубтар мебуд, дар шароити мусоиди

табиию ҷуғрофии ҷумҳурӣ ва захираҳои кофии обӣ рушди соҳаи гидроэнергетика, ки аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ба муҳити атроф безарар аст, ба роҳ монда мешуд. Танҳо баъд аз эҳёи гидроэнергетика аз ҳисоби даромади худӣ, барои равнақи соҳаҳои дигари энергетикӣ шароит муҳайё мегардад.

Аз ҳамаи ин гуфтаҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҷиҳати расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, новобаста аз фаъолгардонии ҷалби сармояи хориҷӣ, сиёсати сармоягузории системаи энергетикӣ метавонад дар навбати аввал ба маблағгузориҳои худӣ (ватанӣ) такя намояд. Чунин муносибат, албатта, ҷалби сармояи хориҷиро истисно намекунад, вале бо вуҷуди ин ба мақсад мувофиқ аст, агар барои рушди ин соҳаи ҳамзамон муҳим имкониятҳои дастрас намудану усулҳои ҷоннок намудани сармояи дохилиро ҷустуҷӯ намуда ва фазои сармоягузории дохилии ба мақсад мувофиқ муҳаё мешуд.

Дар хотима ҳаминро қайд менамоем, ки фикр ва пешниҳодҳои баррасишуда имкон медиҳанд, ки равнақи зарурии ҳамаи соҳаҳои энергетикаи Тоҷикистон асосноку баробар таъмин шаванд. Албатта, барои амалӣ намудани ҳадафҳои дарпешистода ва татбиқи онҳо ҷидду ҷаҳди зиёд, вақт ва ҳатман дастгирии бузурги молиявӣ аз ҷониби давлат лозим аст. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, амалисозии чунин пешниҳодҳо воқеӣ аст ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар ҳолати ҳалли комплексии чорабиниҳои дар боло овардашуда миёни ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи сазоворро ишғол карда, дар ояндаи наздик натанҳо истиқлолияти пурраи энергетикиро таъмин созад, балки яке аз содиркунандагони бузурги захираҳои гидроэнергетикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва дар миқёси ҷумҳуриҳои ҳамсояи наздик (Афғонистон, Покистон ва ғ.) гардад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Низомова Т.Д.**

**АДАБИЁТ**


1. Аривоф Х.О. О водных спорах и строительстве больших плотин / Х.О. Аривоф // Мелиорация и водные ресурсы: проблемы и пути их решения (Материалы научно-практической конференции, 25 декабря 2010 г.). -Душанбе, 2010. -С.69-75.
2. Водообеспеченность мирового сельского хозяйства водой для орошения. //Экономика сельского хозяйства России. - 2017. -№12. -С.80-89.
3. Ибодуллоев А.Р. Вода - бесценное богатство и источник жизни / А.Р. Ибодуллоев // Таджикистан - передовая страна в решении глобальных водных проблем. –Душанбе: Контраст, 2018. -С.273-276.
4. Иштирок ва суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нишасти сеюми пешвоёни эътилоф оид ба обу иқлим // Газетаи Минбари халқ. 8 июни соли 2022. -С. 3.
5. Министерство энергетики и промышленности Республики Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: www.minenergoprom.tj (дата обращения: 20.10.2021).
6. Отчет «Экспресс-оценка и анализ пробелов в энергетическом секторе Таджикистана» Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан. -Душанбе, 2018. -24 с.
7. Преобразование нашего мира. Повестка дня в области устойчивого развития на период до 2030 года. -ООН, Нью-Йорк, сентябрь, 2015.
8. Развитие альтернативной энергетики в России в контексте формирования модели низкоуглеродной экономики / О.В. Кудрявцева, Е.Н. Митенкова, О.И. Маликова, М.С. Головин // Вестник Московского университета. Серия 6. Экономика. - 2019. -№45.
9. Рекомендации по устойчивому управлению водными ресурсами в Центральной Азии. ПроектSWAN. - Алматы, 2018. -48 с.
10. Республика Таджикистан. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. - 2016. -104 с.
11. Сафарзода А.Х. Характеристика возобновляемых источников энергии Республики Таджикистан / Сафарзода А.Х. // Электроэнергетика, электротехника и теплоэнергетика, математическое моделирование и информационные технологии в производстве: Сборник трудов XIII Международной научно-технической конференции студентов и аспирантов. - 2016. -Т.1. -С.63-67.
12. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мубоҳисоти умумии Иҷлосияи 70-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид (25-28 сентябри соли 2015).
13. Экоэкономика: Как создать экономику, сберегающую планету / Вступ. Сл. В.И. Данилова-Данильяна, пер. с англ. -М.: Идательство «Весь Мир», 2003. -С.78.
14. European Investment Bank. The EIB Circular Economy Guide: Supporting the circular transition. - URL: https://www.eib.org/en/ publications/the-eib-in-the-circular-economy-guide, 2019.

15. High-level political forum on sustainable development. Progress towards the Sustainable Development Goals. Report of the SecretaryGeneral. - UN, 2020.
16. Hjort, M., Skobelev, D., Almgren, R., Guseva, T., Koh, T. Best Available Techniques and Sustainable Development Goals // Proc. 19th International Multidisciplinary Scientific GeoConference SGEM, 2019. -181 p.
17. Sachs, J., Schmidt-Traub, G., Kroll, C., Lafortune, G., Fuller, G., Woelm, F. The Sustainable Development Goals and COVID-19. Sustainable Development Report 2020. -Cambridge: Cambridge University Press, 2020.

## ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ОБИЮ ЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ДОИРАИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ

Дар мақола таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии рушди устувор мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Қайд гардидааст, ки рушди устувор дар шароити ҳозира яке аз идеологияҳои базавии бартариятноки ҳуҷҷатҳои консептуалӣ ва стратегии давлатӣ ва байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Муайян гардидааст, ки рушди устувор чунин тарзи тараққиёт мебошад, ки талаботи ҳозираи аҳолиро қонеъ намуда, талаботи насли ояндаро зери хатар намемонад». Ё ба тарзи дигар гӯем, «Рушди устувор - чунин тарзи тараққиёт мебошад, ки талаботи имрӯзаи аҳолиро бо дар назардошти талаботи насли оянда қонеъ менамояд». Аз ин ҷост, ки дар мақола истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ дар доираи рушди устувори иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Чи тавре маълум аст, имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чор масъала ба сифати самтҳо ва ҳадафҳои стратегии рушди устувори иқтисоди миллӣ арзёбӣ гардидааст, ки яке аз онҳо - ин истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ ва расидан ба истиқлолияти энергетикӣ мебошад. Хусусиятҳои асосии истифодаи самараноки захираҳои обӣ-энергетикии ҷумҳурӣ муайян гардидааст. Вазъи ҳозира ва тамоюли истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ дар доираи рушди устувори иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаммоҳои ҷойдошта ва самтҳои асосии истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикии ҷумҳурӣ дар доираи рушди устувори иқтисодӣ муайян ва пешниҳод шудаанд. Ҳамин тавр дар хотима қайд гардидааст, ки фикр ва пешниҳодҳои баррасишуда имкон медиҳанд, ки равнақи зарурии ҳамаи соҳаҳои энергетикаи Тоҷикистон асосноку баробар таъмин гардида, истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ дар доираи рушди устувор ба роҳ монда шавад.

**Калидвожаҳо:** захираҳои обӣ, рушди устувор, рушди устувори иқтисодӣ, назарияи рушди устувор, иқтидорҳои энергетикӣ, захираҳои обию энергетикии ҷумҳурӣ, экология, иқтисодиёт, муаммоҳо, гидроэнергетика, “энергияи сабз”, самтҳо, муаммоҳо ва самтҳои асосии захираҳои обию энергетикӣ дар доираи рушди устувори иқтисодӣ.

## ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ВОДНО-ЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ В РАМКАХ УСТОЙЧИВОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ

В статье исследуются теоретические аспекты устойчивого развития. Отмечается, что устойчивое развитие в современных условиях является одной из доминирующих базовых идеологий концептуальных и стратегических государственных и международных документов. Установлено, что устойчивое развитие - это такой путь развития, который удовлетворяет текущие потребности населения и не ставит под угрозу потребности следующего поколения. Или, говоря иначе, «устойчивое развитие - это такой путь развития, который удовлетворяет текущие потребности населения с учетом потребностей будущего поколения». Поэтому в статье речь идет об эффективном использовании водно-энергетических ресурсов в рамках устойчивого экономического развития. Как известно, на сегодняшний день в Республике Таджикистан в качестве направлений и стратегических целей устойчивого развития национальной экономики оценены четыре вопроса, одним из которых является эффективное использование водно-энергетических ресурсов и достижение энергетической независимости. Определены основные особенности эффективного использования водно-энергетических ресурсов республики. Проанализировано современное состояние и тенденции эффективного использования водно-энергетических ресурсов в рамках устойчивого экономического развития. Выявлены и предложены существующие проблемы и основные направления эффективного использования водно-энергетических ресурсов республики в рамках устойчивого экономического развития. Таким образом, рассмотренные идеи и предложения позволяют разумно и сбалансированно обеспечить необходимое развитие всех энергетических отраслей Таджикистана, эффективное использование водно-энергетических ресурсов в рамках устойчивого экономического развития.

**Ключевые слова:** водные ресурсы, устойчивое развитие, устойчивое экономическое развитие, теория устойчивого развития, энергетический потенциал, водно-энергетические ресурсы республики, экология, экономика, проблемы, гидроэнергетика, «зеленая энергетика», направления, проблемы и основные направления водно-энергетических ресурсов в рамках устойчивого экономического развития.

## EFFICIENT USE OF WATER AND ENERGY RESOURCES IN THE FRAMEWORK OF SUSTAINABLE ECONOMIC DEVELOPMENT

The article examines the theoretical aspects of sustainable development. It is noted that sustainable development in modern conditions is one of the dominant basic ideologies of conceptual and strategic state and international documents. It has been established that sustainable development is a development path that satisfies the current needs of the population and does not jeopardize the needs of the next generation. Or, to put it another way, “Sustainable development is a development path that meets the current needs of the population, taking into account the needs of the next generation”. Therefore, the article deals with the efficient use of water and energy resources in the framework of

sustainable economic development. As is known, four issues have been assessed as directions and strategic goals for the sustainable development of the national economy in the Republic of Tajikistan today, one of which is the efficient use of water and energy resources and the achievement of energy independence. The main features of the effective use of water and energy resources of the republic are determined. The current state and trends in the efficient use of water and energy resources within the framework of sustainable economic development are analyzed. Existing problems and main directions for the effective use of water and energy resources of the republic within the framework of sustainable economic development are identified and proposed. Thus, in conclusion, it was noted that the considered ideas and proposals make it possible to reasonably and balancedly ensure the necessary development of all energy sectors of Tajikistan, the efficient use of water and energy resources within the framework of sustainable development. .

**Keywords:** water resources, sustainable development, sustainable economic development, theory of sustainable development, energy potential, water and energy resources of the republic, ecology, economy, problems, hydropower, "green energy", directions, problems and main directions of water and energy resources within sustainable economic development.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Исайнов Ҳисайн Раҳимович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети иқтисод ва идора. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-40-61-42**. E- mail: **Rahimovich@mail.ru**
***Казокзода Умеда Ҳурматулло* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **111-18-17-16**

**Сведения об авторах:** ***Исайнов Хисайн Рахимович* -** Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, декан факультета экономики и управления. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-40-61-42**. E-mail: **Rahimovich@mail.ru**
***Казокзода Умеда Хурматулло*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры национальной экономики и экономической безопасность. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **111-18-17-16**

**Information about the authors:** ***Isainov Hisain Rakhimovich* -** Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Dean of the Faculty of Economics and Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-40-61-42.** E-mail: **Rahimovich@mail.ru**
***Kazokzoda Umeda Khurmatullo*** - Tajik National University, doctoral student Ph.D of the Department of National Economy and Economic Security**.** Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **111-18-17-16**

**ТДУ: 336.71.078.3**

# МАСОИЛИ СОЛИМГАРДОНИИ ВАЗЪИ МОЛИЯВИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Икромов Ф.Н., Икромов Н.Қ., Содиқзода П.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Дар шароити иқтисоди бозорӣ падидаҳои буҳронӣ ва ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ, ки бесуботии бахши молиявию бонкӣ ба назар мерасад, ташкили низоми муассири танзими зиддибуҳронии фаъолияти бонкдорӣ, хусусан дар бонкҳои тиҷоратӣ аҳамияти хос пайдо кардааст, зеро онҳо ба фаъолияти муътадили иқтисодиёт таъсир мерасонанд. Аз ин лиҳоз, зарурати таҳияи солимгардонии вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратиро дар сатҳи миллӣ ҳамчун як низоми ҷудонопазири қобилияти устувории бахши бонкӣ асоснок намудан муҳим аст, чунки таҷрибаи амалии давлатҳои ҷаҳон ва Тоҷикистон нишон дод, ки пайдоши буҳронҳо, воқеияти объективии иқтисодӣ дошта, таъсираш мустақиман ба тамоми бахшҳои иқтисодиёт мерасад.

Дар робита бо ин, ҳеҷ як давлат наметавонад оқибатҳои иқтисодии буҳронҳои бамиёномадаро ба пуррагӣ бартараф намояд, аммо дар таҷриба имконияти кам кардани оқибатҳои манфии онҳо ва ба танзим даровардани низоми чораҳои зиддибуҳронӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ вуҷуд дорад. Масъалаи танзими зиддибуҳронии фаъолияти бонкӣ дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ироа гардида буд, чунин қайд гардид, ки «*Буҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ моро водор месозад, ки иқтисоди воқеии кишварро мавриди таҷдид ва азнавсозӣ қарор диҳем*» [8]. Аз ин нуктаи Паём бармеояд, ки идоракунии буҳрон ҳамчун падидаи бисёрҷанба аст, матраҳ намудани он ҳамчун як низоме, ки унсурҳояш бо ҳам алоқаманд буда, дар ҳамбастагӣ бо унсурҳои сиёсати давлатӣ оид ба танзими фаъолияти бонкӣ амал мекунанд.

Қобили зикр аст, ки аксари тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ аз ҷониби Ҳукумат андешида шудаанд. Сарфи назар аз он, ки Бонки миллии Тоҷикистон дорои силсилаи кофии воситаҳоест, ки ба ӯ дар нигоҳдории суботи молиявии бонкҳои алоҳида имконият медиҳанд, пас аз буҳрони ҷаҳонии молиявӣ маълум гардид, ки дар қонунгузорӣ механизми дастгирии суботи молиявӣ дар сатҳи системавӣ муайян нагардидааст. Аз ин нуқтаи назар, собит кардани меъёрҳои мақбул дар низоми қонунгузориҳои бонкӣ ҷиҳати пешгирӣ намудан аз оқибатҳои иқтисодию молиявии падидаҳои нави буҳронӣ лозим аст.

Ҳамзамон, ба низоми танзими зиддибуҳронӣ шомил кардани ниҳодҳои худтанзимкуние, ки танзими зиддибуҳронии аз ҷониби мақомоти давлатӣ гузарондашавандаро такмил дода, ба таҳкими бахши бонкӣ тавассути иштирок дар таҳия ва ташхиси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва татбиқи стандартҳои сифати фаъолияти бонкӣ мусоидат хоҳанд намуд, зарур мебошад.

Ҳодисаҳои солҳои охир воқеияти иқтисодиро, ки дар он низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, тағйир дод. Дар айни замон, бисёр иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо чунин савол рӯ ба рӯ мешаванд, ки «*нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Тоҷикистон чӣ гуна ба шароити тағйирёбандаи макро- ва микроқтисодӣ зуд мутобиқ мешаванд ва ё барои мутобиқат намудани онҳо чӣ шарту шароит зарур аст*?». Бинобар ин, моро зарур аст, ки масоили гузошташудаи вазъи молиявии бонкҳои ватаниро дар шароити буҳронӣ дида мебароем.

Албатта, таҳримҳо, беқурбшавии якбораи пули миллӣ, афзоиши буҳрон ва номуайянии баланди иқтисодӣ барои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон як озмоиши воқеии неру гаштанд. Барои бисёре аз бонкҳои тиҷоратӣ буҳрони кунунӣ бинобар мушкилоте, ки ҳатто баъд аз буҳрони молиявии солҳои 2008-2009 ҳалли худро наёфта буданд, дар натиҷа бо далели нокифоятии сармоя ва пардохтпазирӣ аз таъмини «бехатарии молиявӣ» маҳрум кард.

Тадбирҳое, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар охири соли 2014 ва нимаи аввали соли 2015 андешид, барои зуд ва самаранок пахш кардани падидаҳои буҳрони рушдёбанда ва пешгирӣ аз оқибатҳои он дар бахши бонкӣ зарур буданд. Заиф шудани меъёрҳои захиравӣ барои як қатор амалиётҳои қарзӣ ба бонкҳо таҷриба шуд, ки аз ҷалби ҳаҷми зиёди захираҳои молиявӣ (яъне, ҷалби пасандозҳо) канорагирӣ кунанд ва фишори ба сармоя овардашавандаро коҳиш диҳанд.

Ҳангоми арзёбии сенарияҳои имконпазири рафъи буҳрон, маълум мешавад, ки тадбирҳои кӯтоҳмуддати дастгирии бахши бонкӣ шояд кофӣ набошанд. Вобаста ба ин, вақти боқимондаро барои мувофиқат ба воқеиятҳои нави иқтисодӣ ба қадри имкон пурсамар истифода бурдан лозим аст. Таҳия ва татбиқи стратегияи самарабахши рушди бахши бонкӣ замимаи муассиртарин ва назаррас ба барномаҳои дастгирии давлатӣ ба назар мерасад, ки дер ё зуд дар шароити буҳрони кунунӣ бояд ҳангоми афзоиши касри буҷа тадриҷан коҳиш дода шавад.

Аллакай дар охири соли 2020 ташкили кор оид ба стратегияи нави рушди бахши бонкӣ дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуддат зарур аст, ки дар он ҳам тағйироте, ки дар иқтисоди Тоҷикистон ба амал омадаанд ва ҳам мушкилоти наве, ки бахши бонкӣ метавонад дучор ояд, ба назар гирифта шаванд. Ҳамзамон, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳадафҳо ва вазифаҳои ҷонибҳои манфиатдори асосӣ, ба монандӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бонкҳои тиҷоратӣ, мизоҷон ва сармоягузорон инъикоси худро ёфтаанд.

Дар ин баррасии махсус як қатор чораҳое пешниҳод мегарданд, ки ба назар мувофиқтарин ва амалан дар бахши бонкии Тоҷикистон татбиқшаванда мебошанд. Тадбирҳои пешниҳодшуда барои ҳалли баъзе мушкилоти сохтории бахши бонкии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, ба танзимгар ва иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои бонкӣ шароити зарурӣ ва воситаҳои самараноки таъмини суботи молиявиро фароҳам меоранд. Ин пешниҳодҳо таҷрибаи беҳтарини байналмилалиро ба назар мегиранд ва таҳияи асбобҳои мавҷуда ва фаъолона истифодашавандаи таъмини суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд ва ё дар баъзе ҳолатҳо ҳуҷҷатҳои мавҷударо пурра мекунанд.

Рушди муносибатҳои молиявии ҳар як давлат аз суботи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ вобаста аст. Дар марҳилаи пасазбуҳронӣ (солҳои 2015-2017 ва соли 2020) вазъи молиявии як қисми назарраси бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон низ ноустувор боқӣ монд. Пеш аз баррасии самтҳои ба эътидол овардани вазъи молиявӣ ва рушди устувор, сатҳи самаранокии истифодаи механизмҳои идоракунии зиддибуҳронии бонкҳои тиҷортиро пурра таҳлил кардан лозим аст, то ки бо ёрии онҳо бонкҳоро аз ҳолати ноустувор берун овардан мумкин бошад.

Ғайр аз ин, таҳлили ин механизмҳо, на танҳо аз нуқтаи назари самараи кӯтоҳмуддатии он, балки аз нуқтаи назари фароҳам овардани имкониятҳои иқтидорӣ (потенсиалӣ) барои рушди устувори минбаъда дар давраи пас аз буҳрон низ бояд арзёбӣ кард.

Дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ низоми методологии стратегияи ҷории вазъи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чунин норасоиҳо: Кумитаи суботи молиявӣ (Кумитаи миллӣ) ва Бонки миллии Тоҷикистон марҳилаҳои давраи тамоюли рушди ҳар як бонкро дар алоҳидагӣ ба назар намегиранд ва ҳолати ояндаи онҳоро пешгӯӣ намекунанд; вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва тамоюли рушди воқеии онҳо дар ВАО (воситаи ахбори омма) бо далелҳои воқеӣ инъикос намегардад; вазъи ҷории молиявии бонкҳо бидуни баррасии имконоти эҳтимолии рушди стратегӣ, аз ҷумла фаъолияти бомуваффақият дар давраи пас аз буҳрон муайян намегардад, иборат буданд.

Истифодаи методологияи стратегии вазъи молиявии бонкҳо имкон медиҳад, ки фаъолияти молиявӣ танҳо дар пӯёи солҳои гузашта баҳо дода шавад. Дар айни замон, татбиқи дурусти арзёбӣ ба вазъи молиявии бонкҳо на ҳамавақт қобили қабул ва пешгӯишаванда аст. Аз ин лиҳоз, методологияи баҳодиҳии вазъи молиявие, ки ба талаботи рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ мувофиқат мекунад, бояд дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шавад. Ба андешаи мо, дар шароити муосир

модели таҳлили рушди молиявии бонкҳои тиҷоратиро дар асоси таҳлили динамикӣ ва ба омӯхтани вазъи молиявӣ дар тамоюли рушди солҳои гузашта, ҳозира ва ояндаи он ташаккул додан зарур аст.

Аз нуқтаи назари муҳаққиқон, татбиқи механизмҳои идоракунии зиддибуҳронӣ дар ҷараёни суботи молиявӣ ва солимгардонии бонкҳо ба андозаи бештар имкониятҳои қарздорро барои рушди пас аз буҳрон ба назар мегиранд [1].

Солимгардонии молиявӣ яке аз чораҳои муҳимтарин барои пешгирии муфлисшавии бонкҳои тиҷоратӣ мебошад.

Аз нуқтаи назари баъзе аз муҳаққиқон, хусусан Мозговая И.Б. «солимгардонии молиявӣ - ин маҷмуи шаклҳо, моделҳо ва усулҳои ба ҳолати мутаносибан мувофиқ расонидани уҳдадориҳои молиявии шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки ба иҷрои саривақтӣ ва пурраи уҳдадориҳо ва пардохтҳои пулӣ, таъмини гардиши дурусти ҷараёни захираҳои молиявӣ, бартараф намудани номутавозинии онҳо ва зуҳуроти аломатҳои пардохтпазирӣ равона шудааст» [7].

Солимгардонии вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи буҳрон, ин барқарор намудани сармояи оинномавии бонкҳо ба сатҳе, ки меъёрҳои ҳатмии иқтисодӣ риоя ва барқарор кардани ташкилоти қарзӣ ба фаъолияти муътадил ва устувор равона карда шудааст, мебошад. Барои ноил шудан ба натиҷаи мусбии солимгардонии молиявӣ, барқароркунии қобилияти пардохтпазирӣ, оғози саривақтӣ ва хусусияти системавии чораҳои зиддибуҳронӣ талаб карда мешавад. Тибқи назарияи Виноградов А.В. барои таҳияи чораҳои зиддибуҳронии бонкҳо чунин имкониятҳоро фароҳам овардан лозим аст:

• гузаронидани фаъолияти мунтазамии мониторинг ва ташхиси вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ;

• солимгардонии молиявии бонкҳо аз ҳисоби ҷалби сармояи хориҷӣ, воситаҳои буҷетӣ ва ғайра;

• оптимизатсияи сохтори сармояи бонкҳои тиҷоратӣ [2].

Дар айни замон, воситаи асосии тавсифкунандаи сифати бонкҳо таҳлили фаъолияти молиявӣ ва таҳияи нақшаи солимгардонии вазъи молияви бонкҳо мебошад.

Нақшаи солимгардонии вазъи молиявие, ки мо пешниҳод менамоем аз се бахш иборат аст. Дар бахши аввал, рӯйхат ва арзёбии сабабҳои вазъияти буҳронӣ мебошад. Дар бахши дуюм, маълумот дар бораи натиҷаҳои пешбинишудаи татбиқи он оварда шудааст, аз ҷумла арзиши коэффитсиентҳои ҳатмӣ, динамикаи сармояи оинномавии бонк, муҳлати солимгардонии сатҳи кофигии сармояи саҳомӣ ва пардохтпазирии ҷорӣ. Ҳама чораҳои солимгардонии молиявии бонкҳо бояд асоснок ва бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ карда шаванд. Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда метавонанд инҳо бошанд:

• иқтибос аз қарори созмонҳои ё ташкилотҳои байналхалқӣ (ХБА, бонки ҷаҳонӣ ва ғ.) ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки иштироки бонкро дар баъзе барномаҳо ё дастгирии мақомоти давлатии субъектҳои таъсисии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солимгардонии молиявии бонкҳо тасдиқ мекунанд;

• иқтибосҳо аз қарорҳои Шурои директорони бонк;

• созишномаҳо, қарордодҳо, шаҳодатномаҳои моликият;

• ҳуҷҷатҳое, ки мақсади иштирокчиён, қарздорон ва шахсони дигарро барои маблағгузории иловагӣ ба сармояи оинномавии бонкҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо тасдиқ мекунанд.

Ба андешаи мо, чораҳои солимгардонии молиявии бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чунин зерқисмҳо бояд иборат бошанд (ниг. ба расми 1):

1. Додани кумаки молиявӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷониби муассисон ва шахсони дигар. Чунин кумак метавонад дар шакли зерин расонида шавад:

• ҷойгир кардани маблағҳо ба бонк дар шакли пасандоз;

• таъмини кафолати қарзҳо ба бонк, муҳлат ё батаъхиргузорӣ;

• интиқоли қарзи бонк ҳамчун дивиденд ва интиқоли он (мусоидат) ба татбиқи чораҳои солимгардонии молиявии бонк;

• саҳми иловагӣ ба сармояи оинномавии бонк;

• бахшидани як қисми қарзи бонкҳо;

• навовариҳо.

2. Тағйирот дар сохтори дороиҳо ва сохтори уҳдадориҳои бонкҳо метавонанд инҳоро дар бар гиранд:

• баланд бардоштани сифати портфели қарзӣ;
• кам кардани хароҷоти бонкӣ;
• афзоиши сармояи саҳмӣ;
• кам кардани ҳаҷм ва ҳиссаи уҳдадориҳои ҷорӣ ва кӯтоҳмуддат дар сохтори умумии уҳдадориҳо.

3. Мутобиқ намудани андозаи сармояи оинномавии бонкҳо ба андозаи маблағҳои худи он.

4. Тағйир додани сохтори ташкилии бонк, масалан:

• тағйирот дар ҳайат ва шумораи кормандон;
• кам ва барҳамдиҳии воҳидҳои алоҳида ва дигари бонкҳо мебошанд.

**Расми 1. Механизми солимгардонии молиявии бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Figure 1. Mechanism of financial recovery of banks in the Republic of Tajikistan**




Сарчашма: таҳияи муаллифон

Бонк метавонад бо иштироки маъмурияти муваққатие, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шудааст (агар ваколатҳои мақомоти иҷроия дар ин самт маҳдуд бошанд), ё танҳо аз ҷониби маъмурияти муваққатӣ, мақомоти иҷроияи бонк ва сармуҳосиби бонк бардошта мешаванд, агар онҳо дар раванди иҷрои нақшаи солимгардонии молиявии бонк саҳм гузошта тавонанд. Инчунин, маъмурияти муваққатӣ, вазифадор аст, ки ба бонк нақшаи солимгардонии онро пешниҳод кунад ва агар аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад, кӯшиш кунад, ки онро дар амал татбиқ намояд.

Аз таҳлили зерқисмҳои сенарияи солимгардонии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин натиҷа омадан мумкин аст, ки бояд тамоми раванди зерқисмҳои солимгардонии дар боло номбаргардида муттаҳид (гурӯҳбандӣ) карда шаванд, то ки он дар амалия барои танзими дурусти чораҳои зиддибуҳронӣ натиҷаи мусбӣ диҳад. Аз ин лиҳоз, муттаҳидкунии ин раванди солимгардонии бонкҳоро мо ба воситаи ҷузъиётҳои асосии сиёсати суботи молиявӣ дар бонкҳо инъикос менамоем (ниг. ба расми 2).

Солимгардонии бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз се ҷузъиёти асосӣ таркиб меёбанд, ки инҳо:

- **(Ҷузъи I)** Сиёсати макропруденсиалӣ - дар робита бо фароҳам овардани имкониятҳо барои ошкор кардани хатари низоммандӣ дар бахши бонкӣ;
- **(Ҷузъи II)** Назорати микропруденсиалӣ - дар самти таъмини фаъолияти бонкҳо мутобиқи ҳадафҳои устувории молиявӣ, омодагии бонкҳо ба буҳрон ва пешгирии муфлисшавӣ;
- **(Ҷузъи III)** Идоракунии буҳронҳо - дар самти баланд бардоштани самаранокии идоракунии буҳрон ҳам дар сатҳи бонкҳои алоҳида ва ҳам дар сатҳи низоми бонкӣ мебошанд.

Бонкҳо ҳамчун иштирокчии фаъоли сиёсати молиявӣ дар нигоҳ доштани суботи молиявии бонк тавассути идоракунии хавфҳои фаъолияти худ ва мутобиқи стратегияи рушди бахши молия саҳм мегузоранд (ниг. ба расми 2).

**Расми 2. Ҷузъиётҳои асосии сиёсати суботи молиявӣ дар бонкҳо**
**Figure 2. The main details of the financial stability policy in banks**




Сарчашма: таҳияи муаллифон

Аз расми овардашуда ба мо айён мегардад, ки бахши низоми бонкии Тоҷикистон минбаъд бояд дар заминаи сиёсати таъмини суботи молиявӣ аз рӯйи ҷузъҳои асосии он инъикос гардад. Пешниҳоди мазкур барои ҳалли масъалаҳои муҳим дар низоми бонкӣ нигаронида шудаанд. Бинобар ин, дуруст татбиқ намудани онҳо дар устувории бахши низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон кумак намуда, ҳамзамон, заминаи рушди устуворро пас аз буҳрон таъмин мекунад.

Тадбирҳои пешниҳодшуда таҷрибаи беҳтарини байналмилалиро ба назар гирифта, таҳияи воситаҳои мавҷуда ва фаъолона истифодашавандаро барои таъмини суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар баъзе ҳолатҳо воситаҳои мавҷударо дар низоми бонкӣ пурра мекунанд.

Албатта, барои амалӣ намудани ҷузъиётҳои номбаргардида дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи Стратегияи рушди бахши молиявии бонкҳо ва сиёсати муфассали суботи молиявӣ лозим аст, чунки Стратегияи таҳиянамуда имкон медиҳад, ки тадбирҳои дар боло зикргардидаро ба як низоми муайян муттаҳид намояд. Татбиқи сенарияи мазкур, дарояндаи наздик муфассал муайян кардани устувории молиявӣ ва ҳадафҳои сиёсати дахлдор, инчунин, таҳияи маҷмуи чорабиниҳо оид ба таҳкими воситаҳои таъмини суботи молиявӣ ва тавсифи сохтории фаъолияти амикро ба бор меорад. Дар баробари ҳамаи ин, афзудани таваҷҷуҳи бонкҳо ба идоракунии сифати хавфҳои муҳим ва дастгирии доимӣ барои беҳтар намудани идоракунии хавфи бонкҳо аз ҷониби танзимгар лозим аст, чунки бо ин васила дар бонкҳо сатҳи самаранокӣ бо назардошти хавфҳо ва омодагии онҳо ба буҳрон таъмин мегардад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Давлатшоев О.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**

1. Батьковский М.А. Анализ финансового состояния предприятия и внутренние механизмы его оздоровления / М.А. Батьковский, И.В. Булава, К.Н. Мингалиев // Экономический анализ. - 2009. -№31. -С.18-25.
2. Виноградов А.В. Финансовое оздоровление в условиях реструктуризации банковской системы: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.10 / А.В. Виноградов. -СПб., 2001. -255 с.
3. Давлатов Н.А. Роҳҳои тадбиқ ва баландбардории самаранокии олотҳои қарзӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ [Матн] / Н.А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2021. -№3. -Қисми II. -С.35-47.
4. Давлатов Н.А. Таҳлили вазъи молиявию қарзии таъмини талаботҳои субъектҳои кишоварзии Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2021. -№4. -С.104-111.
5. Икромов Ф.Н. Механизм регулирования антикризисных мер банков в Республике Таджикистан [Текст] / Ф.Н. Икромов, Н.К. Икромов // В сборнике: Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства. Сборник научных трудов. Под общей редакцией З.О. Адамановой. -Симферополь, 2022. -С.227-231.
6. Икромов Ф.Н. Проблемы развития институтов рынка ценных бумаг в Республике Таджикистан [Текст] / Ф.Н. Икромов // В сборнике: Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства. Сборник научных трудов. Под общей редакцией З.О. Адамановой. -Симферополь, 2022. -С.224-227.
7. Мозговая И.Б. Финансовое оздоровление коммерческого банка: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.10 / И.Б. Мозговая. -Саратов, 2003. – С. 35.
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/194
9. Хушвахтзода К.Х. Роль банковского кредитования в развитии малого сельскохозяйственного бизнеса [Текст] / Хушвахтзода К.Х., Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. -№7. -С.35-41.
10. Хушвахтзода Қ.Х. Хусусиятҳои истифодаи захираҳои молиявию қарзии субъектҳои бахши кишоварзӣ [Матн] / Хушвахтзода Қ.Х., Н.А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. -№5. -С.5-11.
11. Хушвахтзода, К.Х. Финансово-кредитные ресурсы развития сельского предпринимательства (концептуальные вопросы) / Хушвахтзода К.Х., Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. -№8. -С.5-10. -EDN WCYQFV.

## МАСОИЛИ СОЛИМГАРДОНИИ ВАЗЪИ МОЛИЯВИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур муаллифон механизми солимгардонии вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод кардаанд. Аз нуқтаи назари муаллифон солимгардонии вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи буҳрон, ин барқарор кардани сармояи оинномавии бонкҳо ба сатҳе, ки меъёрҳои ҳатмии иқтисодӣ риоя карда мешавад ва барқарор кардани ташкилоти қарзӣ ба фаъолияти муътадил ва устувор равона карда шудааст, мебошад. Барои ноил шудан ба натиҷаи мусбии солимгардонии молиявӣ, барқароркунии қобилияти пардохтпазирӣ, оғози саривақтӣ ва хусусияти системавии чораҳои зиддибуҳронӣ талаб карда мешавад. Қобили зикр аст, ки аксари тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ аз ҷониби Ҳукумат андешида шудаанд. Сарфи назар аз он, ки Бонки миллии Тоҷикистон дорои силсилаи кофии воситаҳоест, ки ба ӯ дар нигоҳдории суботи молиявии бонкҳои алоҳида имконият медиҳанд, пас аз буҳрони ҷаҳонии молиявӣ маълум гардид, ки дар қонунгузорӣ механизми дастгирии суботи молиявӣ дар сатҳи системавӣ муайян нагардидааст. Аз ин нуқтаи назар, собит кардани меъёрҳои мақбул дар низоми қонунгузориҳои бонкӣ ҷиҳати пешгирӣ намудан аз оқибатҳои иқтисодию молиявии падидаҳои нави буҳронӣ лозим аст. Тадбиқи сенарияи пешниҳоднамуда дарояндаи наздик, ин муфассал муайян намудани устувории молиявӣ ва ҳадафҳои сиёсати дахлдор, инчунин, таҳияи маҷмуи чорабиниҳо оид ба таҳкими воситаҳои таъмини суботи молиявӣ ва тавсифи сохтории фаъолияти амиқ мебошад.

**Калидвожаҳо:** ташкилоти қарзӣ, бонк, бонкҳои тиҷоратӣ, стратегия, стратегияи бонк, қарзи бонкӣ, сиёсати қарзии бонк, солимгардонии бонк, вазъи молиявии бонк.

## ВОПРОСЫ ОЗДОРОВЛЕНИЯ ФИНАНСОВОГО СОСТОЯНИЯ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье авторы предложили механизм улучшения финансового положения коммерческих банков в Республике Таджикистан. С точки зрения авторов, оздоровление финансового положения коммерческих банков в период кризиса заключается в восстановлении уставного капитала банков до уровня, соответствующего обязательным экономическим нормативам, и в восстановлении устойчивой и стабильной работы кредитной организации. Для достижения положительного результата финансового оздоровления, восстановления платежеспособности требуется своевременное инициирование и системность антикризисных мер. Стоит

отметить, что большая часть антикризисных мер на уровне республики была предпринята Правительством. Несмотря на то, что Национальный банк Таджикистана обладает достаточным набором инструментов, позволяющих поддерживать финансовую устойчивость отдельных банков, после мирового финансового кризиса стало ясно, что механизм поддержания финансовой стабильности на системном уровне не определен в законодательстве. С этой точки зрения, необходимо установить приемлемые нормы в системе банковского законодательства во избежание экономических и финансовых последствий новых кризисных явлений. Применение предложенного сценария в ближайшее время заключается в детальном определении финансовой устойчивости и целей соответствующей политики, а также разработке комплекса мер по усилению средств обеспечения финансовой устойчивости и структурного описания глубокой деятельности.

**Ключевые слова:** кредитная организация, банк, коммерческие банки, стратегия, стратегия банка, банковский кредит, кредитная политика банка, оздоровление банка, финансовое положение банка.

**ISSUES OF IMPROVED FINANCIAL CONDITION OF COMMERCIAL BANKS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

In the article, the authors proposed a mechanism for improving the financial situation of commercial banks in the Republic of Tajikistan. From the point of view of the authors, the recovery of the financial situation of commercial banks during the crisis is to restore the authorized capital of banks to a level consistent with mandatory economic standards, and to restore the credit institution to a stable and stable operation. To achieve a positive result of financial consolidation, restoration of solvency, timely initiation and consistency of anti-crisis measures is required. It is worth noting that most of the anti-crisis measures at the republic level were undertaken by the Government. Despite the fact that the National Bank of Tajikistan has a sufficient set of tools to maintain the financial stability of individual banks, after the global financial crisis it became clear that the mechanism for maintaining financial stability at a systemic level was not defined in the legislation. From this point of view, it is necessary to establish acceptable norms in the banking legislation system in order to avoid the economic and financial consequences of new crisis phenomena. The application of the proposed scenario in the near future consists in a detailed definition of financial sustainability and policy objectives, as well as the development of a set of measures to strengthen the means of ensuring financial stability and a structural description of deep activities.

**Keywords:** credit institution, bank, commercial banks, strategy, bank strategy, bank credit, bank credit policy, bank recovery, bank financial position.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Икромов Фазлиддин Нуриддинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **981-07-67-67**. E-mail: **Fazliddin-91-91@mail.ru**

***Икромов Нуриддин Қиёмович –*** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молия ва қарз. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад, 48/5. Телефон**: 933-76-76-76**

***Содиқзода Парвиз* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 100119306.** E-mail: **parvizis91@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Икромов Фазлиддин Нуриддинович*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой управления государственными финансами. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **981-07-67-67.** E-mail: **Fazliddin-91-91@mail.ru**

***Икромов Нуриддин Киёмович* -** Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент, декан факультета финансов и кредита. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Борбад, 48/5. Телефон**: 933-76-76-76**

***Содикзода Парвиз* -** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 100119306.** E-mail: **parvizis91@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Ikromov Fazliddin Nuriddinovich* -** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Public Finance Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, pr. Rudaki, 17. Phone: **981-07-67-67.** E-mail: **Fazliddin-91-91@mail.ru**

***Ikromov Nuriddin Kiyomovich* -** International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Dean of the Faculty of Finance and Credit. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad St. 48/5. Phone**: 933-76-76-76**

***Sodikzoda Parviz* -** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, pr. Rudaki, 17. Phone**: (+992) 100119306.** E-mail: **parvizis91@mail.ru**

ТДУ: 336.41(575.3)

# НИЗОМИ БОНКӢ: МОҲИЯТИ ИҚТИСОДӢ, ТАҲАВВУЛОТ, ХУСУСИЯТҲО ВА УНСУРҲОИ ТАРКИБИИ ОН

***Ғаниев Р.Ғ., Сафаров М.М.***
**Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Низоми бонкӣ унсури таркибии иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб рафта, ташаккул ва инкишофи соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ аз фаъолияти самараноки он вобастагӣ дорад. Муносибатҳои хоҷагидорӣ ва тақвияти онҳо аз дараҷаи рушди низоми бонкӣ вобастагии амиқ дошта, ҳамгироии субъектони иқтисодӣ тариқи ташкилотҳои қарзӣ роҳандозӣ карда мешавад. Таъмини иқтисодиёт бо захираҳои пулӣ, молиякунонии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт тавассути ташкилотҳои қарзӣ ба роҳ монда мешавад.

Алалхусус, дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар, зарур аст, ки ташкилотҳои қарзӣ фаъолияти самаранок дошта бошанд. Устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун нишондиҳандаи муҳими низоми бонкии мамлакат ба ҳисоб рафта, механизми нигоҳдории он бояд коркард ва татбиқ карда шавад. Ташкилотҳои қарзии аз нигоҳи молиявӣ устувор дар таҳкими иқтисоди миллӣ нақши калидӣ доранд ва пешбарандаи фаъолияти субъектони иқтисодӣ мебошанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазъи молиявии низоми бонкӣ бозгӯкунандаи эътимонокии он буда, дар ҷалби пасандозҳо ва табдилдиҳии онҳо ба сармоя нақши созанда дорад. Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ пайваста баландбардории эътимоднокӣ ва устуворгардонии ҳолати молиявии ташкилотҳои қарзиро таъкид менамоянд [8]. Президенти кишвар бевосита ба таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ аҳамияти хоса зоҳир намуда, раванди инкишофи низоми бонкиро зери назорати худ қарор додаанд, ки ин омил метавонад вазъи молиявии низоми бонкиро устувор нигоҳ дорад ва ба ин васила соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба таври зарурӣ рушд ёбанд.

Бояд қайд намуд, ки таҳкими минбаъдаи ташкилотҳои қарзӣ ва фаъолияти самараноки онҳо аз истифодаи саривақтии технологияи инноватсионӣ вобаста мебошад. Раванди густариши технологияҳои инноватсионӣ босуръат идома дорад ва ташкилотҳои қарзии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунандаро лозим меояд, ки аз ин ба таври комил истифода намоянд. Баландбардории сифати хизматрасониҳои бонкӣ, таҳкими зерсохтори бонкӣ, баландбардорӣ ва таъмини пардохтпазирӣ, баландбардории сатҳи рақобатпазирӣ, бозомӯзии ҳайати кормандон, ҷалби мутахассисони соҳабкасб ва таъмини эътимонокӣ дар оянда, бояд самтҳои афзалиятноке бошанд, ки фаъолияти самаранок ва устуворонаи ташкилотҳои қарзиро дар бозор таъмин намоянд [2,с.114].

Низоми бонкӣ, ки ҳадафи асосии он, таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ ва хизматрасонии субъектони иқтисодӣ дониста мешавад, бояд раванди такрористеҳсолотро таъмин намуда, ҳамкориҳои муттақобиларо бо бахшҳои иқтисоди миллӣ ба роҳ монад.

Бояд гуфт, ки низоми бонкӣ ва соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ бо ҳамдигар алоқамандии ногусастанӣ доранд. Ташаккули захираҳои бонкӣ аз вазъи молиявии субъектони иқтисодӣ вобаста буда, афзоиши он боиси тараққиёбии иқтисодиёт мегардад. Дар навбати худ, ҳолати хуби молиявии низоми бонкӣ заминаи мусоидро ҷиҳати рушди иқтисоди миллӣ фароҳам меорад. Пешниҳоди қарзҳо ба субъектони иқтисодӣ такрористеҳсолотро таъмин намуда, фазои муносиби инкишофёбии корхонаҳои хурду бузургро таҳия менамояд. Барои ин, яъне ноил гардидан ба рушди самараноки низоми бонкӣ, зарур аст, ки ҳамкориҳои муттақобилаи судманд татбиқ карда шаванд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи паҳлӯҳои назариявӣ – амалии асосҳои интитутсионалии низоми бонкӣ шарти муҳим ба ҳисоб меравад. Дар шароити муосири иқтисодӣ, ки ба низоми бонкӣ буҳронҳои гуногуни молиявӣ таҳдид

менамоянд, амалисозии низоми босамари бонкӣ ва банақшагирии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ нишондиҳандаи калидӣ мебошад.

Низоми бонкӣ ҳамчун истилохе, ки дорои моҳияти бисёрҷанба мебошад, дониста мешавад. Дар адабиёти иқтисодӣ ҷиҳати омӯзиши моҳияти низоми бонкӣ равишҳои зиёде мавҷуданд, вале равишҳое, ки миёни олимони соҳа вобаста ба ин самт бештар истифода мешаванд, равиши низомӣ ва равиши институтсионалӣ ба шумор мераванд. Таҳқиқи амиқи моҳияти низоми бонкӣ тақозо менамояд, ки равишҳои болозикрро мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор диҳем. Низоми бонкӣ, ки истилоҳи калидӣ инҷо «низом» ва ё «система» арзёбӣ мешавад, аз ташкилотҳои қарзие иборат мебошад, ки ба ҳам алоқамандии зич доранд. Истилоҳи «низом» на танҳо дар илми иқтисод, балки дар адабиёти фалсафӣ, маданӣ ва фарҳангӣ низ ба таври васеъ истифода карда мешавад, ки аз моҳияти фаррох доштани он гувоҳӣ медиҳад. Аввалин маротиба истилоҳи «низом» дар адабиёти Рими Қадим мавриди истифода қарор гирифта, маънои «кулле, ки аз ҷузъҳо ташкил ёфтааст»-ро ифода менамояд. Вобаста ба гуфтаҳои боло метавонем ақидаи И.Т. Фроловаро мавриди баррасӣ қарор диҳем, ки низомро ҳамчун ҷамъи ашёҳое, ки миёни ҳамдигари муносибати муттақобила доранд, тафсир намудааст. Ба ақидаи ӯ низом, муносибатҳои дуҷонибаи субъектоне фаҳмида мешавад, ки ҳадафи ягона доранд ва дар алоқамандӣ бо ҳамдигар фаъолият менамоянд [9,с.193]. Дар луғати С.И. Ожегов низом ҳамчун нишондиҳандаи томе, ки аз қисмҳои таркибӣ иборат мебошад, тафсир шудааст. Метавон зикр намуд, ки сарфи назар аз заминаи бузурги таҳқиқотҳои илмӣ, то ҳол моҳияти низом ба таври равшан возеҳ муайян нашудааст [7,с.112]. Ю.П. Сурмин дар кори таҳқиқотии худ «Назарияи система ва таҳлили системавӣ» низомро ҳамчун объекте, ки аз якчанд субъектҳо иборат мебошад, ба қалам додааст [11,с.53]. Муҳаққиқи австриягӣ К.Л. Берталанфи, ки дар ин самт таҳқиқотҳои зиёде анҷом додааст, низомро ҳамчун маҷмӯи унсурҳои ба ҳам алоқаманд медонад. К.Л. Берталанфи диққати махсусро ба ҳаракати субъектоне, ки дар доираи низом фаъолият менамоянд, равона намудааст [4,с.28]. Ӯ чунин меҳисобад, ки унсурҳои дар низом амалкунанда ба ҳамдигар таъсир мерасонанд ва раванди ташаккули низомро муайян менамоянд. Дар баробари ин Г.Э. Юдин, мафҳуми «низом»-ро таҳқиқ намудааст ва андешаҳои худро пешниҳод намудааст. Ӯ чунин меҳисобад, ки низом бояд дорои хусусиятҳои хосе ба монандӣ: -алоқамандии элементҳои низом; -ягонагии махсуси низом бо муҳити зист ва ғайраҳоро дар бар гирад. Ҳамин тариқ, низом на танҳо як бутун аст, ки аз унсурҳои мутақобила иборат аст, балки он маҷмӯи унсурҳоест, ки ҳамчун як қисми низоми дигари мураккабтар рафтори муайян доранд. В.С. Тюхтин бошад, зери мафҳуми низом маҷмӯи ҷузъҳои ба ҳам алоқамандро мефаҳмад, ки дорои хусусиятҳои ба ҳам монанд мебошанд [9,с.225]. А.И. Уемов низомро кулли объектҳое, ки дар онҳо муносибати пешакӣ муайяншуда бо хосиятҳои устувор амалӣ карда мешаванд, ба қалам додааст [14]. Бояд тазаккур дод, ки низом на танҳо нишондиҳандаи томе, ки аз ҷузъҳо иборат мебошад ва дар самти муайян фаъолияти муттақобила доранд.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо тафсирҳои дар боло овардашуда, ба ҳамдигар алоқамандии наздик доранд ва якдигарро такмил медиҳанд, ки ин омил сабаби ташаккули низом дар маҷмуъ мегардад. Дар асоси гуфтаҳои боло метавонем зикр намуд, ки низом шакли ташкилии ин ё он объект буда, муттаҳидшавии як қатор унсурҳоро мефаҳмонад, ки дар як радда фаъолият менамоянд ва дорои хусусиятҳои ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд.

Низоми бонкӣ низ ҳамчун объекте, ки дорои субъектони ба ҳам алоқаманд мебошад ва дар доираи муайян раванди фаъолияти онҳо роҳандозӣ гардидааст, фаҳмида мешавад. Низоми бонкӣ дорои сохтори мураккаб ва хусусиятҳои хоси худ буда, дар иқтисодиёт аз дигар низомҳо ба куллӣ фарқ менамояд. Низоми бонкӣ қонуниятҳои хоси худро дорад ва институтҳои қарзии ба ҳам алоқамандро зери як сохтори муайяни фаъолият муттаҳид сохтааст. Институтҳои қарзии дар низоми бонкӣ фаъолияткунанда, дар рушду инкишофи иқтисоди миллӣ нақши муассир доранд ва ҳамчун меҳвари низоми хоҷагидории мамлакат баромад менамоянд. В.В. Дементев мавқеи институҳоро дар раванди фаъолияти хоҷагидории ҳар як давлат муҳим арзёбӣ

менамояд. Институт ба ақидаи ӯ механизми иҷтимоӣ буда, фарогирӣ амали одамоне, ки ба рафтори дигарон нигаронида шудааст ва охириро ба як намуди муайяни рафтор маҷбур месозад, ба шумор меравад [3,с.27]. Г.Б. Клейнер бошад дар навбати худ қайд менамояд, ки кулли иқтисодиёт ба 4 унсури асосӣ гурӯҳбандӣ карда мешавад, ки институтҳо дар ин раддабандӣ мавқеи муҳимро касб намудаанд [5,с.13]. Г.Б. Клейнер унсурҳои асосии иқтисодиётро ба: объектҳо, институтҳо, равандҳо ва воқеаҳо (лоиҳаҳо) ҷудо мекунад. Вобаста ба ин институҳо дар консепсияи Г.Б. Клейнер ҳамчун механизмҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ба ҷараёни фаъолияти субъектони иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Институтҳо робитаҳо ва амалиёти муштараки инсонҳоро бо падидаҳо ва равандҳои иқтисодӣ ба роҳ мемонанд. Онҳо амалҳоро таҳким мебахшанд ва ба ҳамкориҳои иқтисодӣ мусоидат менамоянд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло метавонем қайд намоем, ки институтҳо дар раванди фаъолияти хоҷагидорӣ мавқеи муҳимро касб намудаанд ва ба воситаи онҳо алоқамандӣ ва ҳамкориҳо миёни субъектон татбиқ карда мешавад. Яъне институтҳо чаҳорчӯбаи муайяне мебошанд, ки ҳамкориҳои миёни одамонро маҳдуд намуда, дар баробари ин ба тартиб медароранд ва ин амал имкон медиҳад, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил карда шаванд.

Дар амалияи бонкӣ бошад, институтҳо аксар вақт танҳо ҳамчун ташкилоту муассисаҳои гуногун, ки ҷузъи низоми бонкӣ ҳастанд, фаҳмида мешаванд. Масалан, чунин равишро мо ҳамасола дар гузориши солонаи Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи рушди бахши бонкӣ мушоҳида менамоем.

Бо назардошти андешаҳои болозикр, ба фикри мо институҳоро метавон ба ду қисмат ҷудо намуд. Якум институҳое, ки маҷмуи қоидаҳоро муайян менамоянд ва институтҳое, ки дар шакли ташкилотҳо амал мекунанд. Шакли якуми институтҳо метавонанд заминаи қонунгузорӣ, анъанаҳо, шартномаҳо, дастурамалҳо ва ғайраҳо бошанд. Шакли дуюми институтҳо пеш аз ҳама ҷамъиятҳо саҳҳомӣ, иттиҳодияҳо, иттифоқҳои касаба, давлат, ҳизбҳои сиёсӣ, такшкилотҳои ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои таълмӣ, бонкҳо ва бюроҳои таърихи қарзӣ буда метавонанд.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки институт механизме мебошад, ки шакли ҳамкориҳои иҷтимоиро муайян менамояд ва онро ба тартиб даровара, иҷроишашро содда менамояд. Институҳои иқтисодӣ бошанд, қоидаҳо ва шаклҳои муносибатҳои иқтисодиро маҳдуд мекунанд, онро ба тартиби муайян медароранд ва ҷиҳати татбиқи он қоидаҳоро коркард мекунанд. Самаранокии фаъолияти институтҳо ба рушди иқтисодиёти мамлакат мусоидат менамоянд ва таҳкими соҳаҳои гуногун аз он вобастагӣ дорад. Д. Норт вобаста ба ин қайд менамояд, ки иҷрои вазифаҳо самаранокии институтҳоро инъикос менамояд ва дар инкишофи иқтисодиёт таъсири мусбӣ мерасонад [6,с.95].

Низоми бонкӣ, ки дорои институтҳои махсус мебошад, дар раванди иҷрои вазифаҳои худ иқтисодиёт имконияти молиявии субъектони низоми хоҷагидории мамлакатро тақвият бахшида, имкониятҳои такрористеҳсолиро меафзояд. Оид ба моҳияти истилоҳи «низоми бонкӣ» назарҳои олимон мухталифанд ва ақидаи ягона дар ин самт ҷой надорад (ҷадвали 1).

Низоми бонкӣ бояд аз нуқтаи назари институтсионалӣ омӯхта шавад, то ки самаранокии ин низом муайян гардад ва аҳамияти он дар иқтисоди миллӣ собит карда шавад. Асосҳои институсионалии низоми бонкӣ аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври назаррас мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст, ки омил сабаб костагардии мавқеи ташкилотҳои қарзӣ дар иқтисодиёт мегардад.

Дар ҷадвали 1 мафҳуми «низоми бонкӣ» аз нуқтаи назари олимони мухталиф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки метавонад то ҷое дар пажуҳиши ин падида кумак намояд ва нақши низоми бонкиро дар иқтисодиёт муайян созад. Аҳамияти низоми бонкӣ ҳамчун унсури калидӣ ба рушди иқтисодиёт дар ҳамон вақт боло меравад, ки паҳлуҳои институсионалии фаъолияти он мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирад.

**Ҷадвали 1. Гурӯҳбандии таснифоти низоми бонкӣ вобаста ба равиши истифодашуда**
**Table 1. Classification of the banking system depending on the approach used**

| Муаллиф | Таъриф | Шарҳ |
|---|---|---|
| ***Вобаста аз равиши системавӣ*** | | |
| *Раҳимов З.А.* | Низоми бонкӣ муҳимтарин унсури иқтисоди бозорӣ мебошад, ки ба воситаи он ҳисоббаробаркуниҳои миёни ташкилоту корхонаҳо татбиқ карда мешавад. | Камбудӣ: танҳо ҳисоббаробаркуниҳо миёни субъектон вазифаи низоми бонкӣ шарҳ дода шудааст. Вазифаҳои низоми бонкӣ дар иқтисодиёт фаротар аз ҳисоббаробаркуниҳо мебошад. |
| *Ибрагимов В.М.* | Низоми бонкӣ маҷмуи бонкҳое мебошад, ки вазифаи онҳо хизматрасонӣ ва ташкили маҷмуи муносибатҳо байни субъектони иқтисодӣ, давлат ва аҳолӣ мебошад. | Норасоиҳо: бонкҳо институтҳои ягонаи низоми бонкӣ нестанд. Муносибати бонкҳо бо давлат, аҳолӣ ва субъектони иқтисодӣ қисми низоми бонкӣ набуда, балки ҳамкориҳои онҳоро бо дигар муҳит нишон медиҳад. |
| *Лаврушин О.И.* | Низоми бонкӣ ҷузъи ҷудонашавандае мебошад, ки рушди устувори онро таъмин менамояд. Ҳамчун маҷмуи унсурҳо, онро метавон ба қисмҳои бунёдӣ, ташкилӣ ва идоракунӣ ҷудо намуд. | Камбудии асосӣ: ба махсусиятҳои низоми бонкӣ камтар таваҷҷуҳ зоҳир шудааст ва низоми бонкӣ ҳамчун дигар низомҳои иқтисодӣ шарҳ дода шудааст. |
| *Глушаков Н.Б.* | Низоми бонкӣ маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманд аст, ки бо ҳамдигар дар муносибатҳои устувор буда, фаъолият ва рушди онҳоро дар маҷмуъ таъмин мекунанд. | Камбудии асосӣ: хусусиятҳои хоси низоми бонкӣ инъикос наёфтаанд ва низоми бонкӣ ҳамчун дигар низомҳои иқтисодӣ шарҳ дода шудааст. |
| ***Вобаста аз равиши институтсионалӣ*** | | |
| *Сенин В.Б.* | Низоми бонкӣ механизми ҳамкориҳои муттақобилае, ки дар соҳаи сиёсати пулию қарзӣ фаъолият менамояд ва институтҳои махсусеро ба ҳам муттаҳид намудааст, фаҳмида мешавад. | Камбудии асосӣ: ибораи “институтҳои махсусгардонидашуда” мебошад. Дар низоми бонкӣ ба ғайр аз институҳои махсусгардонидашуда инчунин органҳои идоракунанда низ фаъолият менамоянд. Дигар ин аст, ки институтҳои махсусгардонидашуда ҳуқуқи татбиқи пурраи амалиёти бонкиро надоранд. |
| *Коробова Г.Г.* | Низоми бонкӣ маҷмуи ташкилотҳои қарзии дар дохили кишвар амалкунанда буда, дорои муносибатҳои дохилинизомӣ мебошад. | Таркиби институтсионалӣ яке аз хусусиятҳои муҳимтарини низоми бонкӣ мебошад. Аммо, ин хусусият доимӣ нест. Бинобар ин, ба андешаи мо тавассути он ифода намудани моҳияти низоми бонкӣ комилан мумкин нест. Илова бар ин, дар як таъриф фаро гирифтани тамоми институтҳое, ки ба низоми бонкӣ дохил мешаванд, хеле душвор аст. Дар ин таърифҳо танҳо ташкилотҳои қарзӣ ба низоми бонкӣ дохил карда шудаанд. |
| ***Вобаста аз равиши системавӣ - институтсионалӣ*** | | |
| *Печоник О.И.* | Низоми бонкӣ маҷмуи муносибатҳои қарзӣ ва муассисаҳои гуногуни молиявӣ | Муаллиф дар ин ҷо дигар субъектҳои низоми бонкиро ба |

| | | |
|---|---|---|
| | мебошад, ки ин муносибатҳоро амалӣ мекунанд. | назар нагирифтааст. Илова ба ин, дар низоми бонкӣ на танҳо амалиёти қарзӣ анҷом дода мешаванд. |
| ***Стародубсева Е.Б.*** | Маҷмуи ҳамаи бонкҳо низоми бонкиро ташкил медиҳад, ки раванди фаъолияти онҳо ба қонунгузорӣ муайян карда шуда, вазифаҳои ба ҳам алоқамандро иҷро менамоянд. | Норасоии асосӣ дар инҷо баррасии бонкҳо ҳамчун ягона элементи низоми бонкӣ мебошад. |

Сарчашма: муаллифон дар асоси корҳои илмии олимони ҷадвалро таҳия намудаанд.

Тафсирҳое, ки дар ҷадвали 1 оид ба моҳияти низоми бонкӣ оварда шудаанд, дар доираи равишҳои системавӣ, институтсионалӣ ва системавӣ-институтсионалӣ таҳия гардидаанд. Ба қисмати тафсирҳое, ки ба равиши системавӣ дохил мешаванд, дар онҳо низоми бонк ҳамчун низоми мушаххас дарҷ гардида, дар он танҳо баъзе аз хусусиятҳои он ин низом оварда шудааст. Тафсирҳои гурӯҳи институтсионалӣ бошанд, низоми бонкиро ҳамчун маҷмуи институтҳое, ки дар доираи як низом фаъолият менамоянд, муайян намудаанд. Тибқи равишҳои системавӣ – институтсионалӣ мафҳуми низоми бонкӣ нисбатан муфассал ва комил шарҳи худро ёфтааст. Хусусиятҳои низоми бонкӣ пурра инъикос гардида, ба таркиби институтсионалии он аҳамияти ҷиддӣ дода шудааст.

Маълум аст, ки тафсирҳои дар ҷадвали 1 гурӯҳбандишуда, ниҳоӣ нестанд ва танҳо фарогири андешаҳои муаллифони мухталифанд. Қариб дар кулли тафсирҳои овардашуда аломатҳои ҳарду равишро дидан мумкин аст. Мафҳумҳое, ки дар доираи равиши институтсионалӣ таҳия шудаанд, дорои аломатҳои муайяни мувофиқат буда, институтҳои низоми бонкӣ, дар навбати худ, ҳамчун унсурҳои асосии он баҳо дода шудаанд. Бояд зикр намуд, ки равишҳои системавӣ ва институтсионалӣ ба ҳамдигар мухолифат надоранд ва баръакс бо инъикоси мукаммали масъала якдигарро комил месозанд.

Г.Б. Клейнер бо назардошти аҳамияти калидӣ доштани «низом» дар муносибатҳои хоҷагидорӣ дарҷ менамояд, ки ҳама гуна низомҳои иқтисодӣ ва низоми бонкӣ низ, ки ҷузъи ҷудонопазири он ба ҳисоб меравад, аз зернизомҳо иборат мебошад [5,с.13]. Тибқи ақидаи Г.Б. Клейнер дилхоҳ низоми иқтисодӣ аз зернизомҳои ба худ хос таркиб меёбад ва раванди фаъолияти низомро дар маҷмуъ ба таври мукаммал роҳандозӣ менамояд. Маҷмуан Клейнер Г.Б. чунин меҳисобад, ки зернизомҳо бояд аз 7 қисмат иборат бошанд ва ба ҳамдигар алоқамандии наздик дошта бошанд.

Дар расми 1 зернизомҳои сохтори бонкӣ тибқи равиши Клейнер Г.Б. нишон дода шудааст.

**Расми 1. Зернизомҳо дар сохтори бонкӣ**
**Figure 1. Subsystems in the banking system**




Сарчашма: муаллифон дар асоси корҳои илмии [6] таҳия намудаанд

Расми 1, ки сохтори зернизомҳои бахши бонкиро инъикос менамояд, аз гуногунии зернизомҳои низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳад. Зернизомҳои дар боло овардашударо метавон дар дилхоҳ низоми иқтисодӣ истифода намуд. Яъне, зернизомҳо ҷузъҳои ҷудонопазири ҳар як низом ба ҳисоб рафта, фаъолияти густурда ва самаранокии низомро таъмин месозанд. Низоми бонкӣ бидуни зернизомҳои овардашуда ва фаъолияти мунтазами онҳо наметавонад мавқеи худро дар бозори устувор нигоҳ дорад. Ҳар яке аз зернизомҳо дар раванди кори низоми бонкӣ мавқеи муҳимми худро доранд ва дар маҷмуъ самаранокии фаъолияти онро метавонад таъмин намоянд.

Ҳамин тариқ, равиши системавӣ ба мо имкон медиҳад, ки низоми бонкиро ҳамчун як навъи низоми мушаххас, маҷмуи унсурҳо ё зерсистемаҳои бо ҳам алоқаманд ва такмилдиҳандаи ҳамдигар баррасӣ кунем. Равиши институтсионалӣ низ имконият фароҳам меорад, ки ҷанбаҳои институсионалии фаъолияти низоми бонкӣ мавриди омӯзиш қарор гирад. Равиши институтсионалӣ низоми бонкиро ҳамчун институти расмӣ ва фаъол дар низоми иқтисодии мамлакат инъикос менамояд.

Вобаста ба ин, метавонем зикр намоем, ки низоми бонкӣ ҳамчун шакли такмилёфта ва системаи дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Яъне низоми бонкӣ зернизоми равонии иқтисодӣ (ментальная подсистема) нест ва ҳамчун институти расмӣ дар иқтисодиёт амал мекунад. Низоми бонкиро наметавон ҷамъи захираҳо ва ё маҷмуи донишҳо баҳогузорӣ намуд. Дар асоси гуфтаҳои боло бояд қайд намуд, ки низоми бонкӣ институти расмӣ ва комили иқтисодӣ мебошад ва дар раванди муносибатҳои хоҷагирдорӣ мавқеи муҳимро касб намудааст.

Маҷмуан, агар аз як тараф низоми бонкиро ҳамчун механизме, ки шаклҳои ҳамкории байни иштирокчиёни муносибатҳои пулиро муайян намуда, онҳоро бо усулҳои гуногун татбиқ менамояд, донем, аз ҷониби дигар низоми бонкӣ дорои сохтори ташкилӣ мебошад ва таҷассумгари институти ташкилӣ аст. Аз нигоҳи шакли ташкилӣ-сохторӣ низ низоми бонкӣ хусусиятҳоеро, ки хоси институтҳо мебошад, дорост.

Дар баробари ин, мавҷудият ва фаъолияти низоми бонкӣ қонунан танзим карда мешавад, аз ин лиҳоз низоми бонкӣ ҳамчун зернизоми институтҳои расмии низоми иқтисодӣ дониста мешавад. Хусусияти низоми бонкӣ тавассути унсурҳо ва элементҳои он зоҳир мешавад. Унсурҳои низоми бонкӣ, ҳамчун ҷузъи сохтории низоми бонкӣ буда, дар раванди ташаккули низоми бонкӣ ва такмилдиҳии он нақши басо муҳим дорад. Дар монографияи худ Лаврушин О.И. асосҳои сохтории низоми бонкиро ба се қисмати асосӣ гурӯҳбандӣ менамояд [1,с.158]. Қисми ташкилӣ, қисми идоракунӣ ва қисмати бунёдӣ (фундаменталӣ) ба назари Лаврушин О.И. ҷанбаҳое ба ҳисоб меравaнд, ки дар рафти кори низоми бонкӣ нақши калидӣ доранд. Маълум аст, ки асоси фаъолияти низоми бонкиро зерсохтори он ташкил медиҳад, аз ин ҷост, ки гурӯҳбандӣ ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи он муҳим мебошад (расми 2).

Метавонем зикр намоем, ки сохтори низоми бонкӣ аз ҷанбаҳои муҳими фаъолият иборат буда, самаранокии раванди фаъолияти он аз зерсохторҳои бундёдии он вобастагӣ дорад. Пеш аз ҳама, ҷиҳати фаъолияти густурдаи низоми бонкӣ, бояд заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба ҷавобгӯ талаботи замони муосир дар робита ба рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ таҳия карда шавад. Фаъолият тибқи заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ асоси низоми бонкиро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, тақвияти заминаи ҳуқуқӣ ва такмилдиҳии он бахши бонкиро рушд дода, таъсири онро ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт боло мебардорад. Илова ба ин, ҷанбаҳои ташкилӣ-идоравӣ, ҳамчун қисмати муҳими низоми бонкӣ аст ва дар худ самтҳои идоракунии босифат, ташкили сохтори муайян, менеҷменти бонкӣ, татбиқи амалиётҳо ва аҳдҳои бонкӣ, ташкили фазои мусоиди корӣ барои кормандон, идоракунии захираҳо ва роҳандозии муносибати бонк бо дигар бонкҳои хориҷиро таҷассум менамояд. Самти асосии дигаре, ки ҳамчун зернизом дар рафти фаъолияти бонк аҳамияти ҷиддӣ дорад, ин қисмати функсионалӣ арзёбӣ мегардад. Қисмати функсионалии фаъолияти низоми бонкӣ татбиқгари муҳим дониста мешавад ва самтҳои: бозори байнибонкии асъор, ташкили раванди қарздиҳӣ, фаъолияти бонкҳо дар бозори суғурта, сармоягузории бонкҳо, таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ, даромаднокӣ, хароҷот, фоида ва самаранокии фаъолияти бонкҳоро фарогир мебошад.

**Расми 2. Сохтори институтсионалии низоми бонкӣ**
**Figure 2. Institutional structure of the banking system**




Сарчашма: муаллифон аз рӯи маълумотҳои [1] таҳия намудаанд.

Гузашта аз ин, бо назардошти равишҳои таҳқиқгардида ва назарияи умумӣ оид ба «низом» метавонем хусусиятҳои низоми бонкиро ба ду гурӯҳ ҷудо намоем. Хусусиятҳои низоми бонкиро ба қисмати хусусиятҳои умумӣ ва хусусиятҳои махсус ҷудо намудан мумкин аст. Агар ақидаи Сурмин Ю.П.-ро ба назар гирем, мебинем, ки низоми бонкӣ танҳо фарогири хусусиятҳои умумӣ мебошад [11,с.54]. Аммо, бо назардошти фаъолияти густурдаи низоми бонкӣ онро ба ду қисм ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ мебошад. Хусусиятҳои низоми бонкӣ бо назардошти равандҳои муосири иқтисодӣ ва фаъолияти васеъи он аз ҷониби мо ба гурӯҳҳои махсус ва умумӣ ҷудо карда шудааст.

Ба қисмати хусусиятҳои умумии низоми бонкӣ унсурҳои зеринро ворид намудан мумкин аст:

➢ Хусусияти маҳдудиятнокӣ. Дар доираи ин хусусият метавонем дарҷ намоем, ки низоми бонкӣ дорои унсурҳои тасодуфӣ нест ва фарогирандаи субъектҳои хоси худ мебошад. Низоми бонкӣ наметавонад, ки субъектонеро дар бар гирад, ки

самти фаъолияти онҳо ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт равона шудааст ва дорои ҳадафҳои дигар мебошанд;

➢ Хусусияти ягонагӣ. Зимни баррасии хусусияти мазкур метавон зикр намуд, ки низоми бонкӣ аз қисмҳои гуногуне иборат мебошад, ки як унсури куллро таҷассум менамояд. Яъне, субъектони низоми бонкӣ дар ҳолати зарурӣ метавонанд амалиёти худро иваз карда тавонанд. Масалан, барҳам додани як бонк наметавонад, ки ба фаъолияти кулли низоми бонкӣ таъсири манфӣ расонад ва амалиёти бонкиро аз байн барад. Дар чунин ҳолат, яке аз ташкилоти қарзӣ метавонад дигареро иваз намояд ва низоми бонкӣ фаъолияти мунтазами худро идома диҳад;

➢ Хусусияти сохтории низоми бонкӣ. Фаъолияти низоми бонкӣ на танҳо тариқи фаъолияти унсурҳои он муайян карда мешавад, балки дар ин раванд хусусияти сохтории он низ аҳамияти беандоза дорад. Ба таври мисол, қонуниятҳои системавӣ нишон медиҳад, ки шумораи бонкҳои тиҷоратии мустақил зиёд бошад, ба ҳамон андоза низоми бонкӣ аз нигоҳи молиявӣ устувор боқӣ мемонад [10,с.61]. Илова ба ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бонкҳои нисбатан хурдтар ба буҳронҳо тобовар мебошанд;

➢ Муносибат ва алоқа бо муҳити беруна. Низоми бонкӣ сохтори асосӣ ва муҳими иқтисодиёт ба шумор рафта, на танҳо дар бозори молиявӣ фаъолият мебарад, балки бо дигар субъектони хоҷагидории иқтисоди миллӣ ва соҳаҳои истеҳсолӣ ҳамкории муттақобила дорад. Маълум аст, ки захираҳои молиявии низоми бонкӣ аз ҳисоби муштариён ташаккул меёбад ва сифати дороиҳои бонкҳо аз иқтидорри молиявии муштариён вобаста аст. Дар навбати худ, аз вазъи молиявии низоми бонкӣ имкониятҳои рушди бахши воқеии иқтисодиёт фароҳам оварда мешавад. Пешниҳоди қарзҳо ба истеҳсолот танҳо дар ҳолати устувории молиявии низоми бонкӣ, кифоятии сармоя ва сатҳи зарурии сармоякунонии бонкҳо, метавонад роҳандозӣ карда шавад. Мисоли дигари муносибати муттақобилаи низоми бонкӣ бо муҳити берунаро метавонем пешбурди ҳисобҳои субъектони иқтисодӣ арзёбӣ намоем. Зеро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як субъекти иқтисодие, ки ҳамчун шахси ҳуқуқӣ бақайд гирифта шудааст, бояд дорои суратҳисоб дар ташкилотҳои қарзӣ бошад. Аз ин рӯ, кушодан ва пеш бурдани суратҳисобҳои субъектони иқтисодӣ ба уҳдаи низоми бонкӣ вогузор гардидааст ва омили мазкур сабаби тақвияти ҳамкориҳои низоми бонкӣ бо дигар бахшҳои иқтисодиёт мегардад.

Лозим ба ёдоварист, ки хусусиятҳо умумии дар боло овардашударо метавонем дар дилхоҳ низом истифода намоем. Аммо, хусусиятҳои махсус, танҳо вобастаи низоми бонкӣ мебошад ва дараҷаи рушди низоми бонкӣ аз иҷроиши онҳо вобаста аст.

Ба хусусиятҳои махсусе, ки танҳо хоси низоми бонкӣ мебошанд, унсурҳои зерин дохил мешаванд:

➢ Низоми бонкӣ дорои хусусияти таҳаррукӣ (динамикӣ) мебошад. Дар ин самт ду нукта муҳим арзёбӣ мегардад. Дар мадди аввал, метавонем қайд намоем, ки низоми бонкӣ пайваста дар ҳаракат мебошад ва бо ҷузъҳои нав метавонад такмил ёбад. Яъне субъектони нав метавонанд дар низоми бонкӣ пайдо шаванд ва кори ин низомро комилтар созанд. Ба таври мисол, таи даҳсолаи охир низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо субъектҳои нав ба монанди: Бюрои таърихи қарз, Иттиҳодияи ташкилотҳои қарзӣ-амонатии хурд ва ғайра такмил ёфт. Дар навбати дуюм, дар дохили низоми бонкӣ пайваста метавонад муносибатҳои нав пайдо гарданд. Муносибати мутақобила миёни Бонки миллӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ. Бонкҳо доимо дар бозори байнибонкии асъор ва қарз иштирок менамоянд ва миёни якдигар захираҳои пулиро хариду фурӯш менамоянд. Ҳамчунин, бонкҳо барои ҳамдигар хизматрасониҳо ва маҳсулотҳои гуногунро пешниҳод менамоянд ва иттиҳодияҳову ташкилотҳои муштарак миёни ҳам ташкил намоянд;

➢ Низоми бонкӣ дорои хусусияти кушода ва пӯшида мебошад. Оид ба ин хусусияти низоми бонкӣ андешаҳои мутахассисон гуногун арзёбӣ гардидааст ва баҳсҳо дар ин самт то ҳол идома дорад. Лаврушин О.И. ба он ақидааст, ки низоми бонкӣ низоми дорои хусусияти пӯшида мебошад [1,с.162]. Дар баробари ин, аз нуқтаи назари равиши системавӣ, низоми пӯшида низомест, ки аз муҳити беруна комилан ҷудо аст ва фаъолияти унсурҳои он ба таври дақиқ муайян гардидаанд. Низоми кушода бошад,

низомест, ки дар он аз муҳити атроф ҷудоии комил вуҷуд надорад ва дар рафтори унсурҳо дараҷаи муайяни озодӣ мавҷуд аст.

Бояд қайд намуд, ки низоми бонкӣ бо дигар низомҳои иқтисодӣ дар ҳамкории муттақобила қарор дорад. Аз ҷумла, ҳангоми сар задани бӯҳронҳои молиявӣ бахши бонкӣ метавонад ҳам сабабгори густаришёбии буҳронҳо дар иқтисодиёт гардад ва ҳам буҳронҳоро пешгирӣ намояд. Мисоли дигар ин аст, ки низоми бонкӣ зимни пешбурди фаъолияти худ на танҳо бо ҳамдигар, балки бо институтҳое, ки ба низоми бонкӣ дохил намешаванд, аз қабили фондҳои нафақа, ташкилотҳои суғуртавӣ ва ғайра рақобат менамояд. Вобаста ба ин, метавонем қайд намоем, ки низоми бонкӣ низоми маҳдуд ва пӯшида набуда, дар ҳамкории наздик бо субъектони иқтисодӣ аст. Хулоса намумудан мумкин аст, ки низоми бонкӣ низоми кушода мебошад ва аз раванди фаъолияти он самаранокии иқтисоди миллӣ вобастагии амиқ дорад;

- Низоми бонкӣ хусусияти худтанзимкунандагӣ дорад. Ин хусусиятро метавон дар он дид, ки ҳангоми тағйирёбии вазъи иқтисодӣ, ҳолати сиёсӣ, низоми бонкӣ метавонад ба таври худмухтор фаъолият намояд. Аз ин лиҳоз, низоми бонкиро дорои хусусияти худтанзимӣ гуфтан ҷоиз аст;
- Низоми бонкӣ низоми идорашаванда мебошад. Бо таҳия ва пешбурди сиёсати мустақили пулию қарзӣ, бонкҳои марказӣ (миллӣ) фаъолияти минбаъдаи низоми бонкиро муайян менамоянд. Ташкилотҳои қарзӣ бояд мувофиқи қоидаҳои умумӣ ва махсус фаъолияти худро ба роҳ монанд. Фаъолияти онҳо аз ҷониби бонки марказӣ ва дигар мақомоти танзимкунанда назорат карда мешавад. Ташкилотҳои қарзӣ бояд меъёрҳои иқтисодиеро, ки бонки марказӣ муқаррар кардааст, риоя кунанд;
- Низоми бонкӣ низоми мураккаб аст. Зеро дар низоми бонкӣ миқдори бениҳоят зиёд ва гуногуни унсурҳо фаъолият менамоянд ва миёни худ табодули бисёрҷанба доранд. Низоми бонкӣ, ҳамчун низоми мураккаби доду гирифт миёни унсурҳои ба ҳам алоқаманд, наметавонад дар як шакл қарор дошта бошад ва пешгӯии раванди фаъолияти он бениҳоят мушкил арзёбӣ мегардад. Аз ин хотир, зимниислоҳоти низоми бонкӣ, бояд дар хотир дошт, ки бо тағйирёбии як нишондиҳандаи низоми бонкӣ метавонад дигар нишондиҳандаҳо ба таври автомат тағйир ёбанд.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, низоми бонкиро метавон ҳамчун шакли ташкили муносибатҳои пулию қарзӣ, ки муттаҳидшавии як қатор бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, мақомоти танзимкунанда, муассисаҳои бонкиро дар бар мегирад, муайян кард. Инчунин, тавре ки дар боло зикр гардид, дар доираи равиши институтсионалӣ низоми бонкиро метавон ҳамчун як ниҳоди махсуси иқтисодӣ баррасӣ намуд. Бо назардошти таҳлилҳои болозикр, метавонем дарҷ намоем, ки низоми бонкӣ ҳамчун як институти махсуси иқтисодӣ ба кам кардани хароҷоти муомилотӣ вобаста буда, ба азнавтақсимкунии захираҳои муваққатан озод, ташкили гардиши пулӣ ва низоми пардохтҳо миёни субъектони хоҷагидорӣ, мусоидат менамояд. Дар робита ба ин, мувофиқи равиши институтсионалӣ, низоми бонкиро метавон механизми иқтисодие баҳогузорӣ кард, ки дар сохтори муайяни ташкилӣ инъикос ёфтааст.

**АДАБИЁТ**


1. Банковская система в современной экономике: Монография / О.И. Лаврушин [и др.]; под ред. О.И. Лаврушина. -М.: Кнорус, 2019. -354 с.
2. Ғаниев Р.Ғ. Таҳқиқи сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва таҳлили омилҳои ба он таъсиррасон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р.Ғ. Ғаниев, Ғ.Х. Ғаюров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. -№6. -С.115-122.
3. Дементьев В.В. Что мы исследуем, когда исследуем институт // TERRA ECONOMICUS. - 2009. -Т.7. -№1. -С.27.
4. Исследования по общей теории систем: Сборник переводов / Общ. ред. вст. ст. В.Н. Садовского и Э.Г. Юдина. -М.: Прогресс, 1969. -С.28.
5. Клейнер Г.Б. Системно-интеграционная теория предприятия и эволюционный подход // Доклад на VI Международном Симпозиуме по эволюционной экономике. -Пущино: Центральный экономико-математический институт РАН, 2005. -С.13-14.
6. Норт Д. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики: монография. –М.: Фонд экономической книги «Начала», 1999. -122 с.
7. Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка. –М., 1997. -С.719.

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 23.12.2022.
9. Система. Симметрия. Гармония / [проф. В.С. Тюхтин, Ю.А. Урманцев, к.б.н., биофизик Ю.С. Ларин и др.; под ред. В.С. Тюхтина, Ю.А. Урманцева]. –М.: Мысль, 1988. -318 с.: ил.; 20 см; ISBN 5-244-00190-6.
10. Соколов Ю.А. Проблемы и перспективы развития региональных банков в Российской Федерации // Управление в кредитной организации. - 2006. -№6. -С.60-62.
11. Сурмин Ю.П. Теория систем и системный анализ: монография. -Киев: МАУП, 2003. -С.52-54.
12. Фролов И.Т. Философский словарь. –М.: Политиздат, 1981. -445 с.
13. Хушвахтзода, К.Х. Финансово-кредитные ресурсы развития сельского предпринимательства (концептуальные вопросы) / Хушвахтзода К.Х., Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№8. -С.5-10. -EDN WCYQFV.
14. Цофнас А.Ю. Философ Уёмов // Параметрическая общая теория систем и её применение: Сб. трудов, посвящённых 80-летию проф. А.И. Уёмова / А.Ю. Цофнаса. -Одесса: Астропринт, 2008.

## НИЗОМИ БОНКӢ: МОҲИЯТИ ИҚТИСОДӢ, ТАҲАВВУЛОТ, ХУСУСИЯТҲО ВА УНСУРҲОИ ТАРКИБИИ ОН

Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявии ташаккул ва инкишофи низоми бонкӣ дар иқтисодиёт мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллифон низоми бонкиро ҳамчун бахши муҳими иқтисоди миллӣ арзёбӣ намуда, ҷанбаҳои назариявии ташаккули онро пажӯҳиш кардаанд. Асоснок карда шудааст, ки низоми бонкӣ ҳамчун институти махсус дар иқтисодиёт фаъолият намуда, дар азнавтақсимкунии сармоя миёни субъектони хоҷагидорӣ, татбиқи ҳисоббаробаркуниҳо ва пешниҳоди хизматрасониҳо ба аҳолӣ нақши асосиро иҷро менамояд. Низоми бонкӣ аз нуқтаи назари равишҳои системавӣ ва институтсионалӣ таҳқиқ шудааст ва андешаи муаллифон оид ба ин масъала пешниҳод гардидааст. Муаллифон бо омӯзиши адабиёти зиёди соҳавӣ давраҳои ташаккули низоми бонкиро дар иқтисодиёт муайян намуда, зарурияти онро дар пешрафти хоҷагии халқи мамлакат асоснок намудаанд. Дар маҷмуъ, оид ба рушди минбаъдаи низоми бонкӣ ва баландбардории мавқеи он дар иқтисодиёт миллӣ аз ҷониби муаллифон тавсияҳои арзишманд пешниҳод гардидааст, ки метавонад нақши низоми бонкиро дар иқтисодиёт тақвият бахшад.

**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, равиши системавӣ, равиши институтсионалӣ, сармояи бонкҳо, танзими низоми бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, рушди устувор, идоракунии низоми бонкӣ.

## БАНКОВСКАЯ СИСТЕМА: ЭКОНОМИЧЕСКАЯ СУЩНОСТЬ, ЭВОЛЮЦИЯ, ОСОБЕННОСТИ И ЕЕ СОСТАВНЫЕ ЭЛЕМЕНТЫ

В данной статье рассмотрены и исследованы теоретические основы формирования и развития банковской системы в экономике. Авторы рассматривали банковскую систему как важную часть национальной экономики и изучили теоретические аспекты ее формирования. Обосновано, что банковская система функционирует как особый институт в экономике и играет основную роль в перераспределении капитала между хозяйствующими субъектами, осуществлении расчетов и оказании услуг населению. Банковская система исследована с точки зрения системного и институционального подходов, представлено мнение авторов по данному вопросу. На основе изучения большого количества литературы авторы определили периоды становления банковской системы в экономике и обосновали ее роль в развитии экономики страны. В целом по дальнейшему развитию банковской системы и повышению ее позиций в народном хозяйстве авторами предложены рекомендации, способные усилить роль банковской системы в национальной экономике.

**Ключевые слова:** банковская система, коммерческие банки, системный подход, институциональный подход, капитал банков, регулирование банковской системы, кредитные организации, устойчивое развитие, управление банковской системой.

## BANKING SYSTEM: ECONOMIC ESSENCE, EVOLUTION, FEATURES AND ITS COMPONENTS

In this article, the theoretical foundations of the formation and development of the banking system in the economy are considered and investigated. The authors assessed the banking system as an important part of the national economy and studied the theoretical aspects of its formation. It is substantiated that the banking system functions as a special institution in the economy and plays a major role in the redistribution of capital between business entities, making payments and providing services to the population. The banking system is studied from the point of view of systemic and institutional approaches, the opinion of the authors on this issue is presented. Based on the study of a large amount of literature, the authors determined the periods of formation of the banking system in the economy and substantiated its role in the development of the country's economy. On the whole, on the further development of the banking system and the improvement of its position in the national economy, the authors offer recommendations that can strengthen the role of the banking system in the national economy.

**Keywords:** banking system, commercial banks, systemic approach, institutional approach, bank capital, banking system regulation, credit institutions, sustainable development, banking system management.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ғаниев Рустам Ғафурович*** **-** Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳон. **Суроға**: 734000,

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30. E-mail: **ramzes22_84@mail.ru.** Телефон: **(+992) 940-22-00-01**
***Сафаров Муҳаммадраҷаб Маҳмудович*** - Донишгоҳи миллииТоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи умумидонишгоҳии назария иқтисод. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **935-65-75-60**

**Сведения об авторах:** ***Ганиев Рустам Гафурович*** - Российско-Таджикский (славянский) университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории и мировой экономики. **Адрес:** 734000, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Мирзо Турсунзаде, 30. E-mail: **ramzes22_84@mail.ru.** Телефон: **(+992) 940-22-00-01**
***Сафаров Мухаммадраджаб Махмудович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D общеуниверситетской кафедры экономической теории. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **935-65-75-60**

**Information about the authors:** ***Ganiev Rustam Gafurovich*** - Russian-Tajik (Slavonic) University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Theory and World Economy. **Address**: 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mirzo Tursunzade street, 30. E-mail: **ramzes22_84@mail.ru.** Phone: **(+992) 940-22-00-01**
***Safarov Mukhammadrajab Makhmudovich*** - Tajik National University, doctoral Ph.D student of the university-wide department of economic theory. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **935-65-75-60**

ТДУ 338.43.431(575.3)

# ДУРНАМОИ РУШДИ СТРАТЕГИИ КОМПЛЕКСИ ОЗУҚАВОРИИ ҶУМҲУРӢ ДАР НИЗОМИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ

***Бахтиёри И.М., Тагоев Ҷ.Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити имрӯза тамоюлҳои ҷаҳонишавии хоҷагии ҷаҳонӣ ва ҳамгироиҳо дар иқтисодиёти минтақаҳо ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, саъю кӯшиши давлатҳо барои ҳифзи мустақилият ва ягонагӣ, манфиат ва ҳуқуқҳои худ ва бадастоварии рушди устувор ва бехатарии озуқаворӣ қобили қабул мебошад. Ин ҳадафҳоро аксари мамлакатҳо бо роҳи таҳияи стратегияҳои миллии рушд барои давраҳои гуногуни замон мавриди иҷро қарор медиҳанд.

Дар байни мушкилоти зикршуда, рушди устувори комплекси агросаноатӣ (КАС) ва таъмини бехатарии озуқаворӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Арзёбии қаблии иқтисодиёти ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки афзоиши мунтазами аҳолӣ, афзоиши бекорӣ, баландшавии нархи захираҳои неруи энергетикӣ ва истифодаи ғайрисарфакоронаи захираҳои замину об дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон бо зиёдшавии нархҳои маҳсулоти хӯрокворӣ оварда расонидааст. Вобаста ба ин сектори аграрӣ, аз он ҷумла дар КАС Ҷумҳурии Тоҷикистон барои он ки ҷавобгӯи талаботи афзояндаи озуқавории аҳолии кишвар шавад, бояд ба рушди мунтазами устувор ноил гардад. Бояд қайд кард, ки аз рӯйи ҳисса дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД), таъмини бехатарии озуқавории аҳолӣ, таъмини саноат бо ашёи хоми ватанӣ ва аз рӯйи шумораи аҳолии машғули кор дар сектори аграрӣ, имрӯз ҳам ин соҳа яке аз соҳаҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳимми иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Комплекси агросаноатӣ ин муҷтамаи аз ҷиҳати стратегӣ муҳимми байнисоҳавии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сохтори амалкунандаи соҳавӣ, ки се соҳаи асосиро ҷудо менамояд, мебошад. Саҳми соҳаи муҳимтарини он кишоварзӣ дар ММД-и мамлакат 23,0%-ро ташкил медиҳад. Қариб аз се ду ҳиссаи корхонаҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон агросаноатӣ ба ҳисоб меравtotalд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар 5-7 соли охир дар кишоварзии ҷумҳурӣ тағйироти назаррас ба вуқуъ пайвастанд. Масалан, маҳсулоти умумии кишоварзии ҷумҳурӣ соли 2015 дар муқоиса ба солҳои 1991 ва 2008 мутаносибан 1,95 ва 1,8 маротиба афзудааст. Суръати солонаи миёнаи афзоиши маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар давраи амалисозии СМР дар солҳои 2007-2015-ум 8-8,5% ташкил дод. Хоҷагии қишлоқ ва комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 35%-и воридоти андози кишварро таъмин менамояд, 60,9%-и аҳолии мамлакат дар ин сектор кор мекунад, 73,7%-и аҳолӣ бошад, дар деҳот зиндагӣ дорад. Дар кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 25 барномаи соҳавии дорои хусусиёти миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат амалӣ сохта мешаванд, қарорҳо, пешниҳодҳо ва санадҳои меъёрии зиёд қабул карда шудаанд. Дар солҳои 2000 то 2015 дар сектори аграрии ҷумҳурӣ 42 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 3,7 млрд. сомонӣ амалӣ гардонида шуданд. Аз ҷумла дар давраи солҳои 2007-2015 дар сектори аграрӣ 4 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 550 миллион сомонӣ амалӣ гардонида шуд. Дар солҳои 2016-2020 дар сектори аграрӣ 3 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 510 миллион сомонӣ мавриди амал қарор дошт. Дар ин давра дастгирии буҷети давлатӣ 1,7 млрд. сомониро ташкил медод. Ҳамчунин, дар ҳамин марҳала 20,0 ҳазор га заминҳои хоҷагии қишлоқ азхуд карда шуданд, майдони растаниҳои бисёрсола ба андозаи 54 ҳазор га зиёд шуда, зиёда аз 100 ҳазор ҷойҳои нави корӣ ташкил карда, 52 корхонаҳои хурд ва калон оид ба коркарди маҳсулоти гӯшту шир сохта ба истифода дода шуданд [18,с.18-19; 2,с.25; 3,с.186,194].

Майдони заминҳои киштзори ҷумҳурӣ 3898,9 ҳазор га-ро ташкил дода, аз он замини обёришаванда 744,4 ҳазор гектар мебошад. Майдони заминҳои кишт 856,7 ҳазор га-ро ташкил медиҳад. Заминҳои кишти обёришавандае, ки дар ихтиёри хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонӣ мебошанд, 463,2 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Дар ихтиёри хоҷагиҳои ҷамъиятӣ, деҳқонӣ ва аҳолӣ мутаносибан 17,0%, 60,0%, 23,0% заминҳои

шудгор қарор дорад, ҳиссаи ҳар яки онҳо дар маҳсулоти умумӣ (МУ)-и хоҷагии қишлоқ мутаносибан 8,8%, 42,2%, 49,0%-ро ташкил медиҳад [9,с.15,22,61-64].

Дар комплекси агросаноатӣ (КАС), аз он ҷумла дар байни сектори аграрӣ ва бехатарии озуқаворӣ алоқаи ногусастанӣ мавҷуд аст, зеро худи комплекси агросаноатӣ ва соҳаи асосии он- кишоварзӣ дар устуворгардонии бехатарии хӯрокворӣ ва таъмини ғизои комили аҳолӣ нақши асосиро мебозанд. Вобаста ба ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои дахлдор, аз он ҷумла Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шарикони рушд оид ба барқарорсозии соҳа ва ташкили пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии он, ки мутобиқи талаботи иқтисодиёти бозорӣ мебошанд, корҳои зиёдро анҷом додаанд. Дар ин бобат ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо (ВТО) далел буда метавонад.

Бисёр кишварҳо кӯшиш мекунанд мушкилоти иҷтимоию иқтисодии худро бо роҳи таҳияи стратегияҳои миллӣ ва барномаҳои рушд дар давраҳои гуногуни замон ҳал намоянд. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, ҳамчун ҳуҷҷати самти стратегӣ дар заминаи ҳуҷҷатҳои асосии зерини инстититсионӣ ташаккул ва қобили қабул гардидааст: Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои давраи солҳои 2007-2009, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар давраи солҳои 2010-2012, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои давраи то солҳои 2013-2015, Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2012-2020, Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои монанди инҳо.

Қобили қайд аст, ки дар солҳои минбаъда низ истеҳсолоти кишоварзӣ тамоюли рӯ ба афзоиш дошт; масалан, дар соли 2020 нисбат ба соли 2016 ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ 22,7% афзоиш кард, ки ин аз сиёсати манфиатбахши Ҳукумати кишвар дар ин бахш гувоҳӣ медиҳад. Дар давраи соли 2017 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 2 4576 млн сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба соли пешин (2016) 6,8% зиёд мебошад [13,с.5]. Соли 2018 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 2 6370,3 млн. сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ ба андозаи 4,0% зиёд гардида, суръати афзоиш дар соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ мутаносибан ба 3,4 ва 5,3% расонида шудааст [14,с.2]. Соли 2019 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 27,7 млрд сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли пешин суръати афзоиш 107,1%-ро ташкил дода, ин нишондод дар соҳаи растанипарварӣ ба 107,8% ва дар соҳаи чорводорӣ ба 105,7% рост омад. Дар ин сол, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ, дар соҳаи растанипарварӣ, истеҳсоли ғалладонагиҳо ба 1 415 ҳазор тонна, пахта 403 ҳазор тонна, картошка 994,4 ҳазор тонна, сабзавот 2182,4 ҳазор тонна, полизӣ ба 701,3 ҳазор тонна, мевагӣ ба 473,6 ҳазор тонна ва ангур ба 247,1 ҳазор тонна баробар гардида, нисбат ба соли 2018 ҳаҷми истеҳсол аз 2,2 то 34,2% зиёд шуд. Мувофиқи маълумоти Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 аз ҷумҳурӣ ба дигар давлатҳо ба маблағи 18 167 132 доллари ИМА маҳсулоти кишоварзӣ содир карда шудааст, ки нисбат ба соли қаблӣ аз рӯи арзиш 1 864 729 доллари ИМА зиёд мебошад. Ба мақсади самаранок ва оқилона истифода намудани заминҳои кишти обӣ ва гирифтани 2-3 ҳосил дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамоавӣ дар майдони 8 6273 га кишти такрорӣ гузаронида шуд, ки ба 105,1%-и дурнамои пешбинигардида баробар буда, нисбат ба соли қаблӣ 5 767 га ё 7,2% зиёд мебошад [15,с.1-2].

Аз ҷумла, бо мақсади рушди соҳаи кишоварзӣ ва таҳкими заминаи меъёрию ҳуқуқии соҳаи номбурда дар соли 2020 аз ҷониби Вазорати кишоварзии ҷумҳурӣ як қатор лоиҳаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия карда шуд, ки аз он ҳашт санад, аз ҷумла Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2020 таҳти №245 «Дар бораи Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020 таҳти №386 “Дар бораи Барномаи амнияти озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2020 таҳти №488 «Дар бораи

Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2020 таҳти №441 “Қоидаҳои ташкил ва истифодаи фонди давлатии тухмӣ”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2020 таҳти №443 “Дар бораи ворид кардани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018 таҳти №160”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2020 таҳти №566 “Дар бораи Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2020 таҳти №567 “Дар бораи Барномаи фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани таҷрибаи муносиби кишоварзӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (Стандарти байналмилалии Global G.A.P.)” ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 октябри соли 2020 таҳти №556 “Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012 таҳти №383” қабул гардиданд.

Аз рӯи маълумоти оморӣ дар соли 2020 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 3 3607,1 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли пешин бо нархҳои муқоисавӣ ба андозаи 8,8% зиёд мебошад. Дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонӣ 1 6819 млн. сомонӣ ё ба андозаи 50% ва ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ 1 6788,1 млн. сомонӣ ё 50%-ро ташкил медиҳад. Ҳаҷми умумии маҳсулоти растанипарварӣ ба 23853,5 млн. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли қаблӣ ба андозаи 8,1% зиёд мебошад. Ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти растанипарварӣ 1 5389,2 млн сомонӣ ё 64,5% ва ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ 8 464,3 млн сомониро ташкил дода, ба 35,5% баробар мебошад. Ҳаҷми умумии маҳсулоти чорводорӣ ба 9 753,6 млн. сомонӣ баробар гардида, нисбат ба соли гузашта, ба андозаи 10,7% зиёд гардид. Ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти чорводорӣ 1 429,8 млн. сомонӣ 14,7% ва ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ 8 323,8 млн. сомонӣ ё 85,3%-ро ташкил медиҳад. Маҳсулоти кишоварзии ватанӣ ҳамчун ашёи хоми асосии саноати коркард ба ҳисоб рафта, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли он дар ин давра ба зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳо ба 28,3% ва истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ, нассоҷӣ, чарм, маснуоти чармӣ ва истеҳсоли пойафзол ба 17,5% мусоидат намуд. Бояд таззакур дод, ки дар давраи соли 2020, дар баробари афзоиши ҳаҷми истеҳсол, зиёд гардидани содироти маҳсулоти меваю сабзавот низ ба назар мерасад. Тибқи маълумоти гумрукӣ дар соли 2020 аз қаламрави ҷумҳурӣ 129 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ ба маблағи 19,5 млн доллари ИМА содир шудааст, ки нисбат ба соли қаблӣ аз рӯи ҳаҷм 10,6 ҳазор тонна ё 9% ва аз рӯи арзиш 1,3 млн доллари ИМА ё 7,1% зиёд шудааст. Дар сохтори содиротии маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи асосиро пиёз - 90,2 ҳазор тонна ё 70%, меваи хушк 17,1 ҳазор тонна ё 13,2% ва меваи тару тоза - 17,7 ҳазор тонна ё 13,7% ва дигар намуди маҳсулот 4 ҳазор тонна ё 3,1%-ро ташкил дод. Афзоиш асосан аз ҳисоби зиёд гардидани содироти пиёз, меваи хушк, лиму, ангур, олу ва хурмо ба даст омадааст. Ҳамзамон, бо зиёд гардидани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ воридоти гӯшти паранда 9,8 ҳазор тонна ё 59,2% ва тухм 24,1 млн дона ё 40% коҳиш ёфтааст [16,с.1-2].

Дар соли 2021 низ дастовардҳои кишоварзии ҷумҳурӣ назаррасанд. Дар соли 2021 мувофиқи маълумоти оморӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 39,7 млрд сомонӣ, аз ҷумла ҳаҷми умумии маҳсулоти растанипарварӣ ба 28,7 млрд сомонӣ ва ҳаҷми умумии маҳсулоти чорводорӣ ба 11 млрд сомонӣ баробар гардида, суръати рушд мутаносибан 106,6, 105,9 ва 108,4%-ро ташкил медиҳад. Ҳиссаи бахши кишоварзӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар зиёда аз 23%-ро ташкил медиҳад. Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ВМКБ 639,5 млн сомонӣ, вилояти Суғд 12299,6 млн сомонӣ, вилояти Хатлон 20694,5 млн сомонӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 6135,7 млн сомонӣ баробар гардидааст. Дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи вилоятҳои Хатлон 52,0%, Суғд 31,0%, ВМКБ 1,6% ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 15,4%-ро ташкил дода, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба соли 2020 дар вилоятҳои Хатлон 6,1%, Суғд 7,1%, ВМКБ 2,0% ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 8,0% зиёд гардидааст.

Ба ҳолати 1 январи соли 2022 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ истеҳсоли ғалладонагиҳо ба 1586,5 ҳазор тонна, пахта 388,8 ҳазор тонна, картошка 1041 ҳазор тонна, сабзавот 2597,5 ҳазор тонна, полизӣ 818,8 ҳазор тонна, мевагиҳо 444,4 ҳазор тонна, ангур 267,5 ҳазор тонна, гӯшт 327,8 ҳазор тонна (аз ҷумла гӯшти паранда 44 ҳазор тонна), шир 1042,6 ҳазор тонна, тухм 1053,4 ҳазор дона, пашм 8,1 ҳазор тонна, пилла 451 тонна, асал 4,4 ҳазор тонна ва истеҳсоли моҳӣ ба 4389 тонна баробар гардид. Нисбат ба соли гузашта истеҳсоли ғалладонагиҳо ба андозаи 1,6%, картошка 1,8%, сабзавот 4,7%, полизӣ 8,2%, ангур 11,5%, гӯшт 9,2% (аз ҷумла гӯшти паранда 44%), шир 2,1%, тухм 10%, пашм 1,7%, пилла 16,2%, асал 4% ва моҳӣ 23,2% зиёд гардида, истеҳсоли пахта ба 98,2% ва мева ба 94,5%-и соли гузашта баробар мебошад [17,с.2].

Дар маҷмуъ, таҳлили дар ин таҳқиқот анҷомдодаро ҳамчун мақсадҳои асосии рушди босуботи аграрӣ дар таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ғизои комили аҳолии ҷумҳурӣ дар шакли накшавӣ дар чор самт: мушкилоти рушди КАС ва соҳаи агарӣ; афзалиятҳои асосии комёбии ҳадафи рушди босуботи КАС; самти ҳаракат барои расидан ба ҳадаф ва натиҷаҳои интизорӣ аз татбиқи ҳадафҳои болоиро пешниҳод намудем, ки ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд (ниг расми 1).

**Расми 1. Мақсади асосии рушди босуботи КАС ва иқтисоди аграрӣ**
**Figure 1. The main goal of sustainable development of the agro-industrial complex and the agricultural econo**



Албатта, новобаста аз муваффақиятҳо дар пешрафти соҳа камбудӣ ва норасоиҳо мавҷуданд, ки садди роҳи рушди босуботи соҳаи номбурда гардидаанд. Байни мушкилоти зикршуда ҷойи муҳимро рушди устувори КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бехатарии озуқаворин аҳолии мамлакат ишғол мекунад. Ба мушкилоти асосии дахлдори рушди КАС ва сектори аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои зеринро метавон дохил намуд:

1.Нокомилии низоми идораи КАС, ки дар набудани идора дар звеноҳои поёнии кишоварзӣ ва қадами муносибатҳои муттаҳидгардонанда байни корхонаҳои деҳот ва корхонаҳои коркард ифода меёбад. Ислоҳоти гузаронидашуда дар сектори аграрӣ натиҷаи дилхоҳ надод. Кишоварзии ҷумҳурӣ аз истеҳсолоти калони механиконида ба соҳаи дорои шаклҳои хурди молии бароҳмонии кишоварзӣ табдил ёфт. Дар ин соҳаи иқтисодиёт ба истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ 183 926 хоҷагӣ ва ташкилотҳои хурду калон машғуланд, аз онҳо 179005 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд [4,с.1; 9,с.327-328]. Истеҳсолоти ҷории кишоварзии ҷумҳурӣ начандон фоидаовар ва маҳсулдеҳ аст ва ҷойҳои кории дилхоҳро фароҳам оварда наметавонад. Дар солҳои 2011-2014 - 830, 919, 935 корхонаҳои хоҷагии қишлоқ фаъолияти худро бо зиён ба андозаи 15,0; 17,0 ва 23,6 млн. сомонӣ ҷамъбаст карданд [1,с.455]. Дар соли 2018, 2019, 2020 - 506, 1140,1017 корхонаҳои хоҷагии қишлоқ фаъолияти худро бо зиён ба андозаи 64,4; 57,2 ва 22,4 млн. сомонӣ ҷамъбаст карданд [3,с.693].

2. Коҳиши механизмҳои молиявии дастгирии давлатии истеҳсолоти кишоварзии ҷумҳурӣ. Натиҷаи он коҳиши сармоягузорӣ ба капитали асосии хоҷагии қишлоқ ва пастшавии пойгоҳи моддию техникии он мебошад. Маблағгузории хоҷагии қишлоқ аз буҷети давлатӣ дар давраи солҳои 2011-2014 то андозае зиёд гардида, мутаносибан ба 1,0%, 0,7%, 0,6% ва 0,3% ММД-и ҷумҳурии солҳои дахлдор баробар буд [1,с.302]. Дар солҳои 2018-2020 ин нишондиҳанда мутаносибан ба солҳо, ба 0,8% 0,8% ва 0,2% ММД-и ҷумҳурӣ баробар буд [3,с.686]. Ҳаҷми сармоягузорӣ ба капитали асосии кишоварзии ҷумҳурӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармоя (капитал)-и асосӣ 3,7% (с.2011), 2,9% (с.2012), 0,27% (с.2013) ва 0,2% (с.2014)-ро ташкил дод [1,с.421-434]. Дар солҳои 2018-2020 ин нишондиҳанда мутаносибан ба солҳо, ба 0,07%, 0,2% ва 0,1% баробар буд [3,с.487].

Кишоварзии ҷумҳурӣ соҳаест, ки ҳам заҳмат ва ҳам маблағ (капитал)-и калонро металабад. Дар мавриди амалисозии фондҳои асосӣ бояд гуфт, ки он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,03% (с.2011), 0,42% (с.2012), 0,33% (с.2013) ва 0,1% (с.2014)-ро аз ҳаҷми умумии фондҳои умумии ба амал ҷорикардаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медод [1,с.295-300]. Дар солҳои 2018-2020 ин нишондиҳанда мутаносибан ба солҳо, ба 1,07%, 0,2% ва 0,16% баробар буд [3,с.471].

Пойгоҳи моддию техникии кишоварзии ҷумҳурӣ имрӯз рушди босуботи онро таъмин карда наметавонад; он назар ба соли 1991 қариб ба андозаи нисф ва миқдори 2/3-и фондҳои асосии техникаи хоҷагии қишлоқ кам шуда, ба андозаи 3,7 маротиба коҳиш ёфтааст, коэффитсиенти ҳарсолаи навсозии ПМТ бошад, дар давраи солҳои 2011-2015 аз 3% ва ҳамчунин, дар соли 2020 аз 5,0% кам аст [8,с.57; 16,с.5].

3. Истифодаи ғайрисарфакорона ва идораи захираҳои табиӣ, нокомилии муносибатҳои заминдорӣ дар сектори аграрӣ ва сустшавии низоми обёрӣ ба вайроншавии ҳосилнокии замин, коҳиши ҳолати мелиоративии он, истифодаи бесамари чарогоҳҳо бошад, ба бадшавии вазъи экологии онҳо оварда расонадааст.

Дар мамлакати мо майдони замини шудгор 23,2%-и майдони аҳамияти кишоварзии ҷумҳуриро ташкил медиҳад, аз он 564,7 ҳазор га обёришаванда мебошанд (47%-и он бо нассосҳо). Майдони киштзори обёришаванда ба ҳисоби як нафар аҳолӣ 0,07 га-ро ташкил медиҳад. Дар 25 соли охир, дар натиҷаи сохтмонҳои зиёд майдони кишт ба андозаи 147,2 ҳазор га кам шуд. Ҳисобҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки зиёда аз 80,5%-и заминҳои кишти ҷумҳурӣ ба сатҳи гуногуни эрозия гирифтор мебошанд. Ҳар сол дар ҷумҳурӣ бо сабабҳои гуногун аз 4 то 8 ҳазор гектар замини обёришавандаи хоҷагии қишлоқ дар истеҳсолоти кишоварзӣ истифода бурда намешавад. Мутахассисон бар онанд, ки барои барқароркунии пурраи низоми обёрии ҷумҳурӣ на кам аз 400 млн. доллари ИМА зарур аст. Истифодабарии захираи об ба ҳисоби миёна 13,8 ҳазор м$^3$/га-

ро ташкил медиҳад, ки аз меъёри муқарраршуда каме зиёд мебошад. Тағйирёбии иқлим низ мушкили иловагӣ мебошад, ки барои фаъолияти иқтисодӣ, некуаҳволии муҳити ҷамъиятӣ ва муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон хатарҳои зиёдро ба вуҷуд овардааст [7,с.59-69; 10,с.11].

4. Солҳои охир рушди сусти соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ мушоҳида мешавад, ки натиҷаи кандашавии муносибатҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ буда, вобаста ба ин, ба норасоиҳо дар таъмини ашёи хом оварда расонидааст. Дар КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо 20-25%-и маҳсулоти хоҷагии қишлоқ коркард карда мешавад. Дар асоси арзёбии мутахассисон мамлакати мо, дар масъалаи худтаъминкунии хӯрокворӣ дар сатҳи хеле паст қарор дорад. Сустшавии назорат аз болои технологияи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ба истеҳсолоти агросаноатӣ, ҳамчунин, ба сифати маҳсулоти ғизоии хӯрокворӣ таъсири манфӣ расондааст [4,с.23; 19,с.32-35].

5. Низоми андоз ҳавасмандкунандаи субъектҳои комплекси агросаноатӣ шуда натавониста, баръакс, дастрасии корхонаҳои КАС-ро ба иттиллоот дар бораи бозорҳои фурӯши эҳтимолӣ маҳдуд намуда, ба кашолёбӣ ва қиматии амалиётҳои берунии тиҷоратӣ оварда расонида, пеши роҳи рушди содиротро гирифтааст. Дар асоси ҳисобу китоби таҳлилгарон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин маврид 86%-и даромадро ташкил медиҳад, ки ин назар ба ҷумҳуриҳои дигар: Россия -50%, Қазоқистон -28% ва Қирғизистон -33% баланд мебошад.

6. Таъминоти сусти маводи ғизоии аҳолӣ ва кӯдакон аз ҳисоби баландшавии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ба чашм мерасад. Дар натиҷаи гарон шудани нархи маҳсулоти хӯрокворӣ нисфи аҳолӣ, махсусан, дар байни кӯдакони синни то панҷсола пурра истеъмол накардани ғизои каллорияноки асосӣ ба миён омадааст, ки ба рушди қад ва вазни кӯдакон таъсири манфӣ расондааст. Пурсишҳои мардум нишон медиҳад, ки зиёда аз 70%-и даромадашон барои хариди хӯрокворӣ масраф мешавад [4,с.1-4; 10,с.3-5; 19,с.32-35].

7. Барзиёдии қувваи корӣ дар маҳалҳои деҳот. Аксарияти онҳо бо кори доимӣ таъмин нестанд ва маоши дуруст намегиранд. Бояд қайд кард, ки дар соли 1960 ҳудуди ҶШС Тоҷикистон 2 044,8 ҳазор нафар зиндагӣ мекард. Ҳоло ин нишондиҳанда қариб ба 10 млн нафар расидааст, яъне, дар шаст соли охир шумораи аҳолӣ қариб 5 маротиба афзудааст. Аммо дар ин давра майдони замини кишт танҳо 15,4% афзудааст [11,с.7; 12,с.5,95; 3,с.25].

Бояд гуфт, ки ҳадафи асосии рушди босуботи КАС ва сектори аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ба андозаи кофӣ истеъмол шудани маҳсулоти озуқаворӣ аз тарафи аҳолии мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар асоси далелҳои овардашуда, ҳамчунин, арзёбии таҳлилгарони маъруфи сектори аграрӣ барои расидан ба ин ҳадафҳо афзалиятҳои асосӣ инҳо махсуб меёбанд:

1. Диверсификатсия ва замонавикунонӣ (модернизатсия)-и маҷмуаи агросаноатӣ, афзоиши рақобатпазирии он, кластерикунонии сектори аграрӣ, баландбардории фоидаоварӣ ва иқтидори содиротӣ, бадастории рушди босуботи КАС ва соҳаи аграрӣ бо мақсади таъмини бехатарии хӯрокворӣ ва истеъмоли кофии маводи ғизоӣ аз тарафи аҳолии мамлакат;

2. Дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, кредитӣ ва суғуртавӣ, бадастории БМТ-и устувори амалкунандаи сектори аграрӣ барои афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти соҳа дар асоси инноватсионӣ;

3. Рушди истеҳсолоти коркарди саноатии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, баландбардории рақобатпазирии онҳо ва афзоиши маҳсулоти ниҳоии КАС бо мақсади бадастории бозорҳои агроозуқавории ватанӣ;

4. Ихтисори саддҳои зиёдатии андозӣ ва маъмурӣ, ки ба афзоиши содироти маҳсулоти КАС халал мерасонанд;

5. Таъмини самаранокии экологию иқтисодии истифодаи захираҳои обу замин дар сектори аграрӣ, рушди туризми аграрӣ, истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза;

6. Таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ғизои комили аҳолӣ;

7. Таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар асоси баландбардории донишҳо ва малакаҳои касбии кормандони КАС ва рушди касбмашғулшавии худии аҳолии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тибқи арзёбии мутахассисон афзалиятҳои зикршудаи рушди минбаъдаи КАС ва сектори аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон самтнокиҳои асосии зерини фаъолиятро талаб мекунанд:

1.Баландбардории самаранокии идоракунии КАС ва соҳаи аграрӣ дар асоси ислоҳоти минбаъдаи сектори аграрӣ. Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи ислоҳоти хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012 таҳти №383 қабул гардида, он дорои 22 ислоҳот ва чорабиниҳои дахлдор қариб ба ҳамаи ҷанбаъҳои сектори аграрӣ ва КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

2. Пурзӯрнамоии дастгирии давлатӣ, аз он ҷумла маблағгузории буҷетӣ дар доираи талаботи СУС (ВТО) ва ҳавасмандсозии баландбардории фаъолиятмандии сармоягузории молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ.

3. Азнавсозӣ ва навкунии унсурҳои асосии пойгоҳи моддию техникии КАС, ҳам аз ҷиҳати техникӣ ва ҳам аз ҷиҳати технологӣ, афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар КАС ва афзоиши маҳсулоти умумии он аз ҳисоби баландбардории ҳаҷми коркарди маҳсулоти сектори аграрӣ.

4. Истифодаи сарфакоронаи захираҳои обу замин, аз он ҷумла дастгирии босубот ва идоракунии маҷмуии захираҳои зикршуда ва таъмини устувори экологии сектори аграрӣ ва рушди агротуризм.

5. Барқарорсозӣ ва мустаҳкамкунии нақши Шуро оид ба бехатарии озуқаворӣ. Ба мақомоти мазкур додани салоҳиятҳои идораи босамар бо равиши гуногунсоҳа, бо мақсади устуворгардонӣ ва бадастории сатҳи миёнаи худтаъминкунии озуқаворӣ ва таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маводи истеҳсоли худӣ.

6. Рушди даромадҳои воқеӣ ва музди кори аҳолӣ, ки ин дастрасии иқтисодии аҳолиро бо хӯрокворӣ таъмин менамояд ва бо ин ба таъмини пурра бо ғизои комил мусоидат менамояд. Беҳтарсозӣ ва назорат аз болои сифати маҳсулоти озуқаворӣ.

7. Рушди агробизнеси хурд дар ноҳияҳои наздикӯҳӣ, ҳамчунин, рушди корхонаҳои коркарди КАС дар маҳалҳои деҳот бо баназаргирии инфраструктураи дахлдор.

**Ҷадвали 1. Индикаторҳои мониторинги сектори аграрӣ (солҳои 2016-2030) (барои пайгирии амалисозии фаъолиятҳои банақшагирифта дар назар дошта шудаанд)**
**Table 1. Agricultural sector monitoring indicators (2016-2030) (designed to monitor the implementation of planned activities)**

| № | *Индикаторҳои асосӣ аз рӯи:* | *2011-2015 (базавӣ)* | *2020* | *2025* | *2030* |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | *Саноатикунонӣ ва рушди устувори сектори аграрӣ* | | | | |
| А | Сатҳи механикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ | 50% | 65,0% | 70,0% | 75,0% |
| Б | Афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ (к/в) дар х.қ. (ба ҳисоби % ба ҳаҷми сармоягузорӣ (к/в) ба иқтисодиёти мамлакат)) | 1-2% | 7% | 12% | 17% |
| В | Афзоиши ҳосилнокии меҳнат | 100% | 1,0 маротиба | 2,0 маротиба | 3,0 маротиба |
| С | Афзоиши МУК | 100% | 140% | 1,0 маротиба | 1,5 маротиба |
| Д | Азхудкунии заминҳои кишт | 20,0 ҳазор га | 20,0 ҳазор га | 20,0 ҳазор га | 20,0 ҳазор га |
| Е | Афзоиши ҳаҷми коркарди МУК (ба ҳисоби % ба ҳаҷми МУК) | 20% | 30% | 40% | 50% |
| **2.** | *Таъмини бехатарии хӯрокворин аҳолӣ* | | | | |
| А | Сатҳи худтаъминкунии хӯрокворӣ | 50% | 65% | 70% | 75% |
| Б | Дастрасии иқтисодӣ | 60% | 50% | 45% | 40% |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| В | Истеъмоли маҳсулот, ккалория барои як нафар 1 одам/шабонарӯз | 2280 | 2400 | 2600 | 2800 |
| С | Коҳиши камхӯрокӣ дар байни кӯдакони то панҷсола | 26% | 20% | 15% | 10% |
| Д | Дастрасии аҳолии деҳот ба оби тозаи нӯшокӣ | 56% | 65,0% | 70,0% | 75,0% |
| Е | Беҳтарсозии ҳифзи шароити модар (коҳиши сатҳи марги модар, ба 100 ҳазор нафар аҳолӣ) | 30 | 25 | 20 | 15 |
| Ё | Пуррагардонии маҳсулоти хӯрокворӣ бо микровитаминҳо | - | - | - | - |
| **3.** | *Таъмини шуғли аҳолии деҳот* | | | | |
| А | Устуворгардонии зисти синфи миёна дар маҳалҳои деҳот | 20,0% | 30,0% | 40,0% | 50,0% |
| Б | Коҳиши сатҳи камбизоатии аҳолии деҳот (ба ҳисоби % ба сатҳи умумии камбизоатӣ дар мамлакат) | 77,0 % (дар 32,0%) | 65,0% (дар 27,0%) | 58,0% (дар 24,0%) | 50,0% (дар 20,0%) |
| В | Таносуби ММM кормандони хоҷагии қишлоқ назар ба ММM дар сатҳи ҷумҳурӣ | 30,7% | 50,0% | 60,0% | 70,0% |
| С | Ташаккули ҷойҳои нави корӣ дар маҳалҳои деҳот | 120 ҳазор | 150 ҳазор | 175 ҳазор | 200 ҳазор |
| Д | Коэффитсенти шуғли аҳолӣ дар байни аҳолии деҳоти аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол | 0,49 | 0,55 | 0,6 | 0,65 |

Мутахассисон бар онанд, ки амалисозии самаранокии фаъолиятҳо ва чорабиниҳои дар боло зикршуда, метавонанд барои ба даст овардани натиҷаҳои зерини дарназардошта мусоидат намоянд:

1. Рушди муносибатҳои кооперsucc интегратсионӣ дар КАС, аз он ҷумла ба афзоиши истеҳсолоти коркардкунанда ва ивазкунандаи воридот, класстеризатсиякунонии сектори аграрӣ ва саноатикунонии он.

2. Дастгирии давлатӣ ва баландбардории фаъолияти сармоягузорӣ рақобатпазирии маҳсулоти молистеҳсолкунандагони ватаниро дар КАС таъмин месозад ва бо ин ба он мусоидат мекунад, ки молистеҳсолкунандагони ватанӣ мунтазам бозорҳои агроозуқаворuи мамлакатро соҳиб мешаванд.

3. Бадастории БМТ устувори КАС, аз он ҷумла хоҷагии қишлоқи самаранок фаъолияткунанда бо истифодаи механизмҳои нави бозорӣ (агролизинг, ташкили паркҳои машинию тракторӣ дар доираи ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (АХД) ва СМТ дар шарикии давлатию хусусӣ ва ғайра).

4. Азхудкунии заминҳои нав, ҳифз ва нигоҳдории заминҳои кишт, тақсими самаранок ва боадолати оби обёрикунанда ҳангоми парвариши зироатҳои арзишманди хоҷагии қишлоқ, афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, бадастории устувории экологии сектори аграрӣ ва рушди агротуризм.

5. Эҳё ва мустаҳкамкунии Шуро оид ба бехатарии озуқаворӣ ҳамчун роҳи устуворгардонии идоракунии бисёрсоҳавӣ ба таъмини таъсири мусбати сиёсат ба ҳамаи барномаҳои бехатарии озуқаворӣ мусоидат хоҳад кард. Бадастории сатҳи миёнаи бехатарии озуқаворӣ ва ғизои комил, ки дар он 70-75,0%-и маҳсулоти хӯрокворuи истеъмолкунандаи аҳолии мамлакат аз тарафи молистеҳсолкунандагони ватанӣ истеҳсол мешавад.

6. Таъмини бадастории дастрасии иқтисодӣ дар сатҳи 40%-и хароҷоти аҳолӣ барои хариди маҳсулоти хӯрокворӣ дар хароҷоти умумии онҳо ва дастрасии сатҳи истеъмоли баробари 2800 ккалория дар шабонарӯз барои як шахс. Ҳифз кардан аз маҳсулоти пастсифати воридшаванда бо роҳи ташкил ё фаъолгардонии пешгирикунанда барои сифати маҳсулот низ аз ҷумлаи ин чорабиниҳо мебошанд.

7. Дар маҳалҳои деҳот ташкили корхонаҳои нави коркард ва рушди корхонаҳои мавҷуда дар КАС, рушди агробизнеси хурд дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ ба худтаъминкунии шуғли аҳолии деҳот, азхудкунии ҳудудҳои нави кишоварзӣ, коҳиши сатҳи камбизоатии аҳолии деҳот, мустаҳкамкунии вазъи синфи миёна ва то андозае коҳиши шумораи муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат хоҳад намуд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Исайнов Ҳ.Р.**


### АДАБИЁТ

1. Агентии омори назди ПҶТ // Маҷмуаи омории ҶТ. -Душанбе, 2015. -466 с.
2. Агентии омори назди ПҶТ // Маҷмуаи омории ҶТ. -Душанбе, 2020. -494 с.
3. Агентии омори назди ПҶТ // Маҷмуаи омории ҶТ. -Душанбе, 2021. -702 с.
4. Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2012-2020. Қарори Ҳукумати ҶТ аз 01.08.2012с.№383. -Душанбе, 2012. -41 с. [Манбаи электронӣ]. URL: www/moa.tj
5. Бахтиёри И.М. Агарная реформа в Республике Таджикистан: положение, направление и трудности / Бахтиёри И.М., И.С. Ашуров // Вестник ТНУ. -Душанбе, 2015. -№2/2(161). -С.247-252.
6. Бахтиёри И.М. Комплекси агросаноатӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣи аҳолии ҷумҳурӣ / Бахтиёри И.М. // Паёми ДМТ. -Душанбе, 2022. -№8. -С.192-200.
7. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе, 2015. -352 с.
8. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе, 2016. -352 с.
9. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе, 2021. -353 с.
10. Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2008с.№658. -Душанбе, 2008. – 67 с. [Манбаи электронӣ]. URL: www.moa.tj
11. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1985г. // Статистический ежегодник. -Душанбе, 1986. -288 с.
12. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1990г. // Статистический ежегодник. -Душанбе, 1991. -243 с.
13. Ҳисобот оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017. -13 с.
14. Ҳисобот оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018. -12 с.
15. Ҳисобот оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019. -14 с.
16. Ҳисобот оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020. -21 с.
17. Ҳисобот оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. -25 с.
18. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23 январи соли 2015. -Душанбе, 2015. -47 с.
19. Тоҷикистон: дастрасии захираҳо барои рушди инсонӣ // Ҳисоботи миллӣ оид ба Рушди инсонӣ дар соли 2014. -Душанбе, 2015. -132 с.


## ДУРНАМОИ РУШДИ СТРАТЕГИИ КОМПЛЕКСИ ОЗУҚАВОРИИ ҶУМҲУРӢ ДАР НИЗОМИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ


Таҳлили дар мақола анҷомдодаро ҳамчун мақсадҳои асосии рушди босуботи аграрӣ дар таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ғизои комили аҳолии ҷумҳурӣ дар шакли нақшавӣ дар чор самт: мушкилоти рушди КАС ва соҳаи агарӣ; афзалиятҳои асосии комёбии ҳадафи рушди босуботи КАС; самти ҳаракат барои расидан ба ҳадаф ва натиҷаҳои интизориро пешниҳод намудем, ки ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, индикаторҳои мониторинги сектори аграрӣ барои солҳои 2016-2030, барои пайгирии амалисозии фаъолиятҳои банақшагирифта дар назар дошта шудааст. Бояд гуфт, ки ҳадафи асосии рушди босуботи КАС ва сектори аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ба андозаи кофӣ истеъмол шудани маҳсулоти озуқаворӣ аз тарафи аҳолии мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар асоси далелҳои овардашуда, ҳамчунин, тибқи арзёбии таҳлилгарони маъруфи сектори аграрӣ барои расидан ба ин ҳадафҳо афзалиятҳои асосӣ гузошта шудааст. Инчунин, дар мақола тибқи арзёбиҳои афзалиятҳои зикршудаи рушди минбаъдаи КАС ва сектори аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон самтнокиҳои асосии фаъолият пешниҳод шудааст, ки амалисозии самаранокии фаъолиятҳо ва чорабиниҳои дар таҳқиқот зикршуда метавонанд барои ба даст овардани натиҷаҳои дарназардошта мусоидат намоянд. Дар маҷмуъ, аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф шароитҳои таъмини бехатарии озуқавориро дар асоси рушди комплекси агросаноатӣ ва истифодаи афзалиятҳои мамлакат барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳод ва асоснок намудааст.



**Калидвожаҳо:** комплекси агросаноатӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, сиёсати давлатӣ, бехатарии иқтисодӣ, бехатарии озуқаворӣ, кишоварзӣ, саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ, истеҳсоли маҳсулот ба ҳар сари аҳолӣ, низоми таъмини бехатарии озуқаворӣ.

**ПЕРСПЕКТИВЫ СТРАТЕГИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОГО КОМПЛЕКСА РЕСПУБЛИКИ В СИСТЕМЕ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА**

Проведенный в статье анализ основных целей развития аграрной устойчивости в обеспечении продовольственной безопасности и полноценного питания населения республики в виде плана по четырем направлениям: проблемы развития АПК и аграрного сектора; основные приоритеты достижения цели устойчивого развития АПК; представлены направления движения к достижению цели и ожидаемые результаты, каждый из них был проанализирован и обсужден отдельно, а также рассмотрены показатели мониторинга аграрного сектора за 2016-2030 годы для отслеживания выполнения запланированных мероприятий. Следует сказать, что основной целью стабильного развития аграрного сектора и аграрной отрасли в Республике Таджикистан является обеспечение продовольственной безопасности и достаточного потребления продовольственных продуктов населением страны. На основе представленных доказательств, а также по оценке известных аналитиков аграрного сектора определены основные приоритеты для достижения поставленных целей. Также, согласно оценкам, в статье представлены указанные приоритеты дальнейшего развития АПК и аграрного сектора Республики Таджикистан, основные направления деятельности, которые может обеспечить эффективная реализация упомянутых в исследовании мероприятий, помогающих достичь намеченных результатов. В целом, по результатам исследования автор предложил и обосновал условия обеспечения продовольственной безопасности на основе развития агропромышленного комплекса и использования преимущества страны для производства сельскохозяйственной продукции.

**Ключевые слова:** агропромышленный комплекс, производство сельскохозяйственной продукции, государственная политика, экономическая безопасность, продовольственная безопасность, сельское хозяйство, индустриализация национальной экономики, производство на душу населения, система обеспечения продовольственной безопасности.

**PROSPECTS FOR THE STRATEGIC DEVELOPMENT OF THE FOOD COMPLEX OF THE REPUBLIC IN THE SYSTEM OF THE AGRO-INDUSTRIAL COMPLEX**

The analysis of the main goals of the development of agrarian sustainability in ensuring food security and good nutrition of the population of the republic carried out in the article in the form of a plan in four areas: problems of development of the agro-industrial complex and the agricultural sector; the main priorities for achieving the goal of sustainable development of the agro-industrial complex; directions of movement towards achieving the goal and expected results are presented, each of them was analyzed and discussed separately, as well as indicators of monitoring the agricultural sector for 2016-2030 to track the implementation of planned activities. It should be said that the main goal of the stable development of the agricultural sector and the agricultural industry in the Republic of Tajikistan is to ensure food security and sufficient consumption of food products by the population of the country. Based on the evidence presented, as well as on the assessment of well-known analysts of the agricultural sector, the main priorities for achieving the set goals are determined. Also, according to estimates, the article presents the indicated priorities for the further development of the agro-industrial complex and the agricultural sector of the Republic of Tajikistan, the main areas of activity that can be ensured by the effective implementation of the activities and activities mentioned in the study. help achieve the intended results. In general, based on the results of the study, the author proposed and substantiated the conditions for ensuring food security based on the development of the agro-industrial complex and the use of the country's advantages for agricultural production.

**Keywords:** agro-industrial complex, agricultural production, government policy, economic security, food security, agriculture, industrialization of the national economy, per capita production, food security system.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Бахтиёри Изатулло Муродзода*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи иқтисод ва идораи КАС. **Суроға**: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **bahtier.izatullo@mail.ru.** Телефон: **(+992) 908 00 58 91**
***Тагоев Ҷумъахон Ҳамроевич*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисод ва идораи КАС. **Суроға**: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **tagoev_d@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918 90 68 73**

**Сведения об авторах:** ***Бахтиёри Изатулло Муродзода*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры экономики и управления АПК. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **bahtier.izatullo@mail.ru.** Телефон: **(+992) 908 00 58 91**
***Тагоев Джумахон Хамроевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики и управления АПК. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: t**agoev_d@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918 90 68 73**

**Information about the authors:** ***Bakhtiyori Izatullo Murodzoda*** **-** Tajik National University, assistant of the Department of Economics and Management of the Agroindustrial Complex. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail**: bahtier.izatullo@mail.ru.** Phone**: (+992) 908 00 58 91**
***Tagoev Dzhumakhon Khamroevich*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economics and Management of the Agroindustrial Complex**. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail**: tagoev_d@mail.ru.** Phone**: (+992) 918 90 68 73**

ТДУ: 336.2

# НАҚШИ АНДОЗҲО ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ

*Гулов Ш.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар тули якчанд соли охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти андозро ҳамчун самти афзалиятноку аввалиндарача қарор дод, зеро ин ислоҳот барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии кишвар оид ба таъмин намудани рушди бахши хусусӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ, васеъ намудани заминаҳои содироти молу маҳсулот ва ташкили ҷойҳои корӣ метавонад мусоидат намояд.

Гарчанде, ки даромади андозии буҷети Тоҷикистон ба ҳисоби миёна ба гурӯҳи кишварҳои даромади аз миёна пасттардошта наздик аст, таносуби даромади андоз нисбат ба ММД дар заминаи пандемияи COVID-19 аз 23%-и ММД дар соли 2019 то 20,5%-и ММД дар соли 2020 коҳиш ёфт. Ин нишондиҳанда сатҳи пасттарин даромади андозӣ дар даҳсолаи охир ба ҳисоб меравад (ҷадвали 1). Ин ҳолат дар навбати аввал, боиси суст шудани сармоягузориҳо ба хизматрасонии давлатӣ ва дигар самтҳои афзалиятноки рушди миллӣ гардид.

Воридоти муътадил даромадҳо ва таъмини воридоти маблағҳои банақшагирифташуда, барои дастгирию талошҳои Тоҷикистон дар самти паст кардани сатҳи камбизоатӣ, дастгирии вазъи иҷтимоӣ, навсозӣ ва васеъ намудани зерсохтори бозорӣ хеле муҳим аст. Дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон (СМР) ҳадафи зерин гузошта шудааст, ки то соли 2030 бояд сатҳи даромадҳои дохилӣ 3,5 маротиба боло бурда шуда, сатҳи камбизоатӣ ду баробар коҳиш дода шавад. Равона намудани даромадҳои дохилӣ ҳамчун самти афзалиятнок ва аввалиндараҷаи Ҳукумат барои ноил шудан ба ҳадафҳою вазифаҳои СМР ва беҳбуди устувории низоми буҷет, бахусус бо назардошти сатҳи бе ин ҳам баланди қарзи давлатӣ боқӣ мемонад.

**Диаграммаи 1.**




Сарчашма: таҳияи муаллиф, бо истифода аз ҳисоботҳои давравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз таҳлили диаграммаи 1 дида мешавад, агар ҳиссаи андозҳои дохила дар ММД дар соли 2015 ба 16,4% баробар гардида бошад, дар давраҳои минбаъда - солҳои 2016 - 15,5%, 2017 - 15,7%, 2018 - 15,3%, 2019 - 14,4%, 2020 - 12,9% ва дар соли 2021 бошад, 13,9%-ро ташкил додааст. Пастшавии ҳиссаи андозҳо дар якчанд соли охир аз таъсири омилҳои берунӣ ба иқтисодиёт сарчашма мегирад. Афзоиши бемории КОВИД-19 ба даромадҳои аҳолӣ, инчунин, ба фаъолияти соҳибкорӣ низ таъсири манфӣ расонд, ки дар камшавии воридоти андозҳо дида мешавад.

Барои афзоиши воридоти андозҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон талош дорад, ки самаранокии маъмуриякунонии андозро беҳтар созад ва аз ин рӯ, аз соли 2013 инҷониб кишвар лоиҳаи ислоҳоти маъмурикунонии андозро, ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ маблағгузорӣ мешавад, дастгирӣ менамояд. Лоиҳаи мазкур ба навсозии инфрасохтори IT (технологияҳои информатсионӣ) ва системаҳои гуногун мусоидат кард ва дар натиҷа 40 хизматрасонӣ барои андозсупорандагон дар формати электронӣ дастрас гардид, ки сатҳи робитаи воқеии байни андозсупорандагон ва нозирони андозро коҳиш дод. Инчунин, лоиҳа таъсиси Маркази ягонаи тамос бо андозсупорандагонро дастгирӣ намуд, ки ҳадафи он беҳтар намудани дастрасӣ ба иттилоот ва хизматрасониҳои машваратӣ ба андозсупорандагон мебошад.

Аммо, новобаста аз ин пешрафтҳои назаррас дар идоракунии андоз, Тоҷикистон дар афзоиши даромадҳои андозӣ ба баъзе маҳдудиятҳо дучор шудааст. Ин, пеш аз ҳама, шумораи афзояндаи имтиёзҳои андоз мебошад, ки боиси камшавии назарраси даромад гардид, ки тахминан аз 4 то 11%-и ММД-ро ташкил медиҳад.

Чанде пеш, дар Тадқиқоти ташхисии маъмурикунонии андоз (2019) қайд карда шуда буд, ки Кумитаи андоз иқтидори муайнро барои беҳтар намудани таҳлили мунтазами маълумотҳои мавҷуда дорад, ки барои баҳодиҳии миқдорӣ ва кам кардани хатарҳои риояи қонунгузории андоз роҳандозӣ намояд.

Барои беҳтар намудани муносибатҳои андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025 амал менамояд, ки тадбирҳои мушаххасро барои афзоиши самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, инчунин, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои андозиро дар бар мегирад. Сарфи назар аз пешравиҳо дар баъзе соҳаҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунон дар баъзе соҳаҳо бо мушкилоти сохторӣ рӯбарӯ аст [2].

Бо дар назар доштани вазъи мавҷуда, айни замон, масъалаҳои муҳимми маъмурикунонии андоз инҳо ба ҳисоб мераванд:

- ҳамкориҳои самараноки байниидоравӣ дар самти маъмурикунонии андоз;
- мавҷуд набудани тартиби арзёбии танзими меъёрҳои андозҳо ва таъсири имтиёзҳои андозӣ;
- истифодаи қисман ва нопурраи механизмҳои ҳавасмандкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ;
- баҳисобгирии нопурраи имтиёзоти истифодашуда аз ҷониби андозсупорандагон;
- ҳанӯз ҳам нокифоя будани имкониятҳои хизматрасонии электронӣ ба андозсупорандагон ва сатҳи пасти расонидани ёри ба онҳо;
- нокифоя будани арзёбии пайвастаи таҳлили даромадҳои андозӣ;
- сатҳи нокифояи назорати дохилии эътимоднокии нишондиҳандаҳои махзани маълумот ва системаҳои технологияи иттилоотӣ;
- нокифоя будани дониши андозӣ ва ҳуқуқи андозсупорандагон (аз он ҷумла сатҳи огаҳии онҳо аз ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои худ);
- мутобиқ набудани баъзе муносибатҳои андозии байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон ба имкониятҳои техникии технологияҳои муосир оид ба интиқол ва мубодилаи иттилоот;
- ҳавасмандии нокифояи андозсупоранда барои иҷрои дуруст ва сари вақтии уҳдадориҳои андозӣ;
- анҷоми нопурраи мониторинги воридоти андозҳо ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои саркашӣ аз пардохти андозҳо аз ҷониби мақомоти маҳаллии андоз;
- дар минтақаҳо номукаммал будан ва дар ҳолатҳои алоҳида умуман татбиқ нагардидани механизми арзёбии ҷанбаҳои сифатӣ ва миқдорӣ ва имкониятҳои воқеии ҷамъоварии андоз.

Ҳадафи асосии Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорон ва сармоягузорон, ҳамчун омили асосии афзоиши самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, инчунин, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои андозӣ мебошад.

Вазифаҳои асосии Барнома аз инҳо иборатанд:

- баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои байниидоравӣ бо мақомоти дигари давлатӣ дар самти маъмурикунонии андоз;

- таҳия намудани тартиби арзёбии танзими меъёрҳои андозҳо ва таъсири имтиёзҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ;

- такмили равандҳои беҳсозии маъмурикунонии андоз, аз ҷумла тавассути муттаҳидсозии равандҳои рушди соҳибкорӣ;

- таҳкими механизмҳои ҳавасмандсозандаи фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар ҷараёни мукаммалгардонии маъмурикунонии андоз;

- коҳишёбии хароҷоти марбут ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, ташаккули низоми устувори андоз, ки барои ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам меорад;

- мусоидат намудан ба тақвият бахшидани корҳо дар самти ҷоригардонии иқтисоди рақамӣ ва кам кардани таъсири омили инсонӣ;

- ҷорӣ кардани шакли нави назорати андоз - мониторинги андоз, ки дар байни мақомоти андоз ва андозсупорандагони масъулиятнок мубодилаи васею нави иттилоотиро ба вуҷуд меорад, ки ҳадафи он фақат назорат набуда, балки пешгирӣ кардани амалиёти дорои хавф ва омилҳои бавуҷудоварандаи онҳо мебошад;

- вусъат бахшидани корҳо дар самти пешгирӣ ва аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ дар мақомоти андоз;

- баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии андозсупорандагон ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи риояи қонунгузории соҳа аз ҷониби андозсупорандагон [1].

Аҳамияти андозҳоро дар рушди иқтисодӣ вобаста ба ҳаҷми сармоягузорӣ ва ташкили фаъолияти соҳибкорӣ баҳо додан мумкин аст. Барои сармоягузорон гаронии андозҳо омили асосӣ ба шумор рафта, фаъолияти соҳибкорӣ ва бизнес низ аз меъёри андозҳо, гаронии андозҳо, сиёсати андоз ва ҳатто муносибати кормандони мақомоти андоз вобастагӣ дорад.

Бонки Ҷаҳонӣ ҳамасола рейтинги «Пешбурди тиҷорат»-ро нашр мекунад, ки мушкилоти ташкил ва пешбурди тиҷорати шахсиро дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон инъикос мекунад. Рейтинги мазкур сатҳи фазои соҳибкорӣ дар кишварро мустақиман инъикос мекунад, ки ба ҷалби сармоягузорӣ таъсир расонида, ба сатҳи зиндагии аҳолии давлат таъсири мусбат мерасонад.

Рейтинг мазкур дар асоси 10 нишондиҳандаи танзими соҳибкорӣ, ки вақт ва хароҷоти соҳибкорро барои риояи талаботи давлатӣ барои сабти номи корхонаи нав, фаъолияти соҳибкорӣ, анҷом додани амалиёти тиҷоратӣ, иҷрои қарордодҳо, андозбандӣ ва қатъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ба инобат мегирад, асос ёфтааст. Нишондиҳандаи 7-ум дар ин рейтинг андозбандӣ мебошад, ки аз шумораи андозҳо, вақт барои ҳисобот ва супоридани андозҳо, меъёри андоз аз даромад, пардохти андоз аз музди кор, шумораи дигар андозҳо ва меъёри умумии андозҳо иборат ёфтааст.

**Ҷадвали 1. Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рейтинги «Пешбурди тиҷорат» байни кишварҳои ҷаҳон**

**Table 1. The position of the Republic of Tajikistan in the ranking of "Business promotion" among the countries of the world**

| р/т | Сол | Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни 190 кишвари ҷаҳон |
|---|---|---|
| 1 | 2016 | 132 |
| 2 | 2017 | 128 |
| 3 | 2018 | 123 |
| 4 | 2019 | 126 |
| 5 | 2020 | 106 |

Сарчашма: таҳияи муаллиф, бо истифода маълумотҳои сомонаи расмии Бонки ҷаҳонӣ

Аз таҳлили ҷадвал бар меояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин рейтинг зина ба зина боло рафта истодааст. Дар тули 5 соли таҳлилгардида, яъне аз соли 2016 то соли 2020, мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин рейтинг 26 зина боло рафтааст. Яке аз

омилҳои баланд шудани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ислоҳот дар Кодекси андоз ва кам шудани шумораи андозҳо ба шумор меравад.

Воридоти андозҳо низ сол аз сол афзоиш ёфта истодааст. Нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар соли 2022 102% таъмин гардид. Яъне, аз нақшаи пешбинигардида 1190,4 ҳазор сомонӣ маблағи барзиёд ба буҷет ворид карда шуд. Тибқи маълумоти барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо ба ҳолати 31-уми декабри соли 2022 субъектҳои хоҷагидорӣ 7523 ададро дар бар мегирад. Аз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор 490 адад шахсони ҳуқуқӣ бо дарназардошти воҳидҳои алоҳида, 186 адад соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 306 адад шаҳодатнома бо шартҳои махсус, 6007 адад хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва 499 адад соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда мебошад [9].

Чи тавре ба мо маълум аст, яке аз мақсадҳои асосии сиёсати давлатӣ таъмин намудани рушди иқтисодӣ ба шумор меравад. Давлат дар шароити низоми иқтисоди бозорӣ бо воситаҳои гуногун метавонад ба фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ таъсир расонад. Яке аз ин воситаҳо сиёсати фискалӣ мебошад, ки тавассути андозҳо ва хароҷоти буҷаи давлатӣ амалӣ гардонида мешавад. Сиёсати давлатӣ метавонад ба афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, баланд шудани даромадҳои аҳолӣ ва дар ниҳоят ба рушди иқтисодию беҳтар гардидани сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат намояд.

Рушди иқтисодӣ афзоиши кӯтоҳмуддати ҳаҷми ҳақиқии истеҳсолоти миллӣ набуда, балки тамоюли дарозмуддат ва мукаммалгардонии сифатӣ мебошад. Дар бештари адабиётҳои иқтисодӣ, рушди иқтисодӣ гуфта афзоиши миқдориинишондиҳандаҳои макроиқтисодиро, аз ҷумла ММД-ро меноманд. Инчунин, дар илми назарияи иқтисодӣ назарияи дигаре мавҷуд аст, ки мувофиқи он рушди иқтисодӣ гуфта чунин ҳолати тараққиёти иқтисоди миллиро ифода мекунанд, ки дар он суръати афзоиши ҳаҷми воқеии даромади миллӣ аз суръати афзоиши аҳолӣ зиёд бошад [3].

Вобаста ба он ки рушди иқтисодӣ бевосита бо маҷмуи тақозо ва маҷмуи арза вобаста мебошад, омилҳои рушди иқтисодӣ низ асосан омилҳои арза ва омилҳои тақозо ба шумор меравад. Яке аз омилҳои ба маҷмуи тақозо таъсиррасонанда маҳз сиёсати фискалии давлат мебошад, ки ба рушди иқтисодӣ метавонад таъсири гуногун дошта бошад.

Сиёсати фискалӣ сиёсатест, ки истифодаи имкониятҳои давлатро дар самти ҷамъоварии андозҳо ва харҷи маблағҳои буҷети давлатӣ барои танзими сатҳи иқтисодиёт дар шароити фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳалли мушкилоти гуногуни иҷтимоӣ дар бар мегирад. Ин сиёсати давлатӣ дар самти хароҷот ва андозҳои давлатӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти қонунгузор амалӣ карда мешавад, ки онҳо андоз ва буҷети давлатиро назорат мекунанд. Сиёсати фискалӣ низоми танзимеро ифода менамояд, ки бо хароҷотҳои давлатию андозҳо алоқаманд мебошад. Дар зери мафҳуми хароҷоти давлатӣ, хароҷотҳо барои нигоҳдории давлат ва хариди давлатии молу хизматҳо фаҳмида мешавад. Ин харидҳо метавонанд ҳар гуна бошанд: аз сохтмони роҳҳо, мактаб, беморхонаҳо то хариди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва техникаи ҳарбӣ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ва ғайра. Дар ин ҷо, ба сифати истеъмолкунанда худи давлат баромад мекунад. Аз ин рӯ, ин харидҳо ё барои истеъмоли худӣ ё ин ки барои танзими тақозо дар бозорҳои молҳо, хизматҳо, омилҳои истеҳсолот ва ба монанди инҳо истифода мешавад.

Хароҷоти давлат барои харид дар хароҷотҳои буҷа инъикос меёбанд ва аз ин рӯ, онҳо бояд самаранок бошанд ва рушди иқтисодии миқдорию сифатиро таъмин намоянд. Ин чунин маъно дорад, ки сиёсати фискалие, ки аз ҷониби ҳукумат гузаронида мешавад, бояд ба мақсади ҷамъият ҷавобгӯ бошад.

Мақсадҳои асосии сиёсати фискалӣ инҳо мебошанд:

- Бартараф кардани ноустувории даври иқтисодӣ.
- Афзоиши ҳаҷми рушди иқтисодӣ.

- Ба дараҷаи баланди шуғл ноил шудан.
- Муътадил гардонидани сатҳи таваррум.

Воситаҳои асосии сиёсати фискалӣ инҳо мебошанд:

1. Хароҷоти давлатӣ.
2. Андозҳо.

Сиёсати фискалӣ ба иқтисодиёти миллӣ тавассути бозори молу маҳсулот таъсир мерасонад. Тағйирот дар хароҷоти давлатӣ ва андозҳо дар маҷмуи тақозо инъикос ёфта, тавассути он ба ҳадафҳои макроиқтисодӣ таъсир мерасонанд. Вазифаи асосии сиёсати фискалӣ мувозинати низоми макроиқтисодӣ мебошад. Дар маҷмуъ, сиёсати фискалӣ бо мақсади таъмин намудани шуғли пурра ва тавлиди маҳсулоти ғайритаваррумии ММД равона шудааст. Одатан, сиёсати фискалӣ дар шакли дискретсионӣ ва ғайридискрисионӣ (дар шакли «омехтаи фискалӣ») амалӣ карда мешавад ва дар муддати кӯтоҳ самараи бештарро ба бор меорад.

Сиёсати фискалии давлат бо истифода аз воситаҳои худӣ амалӣ карда мешавад. Воситаҳои сиёсати фискалии давлат ин механизмҳои иқтисодие мебошанд, ки бо ёрии онҳо ҳадафҳои дар назди сиёсати буҷет гузошташуда ба даст оварда мешаванд. Ба маҷмуи воситаҳои сиёсати фискалӣ асосан субсидияҳои ҳукумат ва амалисозии намудҳои гуногуни андозҳоро (андоз аз даромади шахсони воқеӣ, андоз аз шахсони ҳуқуқӣ, аксизҳо) бо роҳи тағйир додани меъёрҳои андоз ё андозҳои якдафъаина дар бар мегиранд. Ғайр аз ин, воситаҳои сиёсати фискалӣ пардохтҳои трансфертӣ ва дигар намудҳои хароҷоти давлатро дар бар мегиранд. Воситаҳои гуногун ба иқтисодиёт бо роҳҳои гуногун таъсир мерасонанд. Масалан, афзоиши андоз боиси кам шудани хароҷоти умумӣ мегардад, аммо мултипликатори онро тағйир намедиҳад, дар ҳоле ки афзоиши меъёри андози даромади шахсон ҳам боиси кам шудани хароҷоти умумӣ ва ҳам мултипликаторӣ мегардад. Интихоби намудҳои гуногуни андозҳо - андози даромади шахсони воқеӣ, андози шахсони ҳуқуқӣ ё аксиз - ҳамчун воситаи танзим ба иқтисодиёт таъсири мухталиф, аз ҷумла ҳавасмандкуние, ки ба рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодӣ дорад.

Аз таҳлилҳои боло бар меояд, ки андоз дар таъмини рушди иқтисодӣ нақши асосиро доро буда, сиёсати дурусти он метавонад ба ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва афзоиши сармоягузорию маблағгузорӣ замина гузошта, ба афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ оварда расонад. Сиёсати бесамари он ва гаронии ниҳоят зиёди андозҳо баръакс ба рушди иқтисодӣ монеъ шуда, ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ метавонад таъсири манфӣ расонад.

**Муқарриз: д.и.и., дотсенти ДМТ – Комилов А.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Барономаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020.
2. Гулов Ш.М. Назарияи иқтисодӣ / Ш.М. Гулов. –Душанбе, 2021. -288 с.
3. Гулов, Ш.М. Особенности развития интеллектуальной собственности в условиях глобализации / Ш.М. Гулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. –№2/10(219).
4. Гулов, Ш.М. Современное состояние налоговой системы Республики Таджикистан / Ш.М. Гулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. -№5. -С.193-198.
5. Комилов А.К. Денежно-кредитное регулирование и его влияние на экономику / А.К. Комилов. – 2017. -№2. –С.13-15. EDN YGGGQB
6. Комилов, А.Қ. Назарияи иқтисодӣ: Васоити таълимӣ / А.Қ. Комилов, Ш.М. Гулов. -Душанбе: Ирфон, 2016. -260 с.
7. Маъмуров А.М. Тенденция развития налогового администрирования в Таджикистане / А.М. Маъмуров, А.С. Наманова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. Научно-теоретический журнал. -Худжанд, 2014. -№1(57). -С.144-151.
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021.
9. Сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти ҶТ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://stat.tj.
10. Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://andoz.tj.
11. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -Душанбе, 2016. -88 с.

12. Улугходжаева, Х.Р. Налоги и налогообложения в Республике Таджикистан. Учебник / Х.Р. Улугходжаева. - Душанбе: Ирфон, 2003. -320 с.
13. Халифазода С. Ҷанбаҳои назариявии такмили механизми маъмурикунонии андоз дар шароити буҳронӣ / Халифазода С., Э.Н. Шералиев / Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Вазъи низоми бонкиии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус”. –Кӯлоб, 2021. -С.333-336.

## НАҚШИ АНДОЗҲО ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ

Дар мақола аҳамият ва таъсири андозҳо ба иқтисодиёти кишвар шарҳ дода шуда, нақши он дар шароити низоми иқтисоди бозорӣ асоснок карда шудааст. Ҳиссаи андозҳо дар ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар тули солҳои истиқлолият таҳлил гардида, нақши андозҳо дар он асоснок гардидааст. Инчунин, проблемаҳои асосии дар ин самт ҷойдошта таҳлил гардида, хусусиятҳои зоҳиршавии онҳо дар шароити низоми иқтисоди бозорӣ дарҷ гардидааст. Дар навбати худ, хусусиятҳои низоми амалкунандаи андоз ва таъсири он ба иқтисодиёт, бахусус соҳаи соҳибкорӣ оварда шудааст. Инчунин, дар мақола самтҳои рушди маъмурикунонии андозҳо дар шароити имрӯза асоснок шуда, вазифаҳои асосии барномаи мазкур шарҳ дода шудааст. Рейтинги «Пешбурди тиҷорат», ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ нашр мегардад, таҳлил гардида, мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он таҳлил карда шудааст. Дар мақола таҳлили воридоти андозҳо дар соли 2022 мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ оварда шудааст. Маълумоти барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо ба ҳолати 31-уми декабри соли 2022 субъектҳои хоҷагидорӣ таҳлил карда шудааст. Шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор, шахсони ҳуқуқӣ бо дарназардошти воҳидҳои алоҳида, соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, шаҳодатнома бо шартҳои махсус, хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда таҳлил гардидааст.

**Калидвожаҳо:** андоз, низоми андозситонӣ, системаи миллии андоз, сиёсати фискалӣ, рушди иқтисодӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, молия, буҷети давлатӣ, даромадҳои буҷети давлатӣ, хароҷоти буҷети давлатӣ, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, иқтисоди бозорӣ.

## РОЛЬ НАЛОГОВ В ОБЕСПЕЧЕНИИ УСТОЙЧИВОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО РОСТА

В статье разъясняется значение и влияние налогов на экономику страны, а также обосновывается их роль в условиях системы рыночной экономики. Проанализирована доля налогов в валовом внутреннем продукте за годы независимости и обоснована роль налогов в нем. Также проанализированы основные проблемы в этом направлении и перечислены особенности их появления в условиях системы рыночной экономики. В свою очередь представлены особенности действующей налоговой системы и ее влияние на экономику, особенно на предпринимательский сектор. Также в статье обосновываются направления развития налогового администрирования в современных условиях и разъясняются основные задачи данной программы. Также проанализирован рейтинг стран по легкости ведения бизнеса, опубликованный Всемирным банком, и позиция Республики Таджикистан в нем. В статье анализируются налоговые поступления в 2022 году. План налогов и других обязательных государственных платежей представлен с учетом внебюджетного социального налога. Проанализирована информация программы для ЭВМ Единой информационной системы налогового управления о состоянии хозяйствующих субъектов по состоянию на 31 декабря 2022 года. Проанализировано общее количество хозяйствующих субъектов, юридических лиц с обособленными подразделениями, индивидуальных предпринимателей, действующих на основании свидетельства, свидетельства с особыми условиями, фермерских хозяйств без образования юридического лица и индивидуальных предпринимателей, действующих на основании патента.

**Ключевые слова:** налог, налоговая система, национальная налоговая система, фискальная политика, экономическое развитие, предпринимательская деятельность, финансы, государственный бюджет, доходы государственного бюджета, расходы государственного бюджета, валовой внутренний продукт, рыночная экономика.

## THE ROLE OF TAXES IN SUSTAINABLE ECONOMIC GROWTH

The article explains the significance and impact of taxes on the country's economy, and also substantiates their role in a market economy system. The share of taxes in the gross domestic product during the years of independence is analyzed and the role of taxes in it is substantiated. The main problems in this direction are also analyzed and the features of their appearance in the conditions of a market economy system are listed. In turn, the features of the current tax system and its impact on the economy, especially on the business sector, are presented. The article also substantiates the directions of development of tax administration in modern conditions and explains the main tasks of this program. Also, the ranking of countries in terms of ease of doing business, published by the World Bank, and the position of the Republic of Tajikistan in it were analyzed. The article analyzes the tax revenue in 2022. The plan of taxes and other mandatory state payments is presented taking into account the non-budgetary social tax. The information of the computer program of the Unified Information System of Tax Management has been analyzed for the status of economic entities as of December 31, 2022. The total number of economic entities, legal entities with separate units, individual entrepreneurs operating under a certificate, certificates with special conditions, farms without establishing a legal entity and individual entrepreneurs operating under a patent was analyzed.

**Keywords:** tax, tax system, national tax system, fiscal policy, economic development, entrepreneurial activity, finance, state budget, state budget revenues, state budget expenditures, gross domestic product, market economy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Гулов Шерали Маҳмадсаидович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 935-82-90-91**

**Сведения об авторе:** ***Гулов Шерали Махмадсаидович*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой налогов и налогообложения. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 935-82-90-91**

**Information about the author:** ***Gulov Sherali Mahmadsaidovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Taxes and Taxation. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: (+992) 935-82-90-91**

ТДУ: 338.2 (575.3)

# БАҲОДИҲӢ БА ЗАХИРАҲОИ САЙЁҲИЮ РЕКРЕАТСИОНИИ ПОМИРИ ШАРҚӢ

*Риҷабеков Н.Ч., Диловаров Р., Руштов Б.И.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ,**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар рисолаҳо ва мақолаҳои илмию-тадқиқотӣ оиди таснифоти амали гардонии сарватҳои табиию-сайёҳӣ ва фаъолияти рекреатсионӣ, таърихию-фарҳангӣ, иқтисодию-иҷтимоии равияҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқотҳо оид ба таснифоти захираҳои сайёҳию-рекреатсионӣ кам ба назар мерасад, ки онҳо асос ва зербунёди равияҳои гуногуни хел ва намудҳои сайёҳӣ ва фаъолияти рекреатсионӣ ба шумор меравaнд.

Аз ин бар меояд, ки шароит ва сарватҳои сайёҳӣ ба пайдоиши фаъолияти рекреатсионии корхонаҳои сайёҳии зербунёди асосии ташкили ҳудудии сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ба шумор меравaнд, ки ба онҳо омилҳои сатҳӣ, иқлимӣ, захираҳои обӣ, обҳои маъдани табобатӣ, лойҳои табобатӣ, манзараҳои табиӣ, мавзеъҳои таърихию-табиӣ ва олами набототу ҳайвонот дохил мешаванд.

Гурӯҳи дигари шароит ва сарватҳои сайёҳию-рекреатсиониро бо мақсадӣ табобат ва солимгардонӣ, ки як самти асосӣ ба шумор меравaнд, ки онҳо дар мавзеъҳои гуногуни Помири Шарқӣ ҷойгир шуда, таркиби кимёвии онҳо ба шароити мавзеъи географии хос ҷудо шудаанд, ки дорои офтобдармонӣ, оббозӣ, сайру гашт, шикори моҳӣ ва истироҳат дар фазои маҳалро доранд, то ҳол аз нуқтаи назари фаъолияти рекреатсионӣ дуруст баҳо дода нашудаанд.

Равияҳои дигари фаъолияти рекреатсионӣ, ки то ҳол тадқиқоти худро наёфтааст, ба онҳо, пеш аз ҳама, хатсайрҳои сайёҳӣ, варзишӣ, солимгардонӣ алоқамандӣ доранд, ки дар корҳои илмии тадқиқоти кам ба чашм мерасанд. Онҳо аз рӯи талаботҳо ва омилҳои географӣ ба сайёҳии ҳудудӣ яъне, водигӣ ва кӯҳӣ ҷудо мешаванд. Ин намуди фаъолияти рекреатсионӣ ба талаботҳои экскурсионӣ ва кишваршиносӣ алоқаманд мебошанд ва онҳоро дар раванди ташкили ҳудудии сайёҳии маҳалӣ ва байналхалқӣ истифода баранд.

Оиди сайёҳии илмӣ, аквалӣ ва сайёҳии этникӣ, ки дар ҷумҳурӣ ташаккул ёфта истодааст, кам тадқиқотҳо гузаронда шудааст, ба ин равияҳои сайёҳӣ ва фаъолиятҳои рекреатсионӣ, ки дар асоси шароит ва сарватҳои табиию-сайёҳии кӯҳӣ, ки дар Помири Шарқӣ рушд ёфта истодааст, бояд ба онҳо аз нуқтаи назари тадқиқотҳои ҷаҳонӣ баҳо дода шавад.

Баҳодии ба иқтидори сайёҳӣ ва рекреатсионии Помири Шарқӣ заминаи муҳимми ҳамоҳангсозӣ, тарҳрезӣ, ҷобаҷогузорӣ ва рушди системаҳои сайёҳию – рекреатсионӣ буда, ба муайян кардани вазифаҳои калидии онҳо дар асоси арзиши захираҳои ҷудогона ва якҷоякунии онҳо, рушди устувори сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар мавзеъҳои кӯҳӣ мусоидат мекунад. Муайян намудан ва баҳодиҳӣ ба иқтидори сайёҳӣ ва захираҳои дастрасии сайёҳии минтақа яке аз вазифаҳои муҳимтарин барои ташкилкунандагони фаъолияти сайёҳӣ дар Помири Шарқӣ ба шумор меравад.

Ҳудуди Помири Шарқӣ қисми зиёди - Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро дар бар гирифта, хусусияти хосси табиию географӣ дошта, дар қисмати шарқии суфакӯҳи баландтарини Осиё ҷойгир шудааст. Сарҳади минтақаи сайёҳии Помири Шарқӣ дар самти шарқ силсилакӯҳҳои Сарикӯл, қаторкӯҳи Вахон ва рӯди Помир дар ҷануб, қаторкӯҳӣ Паси Олой дар шимол мебошад. Мувофиқи ақидаи доктори илмҳои биология, ботаник, ва ҷуғрофшинос К.В Станюкович (с.1982) сарҳади онро дар қисми шимолӣ тақрибан аз хатти рӯди Митс аз Олтимазор, оғоз ёфта пиряхи Федченко, тарафи рости дарёи Ванҷ, дар қисми мобайни ҳавзаи кӯли Сарез, рӯдҳои Пшарти шарқӣ Мурғоб ба самти шарқ тоб хӯрда, сипас ба самти ғарб ва ниҳоят дар тули ғарбии Сабзкӯл (Яшилкӯл), ағбаи Куй-Тезак ва Зоркӯл гузашта, рост ба рӯди Помир мепайвандад. Аз рӯйи чунин сарҳадгузорӣ ҳудуди Помири Ғарбӣ нисбат ба Помири Шарқӣ аз ҷиҳати масоҳат бартарӣ пайдо мекунад [1,с.4,6].

Помири Шарқиро аз ҷиҳати маҷмуи шароитҳои табиӣ ба биёбони баландкӯҳ дохил шуда, ин минтақаи баландкӯҳи ҷаҳон аз сатҳи баҳр дар баландии 3500-4500м ҷойгир шудааст. Аз ин сабаб, диққати сайёҳон ва рекрантҳои экстремалиро ба худ ҷалб кардааст [11,с.3].

Релеф, бешубҳа, барои рушди сайёҳӣ дар минтақаҳо ва марказҳои будубош аҳамияти ҳалкунанда дорад, зеро он имкониятҳои рушди тамоми намудҳои асосии фаъолияти сайёҳиро муайян намуда, инчунин, ба тамоми ҷузъҳои дигари табиат, аз ҷумла иқлим, обҳои дохилӣ, олами набототу ҳайвонот ва ғайра таъсир мерасонад. Ин кор метавонад барои баҳодиҳии шабоҳати шароити релефи дигар ноҳияҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба роҳ мондани фаъолияти пурсамари сайёҳӣ ва рекреатсионӣ ҳамчун асос хизмат кунад. Аммо аз назари мо, релефи Помири Шарқӣ аз ҷиҳати гуногунрангии геоландшафти ба қадри кофӣ то ҳол баҳо дода нашудааст, бинобар ин, барои тарҳрезии хатсайрҳои пиёдагардӣ, экологӣ аспсаворӣ, чайло-сайёҳӣ (джайлоо-туризм), бояд тадқиқотҳои илмӣ гузаронда шавад.

Релефи Помири Шарқӣ бо мавҷудияти пасткӯҳҳо, миёнакӯҳҳо ва баландкӯҳҳо, сӯфакӯҳҳо, фурӯхамидаҳо, водию хамиҳои фароху ҳамвор маъруф аст, ки таҳкурсии онҳо дар натиҷаи ҳаракатҳои навтарини тектоникӣ шакл гирифтааст. Дар мавриди 4000-6000 м будани баландии мутлақ ва баланди нисбӣ, онҳо одатан аз 1000-1500 м баландӣ доранд. Дар ҳудуди ин минтақаи сайёҳӣ қаторкӯҳи Паси Олой (7124 м), Қуллаи Абуали ибни Сино (7134 м), Тоҷвар (Белеули), Пшарт, Бабрагузар (Зулумарт), Музкӯл, Аличури Шимолию Ҷанубӣ, Бозордара ва Сарикӯл (5200 м) ҷойгир шудаанд. Шакли бештари кӯҳу қаторкӯҳҳо гумбазшакл, вале чанди дигари онҳо ростфаромада теғаҳои нугтез доранд [1,с.6].

Аз нуқтаи назари тадқиқотҳои мо, моҳиятан барои минтақаи таҳқиқшаванда баҳодиҳии ба релефи минтақа барои рушди сайёҳии варзишӣ: лижаронӣ, велосипедронӣ ва аспсаворӣ кӯҳӣ тавсия дода мешавад. Ин минтақаи сайёҳӣ вобаста бо хусусиятҳои релеф мавҷудияти роҳҳо ва қаторкӯҳҳои гумбазшакл аз минтақаи сайёҳии Помири Ғарбӣ фарқ карда мешавад ва имконияти ташкил намудан саёҳии кӯҳгардӣ, саргузаштӣ, таърихию-фарҳангӣ сайёҳии ғоршиносӣ ва барои саворагардӣ ҳайвони шохдор доро мебошад. Бинобар ин, Шуъбаи сайёҳии ноҳияи Мурғоб дар якҷояги бо ташкилотҳои сайёҳӣ ва ассотсиатсияи экологии ноҳияи Мурғоб экскурсияҳои пиёдагардӣ, экологӣ, таърихӣ ва рекреатсионӣ дар водиҳои Ховаркӯл (Қаракӯл), Сардоб (Музӯл), Аличури Шимолӣ, Бозордара (объекти таърихӣ), Аличури Ҷанубӣ, Оқсу ва Зоркӯл ташкил намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки нақш ва аҳамияти қаторкӯҳҳои гумбазшакл дар ташаккул ва фаъолияти сайёҳию- рекреатсионӣ, дар он аст, дар раванди сафар гардишгарон барои баромадан бо ин қаторкӯҳҳо метавонанд аз аксбардории ҳайвонотҳои нодир, худ суратгири (селфи), ба навор гирифтани манзараҳои назаррабо, гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ (таркиби химиявию - физикавии хок), ба нақша гирифтани релефи ин минтақа ва ба навор гирифтани филмҳои мустанд истифода баранд.

Дар ҳудуди қаторкӯҳҳои Сарикӯл имконияти саёҳат кардан аз ҷониби ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст, аммо убур кардани хатти сарҳади байни ду давлати ҳамҷавор тибқи қонунгузории тарафайн суръат гирад.

Хусусиятҳои биоиқлимии ҳар як қаламрав низ ҷузъи муҳимми ташкили ҳудудии сайёҳӣ ва рекреатсия мебошанд. Дар ин ҳолат ҷузъи "био" ба он далолат мекунад, ки нишондиҳандаҳои обу ҳаво ва иқлим мебошанд, ки худ ба сифати захира хидмат мекунанд, ё шарти ташкили фаъолияти сайёҳию рекреатсионӣ ба шумор меравад, ки ба организми инсон таъсири табобати мерасонанд. Дар байни онҳо бароҳат (комфортный), бароҳати фаръӣ (субкомфортный) ва нороҳат (дискомфортный) мебошанд [15,с.46].

Ҳарорати пасти ҳаво ё баръакс, хеле баланд, намнокии зиёд, шамоли сахт омилҳои номусоид мебошанд, ки ба системаҳои мутобиқшавии бадани инсон мушкилӣ меоранд.

Иқлими минтақаи сайёҳии Помири Шарқӣ - ки аз баҳру укёнусҳо дур ҷойгир шудааст, иқлими ин мавзеи сайёҳии континенталӣ, хушки шадид ва зимистонаш сарду

бебарф ва тобистон хунуктар аз дигар минтақаҳои сайёҳии ҷумҳуриямон ба куллӣ фарқ мекунад. Ин минтақаи сайёҳӣ аз чиҳати шароити табии географӣ худ ба минтақаҳои баландкӯҳӣ Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, ба қаторкӯҳҳои Тибет ва Кунлун шабоҳат дорад [10,с.10].

**Ҷадвали 1. Мавзеъҳои иқлимии Помири Шарқӣ**
**Table 1. Climatic features of Eastern Pamir**

| № | Номи мавзеъ | Баланди аз сатҳи бахр. (ҳаз.м) | Ҳарорати миёнаи ҳаво (моҳи июл) | Ҳарорати миёнаи ҳаво (моҳи январ) | Ҳарорати мутлақ | Ҳарорати миёнаи солона |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Булункӯл | 3576 | + $12^0$ С | $-25^0$С | $-63^0$С | $1^0$С |
| 2 | Қарокӯл | 3744 | + 8,$7^0$ С | $-18^0$С | $-50^0$С | $1^0$С |
| 3 | Мурғоб | 3846 | + $8^0$ С | -17,$6^0$ С | $-47^0$С | $1^0$С |
| 4 | Шаймак | 3930 | - | - | - | $1^0$С |

Омори кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021.

Барои сайёҳони хориҷӣ ва давлатҳои ҳамсоя нишондодҳои иқлимӣ омили ҷалб намудани онҳо ба ин мавзеи сайёҳӣ мебошад. Бинобар нишондодҳои бисёрсолаи бунгоҳҳои обу ҳавосанҷии ноҳияи Мурғоб, ҳарорати миёнаи ҳаво дар моҳи июл дар Мурғоб + $8^0$ С, дар Булункӯл + $12^0$С, ҳарорати моҳи январ дар Мурғоб-17,$6^0$ С, дар Булункӯл + 25,$5^0$ С, ҳарорати миёнаи солона дар мавзеъҳои ин ҳудуд аз 10 то 5,$4^0$ С-ро ташкил медиҳад. Ҳадди ақали мутлақ дар Мурғоб -$47^0$ С, дар Булункӯл бошад - $63^0$ С мерасад. Сардиҳои сатҳи замини Помири Шарқӣ дар давоми тамоми сол, ба минтақаи тундраи нимкураи шимолӣ монанди дорад, ки ба рушди намудҳои гуногуни сайёҳӣ (аз ҷумла сайёҳии таърихӣ, варзишӣ, муносибатӣ, сайругаштӣ ва экосайёҳӣ) таъсири худро мерасонад.

Дар Помири Шарқӣ вобаста ба мавқеи ҷойгиршавии он, боришоти атмосферӣ хеле кам буда, қисми зиёди он аз қабати барфи зимистона холӣ аст, ки барои ташкил намудани сайёҳии шикорӣ, тамошои ҳайвонотҳои ширхӯр, аксбардории манзараҳои назаррабо ва сайёҳоне, ки бо тадқиқоти илмӣ машғуланд мусоидат мекунад. Боришоти солона дар мавзеи сайёҳии Помири Шарқӣ аз 100 мм камтар мешавад. Масалан, дар Мурғоб ба 73 мм, дар Маздо (Булункӯл) ба 86 мм, дар Қарокӯл ба 72 мм баробар аст. Танҳо дар маҳалҳое, ки беш аз 4000-4500 м баландӣ доранд то 200 мм бориш мешавад. Рахи барфӣ дар ин минтақаи сайёҳӣ аз 5000 м паст намефарояд. Зимистон камбарф ва ё тамоман бебарф аст. Ин ҷо бориш бештар дар фасли гарми сол рух медиҳад [5,с.31].

Шабакаи гидрографии минтақаи сайёҳии Помири Шарқӣ аз дарёҳо ва кӯлҳои калон иборат буда, онҳо ба ҳавзаи дарёи Панҷ дохил мешаванд. Дарёҳои калонтарини Помири Шарқӣ Музкӯл, Шухоб (Маркансу), Сияҳрӯд (Қарочилға), Кокӯйбел, Баландоб (Коксой), Аличур, Сардоб (Оқсу), Иссиқбулоқ ва дигар дарёчаҳои хурд аз қабили Гурумдеҳ (Ғурумдӣ), Ирису ва Кемчибер дар ин минтақаи саёҳӣ ҷойгир шудаанд [9].

Ин дарёҳо барои ташкили сайёҳии обӣ ва шикорӣ (моҳидорӣ) мувофиқ нестанд. Сабаби аввал дар он аст, ки баъзе дарёҳои минтақаи сайёҳии Помири Шарқӣ дар байни регу сангҳо нопадид мешаванд, сабаби дуюм, бо сабаби паст будани ҳарорати фасли тобистон оби дарёҳои ин минтақаи сайёҳӣ он қадар зиёд намешавад. Сеюм дар натиҷаи оби борону барф, оби дарёҳо зиёд шуда, ба кӯлҳои Ховаркӯл (Қарокӯл), Рангкӯл ва Шуркӯл мерезанд.

Ба гурӯҳи захираҳои табиии рекреатсионӣ, обҳои маъданӣ, лойҳои табобатӣ инчунин, кӯлҳо дохил мешаванд. Дар пайвастшавии минтақаи сайёҳии Помири Ғарбӣ ва Помири Шарқӣ кӯлҳои зиёде мавҷуд ҳастанд. Ҳисоб карда шудааст, ки дар баландиҳои 3200-3500 метр, 800 кӯл дар минтақаи сайёҳии Помири Шарқӣ ҷойгир шудаанд. Яке аз аломати ҷолиб дар ҷойгиршавии кӯлҳо аз он иборат аст, ки қисми зиёди онҳо дар ноҳияи камбориши Помири Шарқӣ воқеъ гаштаанд. Агар дар тамоми Тоҷикистон 0,5% масоҳатро кӯлҳо фаро гирифта бошанд, ин нишондиҳанда барои Помир 5,4% аст. Дар маҷмуъ, ин кӯлҳо 83% кӯлҳои Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Дар ҷадвали зерин кӯлҳои Помири Шарқӣ ва хусусияти фарқкунандаи онҳо нишон дода мешавад [4,с.193].

**Ҷадвали 2. Мавзеъҳое, ки дар ҳудуди онҳо сайёҳии аквалӣ (обӣ) ва экстремалӣ (пурмоҷаро) гузаронидан мумкин аст**

**Table 2. Areas in which it is possible to conduct underwater (water) and extreme (adventure) tourism**

| № | Ном | Мавзеи ҷойгиршавии кӯлҳо | Таъми об | Масоҳат км² | Ҷуқури кӯл м. | Баландӣ аз сатҳи баҳр (м) | Олами наботот ва ҳайвонот | Ташаккул додани равияҳои сайёҳӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ховаркӯл (Қарокӯл) | Шимолӣ П.Шарқӣ | Шӯр | 380 | 238 | 3914 | Моҳихӯрак (чайка), караче, Аз ҳашаротҳо: коловратникҳо харҷангҳои бепо | Экологӣ, шикорӣ, экскурисяҳои ботаникӣ, зоологӣ |
| | Зоркӯл | Қат. А. Ҷанубӣ | Ширин | 38,9 | 18 | 4125 | Осмонмоҳӣ, пулакмоҳӣ тибетӣ, ширмоҳӣ, зоопланктонҳо, зообентосҳо | Мавҷсаворӣ Серфинг, Мавҷсаворӣ (видсерфинг), обварзӣ (дайвинг) |
| 4 | Ҷамшед (Яшилкӯл) | Дар қисми ғарбии водии дарёи Аличур | Ширин | 35,6 | 52 | 3734 | Обсабзу планкто, осмонмоҳӣ, ширмоҳӣ, бараҳнамоҳӣ | Шикорӣ, калакронӣ (сквиртботинг), обсаворӣ (флайбординг) |
| 5 | Шӯркӯл | | Шӯр | 9,8 | 7 | 4000 | | Шикорӣ, мавҷсаворӣ |
| 6 | Рангкӯл | Дар хамии Рангкӯл ва 10 км шарқтар аз роҳи автомобилгардӣ Ош-Хоруғ ҷойгир шудааст | Шӯр | 7,8 | 2,5 | 3780 | | тутинронӣ (каякинг), сякинг, обварзӣ (дайвинг) |
| 7 | Хингкӯл (Сасиқкӯл) | Дар ҳавзаи дарёи Аличур | Шӯр | 4,6 | 3,4 | 3825 | Ширмоҳӣ, хормоҳӣ, зағорамоҳӣ | Лижаронии обӣ, тутинронӣ |
| 8 | Булункӯл | Дар водии васеи байни кӯҳии дарёи Иссиқбулоқ | Шӯр | 3,4 | 5 | 3757 | | Бодпарсаворӣ (кайтсерфинг) лижаронии обӣ |

Бо баъзе иловаҳо аз китоби Муҳаббатов Х. Об манбаи Ҳаёт. –Душанбе, 2003. –С.102.; Агаханянц О.Е. –Душанбе, 1965. -С.149.; Кеммерих А.О. –М.: Мысль, 1978. -С. 220-221.

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки дар давлатҳои ҷаҳон кӯлҳо на танҳо манбаи оби нӯшокию гидроэнергетикӣ мебошанд, балки саҳми бузурге дар пешрафти иқтисодиёт ва сайёҳии рекреатсионию табобатӣ доранд. Бо мақсади самаранок истифода бурдани лойқаҳои шифобахши Сасиққӯл ва Шӯркӯл аз тарафи мутахассисон бояд ҷиҳатҳои гуногуни табобатию- солимгардонии ин лойқаҳо саҳеҳ омӯхта шаванд. Ба андешаи мо, истифодаи лойқаҳои шифобахш ба манфиати кор хоҳад буд. Агар дар оянда дар заминаи ин лойқаҳои шифобахш табобат дар мавзеъҳои сайёҳии Помири Шарқӣ ба роҳ монда шавад, барои аҳолии маҳаллӣ ҷойҳои нави корӣ пайдо мешавад, сайёҳони ватанию хориҷиро бо мақсади табобат қабул мекунанд ва хизматрасонии тиббӣ самти нав пайдо мекунад.

Маъмулан, дар кӯлҳо моҳиҳои маринка, кромул, гулмоҳӣ, сазан, лақамоҳӣ, ширмоҳӣ (schizotrax intermedius) ва осман (schizopygopsis stoliczkai) мавҷуданд. Дар кӯлҳо растаниҳои обӣ, мисли планктонҳо ва зообентосу фитобентосҳо мавҷуд буда, ин

организмҳои зиндаи обӣ барои моҳиҳо ғизои хуб мебошанд. Аммо фаъолияти сайёҳии истироҳатӣ, варзиши шикорӣ то ҳол бо сабабҳои номаълум суст рушд кардааст.

Тибқи тадқиқотҳои Давлатбеков Ш. (Чашмаҳои дармонбахши Бадахшон. –Хоруг, 2006) Дар ҳудуди минтақаи сайёҳии Помири Шарқӣ зиёда аз 16- чашмаи маъдани мавҷуд буда, муҳимтарини онҳо чашмаи маъдании Иссиқбулоқ, Бахмир, Чартигумбаз, Аличур, Қизилработ Иҷқилиқ мебошанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ин чашмаҳои маъданӣ қимати табобатию истироҳатӣ доранд, вале истифодаи онҳо то ҳол дуруст ба роҳ монда нашудааст ва паҳлуҳои гуногуни хизматрасонии сайёҳию - рекреатсионӣ ба талаботи сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ ҷавобгӯй нестанд. Дар ҳоли ҳозир ин чашмаҳои маъданиро танҳо аҳолии маҳалли истифода мебараду халос.

Аз олами ҳайвонот гӯсфанди Марко Поло, суғур, бабри барфӣ, савсор, бузи кӯҳӣ (нахчир), гург, ғози ҳиндӣ (Bar headed goose), моҳихӯраки хокистаранг, каргаси ҳимолоӣ (Himalayan vulter), мири мушони туркистонӣ, кабки ҳилол, уқоб, лаклаки сиёҳ (Black stork), зоғ ва ғайра дар ин минтақаи баландкӯҳӣ ҷаҳон зисту зиндагонӣ мекунанд. Аз ҷиҳати фауна минтақаи сайёҳии Помири Шарқӣ камбағал аст [7,с.470,480, 486].

Ҳамин тариқ метавон гуфт, ки манзараҳои минтақаи сайёҳии Помири Шарқӣ ки аз релефи хушманзара, шабакаи зичи кӯлу дарёҳо ва маҷмуъҳои гуногуни набототу ҳайвонот дар ин минтақаи сайёҳӣ ташаккул ёфтаанд, ки барои ташкили сайёҳии солимгардонию рекреатсионӣ иқтидори назаррас доранд ва инчунин, заминаи мусбати ҳисси (эмоционально-положительным) буда, барои дигар равияҳои сайёҳӣ ва фаъолияти рекреатсионӣ хизмат мекунанд. Дар асоси гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки шароити табиӣ ва георафӣ хусусиятҳои релеф ва иқлими мавзеъҳои сайёҳии Помири Шарқӣ дар умум барои ташкил ва ташаккули равияҳои гуногуни сайёҳӣ ин минтақаи кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

**Пешниҳодҳо**

1. Минтақаи сайёҳӣ ва фаъолияти рекреатсионии Помири Шарқӣ яке аз мавзеъҳои нотакрори кураи замин буда, хусусиятҳои хосси табии, таърихию-фарҳангӣ, иқтисодию-иҷтимоӣ ва этникии аҳолии он бояд кулан аз нав омӯхта шуда, ба он баҳои дурусти сайёҳию–рекреатсионӣ дода шавад.

2. Барои омода намудани мавзеъ барои сайёҳон ва рекрантҳо ба маблағгузории давлатию-хориҷӣ ниёз дорад, то ки инфрасохтори асосии сайёҳӣ рушд ёбад.

3. Барои омӯзиши ҳудуди сайёҳӣ ва рекреатсионӣ мутахассисони таҷрибадори соҳавӣ ҷалб карда шавад.

4. Хатсайрҳои сайёҳию-рекреатсионӣ ҷавобгӯи талаботҳои ин минтақаи кӯҳии ҷаҳон нестанд, бояд онҳо вобаста ба равияҳои гуногуни сайёҳӣ тартиб дода шаванд.

5. Роҳбаладон ва экскурсаводҳо бояд дониши равияҳои сайёҳии кӯҳӣ ва кӯҳнавардиро дошта бошанд ва малакаҳои наҷотдиҳиро аз ҳодисаҳои таббиӣ дошта бошанд.

6. Дар раванди амалӣ гардонидани хатсайрҳои экологӣ дар мавзеъҳои ҳифзшаванда қонунҳои экологиро қатъиян риоя намоянд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Сайфуллоев Н.Н.**

**АДАБИЁТ**


1. Агаханц А. Основные проблемы физической географии Памира / А. Агаханц. -Душанбе: АН Таджикской ССР, 1966. -Ч.1. -178 с.
2. Акназаров О.А. Экотуризм на Памире: проблемы и перспективы / О.А. Акназаров, Мельничков. –Душанбе, 2006. -С.22-23.
3. Давлатамадов Ш. Чашмаҳои дармонбахши Бадахшон / Ш. Давлатамадов. –Хоруг, 2006. -220 с.
4. Диловаров Р. Шароит ва сарвватҳои табиӣ Помир барои рушди равияҳои туризм ва рекреатсия / Р. Диловаров, Н.Ч. Риҷабеков, С.Ю. Фархуддинов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. -№4. -С.192.
5. Карамхудоев Х.Е. Геоэкологические условия и перспективы развития экологического туризма в горных регионах (на примере ГБАО Республики Таджикистан) / Х.Е. Карамхудоев. –Душанбе, 2021. -С.31.
6. Кеммерих А.О. Гидрография Памира и Памиро-Алая / А.О. Кеммерих. -М.: Мысль, 1978. -230 с.

7. Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷилди 2. Олами Ҳайвонот. –Душанбе, 2017. –С.470, 476, 480, 486.
8. Муҳаббатов Х. Пешомадҳои афзалиятноки Боғи миллии Тоҷикистон / Х. Муҳаббатов, О.Ш. Маҷидов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, 2021. -№3-4. -С.20-24.
9. Мухаббатов Х.М. Проблемы природопользования в горных регионах Таджикистана / Х.М. Мухаббатов. –Душанбе, 2016. -220 с.
10. Омори Кумити ҳифзи муҳити зисти назли ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021.
11. Охунов М. Геоморфология ва яхбандиҳои Помири Шарқӣ / М. Охунов. –Сталинобод, 1958. -С.3.
12. Риджабеков Н.Ч. Влияние природных факторов на территориальную организацию туристско-рекреационной деятельности Памира / Н.Ч. Риджабеков, Р. Диловаров // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе, 2020. -С.50.
13. Риҷабеков Н.Ч. Проблемаҳои рушди туризм ва фаъолияти рекреатсионӣ дар ҳудуди Бадахшони кӯҳӣ / Н.Ч. Риҷабеков, Ҳ. Худоёров, Б. Руштов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, 2020. -№5-6. -С.52.
14. Риҷабеков Н.Ч. Ташкили ҳудуди сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар болооби дарёи Панҷ / Н.Ч. Риҷабеков // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. -№8. -С.88.
15. Собиров М. Экономико-географические особенности территориальной организации туристско-рекреационного комплекса Центрального Таджикистана / М. Собиров. –Душанбе, 2006. -С.147.
16. Энсеклопедияи советӣ. Ҷилди 6. –Душанбе, 1986. -С.48.

## БАҲОДИҲӢ БА ЗАХИРАҲОИ САЙЁҲИЮ РЕКРЕАТСИОНИИ ПОМИРИ ШАРҚӢ

Мақола ба масъалаҳои баҳодии ҳамаҷонибаи иқтидори сайёҳию рекреатсионии минтақаи сайёҳии Помири Шарқӣ бахшида шудааст. Дар умум минтақаи Помири Шарқӣ ба захираҳои беназири худ барои рушди сайёҳӣ дохилӣ ва берунӣ имконитяҳои хубро доро мебошад. Дар мақола масъалаи баҳодиҳии релеф ва моҳияти он барои рушди намудҳои гуногуни сайёҳии варзишӣ, инчунин, баҳодиҳӣ ба шароити иқлим, дарёҳо, кӯлҳо, чашмаҳои маъданӣ ва олами набототу ҳайвоноти ин минтақа барои истифодаи сайёҳӣ ва рекреатсия баррасӣ шудааст. Бояд тазаккур дод, ки сарфи назар аз нокифоя будани инфрасохтори сайёҳӣ ва сатҳи пасти хизматрасонии сайёҳӣ дар Помири Шарқӣ ва истифодаи захираҳои сайёҳию рекреатсионӣ дар минтақа то ҳол ба роҳ монда нашудааст. Илова бар ин, мушкилоти ҳифзи на танҳо мавзеъҳои ҳифзшаванда ё сарватҳои табиӣ, балки манзараҳои анъанавии марбут ба муҳити зист, аз ҷумла, шаҳру деҳотҳои таърихӣ, нигоҳ доштани муҳити табиии вобастагӣ доранд. Барои дуруст ҳал намудани мушкилиҳои ҷойдошта тавсияҳои зарурӣ дода шудаанд. Ҳамзамон зарур аст, ки дар баробари ҷорӣ кардани шаклҳои нави хизматрасонӣ, инчунин, усулҳои ташкил намудани сайёҳии рекреатсионӣ такмил ёбанд, инфрасохтори объектҳои таърихию фарҳангӣ бунёд гардад, амнияти сайёҳон таъмин гардад ва алоқаи мобиливу интернети балансуръат барои онҳо дастрас бошад.

**Калидвожаҳо:** баҳодиҳӣ ба релеф, Помири Шарқӣ, иқтидори сайёҳӣ ва рекреатсионӣ, минтақа, фаъолияти рекреатсионӣ, хатсайрҳои сайёҳӣ, ташаккули равияҳои сайёҳӣ.

## ОЦЕНКА ТУРИСТИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ ВОСТОЧНОГО ПАМИРА

Статья посвящена комплексной оценке туристско-рекреационного потенциала Восточно-Памирского туристического региона. В целом, регион Восточного Памира имеет хорошие возможности для развития внутреннего и зарубежного туризма благодаря своим уникальным ресурсам. В статье рассматривается вопрос оценки местности и ее значения для развития различных видов спортивного туризма, а также оценка климатических условий, рек, озер, минеральных источников и растительного и животного мира данного региона для туристско-рекреационного использования. Кроме того, с сохранением природной среды связана проблема охраны не только охраняемых территорий или природных ресурсов, но и связанных с окружающей средой традиционных ландшафтов, в том числе исторических городов и сел. Даны необходимые рекомендации для правильного решения существующих проблем. При этом, наряду с внедрением новых форм обслуживания, необходимо совершенствовать методы организации рекреационного туризма, наращивать инфраструктуру историко-культурных объектов, обеспечивать безопасность туристов, мобильность и высотность, скоростное интернет-соединение для них.

**Ключевые слова:** оценка местности, Восточный Памир, туристско-рекреационный потенциал, регион, рекреационная деятельность, туристские маршруты, формирование туристских направлений.

## ASSESSMENT OF TOURIST RESOURCES OF THE EASTERN PAMIRS

The article is devoted to a comprehensive assessment of the tourist and recreational potential of the East Pamir tourist region. In general, the Eastern Pamir region has good opportunities for the development of domestic and foreign tourism due to its unique resources. The article deals with the issue of assessing the area and its importance for the development of various types of sports tourism, as well as assessing climatic conditions, rivers, lakes, mineral springs and flora and fauna of the region for tourist and recreational use. In addition, the conservation of the natural environment is associated with the problem of protecting not only protected areas or natural resources, but also environmentally related traditional landscapes, including historical cities and villages. The necessary recommendations for the correct solution of existing problems are given. At the same time, along with the introduction of new forms of service, it is necessary to improve the methods of organizing recreational tourism, build up the infrastructure of

historical and cultural sites, ensure the safety of tourists, ensure mobility and altitude. -high speed internet connection for them.

**Keywords**: terrain assessment, Eastern Pamir, tourism and recreational potential, region, recreational activity, tourist routes, formation of tourist trends.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Риҷабеков Нозир Чоршанбиевич* -** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ассистенти кафедраи методикаи таълими география ва туризм. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **935319497.** E-mail: **nozir94.94@mail.ru**
***Диловаров Раҳматшо* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҷуғрофия, дотсенти кафедраи идоракунии иқтисод ва сайёҳӣ, узви академияи илми педагоги ва иҷтимоӣ академияи улуми Федератсияи Россия. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **dilovarovrahmat@mail.ru.** Телефон**: 919-00-97-42**
***Руштов Бахтиёр Имомназарович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 394122227**. E-mail: **brushtov7@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Риджабеков Нозир Чоршанбиевич*** - Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни, ассистент кафедры методики преподавания географии и туризма. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **935319497.** E-mail: **nozir94.94@mail.ru**
***Диловаров Рахматшо –*** Таджикский национальный университет, кандидат географических наук, член Академии педагогических и социальных наук, РФ, доцент кафедры экономики и управления туризма. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **dilovarovrahmat@mail.ru.** Телефон**:919-00-97-42**
***Руштов Бахтиёр Имомназарович* -** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры экономической географии и туризма. **Адресс:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 394122227**. E-mail: **brushtov7@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Ridzhabekov Nozir Chorshanbievich*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, assistant of the department of methods of teaching geography and tourism. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. Phone: **935319497**. E-mail: **nozir94.94@mail.ru**
***Dilovarov Rakhmatsho*** - Tajik National University, candidate of geographical sciences, member of the Academy of Pedagogical and Social Sciences, Russian Federation, associate professor of the Department of Tourism Economics and Management. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **dilovarovrahmat@mail.ru**. Phone: **919-00-97-42**
***Rushtov Bakhtiyor Imomnazarovich*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Economic Geography and Tourism. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. Phone: **(+992) 394122227.** E-mail: **brushtov7@gmail.com**

ТДУ: 336.6

# ТАҲҚИҚИ УСУЛҲОИ БАҲОДИҲИИ ЗАХИРАҲОИ БОНКӢ

*Шарифзода Н.Ш.*
**Донишгоҳи милии Тоҷикистон,**

Дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳим ва саривақтӣ, ин таъминоти бехатарии маблағҳои муваққатан озоди ҷалбнамудаи бонкҳо мебошад. Бехатарии маблағҳои муваққатан озод, ки бонкҳо онҳоро ҷалб намудаанд, дар ҳолате таъмин карда мешаванд, ки онҳо агар самаранок истифода ва ҳолати баргардишии онҳо (суғурта) кафолат дода шуда бошад. Раҳимова А.В. ва Дембегиев М.С. қайд менамоянд, ки "ҳангоми гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ яке аз шартҳои асосӣ, ки ба ташаккул ва ё коҳиши ҳаҷми пасандозҳои ҷалбгардидаи аҳолӣ таъсир мерасонад, ин таъмини бехатарии иқтисодии пасандозҳо мебошад" [19,с.131]. Қайд намудан ба маврид аст, ки яке аз муаммоҳои асосӣ дар раванди ҷалби захираҳои озод дар амалияи ҷаҳонӣ, ин таъминоти бехатарӣ ва баргардишии онҳо мебошад.

Дар бисёре аз мамлакатҳо барои таъмини амнияти иқтисодии пасандозгузорон мақомоти алоҳида таъсис дода шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мақомоте, ки ба ҳимояи манфиатҳои пасандозгузорон машғул аст, ташкил карда шудааст. Аз таҳқиқи маълумотҳои ҷадвали 1 бар меояд, ки аввалин ташкилотҳо, ки ба амнияти пасандозгузорон машғул буданд, дар ИМА ташкил карда шудаанд. Гуфтан ба маврид аст, ки "дар солҳои 1929-1933 дар ИМА ва баъдан дар дигар давлатҳо бухрони иқтисодӣ ба вуҷуд омад" [2]. Баҳри ҳалли бухрони иқтисодии мазкур ИМА ва дигар давлатҳо кушиш менамуданд, ки як низоми муайянеро ташкил намоянд. Аввалин маротиба низоми суғуртаи миллӣ соли 1933 дар ИМА ташкил карда шуд ва дар заминаи ин низом "Корпоратсияи федералии суғуртаи пасандозҳои бонкӣ" ташкил гардид. Дар доираи ваколатҳои худ Корпоратсияи мазкур тавонист як заминаи нав дар инкишофи низоми бонкӣ кушояд ва муаммоҳои ҷойдоштаро ҳал намояд.

**Ҷадвали 1. Гуногунии шакли фаъолияти суғуртаи пасандозҳо дар баъзе кишварҳои ҷаҳон**
**Table 1. Diversity of deposit insurance activity in some countries of the world**

| Давлат | Соли ташкилшавӣ | Шакли фаъолият | Қабулкунандагони қарор | Аъзоҳаққии ташкилотҳои қарзӣ | Аъзоҳаққии давлат |
|---|---|---|---|---|---|
| **Амрико** | 1933 | Корпоратсияи давлатӣ | Корпоратсияи мустақил | 0,08% дар сол аз ҳаҷми миёнаи пасандозҳо дар сол | нест, агар зарур бошад, то 3 миллиард доллар қарз медиҳад |
| **Япония** | 1971 | Омехта (давлатӣ ва хусусӣ) | Корпоратсияи мустақил | 1/3 сармояи пардохтшуда ҷамъи 0,008% дар сол | 2/3 сармояи пардохтшуда |
| **Олмон** | 1976 | Хусусӣ | Иттифоқҳои бонкӣ | 0,03% дар сол аз маблағи пасандозҳо, бо ҳамин маблағ саҳми иловагӣ додан мумкин | нест |
| **Эстония** | 1998 | Хусусӣ | Корпоратсияи мустақил | аъзоҳаққӣ: 50 ҳазор. крон – барои бонкҳо; мунтазам (ҳар семоҳа) – 0,1% аз маблағи ҷалбгардидаи пасандозҳо | нест |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Украина** | 1998 | Корпоратсияи давлатӣ | Корпоратсияи мустақил | аъзоҳаққӣ: 1% аз сармояи оинномавии ба қайд гирифташуда, мунтазам (ҳар нимсола) – 0,25% аз ҳисоби маблағҳои захиравӣ | 20млн. гривна (3,7 млн долл.) |
| **Қазоқистон** | 1999 | Корпоратсияи давлатӣ | Корпоратсияи давлатӣ | 0,375% аз маҷмуи маблағҳои ҷалбнамудаи бонк, ки кафолатнок аст, пардохти семоҳа – 0,25% аз бақияи маблағи суратҳисоб | 1 млрд танга (7 млн долл.) |
| **Россия** | 2004 | Корпоратсияи давлатӣ | Корпоратсияи давлатӣ (АСП) | 0,15% дар семоҳа аз маблағи бақиявии суратҳисобҳои пасандозӣ | аъзоҳаққии аввалияи ФР (3 млрд руб.) |
| **Тоҷикистон** | 2004 | Корпоратсияи давлатӣ | Корпоратсияи давлатӣ (ХСПШВ) | аъзоҳаққӣ: 0,5% ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ бо пули миллӣ, ҳар семоҳа ба андозаи 0,1% бо пули миллӣ ва 0,3% бо асъори хориҷӣ аз рӯи бақияи миёнаи семоҳаи гузаштаи пасандозҳои шахсони воқеӣ | нест, агар зарур бошад қарз медиҳад |
| **Индонезия** | 2005 | Корпоратсияи давлатӣ | Корпоратсияи давлатӣ | Сармояи аввалия аз 4 ($425 млн) то 8 трлн рупияи индонезиягӣ | |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар заминаи маводҳои Трунин, С.Н. Значение системы страхования вкладов в банковской системе России [Электронный ресурс]. - Режим доступа: Значение системы страхования вкладов в банковской системе России – тема научной статьи по экономике и бизнесу читайте бесплатно текст научно-исследовательской работы в электронной библиотеке КиберЛенинка (cyberleninka.ru) (дата обращения: 15.04.2022с). -С.33-34., Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» аз 2 августи соли 2011, №758, ш. Душанбе, (ҚҶТ аз 3.08.2018 с., №1551). – (моддаи 15, 16 ва 20)., Сомонаи Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ [Манбаи электронӣ]. - URL: http://idif.tj/tj/makomi-u-u-va-vazifa-o/ (санаи мурочиат 15.04.2022с).

Вале, дар баъзе давлатҳои дигар чунин низом хеле дертар ташкил карда шуд. Махсусан дар Федератсияи Россия "Агентии суғуртаи пасандозҳо" соли 2004 дар заминаи Қонуни Федералӣ доир ба ин самт буда ташкил гардид [1].

Доир ба ин масъала дар банди 2 моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" оварда шудааст, ки "мақсади асосии танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ нигоҳдории суботи низоми бонкӣ ва низоми пардохт, ҳимояи манфиатҳои пасандозгузорон ва қарздеҳон мебошад" [6, м.42]. Гуфтан ба маврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ "Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" соли 2004 дар пояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ" бунёд гардидааст.

"Ҳадафи Хазина – ҳифзи пасандозҳои аҳолӣ аз хавфи муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Мақсади Хазина аз ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии

пасандоздорон бо роҳи пардохти ҷуброни суғурта ва таҳкими эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст [9]. Вобаста ба ин, дар мамлакат санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шудаанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ", ки 01.08.2003с., таҳти №41 қабул гардида буд, он асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии тартиби ҷуброни кафолатноки амонатҳои шахсони воқеӣ ва ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои пасандоздоронро таъмин менамуд, то қабули қонуни нав мавриди амал қарор дошт. Вале, мутаассифона ин қонун ба пуррагӣ аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ риоя карда намешуд. Айни замон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ", ки 02.08.2011с., таҳти №758 қабул гардида буд, мавриди амал қарор дорад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва молиявии низоми суғуртаи ҳатмии пасандозҳои шахсони воқеӣ, аз ҷумла тартиби таъсис ва фаъолияти Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеиро муқаррар карда, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои пасандоздорон ва таҳкими боварии аҳолиро ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

Мутобиқи боби 4-и қонуни мазкур, ҳаққи узвияти ташкилоти қарзӣ дар давоми се рӯзи баъди гирифтани иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ба андозаи 0,5%-и ҳадди ақали сармояи оинномавӣ бо пули миллӣ ва пардохтҳои тақвимӣ бошад, ҳар семоҳа ба андозаи 0,1% барои пасандозҳои шахсони воқеӣ бо пули миллӣ ва 0,3% барои пасандозҳои шахсони воқеӣ бо асъори хориҷӣ аз рӯи бақияи миёнаи семоҳаи гузаштаи онҳо, ки дар ташкилотҳои қарзӣ мавҷуданд, ба Хазина пардохт карда шаванд. Дар ҳолати пурра ва ё сари вақт пардохт накардани ҳаққи узвият ва ё пардохтҳои тақвимӣ нисбати ташкилотҳои қарзӣ чораҳои зарурӣ нисбати он андешида мешаванд. Гуфтан ба маврид аст, ки таъмини амнияти бехатарии пасандозҳои аҳолӣ, ки бонкҳо онҳоро ҷалб месозанд, дар мамлакат таъмин карда шудааст. Бинобар ин, аҳолии мамлакат метавонад бе мамоният маблағҳои худро дар бонкҳо ба сифати пасандоз гузоранд.

Сабабии асосии бовари надоштани аҳолӣ, ин бархурдор набудани онҳо аз хизматрасониҳои бонкӣ ва меъёрҳои фоизӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки таблиғоти бонкҳо оид ба ин масъалаҳо кам аст ва онҳоро зарур аст, ки ба ин раванд диққати махсус диҳанд, зеро, ин ҳолат метавонад ба раванди ташаккулдиҳӣ ва баҳодиҳии захираҳои бонкӣ таъсири манфӣ расонад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ роҳҳои гуногуни баҳодиҳии захираҳои худӣ (сармоя) ва ҷалбкардашудаи бонкӣ мавҷуд аст. Зеро, солҳои охир муаммоҳои муайян намудани ҳаҷми захираҳои худии бонк дар мадди назари ташкилкунандагони бонкҳо ва мақомотҳои танзимкунандаи онҳо қарор дошт. "Бонкҳо бартарӣ медиҳанд, ки бо захираҳои камтарин фаъолияти худро ташкил намоянд ва аз ин ҳисоб даромаднокӣ ва афзоиши дороиҳои худро таъмин созанд, аммо бонкҳои танзимкунанда талаб месозанд, ки бонкҳо бо захираҳои худии кифоятӣ ташкил карда шаванд, зеро ки он бонкҳоро аз хавфҳои муфлисшавӣ эмин нигоҳ медорад" [13]. Гуфтан ба маврид аст, ки нисбат ба ақидаҳои ташкилкунандагони бонкҳо ақидаҳои танзимкунандагон ба шароити имрӯзаи мамлакат мутобиқат дорад. Зеро, дар ҳолате, ки бонкҳо захираҳои худии кифоятӣ доранд, аввал онҳо ба ҷалби пасандозҳои аҳолӣ эҳтиёҷ надоранд ва дувум меъёри қарзҳое, ки пешниҳод менамоянд, метавонад дар сатҳи паст қарор дошта бошад. Ин ҳолат боиси рушди низоми бонкӣ ва таъмини аҳолӣ ба захираҳои қарзӣ мегардад.

Аммо дар ҳолате, ки бонкҳо захираҳои худии кифоятӣ надоранд, таваҷҷуҳи онҳо бештар ба ҷалби захираҳои муваққатан озод равона карда мешаванд, ки ин ба низоми иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ нест. Зеро, аҳолӣ на он қадар ба низоми бонкӣ боварӣ доранд. Муаммоҳои асосии чунин нобовариҳо, ин сари вақт боз пас нагаштани пасандозҳо ва баланд будани меъёри фоизи қарзҳое, ки аз ҷониби бонкҳо ба аҳолӣ пешниҳод карда мешаванд, ба ҳисоб меравад. Дар амалияи бонкдорӣ роҳҳои гуногуни баҳодиҳии захираҳои худӣ мавҷуд аст.

"Дар раванди идоракунии захираҳои бонкӣ ба усули баҳодиҳии ҳаҷми захираҳои худӣ аҳамияти калон медиҳанд. Маблағи захираҳои худӣ бо истифода аз таносуби тавозуни асосии зерин муайян карда мешавад" (фор. 1) [10].

$$Д = У + С \quad Фор. 1.$$

ки дар ин ҷо: Д – дороиҳои бонк:

У – уҳдадориҳои бонк;

С – сармояи бонк.

Усули мазкур нишон медиҳад, ки то кадом андоза дороиҳои бонк аз ҳаҷми захираҳои худии бонк ва уҳдадориҳо вобаста аст. Дар баробари ин, усулҳои зерини баҳодиҳии захираҳои худӣ "нишондиҳандаҳои кифоятии сармоя, кифоятии умумии сармоя ва баҳодиҳии сифати сармоя" [16] мавҷуд аст. Нишондиҳандаҳои кифоятии сармоя ва сифати он яке аз механизмҳои асосии баҳодиҳии ҳолати воқеии захираҳои худӣ дар бонкҳо ба ҳисоб меравад. Ин нишондиҳандаи хеле муҳим ва устувори молиявии ҳар як бонк дар робита ба хавфи муфлисшавӣ мебошад. Усули мазкур нишон медиҳад, ки то кадом андоза сандуқи қарзии бонк устувор аст. Нишондиҳандаҳои кифоятии сармоя ва сифати он дар баъзе давлатҳо тибқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қабул намудаи ҳамон давлатҳо ва дар баъзе давлатҳои дигар бошад, мувофиқи талаботҳои ҷаҳонӣ (Базел) муайян карда мешавад.

Инчунин, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати захираҳои ҷалбкардашуда яке аз усулҳои дигари баҳодиҳӣ мебошад, ки бо формулаҳои гуногун муайян карда мешавад. Дар таҷриба усулҳои гуногуни баҳидиҳии захираҳои ҷалбкардашуда истифода бурда мешаванд. Аз ин рӯ, бонкҳо метавонанд ҳамчун воситаи таҳлил таносубҳоеро интихоб намоянд, ки таркиб ва сохтори маблағҳои ҷалбкардашударо тавсиф созанд. Тансубҳои зеринро ҳамчун заминаи таҳлилӣ барои баҳодиҳии захираҳои ҷалбкардашудаи бонкӣ истифода бурдан муҳим аст:

- таносуби пойгоҳи мизоҷон (фор. 2) [1];
- таносуби маблағгузориҳои беруна (байнибонкӣ) (фор.3) [14];
- таносуби устувории захираҳои ҷалбкардашуда (фор. 4);
- таносуби амонатҳои фаъоли аҳолӣ дар бозор (фор. 5);
- таносуби фарогирии захираҳои ҷалбкардашуда нисбат ба қарзҳо (фор. 6).

Ҳар яке аз ин таносубҳо дорои формулаҳои баҳодиҳии худ мебошанд. Яке аз ин таносубҳо ин таносуби пойгоҳи мизоҷон мебошад. Таносуби пойгоҳи мизоҷон нишон медиҳад, ки ҳаҷми умумии пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба сифати пасандоз ва ё дар суратҳисобҳо гузошта шудаанд (ба истисноӣ қарзҳои байнибонкӣ ва суратҳисобҳои муросилотӣ) чанд фоизи дороиҳои софро ташкил медиҳад. Ин таносуб дар заминаи формулаҳои гуногун баҳо дода мешавад. Дар шароити имрӯза онро бо формулаи зерин муайян кардан мумкин аст (фор. 2):

$$\text{Тпм} = \frac{\text{Па} + \text{Мшх}}{\text{Зч (х)}} \text{ х } 100\% \quad \text{Фор. 2.}$$

ки дар ин ҷо: Тпм – таносуби пойгоҳи мизоҷон;

Па – пасандозҳои аҳолӣ;

Мшҳ – маблағи шахсони ҳуқуқӣ (ба истисноӣ қарзҳои байнибонкӣ, суратҳисобҳои муросилотӣ ва маблағузориҳои буҷетӣ);

Зч (х) – ҳамаи захираҳои ҷалбкардашуда.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ таносуби пойгоҳи мизоҷон дорои меъёрҳои гуногун мебошад. Қайд гардид, ки "меъёри тавсияшудаи таносуби пойгоҳи мизоҷон дар ҳудуди 0,7 ≤ Тпм ≤ 0,8 бояд қарор дошта бошад" [14]. Инчунин, қайд карда мешавад, ки "меъёри таносуби пойгоҳи мизоҷон бояд дар ҳудудҳои аз 0,5 то 0,7 бояд қарор дошта бошад. Агар ин меъёр аз 0,4 камтар бошад, бонк ба таври кифоятӣ рушд накардааст. Агар он аз 0,7 зиёд бошад, бонк аз имкониятҳои афзоиши маблағҳои тавозунӣ кам истифода намудааст ва нақши асосиро дар ин ҷо бозори байнибонкӣ иҷро намудааст" [12].

Мувофиқи баъзе ақидаҳои дигар "дар амалияи хориҷӣ дараҷаи пасттарини таносуб 8% ва дар амалияи ватанӣ 10-11%-ро ташкил медиҳад" [23]. Аз таҳқиқотҳо маълум гардид, ки меъёрҳои таносуби пойгоҳи мизоҷон вобаста ба вазъи иқтисодии давлатҳо ва рушди низоми бонкӣ метавонад дар ҳудудҳои гуногун қарор дошта бошад. Барои муайян намудани таносуби пойгоҳи мизоҷон дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил моро зарур аст, ки нишондиҳандаҳои молиявии онро мавриди таҳлил қарор диҳем.

**Ҷадвали 2. Таносуби пойгоҳи мизоҷон дар бонкҳои ИДМ (млрд. доллари ИМА)**
**Table 2. Proportion of customer base in CIS banks (billions of US dollars)**

| Давлатҳо | Нишондиҳандаҳо | дар интиҳои сол | | | 2021/19 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2019 | 2020 | 2021 | |
| **Россия** | Па + Мшҳ | 1 059,18 | 1 034,71 | 1 106,19 | 4,4 |
| | Зҷ (х) | 1 300,27 | 1 271,05 | 1 403,11 | 7,9 |
| | Тпм (бо %) | 81,4 | 81,4 | 78,8 | 3,2 |
| **Қазоқистон** | Па + Мшҳ | 53,4 | 56,5 | 68,1 | 27,5 |
| | Зҷ (х) | 55,7 | 58,4 | 69,9 | 25,5 |
| | Тпм (бо %) | 95,9 | 96,7 | 97,4 | 1,6 |
| **Узбекистон** | Па + Мшҳ | 9,86 | 11,86 | 15,42 | 56,4 |
| | Зҷ (х) | 11,17 | 13,51 | 17,14 | 53,4 |
| | Тпм (бо %) | 88,3 | 87,8 | 89,9 | 1,8 |
| **Қирғизистон** | Па + Мшҳ | 2,42 | 2,35 | 2,96 | 22,3 |
| | Зҷ (х) | 2,72 | 2,70 | 3,32 | 22,1 |
| | Тпм (бо %) | 88,9 | 87,0 | 89,1 | 0,2 |
| **Тоҷикистон** | Па + Мшҳ | 1,09 | 0,95 | 0,99 | -9,2 |
| | Зҷ (х) | 1,2 | 1,07 | 1,13 | -5,8 |
| | Тпм (бо %) | 90,8 | 88,8 | 87,6 | -3,5 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар заминаи URL: https://cbr.ru/Collection/Collection/File/39720/razv_bs_21_12.pdf (дата обращения: 12.01.2022) - с.11., http://www.cbr.ru/collection/collection/file/31927/razv_bs_20_12.pdf (дата обращения: 12.01.2022) - с.9., https://nationalbank.kz/ru/news/svodnyy-balans/rubrics/1703 (дата обращения: 11.12.2022)., https://nationalbank.kz/ru/news/svodnyy-balans/rubrics/1584 (дата обращения: 11.12.2022)., https://nationalbank.kz/ru/news/svodnyy-balans/rubrics/1462 (дата обращения: 11.12.2022)., https://cbu.uz/upload/medialibrary/930/Statisticheskiy-byulleten-TSentralnogo-banka-_-2021-god.pdf (дата обращения: 04.02.2023). - с.95., https://www.nbkr.kg/index1.jsp?item=137&lang=RUS (дата обращения: 04.02.2023). - II.2., https://nbt.tj/upload/iblock/915/2019_12.pdf (санаи муроҷиат: 04.02.2023). - с.86-87., https://nbt.tj/upload/iblock/31e/xv2wvylk0x4d3tdbxvw63zyalv872los/2020.pdf (санаи муроҷиат: 04.02.2023). - с.85., https://nbt.tj/upload/iblock/84d/t6iedfcow35n9asgjs3gdumbchsp13sj/2021.pdf (санаи муроҷиат: 04.02.2023). - с.24-25., https://kurs.rukivnogi.com/tanzhikskiy-somoni-dollar/calculator (дата обращения: 04.02.2023).

Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвали 2, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таносуби пойгоҳи мизоҷон дар бонкҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба таври гуногун афзоиш ёфтаанд. Гуфтан ба маврид аст, ки дар соли 2021 ҳаҷми захираҳои ҷалбкардашудаи бонкҳои Федератсияи Россия ба 1 403,11 млрд. доллари ИМА баробар гардидааст, ки ин нисбати соли 2019 зиёда аз 7,9% мебошад. Таносуби ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ ва маблағгузориҳои шахсони ҳуқуқӣ (ба истисноӣ қарзҳои байнибонкӣ, суратҳисобҳои муросилотӣ ва маблағгузориҳои буҷетӣ) дар бонкҳои Федератсияи Россия дар соли 2021 ба 78,8% баробар гардидааст, ки ин аз меъёри муқарраргардида зиёд мебошад. Яъне, аз ин ҷо маълум гардид, ки бонкҳои Федератсияи Россия аз маблағгузориҳои байнибонкӣ ва сарчашмаҳои дигар бештар истифода мебаранд.

Дар баробари ин, таносуби мазкур дар Қазоқистон ба 97,4%, дар Ӯзбекистон ба 89,9% ва дар Қирғизистон ба 89,1% дар соли 2021 омада расидааст. Таносуби аз ҳудуди муқарраргардида бештар ба бонкҳои Қирғизистон рост омада истодааст. Яъне, аз ин таносуб бар меояд, ки бонкҳои Қирғизистон ба таври қаноаткунанда рушд накардаанд, зеро қисмати зиёди захираҳои ҷалбкардашударо пасандозҳо ва дигар маблағҳои шахсони ҳуқуқӣ ташкил намудааст.

Инчунин, меъёри таносуби пойгоҳи мизоҷон дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври гуногун коҳиш ёфтаанд. Ҳаҷми захираҳои ҷалбкардашудаи бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 ба 1,13 млрд. доллари ИМА баробар гардидааст, ки ин нисбати 2019 5,8 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Инчунин, таносуби пайгоҳи мизоҷон дар давраи (2019-2021) 3,5 банди фоизӣ кам гардидааст. Яъне, таҳлили ин маълумотҳо нишон медиҳад, ки ҳаҷми захираҳои ҷалбкардашудаи бонкҳо дар солҳои охир коҳиш ёфтааст. Омили чунин коҳишёбӣ ба андешаи мо аз ҳисоби омилҳои гуногун, аз ҷумла ба таври кофӣ рушд накардани шарики стратегӣ, ноороми дар минтақа, кам гардидани

ҳаҷми интиқоли маблағҳо аз хориҷи кишвар ба мамлакат, баланд гардидани сатҳи нархҳо, кам гардидани шумораи бонкҳо, баҳодиҳии нодурусти захираҳои бонкӣ ва истифода накардан аз усулҳои муосири ҳавасмандгардонӣ мебошанд. Бинобар ин, бонкҳои мамлакатро зарур аст, ки барои дуруст баҳо додани захираҳои ҷалбкардашуда аз таносуби мазкур истифода намоянд ва муаммоҳое, ки боиси коҳиши ҳаҷми пасандозҳо гардидаанд, мавриди таҳқиқ қарор диҳанд.

Ҳамзамон, таносуби маблағгузориҳои беруна (байнибонкӣ) низ дар таҷрибаи ҷаҳонии бонкдорӣ яке аз нишондиҳандаҳои баҳодиҳии захираҳои ҷалбкардашуда ба ҳисоб меравад. Таносуби мазкурро дар заминаи формулаи зерин баҳо додан мумкин аст (фор. 3).

$$\text{Тмб} = \frac{\text{Мб}}{\text{Зч (х)}} \text{ х } 100\% \text{ Фор. 3.}$$

ки дар ин ҷо: Тмб – тоносуби маблағгузориҳои беруна (байнибонкӣ);

Мб – маблағгузориҳои байнибонкӣ (бақияи маблағҳои дар суратҳисобҳои муросилотии “ЛОРО” ва “НОСТРО” қарордошта, инчунин, қарзҳои мутаммаркази бонки марказӣ);

Зҷ (х) – ҳамаи захираҳои ҷалбкардашуда.

Таносуби мазкур нишон медиҳад, ки ҳаҷми маблағгузориҳои байнибонкӣ чанд фоизи ҳаҷми умумии маблағҳои ҷалбкардашударо дар бонкҳо ташкил медиҳад. “Барои бонкҳои фаъолияташон миёна таносуби мувофиқ дар ҳудуди - 0,2... + 0,2 ташкил карда мешавад” [15]. Гуфтан ба маврид аст, ки бонкҳо набояд аз ҳудуди муайяншуда бисёртар қарзҳои байнибонкиро ҷалб ва ё пешниҳод созанд. Дар ҳолати аз ҳудуди 0,2 паст будан бонкҳо ҳамчун қарзгирандаи холис ва агар аз ҳудуди 0,2 баланд бошад қарздиҳандаи холис баромад менамоянд. Ҳангоми риоя нагардидани ин ҳудудҳо захираҳои ҷалбкардашуда устувории худро аз даст медиҳанд. Барои муайян намудани устувории захираҳои ҷалбкардашуда, таносубҳои гуногуни баҳодӣ мавҷуд аст.

Асосан устувории захираҳои ҷалбкардашударо пасандозҳои муҳлаташон зиёда аз як сол ташкил медиҳанд. Вобаста ба ин, бонкҳо барои муайян намудани устувории захираҳои ҷалбкардашуда бештар аз формулаи зерин (формулаи 4) истифода мебаранд.

$$\text{Тузч} = \frac{\text{Зч (х)} - \text{Зч (то дархости)}}{\text{Зч (х)}} \text{ х } 100\% \text{ Фор. 4.}$$

ки дар ин ҷо: Тузҷ – таносуби устувории захираҳои ҷалбкардашуда;

Зҷ (то дархостӣ) – захираҳои ҷалбкардашудаи то дархостӣ;

Зҷ (х) – ҳамаи захираҳои ҷалбкардашуда.

Ба василаи таносуби мазкур бонкҳо муайян менамоянд, ки то кадом андоза захираҳои устуворро ҷалб намудаанд. Дар амалияи бонкдорӣ онҳо дорои меъёрҳои гуногун мебошанд. “Меъёри тавсияшудаи таносуби мазкур дар ҳудуди 0,6 ≤ Тмзҷ ≤ 0,8 бояд қарор дошта бошад” [14]. Инчунин, таҳқиқгари дигар ба он андеша аст, ки “таносуби мутавозинии захираҳои ҷалбкардашуда бояд дар ҳудуди 0,6 ≤ Тмзҷ ≤ 0,8 қарор дошта бошад” [21]. Ин ҳудудҳо нишон медиҳанд, ки дар бонкҳо бояд ҳаҷми муайяни захираҳои устувор мавҷуд бошад. Гуфтан ба маврид аст, ки ин ҳудудҳо аз ҷониби танзимгар вобаста ба вазъи иқтисодию иҷтимоии давлат бояд муқаррар карда шавад ва бонкҳо метавонанд дар доираи он захираҳои устуворро ҷалб намоянд. Ҳамзамон, барои муайян намудани ҳаҷми бақияи пасандозҳо, бонкҳо аз таносубҳои гуногун истифода мебаранд (фор. 5).

$$\text{Тпфа} = \frac{\text{Бпа}}{\text{Зч (х)}} \text{ х } 100\% \text{ Фор. 5.}$$

ки дар ин ҷо: Тпфа – таносуби пасандозҳои фаъоли аҳолӣ;

Бпа – бақияи пасандозҳои аҳолӣ;

Зҷ (х) – ҳамаи захираҳои ҷалбкардашуда.

Таҳқиқи таносуби мазкур барои бонкҳо хеле муҳим буда, ба василаи он муайян месозанд, ки аз маҷмуи умумии захираҳои ҷалбкардашуда чанд фоизи он дар ихтиёраш қарор дорад. Яъне, бонкҳо таносуби мазкурро асосан барои такмил додани амалиётҳои миёнаравии худ бештар истифода мебаранд ва муайян менамоянд, ки дар баробари захираҳои худӣ кадом захираҳои иловагии дигарро муваққатан соҳиб мебошанд. Гуфтан ба маврид аст, ки дар бештари ҳолатҳо бонкҳо ба василаи таносуби мазкур

ҳаҷми умумии захираҳоро муайян намуда ва баъдан онҳоро барои сармоягузориҳо равона мекунанд. Ҳамзамон, таносуби фарогирии захираҳои ҷалбкардашуда нисбат ба қарзҳо дар таҷрибаи бонкдорӣ барои баҳодиҳии сатҳу сифати захираҳои бонкӣ истифода бурда мешавад (фор. 6).

$$\text{Тфзкч} = \frac{\text{Ск}}{\text{Зч (х)}} \text{ х } 100\% \text{ Фор. 6.}$$

ки дар ин ҷо: Тфзқҷ – Таносуби фарогирии захираҳои қарзӣ нисбат ба захираҳои ҷалбкардашуда;

Сқ – сандуқи қарзӣ

Зҷ (х) – ҳамаи захираҳои ҷалбкардашуда.

Ба василаи таносуби мазкур муайян намудан мумкин аст, ки то кадом андоза ҳаҷми захираҳои ҷалбкардашуда аз ҷониби бонкҳо ба дигар самтҳои афзалиятнок тақсимбандӣ карда шудааст. Асосан “қимати тавсияшаванда дар ҳудуди 0,7 ≤ Тфзҷқ ≤ 1,2 бояд қарор дошта бошад” [4,с.56]. Инчунин, пешниҳод гардидааст, ки “агар таносуб баробар ба 1,0 бошад, пас лоиҳа дар сатҳи безарарӣ фаъолият менамояд” [11]. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки меъёри таносуби мазкур бояд аз ҳудудҳои муқарраргардида кам ва зиёд набошад, зеро он ба раванди пардохтпазирии бонкҳо таъсири манфии худро мерасонад. Ба андешаи мо, таносуби мазкур бояд вобаста ба рушди низоми бонкӣ ва сатҳи истифодабарии пулҳои ғайринақдӣ дар давлатҳо бо меъёрҳои гуногун баҳодиҳӣ карда шавад, зеро дар давлатҳое, ки аҳолии он ба низоми бонкӣ боварии бештар надоранд, таносубҳои дар боло зикргардида риоя карда намешавад.

Аз ин рӯ, барои муайян намудани ҳудуди таносуби мазкур Бонки миллии Тоҷикистонро зарур аст, ки таҳқиқи нишондиҳандаҳои ба таносуби мазкур тааллуқдоштаро дар якчанд давлатҳои пешсаф мавриди баррасӣ қарор диҳад ва вобаста ба он, меъёри таносубро дар кишвар муайян намоянд. Дар чунин ҳолат, бонки марказӣ метавонад ҳудуди нисбатан мувофиқро барои бонкҳо муқаррар намояд. Барои муайян намудани ҳолати воқеии таносуби мазкур мо таҳлили нишондиҳандаи молиявии бонкҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро мавриди таҳлил қарор медиҳем (ҷад. 3).

**Ҷадвали 3. Таносуби фарогирии захираҳои қарзӣ нисбат ба ҷалбкардашуда дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (млрд. доллари ИМА)**

**Table 3. The ratio of the coverage of loan reserves to the borrowed in the Commonwealth of Independent States (billions of US dollars)**

| Давлатҳо | Нишондиҳандаҳо | дар интиҳои сол | | | 2021/18 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2019 | 2020 | 2021 | |
| **Россия** | Сқ | 953,71 | 913,34 | 1 062,15 | 11,4 |
| | Зҷ (х) | 1 300,27 | 1 271,05 | 1 403,11 | 7,9 |
| | Тфзқҷ (бо %) | 73,3 | 71,8 | 75,7 | 3,3 |
| **Қазоқистон** | Сқ | 38,6 | 37,5 | 46,4 | 20,2 |
| | Зҷ (х) | 55,7 | 58,4 | 69,9 | 25,5 |
| | Тфзҷқ (бо %) | 69,3 | 64,2 | 66,4 | -4,2 |
| **Узбекистон** | Сқ | 22,2 | 26,4 | 30,2 | 36,0 |
| | Зҷ (х) | 11,17 | 13,51 | 17,14 | 53,4 |
| | Тфзҷқ (бо %) | 198,7 | 195,4 | 176,2 | -11,3 |
| **Қирғизистон** | Сқ | 2,42 | 2,25 | 2,47 | 2,1 |
| | Зҷ (х) | 2,72 | 2,70 | 3,32 | 22,1 |
| | Тфзҷқ (бо %) | 89,0 | 83,3 | 74,4 | -16,4 |
| **Тоҷикистон** | Сқ | 0,73 | 0,78 | 0,83 | 13,7 |
| | Зҷ (х) | 1,2 | 1,07 | 1,13 | -5,8 |
| | Тфзҷқ (бо %) | 60,8 | 72,9 | 73,4 | 20,7 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар заминаи URL: https://cbr.ru/Collection/Collection/File/39720/razv_bs_21_12.pdf (дата обращения: 12.01.2022). - с.11., http://www.cbr.ru/collection/collection/file/31927/razv_bs_20_12.pdf (дата обращения: 12.01.2022). - с.9., https://nationalbank.kz/ru/news/svodnyy-balans/rubrics/1703 (дата обращения: 11.12.2022)., https://nationalbank.kz/ru/news/svodnyy-balans/rubrics/1584 (дата обращения: 11.12.2022)., https://nationalbank.kz/ru/news/svodnyy-balans/rubrics/1462 (дата обращения: 11.12.2022)., https://nationalbank.kz/ru/news/svedeniya-ssudnogo-portfelya/rubrics/1712 (дата обращения: 05.02.2023).,

https://nationalbank.kz/ru/news/svedeniya-ssudnogo-portfelya/rubrics/1591 (дата обращения: 05.02.2023)., https://nationalbank.kz/ru/news/svedeniya-ssudnogo-portfelya/rubrics/1467 (дата обращения: 05.02.2023)., https://cbu.uz/upload/medialibrary/930/Statisticheskiy-byulleten-TSentralnogo-banka-_-2021-god.pdf (дата обращения: 04.02.2023). - с.92-95., https://www.nbkr.kg/index1.jsp?item=137&lang=RUS (дата обращения: 04.02.2023). - II.2., https://www.nbkr.kg/DOC/09082022/000000000058922.pdf (дата обращения: 05.02.2023). - с.17., https://www.nbkr.kg/DOC/23072021/000000000057070.pdf (дата обращения: 05.02.2023). - с.16., https://www.nbkr.kg/DOC/03082020/000000000055020.pdf (дата обращения: 05.02.2023). - с.15., https://nbt.tj/upload/iblock/84d/t6iedfcow35n9asgjs3gdumbchsp13sj/2021.pdf (санаи мурочиат: 04.02.2023). - с.24-25., https://nbt.tj/upload/iblock/31e/xv2wvylk0x4d3tdbxvw63zyalv872los/2020.pdf (санаи мурочиат: 05.02.2023). - с.85-86., https://nbt.tj/upload/iblock/915/2019_12.pdf (санаи мурочиат: 05.02.2023). - с.86-87., https://kurs.rukivnogi.com/tanzhikskiy-somoni-dollar/calculator (дата обращения: 05.02.2023).

Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 3, нишон медиҳад, ки ҳаҷми қарзҳо дар соли 2021 аз ҷониби бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда 830 млн. доллари ИМА пешниҳод карда шудаанд, ки ин нисбати соли 2019 13,7 банди фоизӣ зиёд мебошад. Инчунин, ҳаҷми қарзҳо дар давраи таҳлилӣ (2019-2021) аз ҷониби бонкҳои Қазоқистон дар сатҳи 20,2%, бонкҳои Ӯзбекистон дар сатҳи 53,4%, бонкҳои Қирғизистон дар сатҳи 2,1% ва бонкҳои Федератсияи Россия бошад, дар сатҳи 11,4% афзоиш ёфтаанд. Дар баробари чунин афзоишёбӣ, ҳаҷми қарзҳо нисбат ба захираҳои ҷалбкардашуда хеле дар сатҳи паст қарор доранд (ба истиснои бонкҳои Ҷумҳурии Ӯзбекситон).

Бояд қайд намуд, ки таносуби фарогирии захираҳои қарзӣ нисбат ба захираҳои ҷалбкардашуда аз ҷониби бонкҳои амалкунандаи кишварҳои зикргардида риоя нагардидааст. Омили асосии риоя нагардидани таносуби мазкур аз он иборат мебошад, ки назар ба захираҳои ҷалбкардашуда ҳаҷми захираҳои худӣ дар баъзе бонкҳо бештар мебошанд. Аз ин лиҳоз, таносуби мазкур ба таври динамикӣ зиёд гардидааст. Тибқи ақидаҳо чунин раванди афзоиши захираҳои худӣ нисбат ба захираҳои ҷалбкардашуда барои бонкҳо хавфнок ҳисобида шудаанд. Аммо ба андешаи мо, ҳаҷми зиёди захираҳои худӣ нисбат ба захираҳои ҷалбкардашуда барои рушди низоми бонкӣ ва устуворгардонии иқтисодиёт нақши хеле зиёд доранд.

Зеро, дар чунин ҳолат меъёри фоизи қарзии бонкҳо дар сатҳи паст қарор мегирад ва ин таваҷҷуҳи аҳолиро ба худ ҷалб менамоянд. Дар ин ҳолат аҳолӣ бештар аз бонкҳо қарз гирифта фаъолияти иқтисодию иҷтимоии худро беҳтар менамоянд, ки ин дар амалия самараи бештар дорад ва вазъи пардохпазирии бонкҳоро мустаҳкам мегардонад. Хуб мешуд, ки агар дар давлатҳое, ки аҳолии онҳо ба низоми бонкӣ кам бовари доранд, чунин тартиби ташкили захираҳо ба роҳ монда шаванд. Аз нигоҳи иқтисодӣ ба он назар намоем, ин нишондиҳандаи хеле хуб аст ва дар баландбардории иқтидори молиявӣ-инвеститсионии кишвар таъсири мусбат хоҳад расонид.

Яке аз таносубҳои бунёдии дигаре, ки сармоягузорон ба онҳо диққат менамоянд, ин сатҳи "даромаднокии дороиҳо (ROA - (Return On Assets), даромаднокии сармоя (ROE - Return on Equity) ва монанди инҳо мебошад" [5]. Даромаднокии дороиҳо яке аз нишондиҳандаҳое мебошад, ки таносуби фоизии фоидаи софи бонкро ба дороиҳои умумии он нишон медиҳад. "Нишондиҳандаҳои даромаднокии дороиҳо ба василаи формулаи зерин арзёбӣ карда мешавад (фор. 7). Ба таркиби даромади соф таносуби даромад ва хароҷоти солона, инчунин, ба дороиҳои умумӣ захираҳои моддӣ ба инобат гирифта мешаванд. Ҳисобкунии дороиҳо аз рӯи арзиши миёнасолона (дороиҳо дар аввал ва охири сол / 2) анҷом дода мешавад" [8].

$$\text{ROA} = \frac{\text{Дс}}{\text{Мд}} \text{ x } 100 \quad \text{Фор. 7.}$$

ки дар ин ҷо: ROA – даромаднокии дороиҳо;

Дс – даромади соф;

Мд – маҷмуи дороиҳо.

Ба воситаи даромаднокии дороиҳо муайян кардан мумкин аст, ки то кадом андоза амалиётҳои бонк самаранок аст. Даромаднокии дороиҳо аз амалиётҳое, ки бонкҳо мегузаронанд, вобаста мебошад. Барои бонкҳое, ки ба захираҳои муваққатан озоди аҳолӣ талаб надошта, фоидаи дороиҳо бештар хоҳад буд ва баръакс. Гуфтан ба маврид аст, ки сармоягузорон дар бештари ҳолатҳо ба ин нишондиҳанда назар менамоянд. Дар ҳолате, ки даромаднокии дороиҳо баланд бошад, диққати сармоягузоронро бештар ба

худ ҷалб менамоянд ва бонкҳо ба ин роҳ метавонанд захираҳои молиявии худро ташаккул ва дуруст баҳо диҳанд.

Инчунин, модели ҳисобкунии ду омилаи ROA (даромади соф, дороиҳои миёна ва даромад)-ро дар амалия истифода мебаранд, ки онро "Модели Дюпона" меноманд (фор. 7,1):

$$ROA = ROS*Koa \quad Фор. 7.1.$$

ки дар ин ҷо: ROS – таносуби даромаднокии фурӯш (фоидаи соф / даромад);

Коа – таносуби дороиҳои гирдгардиш (даромад / арзиши миёнаи дороиҳо).

Чунин таносуб арзиши истифодабарии дороиҳои бударо тавсиф намуда, дар бештари ҳолатҳо дар бонкҳо бо формулаи умумӣ (фор. 7) баҳодиҳӣ карда мешавад. Дар баробари даромаднокии дороиҳо, даромаднокии сармоя низ дар амалия истифода мешавад. Зери даромаднокии сармоя ҳамчун таносуби даромаднокии софи ташкилот ба арзиши миёнасолонаи сармояи худӣ фаҳмида мешавад. Даромаднокии сармоя ба василаи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад (фор. 8) [7].

$$ROE = \frac{Д}{Сх} \times 100 \quad Фор. 8.$$

ки дар ин ҷо: ROE – даромаднокии сармоя;

Дс – даромад;

Сх – сармояи худӣ.

Аслан, зери моҳияти даромаднокии сармоя фоидаи ҳосилгардида аз сармояро мефаҳманд. Ин таносуб, яке аз механизмҳои муайянсозандаи фаъолияти бонкҳо бо истифодаи сармояи худӣ мебошад. Чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки бонкҳо бо истифода аз нишондиҳандаҳои ROA ва ROE самаранокии истифодаи захираҳои молиявиро дар бонкҳо муайян мекунанд, ки маблағҳои қарзӣ ба ҳаҷми фоида чӣ гуна таъсир мерасонанд ва аз якдигар то кадом андоза вобаста мебошанд. Дар дороиҳои бонк ҳар қадар, ки захираҳои ҷалбкардашуда зиёд бошад, то ҳамон андоза таносуби байни ROA ва ROE зиёд мегардад. Зеро, дар ҳолати зиёд ҷалб намудани захираҳои муваққатан озод, нишондиҳандаи ROA кам мегардад. Бинобар ин, бонкҳоро зарур аст, ки бештар таваҷҷуҳ ба захираҳои худӣ намуда, ба ин васила метавонанд боварии аҳолиро ба худ ҷалб намоянд ва ба сатҳи зиндагии онҳо таъсири мусбат расонанд.

Дар баробари усулҳои дар боло таҳқиқгардида, чунин номгӯи низомҳои рейтингӣ дар мамлакатҳо барои баҳодиҳии захираҳои бонкӣ амал менамоянд [17,с.4-6].

- PATROL дар Италия;
- Organization and Reinforcement of Preventive Action (ORAP) ва SAABA дар Франсия;
- CAMELS, Fitch, S&P (Standard & Poor's), Moody's ва Financial Institutions Monitoring System (FIMS) дар ИМА;
- Risk Analysis Support Tool (RAST) дар Нидерландия;
- RATE дар Англия.

Ҳар яке аз усулҳои дар боло зикргардида, вобаста ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва низоми бонкии давлатҳо муайян карда мешаванд. Инчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баҳо додани захираҳои бонкӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон тартиби муайян пешниҳод карда шудааст. "Бо мақсади ҳимояи манфиатҳои пасандоздорону қарздеҳон ва таъмини суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон меъёрҳои мақбули ҳатмии зеринро барои танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ муқаррар мекунад" [3, б.1.]:

– ҳадди ақали сармояи оинномавӣ барои ташкилотҳои қарзии навтаъсис;

– андозаи ниҳоии қисми ғайрипулии сармояи оинномавӣ;

- андозаи ниҳоии хавф барои як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони ба ҳам алоқаманд;

– меъёри кифоятии сармоя;

- меъёри пардохтпазирии ҷорӣ;

- меъёри истифодаи маблағҳои худии ташкилотҳои қарзӣ барои харидани саҳмияҳои (ҳиссаҳои) шахсони ҳуқуқӣ;

– андозаи ниҳоии қарзҳо, кафолатҳо ва замонатҳое, ки ташкилотҳои қарзӣ ба шахсони вобастаи (алоқаманди) худ додаанд;

– ҳадди ниҳоии пасандозҳо ва амонатҳои ҷалбшаванда (барои ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла ташкилотҳои амонатии қарзии хурд).

Чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки бо таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва баҳодиҳии захираҳои бонкӣ, мо метавонем омилҳои самаранок ва фарққунандаро дарёфт намоем. Кишварҳое, ки (Амрико, Олмон, Япония) амнияти маблағҳои ҷалбкардашударо тайи садсолаҳо таъмин намуда истодаанд, алакай аҳолӣ ба низоми бонкии онҳо боварии зиёд доранд. Дар баъзе кишварҳои дигар (Россия, Украина, Эстония, Қазоқистон, Тоҷикистон, Индонезия) бошад, ин низом дар солҳои охир ташкил карда шудааст. Аксари ин мушкилотҳо дар давлатҳо аз сари вақт пардохт накардан (бетаъминӣ), таблиғоту баҳодиҳии нодуруст ва муфлис гардидани бонкҳо вобастагӣ доранд.

Хуб мешуд, ки бонкҳои ватанӣ дар асоси таҷрибаи хориҷии низоми бонкии Амрико, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон воситаҳои мухталифи таъмини захираҳои бонкиро ташкил намоянд. Ҳамзамон, усулҳои баҳодиҳии захираҳои бонкии Федератсияи Россияро ба шароити имрӯза мутобиқ ва истифода бурдан саривақтӣ буда, ин ба манфиати бонкҳо хоҳад буд. Гуфтан ба маврид аст, ки истифодаи таҷрибаи хориҷии низоми баҳодиҳии захираҳои бонкӣ дар мамлакат бе дастгирии давлатӣ ғайриимкон аст. Зеро, аз таҳқиқи маълумотҳо ба мо ошкор гардид, ки низоми бонкии устувор ҳамеша дар зери дастгирии давлат қарор дорад.

Аз ин рӯ, мо ба чунин хулоса омадем, ки бонкҳои мамлакат бояд зери дастгирии ҳамаҷонибаи давлат қарор гирад ва бо истифода аз усулҳои муосир Бонки миллии Тоҷикистон захираҳои молиявии бонкҳоро баҳодиҳӣ намуда, мавқеи онҳоро дар низоми иқтисодии кишвар устувор намояд. Зеро, бонкҳо яке аз институтҳои асосии молиявӣ дар иқтисодиёт буда, дар баландбардории иқтидори молиявӣ-инвеститсионии кишвар нақши калидиро доро мебошанд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Иброҳимзода И.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Анализ обязательств банка. [Электронный ресурс]. URL: https://vuzlit.com/185292/analiz_obyazatelstv_banka (дата обращения: 21.01.2023).
2. Великая Депрессия (great depression) – продолжительный экономический кризис в мировой экономике, начавшийся в США в 1929 году, а затем и в других странах мира. [Электронный ресурс]. URL: https://neftegaz.ru/news/finance/333964-velikaya-depressiya-v-ssha-1929-1933-godov-tyazhelyy-amerikanskiy-krizis/ (дата обращения: 15.04.2022).
3. Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ». Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №55 аз 24 майи соли 2022 тасдиқ шудааст. – б.1.
4. Диагностика финансового состояния коммерческого банка. [Электронный ресурс]. URL: https://elar.urfu.ru/bitstream/10995/47005/1/978-5-7996-1943-5_2017.pdf (дата обращения: 14.12.2022). - с.56.
5. Как ROA и ROE Дают четкое представление о корпоративном здоровье [Электронный ресурс]. URL: https://translated.turbopages.org/proxy_u/en-ru.ru.8bef92e1-63931922-86e2dd39-74722d776562/https/www.investopedia.com/investing/roa-and-roe-give-clear-picture-corporate-health/ (дата обращения: 09.12.2022)., ROA, ROE, ROI – в чем разница этих экономических показателей (с примерами). [Электронный ресурс]. URL: https://onthemoney.ru/blogi/roa-roe-roi-v-chem-raznica-etih-koefficientov-rentabelnosti/ (дата обращения: 09.12.2022).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, №722, ш. Душанбе, (ҚҶТ аз 3.08.2018 с., №1548). – м.42.
7. Коэффициент ROE (простыми словами) – Нормы, виды и значение. [Электронный ресурс]. URL: https://equity.today/koefficient-roe.html (дата обращения: 18.12.2022).
8. Коэффициент ROA (Показатель рентабельности активов) – Нормы, виды и значение. [Электронный ресурс]. URL: https://equity.today/koefficient-roa.html (дата обращения: 18.12.2022).
9. Мақоми ҳуқуқӣ ва вазифаҳо. [Манбаи электронӣ]. URL: http://idif.tj/tj/makomi-u-u-va-vazifa-o/ (санаи мурочиат: 15.04.2022).
10. Методы оценки собственного капитала банка. [Электронный ресурс]. URL: https://studbooks.net/873449/bankovskoe_delo/metody_otsenki_sobstvennogo_kapitala_banka (дата обращения: 15.12.2022).
11. О чем может рассказать коэффициент покрытия долга денежными потоками. [Электронный ресурс]. URL: https://targetbank.ru/pokazateli/llcr-koefficzient-pokrytiya-dolga/ (дата обращения: 14.12.2022).
12. Обобщенная оценка финансовых ресурсов коммерческого банка с использованием аналитических коэффициентов. [Электронный ресурс]. URL: https://studopedia.ru/21_89929_obobshchennaya-otsenka-

finansovih-resursov-kommercheskogo-banka-s-ispolzovaniem-analiticheskih-koeffitsientov.html (дата обращения: 04.02.2023).
13. Оценка качества управления собственными средствами банка. [Электронный ресурс]. URL: https://studfile.net/preview/3287616/page:4/ (дата обращения: 15.12.2022).
14. Оценка оптимальности и результативности использования источников финансирования. [Электронный ресурс]. URL: https://studopedia.net/13_51829_otsenka-optimalnosti-i-rezultativnosti-ispolzovaniya-istochnikov-finansirovaniya.html (дата обращения: 23.01.2023).
15. Оценка пассивов банка. [Электронный ресурс]. URL: https://studbooks.net/776624/bankovskoe_delo/otsenka_passivov_banka (дата обращения: 13.12.2022).
16. Показатели оценки финансовой устойчивости банка в целях признания ее достаточной для участия в системе страхования вкладов. [Электронный ресурс]. URL: https://studfile.net/preview/1771339/page:17/ (дата обращения: 25.01.2023).
17. Прогнозирование и моделирование показателей финансовой устойчивости банков: зарубежный опыт и реалии стран СНГ. [Электронный ресурс]. URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=48575777 (дата обращения: 09.12.2022). -С.4-6.
18. Рахимзода, Ш. Современное состояние привлеченных ресурсов и их роль в становлении банковских ресурсов Республики Таджикистан [Текст] / Ш. Рахимзода, Н.Ш. Шарифзода, Г.Г. Хакимович // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2022. -№4. -С.26-33.
19. Рахимова, А.В. Роль коммерческих банков в привлечении сбережения населения и регулировании денежного обращения [Текст] / А.В. Рахимова, М.С. Дембегиев // Вестник Таджикского национального Университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2019. -№1. -С.131.
20. Федеральный закон «О страховании вкладов физических лиц в банках Российской Федерации» от 23.12.2003 г. №177-ФЗ, г. Москва. (Наименование в редакции Федерального закона от 03.08.2018 №322-ФЗ).
21. Финансовая устойчивость банка: показатели и способы обеспечения (на примере «ПАО СКБ – банк»). Часть 2. [Электронный ресурс]. URL: https://дцо.рф/finansovaya-ustojchivost-banka-pokazateli-i-sposoby-obespecheniya-na-primere-pao-skb-bank-chast-2/ (дата обращения: 27.12.2022).
22. Хушвахтзода, К.Х. Роль банковского кредитования в развитии малого сельскохозяйственного бизнеса / Хушвахтзода К.Х., Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№7. -С.35-41. – EDN EWXNAB.
23. Что показывает коэффициент клиентской базы, используемый для оценки структуры пассивов. [Электронный ресурс]. URL: https://studbooks.net/1235397/bankovskoe_delo/pokazyvaet_koeffitsient_klientskoy_bazy_ispolzuemyy_otsenki_struktury_passivov (дата обращения: 11.12.2022).

## ТАҲҚИҚИ УСУЛҲОИ БАҲОДИҲИИ ЗАХИРАҲОИ БОНКӢ

Муаллиф дар мақолаи мазкур оид ба ташаккул ва идоракунии захираҳои бонкӣ ба иқтисодиёти мамлакат таваҷҷуҳ намуда, қайд менамояд, ки рушди иқтисодиётро бидуни устувории низоми бонкӣ, аз ҷумла захираҳои бонкӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Захираҳои бонкӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ дорои хусусиятҳои гуногун мебошад ва таъсири худро ба иқтисодиёт мерасонад. Дар натиҷаи таҳқиқотҳо муайян карда шуд, ки сарчашмаи асосии рушди фаъолияти бонкҳои ватанӣ аз захираҳои ҷалбкардашуда вобаста аст. Зеро, дар шароити имрӯза бонкҳои ватанӣ дорои ками захираҳои худӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ташаккул ва идора кардани захираҳои ҷалбкардашуда барои бонкҳо хеле муҳим арзёбӣ карда шудааст. Чунин гуфтан мумкин аст, ки захираҳои бонки тиҷоратӣ таъсири худро ба бонк, дорандагони амонату пасандозҳо, қарзгирандагону қарздиҳандагон ва ҳатто ба давлат мерасонад. Бинобар ин, қайд намудан ба маврид аст, ки тамоми ҷомеа бояд барои рушди босуботи низоми бонкӣ кушиш намоянд ва дар ин замина даромади зиёд гирифта, фаъолияти худро рушд диҳанд.

**Калидвожаҳо:** модели ташаккули захираҳои ҷалбкардашуда, амонат, пасандоз, қарз, воситаҳои молиявӣ, рақобати солим, таъсири захираҳо, сармояи оиномавӣ, сармояи иловагӣ, сармояи захиравӣ, сармоягузорӣ, рушди иқтисодӣ.

## ИССЛЕДОВАНИЕ МЕТОДОВ ОЦЕНКИ БАНКОВСКИХ РЕСУРСОВ

В данной статье автор обращает внимание на формирование и управление банковскими ресурсами и отмечает, что невозможно представить развитие экономики без устойчивой банковской системы, в том числе банковских ресурсов. Банковские ресурсы в условиях рыночной экономики имеют разные характеристики и влияют на экономику. В результате исследования было определено, что основной источник развития деятельности отечественных банков зависит от привлекаемых ресурсов. Потому что в сегодняшних условиях у отечественных банков мало собственных ресурсов. По этой причине формирование и управление привлеченными ресурсами считается очень важным для банков. Можно сказать, что ресурсы коммерческого банка оказывают влияние на банк, вкладчиков, заемщиков и кредиторов и даже на государство. Поэтому стоит отметить, что все общество должно стремиться к стабильному развитию банковской системы, и в связи с этим получать большие доходы и развивать свою деятельность.

**Ключевые слова:** модель формирования привлеченных ресурсов, депозиты, сбережения, кредиты, финансовые инструменты, здоровая конкуренция, влияние ресурсов, уставный капитал, добавочный капитал, резервный капитал, инвестиции, экономическое развитие.

**STUDY OF METHODS FOR ASSESSING BANKING RESOURCES**

In this article, the author draws the attention of the country's economy to the formation and management of banking resources and notes that it is impossible to imagine the development of the economy without the stability of the banking system, including banking resources. Banking resources in a market economy have different characteristics and affect the economy. As a result of the study, it was determined that the main source of development of the activities of domestic banks depends on the attracted resources. Because in today's conditions, domestic banks have little of their own resources. For this reason, the formation and management of attracted resources is considered very important for banks. We can say that the resources of a commercial bank have an impact on the bank, depositors, borrowers and lenders, and even on the state. Therefore, it is worth noting that the whole society should strive for the stable development of the banking system, and in this regard, receive large incomes and develop their activities.

**Keywords:** model for the formation of attracted resources, deposits, savings, loans, financial instruments, healthy competition, the impact of resources, authorized capital, additional capital, reserve capital, investments, economic development.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарифзода Нурулло Шариф*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Sharifzoda.nurullo@mail.ru.** Телефон: **(+992) 905-71-76-76**

**Сведения об авторе:** ***Шарифзода Нурулло Шариф*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Sharifzoda.nurullo@mail.ru.** Телефон: **(+992) 905-71-76-76**

**Information about the author:** ***Sharifzoda Nurullo Sharif*** **-** Tajik National University, assistant of department of finance and insurance. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. E-mail: **Sharifzoda.nurullo@mail.ru.** Phone: **(+992) 905-71-76-76**

ТДУ: 331.101.3

# МЕХАНИЗМҲОИ БУНЁДИИ СИСТЕМАИ ИДОРАКУНИИ ИҚТИДОРИ МЕҲНАТИИ КОРМАНДОН ДАР АСОСИ ВОСИТАҲОИ ҲАВАСМАНДСОЗӢ

*Эсанов М.Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини фаъолияти роҳбарон дониста мешавад. Ин мафҳум дар адабиёти илмии иқтисодӣ солҳои охир пайдо гардид. Пайдоиши он аз адабиёти хориҷии илмҳои иҷтимоию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ, ки ба илми идоракунӣ хизматрасон мебошанд, гирифта шудааст.

Дар адабиётҳо ва таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ истифодаи калимаи «ҳавасмандкунӣ» охирҳои асри XX пайдо гаштааст. Ба ақидаи онҳо «ҳавасмандкунӣ» бисёртар маънои «мукофот»-ро дорад ва аз ин рӯ дар барномаи идоракунӣ истифодаи бештар мувофиқ аст. Дар асоси ин усулҳо ва шаклҳои бамеъёргирӣ ва музди меҳнат кор карда шудааст, ки дар корхонаю ташкилотҳо истифода бурда мешавад.

Иқтисоддонҳои амрикоӣ дар охири асри XX ба чунин категорияи муҳим, ба монанди ҳавасмандгардонии меҳнат таваҷҷуҳи бештар зоҳир карданд. Имрӯз ширкатҳои амрикоӣ дар соҳаи идоракунии кадрҳо пешсафанд, ки онро мо дар шакли расм чунин тасвир намудаем.

**Расми 1. Усулҳои америкоии ҳавасмандгардонии меҳнатӣ**
**Figure 1. American methods of labor motivation**




Масалан, дар ширкати IBM навовариҳоеро, ки замима пайдо мекунанд, ихтироъкунандаи он ҳавасманд карда мешаванд. Яъне, дар сурати қабул шудани таклиф муаллифи он дар давоми 2 соли баъдӣ дар истеҳсолот ҷорӣ шуданаш 25%-и маблағи умумии сарфаро мегирад, инчунин, ба фаъолияти навоварон дар 2 самт: озодона истифода бурдани 15%-и вақти корӣ ва маблағи 15% ҳавсмангардонии молиявӣ, ки инҳо барои рушд ва инкишоф додани навовариҳои оянда, кумак менамояд [1,с.410].

Иқтисодчиёни амрикоӣ системаи нави музди меҳнатро таъсис доданд, ки онро «пардохт барои тахассус» меноманд [1,с.411]. Моҳияти ин система аз он иборат аст, ки дараҷаи музд на танҳо ба мураккабии кори иҷрошуда, балки барои рушд ва инкишоф додани ихтисоси корманд, ки коргар дар кори худ истифода бурда метавонад, низ вобаста аст. Ҳамин тариқ, музди меҳнат вобаста ба он чизе, ки ӯ медонад, зиёд мешавад, на коре, ки ӯ мекунад, яъне, худи меҳнат не, балки рушд ва ташаккули ихтисос ва дар навбати аввал шумораи ихтисосҳои азхудшуда дода мешавад.

Умуман, системаи пардохти меҳнат барои тахассус сарфи назар аз як қатор оқибатҳои нисбатан манфӣ самаранок ва ояндадор ҳисобида мешавад. Афзоиши хароҷоти меҳнат асосан аз ҳисоби баланд бардош-тани ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии меҳнат пурра карда мешавад. Афзоиши хароҷоти таълим на ҳамчун афзоиши хароҷоти ғайриистеҳсолӣ, балки ҳамчун маблағгузории дарозмуддат ба инкишофи захирахои инсонӣ дида мешавад. Инчунин, зарур аст, ки коргарон аз ин системаи музддиҳӣ беш аз пеш қаноатмандӣ баён мекунанд ва онро одилонатар мешуморанд. Дар ҳақиқат, дараҷаи музддиҳӣ дар системаи пардохт барои тахассус бештар ба қобилият, фидокорӣ, майлу хоҳиши онҳо, на ба таҷриба ва қарорҳои беасоси роҳбарӣ дар ҷо ба ҷо гузоштани кадрҳо ва дигар масъалаҳои идоравии корхона вобаста аст.

Дар баробари ин, коргар саҳми худро дар самарабахшии ҷараёни истеҳсолот беҳтар фаҳмида, баҳои одилона медиҳад, дараҷаи масъулияти корманд баланд мешавад, бегонапарастӣ бартараф карда мешавад, ки ин, албатта, ба афзоиши ҳавасмандии ӯ, қаноатмандии фаъолият таъсир мерасонад. Дар ниҳояти кор ҳамаи ин дар сифати фаъолияти корманд ва мавқеи иҷтимоии истеҳсолкунанда бевосита ифода меёбад.

Боз як усули муҳимми амрикоӣ ба инобат гирифтани иштироки кормандон дар фоидаи ташкилот мебошад. Ин система аз як қатор хусусиятҳои ба худ хос иборат мебошад, ки самаранокии истифодаи онро муайян мекунанд:

1. Иштироки корманд дар фоидаи ташкилот ҳамон вақт самаранок баҳогузорӣ карда мешавад, ки корманд дар қабули қарорҳо, дар ҷустуҷӯ ва ҳалли масъалаҳои истеҳсолот, роҳҳои такмил додани истеҳсолот ҷалб карда шавад.

2. Муайян кардани ҳаҷми мукофотпулӣ бояд аз рӯи нишондодҳое сурат гирад, ки коллектив ба онҳо таъсири воқеӣ расонда метавонад, яъне, ба он чи ки таъсир расонда метавонад, дар ҷои кор, қисматҳои истеҳсолӣ назорат карда шавад.

3. Иштироки кормандон дар таҳияи системаҳои тақсими фоида ё тақсими фоида аз афзоиши ҳосилнокӣ муҳим аст. Чунин системаҳо набояд, дар доираи танги мутахассисон ё роҳбарон таъсис дода шаванд [2,с.121].

Дар баробари ин коргар як корро иҷро карда, дар рафтори худ якчанд мотивро дар назар мегирад, ки ин вазифаи ҳавасмандкуниро мураккаб мегардонад.

Чуноне, ки устод Ғаниев Т.Б. мефармоянд: «дар ченаки ҳақиқии мотиватсия комплекси мотиватсионӣ истифода мешавад, ки он муайян кардани ягонагии байни ҳавасмандӣ ва мотивро дарбар гирифта, аз унсурҳои зайл иборат мебошад:

- ✓ якбора мавҷуд будани якчанд намуди мотивҳои меҳнатии фаъолгардонӣ;
- ✓ мавҷуд будани якчанд ҳавасмандӣ, ки ба захираҳои гуногуни истифодабаранда тааллуқ доранд;
- ✓ мавҷудияти алоқамандии пайдарпайии сабабу натиҷавии байни мотив ва ҳавасмандӣ;
- ✓ устувории комплексҳои мотиватсионӣ;
- ✓ қобилияти модернизатсияи комплексҳои мотиватсионӣ вобаста ба инкишофи равандҳои мотивҳо ва ҳавасмандӣ;
- ✓ қобилияти аз байн бурдани зиддияти байни ҳавасмандӣ ва мотив» [4,с.185].

Барои муайян кардани ҳар яке аз ин нишонаҳои мотиватсия дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт олимон се гурӯҳи мотивро ҷудо менамоем:

1. Мотивҳои бевосита ба меҳнат алоқаманд буда.
2. Мотивҳои бевосита ба ташкилот алоқаманд буда.
3. Мотивҳои ба фаъолияти ҳаёти одамон вобаста буда.

Мотиве, ки бевосита аз ҷараёни иҷроиши меҳнат пайдо мешавад, умуман ҳамчун қаноатмандӣ аз натиҷаи меҳнат номидан мумкин мебошад. Ягонагӣ байни ҳавасмандӣ ва мотиви меҳнат ин ташкили шароити хуби меҳнат, гуногуншаклии мазмуни меҳнат, реҷаи дурусти меҳнат ва истироҳат, кам кардани меҳнати табиӣ ва ғайра мебошад.

Мотиве, ки ба ташкилот амалиёти функсионалии он ба миён меояд, дар шакли институти махсусгардонидашудаи иҷтимоию иқтисодӣ буда, моҳияти таъминоти гурӯҳиро дорад. Чунин мотивҳо ба вазифаи баланд гирифтан, гуногунии мавқеи иҷтимоию маънавӣ, ташкили сохторӣ, ташкилие, ки фаъолнокии коргаронро таъмин менамояд ва дигар ҳавасмандкуниҳо вобаста аст. Ҳавасмандӣ аксаран ба инкишофи умумӣ ва касбии коргарон равона карда шуда, ягонагӣ ва қадршиносии байни сохтори ташкилӣ ва шахсони алоҳидаро таъмин менамояд.

Мотиватсияе, ки ба фаъолияти ҳаёти одамҳо вобаста аст, пеш аз ҳама, барои таъмин намудани талаботи шахсӣ: пардохти музди меҳнат, ҳавасмандиҳо, имтиёзҳо ва бартариятҳое, ки ташкилот ба коргарони фаъолбуда пешниҳод мекунад, равона шудааст.

Мавҷуд будани сабабҳо - натиҷаҳои алоқаи байни мотивҳо дар пайдарпайии дохил шудани мотивҳои дараҷаҳои гуногун дар таъсири ҳавасмандиҳои муайян маҳсуб мегардад [4,с.191].

Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки барои муҳити беруна комплексҳои мотиватсионӣ аз омилҳои иқтисодӣ ва идоракунӣ вобаста мебошад, ки ҳамчун захираҳои ҳавасмандкунӣ истифода карда мешаванд. Корхонаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ устувор меъёрҳои идоравӣ ва меҳнатро риоя менамоянд. Дар онҳо ҳавасмандкунӣ дараҷаи устувор дорад, аммо на ҳама вақт ба рӯзмаррагии мотиви коргарон мутобиқат менамояд.

Ҳавасмандӣ аз рӯи табиати худ нисбат ба мотивҳо кам инкишоф меёбад. Ҳатто шароити кори корхона тағйир наёбад ҳам, мотив ва комплекси он куллан тағйир меёбад [8,с.81]. Бинобар ин, устувории комплекси мотиватсионӣ ҳамчун ягонагии мотив ва ҳавасмандӣ бояд доимо дар назорати идоравӣ бошад, яъне доимо мо назорати миқдорӣ, сифатӣ, муносибати байни коргаронро дар ҷараёни истеҳсолӣ дошта бошем.

Ҳамин тариқ, самаранокии мотиватсия ҳамон вақт таъмин карда мешавад, ки агар дар асоси ҳавасмандии мавҷуда ва вобаста ба ин мотивҳо пайдо намудани комплекси мотиватсионии пурқувват дастрас гардад.

Комплексҳои мотиватсионии устувор имкон медиҳад, ки ташкилот муҳлати зиёд онҳоро истифода намуда, ҳайати корхонаро идора намоянд.

Комплексҳои мотиватсионӣ имконият медиҳад, ки майдони васеи ҳамкории байни ташкилот ва коргарон, инчунин, монеаи байни роҳбарон ва коргаронро аз байн бардошта, самаранокии меҳнат ва истеҳсолотро таъмин менамояд. Дар баробари ин гуфтаҳо, мафҳумҳои муҳимтарини консепсияҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатиро дар шакли расм чунин тасвир намудан мумкин аст (нигаред ба расми 2).

**Расми 2. Консепсияҳои асосии ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ**
**Figure 2. Basic concepts of labor activity motivation**




1. **Методологияи ҳавасмандгардонии эҳтиёҷоти асосӣ.** Усули баррасишаванда, бо мақсади муайян кардани диққати аввалиндараҷаи кормандон ба татбиқи гурӯҳҳои алоҳидаи меҳнат ва арзишҳои меҳнатӣ, инчунин, гурӯҳҳои кормандонеро, ки ба ҳавасмандгардонии моддӣ, эҷодӣ, умумӣ-гурӯҳӣ, ки ба фаъолияти меҳнатӣ муносибатҳои гуногун доранд, муайян менамояд.

Барои баррасии механизми фаъолияти ҳавасмандкунӣ равишҳои зерин мавҷуданд:

- таҳлили ангезаи дохилии шахс - сохтор ва қувваи ангезаҳо, самти онҳо, намудҳои ҳавасмандгардонӣ;

- таҳлили қаноатмандӣ аз фаъолияти меҳнатӣ ва қаноатмандие, ки ӯ аз фаъолияти меҳнатӣ мегирад;

- таҳлили вобастагии таносуби қаноатмандии фаъолият бо параметрҳое, ки ҳавасмандии меҳнатро тавсиф мекунанд. Ин усул имкон медиҳад, ки мавҷудияти ду намуди асосии ҳавасмандкунӣ (арзишӣ ва амалӣ) ошкор карда шавад. Навъи сеюм низ вуҷуд дорад - навъи мутавозин ё бетараф. Таъсири мутақобилаи ин намудҳо объекти таҳлили механизми фаъолияти ҳавасмандкунӣ мебошад. Чаҳор гурӯҳи эҳтиёҷоти асосӣ мавҷуданд, ки қонеъ кардани онҳо тавассути фаъолияти меҳнатӣ имконпазир аст:

1) кори ҷолиб, худшиносӣ, мустақилият, тахассус;
2) қарз, фоида, талабот;
3) даромад, неъмат, эҳтиёҷоти рӯзгор;
4) муоширати, эҳтиром, мансаб.

Дар ин методология ҳавасмандгардонӣ ҳамчун ягонагӣ бар зидди се қисмат: арзишҳо, талаботи кор ва имкони татбиқи ин талабот таҳқиқ карда мешавад. Ин се ҷузъ бо истифода аз саволномаи сотсиологӣ муайян карда мешаванд. Дар асоси саволнома, шумо метавонед намуди умумии самти мутахассисро муайян кунед. Барои ин, зарур аст, ки арзишҳоро ба блокҳо гурӯҳбандӣ кунед, аҳамияти ҳиссаи арзишҳои меҳнатиро аз рӯи қисматҳо ҳисоб кунед, арзишҳоро муқоиса кунед ва арзишҳои бартаридоштаро муайян намоед. Вақте ки меҳнат барои мутахассис мақсади асосии ӯ дониста мешавад, меҳнат арзиши мустақил пайдо менамояд. Агар вай восита бошад, пас мутахассис чунин мешуморад, ки ҳаёти воқеӣ берун аз кор оғоз мeёбад. Дар доираи меҳнат ҳамчун ҳадаф, ду намуди арзишҳои амалӣ мавҷуданд. Худи ҷараёни меҳнат барои инкишофи шахсият ё натиҷаи умумии меҳнат шавқовар буда метавонад.

**2. Методологияи ҳавасмандгардонии муносибат ба меҳнат.** Методологияи ҳавасмандгардонии муносибат ба меҳнат аз натиҷаи гузаронидашудаи таткиқоти сотсиологӣ вобаста мебошад. Тадқиқоти сотсиологӣ бояд дар самтҳои зерин гузаронида шуда, муносибати меҳнатии фаъолияти кормандон муайян карда мешавад.

1. Имтиёзҳо барои шуғли асосӣ. Ҳангоми омӯзиши ҳавасмандии фаъолияти меҳнатӣ, шкалаи муайянкунандаи муносибатҳои фаъолияти меҳнатӣ истифода карда мешавад, ки ин шкала дар баъзе тадқиқотҳои байналмилалӣ низ истифода шуда, он аз чор сатҳи асосӣ иборат аст:

-дараҷаи баландтарини ҳавасмандии фаъолияти меҳнатӣ, ки ин нишондиҳандаи вобастагии кормандро аз маош нишон дода, шавқовар будани фаъолиятро барои онҳо муайян менамояд;

- фаъолияти меҳнатӣ ҳамчун як масъалаи муҳим барои корманд эътироф карда мешавад, аммо на ба он дараҷае, ки дигар паҳлуҳои ҳаётро пинҳон карда тавонад;

- фаъолият намудан аз ҷониби мутахассис қариб танҳо ҳамчун манбаи рӯзгор ҳисобида шавад;

- камтарин дараҷаи ҳавасмандии фаъолияти меҳнатӣ, ки дар он фаъолият намудан барои корманд вазифаи ногувор ба ҳисоб рафта, дар оянда фаъолият намудан ё нанамудани кормандро муайян менамуд.

Ин сатҳҳои ҳавасмандкунӣ дар шакли холис пайдо намешаванд. Одатан, онҳо дар баъзе комбинатсияҳо мавҷуданд, гарчанде ки ҳар як давра ва дар шароити муайяни иқтисодӣ бо бартарии ин ё он намуди ҳавасмандии меҳнатӣ хос аст.

Дар ин методология фарқияти муайяни мутахассисон аз рӯи гурӯҳҳо ва дараҷаи ҳавасмандии меҳнатӣ дида мешавад. Муҳимтар аз ҳама, мақоми касбӣ ва расмии кормандон, пас аз он хусусиятҳои фарқкунандаи ҷинс ва синну сол мебошанд.

2. Имтиёзҳо барои шуғли иловагӣ:

- хоҳиши зиёд кардани даромад аз кори асосӣ;

- хоҳиши ба даст овардани кори устувор ва даромади иловагӣ дар ҷои кори иловагӣ;

Ба ақидаи Ғаниев Т.Б., механизми мотиватсионии фаъолгардонии рафтори шахсони алоҳида ва аъзоёни коллективи меҳнатӣ дар асоси худташкилкунӣ мебошад. Таркиби асосии механизми мотиватсионии пешниҳоднамудаи Ғаниев Т.Б., аз унсурҳои зерин иборат мебошад:

✓ субъект ва объекти мотиватсия, ки системаи дохилии омилҳои иҷтимоии рафтори одамонро дарбар мегирад;

✓ мотиватсияи рафтории беруна, ки шароити иҷтимоию сиёсӣ, молиявӣ ва андоз, қонунгузориҳо, шароити манзилӣ, маишӣ, табиию ҷуғрофӣ, табиию миллӣ ва ғайраро дар бар мегирад [4,с.194].

Самаранокии таъсири механизми мотиватсия дар фаъолгардонии рафтори иқтисодӣ ба дараҷа ва созиши ташкилӣ, идоракунӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар коллективҳои меҳнатӣ вобаста аст. Ин нишондиҳанда аз рӯи омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, илмию техникӣ, маданӣ, қавмиву рӯҳӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра муайян карда мешаванд.

Механизми мотиватсионӣ дар асоси ҷараёни меҳнатӣ, ки аз робитаи зеҳниву мантиқӣ иборат аст, сурат мегирад ва дорои унсурҳои зерин аст:

- ✓ бамиёнгузории мақсади субъект;
- ✓ интихоби стратегияи рафтори субъект дар асоси фаҳмиши ҳолати мотивҳои дохила ва беруна, моделсозӣ ва дурнамои интихоби стратегияи рафтори объект, баҳодиҳӣ ва муқоисаи натоиҷи ҳисобӣ;
- ✓ амалӣ гардонидани стратегияи рафтори субъект бо роҳи таъсиррасонии мотиватсионӣ ба объект;
- ✓ фаҳмидани таъсири объекти мотиватсионӣ, қабули таъсир дар асоси омилҳои дохила ва беруна; фаъолгардонии омилҳои рафтори мотиватсионӣ;
- ✓ интихоб ва амалӣ гардонидани объекти стратегии рафтори худ;
- ✓ натиҷагирӣ аз ҷорӣ кардани стратегияи субъект ва объект дар шакли функсионалӣ;
- ✓ истифодаи имконоти субъект ва объектҳои мотиватсионӣ [4,с.186].

Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки мотиватсия ҷамъи ҳолатҳои рӯҳие, ки рафтори одамонро пурра муайян мекунанд, инъикос месозад. Ба ҳолатҳои маънавию зеҳнӣ, рафтори инсонӣ тамоми ҳолатҳои одамӣ: мақсад, ҳавас, афсӯсхӯрӣ, ҳаракат, ақида, боварӣ, талабот, масъалагузорӣ ва ғайра дохил мешавад.

Ба ақидаи Ғаниев Т.Б., ҳамаи ин мафҳумҳои гуногун дар маҷмуъ мотивӣ рафтор номида мешаванд ва вобаста аз ин чунин шаклҳои ҳавасмандиро ҷудо намудан мумкин аст, ки ба одам ва мотивӣ он таъсир мерасонад:

- ✓ омили беруна, таъсири омилҳои беруна ва мотивҳо;
- ✓ омили дохилӣ, ҳолатҳои рӯҳӣ, инъикоси таъсири беруна ба асаби одам, муносибати худи одамон ба рафторашон [4,с.181].

**3. Методологияи ташаккули мотивҳои меъёрии фаъолияти меҳнатӣ.** Мотиватсия вобаста ба мативҳои меъёрии фаъолияти меҳнатӣ ду навъ мешаванд: мусбӣ ва манфӣ.

Ба мотиватсияи мусбӣ мукофотҳои пулӣ, иловапулиҳо, баланд бардоштани мақоми шахсӣ дар коллектив, боварии коллектив, кори боваринок фармудан ва ғайра дохил мешаванд.

Ба мотиватсияи манфӣ ҳар гуна ҷаримаҳо, паст шудани обрӯю эътибор дар коллектив, ҷудоии маънавӣ аз вазифа озод намудан, ё худ ба вазифаи паст фуровардан ва ғайра дохил мешавад.

Вобаста ба равандҳо ва усулҳои идоракуни мотиватсияҳои моддӣ, иҷтимоӣ, пулӣ ва ҳукмронӣ, фардӣ, гурӯҳи ҷамъиятӣ низ вуҷуд доранд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ мақоми асосиро усулҳои иқтисодии мотиватсия, аз қабили системаҳои гуногуни мукофотҳои пулӣ ва ҷаримаҳо, муайян кардани вобастагии бевоситаи таъминоти моддии одамон аз натиҷаи меҳнат, инчунин, дигар мукофотҳои моддӣ иҷро менамоянд.

Дар шароити системаи нақшавӣ ва маъмурӣ - фармондиҳӣ ба сифати усулҳои самараноки иҷтимоии мотиватсия, усулҳои меъёрӣ, рафтори шахсӣ, ташвиқотию тарғиботӣ баромад мекарданд.

Усули рӯҳӣ бо мазмуни худ усули мураккаби идоракунии мотиватсионӣ буда, дар асоси омӯзиши қонунҳои рафтори одамон ва дараҷаи инкишофи шахсиятҳо сурат мегирад. Фаъолияти муҳим ва асосӣ бедор кардани рафтори рӯҳии шахсият, дӯстдории меҳнат, интихоби касб, мувофиқ будан барои аз нав омӯзондан ва ғайра маънидод мешавад.

Усули ташкилӣ (ё ин ки ташкилию маъмурӣ), яке аз усулҳои супориши бевоситаи маъмурӣ, меъёрҳо ва тартибу интизом, ҷавобгарии маъмурӣ, ҷарима ва мукофотҳо ба ҳисоб меравад.

Дар шароити давлати ҳуқуқбунёди дунявӣ усули ҳуқуқии идоракунӣ мақоми хосса дорад. Бинобар ин, тамоми чорабиниҳои ташкилию иқтисодӣ дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ амалӣ мегарданд.

Барои ташкили механизми дурусти мотиватсионӣ, бештар дарк намудан зарур аст, ки кадом параметрҳо, қоидаҳо ва хислати таъсиррасонии сохтор ва таркиби фаъолиятҳо истифода карда шудаанд. Асоси сохтани механизми мотиватсиониро қоидаи худташкилӣ, рафтори фардӣ ва иқтисодии одамон дар рафти фаъолияти

таъсиррасонии мотиватсионии якҷоя дар коллективҳои меҳнатӣ ташкил медиҳад ва онҳо бояд ба талаботи зерин ҷавоб дода тавонанд:

- ✓ ягон таъсиррасонӣ бояд ҳолати мавҷудаи корхонаро вайрон насозад;
- ✓ ягон таъсиррасонӣ бояд ба ҳолати рӯҳии коллектив таъсири манфӣ нарасонад;
- ✓ кадом таъсире, ки ба ҳолати коллектив хусусияти манфӣ мерасонад, бояд аниқ шуда, аз байн бурда шавад;
- ✓ кадом таъсире, ки барои беҳтар шудани коллектив кумак мерасонад, бояд, ки ҳавасманд карда шавад.

Таъсиррасоние, ки ба талабот ҷавобгӯй мебошад бояд, ки ҳолати коллективи меҳнатиро хуб гардонида, дар шакли оптималӣ боқӣ монад.

Таъсиррасониро вобаста ба рафтори одамон муайян кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, ҳам таъсиррасонии мусбӣ ва ҳам таъсиррасонии манфиро ба инобат гирифтан лозим аст.

Усулҳои иқтисодӣ. Мотиватсияи иқтисодӣ, ё ҳавасмандкунии моддӣ бояд ки фарқи натиҷаи мусбӣ ва ҳаҷми ҳавасмандии моддиро инъикос намояд. Мазмуни шарт дар он аст, ки ҳавасмандкунии рафтори мусбии мотиватсиониро таъмин карда тавонад.

Ғайр аз ин, кам кардани маоши роҳбар, мукофот нადодан, иловапулӣ надодан низ ба ҳамин гурӯҳ тааллуқ доранд.

Таъсиррасонӣ – ташкили нақшаи аниқи корӣ барои ҳар як коргар, гурӯҳ, ва коллективи меҳнатӣ. Назорат ва ҷамъбасти иҷроиши супориш ва нақшаҳо, инчунин, муайян кардани мукофотҳо ва ҷоизаҳо аз натиҷаи ҷамъбаст.

Усулҳои иҷтимоӣ. Барпо намудани имконоти баробар барои ҳамаи аъзоёни коллектив, новобаста аз вазифа, ҳиссаи меҳнатӣ, ҳолати иҷтимоӣ ва ғайра;

Таъсиррасонӣ - ташкил ва гузаронидани банақшагирии иҷтимоӣ ва танзиму беҳтар намудани шароити меҳнат ва истироҳати аъзоёни коллектив.

Усулҳои рӯҳӣ. Ба вазифаҳои роҳбарӣ роҳ надодани шахсони ғайрикасбӣ ва нуқсондори рӯҳӣ ва тафтиши фаврии муҳити рӯҳии коллектив ва розигии коллектив.

Таъсиррасонӣ - саривақт таъмин намудани кормандони соҳибмаълумот, ташкили гурӯҳҳои алоҳидаи корӣ, оҳиста-оҳиста аз байн баровардани шахсоне, ки муҳити рӯҳии коллективро коста мекунанд.

Усулҳои ташкилӣ. Қабули қарорро бе муҳокимаи пешакии коллектив роҳ надодан; муҳокимаи ҳатмӣ дар коллектив доир ба масоили қарорҳои дурнамои корхона, муайян кардани ҳавасмандии моддӣ оид ба тайёр кардан, қабул ва ҷорӣ кардани қарори самаранок ва ғайра.

Таъсиррасонӣ - дигаргунсозии сохтори нави самараноки коллективи меҳнатӣ, аз вазифа озод кардан, ё ба вазифа таъин кардан ва ғайра.

Усулҳои ҳуқуқӣ. Асосноккунии ҳуқуқии шароит ва таъсиррасонӣ дар санадҳои меъёрӣ, назорат ва иҷроиши санадҳои меъёрӣ.

*Таъсиррасонӣ* - Дар натиҷаи таъсиррасонии механизми мотиватсионӣ субъект ва объекти идоракунӣ фаъол гардида, барои иҷрои мақсадҳо шароит пайдо мегардад.

**4. Методологияи таҳлили ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ.** Ҳавасмандкунӣ ҳамчун стратегия нисбат ба кормандон бо мақсади баланд бардоштани таваҷҷуҳи онҳо ба кори баландмаҳсул равона карда шудааст. Чуноне, ки олими иқтисод Кибанов А.Я., мефармояд: «ҳавасмандгардонӣ тактикаи ҳалли масъалаҳоест, ки ба сохтори воқеии самтҳои арзишӣ ва манфиатҳои кормандон, ба пурратар татбиқ намудани иқтидори мавҷудаи меҳнатӣ нигаронида шудааст» [9,с.49].

Ба ақидаи Кибанов А.Я., «ҳавасмандгардонӣ ин ҷараёни ташвиқи худ ва дигарон ба фаъолияти муайян мебошад». Яъне, вазифаи асосӣ нисбат ба кадрҳо дар ташкилот ин аст, ки «ҳар як корманд соҳиби кувваи кории худ буда, бо кадом мақсад ва бо кадом роҳ истифодабарии он дар ихтиёри корманд аст» [9,с.65]. Ҳавасмандгардонӣ як қисми стратегии таъмини кори самараноки кормандон ва ҳавасмандкунии ҷузъи тактикӣ ҳисобида мешавад.

Мувофиқи ақидаи Шапиро С.А., «ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ ин раванди қонеъ гардонидани талаботҳо ва интизориҳои кормандон аз кори

интихобкардаи онҳо мебошад, ки дар натиҷаи амалисозии ҳадафҳои худ, мувофиқи мақсад ва вазифаҳои корхона ва дар айни замон маҷмуи тадбирҳое мебошад, ки субъекти идоракуниро барои баланд бардоштани самаранокии меҳнати кормандон татбиқ менамояд» [11,с.7]. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки ҳавасмандгардонӣ воситае мебошад, ки идоракунии рафтори меҳнатии корманд бо роҳи ба таври мақсаднок таъсир расонидан ба рафтори коллектив, бо истифода аз ангезаҳое, ки дар натиҷаи фаъолияти меҳнатии ӯ бавуҷудомадаро дар бар мегирад.

Таҳлили ҳавасмандкунии фаъолияти меҳнатӣ маҷмуи тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки ҷамъи талаботҳои инсонро омӯхта, роҳҳои қонеъгардонӣ ва паҳлуҳои аз ҳаракат бозмондаи онҳоро пешниҳод менамояд. Инчунин, нисбати амалҳои кормандон, ки аз натиҷаи фаъолияти онҳо муайян мешавад, ба системаи мукофотҳо ва ё ба системаи ҷазо равона карда мешавад.

Н.М. Глухенькая ҳавасмандии фаъолияти кормандонро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки ҳавасмандкунӣ ё ин, ки «қувваи ҳавасмандкунанда», хоҳиши шахс ба коре мебошад [6,с.22]. Яъне, дар баробари ҳавасмандгардонии корманд, хоҳиши корманд, низ бояд ба инобат гирифта шавад.

Б.М. Генкин баъди омӯзишҳо ва таҳлилҳои зиёд ба хулосае меояд, ки мотиватсия ва ҳавасмандгардонӣ ҳамчун роҳҳои идоракунии кадрҳои корхона истифода карда шуда, як мақсад доранд, вале ба самт бошад, мухолифанд ва дар айни замон ҳамдигарро пурра мекунанд» [5,с.107].

**5. Консепсияи ҳавасмандгардонии фаъолияти идоракунӣ.** Хислатҳои нави ин мазмун бо тағйироте, ки ҳамчун равияи фаъолият на фақат ба меҳнат, балки ба одамон низ нигаронида шудааст, сарчашмаи фаъолгардонии ӯ барои таъмини талаботаш мебошад.

Ҳамин тариқ, ҳавасмандкунӣ ҳамчун таъсири беруна ба одамон барои таъмини ҳосилнокии баланди меҳнати фардӣ, бо дарназардошти талаботи вай асоси моҳияти мотиватсия мебошад.

Барои он, ки шакли қабулшудаи талаботи одамон мотив аст, масъалаи алоқамандии мотиватсия ва мотив ба миён меояд.

Мотиватсия ва мотив мафҳумҳои гуногун мебошанд, ҳарчанд ки дар адабиёти идоракунӣ аксар маврид онҳоро якҷоя мекунанд. Вақте, ки сабаби рафтори одамон ба муносибатҳои ташкилот, сохтори идоракунӣ, ё роҳбарӣ вобаста аст, зарур мешуморанд, ки мотиватсияро ба кор баранд. Зеро, ин калима мафҳуми васеи муносибатҳои одамон ва муҳити истеҳсолию меҳнатии онҳоро дарбар мегирад. Мотиватсия барқарор намудани алоқаи байни ҳавасмандӣ ва мотиве, ки барои таъмини талабот равона шудааст, ифода мекунад. Системаи ҳавасмандкуние, ки ба макотиби неоклассикӣ хос мебошад, нишонгирӣ на ба ҳамаи мотивҳо, балки фақат ба системаи поёнии пайдарпаии мотивҳо, ки Маслоу низ онро дастгирӣ ва пешниҳод менамояд, вобаста мебошад.

Чуноне Ғаниев Т.Б. мефармоянд, «мотиватсия – ҳамчун қисми таркибии идоракунӣ - ба ҳайси ҳавасмандӣ ба талаботи рӯзмарра ва касбии коргари мушаххасе, ки дар системаи идоракунӣ иштирок мекунад, равона карда шудааст» [4,с.187].

Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки омилҳо ва вазифаҳои асосии мотиватсияи фаъолияти меҳнатӣ ,омилҳои иқтисодӣ ва психологиро дар бар мегиранд, ки ба талаботи фаъолияти меҳнатии кормандони ташкилот таъсир мерасонанд.

А.П. Егоршин дар китоби худ, оиди мотиватсия ва ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ чунин мефармояд: «Омили муҳим ин тағйирпазирӣ, раванди ҳавасмандкунии фаъолияти меҳнатӣ мебошад. Ҳавасмандие, ки нисбати кормандон андешида мешавад, то чи андоза ҳисиёти онҳоро бедор менамояд. Аммо эҳтиёҷотҳои кормандон доимо якранг нестанд ва бо ҳамдигар дар таъсири мутақобилаи мураккаби динамикӣ қарор дошта, аксаран ба ҳамдигар мухолифанд ва ё баръакс, таъсири эҳтиёҷоти инфиродиро пурзӯр мекунанд. Ҷузъҳои ин таъсири мутақобила метавонанд бо мурури замон тағйир ёфта, самт ва хусусияти амали мотивҳоро тағйир диҳанд. Аз ин рӯ, ҳатто бо омӯзиши амиқи сохтори мотиватсияи инсон, системаи амали ӯ, тағйироти комилан

ғайричашмдошт дар рафтори инсон ва вокунишҳои ғайричашмдошти корманд ба таъсироти мотиватсия имконпазир аст» [7,с.207].

«Ҳавасмандгардонӣ ҳамчунин як усули «идоракунии рафтори меҳнатии корманд» тавассути таъсирасониҳои мақсаднок ба рафтори коллектив, бо истифода аз ангезаҳое, ки фаъолияти уро пеш мебаранд, дониста мешавад» [9,с.491]. «Ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ асоси моддии ҳавасмандгардонии кадрҳо дониста шуда, маҷмуи тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки қаноатмандии кормандро нишон медиҳад ва ҳамчунин, субъекти идоракунӣ барои баланд бардоштани самаранокии меҳнати коргарон истифода бурда мешавад» [12,с.21].

Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки мотиватсия ҳамчун шакли васеътари ҳавасмандкунӣ дониста шуда, яке аз санадҳои умумии идоракунӣ дар фаъолияти меҳнатӣ мебошад.

Дар тадқиқотҳои илмӣ ва адабиётҳои илмии идоракунӣ як қатор маълумот оид ба мафҳуми «мотиватсия» вуҷуд дорад, вале аниқ нишон дода нашудааст, ки барои чи аз мафҳуми «ҳавасмандкунӣ» ҷудо гаштааст. Ба андешаи мо, ҷудошавии ин ду мафҳум дар ҳолате ба миён меояд, ки аллакай мафҳуми «меҳнат» пурра тағйир ёфта, хислати фардӣ гирифтааст.

Бинобар ин, ҳавасмандкунӣ ҳамчун қисми таркибии идоракунӣ мақсад ва вазифаи худро нигоҳ доштааст. Аммо, вақте ки мафҳуми «мотиватсия» пайдо мегардад, аллакай ин мақсад ва вазифа дар алоқамандии ҳавасмандӣ – мотиватсия – мотив дида баромада мешавад.

Ҳавасмандкунӣ ҳамчун вазифаи идоракунӣ аз дастгоҳи илми идоракунӣ ҷудо намешавад, балки мазмуни назариявии ҷамъбастиро ба худ гирифта, бевосита ба назарияи идоракунӣ таалluқ дорад.

Ҳавасмандкунӣ мотиватсияро ҳамчун ҳақиқати объективие дида мебарояд, ки ба воситаи он дар шароити имрӯза, таъсиррасонӣ ба коргарон бо назардошти хислати ҳар яки онҳо ташкил карда мешавад. Аз ин нуқтаи назар, мазмуни «мотиватсия» ҳамчун фаъолияти идоракуние мебошад, ки барои фаъолгардонии коргарон равона карда шудааст.

Ҳамин тариқ, ҳавасмандкунӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт хеле мураккаб гашта, аз 3-қисмати мустақили бо ҳам пайваста: «ҳавасмандӣ→мотиватсия←мотив» иборат мебошад. Муносибат, ё алоқамандии ин 3-қисмат бо тарзи зайл сурат мегирад, ки мо онро дар шакли расм чунин тасвир наудем (нигаред ба расми 3).

**Расми 3. Нақшаи ташаккули вазифаи мотиватсия**
**Fig. 3. The scheme of formation of the task of motivation**




Таҳлили нақшаи вазифаи мотиватсия нишон медиҳад, ки ҳар се қисмати он дар зери таъсири омилҳои дохила ва беруна қарор доранд. Ҳавасмандие, ки ба муҳити беруна вобастагӣ дорад, дараҷаи зиндагии мардуми минтақа, ё давлатест, ки ташкилот дар он фаъолият дорад.

Муҳити дохила бошад, ҳолати иқтисодӣ, технологӣ ва квалификатсияи идоракунӣ мебошад.

Он шакли ҳавасмандие, ки бо мотив моҳияти рӯзмарраи якхела дорад, дар якҷоягӣ мотиватсияро ташкил менамояд.

Доираи ҳавасмандӣ ва мотив нисбат ба мотиватсия васеътар мебошанд. Ҳавасмандӣ на ҳама вақт ба мотив самаранок таъсир расонида метавонад. Ин ҳолат дар мавридҳои зайл дида мешавад:

- ✓ мазмун ва таркиби ҳавасмандӣ ба мотиви талаботи ҳайат мувофиқат намекунад;
- ✓ ҳаҷми ҳавасмандӣ на он қадар калон аст, ки ба системаи пайдошудаи мотиви одамон мувофиқат намояд;
- ✓ ҳавасмандии ногаҳонӣ, яъне вақти ҳавасмандӣ, ё худ тартиби ҳавасмандӣ ба давраи рӯзмаррагии талабот мувофиқат намекунад.

Дар ин се ҳолат ҳавасмандкунӣ барои коргар бетаъсир мемонад, чунки онҳо қобилияти баланд бардоштани самаранокии меҳнатиро надоранд.

Дар ин ҳолат ҳудуди поёнии ҳавасмандӣ муайян карда мешавад, ки аз ӯ поён фаромадани ҳавасмандӣ аллакай дигар тарафи таъсири мусбии худро намеёбад.

Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки мазмуни ҳавасмандӣ - ҷамъи воситаҳо, арзишҳо ва муносибатҳое мебошад, ки ташкилот ва роҳбарон барои баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳосилнокии меҳнати коргарон онро чораандеши менамоянд. Ба мазмуни ҳавасмандӣ музди меҳнат, мукофотҳо, имтиёзҳо, ҳар гуна раҳматномаҳо, нишонаҳои фахрӣ, вазифа додан ва дигар таъсирҳои маънавию рӯҳӣ дохил мешавад.

Хусусияти хосси ташкилии ҳавасмандӣ, ҳудуди ҳавасмандкунӣ, вақти ҳавасмандӣ, тарзи ҳавасмандкунӣ, ки ба самаранокии он таъсири худро мерасонад, ба шумор меравaнд.

Самаранокии унсури вақти ҳавасмандӣ бо омилҳои зайл алоқаманд мебошанд:

1. Омили давомнокии таъмини талабот ба ҳавасмандӣ. Ҳангоме, ки таъминоти доимӣ, ё муҳлати дарози таъминоти талабот дида мешавад, вақти ҳавасмандкунӣ он қадар мавқеи муҳим надошта, андозаи он мақоми хосса дорад.
2. Дар шароити барқарор, ё такрори таъминоти талабот, ҳавасмандӣ ба ҳар як давраи худаш бояд мутобиқ бошад. Ҳавасмандӣ бояд бо назардошти кори иҷрошуда ва моҳияти талаботи он равона шуда бошад.
3. Талаботе, ки вобаста ба тағйирёбии мавқеи одамон, мисли синну сол, вазифа, тарзи зиндагӣ ба вуҷуд меояд, бояд бо ҳавасмандӣ мутобиқ бошад.

Ҳодисаҳои зарурии ҳаётӣ, ба монанди оиладор шудан, таваллуди фарзанд, тағйири ҷои зист, вазифаи баланд гирифтан, талаботи одамонро ба мотиватсияи нав ва захираҳои зарурӣ зиёд мекунад. Барои идоракунӣ муайян кардани дараҷаи ҳавасмандӣ, ки талаботро қонеъ менамояд, шарти зарурӣ мебошад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ - Ғаниев Т.Б.**

### АДАБИЁТ


1. Базарова Т.Ю. Управление персоналом: Учебник для вузов / Т.Ю. Базарова, Б.Л. Ерёмина. -М.: Юнити-Дана, 2012. -563 с.
2. Балдин К.В. Информационные системы в экономике: Учеб. пособие / К.В. Балдин. -М.: ИНФРА-М, 2017. -218 с.
3. Барфиев, К.Х. Управленческий учет оплаты труда в сельском хозяйстве / К.Х. Барфиев, С.О. Мирзохонов // Конкурентоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии. - 2016. -№2(14). -С.9-12. -EDN WFZZMF.
4. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Асосҳои методологӣ / Т.Б. Ғаниев. -Душанбе: Ирфон, 2016. -475 с.
5. Генкин Б.М. Экономика и социология труда: учеб. для студентов вузов / Б.М. Генкин. – 8-е изд., испр. и доп. –М.: Норма, 2009. -462 с.
6. Глухенькая, Н.М. Исследование систем управления: учеб.-метод. пособие / Н.М. Глухенькая. -Екатеринбург, УрФУ, 2012. -83 с.
7. Егоршин, А.П. Мотивация и стимулирование трудовой деятельности: учеб. пособие / А.П. Егоршин. -М: ИНФРА-М, 2013. -376 с.

8. Искандаров Х.Х. Совершенствование мотивационного механизма кадрового обеспечения аграрного сектора экономики (на примере Республики Таджикистан): дисс. ... канд. экон. наук: 08.00.05 /Х.Х. Искандаров. - Душанбе: Таджикский государственный университет коммерции, 2017. -183 с.
9. Кибанова А.Я. Мотивация и стимулирование трудовой деятельности: учебник / А.Я. Кибанова. –М.: ИНФРА-М, 2019. -524 с.
10. Управление персоналом организации: учебник / под ред. А.Я. Кибанова. – 3-е изд., доп. и перераб. –М.: ИНФРА-М, 2010. -638 с.
11. Шапиро, С.А. Основы трудовой мотивации: учеб. пособие / С.А. Шапиро. – 3-е изд. перераб. и доп. –М.: КНОРУС, 2016. -268 с.
12. Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона. – Текст: электорнный // Словари онлайн: интернет-портал. [Электронный ресурс]. URL: https://rus-brokgauz-efron.slovaronline.com/ (дата обращения: 11.10.2020).

## МЕХАНИЗМҲОИ БУНЁДИИ СИСТЕМАИ ИДОРАКУНИИ ИҚТИДОРИ МЕҲНАТИИ КОРМАНДОН ДАР АСОСИ ВОСИТАҲОИ ҲАВАСМАНДСОЗӢ

Дар мақола таърифи «мотиватсия» ва «ҳавасмандгардонӣ»; механизмҳои асосии системаи идоракунии кадрҳо дар асоси воситаҳои ҳавасмандкунӣ баррасӣ карда шуда, марҳилаҳои асосии татбиқи системаи мотиватсия ва ҳавасмандкунӣ муайян карда шудаанд; намудҳои асосии ҳавасмандгардонӣ дида баромада шудаанд; инчунин, мушкилоти асосие, ки ба раванди ҳавасмандкунӣ халал мерасонанд ва талаботҳое, ки корхонаҳо ҳангоми ташкили системаи самараноки ҳавасмандкунӣ бояд риоя кунанд, роҳҳои ҳалли мушкилот нишон дода, усулҳое пешниҳод карда шудаанд, ки асоси инкишофи системаҳои мотиватсиониро дар корхона ташкил медиҳанд. Ба ақидаи муалиф мотиватсияи фаъолияти меҳнатии корманди ташкилотро бояд ҳамчун маҷмуи системаҳои якҷояҳаракаткунандаи омилҳои дохилӣ ва берунӣ ба кормандон барои ноил шудан ба мақсадҳои корхона баррасӣ кард. Сарфи назар аз манфиатдор будани корхона ба ҳавасмандии баланди коллектив, ин ҳанӯз чараёни хавасмандкунии коркунон ба мақсадҳои шахсии худ, қонеъ гардондани талаботи худ бо меҳнат мебошад. Ҳамин тавр, мотиватсияи кадрҳо таъсири дутарафа дорад ва ба баланд шудани дараҷаи некуаҳволии ҷамъиятӣ бевосита вобаста аст. Аҳамиятнокӣ ва муосир будани ин мавзуъ аз он иборат аст, ки системаи фаъолияти мотиватсияи кормандон бо арзишҳои насле, ки ба онҳо тааллуқ доранд ва бевосита ба самаранокии кормандони корхонаҳо таъсир мерасонад. Ташаккули системаи чандири ҳавасмандгардонии "сармояи инсонӣ" бояд на танҳо барои корхонаҳои мушаххас, балки барои фаъолияти муътадили соҳаҳои миллӣ, суботи иқтисодии кишвар дар маҷмуъ ҳамчун манбаи стратегӣ баррасӣ шавад.

**Калидвожаҳо:** потенсиали меҳнатии кормандон, потенсиал, ҳавасмандкунӣ, идоракунӣ, системаҳои ҳавасмандкунӣ ва ҳавасмандкунӣ.

## ОСНОВНЫЕ МЕХАНИЗМЫ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ ПЕРСОНАЛОМ НА ОСНОВЕ ИНСТРУМЕНТОВ МОТИВАЦИИ

В статье представлено определение «мотивации» и «стимулирования»; рассмотрены основные механизмы системы управления персоналом на основе инструментов мотивации, определены основные этапы внедрения системы мотивации и стимулирования; рассмотрены основные виды мотивации; указаны основные проблемы, тормозящие процесс мотивации и требования, которые должны соблюдать предприятия при создании эффективной системы мотивации, а также предложены пути решения проблем; представлены методы, которые легли в основу разработки систем мотиавции. По мнению автора, мотивацию трудовой деятельности персонала организации необходимо рассматривать как систему комплексного воздействия внешних и внутренних факторов на сотрудников для достижения целей предприятия. Несмотря на очевидную заинтересованность предприятия в высокой мотивации персонала, это еще процесс побуждения работников к достижению личных целей, для удовлетворения собственных потребностей, с помощью трудовой деятельности. Таким образом, мотивация персонала имеет двусторонний эффект и напрямую связана с повышением уровня социального благополучия. Актуальность и современность данной темы обусловлена тем, что система мотивационной деятельности персонала связана с ценностями поколения, к которому они принадлежат, что непосредственно влияет на эффективность работников предприятий. Развитие гибкой системы мотивации «человеческого капитала» необходимо рассматривать как стратегический ресурс не только для конкретных предприятий, но и для стабильной работы национальных отраслей, экономической стабильности страны в целом.

**Ключевые слова:** трудовой потенциал работников, потенциал, мотивации, стимулирование, управление, системы мотивации и стимулирования.

## MAIN MECHANISMS OF THE HR MANAGEMENT SYSTEM BASED ON MOTIVATION TOOLS

The article presents the definition of "motivation" and "stimulation"; the main mechanisms of the personnel management system based on motivation tools are considered, the main stages of the implementation of the motivation and incentive system are identified; the main types of motivation are considered; the main problems hindering the motivation process and the requirements that enterprises must comply with when creating an effective motivation system are indicated, as well as ways to solve problems; presented by the methods that formed the basis for the development of motivation systems. According to the author, the motivation of the labor activity of the organization's personnel should be considered as a system of complex influence of external and internal factors on employees in order

to achieve the goals of the enterprise. Despite the obvious interest of the enterprise in the high motivation of staff, this is still a process of encouraging employees to achieve personal goals, to satisfy their own needs, through work. Thus, staff motivation has a two-way effect and is directly related to an increase in the level of social well-being. The relevance and modernity of this topic is due to the fact that the system of motivational activities of personnel is associated with the values of the generation to which they belong, which directly affects the efficiency of employees of enterprises. The development of a flexible system of motivation of "human capital" must be considered as a strategic resource not only for specific enterprises, but also for the stable operation of national industries, the economic stability of the country as a whole.

**Keywords:** labor potential of employees, potential, motivation, stimulation, management, systems of motivation and incentives.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 555-55-44-06**. E-mail: **muhammad_0703@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Эсанов Мухаммадшариф Давлатович*** **-** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 555-55-44-06.** E-mail: **muhammad_0703@mail.ru**

**Information about the author:** ***Esanov Muhammadsharif Davlatovich*** - Tajik National University, applicant for the Department of Human Resource Management. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 555-55-44-06.** E-mail: **muhammad_0703@mail.ru**

ТДУ: 331.5(575.3)

# САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТАЙЁР КАРДАНИ КАДРҲОИ БА ТАЛАБОТИ МУОСИРИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҶАВОБГӮ

***Раҷабов Н.П.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосири ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ қариб дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон афзоиши бемайлони сатҳи рақобати байни истеҳсолкунандагон ба назар мерасад. Дар ҷаҳони муосир, бо дарназардошти ҷаҳонишавии иқтисодиёт, байни истеҳсолкунандагон сатҳи баланди рақобатнокӣ ба назар мерасад. Барои ноил шудан ба сатҳи рақобатпазирии самти стратегӣ, омода намудани кадрҳои баландихтисос мебошад. Яъне, кадрҳое, ки ба талаботи рушди иқтисодӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошанд. Кадрҳои баландихтисос ба баланд шудани дараҷаи ҳосилнокии меҳнат, ва аз ин рӯ, самараи иқтисодии фаъолияти меҳнатии корхонаҳо бевосита ёрӣ мерасонанд. Ҳамин тариқ, тайёр кардани кадрҳое, ки ба талаботи муосири баланди технологии бозори байналмилалии меҳнат мувофиқат мекунанд, барои иқтисодиёти корхонаҳо ва умуман иқтисодиёти кишвар фоидаи бештари молиявӣ меорад. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон қайд кард, ки мавзуи тадқиқоти интихобкардаи ман дар шароити ҳозираи ҷумҳурӣ актуалӣ ва хеле саривақтист.

Ба кор таъмин намудани аҳолӣ, пеш аз ҳама, бояд аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок ва оқилона бошад. Бунёди ҷойҳои нави корӣ ва таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои кории пурмаҳсул, пеш аз хама, бояд ҳосилнокии баланди меҳнат ва самаранокии меҳнатро дар бар гирад. “Шуғли оқилона, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати иҷтимоӣ самарабахш буда, масалан, ба сохтмони корхонаҳо ва иттиҳодияҳои нав бо мақсади таъсиси ҷойҳои нави корӣ, бо кор таъмин намудани аҳолии минтақаи қувваи коргари зиёда аз он нигаронида шудааст ё ба мақсадҳои иҷтимоию иқтисодӣ, тараққиёти минтақаи муайян нигаронида шудааст” [1,с.155-163]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот аз рӯи касбу ихтисосҳои гуногун кадрҳо тайёр карда мешаванд. Тарбияи кадрҳоро дар зинаи маълумоти ибтидоии касбӣ таҳлил мекунем.

**Ҷадвали 1. Тайёр намудан ва хатм кардани коргарон аз рӯи баъзе касбҳо ва муассисаҳои таълими ибтидоии касб (шахсон) [2,с.10]**
**Table 1. Training and graduation of workers by certain professions and institutions of primary vocational education (individuals)**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳамагӣ донишкадаҳоро хатм кардаанд | 8895 | 9581 | 14343 | 13110 | 13015 | 11610 |
| 2 | Аз ҷумла: Механизаторон-саркорҳо | 83 | 62 | 134 | 121 | 121 | 121 |
| 3 | Операторони дастгоҳҳои металӣ | 118 | 296 | 190 | 175 | 175 | 175 |
| 4 | Коргарони чуб | 304 | 411 | 490 | 444 | 436 | 436 |
| 5 | Челонгарон ва электрикҳо | 997 | 998 | 1518 | 1360 | 1388 | 1288 |
| 6 | Электрикҳо ва электрикмеханикҳо | 658 | 673 | 1060 | 872 | 872 | 872 |
| 7 | Кафшергари барқӣ, кафшергари газӣ | 1441 | 1435 | 2267 | 2103 | 2151 | 2151 |
| 8 | Сангчин | 103 | 17 | 166 | 99 | 152 | 152 |
| 9 | Андовачиён-рангмолҳо | 49 | 52 | 79 | 72 | 72 | 72 |
| 10 | Тракторчиён | 855 | 823 | 1268 | 1160 | 1160 | 760 |
| 11 | Дузандагон ва дузандагӣ | 541 | 542 | 833 | 774 | 719 | 719 |
| 12 | Бофандагон | 31 | 32 | 50 | 46 | 37 | 37 |
| 13 | Ронандагони мошинҳо | 799 | 785 | 1285 | 1175 | 1175 | 1104 |

Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвали 1 мебинем, ки дар давраи аз соли 2014 то соли 2016 афзоиши бемайлони шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии

касбӣ ба назар мерасад. Аз соли 2017 то соли 2019 сол то сол коҳиши шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ мушоҳида мешавад. Ин вазъият бо паст шудани сатҳи ҷолибияти таҳсил дар муассисаҳои ибтидоии касбии ҷумҳурӣ аз ҷониби довталабон шарҳ дода мешавад. Ва ин дар ҳолест, ки дар бозори меҳнат норасоии кадрҳои ин сатҳ вуҷуд дорад. Ҷавонони муосир бештар ба таҳсил дар мактабҳои олӣ ва гирифтани маълумоти олии касбӣ ҷалб карда шудаанд. Ҳол он, ки на ҳамаи хатмкунандагони мактабҳои олии ҷумҳурӣ баъди хатми омӯзишгоҳ ва соҳиби диплом аз рӯи ихтисоси худ кор пайдо мекунанд.

Аксари ҷавононе, ки мактабҳои олиро хатм кардаанд, кӯшиш мекунанд, ки дар бахши иқтисод бо маоши баландтар кор пайдо кунанд, гарчанде аз рӯи ихтисоси худ набошанд ё як қисми муайян дар соҳаи хизматрасонӣ, масалан, ронадагони таксӣ, микроавтобусҳо, пешхизмат, ошпазҳо кор мекунанд. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки ба далели мавҷуд набудани теъдоди кофии бо музд дар бозори меҳнати Тоҷикистон, қисми зиёди ҷавонон, аз ҷумла онҳое, ки дипломи таҳсилоти олӣ доранд, барои кор ба хориҷа, умдатан ба Русия, Қазоқистон, мамлакатҳои халиҷи Форс ё Европаи ғарбӣ мераванд.

**Ҷадвали 2. Хатмкунии мутахассисон аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ аз рӯи гурӯҳҳои соҳавӣ (шахсони) [2,с.117]**

**Table 2. Graduation of specialists by institutions of higher and secondary professional education by industry groups (individuals)**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дода мешавад | 30202 | 29504 | 33153 | 38465 | 44606 | 43166 |
| 2 | Аз ҷумла дар соҳаҳои зерин. | | | | | | |
| 3 | Саноат | 4363 | 4994 | 5622 | 5782 | 5569 | 4912 |
| 4 | Хоҷагии қишлоқ | 1845 | 1832 | 2018 | 2200 | 1997 | 1522 |
| 5 | Иқтисод | 8871 | 8849 | 9589 | 10986 | 12672 | 14314 |
| 6 | Нигоҳдории тандурустӣ ва тарбияи ҷисмонӣ | 1961 | 2500 | 3048 | 2729 | 3910 | 3117 |
| 7 | Маориф | 12278 | 10396 | 12045 | 15563 | 18864 | 17665 |
| 8 | Маданият ва санъат | 356 | 399 | 401 | 584 | 853 | 793 |
| 9 | Дигар | | | | | | |
| 10 | Муассисаҳои маълумоти миёнаи касбӣ медиҳанд | 12379 | 11753 | 14004 | 17835 | 20775 | 20848 |
| 11 | Аз ҷумла дар соҳаҳои зерин: | | | | | | |
| 12 | Саноат ва сохтмон | 1471 | 1289 | 1152 | 2039 | 2458 | 2637 |
| 13 | Хоҷагии қишлоқ | 153 | 166 | 253 | 160 | 380 | 177 |
| 14 | Иқтисод | 234 | 172 | 282 | 789 | 937 | 833 |
| 15 | Нигоҳдории тандурустӣ ва тарбияи ҷисмонӣ | 7142 | 6914 | 8882 | 10309 | 11322 | 10689 |
| 16 | Маориф | 2988 | 2717 | 2926 | 4171 | 5048 | 5737 |
| 17 | Маданият ва санъат | 391 | 495 | 509 | 367 | 630 | 673 |
| 18 | Дигар | - | - | - | - | - | 113 |

Дар асоси таҳлили ҷадвали дар боло овардашуда метавон қайд намуд, ки дар давраи аз соли 2014 то соли 2019 дар ҷумҳурӣ афзоиши шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба мушоҳида мерасад. Дар ин ҷо қайд кардан лозим аст, ки аксарияти ҷавонон ҳануз аз руи ихтисосҳои иқтисодию ҳуқуқшиносӣ маълумоти олӣ гирифтан майлу хоҳиш доранд. Ба гуфтаи коршиносон, бозори меҳнати ҷумҳурӣ шоҳиди ҷустуҷӯи афроди соҳиби дипломи ихтисосҳои иқтисод ё дипломи ҳуқуқшиносӣ мебошад. Табиист, ки барои аксарияти ин тоифаи хатмкунандагон аз сабаби набудани ҷои кор аз рӯи ин ихтисосҳо аз рӯи ихтисосашон кор пайдо кардан мумкин нест. Дар натиҷа, ин тоифаи хатмкунандагон маҷбур мешаванд, ки ба дигар соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар раванд. Паҳлуи дигари ин мушкил, ин аст, ки дар Тоҷикистон тамоюли интихоби касби иқтисодчӣ ё ҳуқуқшиносӣ мушоҳида мешавад, яъне имрӯз интихоби

касб кафолати шуғли минбаъдаи хатмкунандагонро аз рӯи ихтисоси интихобкардаашон намедиҳад.

Мушкилоти навбатии ин соҳа, сатҳи тайёр кардани мутахассисон мебошад, ки ба талаботи бозори меҳнати ҷумҳурӣ ва бешубҳа, ба талаботи бозори байналмилалии меҳнат то андозае ҷавобгӯ нест. Дар ин ҷо кам будани дараҷаи тайёрии мутахассисонро қайд кардан мехоҳам, ки дониши касбии онҳо ба талаботи ҳозира ҷавоб дода наметавонад. Дар натиҷа, тақрибан нисфи хатмкунандагони ҳам донишкадаҳои олӣ ва ҳам мактаби миёнаи касбӣ маълумоти кофии касбии барои касбу ихтисосҳои муайян заруриро надоранд.

Солҳои охир таълими фосилавӣ инкишоф меёбад. Шакли фосилавии таълим, аз нигоҳи стратегӣ, системаи таълимии асри XXI мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод, ба таҳсилоти фосилавӣ саҳми бузург гузошта шудааст. Оид ба таҳсилоти фосилавии касбӣ профессор Ғаниев Т.Б. қайд мекунад, ки "Таҳсилоти электронии муттасили касбии вобаста ба талаботи имрӯзаи вазъи ҷаҳонӣ, дар ҷаҳони меҳнат, баланд шудани нуфузи донишҳои касбӣ, тағйирёбии арзишҳои иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин, рушди муносибатҳои истеҳсолӣ дар ҷамъият" [3,с.10].

Воқеан, махсусан дар даҳсолаи охир бо рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақш ва аҳамияти таҳсилоти фосилавии электронии касбӣ афзуда истодааст. Дар шароити кунунии рушди технологияи нав, рушди таълими фосилавӣ дар тарбияи кадрҳо аҳамияти калон дорад. Моҳияти таълими ғоибона аз он иборат аст, ки натиҷаҳои прогресси сотсиалӣ, ки пештар дар соҳаи техника мутамарказ шуда буданд, ҳоло дар соҳаи программаҳои инноватсионии компютерӣ мутамарказ шудаанд.

Ғаниев Т. қайд мекунад: "Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод бо мақсади таъмини рушди донишҷӯён дар ҳама сатҳҳо онҳоро ба низоми нави таҳсилоти ҷаҳонӣ ҷорӣ намудан, инчунин, ташкили бизнес-инкубаторҳо ва ба даст овардани маҳсулоти инноватсионӣ [4,с.361]. Рушди технологияҳои телекоммуникатсионӣ ба мубодилаи босуръати иттилоот ва дониш мусоидат кард. Бо назардошти он, ки дониши касбӣ хеле зуд пир мешавад, онро пайваста такмил додан лозим аст. Шакли фосилавии таълим имрӯз имкон медиҳад, ки системаҳои худомӯзии доимии оммавӣ, мубодилаи умумии иттилоот, сарфи назар аз минтақаҳои вақт ва фазо таъсис дода шаванд. Инчунин, таҳсилоти фосилавӣ ба ҳама одамон, новобаста аз вазъи иҷтимоӣ, имкониятҳои баробар медиҳад.

Пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид ба тайёр кардани кадрҳои рақобатпазир дар бозори меҳнат.

1. Системаи таълими касбӣ-техникии хатмкунандагони мактабҳои умумӣ ташкил ва мустаҳкам карда шавад, то ки онҳо дар бораи касбу кори гуногун, дар бораи бартарӣ ва камбудиҳои касбҳо, инчунин, дар бораи талабот ва таклиф ба баъзе касбҳои меҳнатӣ тасаввурот дошта бошанд. Бозори ҷумҳурӣ системаи роҳнамоии касб ба ҷавонон, барои дуруст интихоб кардани касби оянда ёрӣ мерасонад.

2. Барқарор намудани алоқаи муассисаҳои таълимии ҳамаи нақшаҳо (звенаҳо) бо ташкилоту корхонаҳои ҷумҳурӣ аҳамияти калон дорад. Дар ин чо мо дар назар дорем, ки намояндагони ташкилоту корхонаҳоро ба тартиб додани барномаҳои таълимӣ, барномаҳои кори оид ба касбу ихтисосҳои гуногуне, ки ба ин ташкилоту корхонаҳо дахл доранд, ҷалб намоем. Яъне талаботи корфармоёнро ба кормандониояндаи худ ба назар гирифтан муҳим аст. Донистани он, ки мутахассисони ҷавон чи гуна донишҳои касбӣ дошта бошанд, мутахассисони ҷавон чи гуна маҳорату малакаҳои касбӣ дошта бошанд. Самти навбатӣ, ҷалби ташкилоту корхонаҳо барои гузаронидани таҷрибаҳои ибтидоӣ, истеҳсоли пеш аз дипломӣ барои донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ мебошад. Минбаъд ба имтиҳонҳои хатми хатмкунандагони мактабҳои олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ ҷалб намудани намояндагони ташкилоту корхонаҳо аҳамияти калон дорад.

3. Самти навбатӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассуси касбии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ мебошад. Зеро сатҳи омодагии касбии хатмкунандагон, пеш аз ҳама, ба сатҳи касбии омӯзгорон вобаста аст.

4. Таҷҳизоти моддию техникии кабинетҳо (синфхонаҳо) ва лабораторияҳо барои тайёр кардани мутахассисони аълосифат низ аҳмияти калон дорад. Махсусан барои ихтисосҳои техникӣ, сохтмонӣ, муҳандисӣ, тиббӣ, энергетикӣ, ки мутахассисони ба талаботи муосир ҷавобгӯи рушди технология ва технологи омода карда мешаванд. Ин синфҳо ва лабораторияҳо бояд бо технологияи ҳозиразамон, асбобу анҷом ва ҳамаи чизҳои зарурӣ барои машғулиятҳои амалӣ ҷиҳозонида шаванд. Таҷҳизот бояд ба он таҷҳизоте, ки дар корхонаҳо истифода мешаванд, мувофиқат кунад.

5. Дигар самти стратегии омода кардани кадрҳои рақобатпазир дар Тоҷикистон, ин рӯ овардан ба самти рушди шуғли фосилавӣ (дистансионӣ) мебошад. Ба ҳамагон маълум аст, ки дунёи имрӯза, дар роҳи глобализатсия ё ҷаҳонишавӣ мебошад, ки кор бо технологияҳои иттилоотӣ талаботи бештарро сол аз сол соҳиб шуда истодааст. Намудҳо ва навъҳои шуғли фосилавӣ: мутахассисони IT, менеҷерони фурӯш, баҳисобгирӣ, молия, ҷалб, тарроҳӣ, меъморӣ, пул кор кардан дар шабакаҳои иҷтимоӣ, интишори мақолаҳои таблиғотӣ, хизматрасонии тарҷумаи фосилавӣ (англисӣ, олмонӣ ва ғайра), коркарди матни адабӣ, мундариҷа, менеҷер, копирайтер, тарроҳони квартира, тарроҳони меъмор, дизайнери веб, дизайнери корпоративӣ, аудиторияи бисёрмиллиони тиҷорат, машваратҳои тиббӣ, хизматрасонӣ, мағозаҳои онлайн, телефонияи IT, хадамоти фурӯши чиптаҳо, машваратҳои ҳуқуқӣ, менеҷерони фурӯш.

Афзалиятҳои шуғли фосилави: имкониятҳои шуғли ҷавонон ҳамчун категорияи осебпазир дар нақшаи касбии аҳолии кишвар, ҳалли мушкилоти нақлиёт. Онҳо роҳбандии нақлиётро дар шаҳрҳо, афзоиши мунтазами шумораи корбарони интернет, потенсиали иҷтимоӣ барои пешбурди бренди баъзе маҳсулот, паст будани “ҳадди воридшавӣ” ба бозори навро коҳиш медиҳанд. Яъне, ҳадди ақали бюрократӣ дар ташкили чорабиниҳо, имкони бо кор таъмин намудани маъюбон, соҳибхоназанон, занони нигоҳубини тифлон, бо кор таъмин намудани аҳолии деҳоти дурдаст, кори дурдаст хатари сироятёбӣ ба вирусҳоро то ҳадди имкон кам мекунад. Ин махсусан дар соли 2020, ҳангоми паҳншавии пандемияи COVID-19, коргароне, ки дар хона кор мекунанд, аксар вақт ба кор дар хона эҳтиёҷ доранд ё бартари медиҳанд, ки хароҷоти корфарморо коҳиш медиҳанд, зеро коргароне, ки дар хона кор мекунанд, аксар вақт компютерҳои шахсии худ, интернетро таъмин мекунанд, сетҳо, алоқа ва дигар таҷҳизот, корфармо, инчунин, хароҷоти биноҳои истиқоматӣ, қувваи барқ, мебели идора ва ғайраро сарфа мекунад.

Ҳавасмандӣ барои шуғли фосилавӣ: малакаҳои гуногун, хусусияти вазифа, аҳамияти вазифа, мустақилияти вазифа, фикру мулоҳиза аз корфармо. Ҳамаи инҳо ба баланд шудани дараҷаи ҳавасмандгардонӣ, қаноатмандии кор, ҳосилнокии баланди меҳнат, кам шудани прогул ва ҷойивазкунии кадрҳо мусоидат мекунад.

Хусусиятҳои хосси шуғли дурдаст.

1. Кори дурдаст муташаккилии баланд ва худ ҳавасмандиро талаб мекунад.
2. Кори дурдаст барои мутахассисони собит беҳтар аст.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ одатан шартномаи меҳнатӣ бо коргарони дурдаст бо имзои электронӣ баста мешавад ё дар шакли хаттӣ баста мешавад ва тавассути почтаи фармоишӣ фиристода мешавад.

Роҳҳои асосии инкишофи шуғли фосилавӣ. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аз 26.01.2021 аҳамияти рақамикунонӣ ва рушди шуғли фосилавӣ дар ҷумҳуриро қайд карда буд. Самти муҳимми рушди шуғли фосилавӣ ба ҷавонон, омӯзонидани тарзи истифодаи кори фосилавӣ мебошад. Масалан, кушодан, паҳн кардан ва рушди ХАБ (HUB)-ҳо ҷойест, ки дар он интернет барои он одамоне, ки имконият надоранд, таъмин карда мешаванд. Дар Тоҷикистон аллакай ду ХАБ (HUB) фаъолият мекунанд. ХАБ (HUB) аввал, дар пойтахт, дар шаҳри Душанбе ва ХАБ (HUB) дуюм, дар шаҳри Хоруғ фаъолият мекунанд. Боздид аз ХАБ (HUB) бешубҳа ба рушди шуғли фосилавӣ мусоидат мекунад ва ба ҷавонон имкон медиҳад, ки пул кор кунанд. ХАБ (HUB) пешниҳоди тренингҳо, интернети ройгон ва компютерҳо барои 3-4 моҳ мебошад. ХАБ (HUB)-ҳо барои рушди шуғли фосилавӣ хизматҳои зеринро пешниҳод мекунанд:

- Барои ҷавононе, ки маълумот ва ихтисос надоранд, тренингҳо гузаронида, ба онҳо малакаҳои шуғли фосилавӣ, асосан барои шуғли хурд, яъне имкони гирифтани 30-40 сомонӣ дар як рӯз омӯзонида мешаванд.

- Рушди малакаҳои компютерӣ бо мақсади рушди шуғли фосилавӣ.

- Омӯзонидани малакаҳо, асосҳои соҳибкорӣ ва ташкили тиҷорати шахсии худ.

Бояд тазаккур дод, ки ашрофи шуғли фосилавӣ ҷалби ҷавононе, ки таҳсилот, кор ва ғайра надоранд, ба шуғл, ҷавонон, ки қисми осебпазири қувваи корӣ дар бозори меҳнат мебошанд. ХАБ (HUB) -ҳамчун марказҳои фосилавии шуғл бояд аз ҷониби соҳибкорони хусусӣ, созмонҳои байналмилалӣ ташкил карда шаванд.

Дар асоси суханҳои дар боло овардашуда, қайд намудан лозим аст, ки дар ҷараёни омода намудани кадрҳои рақобатпазир, на танҳо барои бозори меҳнати Тоҷикистон, балки барои бозори меҳнати минтақа ва ҷаҳон, мо бояд бештар ба самти технологияҳои иттлоотӣ нараз намоем.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Васиев Ф.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Васиев Ф.М. Проблема ва перспективҳои инкишофи шуғли дурусти ҷавонони Тоҷикистон / Ф.М. Васиев // Ахбори ДМТ. - 2022. –С.155-163.
2. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. -С.126.
3. Ғаниев Т.Б. Идоракунӣ таълими доимии касбӣ-электронӣ. Ҷилди 11 / Т.Б. Ғаниев. -Душанбе: Ирфон, 2017. –400 с.
5. Васиев Ф.М. Проблемаҳо ва самтҳои баланд бардоштани сифати таълим дар шароити глобализатсия / Ф.М. Васиев // Маводҳои семинари ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: “Сифати таълим: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо”. Бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. -С.112-118.
6. Васиев Ф.М. Формирование организационно-экономического механизма занятости населения Таджикистана / Ф.М. Васиев; под общ. ред. д.э.н., профессора Комилова С.Дж. -Душанбе: РТСУ, 2019. -250 с.
7. Васиев Ф.М. Оценка процесса трансформации занятости на рынке труда Таджикистана / Ф.М. Васиев // Вестник университета Российско-Таджикский (славянский) университет. -Душанбе: РТСУ, 2019. -№2(66). -С.85-93.
8. Васиев Ф.М. Проблемы обеспечения занятости молодежи Таджикистана в условиях рынка / Ф.М. Васиев // Вестник университета Российско-Таджикский (славянский) университет. -Душанбе: РТСУ, 2019. -№3(67). -С.115-126.
9. Ермолаева С.Г. Рынок труда. Институт гуманитарных наук и искусств. Учебное пособие / С.Г. Ермолаева. – Екатеринбург, 2015г. -110 с.
10. Золин Е.И. Рынок труда и занятость населения в современной экономике: дисс… канд... эк… наук. 08.00.01 / Е.И. Золин. –М., 2001. -С.7.
11. Костьков Л.Д. Рынок труда. Институт экономики и финансов. Учебное пособие / Л.Д. Костьков. –М., 2013. -162 с.
12. Рофе А.И. Рынок труда. Управление персоналом / Рофе А.И. -М.: Кнорус, 2018. -260 с.


## САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТАЙЁР КАРДАНИ КАДРҲОИ БА ТАЛАБОТИ МУОСИРИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҶАВОБГӮ


Дар мақолаи мазкур аз тарафи муаллиф масъалаҳои омода намудани кадрҳои рақобатпазир, ки ба талаботи муосири бозори меҳнати миллӣ ва байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд, баррасӣ карда мешавад. Пеш аз ҳама, муаллиф аҳамияти мавзуи мавриди омӯзишро асоснок мекунад. Ҳамзамон, муаллиф кӯшиш намудааст, ки мушкилиҳои омода намудани кадрҳои рақобатпазирро дар Тоҷикистон бо назардошти талаботҳои муосири бозори меҳнат ва вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар баррасӣ намояд. Аз ҷониби муаллиф вазъияти муосири шумора ва ҳайати тайёр кардани кадрҳои қобили меҳнат дар ҷумҳурӣ таҳлил карда мешавад. Муаллиф муаммоҳои мавҷударо дар ҷараёни тайёр кардани кадрҳои рақобатнок номбар кардааст. Ба хусус, муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити муосири Тоҷикистон масъалаҳои асосӣ, ин набудани муаллимон ва устодон (ҳамчунин устоҳои таълими истеҳсолӣ дар литсейҳо ё муассисаҳои ибтидоии касбӣ) дар тамоми зинаҳои омода намудани кадрҳо, аз он ҷумла, дар муассисаҳои миёнаи касбӣ ва донишгоҳу донишкадаҳо. Дигар мушкили, ин ба талаботи рушди муосир техника ва технология мутобиқат накардани барномаҳои таълимӣ ва барномаҳои омӯзишӣ, асосан барои касбу ихтиссосҳои соҳаи саноат, кишоварзӣ ва хизматрасонии кишвар мебошанд. Хулоса дар асоси таҳқиқ муаллиф оид ба самтҳои тайёр намудани кадрҳои рақобатпазир барои бозори меҳнати Тоҷикистон, бо назардошти шароити мавҷудаи иҷтимоию иқтисодии рушди ҷумҳурӣ хулоса ва тавсияҳои асосиро пешниҳод кардааст.

**Калидвожаҳо:** кадрҳо, тахассус, кадрҳои рақобатпазир, кадрҳои ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ, шуғл, шуғли пурмаҳсул, бозори меҳнат, омодасозии кадрҳо, такмили ихтиссос, роҳнамоии касбӣ, таҳсилоти-ибтидоии касбӣ, таҷрибаомӯзӣ.

**ПРИОРИТЕТНЕЙ НАПРАВЛЕНИЯ ПОДГОТОВКИ КАДРОВ В СООТВЕТСТВИИ С СОВРЕМЕННЫМИ ТРЕБОВАНИЯМИ РИНКА ТРУДА РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН**

В данной статье автор рассматривает вопросы подготовки конкурентоспособных кадров, отвечающих современным требованиям национального и международного рынка труда. В первую очередь, автор обосновывает важность изучаемой темы. При этом автор попытался рассмотреть трудности подготовки конкурентоспособных кадров в Таджикистане с учетом современных требований рынка труда и социально-экономического положения страны. Автор анализирует современное состояние численности кадров, подготовки трудоспособных кадров в республике. Автор перечислил существующие проблемы в процессе подготовки конкурентоспособных кадров. В частности, автор отмечает, что в современных условиях Таджикистана основной проблемой является нехватка учителей и инструкторов (а также мастеров производственного обучения в лицеях или учреждениях начального профессионального образования) на всех ступенях подготовки кадров, в том числе в средних профессиональных учреждениях и университетах. Другой проблемой является неприспособленность образовательных программ и программ подготовки к современным требованиям технического и технологического развития в области промышленности, сельского хозяйства и обслуживания страны. На основе проведенного исследования авторами представлены основные выводы и рекомендации по направлениям подготовки конкурентоспособных кадров для рынка труда Таджикистана с учетом существующих социально-экономических условий развития республики.

**Ключевые слова:** кадры, квалификация, конкурентоспособные кадры, персонал, отвечающий требованиям рынка труда, трудоустройство, продуктивная занятость, рынок труда, подготовка кадров, повышение квалификации, профессиональная ориентация, начальное профессиональное образование, стажировка, конкурентоспособные кадры.

**THE PRIORITY DIRECTION OF STAFF TRAINING IN ACCORDANCE WITH THE MODERN REQUIREMENTS OF THE LABOR MARKET OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

In this article, the author discusses the issues of preparing competitive personnel that meet the modern requirements of the national and international labor market. First of all, the authors justify the importancebof the topic under study. At the same time, the author tried to consider the difficulties of preparing competitive personnel in Tajikistan, taking into account the modern requirements of the labor market and the socio-economic situation of the country. The author analyzes tne modern situation of the number and staff of training of able-bodied personnel in the republic. The author listed the existing problems in the process of training competitive personnel. In particular, the author notes that in modern conditions of Tajikistan, the main problem is the lack of teachers and instructors (as well as masters of production training in lyceums or primary vocational institutions) at all levels of personnel training, including in secondary vocational instiutions and universities. Another problem is the non-adjustment of educational programs and training programs to the modern requirements of technical and technological, mainlu for professions and specialties in the field of industry, agriculture and service of the country. Conclusion Based on the research, the authors presented the main conclusions and recommendations on the directions of training competitive personnel for the labor market of Tajikistan, taking into account the existing socio-economic conditions of the republic's development.

**Keywords:** personnel, qualifications, competitive personnel, personnel meeting the requirements of the labor market, employment, productive employment, labor market, training of personnel, professional development, professional guidance, primary vocational education, internship, competitive personnel.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабов Носирҷон Пулотович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 904-16-00-31.** E-mail: **nosirchon.rachabov @mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Раджабов Носирджон Пулотович*** **–** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 904-16-00-31.** E-mail: **nosirchon.rachabov @mail.ru**

**Information about the author:** ***Radjabov Nosirjon Pulotovich*** - Tajik National University, doctoral student Ph.D of the Department of Human Resource Management. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 904-16-00-31**. E-mail: **nosirchon.rachabov@mail.ru**

ТДУ: 336.71.4

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАТБИҚИ УСУЛИ БАРНОМАВИИ ҲАДАФМАНД ҲАНГОМИ ТАШАККУЛЁБИИ БУҶЕТ

*Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар даврони муосири рушд, иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо тамоюлҳое чун ҷаҳонишавӣ, ташаккулёбии шаклҳои ташкилоти саноативу молиявӣ ва ҳамгироиҳои бозори молиявӣ рӯ ба рӯ мегардад, ки талаботҳои иловагӣ барои таъминсозии равандҳои рушди иқтисодиёт бо захираҳои моливиро ба миён меорад. Дар ин замина нақши ниҳодҳои молиявӣ ва банақшагирии захираҳои молиявие, ки ба рушди умумии иқтисодиёт мусоидат хоҳанд кард, афзун мегардад, чун ки барои ҳалли масоили молиявӣ банақшагирӣ аз ҳама асосӣ ба ҳисоб меравaнд. Банақшагирӣ воситае мебошад, ки ташаккулёбии фаъолиятро таъмин намуда, ба ноилгардии ҳадафҳо ва созмон додани механизмҳои мутобиқшавии стратегия ба тағйиротҳои берунаву дохила муосидат мекунад.

Рушди иқтисодиву иҷтимоии ҳар як кишвар дар таҷассуми рушдёбии минтақаҳои ҷудогонааш ва алоқамандиҳои фазои ягонаи иҷтимоиву иқтисодӣ, маданиву демографӣ ва дигар намуди алоқамандиҳояш ифода гардида, дар навбати худ, дар баробари коркарди тадбирҳо ва механизмҳову ҷустуҷӯи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, барои рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ аз тадбирҳои гуногун сарукор мегирад. Дар ин замина маблағгузориҳои буҷетӣ мақоми хосса доранд. Дар шароитҳои иқтисодиёти бозорӣ ва ислоҳоти идоракунии маблағҳои давлатӣ, татбиқи шаклҳои муосир ва самараноки хароҷотҳои маблағҳои буҷетӣ омили асосии баланд бардоштани самаранокии идоракунии мақсадноки рушд ба ҳисоб рафта, татбиқи идоракунии лоиҳавии мақсаднок ба ташаккул ёфтани системаи навини идоракунии рушди маҷмуавӣ ва банақшагирии буҷетикунонӣ мусоид ҳоҳад буд. Аз таҷрибаҳо маълум мегардад, ки сиёсати дурусти буҷетӣ бояд ба ноил гардидан ба рушди устувору афзоиш ёфтани самаранокии хароҷотҳои давлатӣ равона гардида, ба баланд гардидани сатҳи самарабахшии хароҷотҳои давлатӣ ва сифати хизматрасониҳои макомотҳои давлативу маҳаллӣ мусоидат намояд. Аз нигоҳи мо, дар замони муосир яке аз воситаи ба чунин мақсади гузошташуда ноил гардидан, ин буҷетикунонии барномавии ҳадафманд мебошад, ки татбиқи он метавонад ислоҳоти куллие ба системаи идоракунии маблағҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид созад. Дар маҷмуъ моҳияти усули барномавии ҳадафманд дар он ифода меёбад, ки дар раванди ташаккулдиҳии буҷет ба захираҳо неву ба натиҷаҳои ноилмегардида бояд диққати махсус дод.

Дар таҳқиқотҳои илмӣ истилоҳҳои гуногуни тавсифдиҳандаи мафҳуми буҷетикунонии барномавию ҳадафмандро дидан мукин аст, ки бештари онҳоро чунин мафҳумҳо инъикос мекунанд: «принсипи ҳадафманди банақшагирӣ», «равиши системавии банақшагирӣ», «буҷетикунонӣ дар асоси барномаҳо», «банақшагирии буҷетӣ, ки ба натиҷа нигаронида шуда аст», «банакшагирӣ ва идоракунии ҳадафманд», «усулҳои буҷетикунонӣ ва идораи барномавиву ҳадафманд», «принсипи ҳадафманди банакшагирӣ дар буҷетикунонии барномавӣ» ва амсоли инҳо. Вале бояд қайд намоем, ки мафҳумҳои аз ҷониби муаллифон пешниҳодгардида бештар тавсифи истилоҳӣ дошта, мушаххасоти ягонаи тавсифӣ надоранд. Баъзеи онҳоро дида мебароем.

Масалан муаллифони таҳқиқоти «Буҷети барномавӣ: мақсад, тасноифот ва принсипҳои созмондиҳӣ» қайд менамоянд, ки «Буҷетикунонии барномавӣ аз худ методологияи банақшагирӣ, иҷроиш ва назорати иҷрошавии буҷетро инъикос менамояд, ки алоқамандиҳои раванди тақсимоти хароҷотҳои давлатиро бо натиҷаҳои амалишавии барномае, ки дар асоси ҳадафҳои стратегӣ бо дарназардошти афзалиятҳои сиёсати давлатӣ, аҳамияти иҷтимоӣ ва натиҷаҳои ниҳоии воситаҳои буҷет коркард карда мешаванд, таъмин менамояд. Мақсади асосии буҷетикунонии барномавӣ, баланд бардоштани самаранокии иҷтимоӣ ва иқтисодии хароҷотҳо мебошад. Афзалияти калидии равиши барномавӣ дар қиёс аз равиши маъмул, дар баланд бардоштани

устувории фискалӣ ва самаранокии фаъолияти мақомотҳои соҳавӣ ва алоқаҳои нисбатан зичи ҳадафҳои стратегӣ мебошад» [12,с.9].

О.Г. Аркадева ва К.С. Горшкова қайд менамоянд, ки буҷетикунонии барномавӣ – ин «танҳо яке аз воситаҳои идоракунии молияи ҷамъиятӣ буда, натиҷаи воқеии татбиқи он аз омилҳои сершумори берунаву дохила вобаста мебошад. Истифодаи фақат як ҳамин восита наметавонад норасогиҳои системавии идоракуниро бартараф созад» [3,с.1-12].

Ба ақидаи Е.В. Устюжанина ва ҳаммуалифонаш «Равиши лоиҳавие, ки асоси буҷетикунонии барномавиро ташкил медиҳад, ҳақиқатан ҳам барои амалисозии «рахна сохтан»-и инфрасохтор, иҷтимоиёт, инноватсия созгор мебошад, зеро имкон медиҳад захираҳо ва қувваи асосӣ ба самтҳои нисбатан муҳимми рушд масраф гарданд» [13,с.4].

Олими ватанӣ Ш.Р. Абдулҳаева дар мавриди татбиқи буҷетикунонии барномавӣ қайд менамояд, ки «он ҳамчун сохторкунонии иттилооти буҷетӣ ба се саволи муҳимми раванди буҷет ҷавоб медиҳад: мо бояд ба чи ноил гардем; чи гуна ба мақсад бирасем; чи қадар восита барои наоил гардидан ба ин ҳадаф масраф мешавад. Муҳим будани ин саволҳо ва ҷавоб ёфтан ба онҳо татбиқи буҷетикунонии барномавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро асоснок мекунанд…»[1,с.149].

Дар такя ба асноди меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавон арз намуд, ки дар бештари онҳо низ мафҳуми «буҷетикунонии барновaӣ» истифода шудааст. Ҳамин тавр истилоҳи пурра инъикоскунандаи ягона ва универсалие, ки битавонад ба таври мушаххас усули буҷетикунонии барномавиро аз тарафҳои гуногун ифшо намояд, дар адабиёти илмӣ ба назар намерасанд. Аммо тамоми таърифҳои мавриди таҳлил қарор гирифта, байни ҳам мутақобил набуда, баракс пуркунандаи якдигар мебошанд. Дар маҷмуъ тамоми таърифҳои таҳлил гардида ба он ишорат мекунанд, ки татбиқи буҷетикунонии барномавӣ самрабахш ва истифодаи он дар системаи идораи молияи давлатӣ муфид хоҳад буд.

Ҳамин тавр дар таҳқиқоти мазкур ба мафҳумҳои «буҷетикунонии ҳадафманди барномавӣ» ва «буҷетикунонии барномавӣ» такя намуда, ҷанбаҳои назариявии татбиқи онро дида мебароем. Масалан А.И. Мастеров зикр мекунад, ки «Яке аз воситаҳои асосии сиёсати буҷетӣ, ки имконияти ба натиҷаҳои ноил гардидани давлатро фароҳам меорад ва масоили мубрами сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ, мақсад ва масъалаҳои онро муайян месозад, ин буҷетикунонии барномавии ҳадафманд мебошад. Дар раванди татбиқи чунин намуди буҷетикунонӣ назорати иҷрошавии захираҳои буҷетӣ пурзӯр гардида, самараҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии амалишаванда дар доираи барномаҳои давлатии лоиҳаҳои буҷетӣ муайян мегарданд» [9,с.86].

Аслан равандҳои рушди буҷетикунонии барномавӣ якчанд марҳилаҳоро паси сар намуда, ба тағйиротҳои назаррас ноил гардидаанд. Ҳанӯз дар ибтидои асри XX методикаи мазкур дар ИМА ба таври фарох дар якчанд иёлоти калонтарин (Ню-Йорк, Чикаго, Калифорния ва ғ.) мавриди татбиқ қарор гирифта буд. Дар таҳқиқотҳои олимони амрикоӣ буҷетикунонии барномавӣ яке аз самтҳои муҳимми таъминкунии рушди ҳам минтақаҳо ва ҳам рушди умумӣ ба ҳисоб меравад, чунки тартиб додани барномаҳо дар асоси бартариятҳои рушд ва имкониятҳои ба инобат гирифтани натиҷаҳои интизорбуда, ин равишро самаранок ва татбиқшаванда мегардонад. Барои ҳамин ҳам амалисозии ин гуна равиш тағйиротҳои куллӣ дар системаи буҷетикунонӣ ва муайянсозии афзалиятҳои буҷетӣ, баҳисоб гирифтани он ворид сохта, имкониятҳои муайян кардани нишондиҳандаҳои баҳисобгирии онро фароҳам меоварад.

Дар таҳқиқотҳои олимони рус равиши ҳадафманд дар идоракунӣ ва банақшагирӣ ҳамчун таъминкунандаи таъинотҳои мақсадноки фаъолияти идоракунии хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад. Масалан Ю.В. Фролова равишҳои ҳадафманду барномавиро ҳамчун ҳамҷояшавии усули барномавиву ҳадафманд дониста, қайд мекунад, ки «Моҳияти равиши барномавӣ дар марказонидашавии идоракунӣ тавассути тадбирҳо ва усулҳои истифодаи захираҳо зоҳир мешавад, ки иҷрошавии масъалаҳои мушаххаси муайянро таъмин менамояд» [15,с.129]. Ба ақидаи муаллиф усули барномавии ҳадафманд, аз равиши ҳадафманди таҳлили маҷмуи талаботҳову мақсаду мушкилотро, аз равиши барномавӣ бошад, методикаи ташаккулёбии ҳалли масоили вобаста ба нақшаи

коркардшударо гирифта, онҳоро ҳамҷоя намудааст. Аз ин ақида бар меояд, ки агар усули барномавӣ ин замимаи таҳлили системавии ҳалли масъалаҳои мубрам бошад, пас усули барномавию ҳадафманд, барои ҳалли масоили асосии идоракунӣ истифода мешавад. Дар идома муаллиф қайд мекунад, ки «Дар дарки васеъ идоракунии ҳадафманду барномавӣ – ин маҷмуи воситаҳои банақшагирифташудаю ташкилии ташаккулёбии комплекси тадбирҳои алоқаманде мебошад, ки талаботҳои ниҳоӣ, мақсад ва шарту шароитҳои молиявии барои ба мақсадҳои гузошташуда расиданро асоснок менамояд» [15].

Амалишавии буҷети барномавию ҳадафманд, пеш аз ҳама, сатҳи баланд бардоштани баҳогузории захираҳои молиявӣ ва харҷ шудани онҳо дар доираи ҳадафҳои мушаххасро фароҳам моварад. Чуноне, ки А.И. Мастеров қайд мекунад, «Коркарди буҷети барномавию ҳадафманд ташаккулёбии баҳоҳои иқтисодии потенсиали захираҳои мавҷудбуда ва инчунин, пайдо кардани вариантҳои истифодаи онҳо барои ба мақсад ноил гардиданро дар назар дорад. Ғайр аз ин, раванди коркарди буҷети барномавиву ҳадафманд, ҷустуҷӯи роҳҳои нисбатан фоидаовари истифодаи захираҳои мавҷудбударо дар назар дорад» [8,с.65].

Дар назар аст, ки татбиқи усули барномавиву ҳадафманд, ҳадафҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишварро бароварда гардонида, ба мутавозунии таъминшавии истеҳсолот бо захираҳои заруриро ба роҳ мемонад. Вобаста ба ин матлаб С.В. Фесик чунин нуқтаи назар дорад, ки «Моҳияти усули барномавиву ҳадафманд дар интихоби ҳадафҳои асосии рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ, коркарди тадбирҳои бо ҳам алоқаманди барои дар муддати муайян ба мақсадҳои гузошташуда ноил гардидан, дар доираи таъмини устувори истеҳсолот бо захираҳои зарурӣ ва рушди самараноки истеҳсолот зоҳир мегардад» [14,с.172]. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки татбиқи ин усул як навъ «фаъолнокӣ»-ро ба вуҷуд оварда, ҳамзамон, метавонад на танҳо ҳолатҳои ояндаи системаро пешгӯи намояд, балки имконияти тартиб додани барномаҳоеро фароҳам оварад, ки онҳоро барои ба натиҷаҳои имконпазир расидан мусоидат намоянд.

Ҳамин тавр равишҳои гуногуни буҷети барномавиву ҳадафманд аз масири гуногун шарҳ дода шудаанд, ки дар бештари онҳо татбиқи варианти беҳтарини равандҳои буҷетикунонӣ тибқи татбиқи барномаҳои ҳадафманд дарҷ карда шуда бошанд ҳам, аммо ақидаи ягонаи мушаххаси ба татбиқи куллии ба он далолаткунанда ба назар намерасад (ҷадвали 1). Аз ин лиҳоз, омӯзиши он мураккабтар мегардад ва талаб мекунад, ки ҷанбаҳои гуногунтарафи воситаҳои самраноки татбиқи он жарфтар омӯхта шаванд, то ба мақсади гузошташуда мусоидат кунанд. Барои ҳамин, аз нигоҳи мо, омӯхтани роҳҳову усулҳои татбиқи самаранокии буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Ҷадвали 1. Равишҳои гуногуни муайян кардани истилоҳи буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд аз ҷониби муаллифони гуногун**

**Table 1. Different approaches to defining the term programmatic and targeted budgeting by different authors**

| Муаллиф | Таъриф |
|---|---|
| Е.В. Чварнукова, Н.В. Скрынникова | «Гурӯҳи давраҳои раванди буҷетӣ, ки тариқи амалисозии тадбирҳои идоракунии захираҳои буҷетии тамоми давраҳои равандҳои буҷетро фарогиранда амалӣ мешаванд ва алоқамандиҳои онҳоро таъмин месозанд» [17]. |
| С.В. Карандасов | «Принсипи барномавиву ҳадафманди буҷет барои ба дастовардҳои муҳиму мақсадноки иҷтимоиву иқтисодӣ ноил гардидан истифода мешавад, ки онҳоро наметавон дар доираи модели маъмули (сметавӣ) буҷетикунонӣ нисбатан самаранок амалӣ намуд. Усули барномавиву ҳадафманд имкон медиҳад, ки мушкилоти мавҷуда, роҳҳои ҳалли он, захираҳои мавҷудбуда ва иҷрокунандагони ин захираҳо вобаста ва ҳамҷоя карда шаванд» [4,с.83]. |
| А.В. Минаков | «Ғояи асосии буҷети барномавиву ҳадафманд дар вобаста кунонидани хароҷотҳои давлатӣ бо гирфтани фоидаи баланди натиҷаҳои барои ҷомеа зарур асос меёбад» [10,с.10]. |

| | |
|---|---|
| Л.Г. Шобей, Д.О.Волк | «Усули барномавиву ҳадафманди банақшагирии буҷет, аз банақшагирии системавии истифодаи воситаҳои буҷетӣ ба иҷроиши барномаҳои қонунан ва бо санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ тасдиқгардида асос меёбад. Усули барномавиву ҳадафманди банақшагирии хароҷотҳо ба риояи равиши ягонаи истифодаи фоидаовари воситаҳо ҳам барои ҳалли масалаҳои муҳимми давлативӣ, минтақавивӣ ва муниципалӣ мусоидат мекунад ва ҳам воситаи баробаркунандаи рушди иқтисодии ҳудуҳои ҷудогона мебошад» [18,с.92]. |
| Т.Н. Кондрашова | «…буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд технологияи миёнамуҳлати тақсимкунии захираҳои қисми хароҷотҳои буҷети сатҳи мувофиқ дар асоси андозаи имкониятҳои гузаронидани мониторинги индикаторҳои амалиётӣ барои азнавтақсимкунии захираҳо дар давари кӯтоҳмуддат мебошад» [5,с.180]. |
| Е.К. Кузнецова, Б.Г. Хаиров | «…буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд, ва ё буҷетикунонии барномавӣ аз худ раванди коркарду амалишавии барномаҳои комплексиро дар вобастагии зич бо буҷет инъикос менамояд. Дараҷаи баландтарини рушди ин раванд бо ташаккулёбӣ ва иҷроиши буҷети барномавӣ тавсиф дода мешавад, ки хароҷотҳои асосии он дар доираи барномае, ки натиҷаҳои аниқи ниҳои дорад, амалӣ мешавад…» [7,с.136]. |
| О.В. Аргба | «Буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд нисбат ба усули буҷетикунонии барномавӣ мафҳуми васеътар мебошад, зеро дар он усулҳои татбиқии сершуморе истифода мешаванд… ҳангоми истифодаи он дар фарқият аз усули маъмул, пеш аз ҳама, афзалиятҳо ва натиҷаҳои асосӣ бояд асоснок карда шаванд ва дида мешавад, ки захираҳо неву балки натиҷаҳо идора карда мешаванд…» [2,с.252]. |

Таҳияи муаллиф

Равишҳои гуногуни буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди дар ҷадвали 1 овардашударо мавриди таҳлил қарор дода, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки он дорои давраҳои хос буда, дар раванди татбиқи он усулҳои истифодашавандаро мавриди таҳлили амиқ қаро дода, дар такя ба самарнокии онҳо, афзалиятноктаринашро интихоб намудан лозим аст. Дар алоқа ба ин, аз нигоҳи мо усули барномавиву ҳадафманд, тариқи татбиқи усулҳои сершумори банақшагирӣ ва пешгӯикунӣ нисбат ба усули маъмули буҷетикунонӣ афзалиятҳои фаъолнокро доро буда, истифодаи захираҳои буҷетӣ ва иҷроиши онҳоро дар тамоми равандҳои фаъолияти буҷет, тибқи барномаҳои афзалиятноки тасдиқгардида дар доираи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ амалӣ намуда, алоқамандиҳои равандҳои буҷетиро барои рушди иҷтимоиву-иқтисодӣ барпо менамояд, ки дар ин раванд ба идора ва танзим намудани натиҷагирӣ афзалият дода мешавад.

Ҳамин тавр ҳангоми ташаккулёбӣ ва татбиқи усулҳои буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд, ки усулҳои фаъоли афзалиятнокӣ ва банақшагириву пешгӯикуниро фарогир мебошад, бояд ҳангоми ташаккули системаи буҷетикунонӣ мақоми марказӣ дошта бошад, чун танҳо дар ин ҳолат вай метавонад воситаи асосии банақшагирии стратегие гардад, ки татбиқи барномаҳои самараноку илман асоснокшудаи давлатиро амалӣ мекунад (расми 1).

Буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дар доираи мақсади татбиқи равиши барномавиву ҳадафманд ва консепсияи ташаккули буҷет вобаста ба барномаҳо, ҳадафи асосии хешро ҳамчун рушди самаранокии татбиқи тамоми намудҳои буҷетикунонӣ қарор дода, ба ҳайси абзори асосие баромад мекунад, ки тавассути он метавон ба мақсадҳои гузоштшуда ноил гардид. Ҳамчунин, асоси онро таснифоти барномавии хароҷотҳо ташкил медиҳад, ки дар доираи усулҳои фаъоли идоракунии ҳадафманд барои самаранокона тақсим намудани воситаҳои буҷет мусоидат мекунад.

Самаранокии буҷети барномавиву ҳадафманд, нахуст дар баҳодиҳии сарфа кардани воистаҳои буҷет аз ҳисоби он, ки онҳо маҳз дар доираи барномаҳои давлатӣ масраф гардидаанд, муайян мегардад. «… системаи буҷетикунонии барномавӣ ва баҳодиҳии самаранокии хароҷотҳои (барномавии) буҷет мақсади боздоштани афзоиши хароҷотҳоро дорад. Барнома бошад, ҳаматарафа ба таҳлили ҳамешагӣ фаро гирфта

мешавад: мутобиқат ба ҳадафҳои давлатӣ, ба қонеъ гардонидани талаботҳои афзалиятноки аҳолӣ, ба мавҷудияти алоқамандиҳои аниқи натиҷа ва захираҳои ба он ноилмегардида ва ғ.» [6,с.92]. Дар ин замина ҳамчун омили асосие баромад мекунад, ки тавассути он хароҷотҳои буҷет кам мегарданд.

**Расми 1. Афзалиятҳои рушди системаи буҷетикунонӣ дар пояи буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд**
**Figure 1. Advantages of the development of the budgeting system based on programmatic and targeted budgeting**




Коркарди муаллиф

Аз сабаби оне, ки буҷет воситаи асосии танзим ва идораи равандҳои иҷтимоию иқтисодии давлат аст, бо дарназардошти ба таври фаъол татбиқ нагардидани механизмҳои усулҳои ҳадафманду барномавӣ дар идоракунии он мушкилоти банақшагирӣ ба осонӣ ҳал шуда наметавонад. Ин ба он далолат медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи усули барномавиву ҳадафманди буҷетикунонӣ дар давраҳои муайян ҳанӯз пурра мақоми худро пайдо накарда, пояи меъёриву ҳуқуқии ба он мусоидаткунанда низ ба таври кофӣ коркард нашудааст.

Аз нигоҳи мо, дар амалия гузаштан ба ин усул дар фарқият ба усулҳои маъмул имкониятҳои фарохи чандирияти идоракунии захираҳои буҷетиро фароҳам оварда, ба афзоиш ёфтани вазъи хизматрасониҳои давлатии равандҳои ба буҷет тааллуқ дошта ва кам гардидани хароҷотҳо мусоидат хоҳад кард. Аз ҳама муҳим, нисбат ба равишҳои маъмул, дар равандҳои татбиқи усулҳои барномавии ҳадафманд, шаффофияти буҷет таъмин гардида, равандҳои қабул гардидани буҷет аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ ва ниҳодҳои қонунгузор содатар мегарданд.

Ҳамаи ин ба муҳимияти татбиқи усули барномавиву ҳадафманд далолат мекунад ва барои татбиқи мукамал ва пурраи ин усул зарурати «…ташкили низоми баҳисобгирии талаботҳо ба хизматрасониҳо, таҳлил ва баҳодиҳии сабабҳои тамоюли нишондиҳандаҳои солонаи хароҷотҳои тасдиқгардида аз хароҷотҳои воқеӣ, татбиқи механизмҳои ташаккулёбии қисмати хароҷотҳои буҷет дар алоқамандӣ бо ҳаҷми маблағгузориҳои буҷет ва низоми тадбирҳои ба натиҷаҳои интизорбуда ноил гардидан, ҳавасмандкунии мақомотҳои идоракунанда барои пайдо кардани воситаҳои баландбардории хароҷотҳо, созмон додани низоми мониторинги равандҳои фаъолияти ташкилотҳо, ташкили гузаронидани пурсишҳо дар миёни аҳолӣ бо мақсади муайян сохтани афзалиятҳо ва самтҳои беҳтарин дар сохтори хизматрасониҳои буҷетӣ ва баҳодиҳии фаъолияти ташкилотҳои буҷетӣ, коркарди методологияи стратегии банақшагирии фаъолияти тақсимкунандагони асосии буҷет бо дарназардошти афзалиятҳои муайяни сиёсати давлатӣ ва минтақавӣ, татбиқи таснифоти барномавии хароҷотҳои буҷетҳои маҳаллӣ, коркарди феҳрасти нишондиҳандаҳои финалии пешниҳоди барномаҳои самараноки бечетӣ» [5,с.178-186], ҷой дорад.

Консепсияи ташаккулёбӣ ва фаъолияти усули барномавиву ҳадафманди буҷетикунонӣ иҷроиши буҷет аз рӯи барномаҳои давлатиро дар назар дорад, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои муҳимми давлат, ки ба самаранокии онҳо дар доираи усули маъмул ноил гардидан душвор мебошад, равона мегардад. Вай дар доираи усули мазкур имконияти мутмаҳид гардонидани проблемаҳо ва мақсадҳои ба ҳалли онҳо равона гардидаро фароҳам меоварад. Ҷиҳатҳои ба ҳалли масъалаҳо ва мушкилотҳои дорои тавсифҳои гуногуни байнисоҳавӣ ва байниминтақавӣ будани ин усул ва таъмини ҳамҷояшавии манфиатҳову ҳадафҳои мақомотҳои давлатӣ дар доираи нақшаҳои мухлаташон гуногун ва хароҷотҳои буҷет бо натиҷаҳои истифодашавии онҳо, тавсифи фарқкунандаи усули мазкурро инъикос мекунанд.

Банақшагирии буҷет ҳамчун механизми тақсимоти воситаҳо дар доираи идоракунии ҳадафманди худ, муайян намудани афзалиятнокии тақсимоти воситаҳоро ҳамчун ҳадаф қарор дода, тартиби ҳисоботдиҳӣ ва баҳогузории натиҷаҳоро ташаккул медиҳад, ки он дар доираи таъмин намудани механизмҳои шаффофи қабули қарорҳои вобаста ба татбиқи захираҳои буҷетӣ амалӣ карда мешавад. Вай барои ҳалли масоили тақсимоти захираҳои буҷетӣ дар байни талаботҳои афзалиятнок шароити мусоид фароҳам оварда, ба комилан ноил гардидан ба ҳамон ҳадафе нигаронида мешавад, ки барои он захираи буҷетӣ ҷудо гардидааст. Вобаста ба беҳтар гардонидани хароҷотҳои буҷет ва ноил гардидан ба мақсадҳои ниҳоии аҳамияти иҷтимоидошта дар доираи истифодаи самараноку ҳадафманди захираҳои буҷет дар давраҳои муайян, бояд масоили тавсифҳои сиёсидошта низ ба инобат гирифта шаванд.

Ҳамин тариқ, аз нигоҳи мо, татбиқи усули барномавиву ҳадафманд барои баланд бардоштани натиҷаҳои хароҷотҳои давлатӣ, дастарас ва хубтар гардонидани хизматрасониҳо ва устувор гардонидани молияи иҷтимоӣ равона гардида, вобастагиҳои миёни тақсимоти захираҳои буҷетӣ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои иҷтимоиву иқтисодиро таъмин намуда, ба ягонагии равиши самаранокона истифода гардидани захираҳо ва воситаҳои буҷетӣ ва татбиқ кардани онҳо дар самтҳои афзалиятноку аҳамиятнок мусоидат менамояд.

Дар доираи банақшагирии стратегии буҷетӣ ба натиҷа нигаронидашуда дар равиши барномавиву ҳадафманд, ташаккул додан ва татбиқ намудани методологияҳои буҷетикунонии барономавиву ҳадафманд, истифодаи фаъоли усулҳои банақшагирию пешгӯикуниро дар назар дорад, ки «… татбиқи фаъоли усулҳои банақшагирии афзалиятнок ва пешгӯикунӣ бояд ба он равона гарданд, ки дар шакли миқдорӣ

хароҷотҳои пешгӯишавандаро барои барномаи банақшагирифташуда инъикос намуда, онҳоро бо натиҷаҳои интизорбуда муқоиса намуда, предмети асосии аз назар гузаронидашавандаи раванди ташаккулёбии буҷетикуноние гардад, ки дар татбиқи равишҳои барномавӣ асос ёфтааст» [11,с.34-44]. Дар ҳолати ба назар гирифтани ҳамин ҷанбаҳои зикргардида буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд метавонад таҷҳизоти муҳиму асосии банақшагирии стартегӣ гардад, ки дар навбати худ битавонад дар ташаккулёбии барномаҳои самараноки давлатӣ омиле гардад, ки дар татбиқи онҳо баҳогузории объективии пешгӯишаванда ва эътимоднок амалӣ карда шавад.

Умуман, равиши барномавиву ҳадафманди буҷет барои муайян сохтани масрафоти дурусту ҳадафноки воситаҳои буҷет таҷҳизоти муҳиму асосӣ ба ҳисоб рафта, дорои самт ва таъминоти мушаххаси стратегӣ буда, натиҷаи ниҳоии татбиқи он барои давраҳои дароз баҳри ҷомеа фоидаи устувор меоварад ва барои ҳалли масоили муҳимми давлатӣ аз қабили таъминкунии рушди устувори иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии соҳаҳои аҳамиятнок воситаи калидӣ ба ҳисоб меравад. Дар маҷмуъ, усули мазкур дар доираи равиши ҳадафманди худ раванди таҳлили ҳамаҷонибаи проблемаҳо, талаботҳо, мақсадҳоро фаро гирифта, дар доираи равиши барномавии худ фарогири ҷанбаҳои ташаккулёбии нақшаҳои ба ҳалли мушкилот равона гардида ва шаклҳои таъминоти иҷрошавии нақшаҳо мебошад. Ҳамзамон, вобаста ба аҳамити хосса доштани он дар равандҳои фаъолияти мақомотҳои минтақавӣ, он метавонад ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомотҳои идоракунии маҳаллӣ низ муассир бошад.

Ҳамин тавр гузаштан ба буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд имкониятҳои васеи чандирияти идоракунии захираҳои буҷетӣ ва амалишавии афзалиятҳои барои давлат муҳим бударо фароҳам оварда, ба паст гардидани хароҷотҳо ва баланд шудани хизматрасониҳо меорад, ки дар тафовут аз равиши маъмулии буҷтикунонӣ ба шаффофтар гардидан ва содатар гардидани равандҳои ба буҷет тааллуқдошта муосидат хоҳад кард. Механизми мазкур имкониятҳои фарохи муайянсозии афзалиятнокии тақсимоти захираҳои буҷетиро фароҳам оварда, низоми ҳисоб кардану баҳогузории шаффофи таъминоти қабули қарорҳои дахлдори ба истифодаи захираҳои буҷетӣ алоқамандро созмон медиҳад. Барои он, ки буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд шароитҳои мусоиди тақсимоти оптималии захираҳои буҷетиро фароҳам оварда тавонад, ҳалли масоили тавсифи сиёсӣ-иҷтимоидошта, муайянсозии ҳадафҳои афзалиятноки ҷорӣ ва истифодаи мақсадноки захираҳо дар оянда бояд ба назар гирифта шаванд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ҳофизов Ҳ.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдулхаева Ш.Р. Некоторые вопросы внедрения программного бюджетирования в Республике Таджикистан / Ш.Р. Абдулхаева // Экономика Таджикистана. -Душанбе, 2019. -№4. -С.149-154.
2. Аргба О.В. Сущность и основы программно-целевого бюджетирования / О.В. Аргба // Экономика: вчера, сегодня, завтра. -Ногинск, 2022. -Том 12. -№3-1. –С.251-256.
3. Аркадьева О.Г. Программное бюджетирование в управлении общественными финансами / О.Г. Аркадьева, К.С. Горшкова // Oeconomia et Jus. -Чебоксары, 2021. -№1. -С.1-12.
4. Карандасов С.В. Особенности применения программно-целевого метода планирования и финансирования расходов бюджета в России / С.В. Карандасов // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Экономика. -М., 2011. -№2. -С.82-89.
5. Кондрашова Т.Н. Сущность программно-целевого бюджетирования и его роль в управлении бюджетными ресурсами региона / Т.Н. Кондрашова // Вызовы и возможности финансового обеспечения стабильного экономического роста. Материалы Всероссийской научно-практической конференции: сборник научных трудов. ФГАОУ ВО «Севастопольский государственный университет». -Севастополь, 2017. -С.178-186.
6. Крадинов П.Г. Оценка эффективности программных расходов / П.Г. Крадинов // Финансовый журнал. -М., 2011. -№1. -С.91-102.
7. Кузнецова Е.К. Программно-целевой подход в бюджетном процессе: новые возможности или новые риски / Е.К. Кузнецова, Б.Г. Хаиров // Фундаментальные исследования. -М., 2016. -№10. -часть 1. -С.135-139.
8. Мастеров А.И. Программно-целевое бюджетирование как инструмент стратегического планирования / А.И. Мастеров // Экономика. Налоги. Право. -М., 2015. -№3. -С.64-70.
9. Мастеров А.И. Программно-целевое бюджетирование как эффективный инструментарий государственных программ / А.И. Мастеров // Финансовая жизнь. -М., 2019. -№4. -С.85-88.

10. Минаков А.В. Использование методов программно-целевого бюджетирования в России / А.В. Минаков // Финансы и кредит. -М.: «ООО «ИД ФИНАНСЫ и КРЕДИТ»», 2005. -№18(186). -С.10-17.
11. Мухитдинов З.Дж. Программно-целевой метод и возможности его использования при формировании государственного бюджета / З.Дж. Мухитдинов, Ш.Ш. Абдуллаев // Экономика и финансы (Узбекистан). - Ташкент, 2015. -№5. -С.34-44.
12. Программный бюджет: цели, классификация и принципы построения // Финансовый журнал / М.П. Афанасьев, Б.И. Алехин, А.И. Кравченко, П.Г. Крадинов. -М., 2010. -№3. -С.5-18.
13. Устюжанина Е.В. Бюджетное программирование как способ реализации стратегии развития Российской экономики / Е.В. Устюжанина, С.Г. Евсюков, Ф.А. Панфилов // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. -М., 2014. -№36. -С.2-13.
14. Фесик С.В. Внедрение программно-целевого метода в бюджетный процесс Российской Федерации // Вестник Томского государственного университета. -Томск, 2014. -№383. -С.170-175.
15. Фролова Ю.В. Теоретические аспекты и перспективы использования программно-целевого метода в бюджетном процессе российских регионов / Ю.В. Фролова // Современная экономика: проблемы и решения. -М., 2014. -№8(56). -С.127-137.
16. Хушвахтзода, К.Х. Финансово-кредитные ресурсы развития сельского предпринимательства (концептуальные вопросы) / Хушвахтзода К.Х., Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№8. -С.5-10. – EDN WCYQFV.
17. Чварнукова Е.В., Скрынникова Н.В. О сущности программно-целевого бюджетирования на местном уровне в Российской Федерации. [Электронный ресурс]. URL: http://elib.osu.ru/bitstream/123456789/949/1/1457-1464.pdf (дата обращения: 24.03.2023)
18. Шобей Л.Г. Программно-целевой метод бюджетного планирования в государственном финансовом управлении регионом / Л.Г. Шобей, Д.О. Волк // Studia Humanitatis Borealis. -Петрозаводск, 2014. -№2. -С.91-100.

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАТБИҚИ УСУЛИ БАРНОМАВИИ ҲАДАФМАНД ҲАНГОМИ ТАШАККУЛЁБИИ БУҶЕТ

Дар мақолаи мазкур вобаста ба буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд, маводҳои назариявиву илмӣ ҷамъоварӣ карда шуда, оид ба афкори муаллифони гуногун, ки ба мафҳумҳои «принсипи ҳадафманди банақшагирӣ», «равиши системавии банақшагирӣ», «буҷетикунонӣ дар асоси барномаҳо», «банақшагирии буҷетӣ, ки ба натиҷа нигаронида шуда аст», «банакшагирӣ ва идоракунии ҳадафманд», «усулҳои буҷетикунонӣ ва идораи барномавиву ҳадафманд», «принсипи ҳадафманди банакшагирӣ дар буҷетикунонии барномавӣ» ва амсоли инҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар асоси омӯзиши онҳо аз ҷониби муаллиф таърифи муаллифии «усули барномавиву ҳадафманд» пешниҳод гардидааст. Муаллиф дар мақола дар доираи модели консептуалии афзалиятҳои рушди системаи буҷетикунонӣ дар пояи буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд системаи буҷетикунонӣ дар пояи усули барномавиву ҳадафмандро пешниҳод намуда аст, ки аз мақсад, ҳадаф ва консепсия иборат мебошад. Дар назар дошта шудааст, ки равиши барномавиву ҳадафманди буҷет барои муайян сохтани масрафоти дурусту ҳадафноки воситаҳои буҷет, таҷҳизоти муҳиму асосӣ ба ҳисоб рафта, дорои самт ва таъминоти мушаххаси стратегӣ буда, натиҷаи ниҳоии татбиқи он барои давраҳои дароз баҳри ҷомеа фоидаи устувор меоварад ва барои ҳалли масоили муҳимми давлатӣ аз қабили таъминкунии рушди устувори иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии соҳаҳои аҳамиятнок воситаи калидӣ ба ҳисоб меравад. Ин усул дар доираи равиши ҳадафманди худ раванди таҳлили ҳамаҷонибаи проблемаҳо, талаботҳо, мақсадҳоро фаро гирифта, дар доираи равиши барномавии худ фарогири ҷанбаҳои ташаккулёбии нақшаҳои ба ҳалли мушкилот равона гардида ва шаклҳои таъминоти иҷрошавии нақшаҳо мебошад.

**Калидвожаҳо:** буҷет, ҳадаф, мақсад, усул, усули барномавиву ҳадафманд, банақшагирӣ, хароҷот, барнома, татбиқи буҷет.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ВНЕДРЕНИЯ ПРОГРАММНО-ЦЕЛЕВОГО МЕТОДА В ФОРМИРОВАНИИ БЮДЖЕТА

В данной статье собраны теоретические и научные материалы по программно-целевому бюджетированию, а также мнения различных авторов, относительно понятий «целевой принцип планирования», «системный подход к планированию», «бюджетирование на основе программ», «бюджетное планирование, направленое на результат», «методы бюджетирования и программно-целевое управление», «целевой принцип планирования в программно-целевом бюджетировании» и др. На основе анализа и изучения данных понятий автором предложено авторское определние «бюджетно-целевого метода». В статье в рамках концептуальной модели развития системы бюджетирования автором представлена концептуальная модель системы бюджетирования на основе программно-целевого метода, который включает цели, задачи и концепции. Программно-целевой подход к бюджету считается важным и основным инструментом определения правильного и целевого расходования бюджетных средств, имеет конкретную стратегическую направленность и поддержку, а конечный результат его реализации принесет стабильные выгоды для общества в течение длительного периода времени, а также для решения данных проблем. Также данный метод бюджетирования является ключевым инструментом государства для обеспечения устойчивого экономического развития и

стимулирования важных отраслей. Данный метод в рамках своего програмного подхода включает в себя процесс комплексного анализа проблем, требований, целей, а в рамках своего программного подхода включает аспекты формирования планов, направленных на решение задач, и формы обеспечения выполнения планов.

**Ключевые слова:** бюджет, цель, метод, программно-целевой метод, планирование, расход, программа, внедрение бюджета.

## THEORETICAL ASPECTS OF INTRODUCING THE PROGRAM-TARGETS METHOD IN BUDGET FORMATION

This article contains theoretical and scientific materials regarding program-targeted budgeting, as well as the opinions of various authors regarding the concepts of "target planning principle", "systematic approach to planning", "program-based budgeting", "result-oriented budgeting planning", "budgeting methods and program-target management", "target planning principle in program-target budgeting", etc., and based on the analysis and study of these concepts, the author proposed the author's definition of "budget-target method". In the article, within the framework of the conceptual model of the development of the budgeting system based on program-targeted budgeting, the author presents a conceptual model of the budgeting system based on the program-targeted method, which consists of goals, objectives and concepts. It is expected that the program-based approach to the budget is considered an important and main tool for determining the correct and targeted spending of budget funds, has a specific strategic focus and support, and the end result of its implementation will bring sustainable benefits to society over a long period of time, as well as to solve data. problems. Also, this method of budgeting is a key instrument of the state to ensure sustainable economic development and stimulate important industries. This method, within its programmatic approach, includes the process of a comprehensive analysis of problems, requirements, goals, and within its programmatic approach, it includes aspects of the formation of plans aimed at solving problems, and forms of ensuring the implementation of plans.

**Keywords:** budget, goal, method, program-target method, planning, expense, program, budget implementation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **906-01-66-66**. E-mail: **azimovahanifa@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Ханифаи Эмоми Азимзода*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **906-01-66-66**. E-mail: **azimovahanifa@gmail.com**

**Information of avtors:** ***Hanifai Emomali Azimzoda*** - Tajik National University, Competitor of the Department of Finance and Insurance. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **906-01-66-66**. E-mail: **azimovahanifa@gmail.com**

ТДУ: 91:330.341 (735,3)

# РУШДИ САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ САЙЁҲӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ КӮҲИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Рабиев М.Б., Мамадризохонов А.А., Ҷонмамадов Ш.Б.***

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ,**

**Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Назаршоев,**

**Донишкадаи иқтисодии АМИТ**

Дар замони муосир соҳаи сайёҳӣ ба шумораи соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти ҷаҳонӣ мансуб мебошад [2; 7]. Барои давлатхое, ки дар онҳо соҳаи сайёҳӣ ривоҷу равнақ ёфтааст, сайёҳӣ соҳаи муҳимми таъминкунандаи шуғли аҳолии таҳҷойӣ мебошад, ба пур шудани меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо мусоидат намуда, шумораи иштироккунандагони чорабиниҳоро зиёд менамояд, дар ин замина ворид шудани сармоя ва маблағҳои хориҷиро ба мамлакат таъмин менамояд [9].

Соҳаи сайёҳӣ барои минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бениҳоят як дурнамо ва оммавияти хело ҳам калонро пешниҳод менамояд. Бо шарофати захираҳои гуногуни табиӣ ва фарҳангӣ-таърихӣ тайи солҳои охир ин минтақа бештар ба макони баҳсу мунозира ва ҷалбсозӣ ба бозорҳои сайёҳии байналхалқӣ табдил ёфта истодааст [1; 5; 6; 11; 12].

Муҳиммияти мушкилотро ба назар гирифта, дар марзу буми Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои охир дар маҷмуъ чораҳо доир ба рушди соҳаи сайёҳӣ, ҳамчун яке аз соҳаҳои стратегии иқтисодиёти давлатӣ амалӣ гардида истодаанд. Чунки диверсификатсия ва рушди бошиддати ноҳияҳои минтақа, барпо намудани ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани даромад ва некуаҳволии аҳолии таҳҷойӣ, ҳамчунин, беҳтар намудани ҷалбсозии сармоягузорӣ ба минтақаҳои ҷумҳурӣ дар бозори сайёҳии байналхалқиро таъмин менамояд.

Рушди босамари соҳа бештар аз омилҳои беруна (демографӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, пешравии илмӣ-техникӣ, омилҳои байналхалқӣ) ва ҳамчунин, аз омилҳои дохилӣ (дастрасии минтақа, шароитҳои табиӣ-иқлимии он, муносибати аҳолии таҳҷойӣ ба меҳмонон ва ташрифоварандагон; сатҳи рушдёбии инфрасохтори сайёҳии минтақа, сатҳи гузоштани нархномаҳо; ташкил намудани савдои чакана ва ё худ майдафурӯшӣ, имкониятҳои барпо намудани чорабиниҳои варзишӣ, истироҳатию фароғатӣ ва фарҳангию-иҷтимоӣ) вобастагӣ дорад.

Таҳқиқотҳои гузаронидаи мо дар ноҳияҳои кӯҳии минтақаҳои Тоҷикистон нишон доданд, ки бо дар назардошти мавҷуд будани захираҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои объектҳои инфрасохтории сайёҳӣ ва истироҳатӣ, зарур аст, ки бештар ба рушди шаклҳои соҳаи сайёҳӣ такя намуд, чунки онҳо хароҷотҳои зиёди сармоявиро талаб накарда, ба таъминоти ҳар чи тезтар бозгашти маблағҳои гузошта шуда, мусоидат менамоянд.

Таҳлилҳои ҳамаҷонибаи мушкилотҳо нишон медиҳад, ки бештар муфид барои ин қисмати минтақаҳои ҶТ ба ақидаи мо, ин муайянкунонӣ ба самтҳои афзалиятноки дигар соҳаи сайёҳӣ мебошанд, ки ҳамзамон, аз ҷиҳати иқтисодӣ хело ҳам пурсамар, аз ҷиҳати экологӣ бехатар ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҷавобгӯ ба дурнамои дарозмуддати калон мебошанд ва метавонанд дар шароитҳои маҳдуднок будани дастгирикуниҳои маблағкунонӣ рушд ёбанд.

1.Сайёҳии экологӣ (экосайёҳӣ) аз ҳама дида самти афзалиятноки сайёҳӣ барои минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ин шакли фаъолият бо он сайёҳате алоқаманд мебошад, яъне ба он маконҳои табиие, ки одамон то ҳол дар он ҷойҳо ташриф наовардаанд ва дар он ҷойҳо ва маконҳо табиати ваҳшӣ ва ёбоӣ ҳифз карда шудааст. Фаъолияти вай дар худ ҳам элементҳои сайёҳии ғайриодӣ ва ниҳоӣ ва ҳамчунин, сайругашти оромро дар биёбонҳои баландкӯҳ пайваст менамояд. Фаъолияти сайёҳии экологӣ дар назди муҳити атроф нисбат ба марзу бумҳои табиии обод тавассути роҳҳои омӯзиш ва ҳаловат бурдан аз табиат ва нигораҳои фарҳангӣ масъулнок карда шудааст. Фаълоияти вай ба гузаронидани чорабиниҳои ҳифзитабиати мусоидат

менамояд ва ба муҳити атроф таъсири «форам» мерасонад, иштироки аҳолии таҳҷойиро дар раванди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва гирифтани ташаббускориҳо дар ин фаъолият таъмин менамояд. Дар рӯйхати гурӯҳҳои сайёҳии байналхалқӣ, экосайёҳӣ ба шумораи панҷто соҳаҳои бештар тезрушдкунандаи сайёҳии байналхалқӣ дохил мешавад. Фарқиятҳои асосии вай аз дигар шаклҳои соҳаи сайёҳӣ дар принсипҳои асосии зеринаш мебошанд. Сайёҳии экологӣ бояд чунин тавр бошад: ба муҳити атроф зарар наовардан; мақсаднок будан дар маърифатнокии экологӣ ва ташаккулёбии муносибатҳо бо табиати атроф; ғамхорӣ зоҳир намудан дар ҳифзи маконҳои фарҳангӣ; аз ҷиҳати иқтисодӣ самараовар будан ва таъмин намудани рушди устувори он минтақаҳое. ки дар он ба миён оварда мешавад.

Баҳри рушд ёфтани сайёҳии аз ҷиҳати экологӣ муайянгардида, табиати минтақаҳои кӯҳии ҶТ, дорои ҳама гуна шароитҳо мебошанд: маконҳои беназиру дилфиреб барои сайёҳон, шароитҳои табиӣ –иқлимии хело ҳам мусоид, ҷойгиршавии географии муносиб, урфу одатҳо ва анъанаҳои миллии хайрхоҳона ва ғайраҳо.

Дар натиҷаҳои бадастовардашудаи таҷрибаи ҷаҳонии асоснок гардида барои минтақаҳои кӯҳии ҶТ рушди экосайёҳӣ метавонад яке аз самтҳои дурнамотарини соҳаи сайёҳӣ гардад, ки ба принсипҳои рушди устувор ҷавобгӯ мебошад. Мувофиқи маълумотҳои баъзе олимон миқёси экосайёҳӣ 40-60%-ро аз сайёҳии байналхалқӣ ташкил менамояд. Мувофиқи маълумотҳои СБС дар ҷаҳон аз 157 то 236 миллион экосайёҳии байналхалқӣ ба шумор гирифта шудаанд, ки онҳо аз 93 то 233 миллиард доллари ИМА ба буҷаи давлатҳои гуногун фоида ворид намудаанд. Танҳо шумораи экосайёҳоне, ки ба мушоҳида намудани парандагон алоқаманд будаанд, дар маҷмуъ 78 миллион одамро ташкил дод, аммо даромаднокии вай бошад 78 милиард доллари ИМА-ро ташкил медиҳад [11].

Афзалияти дигари сайёҳии экологӣ дар он мебошад, ки баҳри рушди пурсамари худ, вай сармоягузориҳои бузургу калонро талаб намекунад, зеро ки дар ин ҷода барои сайёҳон шароитҳои мусоиди махсус баҳри пешбурди зиндагиашон, рафтуомад намудан ба иншоотҳои намоишӣ талаб карда намешаванд, балки барои онҳо танҳо мавҷуд будани шароитҳои экологии зисту зиндагонӣ (хоначаҳои хурди экосайёҳӣ, хонаҳои истиқоматии хос ба мардуми худи ҳамон маконҳо) талаб карда мешаванд, ба сифати нақлиёт асосан аспҳо ва аробаҳои болопӯш истифода бурда мешаванд (асп, хар, уштурҳо ва ғайраҳо), аммо иншооти барои намоишдиҳӣ-табиии муқимӣ ба ҳама накҳату гуногунрангиҳояш истифода бурда мешавад. Бисёр дараҳои баландкӯҳ, то ҳол аз ҷониби инсонҳо дар ҳолати мавриди истифода қарор нагирифтаанд. Маҳз чунин маконҳои нигоҳдории саломатиро баҳри гузаронидани вақт дар давраи тобистон ба назар гирифт. Масалан, Қирғизистон турфирмҳо ба таври махсус бо номи «ҷайлоо тур» махсусгардонӣ шудаанд. Дар давраи тобистон онҳо тавассути аспҳо сайёҳони хориҷиро ба «ҷайлоо» мебурданд, то ин ки онҳо тавонанд ҳаёти тез пас саршавандаро ҳис намоянд ва ба ҳамин тариқ онҳо соҳиби даромади хуби иқтисодӣ гарданд [11].

Одатан экосайёҳӣ дар ҳудудҳои маконҳо ва марзу бумҳои табиии ҳифзшавандаи махсус (ҲММТ) ташкил карда шаванд, ки онҳо моликияти давлатӣ ва дастовардҳои умумии тамоми мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд. Дар ҲММТ комплексҳо ва иншоотҳои табиӣ мавҷуд мебошанд, ки онҳо дорои арзишҳои экологӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва нигоҳдории саломатианд ва аҳамияти калони умумиилмӣ доранд.

То кунун ҲММТ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборат мебошад: чор мамнунгоҳи табиии давлатӣ, як Боғи Миллӣ, як боғи табиӣ, як боғи таърихӣ-табиӣ, се минтақаи табиӣ-фароғатӣ, бештар аз 20 минтақаҳои табобатию шифоёбӣ, зиёда аз 13 парваришгоҳҳо ва мамнунгоҳҳои табиӣ ва бештар аз 62 ёдгориҳои табиӣ ва ғайраҳо. Майдони умумии ҲММТ 3,1 миллион гектарро ташкил медиҳад, ки он танҳо 2,6 миллион гектар ба макони Боғи Миллии Тоҷикистон рост меояд (84%). Майдони ҳамаи ҲММТ ҳамагӣ 22%-ро дар ҷумҳурӣ ташкил медиҳад [1].

Қайд менамоем, ки ташкил намудани экосайёҳӣ сармоягузориҳои калону бузургро талаб намекунад, дар ин ҷоюу маконҳо бештар ба сайёҳон танҳо табиати муқимӣ ва гуногунранг мақбул мегардад, агарчи дар онҳо шароитҳои хуби муфиднок низ муҳайё нагашта бошад. Таҷрибаи на он қадар калони операторҳои сайёҳии алоҳида ва

ҷомеаҳои маҳаллӣ доир ба рушд дар Ҷумҳурии Қирғизистон нишон медиҳанд, ки юртаҳои анъанавӣ, хонаҳои помирӣ бо меъморисозиҳои маҳаллию таҳҷойӣ метавонанд ҳамчун воситаҳои беҳамто ва беназир баҳри ҷойгир кунонидани сайёҳонӣ аз рӯи самти экологӣ муайянгардида хизматрасонӣ намоянд.

Самти дигари афзалиятнок барои минтақаҳои кӯҳии ҶТ чунин мебошад:

2. Сайёҳии табобатӣ-тандурустӣ ё ин ки санаторӣ-курортӣ ин шакли фаъолият сайёҳат намудани сайёҳонро дар муассисаҳои санатории бунёдкардашудаи дар базаи сарчашмаҳои обҳои гарми зеризаминӣ (бо мақсадҳои табобатӣ-тандурустӣ), ҳамчунин, пешгирӣ намудани бемориҳои гуногуни организм, дида мебарояд. Дар ин ҷода табиати минтақаҳои кӯҳии ҶТ аз ҳамон вақтҳо дар маркази диққати сайёҳони маҳаллӣ ва хориҷӣ ҷойгир шуда буд. Минтақаҳои кӯҳии ҶТ аз давраҳои хело ҳам қадим тавассути сарчашмаҳои обҳои гарми зеризаминии худ машҳур гардиданд, ки онҳо бо хусусиятҳои хуб ва баланди табобатӣ-пешгирикунонӣ тавсиф карда мешаванд ва сайёҳони мамлакатҳои гуногунро ҷалб месозанд. Дар ин марзу бум муассисаҳои санаторӣ-курортӣ дар ҷаҳон машҳур буда, амал мекунанд ба монанди: «Гармчашма» (барои табобат намудани псориаз, экзема, бемориҳои асабиятӣ, радикулит), Авҷ (барои табобат намудани артрит, полиартрит, бемориҳои гипертоникии дараҷаи 1-ум гастрит, гастроэнтерит), Ҷелонда (барои табобат намудани артрит, полиартрит, тарбод, радикулит) ва бисёр дигарон.

То кунун дар марзу буми ВМКБ зиёда аз 70 баромадгоҳҳои обҳои минералии гарм ва хунук маълум мебошанд, ки онҳо аз рӯи дараҷанокии минералӣ, ҳароратнокӣ, таркиби химиявию газнокӣ, нигоҳдории элементҳои фаъоли гармобашиносӣ тамоман гуногунранг мебошанд.

Ҳангоми гурӯҳкунонии сарчашмаҳои обҳои гарми зеризаминӣ, обҳои минералии минтақаҳои кӯҳии ҶТ аз рӯи таркиби физикӣ-химиявӣ ба гурӯҳҳои ангидридӣ-карбонӣ, сулфидӣ, силитсийдор, азотию метанӣ, аз рӯи ҳарорат аз хунук то ба бисёр хело ҳам гарм тақсим карда шудаанд [5; 1; 8; 6].

Чи тавре ки муайян шуда буд, дар миёни сарчашмаҳои обҳои гарми зеризаминии минтақа бештар паҳнгардида ва машҳур ин обҳои ангидридӣ ва ё худ карбонӣ буданд. Ин гурӯҳи сарчашмаҳои минералӣ аз рӯи таркиби физико-химиявӣ ба се шакл тақсим карда мешаванд: обҳои минералии нарзан, оби ессентук ва оби баржом (оби шифобахши минералӣ). Сарчашмаҳои ду гурӯҳ ё шакли якум (обҳои нарзанҳо ва ессентукҳо) асосан дар марзу бумҳои Помири Шарқӣ, Марказӣ ва Ҷанубу-Ғарбӣ вомехӯранд. Аммо обҳои баржомӣ дар қисмати Ҷанубу-Шарқии Помир вомехӯранд.

Дар тайи солҳои охир таҳти роҳбарии АМИ ҶТ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти таркиби химиявӣ ва хосиятҳои фармакологии сарчашмаҳои обҳои минералии ҶТ гузаронида мешаванд. Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, то кунун таркиби химиявии наздики 15 сарчашмаҳои обҳои минералӣ Помир наомӯхта боқӣ мемонад [15]. Мусоидаткунонӣ ба идоракунонии ҳамҷоявии захираҳои обӣ ва муколамаҳои тарнсграникӣ дар Осиёи Марказӣ 2009-2012 [10].

Дар тайи солҳои охири мавҷудоти худ, аз ҷониби Ҳукумати ИҶШС нақшаҳои дурнамои рушди муассисаҳои санаторӣ-курорт дар базаи сарчашмаҳои обҳои минералии Помир коркард шуда буд, бинобар ин, пешгӯӣ кардан мумкин аст, ки дар дурнамо ҳангоми фароҳам овардани шароитҳои муфид барои табобаткунонӣ, истироҳаткунонӣ ва сайёҳаткунонӣ ба базаи аз ҳама сарчашмаҳои обҳои минералии минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон, гурӯҳҳои асосии истироҳаткунандагону фароғаткунандагон равона карда мешаванд.

Рушдёбӣ ва васеъшавии минбаъдаи сайёҳии табобатӣ- тандурустӣ дар базаи обҳои хунук ва гарми зеризаминии минтақаҳои ҶТ, дар шароитҳои муносибатҳои бозоргонӣ баҳри рушдёбии коплекси иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бениҳоят муҳим мебошад, зеро ки вай метавонад омили муҳимми рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ ва яке аз шаклҳои фаъоли тиҷорати бузурги миқёсӣ гардад.

3.Сайёҳӣ дар хатсайрҳои Роҳҳои бузурги абрешим.

Сеюмин шуда аз рӯи афзалиятнокӣ барои минтақаҳои кӯҳии ҶТ сайёҳиро дар хатсайрҳои Роҳҳои бузурги абрешим метавон ба назар гирифт. Ин шакли сайёҳӣ ташкил намудани давраҳои транзитиро бо мақсади шиносоӣ бо нигораҳои фарҳангӣ-таърихӣ, имконпазир мегардад. Роҳҳои дар ин ҷо мавҷуд буда ба минтақаҳои кӯҳии ҶТ ва тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти воридшуданро ба минтақаҳои бештар таваҷҷуҳноки дар давлатҳои Хитой, Япония, Малайзия, Корея ва давлатҳои Аврупо буда, медиҳад.

Воридшавии минтақаҳои кӯҳии ҶТ ва тамоми ҶТ ба шабакаи Роҳи бузуриги абрешим тавассути роҳи автомобилгарди Мурғоб- Қулмакаракум сурат мегирад. Ин роҳе мебошад, аз моҳи майи 2004 ҶТ-ро бо Хитой мепайвандад. Баъди ба истифода дода шудани роҳи автомобилгарди зерин, минтақаҳои кӯҳии ҶТ ба шаклҳои Роҳи бузурги абрешим ворид гаштаанд. Тавассути он имрӯзҳо дар масофаи 700 км хатсайрҳои доимии сайёҳон аз Хитой ва мамлакатҳои Осиёи ҷанубӣ-шарқӣ ба давлатҳои аврупоӣ ва арабӣ ва баръакс кушода шудаанд.

Дурнамои ин шакли сайёҳӣ дар он мебошад, ки дар Тоҷикистони кӯҳӣ чизҳое мавҷуд ҳастанд, ки онҳоро метавон ба сайёҳон пешкаш намуд, алалхусус ба сайёҳони хориҷӣ ва маҳз дар ҳамин хатсайрҳо. Ин табиати кӯҳии бузургу форам, ворисони аз ҷиҳати фарҳангӣ бой, зеботарин ва бузургтарин, таърих, таъриху фарҳанг, анъанаҳо ва урфу одатҳои куҳани тоҷикони кӯҳистонӣ, тарзи ҳаёти кӯчманчигӣ ва бодиянишинии ғайриодии қирғизҳо ва тоҷикони кӯҳӣ, алоқаи зич бо шоҳроҳи қисавии давраи қадима ва мардумони меҳмоннавози кӯҳистон ба шумор меравананд.

Дар доираи сайёҳӣ мувофиқи хатсайрҳои Роҳи бузурги абрешим ба роҳ мондашуда, аз ҳама мақсаднокашон ин рушдёбии чунин шаклҳои сайёҳӣ ба монанди: кӯҳгардӣ рафтинг ва дигар шаклҳои сайёҳии ғайриодӣ-варзишӣ мебошанд, гарчанде ки ташкилкунонии онҳо бо шароитҳои вазнини кӯҳистон алоқаманд мебошанд ва сармоягузориҳои калонро талаб менамоянд.

Минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон дорои иқтидори бой баҳри рушд ёфтани ин шакли сайёҳӣ мебошад. Аммо азхудкунонии иқтисоди мавҷудбуда ва истифодабарии марзу бумҳои минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон аз бисёр омилҳо вобастагӣ доранд:

Якум, аз муносибатҳои байниҳамдигарии устувор бо давлатҳои ҳамсоя ва дуюм аз маблағкуниҳо ва сохтани роҳҳои автомобилгарди мамлакат, ки онҳо амалан бо се шохаҳои қадимаи роҳи Абрешим мувофиқат менамоянд ва дар марзи ҷумҳурӣ ҷойгир шудаанд. Омили охирон, яъне сармоягузорӣ инфрасохтори роҳҳои автомобилгарди мамлакат на танҳо ба рушди сайёҳӣ дар Роҳи бузурги абрешими мамлакат, балки ба дигар самтҳои афзалиятноки сайёҳии кӯҳӣ низ қувват мебахшад. Бинобар ин, дар замони муосир амалисозии маблағикунонӣ баҳри таъмиркунонӣ ва навгоникунонии роҳи автомобилгарди Душанбе-Кӯлоб, Кӯлоб-Шурообод, Шурообод-Роғак, Роғак-Қалъаи Хумб, Қалъаи Хумб-Ванҷ, Ванҷ-Хоруғ, Хоруғ-Мурғоб, Мурғоб-Қулма нишонаҳо ва аломатҳои дурбинонаи роҳбари давлат мебошанд.

Мебоист қайд намуд, ки баҳри босамар истифода бурдани потенсиалҳои мавҷуд буда аз қитъаҳои дар Помир мавҷуд буда, махсусан дар Роҳҳи Бузурги Абрешим инҳо нақши хело ҳам муҳимро мебозанд:

А) Муносибатҳои байниҳамдигарии зич ва устувор бо давлатҳои ҳамсоя б) гузоштани маблағҳо ба сохтмон ва таъмири роҳҳои автомобилгарди Кӯлоб-Дарвоз-Хоруғ-Мурғоб, ки ВМБК-ро бо ноҳияҳои дурдасти ҶТ ва бо Хитой (бо шохаҳои қадимаи Роҳи Бузурги Абрешим) пайваст менамояд.

Мувофиқи пешгӯиҳои Ташкилоти байналхалқии сайёҳӣ (ТБС) ва ЮНЕСКО то соли 2030 Роҳи Бузурги Абрешим ба хатсайри хело ҳам ҷалбкунанда барои сеюмин сайёҳаткунандагони тамоми ҷаҳон, яъне барои 468 миллион сайёҳон мубаддал мегардад [12].

4.Сайёҳии шикорчигӣ. Чорумин шакли афзалиятнок барои минтақаҳои кӯҳии ҶТ, метавонад сайёҳии шикорчигӣ бошад (шикор, доштани моҳӣ, ҷамъоварии мевагиҳо, занбуруғҳо ва шикори ҳайвоноти ваҳшӣ). Моҳияти ин шакли сайёҳӣ дар шикори парондани ҳайвонҳои ваҳшӣ имконпазир мебошад. Агар дар ин ҷода мутаносибан табиати ваҳшӣ барои минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ баҳогузорӣ карда шавад, мебояд

иброз намуд, ки захираҳо барои ташкил намудан ва рушд додани ин шакли сайёҳӣ дар минтақа ба таври кифоя бой мебошанд. Ин шакли сайёҳӣ имрӯза аз як тараф, яке аз шаклҳои сайёҳии даромаднок ба шумор меравад, аз тарафи дигар, яке аз шаклҳои қиматтарини сайёҳӣ мебошад, яъне бо сабабҳои хело ҳам нархи баланд доштани яроқҳои шикорчигӣ, ташкил намудани гурӯҳҳои сайёҳӣ, нархҳои хело ҳам баланд ба хизматрасониҳои роҳбаладон ва гирифтани иҷозатномаҳо (литсензияҳо) барои шикор кардан. Вобаста ба иншооти шикор метавонад чандин долларҳоро ташкил намоянд (парандаҳои хурди шаклҳои хело ҳам паҳнгардида) то даҳҳо ҳазорҳо доллар (архарҳо, гӯсфандони Марко поло, бузҳои кӯҳӣ, морхӯрҳо, уриалҳо, палангҳо, гургҳо, хирсҳо ва хукҳо).

Ҳамчунин, мебоист қайд намуд, ки ба мафҳуми сайёҳии шикорчигӣ боз чунин шаклҳо ба монанди сайругашт дар кӯҳҳо, дараҳои дар байни кӯҳҳо мавҷуд буда, ҷангалҳо ва чарогоҳҳои дар баландкӯҳҳо мавҷудбуда дохил мешаванд, ки мақсади онҳо ин мушоҳида намудани ҳайвонҳои ваҳшӣ, шикорҳои расмгирӣ ва ба наворгирӣ, иҷроиши корҳои ғаниматӣ, шикор кардан бо сагҳо, таксидемия (омода намудани хӯсаи ҳайвонҳо) ва ғайраҳо мебошанд. Барои гузаронидани чунин шаклҳои сайёҳӣ, табиати минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон дорои захираҳо ва имкониятҳои кифоя мебошанд.

Қайд кардан мумкин аст, ки дар сайёҳии шикорчигӣ иқтидори зиёди сӯистифодабариҳои имконпазир ҷойгир мебошад (коррупсия, қаллобӣ, баландбардории квотаҳои парондани ҳайвонҳо, идоракунонии бад, кам кардани шумораи ҳайвонҳои ваҳшӣ, кам кардани гуногунрангии табиат ва ғайраҳо). Мисолҳои манфии чунин шакли фаъолиятро дар дилхоҳ мамлакат ёфтан мумкин аст ва ҳамчунин, дар марзу буми Тоҷикистон низ.

Ҳамчунин, зз тарафи дигар, боз бисёр мисолҳои мусбие вуҷуд доранд, ки ҳолатҳои баръаксро ифода мекунанд: Сайёҳии шикорчигӣ метавонад ба ҳайвонҳои ваҳшӣ, макони зиндагии онҳо, ҳамчунин, ба аҳолии таҳҷойи таъсири мусбӣ расонад, ки онҳо бо ҳайвонҳои ваҳшӣ зиндагӣ мекунанд ва онҳоро идора менамоянд. Бинобар ин, сайёҳии шикорчигӣ ба таври васеъ ҳамчун қисми ҷудонопазир рушди марзу буми деҳот этироф карда мешавад. Аммо ҳар қадами гузошташуда доир ба рушди шикор ва сайёҳии шикорчигӣ бояд дуруст ва аз ҷиҳати экологӣ фоиданок ба роҳ монда шавад, чунки сайёҳии шикорчигӣ нақши худро ҳамчун олоти идоракунонии мавқеӣ ва ҳамчун қувватдиҳандаи бузург иҷро намояд. Сайёҳии шикорчигӣ метавонад баҳри амаликунонии чорабиниҳои ҳифзитабиатӣ ва ҳамзамон, баҳри беҳтар намудани паҳлуҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳаёти аҳолии таҳҷойӣ фоида ва даромад биёрад, ки вай аз замин, ҳайвонҳои ваҳшии дар вай зиндагӣ мекардагӣ истифода мебарад ва бевосита хароҷотҳои муайян мекунад.

Қайд кардан зарур мебошад, ки муҳокимаронӣ ва паҳнгардонии қоидаҳои беҳтарини шикорӣ фароғаткунонӣ ва сайёҳии шикорчигӣ уҳдадории муҳим ва ҷиддии шикорчиён мебошад. Дар раванди амалисозии фаъолияти худ, шикорчиён бояд муттаҳидӣ ва аҳли ҷамоатчигиро нишон диҳанд, барои он ки ба оқибатҳои шикор ҷавобгӯ мебошанд ва масъулиятро баҳри ҳифз намудани захираҳои ҳайвонҳои ваҳшӣ, ки аз онҳо истифода мебаранд, бар души худ мегиранд. Дар замони муосир ҳамаи фаъолияти алоқамандбудаи бо шикор аз ҷониби Шурои Байналхалқӣ доир ба шикор ва ҳифзи олами ҳайвонот (CIC) назорат карда мешаванд. Имрӯзҳо ин Шуро дар 83 мамлакатҳо ҳамчун ташкилот-машваратчии байналхалқии новобаста аз сиёсат амал менамояд. Аъзоёни Шурои Байналхалқӣ доир ба шикор ва ҳифзи олами ҳайвонот ҳукуматҳои 32 давлати дунё ба шумор меравaнд, ки инҳо иттиҳодияҳои шикорчигӣ ва ҳифзитабиатӣ, университетҳо (донишгоҳҳо), санҷишгарон (Экспертҳо) дар соҳаҳои гуногуни илм ва шахсони алоҳида мебошанд. Дар замони муосир ташкилоти зерин дар амалисозии чорабиниҳо доир ба табдилдиҳии шикор ба тарзҳои фоиданоки истифодабарии захираҳои табиӣ, доир ба рушди минбаъдаи шикор ва сайёҳии шикорчигии устувор, ҳамчунин, олоти муҳимми ҳифзи муҳити атроф, рушди инсоният ва мубориза ба муқобили камбизоатӣ нақши муҳимро мебозад [14].

Таҳлили проблема нишон медиҳад, ки омилҳои асосии рушди ин шакли сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии ҶТ инҳо мебошанд:

1) Мавҷуд будани шикори шаклҳои ҳайвонотӣ ва манзаравӣ баҳри ташкил намудани шаклҳои гуногуни шикор.

2) Иншоотҳои инфрасохтори махсусгардонидашуда бо воридкунонии шабакаи хоҷагии шикорчигӣ, таъминкунандаи ҷойгиркунонии хуби сайёҳон дар боғҳои аграрӣ ва ғайраҳо.

3) Омилҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки шароитҳои ташкилоти шикорчигиро муайян месозанд: гирифтани иҷозатнома (литсензияҳо), овардани яроқҳо, таҷҳизонидани маконҳои ғанимтӣ ва ғайраҳо.

4) Иттилоотҳои рекламавӣ (фармоишгарӣ).

**5. Кӯҳбароӣ ва кӯҳнавардӣ -** захираи муҳимтарини сайёҳии минтақаҳои кӯҳӣ ин кӯҳбароӣ ё ин ки сайёҳии кӯҳӣ мебошад, ки вай чорабиниҳоро доир ба баромадани қуллаҳои баландтарини дастнорас ва мушкилдастрас ташкил менамояд. Кӯҳбароӣ ва кӯҳнавардӣ яке аз шаклҳои ғайриодии сайёҳӣ ва варзиш мебошанд, ки онҳо хело ҳам ба таври васеъ ва машҳур дар олам истифода бурда мешаванд. Дар ин ҷода қайд кардан зарур аст, ки табиати минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон дорои захираҳои хело ҳам бузург мебошанд. Дар ин ҷо системаи бузургтарини кӯҳии ҷаҳон (Помир-Алай) занҷири кӯҳии бузург вуҷуд доранд: силсилакӯҳҳои Пётри як, силсилакӯҳҳои Ванҷ, Язгулом, Рӯшон, Шуғнон, Вахон, Танимаси шимолӣ, силсилакӯҳҳои Зимбардор, Академияи илмҳо, Сарикал, Зеалайск, Муколск, Аличури шимолӣ ва Аличури ҷанубӣ ва баландиҳои зиёд аз панҷ шаш ва ҳафт ҳазор метр баландбуда, ки онҳо таваҷҷуҳи ҳар як сайёҳро ба худ ҷалб месозанд.

Ба шумораи самтҳои афзалиятноки сайёҳӣ барои минтақаҳои кӯҳии ҶТ, ҳамчунин, ин шаклҳоро низ метавонем мансуб донист: сайёҳии фарҳангӣ-таърихӣ, сайёҳати этнографӣ, айлоқ-сайёҳӣ, сайёҳии оилавӣ, сайёҳии кӯдакона ва ғайраҳо.

Ҳамин тавр, консепсияи рушди устувор ва мавҷуд будани захираҳо ва ҳамчунин хусусиятҳои географӣ ва фарҳангии таҳҷойиро дар минтақаҳои кӯҳии ҶТ ба назар гирифта, мо самтҳои асосии афзалиятноки рушди сайёҳиро нишон додем, ки ба онҳо дар дурнамо зарур аст, ки диққати махсус диҳем.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ёров Ҷ.Н.**

**АДАБИЁТ**


1. Акназаров О.А. Экотуризм на Памире: проблемы и перспективы / О.А. Акназаров, Д. Мельничков. - Душанбе, 2006. -125 с.
2. Атышов К.А. Экотуризм: учеб. пособ / К.А. Атышов, Б.У. Турдумамбетов. -Б., 2004. -320 с.
3. Боголюбов В.С. Менеджмент в туризме и гостиничном хозяйстве: учебник для академического бакалавриата / В.С. Боголюбов. – 2-е изд., испр. и доп. -М.: Изд. Юрайт, 2019. -293 с.
4. Мамадризохонов А.А. Экотуризм дар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон / А.А. Мамадризохонов. - Душанбе, 2013. -594 с.
5. Мамадризохонов А.А. Ташкили фаъолияти сайёҳӣ / А.А. Мамадризохонов. -Душанбе Андалеб, 2016. -401 с.
6. Мамадризохонов А.А. Географияи Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон / А.А. Мамадризохонов, Д. Ғуломнабиев, К. Миршоев. -Хоруғ: Логос плюс, 2020. -302 с.
7. Морозов М.А. Экономика туризма: учебник для СПО / М.А. Морозов, Н.С. Морозова. – 5-е изд., испр. и доп. -М.: Издательство Юрайт, 2019. -291 с.
8. Мухаббатов Х.М. Проблемы природопользования горных регионов Таджикистана / Х.М. Мухаббатов. - Душанбе: Дониш, 2015. -566 с.
9. Пирбудагова С.М. Стратегическое управление туристско-рекреационным комплексом: автореф. канд. дисс. / С.М. Пирбудагова. - Махачкала, 2009. -25 с.
10. Содействие интегрированному управлению водными ресурсами и трансграничному диалогу в Центральной Азии / Пулатов Я., Муртазаев У., Ахмедов А., Фаттоева М. Проект ЕС-ПРООН -2009-2012. [Электронный ресурс]. URL: www.centralasia.iwlearn.org.
11. Турдумамбетов Б.У. Великий Шелковый путь и культурное наследие древних кыргызов как ключевые ресурсы туризма Кыргызстана / Б.У. Турдумамбетов // Известия НАН КР. -Б.: Илим, 2004.
12. Турдумамбетов Б.У. Проблемы и перспективы развития туризма в горных условиях (на примере Кыргызстана: автореф. канд. дис. / Б.У. Турдумамбетов. -Бишкек, 2004. -26 с.
13. Турдумамбетов Б.У. Проблемы и перспективы развития туризма в горных условиях Кыргызстана / Б.У. Турдумамбетов. -Бишкек: ОсОО «Алтын-Тагма», 2005.
14. Храбовченко В.В. Экологический туризм: учеб. метод. пособие / В.В. Храбовченко. -М.: Финансы и статистика, 2004. -208 с.

15. Шомансуров С. Геотермальные воды Памира и вопросы комплексного их использования / С. Шомансуров, О.А. Акназаров. -Душанбе, 1999. -124 с.

## РУШДИ САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ САЙЁҲӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ КӮҲИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола маълумот дар бораи муҳиммиятнокии рушди соҳаи сайёҳии минтақаҳои кӯҳии ҶТ пешниҳод гардидаанд. Нишон дода мешавад, ки барои замони муосир, сайёҳӣ ба шумораи соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва соҳаи дурнамо барои минтақаҳои Тоҷикистон мансуб мебошад. Нишон дода шудааст, ки рушди босамари соҳа аз омилҳои беруна бениҳоят вобастагии зиёд дорад. Таъкид шудааст, ки бо назардошти консепсияи рушди устувор, захираҳои мавҷудбуда, инчунин, хусусиятҳои географӣ ва фарҳангии таҳҷойии минтақаҳои кӯҳии ҶТ ба ин самтҳои асосии афзалиятноки рушди сайёҳӣ бояд диққати махсус дод. Нишон дода мешавад, ки барои баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди ин соҳа дастгирии ҳамаҷонибаи давлат, тавассути ҷудо намудани маблағҳо барои рушд, ба роҳ мондани корҳо доир ба омодакунонии кадрҳои ихтисосманд, ҷойгиркунонии сиёсати маркетингии пурқуввати мақсаднок ва ғайраҳо хело ҳам зарур аст.

**Калидвожаҳо**: сарчашмаҳои обҳои гарми зеризаминӣ, сайёҳӣ, фароғат, захираҳои сайёҳӣ, маркетинг, потенсиали сайёҳӣ, инфрасохтор.

## РАЗВИТИЕ ПРИОРИТЕТНЫХ НАПРАВЛЕНИЙ ТУРИЗМА В ГОРНЫХ РЕГИОНАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье представлены сведения о важности развития туристической отрасли в горных регионах Республики Таджикистана. Указывается, что в настоящее время туризм относятся к числу приоритетных отраслей мировой экономики и перспективной отрасли для горных регионах Таджикистана. Показано, что эффективное развитие отрасли зависит как от внешних факторов, так и от внутренних факторов. С учетом концепции устойчивого развития и наличия ресурсов, а также местных географических и культурных особенностей горных регионов Таджикистана авторы подчеркивают основные приоритетные направления развития туризма, на которые необходимо обратить особое внимание. Отмечается, что для повышения эффективности отрасли имеется острая необходимость всесторонней государственной поддержки, путем выделения инвестиционных фондов в развитие туристической инфраструктуры, применения благоприятных законов для его развития, осуществления работы по подготовке кадров, налаживания целенаправленной агрессивной маркетинговой политики и т.д.

**Ключевые слова:** геотермальные источники, туризм, рекреация, туристические ресурсы, маркетинг, туристический потенциал, инфраструктура.

## DEVELOPMENT OF PRIORITY AREAS OF TOURISM IN THE MOUNTAINOUS REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article presents information about the importance of developing the tourism industry in the mountainous regions of the Republic of Tajikistan. It is indicated that at present tourism is one of the priority sectors of the world economy and a promising industry for the mountainous regions of Tajikistan. It is shown that the effective development of the industry depends on both external factors and internal factors. Taking into account the concept of sustainable development and the availability of resources, as well as the local geographical and cultural characteristics of the mountainous regions of Tajikistan, the authors highlight the main priority areas for the development of tourism, which need to be given special attention. It is noted that in order to improve the efficiency of the industry, there is an urgent need for comprehensive state support, by allocating investment funds in the development of tourism infrastructure, the application of favorable laws for its development, the implementation of work on training personnel, the establishment of a targeted aggressive marketing policy, etc.

**Keywords:** geothermal sources, tourism, recreation, tourism resources, marketing, tourism potential, infrastructure.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Рабиев Муҳаммадзоир Бобоевич*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, унвонҷӯ. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. E-mail: **rabiev4727@bk.ru**. Телефон: **989-02-24-02**

***Мамадризохонов Акбар Алихонович*** – Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи биотехнология ва сайёҳӣ. **Суроға**: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хоруғ, кӯчаи Ленин, 28

***Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович*** **-** Институти иқтисодии АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор. **Суроға**: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ, 44

**Сведения об авторах:** ***Рабиев Мухаммадзоир Бобоевич*** - Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, соискатель. **Адресс**: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С.Сафарова, 16. E-mail: **rabiev4727@bk.ru.** Телефон: **989-02-24-02**

***Мамадризохонов Акбар Алихонович*** – Хорогский государственный университет им. М.Назаршоева, доктор биологических наук, профессор кафедры биотехнологии и туризма. **Адрес**: 736000, Республика Таджикистан, г. Хорог, улица Ленина, 28

***Джонмамадов Шермамад Бекмамадович*** **-** Института экономики НАН Таджикистан, доктор экономических наук, профессор. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Айни 44

**Information about authors:** ***Rabiev Muhammadzoir Boboevich*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, applicant. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S.Safarov street, 16. E-mail: **rabiev4727@bk.ru.** Phone: **989-02-24-02**

***Mamadrizokhonov Akbar Alihonovich*** – Khorog State University. M. Nazarshoeva, Doctor of Biological Sciences, Professor of the Department of Biotechnology and Tourism. **Address**: 736000, Republic of Tajikistan, Khorog, Lenin street, 28

***Jonmamadov Shermamad Bekmamadovich*** - Institute of Economics of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Economics, Professor. **Address**: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini street 44

ТДУ: 338.43(575.3)

# САМТҲОИ АСОСИИ ИСТИФОДАБАРИИ САРФАКОРОНАИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ДАР ТОҶИКИСТОН

*Тагоев Ҷ.Ҳ., Қаландарзода Н.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Гуногунии вазифа ва мушкилоте, ки дар бахши об меистанд, омӯзиши ҷиддию ҳаматарафаи захираҳои об, танзим ва идоракунии онҳоро дар асоси маълумоти аниқ оид ба вазъи истифодабарии об аз тарафи аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодиёт, бо об таъминкунии маҷмуаҳои табиӣ, ҳолати сифати захираҳои оби рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ талаб мекунад. Ҳоло дар аксар ҳавзаҳои дарёи Тоҷикистон, мушкилоти зиёди хоҷагии об ба назар мерасанд, ки баъди муддате метавонанд омили боздошти рушди иҷтимоию иқтисодии баъзе минтақаҳо гарданд. Аз ин рӯ, зарурати қабули чорабиниҳои саривақтӣ бо назардошти хусусияти дарозмуҳлатии таҳия ва иҷрои лоиҳаҳои хоҷагии об ба миён омадааст.

Идоракунии захираҳои об самти афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Он ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарини рушди босуботи мамлакат мавриди назар қарор дода шудааст. Анъанаҳои дар ҷумҳурӣ дар ин соҳа бамиёномада соли 1992 аз тарафи Ассамблеяи генералии СММ низ қобили қабул гардид. Дар баробар ин, бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон шуда, таваҷҷуҳи ҳамаи давлатҳо ба мушкилоти алоқаманд ба об ҷалб карда шуд. Бояд гуфт, ки истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об ва ташкили шароити мусоиди бехатарии санитарӣ барои тарзи зиндагии солим талаботи базавӣ дар фаъолияти таъмини ҳуқуқҳои инсон ба ҳисоб меравад.

Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», 2018-2028 ба ин мақсад аст, ки натиҷаҳои дар рафти Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015 бадастовардаро мустаҳкам ва васеъ гардонда, барои муттаҳидкунии идораи минбаъдаи самараноки захираҳои об равонашуда заминаи мустаҳкам ба вуҷуд оварад ва барои оғози босуръати иҷрои Ҳадафҳои рушди устувор вобаста ба об таъсири пурзӯр расонад [12].

Имкониятҳои таъмини шароити экологӣ ва сиёсати ҳифз, истифодабарии сарфакоронаи ҳавзаи об, сифати оби нӯшокӣ, ташкили захираҳои оби тоза бо механизмҳои дахлдори ҳуқуқӣ ба таври зич алоқаманданд. Асосҳои ҳуқуқии сиёсати мазкур дар минтақаҳои алоҳида дар ҳамаи самтҳо ба роҳ монда шудаанд; дар самтҳои миллӣ (давлатӣ), минтақавӣ (вилоятӣ) ва маҳаллӣ (ноҳиявӣ ва воҳидҳои маъмурӣ - шуроҳои шаҳрӣ, шаҳракҳо ва деҳот) минбаъд ҳам рушд меёбанд.

Дар самти миллӣ низоми қонунгузории обу экологӣ амал мекунад, ки санадҳои қонунгузорӣ ва зерқонуниро дар бар мегирад. Онҳо ҳуқуқҳои экологӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон, механизмҳои иҷро ва ҳимояи онҳоро мустаҳкам мекунанд, муносибатҳо дар соҳаи истифода, барқарорсозӣ ва ҳифзи захираҳои об ва захираҳои дигари табииро ба танзим медароранд, реҷаи ҳудудҳо ва объектҳои ҳифзи махсусро муайян ва талаботи бехатарии экологиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин месозанд. Ғайр аз ин, соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ меъёрҳои экологию ҳуқуқиеро дар бар мегиранд, ки ба ҷорӣ намудани низоми талаботи экологию ҳуқуқӣ оид ба истифодаи захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини бехатарии экологӣ дар раванди соҳаҳои фаъолияти қонунтаҳиякунӣ, иҷроияю фармоишӣ, соҳибкорӣ, илмию техникӣ ва ғайра равона шудаанд.

Ҳалли масъалаҳои зикршуда на танҳо аз идораи дохилидавлатии захираҳои об вобаста аст, балки ба ҳамкориҳои байнидавлатӣ бо мамлакатҳои ҳамсоя дар соҳаи истифодабарии якҷоя ва ҳифзи обҳои фаросарҳадӣ низ дахл дорад.

Омили асосие, ки ба ҳалли масъалаҳои мазкур халал мерасонад, бешак, омӯзиши нокифояи таъсири тағйири шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва иқлимӣ ба маҷмуи хоҷагии об, махсусан дар даҳсолаҳои охир буда метавонад.

Ҳангоми таҳия ва иҷрои барномаҳои дарозмуҳлат дар соҳаи идоракунии сарфакорона ва ҳифзи объектҳои об банақшагирӣ ва иҷрои чорабиниҳои сармояталаби хоҷагии об, мавҷудияти арзёбии илман асосноки тағйирёбии воқеӣ ва дар оянда имконпазири миқдор ва сифати захираҳои об, реҷаи дарёҳо таҳти таъсири омилҳои табиӣ ва анропогеннӣ зарур аст. Аз ин рӯ, пешгӯиҳои илмӣ барои рушди соҳаи мазкури иқтисодиёт аҳамияти калон доранд.

Дар давраи имрӯзаи рушд идоракунии захираҳои обро дар Тоҷикистон ба сатҳи нав, нисбатан баланд бо истифодабарии принсипҳои идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об баровардан лозим аст, ки таҷрибаи эътирофгардида дар ҷаҳон мебошад. Дар асл принсипи мазкур дар ҷумҳурии мо, амалан истифода намешавад; танҳо ба таври назариявӣ тарғиб карда мешавад.

Ба доираи масъалаҳои баррасишаванда, ҳамчунин, сарбории захираҳои об, маҳдудияти он, рақобат дар байни намудҳои истифодабарии об ва истеъмолгарони обро низ дохил намудан лозим меояд. Ҳамаи омилҳои зикршуда бояд ба низоми ягонаи рушди устувор ворид карда шаванд, то созиши қобили қабули байни талаботи инсон ва табиат ба вуҷуд ояд.

Донишҳои имрӯза оид ба илми идораи об вобаста ба норасоии афзояндаи оби нӯшокӣ барои ҷаҳониён хеле саривақтӣ мебошад. Норасоии оби нӯшокиро афзоиши аҳолии рӯйи замин, тағйирёбии умумиҷаҳонии иқлим, коҳиши ҳамарӯзаи сифати захираҳои об, афзоиши сарбории антропогенӣ, ки натиҷаи рушди соҳаҳои обистеъмолкунандаи иқтисодиётанд, ҳамчунин, омилҳои дигари объективӣ ва субъективӣ сабабгор мебошанд.

Ҳадафи асосии стратегии идоракунии захираҳои об дастрасӣ ва нигоҳдории сатҳи аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ бехатари истифодабарии об мебошад. Дастрасӣ ба ягонагии диалектикии аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ бехатари истифодабарии об ҳамчун истифодабарии устувори об муайян карда мешавад, ки ба ҷиҳатҳои зерин вобаста аст:

-ҳамоҳангии таъмини талаботи рушди иқтисодӣ ва низоми такрористеҳсолкунии захираҳои об;

- ҳамоҳангии иҷрои ҳуқуқҳои насли имрӯза ва баъдина барои истифодабарии неруи аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ бехатари захираҳои об [9,с.3-10].

Барои расидан ба ҲРУ дар шароити имкониятҳои маҳдуди иқтисодӣ, ҳам корхонаҳои истифодабарандаи об ва ҳам давлатро ҳангоми муайянсозии самтҳои асосии рушди хоҷагии об ва гузариши он ба муносибатҳои бозорӣ зарур аст, ки аз рӯйи қоидаи қарорҳои қабулшавандаи «эргономилитсионӣ» (ба дараҷаи камтарин расондани хароҷот дар кори истифодабарии об ва интихоби қарорҳои аз ҷиҳати экологӣ босамар, ки дар як вақт самараи мусбати иқтисодӣ доранд) амал кунанд.

Доираи иҷрои вазифаҳои дахлдори ҳифзи об бо чорабиниҳои нисбатан муҳим ва аз ҷиҳати ҷамъиятӣ аҳамиятнок, ҳамчунин, чорабиниҳои аз тарафи давлат дар доираи барномаҳои давлатӣ ва минтақавӣ иҷрошаванда оид ба ҳифз ва барқароркунии захираҳои об ва аз ҷониби истифодабарандагони об аз ҳисоби даромади шахсӣ дар доираи иҷрои фаъолияти хоҷагӣ тибқи қонунгузориҳои амалкунанда иҷрошаванда бояд маҳдуд карда шаванд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки низоми амалкунандаи идоракунии захираҳои обӣ ва обистифодабарӣ дар минтақаҳо, ки пойгоҳи асосиашон механизми иқтисодӣ мебошад, дорои норасоиҳои асосии зерин мебошанд:

- набудани алоқамандии байни блокҳои захиравӣ, вақте ки арзёбии арзиши захираҳои об, нормативҳои пардохт дар асоси равишҳои тамоман гуногуни қоидавӣ муайян карда мешаванд;

- набудани механизмҳои мутобиқшавии низоми идоракунии захираҳои об ба муносибатҳои бозорӣ, ки ин арзиши пасти меъёрии захираҳои обро ба вуҷуд овардааст; ин дар навбати худ барои ба таври пурра ҷорӣ намудани фишангҳои иқтисодӣ дар фаъолияти истифодабарии об имконият фароҳам намеорад;

- набудани механизмҳои муайянкунии афзалиятнокии вазифаҳои ҳалшаванда дар истифодаи об, ҳифз ва барқароркунии захираҳои об, равиши маҷмуӣ барои ҳалли онҳо;

-зарурати ҳатмии «экологикунонӣ»-и саривақтии низоми андоз;

- хусусияти ғайрииқтисодии механизми бамеъёрдарории истифодаи об ва тақсими лимит барои истифодаи захираҳои об ва ғ.

Сабаби асосии норасоиҳои зикршуда дар набудани принсипҳои илман асосноки рушди минтақавӣ бо назардошти омили экологӣ (аз он ҷумла омили об) мебошад.

Мушкилоти соҳаи об зарурати ташкили механизми ягонаи идоракунии истифодабарии об дар минтақаро ба миён овардааст. Хусусиятҳои асосии механизми мазкур, ба назари мо, бояд аз инҳо иборат бошанд:

- ҳадафнокӣ барои истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об, барқароркунӣ ва ҳифзи онҳо;

- муназзамӣ ва комплексӣ будани чорабиниҳои ба истифодабарии захираҳои обӣ нигаронидашуда;

- таъмини иқтисодиёт ва аҳолӣ бо захираҳои об ва захираҳои дигар ва ҳамоҳангсозии блокҳои захиравии механизми иқтисодӣ дар байни худ ва сатҳҳои иерархӣ (давлатӣ, минтақавӣ, зерминтақавӣ);

- саривақтӣ будани қарорҳои идоракунӣ дар истифодабарии об аз ҳисоби алоқаи самараноки баръакс [2,с.120-127].

Бояд гуфт, ки равиши муҳимтарин ҳангоми такмили механизми идоракунии давлатӣ дар соҳаи истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об ва дастрасии марҳилавии ҳадафҳои стратегии истифодабарии об, ҳамчунин, нишондиҳандаҳои дарозмуҳлати ҳолати объектҳои алоҳидаи об бояд ба равиши барномавию мақсаднок ва банақшагирии индикативии рушди хоҷагии обӣ ҷумҳурӣ табдил ёбад.

Самтҳои асосии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об дар расми 1 оварда шудаанд.

**Расми 1. Самтҳои асосии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об дар доираи равиши барномавию мақсаднок**

**Figure 1. The main areas of economical use of water resources within the framework of the programmatic and purposeful approach**




Бояд гуфт, ки ҳалли пурраи мушкилот дар соҳаи истифодабарии об, ҳифз ва барқароркунии захираҳои об дар шароити имрӯза имконнопазир аст. Аммо як қатор

самтҳоро метавон муайян кард, ки метавонанд зиддиятҳои бамиёномадаро аз байн баранд.

Новобаста аз шаклҳои моликияти субъектҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ пешниҳод мегардад, ки се самти мазкури асосии барномаҳо рушд дода шаванд:

- қисматҳои алоҳида (обӣ)-и барномаҳои маҷмуии рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ (минтақа). Мутобиқкунандагон ва супоришдиҳандагони барномаҳо бояд мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии иҷроия бошанд;

- барномаҳои умумидавлатӣ ё барномаҳои масъалавию ҳамоҳангшуда. Мутобиқкунандагон ва супоришдиҳандагони ин барномаҳо вазоратҳо ва идораҳои марказӣ мебошанд;

- барномаҳои байниминтақавии маҷмуии аз рӯйи принсипи ҳавзавӣ тартибдодашуда. Мутобиқкунандагон ва супоришдиҳандагони барномаҳои мазкур, мақомоти ҳавзавӣ (бассейнӣ)-и идора, ки дар асоси шартномаи ҳавзавӣ ташкил шудаанд, бояд бошанд.

Бояд қайд кард, ки ҳоло як қатор барномаҳо оид ба истифодабарии об, ҳифз ва барқароркунии захираҳои об таҳия ва барои иҷро қабул карда шудаанд. Аммо норасоии асосии татбиқи равиши барномавию мақсадноки идоракунии давлатии захираҳои об, набудани мувофиқат дар муҳлат ва захираҳои барномаҳои гуногунсатҳ мебошад. Ба андешаи мо, барои баланд бардоштани самаранокии барномаҳои минтақавӣ дар соҳаи истифодабарии самараноки об, таҳияи қоидаи ягонаи сиёсати давлатӣ дар бобати барқароркунӣ, ҳифз ва истифодабарии самараноки захираҳои об, ҳамчунин, механизми маблағгузории онҳо ҳам аз фондҳои махсуси ташкилшуда ва ҳам аз буҷетҳои сатҳҳои гуногун мувофиқи мақсад аст.

Принсипи муҳимми такмили идораи давлатии захираҳои об дар марҳалаи ҳозира, бояд қоидаи ғайримарказонии таъсироти бевоситаи идоракунӣ, гузаронидани он ба сатҳи минтақавӣ ва ба сифати объекти идоракунанда мавриди назар қарор додани ҳавзаи обҷамъкунӣ ҳамчун воҳиди асосии ҳудудии идоракунии давлатии захираҳои об дониста шавад [6,с.29-45].

Банақшагирии фаъолияти хоҷагии об бояд барои ҳавза (бассейн) дар умум, бо назардошти оқибати ҳамаи маҷмуи чорабиниҳои дар он гузарондашаванда, амалӣ кунонида шавад. Дар ин маврид предмети идоракунии давлатӣ бояд хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории ҳолати объектҳои об бошад. Бо мақсади раҳоӣ аз такрор ва зиддиятҳои байни маркази ҷумҳуриявӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии иҷроия низоми идоракунии давлатии захираҳои об, бояд дар асоси қоидаи роҳбарии якҷоя ба роҳ монда шавад.

Самти асосии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об, ҷалби захираҳои ғайрианъанавии об бояд гардад. Ба ин низом истифодаи такрории об (ресиркулятсия), истифодабарии обҳои пасоб барои обтаъминкунии саноатӣ, истифодабарии оби шахтаҳо ва конҳои дохил мешаванд. Дар ин ҳолат меъёри асосӣ бояд мувофиқи мақсад будани истифодабарии иқтисодии захираҳои ғайрианъанавии об бо назардошти талаботи пешниҳодшуда ба сифати он дар асоси мутобиқат ба хусусияти истеҳсолот бошад.

Муҳим он аст, ки истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об, ошкорсозии имкониятҳои хоҷагии об ва технологияҳо, сарфаи об мебошанд. Дар ин ҳолат камкунии истеъмоли об аз ҳисоби ихтисори талафоти ғайрианъанавии об дар назар дошта мешавад. Бояд илова кард, ки талафи об ҳамчун фарқ дар байни миқдори оби гирифта аз сарчашма ва андозаи ҷамъшудаи истеъмолоти сарфакорона ба он муайян карда мешавад. Барои бадасторӣ, омодакунӣ ва расонидани об маблағ сарф мешавад, аз ин рӯ, талафи об, талафи маҳсулоти тайёри молӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлил нишон дод, ки талафи об, аз як тараф, бо сабабҳои техникӣ, аз тарафи дигар бошад, ба анъанаҳо ва тарзи зиндагии аҳолӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, ҳалли мушкилоти мазкур дар такмили схема ва технологияҳои истифодабарии об пешбинӣ мешавад. Тарзи беҳтарини схемаи истифодаи об дар корхонаҳои саноатӣ, бояд схемаи бепартови даврзанандаи об бошад. Дар схемаи мазкур оби дар як давра аз сарчашма

гирифташуда аз нав ба сарчашмаи об бармегардад, ки дар натиҷа ифлосшавии онро аз байн мебарад.

Ба ғайр аз такмили схемаҳои технологии истифодабарии об барои шабакаҳои саноатии мамлакат, низомҳои гурӯҳии обтаъминкунии гардонро ташкил додан мувофиқи мақсад аст. Барои ин як қатор шароитҳо имконият фароҳам оварда метавонанд:

- парокандагии зиёди корхонаҳои саноатии соҳаҳои гуногун вобаста ба маҷрои дарё, ки барои сохтмони шабакаҳои умумӣ хароҷот металабад; бояд тул ва теъдоди онҳо кам карда шаванд;

- мавҷудияти истифодабарандагони об, ки пасобҳои сифаташон гуногунро ба вуҷуд меоранд, ки ин барои якҷоя аз байн бурдани пасобҳои як корхона барои безараргардонии пасоби корхонаи дигар имконият фароҳам меорад;

- наздикии сарчашмаҳои ташаккули пасобҳои саноатӣ ва маишӣ, ки ин имконият медиҳад пасобҳои тозакардаи маишӣ барои азнавкоркунии низомҳои гардони саноатӣ истифода бурда шаванд;

- мавҷудияти истифодабарандагони об бо сатҳҳои гуногуни талабот ба сифати об, ки имкониятҳоро барои истифодаи паиҳамӣ (каскадӣ) ва такрории об фароҳам меорад.

Самти муҳимтарини истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об дар минтақа, идоракунии захираҳои об ва обистифодабарӣ дар асоси механизми иқтисодӣ мебошад. Механизми иқтисодӣ бунёди низоми самараноки пардохтҳо барои истифодабарии об, иҷрои андозбандии рентавӣ ва ташкили шароити худмаблағгузории рушд ва фаъолияти корхона ва муассисаҳои хоҷагии оби мамлакатро дар сохтори барномаҳои маҷмуии минтақавӣ ва ҷумҳуриявии истифодабарии захираҳои об пешбинӣ менамояд.

Таҳвили муносибати байни соҳибмулки (давлат) объектҳои об (об ҳамчун захираи табиат), ташкилотҳои махсусонидаи хоҷагии об (ки ҷамъоварии об, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақли он, омодакунӣ ва ғайраро анҷом медиҳанд) ва истеъмолгарони ниҳоии об ба доираи муносибатҳои иқтисодӣ (бозорӣ) асоси объективии пардохт барои истифодаи обро ба вуҷуд меорад.

Самараи бадастовардаи истифодабарандагони об аз истифодабарии захираи объекти об даромади рентавии соҳибмулк мебошад, ки дар асоси ҳуқуқаш бояд дар шакли пардохти рентавӣ (андоз) барои ҳуқуқи истифодабарии объекти обрасон ба ӯ баргардонида шавад. Дар навбати худ, ташкилотҳои махсусгардонидашудаи хоҷагии об онро ҳамчун маҳсулот (мол) ба истеъмолгари ниҳоӣ (истифодабаранда) бо арзиши дар хароҷоти он (бо назардошти даромад) инъикосёфта ва рента ҳамчун арзиши об дар сарчашмаи об ба фурӯш мебароранд. Дар ин маврид, бояд қайд намуд, ки ҳангоми ташаккули пардохтҳо зарур аст занҷираи ягона, ба ҳам алоқаманди алоқаҳои хоҷагии об, ҳамаи иштирокчиёни раванди истифодабарии об аз соҳибмулки объекти об то истеъмолгари ниҳоии об мавриди назар дошта шаванд. Самтҳои такмили механизми иқтисодии истифодаи об ҳамчун асоси истифодаи сарфакоронаи захираҳои об дар зер мавриди назар қарор дода мешаванд.

Самти муҳимми такмили танзими давлатии муносибатҳои обёрикунонии заминҳо дар заминдорӣ, дар соҳаи кишоварзӣ, ин мусоидат ба инноватсияҳо мебошад. Дар чанд даҳсолаи охир ҳолати обёрикунонӣ ва мелиоратсияи заминҳо ташвишовар гардида истодааст. Омилҳо ва сабабҳои арзи вуҷуди чунин вазъи начандон хуби мелиоративӣ ин аз меъёр зиёд обгирии иншоотҳои гидротехникӣ аз дарёҳо мебошанд, ки айни замон 16,5 млрд. $м^3$ ташкил медиҳад. Аз ҷумла дар кишоварзӣ истифодабарии захираҳои обӣ ба ҳисоби миёна 2-2,5 маротиба аз пардохти хароҷотҳо барои об зиёдтар бақайдгирӣ шудааст. Албатта, чунин вазъият бо зариби пасти истифодаи иншоотҳои гидротехникӣ, банақшагирии ғайрисамаранокии заминҳои кишт, низоми номукаммали истифодабарии захираҳои обӣ ҳангоми обёрии иловагӣ алоқаманд аст. Аз ин рӯ, дар аксари заминҳои кишти тобистона, сатҳи обҳои зеризаминӣ боло рафта, иҷрои чорабиниҳои мелиоратвиро дар давраи нашъунамои зироатҳои кишоварзӣ мушкил ва боиси шуразании дубораи заминҳои шудгори обӣ мегардад [15,с.22-30].

Самти дигари муҳимми мушкилии истифодаи захираҳои обӣ дар кишоварзӣ, дар он аст, ки обҳо аз сарчашмаҳо нобаробар ҷорӣ мешаванд. Дар фасли гармо дар қисмати

зиёди ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳангоми обёрикунии бошиддат норасоии обҳо барои обёрикунӣ ба вуҷуд меояд ва дар тирамоҳ ҳолати баръакс мушоҳида мешавад. Бад шудани ҳолати табиии захираҳои замин ба пастшавии ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ оварда расонидааст. Ба фикри мо, яке аз роҳҳои ҳалли ин мушкилот баҳои иқтисодӣ додан ба захираҳои замини ҷумҳурӣ бо назардошти истифода ва талаботи мелиоративӣ, вобаста аз минтақаҳои ҷумҳурӣ мебошад. Яке аз ин роҳҳо обёрикунии қатрагӣ мебошад, ки ба вазъи беҳдошти заминҳои шудгори обӣ мусоидаткунанда аст. Ҳаҷми асосии маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминҳои обёришванда истеҳсол карда мешаванд. Бинобар ин, истифодаи усулҳо ва низомҳои самараноктари обёрӣ шарти зарурии пешбурди истеҳсолоти босубот дар ин соҳа ба ҳисоб меравад.

Низомҳои гуногуни обёрии заминҳои кишоварзӣ, аз ҷумла обёрии қатрагиро ба таври муштарак бо низоми ҷамъоварии оби борон дар участкаҳои наздиҳавлигӣ ва боғҳо истифода бурдан мумкин аст. Низомҳои номбурдаи обёрии қатрагӣ, дар муқоиса бо обёрӣ аз тариқи ҷӯйҳои саркушода, аз нигоҳи истифодаи обистифодабарӣ 1,5 то 2 маротиба самаранок баҳогузорӣ шудаанд. Чунин низоми обёриро барои баланд бардоштани ҳосилхезии заминҳо ва ҳам барои сарфаи хароҷот барои об истифода намудан мумкин аст. Ҳамчунин, дар баробари сарфаи об, обёрии қатрагӣ назар ба обёрии муқаррарӣ дар мавриди самаранокии истифодаи поруҳо ба сифати моводи ғизоӣ нисбатан самаранок арзёбӣ гардиданд. Зеро дар ин ҳолат поруҳоро бевосита бо об ҳамроҳ намудан мумкин аст. Дар маҷмуъ, обёрии қатрагӣ заминҳоро аз эрозияи обӣ нигоҳ дошта, алафҳои бегонаро дар киштзор кам намуда, харҷи меҳнатро барои тоза кардани ҷӯйҳои заҳбурҳо кам мегардонад.

Дар шароити имрӯза, обёрии қатрагиро ҷумҳурии мо, бояд дар участкаҳо ва боғчаҳои назди ҳавлигӣ истифода бурдан мумкин аст. Барои захира намудани об, аз ҳавзҳои сохташуда, систернаҳо ё бочкаеро, ки дар баландӣ ҷойгир карда шуда ва ба он нассос насб гардидааст, истифода намудан мумкин аст, зеро дар чунин ҳолат дар низоми лӯлаҳо фишори зарурӣ пайдо мегардад. Коршиносон таъкид бар он доранд, ки қитъаи замини аз 50 $м^2$ то 100 $м^2$ ба як низоми фишорӣ аз 0,1 то 0,2 бар эҳтиёҷ дорад.

Албатта, ба ғайр аз обанбор, боз ин низом ба асбобу анҷоми дигар, ба мисли лӯлаҳои полиэтиленӣ ва асбобҳои қатрадиҳӣ ниёз дорад, аммо дар ҳолати зарурӣ баъзе аз онҳоро ба асбобу анҷоми ватанӣ иваз намудан мумкин аст. Як системаи обёрии қатрагӣ метавонад 90% поруи ҳамроҳ кардашударо сарфа намояд [1,с.113-116].

Ин усули обёрикунонӣ барои заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии худро дорад. Ҷанбаҳои мусбии ин намуди обёриро чунин тавсиф намудан мумкин мебошад: технологияи обсарфакунанда (нархи об, андозҳо), имконияти сарфасозии поруҳо, афзоиш додани маҳсулот, беҳтар намудани обтаъминӣ зироатҳо, ҳимоя намудан аз эрозияи хок, ба кам кардани хароҷоти истифодабарии меҳнати зинда барои кандан ва нигаҳдории ҷуйю заҳбурҳо ва мубориза бо алафҳои бегона ва ғ. Ҷанбаҳои манфии ин намуди обёрӣ барои кишоварзии ҷумҳурии мо, асосан хароҷоти молию пулии он мебошад, ки хоҷагиҳоии кишоварзӣ имкони бардошти онро надоранд. Яъне, дар давраи аввал, ин технологияи обёрӣ маблағталаб мебошад, аммо дар натиҷаи дуруст истифода намудан, метавонад худро харид намуда, ба натиҷаҳои мусбии дар боло зикршуда мусоидат намояд.

Ба андешаи мо, барои таъмини истифодабарии ҳамоҳанг ва ҳифзи об чунин амалҳоро бояд анҷом дод:

- иҷрои таҳияи барномаҳои маҷмуии мониторинги ҳифз ва истифодабарии сарчашмаҳои таъмини оби аҳолӣ ва сифати оби тоза дар нуқтаҳои аҳолинишин, ҷорисозии технологияҳои камоб ва обсарфакунанда, воситаҳои нави ҳозиразамони коркард ва безараргардонии об дар технологияҳои истифодашаванда дар объектҳои таъмини об ва пурзӯркунии дастгирии идоравӣ ба саъю кӯшиши соҳибкорон оид ба ташкили таҷҳизоти ватании обтозакунӣ;

-бо назардошти афзалияти истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об ва оби тоза дар ноҳияҳо механизмҳои бозорӣ ва ҳавасмандкунонии иқтисодии истеъмолгарон муносибати сарфакорона ба захираҳои обро ба роҳ мондан лозим аст;

- арзиши экологии истеъмоли об ва ифлоскунии он бояд барои тамоми қишри ҷомеа фаҳмо бошад. Дар ин масъала фишанги асосӣ гузаронидани корҳои васеи фаҳмондадиҳӣ, ҷалби институтҳои махсуси илмию таҳқиқотӣ ба чунин чорабиниҳо ва монанди инҳо зарур мебошанд;

-харҷи сарфакоронаи воситаҳо ва об барои ҳар узви ҷомеа муҳим ба ҳисоб меравад. Зеро ба ҳадди ниҳоӣ расонидани дастрасӣ ба истифодабарии захираҳои об номумкин аст. Ҷалби захираҳои оби мавҷуда ва захираҳои иловагӣ барои ҷомеа хеле гарон меафтад, чорабинии мазкур метавонад бесамар бошад ва ғ.

Ҳамин тавр, шарти асосии рушди иҷтимоию иқтисодии низоми идоракунии захираҳои об дар минтақаҳои Тоҷикистон, ҷорӣ намудани механизмҳои идоракунӣ барои таъмини кафолатнокии аҳолӣ, объектҳои саноатӣ, корхонаю муассисаҳои кишоварзӣ ва таъминоти коммуналию маишӣ бо миқдори зарурии об ва оби сифаташ муайян мебошад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Исайнов Ҳ.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Дастурамалӣ банақшагии истифодаи замин (БИЗ). Дастурҳо барои каталоги усулҳои истифодаи замин. - С.113-116.
2. Қаландарзода Н.М. Арзёбии вазифаҳои идоракунии обистифодабарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қаландарзода Н.М. // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2023. -№4/1. -С.120-127.
3. Каландарзода Н.М. Некоторые вопросы рационального использования водных ресурсов в Республике Таджикистан / Каландарзода Н.М. // Вестник ТНУ. -Душанбе, 2022. -№3. -С.94-99.
4. Кимсанов У.О. Региональные аспекты обеспечения водно-энергетической безопасности (на материалах стран Центральной Азии): автореф. дисс. на соиск. уч. ст. канд. экон. наук. -Душанбе, 2011. -25 с.
5. Кодиров А.С. Внедрение бассейнового принципа управления водными ресурсами на речных системах для рационального водопользования / А.С. Кодиров // Известия Вузов. – 2015. -№2. -С.27-31.
6. Мухаббатов Х.М. Водные ресурсы Таджикистана и проблемы водопользования в Центральной Азии / Х.М. Мухаббатов // Проблемы постсоветского пространства. - 2016. -№3(9). -С.29-45.
7. Норов Х.Г. Совершенствование механизма управления водопользованием в сельском хозяйстве (на материалах Республики Таджикистан): автореф. дисс. на соиск. уч. ст. канд. экон. наук / Х.Г. Норов. -Душанбе, 2010. -С.7.
8. Одинаев Х.А. Проблемы совершенствования управления трансграничным водопользованием в условиях Центральной Азии / Х.А. Одинаев // Вестник ТНУ. -Душанбе, 2012. -№8(100). -С.3-10.
9. Одинаев Х.А. Развитие механизмов управления водопользованием в сельском хозяйстве / Х.А. Одинаев, Х.Г. Норов // Вестник ТНУ. Серия экономических наук. -Душанбе: Сино, 2010. -№6(60). -С.3-10.
10. Петров Г.Н. Комплексное использование водно-энергетических ресурсов трансграничных рек Центральной Азии. Современное состояние, проблемы и пути их решения / Г.Н. Петров, Х.М. Ахмедова. -Душанбе: Дониш, 2011. -234 с.
11. Пулатов Я.Э. Проблемы мелиорации земель и перспективы интегрированного управления водными ресурсами (ИУВР) в Таджикистане / Я.Э. Пулатов, К. Расулзода // Мат. научно-технической конференции «Проблемы мелиорации и лы Республиканской водных ресурсов Республики Таджикистан» 27 апреля 2010 г. -Душанбе, 2010. -С.20-31.
12. Суханронӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии сатҳи баланд ба муносибати оғози даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”. 22.03.2018.
13. Тагоев, Д.Х. Опыт рынка электроэнергетики Южноамериканского региона и возможности его использования в странах Центральной Азии / Д.Х. Тагоев, Б.Х. Асоев // Производственные технологии будущего: от создания к внедрению: Материалы V Международной научно-практической конференции, Комсомольск-на-Амуре, 06–11 декабря 2021 года / Редколлегия: С.И. Сухоруков (отв. ред.), А.С. Гудим, Н.Н. Любушкина. -Комсомольск-на-Амуре: Комсомольский-на-Амуре государственный университет, 2022. -С.94-97. – EDN AAISMQ.
14. Тағоев, Ҷ.Ҳ. Таҷрибаи рушди маблағгузории хурд дар мамолики хориҷӣ / Ҷ.Ҳ. Тағоев, Т.Т. Файзуллоев, Д.Р. Вазирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№8. –С.118-127. – EDN JAYQRI.
15. Тағоев, Ҷ.Ҳ. Тамоюлоти рушди равандҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, буриши минтақаҳо ва соҳаҳои он / Ҷ.Ҳ. Тағоев, А.М. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№6. –С.22-30. – EDN TICCJK.

## САМТҲОИ АСОСИИ ИСТИФОДАБАРИИ САРФАКОРОНАИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақола самтҳои асосии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об дар Тоҷикистон дида баромада шудааст. Муаллифон қайд мекунанд, ки идоракунии захираҳои об самти афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарини рушди босуботи мамлакат мавриди назар қарор дода шудааст. Ҳамчунин, дар мақола қайд шудааст, ки имкониятҳои таъмини шароити экологӣ ва сиёсати ҳифз, истифодабарии сарфакоронаи ҳавзаи об, сифати оби нӯшокӣ, ташкили захираҳои оби тоза бо механизмҳои дахлдори ҳуқуқӣ ба таври зич алоқаманданд. Асосҳои ҳуқуқии сиёсати мазкур дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он дар ҳамаи самтҳо ба роҳ монда шудаанд, яъне самтҳои сиёсати миллӣ (давлатӣ), минтақавӣ (вилоятӣ) ва маҳаллӣ (ноҳиявӣ ва воҳидҳои маъмурӣ - шуроҳои шаҳрӣ, шаҳракҳо ва деҳот) дар робита бо ҳам ба таври маҷмуӣ рушд меёбанд. Дар мақола муаллифон чунин самтҳои такмили механизми иқтисодии истифодаи обро ҳамчун асоси истифодабарии сарфакоронаи захираҳои обии ҷумҳурӣ мавриди назар қарор додаанд: - такмили механизми идоракунии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои обӣ дар пояи афзалият ва татбиқи бештар васеи унсурҳои иқтисодии таъсиррасонӣ ба обистифодабарандагон; - гузариш аз усулҳои мустақими идоракунии захираҳои об ба идоракунии сатҳи минтақавӣ дар пояи ғайримарказонии идоракунии давлатии онҳо ва эътирофи ҳавзаҳои обҷамъкунӣ ҳамчун ҳудуди идоракунии давлатии захираҳои оби минтақа; -такмили сохтору ҷузъҳои таркибии механизми иқтисодии идоракунии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об тавассути муайянкунии (ё пешниҳоди) усули заминавии ҳисобкунии меъёрҳои пардохтҳо барои таъмини истифодабарии самараноки захираҳои об. Дар хотимаи мақола оид ба самтҳои асосии такмили механизми иқтисодии идоракунии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он бо назардошти сифати об дар асоси ғояи хароҷотӣ ва рентавии баҳодиҳии арзиши захираҳои об ҳангоми ташаккулёбии бозори танзимшавандаи об бо мақсади беҳдошти ҳолат ва сатҳи истифодабарии сарфакоронаи захираҳои оби ҷумҳурӣ пешниҳодҳо таҳия карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** захираҳои обӣ, самтҳои идоракунии захираҳои обӣ, муҷтамаи хоҷагии об, истифодабарандагони об, обистифодабарӣ, рушди устувори истифодаи захираҳои об, пардохтҳои экологӣ, истифодаи сарфакоронаи захираҳои об.

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ЭКОНОМНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье рассматриваются основные направления рационального использования водных ресурсов в Таджикистане. Авторы отмечают, что управление водными ресурсами является приоритетным направлением государственной политики Республики Таджикистан и рассматривается как один из важнейших факторов устойчивого развития страны. Также в статье отмечается, что возможности обеспечения экологических условий и политики защиты, бережного использования воды, качества питьевой воды, организации пресноводных ресурсов тесно связаны с соответствующими правовыми механизмами. Правовые основы данной политики закреплены на уровне республики и ее отдельных регионов во всех направлениях, т.е. направления водопользования в национальной (государственной), региональной (областной) и местной (районной и административной единицы - городские советы, поселки и деревни) развиваются в связи друг с другом в целом. В статье авторы рассматривают такие направления совершенствования экономического механизма водопользования как основу экономного использования водных ресурсов республики: - совершенствование механизма управления рациональным использованием водных ресурсов на основе приоритета и реализации более широкого спектра экономических элементов воздействия на водопользователей; - переход от самостоятельных методов управления водными ресурсами к управлению территориальными ресурсами на основе не центрирования их государственного управления и признания водосборных площадей как границ государственного управления водными ресурсами региона; -совершенствование структурных компонентов и компонентов управления экономическим управлением использования воды (или методов определения земельных ресурсов) и основных критериев оплаты для обеспечения эффективного использования водных ресурсов. В завершении статьи сделаны выводы о ключевых направлениях совершенствования экономического механизма управления рациональным использованием водных ресурсов в республике и ее регионах с учетом качества воды на основе затрат и аннуитеты оценки стоимости водных ресурсов при формировании регулируемого водного рынка с целью улучшения состояния и уровня рационального использования водных ресурсов Республики.

**Ключевые слова:** водные ресурсы, направления управления водными ресурсами, водохозяйственный комплекс, водопользователи, водопользование, устойчивое развитие использования водных ресурсов, экологические платежи, экономичное использование водных ресурсов.

## THE MAIN DIRECTIONS OF ECONOMICAL USE OF WATER RESOURCES IN TAJIKISTAN

The article discusses the main directions of rational use of water resources in Tajikistan. The authors note that water resources management is a priority direction of the state policy of the Republic of Tajikistan and is considered as one of the most important factors of sustainable development of the country. The article also notes that the possibilities of ensuring environmental conditions and policies of protection, careful use of water, quality of drinking water, organization of freshwater resources are closely related to the relevant legal mechanisms. The legal foundations of this policy are fixed at the level of the republic and its individual regions in all directions, i.e. the directions of water use in

the national (state), regional (regional) and local (district and administrative units - city councils, towns and villages) are developing in connection with each other as a whole. In the article, the authors consider such areas of improvement of the economic mechanism of water use as the basis for the economical use of water resources of the republic: - improvement of the mechanism for managing the rational use of water resources on the basis of priority and implementation of a wider range of economic elements of impact on water users; - transition from independent methods of water resources management to territorial resources management based on non-centering of their state management and recognition of catchment areas as the boundaries of state water resources management in the region; -improvement of structural components and management components of economic management of water use (or methods of determining land resources) based on payment criteria to ensure efficient use of water resources. At the end of the article, conclusions are drawn about the key directions of improving the economic mechanism for managing the rational use of water resources in the republic and its regions, taking into account water quality based on costs and annuities of assessing the value of water resources in the formation of a regulated water market in order to improve the state and level of rational use of water resources of the Republic.

**Keywords:** water resources, directions of water resources management, water management complex, water users, water use, sustainable development of water resources use, environmental payments, economical use of water resources.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Тагоев Ҷумъахон Ҳамроевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идораи КАС. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **tagoev_d@mail.ru**
***Каландарзода Насибуллои Маҳмадсаид* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, асисстенти кафедраи иқтисод ва идораи КАС. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 907 08 33 80.** E-mail: **nkalandarzoda@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Тагоев Джумахон Хамроевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики и управления АПК. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **tagoev_d@mail.ru**
***Каландарзода Насибуллои Махмадсаид*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры экономики и управления АПК. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: +992 907 08 33 80.** E-mail**: nkalandarzoda@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Tagoev Dzhumakhon Khamroevich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economics and Management of the Agroindustrial Complex. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. E-mail: **tagoev_d@mail.ru**
***Kalandarzoda Nasibulloi Mahmadsaid*** - Tajik National University, assistant of the department of economics and management of the agro-industrial complex. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **+992 907 08 33 80.** E-mail: **nkalandarzoda@mail.ru**

ТДУ: 330.14

# ТАШКИЛ НАМУДАНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ САЙЁҲӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ КӮҲӢ ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

*Қурбонов Ё.С.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018, солҳои 2019-2021-ро ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намудаанд. Тоҷикистон сарзамини кӯҳсор аст, 93% масоҳаташ кӯҳ мебошад ва аҳолии зиёди кишвар дар деҳот зиндагонӣ мекунанд. Рушди деҳоти Тоҷикистон ин рушди иқтисодии кишвар ва аҳолии дар минтақаҳои кӯҳии кишвар зиндагонӣ дошта мебошад. Кӯҳҳо ва табиати зебои Тоҷикистон имкониятҳои зиёд барои тараққиёти соҳаҳои сайёҳӣ, чорводорӣ, кишоварзӣ, боғпарварӣ, моҳипарварӣ, инкишофи коркарди гиёҳҳои шифобахш мебошад. Пеш аз ҳама, роҳҳои баланд бардоштани маданияти экологии ҷомеа, рушди туризми байналмилалии кӯҳнавардӣ ва варзишӣ, тараққиёти туризми экологӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ мебошад. Мушкилот ва пешниҳодҳои ҳалли он, ки дар зер оварда шудааст, ин роҳҳои рушди минтақаҳои кӯҳсори ҷумҳурӣ барои рушди деҳот, ташкили ҷойҳои кории нав дар минтақаҳои кӯҳӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва пешгирии нестшавии табиати зебои кишвар мебошанд.

**Маводҳои тадқиқот:** Монеаҳои асосӣ барои ташкил кардани хизматрасонии гуногуни сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ мавҷуд буда, инҳо дохил мешаванд:

1. Истифода накардани имкониятҳои бойи табиию рекреатсионӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ, асосан минтақаҳое, ки сайёҳон аз он дидан менамоянд;
2. Ташкил накардани хатсайрҳои сайёҳии дорои хизматрасонии гуногун ба монанди саёҳати аграрӣ, экологӣ, гастрономӣ в ғ. дар минтақаҳои кӯҳӣ;
3. Фаҳмиши сусти аҳолии дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ сукунат дошта, дар бораи ташкил намудани хатсайрҳои гуногуни сайёҳӣ бо пешниҳод намудани хизматрасонии босифат;
4. Истифодаи номукаммали объектҳои сайёҳӣ, ки дар минтақаҳои кӯҳӣ ҷойгир шудаанд;
5. Тарзи пешниҳод намудани хатсайрҳои гуногуни сайёҳӣ ва таблиғот намудани онҳо;
6. Сифати хизматрасонӣ дар хонаҳои миллӣ барои қабули сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ;
7. Ташкили хизматрасонии иловагӣ дар назди хонаҳои миллӣ, хостелҳо, кемпингҳои кӯҳӣ.

Барои ҳалли мушкилоти дар боло зикршуда, барои рушди деҳот ва ташкили хатсайрҳои гуногуни сайёҳӣ дар минтақаҳои деҳот ташкил намудани чорабиниҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

**1. Ташкили хатсайрҳои аграрӣ дар деҳаҳо.** Аҳолии дар минтақаҳои кӯҳӣ зиндагӣ мекарда, асосан ба боғдорӣ, чорводорӣ ва деҳқонӣ машғуланд. Аммо, аҳолӣ танҳо аз фурӯши маҳсулоти тайёр фоида ба даст меоранд. Бояд дар хатсайрҳои сайёҳии фаъол ва хатсайрҳои нави сайёҳӣ низ объектҳои боғпарварӣ ва зироаткорӣ дохил карда шаванд. Ин боис мегардад, аҳолие ки ба ин фаъолиятҳо машғуланд, на танҳо аз фурӯши маҳсулоти тайёр фоида мегиранд, балки метавонанд аз ташкили намудҳои гуногуни хизматрасонии агро-сайёҳӣ низ фоида гиранд. Мисол, ташкили экскурсия ҳангоми ҷамъоварии маҳсулот, ҳангоми кишту кор дар саҳро, тарзи боғпарварӣ ва дигар намудҳои корҳои саҳроӣ ба маврид аст. Дар деҳаҳое, ки дар минтақаҳои кӯҳӣ ҷойгир шудаанд, имконияти бойи ташкили хатсайрҳои аграрӣ мавҷуд ҳастанд. Аммо аҳолии маҳаллӣ танҳо аз фурӯши маҳсулоти тайёр фоида мегирад, ва надонистани роҳҳои дигари дарёфти фоида ба мисоли ташкил кардани туризми аграрӣ наметавонад ба онҳо фоидаи иловагӣ биёрад. Дар деҳаҳо асосан аҳолӣ ба кишоварзӣ ва боғдорӣ, тайёр

намудани маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ба монанди панир, шир, равған ва дигар маҳсулоти ширӣ машғуланд. Аммо роҳҳои ташкили хатсайрҳо ба боғҳо, майдони кишту кор ва тарзи дурусти фурӯши маҳсулотро намедонанд. Бояд дар байни аҳолии маҳалҳо бо ҷалби мутахассисони таҷрибадор гузаронидани машваратҳо ва семинарҳо ба роҳ монда шавад, ки омили ҷалби аҳолии минтақа барои ташкили хатсайрҳои нави сайёҳӣ мешавад. Ташкили хатсайрҳои нави сайёҳӣ ба аҳолии деҳаҳои ин минтақа ва ширкатҳои сайёҳӣ фоида меоварад.

2. **Ташкили хатсайрҳои экологӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ.** Даромадҳои пулӣ аз туризми экологӣ метавонад мақсади асосии ин соҳа, яъне, ҳифзи табиатро иҷро намояд. Аммо дар як хел минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ раванди баръакс рафта истодаст: инҳо буридани дарахтҳо, шикорҳои ғайриқонунӣ, ифлос намудани муҳити зист, партофтани партовҳо дар об ва дар соҳилҳои назди кӯлҳо ва дарёҳо, ифлоскунии об, истифодабарии ҳудудҳо аз тарафи хоҷагиҳо ва ғ. мебошанд [8,с.132]. Барои нест кардани ин омилҳо, бояд равнақи туризми экологӣ ва ҳифзи табиат чораҳои зарурӣ андешидан ба маврид аст. Вазифаи якум дар ин ҷода, ин қабули барномаи равнақи рушди туризми экологӣ ва ҳифзи муҳити зист дар минтақаҳои кӯҳӣ, вазифаи дуюм- амалӣ кардани ин барнома бо ҷалби сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ мебошанд. Пеш аз ҳама, гузаронидани маъракаҳои таблиғотӣ байни мардум оидӣ, ҳифзи табиат, шинондани ниҳолу дарахтҳо, напартофани партовҳо, сохтани қуттиҳои партовпарто дар назди меҳмонхонаҳо, кӯлҳо, дарёҳо ва ғ. мусоидат мекунанд, ки ин омилҳои ба табиат зараррасон аз байн раванд. Рушди инфрастуруктураи кӯҳӣ низ омили асосии ҳифзи муҳити зисти ин минтақа шуда метавонад. Вақте, ки сатҳи зиндагии сокинони ин минтақа аз ҳисоби даромади сайёҳӣ баланд шуд, вайрон кардани табиат, буридани дарахтҳо барои тайёркунии ҳезум, ки барои гарм кардани хонаҳои васеъ истифода бурда мешавад, низ аз байн меравад. Сокинони маскунии ин минтақа худ дарк мекунанд, ки ин табиати зебоbooро, ки Худованд ато кардааст, ҳамчун манбаи даромад истифода кардан мумкин аст ва онҳо худ низ барои равнақу тараққиёти ин минтақа ва ҳифзи табиати зебо саҳм мегузоранд.

3. **Фурӯши маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза.** Дар минтақаҳои кӯҳӣ ва деҳаҳои он кушодани мағозаҳои махсуси фурӯши маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, маҳсулоти органикӣ, бе моддаҳои кимиёвӣ иловашуда ба маврид аст. Дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон, аз он ҷумла ШМА, Аврупо ва Ҷопон маҳсулоти мағозаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза нисбат ба дигар маҳсулоти мағозаҳо қиматтар аст ва бисёр сокинони ин кишварҳо имконияти харидани ин маҳсулотҳои тозаро надоранд [7,с.80]. Асосан дар хатсайрҳои кӯҳии Тоҷикистон ба сайёҳон сокинони маҳаллӣ бе ивази гирифтани ҳаққи хизмат маҳсулоти худро ба мисоли ҷурғот, қаймоқ, қурут, чакка ва ғ. пешниҳод мекунанд, ки ин меҳмоннавозии хосси тоҷиконро нишон медиҳад. Аммо бо кушодани мағозаҳои махсуси маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, сокинони минтақа метавонанд ин маҳсулоти худро ба фурӯш монанд ва даромади иловагӣ ба даст оранд. Фақат тарзи пешниҳоди маҳсулотро ба харидор бо таври замонавӣ ба роҳ мондан лозим аст. Масалан, дар шиша ва қуттиҳои тоза бо тарзи пӯшида, на он ки дар зарфҳои чиркин. Харидорон метавонанд маҳсулоти ин мағозаҳоро харанд ва истеъмол кунанд. Ин ҳам як намуди даромади иловагӣ ба сокинони ин маҳалҳо ва андози иловагӣ ба буҷети ноҳияҳо шуда метавонад.

4. **Ташкили лагерҳои кӯҳӣ.** Ташкили лагерҳои кӯҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ, яке аз омилҳои ҷалби сайёҳони хориҷию дохилӣ мебошад. Вале, то ҳозир ин намуди хизматрасонии сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ вусъат наёфтааст. Танҳо, соли *2019* бо ташаббуси ширкати сайёҳии ватанӣ "*Скай Тур*" дар мавзеи водии Саритоғ, наздикии кӯли Искандаркӯл кемпинги кӯҳӣ ташкил карда шуд. Соли *2019* ба пандемияи КОВИД *19* нигоҳ накарда, аз ин кемпинг бисёр сайёҳони дохилӣ дидан намуданд. Аммо дар миқёси ҷумҳурӣ ин кам аст ва бояд дар дигар минтақаҳои кӯҳӣ низ ташкили чунин кемпингҳо зиёд карда шавад. Дар минтақаи кӯҳӣ ташкил намудани кемпингҳои кӯҳӣ имкон медиҳад, ки ба ин минтақа омадани сайёҳон зиёд шавад. Дар дараҳои хушманзараи минтақаи кӯҳӣ ташкил кардани кемпингҳои тобистона боиси таваҷҷуҳи зиёди сайёҳони дохилию хориҷӣ ба ин минтақа мегардад. Ташкили кемпингҳои кӯҳӣ имконият медиҳад, на танҳо сайёҳони дохилиро, балки сайёҳони хориҷиро, аз он ҷумла

шаҳрвандони ҳамсоякишварҳоро ба ин минтақа ҷалб намоем ва хизматрасонӣ кунем. Ташкили чунин намуди хизматрасонӣ дар минтақаҳои кӯҳии кишвар, яке аз омилҳои рушди деҳот ва иқтисодии ноҳияҳои он мебошад.

5. **Ташкили хатсайрҳои дучархаронӣ.** Дар замони ҳозира тури дучархаронӣ яке аз намудҳои маъмули хизматрасонии сайёҳӣ дар ҷаҳон ҳисоб мешавад, вале дар мамлакати мо ин намуди хизматрасонӣ равнақ наёфтааст. Дар Тоҷикистон сайёҳони алоҳида бо дучархаҳои худ роҳпаймоӣ мекунанд, вале ба иҷора гирифтани дучарха (велосипед), бо сабаби набудани чунин тарзи хизматрасонӣ ба сайёҳон, имконият надорад. Барои сайёҳони дар мавзеъҳои кӯҳӣ сайр кунанда, овардани дучархаи худ аз дигар мамлакатҳо душворӣ дорад, барои онҳо қулай аст, ки дучархаро дар макони сайр ба иҷора гирифта истифода баранд. Ба мо бисёр сайёҳон барои ба иҷора гирифтани дучарха (велосипед) муроҷиат мекунанд, вале набудани чунин тарзи хизматрасонӣ имконият намедиҳад, ки талаботи онҳоро қонеъ гардонем. Аввалин бор имсол дар боғҳои истироҳатии шаҳри Душанбе иҷораи дучархараҳоро ташкил намуданд, лекин ин амал наметавонад талаботи ҳамаи хоҳишмандонро, хусусан барои онҳое, ки дар ноҳияҳои кӯҳӣ сайёҳӣ мекунанд, қонеъ гардонад. Бинобар аз он марказҳои додани иҷораи дучархаҳоро дар манотиқи кишвар зиёд намудан лозим аст. Ташкил ва амалӣ намудани турҳои дучархаронӣ бисёр хоҳишмандонро ба ватани мо ҷалб менамояд ва ташкилотҳои сайёҳӣ ва дигар соҳаҳои хизматрасонӣ аз он даромади муайяне мегиранд. Равнақ додани ин намуди хизматрасонии сайёҳӣ барои ташкили тарзи солимии зиндагии одамон низ ёрӣ мерасонад. Муштариёни асосии ин велотурҳо метавонанд мактаббачаҳо, донишҷӯён, аҳолии маҳаллӣ, сайёҳони хориҷӣ ва ватанӣ, дигар дӯстдорони мавзеъҳои кӯҳӣ бошанд.

6. **Ташкили хатсайрҳои аспсаворӣ ва иҷорагирии харҳо барои боркашонии сайёҳон.** Дар замони ҳозира тури аспсаворӣ, яке аз намудҳои асосии сайёҳӣ дар деҳот ва мавзеъҳои кӯҳӣ мебошад. Вале ин навъи хизматрасонӣ дар Тоҷикистон алҳол равнақ наёфтааст. Ташкил намудани турҳои аспсаворӣ ва ба иҷора гирифтани харҳои аҳолӣ метавонад барои ташкили хатсайрҳои гуногуни аспсаворӣ мусоидат намояд. Аҳолии муқимии деҳаҳои кӯҳӣ аксаран хар ва асп доранд, ба иҷора гирифтани аспу хари онҳо бо мақсади истифодабарӣ барои хизматрасонии саёҳӣ даромади муайяни пулӣ ба соҳибонашон низ меоварад. Коркард ва ташкили хатсайрҳо дар ноҳияи кӯҳии ҷумҳурӣ бо истифодаи аспу харҳои аҳолии маҳаллӣ, имконияти пайдо намудани ҷойи кории иловагӣ барои сокинони деҳаҳо ва даромади муайян ба онҳо ва ширкатҳои хизматрасон ва сайёҳӣ мегардад.

7. **Ташкили хатсайрҳои гастрономӣ.** Чунин намуди хизматрасонии сайёҳӣ низ дар Тоҷикистон равнақ наёфтааст. Дар айни ҳол, дар Тоҷикистон хӯрокҳои гуногуни хуштаъм хеле бисёранд, вале таблиғоти онҳо ба қадри кофӣ вуҷуд надоранд. Барои ташкили турҳои гастрономӣ занҳои маҳаллӣ ва духтаронро дар минтақаҳо таёр намуда, ин намуди хизматрасонии сайёҳиро ба таври васеъ ба роҳ мондан имконият медиҳад, асосан сифати хизматрасонӣ хуб шавад ва омили даромади иловагӣ ба ширкатҳои хизматрасон бошад. Дар ҷаҳон ҳазорон дӯстдорони чашидани хӯрокҳои боллазати миллӣ ҳастанд. Коркард ва ташкили сайёҳии гастрономӣ бисёр ҳавасмандонро ба худ ҷалб мекунад.

8. **Ташкили хатсайрҳои сайёҳӣ** Дар минтақаҳои кӯҳҳои Фон аз даврони Шуравӣ, хатсайрҳои гуногуни саёҳӣ тартиб дода шуда, то ҳол ширкатҳои саёҳии ватанию хориҷӣ ва сайёҳон аз он васеъ истифода мебаранд. Хатсайрҳои саёҳии кӯҳӣ асосан аз 3 рӯз то 15 рӯза буда, вобаста ба рӯзҳои кӯҳнавардӣ сайёҳон ба тамошои ин минтақаи зебо мераванд. Асосан хатсайрҳои кӯҳи ба кӯҳҳои Фон тавассути 5 нуқтаи асосӣ оғоз мешаванд: тавассути кӯли Искандаркӯл ва Аловуддин аз тарафи ноҳияи Айнӣ, тавассути кӯлҳои Марғузор, Кӯли Калон, дараи Арчамайдон ва Сармат. Саёҳон бо нақлиёт ба ин нуқтаҳо сафар карда, аз ин нуқтаҳо ба саёҳати кӯҳнавардӣ оғоз мекунанд. Мисоли хатсайри саёҳӣ: Душанбе – Панҷакент- кӯлҳои Марғузор – ағбаи Товасанг – деҳаҳои Вору, Ғазза, Зимтур ва Ғуйтан – ағбаи Ғуйтан – кӯли Чукурак ва Кӯли Калон – ағбаи Аловуддин – Кӯли Аловиддин ё ин ки баръакс аз кули Аловуддин сар карда дар кӯлҳои Марғузор саёҳати кӯҳнавардиро ба итмом мерасонанд. Яъне,

хатсайрҳои гуногуни кӯҳнавардӣ мавҷуд аст ва дар мавсими тобистона бисёр саёҳон аз ин хатсайрҳо истифода мебаранд. Лекин бояд дар замимаи хатсайрҳои мавҷуда дигар намудҳои хизматрасонии саёҳиро ба роҳ монем. Мисол, дар қисмати кӯҳҳои Фон, ки дар шаҳри Панҷакент воқеъ мебошад, 3 нуқтаи асосии марказҳои сайёҳии кӯҳӣ ташкил намуданд, имконият медиҳад, ки байни ин нуқтаҳо хатсайрҳои кӯҳӣ ташкил намоем. Ин нуқтаҳо, якум дар дараи Шинг наздикии кӯлҳои Марғузор, дуюм дар дараи Куштуд, деҳаҳои Ғазза, Вору, Зимтуд, ва Ғуйтан, ва сеюм дар деҳаҳои Панҷруд, Артуч ва наздикии кӯлҳои Калон. Мисол, яке аз хатсайрҳои хело ҷолиб: Кӯли Марғузор, дар ин ҷо метавонанд дар кӯлҳо қаиқронӣ кунанд, баъд тавассути ағбаи Тобасанг ба дараи Сармат кухгардӣ намоянд, аз он ҷо ба деҳаи Ғазза ва аз дараи Хуштарита дидан намоянд, дар ин аз деҳаи Ғазза тавассути дараи Зурмич ба кӯли Чуқурак ва Кӯли Калон кӯҳгардӣ намоянд, аз Кӯли Калон ба поён фароянд ва аз он ҷо бо дучархаҳо байни деҳаҳо ба деҳаи Ғазза биёянд. Дар деҳаҳо дигар намудҳои хизматрасониро, ба монанди аспсаворӣ, дучархаронӣ, гастрономӣ, аграрӣ, маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ ташкил намуд. Дар як хатсайри сайёҳ якчанд намуди хизматрасонии сайёҳӣ пешниҳод намудан мумкин аст.

9. **Ташкили сайёҳии саргузаштӣ ва экстремалӣ** Ду самти ба ҳам наздики фаъолияти туристӣ мебошанд. Сайёҳии саргузаштӣ - намуди махсуси истироҳат мебошад. Шартҳои асосии он: ташриф намудан ба ҷойҳои зебо ва машғул шудан ба намудҳои ғайриодии фаъолият, масалан, шинокунӣ дар дарёҳои кӯҳӣ, дайвинг, сафар ба қуллаи кӯҳҳои баланд ва ғ. Унсурҳои асосии туризми саргузаштӣ, саёҳат намудан дар намудҳои ғайриодии нақлиёт- сагчанаҳо, болои филҳо, уштурҳо, кураи ҳавопаймоӣ ва ғайра маҳсуб мебошад. Аксар намудҳо сайёҳии саргузаштӣ ба дараҷаи баланди таваккалӣ рӯ ба рӯ гардида, дар раванди сайр аз сайёҳ маҳорату малака, ҷасурӣ, тобовар будан дар шароити мураккаби табииро талаб менамояд. Тайи чанд соли охир дар ҷаҳон як қатор инфрасохторҳо барои амалӣ намудани сайёҳии саргузаштӣ ба вуҷуд омадаанд. Ба объектҳои ин намуди сайёҳӣ аксаран боғҳои ғайри муқаррарӣ - фароғатӣ (adventur park) шомил мебошанд. Яке аз намудҳои ниҳоии сайёҳии саргузаштӣ, туризми экстремалӣ ба ҳисоб меравад, лекин ин шакли сайёҳиро туристон мустаққилона анҷом медиҳанд ва дар баробари ин сайёҳии экстремалӣ дар ҳаёти инсон ва саломатии он метавонад хатар таъсир расонад. Барои гузоштани ҳудуд миёни сайёҳии экстремалӣ ва сайёҳии саргузаштӣ мисол овардан мумкин аст. Як ширкати туристӣ сафари саргузаштиро барои туристон ба яке аз ҷазираҳои Укёнуси Ором ташкил менамояд. Асоси барнома – ҷустуҷӯ ва дарёфти хазинаи пинҳоншуда мебошад. Дар раванди ҷустуҷӯ туристон бо монеаҳои сунъии созмон додашуда рӯбарӯ мегарданд.

Рушди инфрасохтори сайёҳии деҳоти Тоҷикистон, ин омили асосии ҳифзи муҳити зисти ин минтақа низ шуда метавонад. Вақте ки сатҳи зиндагии сокинони ин минтақа аз ҳисоби даромади сайёҳӣ баланд шуд, вайрон кардани табиат, буридани дарахтҳо, ки барои гарм кардани хонаҳои васеъ истифода бурда мешавад, низ аз байн меравад.

Иҷрои пешниҳодҳои номбаршуда табиати зебои деҳаҳои кӯҳии Тоҷикистонро ба як минтақаи сайёҳию дамгирӣ мубаддал мекунад, ҷиҳати экологии минтақа беҳтар мешавад ва дар навбати худ сатҳи бекории сокинонро паст мекунанд, инчунин, даромади иловагӣ ба сокинони минтақа ва ҳокимияти ноҳияҳо меоварад.

**Муқарриз: д.и.и., и.в. профессори ДБССТ – Ҷумъаев Б.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Ашуралиев М.И. Ташкили туризми барномавӣ / М.И. Ашуралиев. -Душанбе: Ашуриён, 2018. -168 с.
2. Биржаков М.Б. Исторические предпосылки деревенского туризма / М.Б. Биржаков. –М., 2015. -180 с.
3. Григорьева В.В. Экологически безопасные формы туризма: подходы и принципы / В.В. Григорьева // Туристические фирмы. – 2002. -№28.
4. Крачило Н.П. Основы туризмоведения / Н.П. Крачило. -Киев, 2012. -260 с.
5. Ниёзов Р.М. Пешомадҳо ва имкониятҳои туризми экологӣ / Р.М. Ниёзов // Маҷмуи маводҳои конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ «Сиёсати инноватсионӣ дар бахши беҳдошти захираҳои туристӣ-рекреатсионнӣ ва масоили рушди туризм». –Душанбе, 2013. -С.112-114.
6. Раҷабова Д. Роҳҳои истифодабарии растаниҳои шифобахши Тоҷикистон бо мақсади рушди туризми табобатӣ / Д. Раҷабова // Маводи конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Экология ва

масъалаҳои таълиму тарбия» бахшида ба 70-солагии мудири кафедраи «Технология ва экологияи химиявӣ» дотсент Шарипов И.Н. -Душанбе, 2014. -С.26-28.
7. Хамроев Ф.Б. Возможности применение опыта экотуризма Северной Каролины (США) в условиях Таджикистана / Ф.Б. Хамроев // Сборник материалов международной научно-практической конференции «Инновационная политика в сфере улучшения туристско-рекреационных ресурсов и проблемы развития туризма», Институт Предпринимательства и Сервиса. -Душанбе, 2013. -С.79-82.
8. Хамроев Ф.Б. Развитие экотуризма в Таджикистане / Ф.Б. Хамроев // Сборник научно-практических статей «Молодежь и современная наука», Совет ученых и молодых исследователей Таджикистана, Комитет молодежи, спорта и туризма при правительстве Республики Таджикистан. -Душанбе, 2013. -С.130-138.
9. Холодцова И.И. Инвестирования в сферу туризма и гостеприимства в Индии / И.И. Холодцова // Сервис в России и за рубежом. - 2016. -Т.10. -№2(63). -С.13-25.
10. Храбовченко В.В. Экологический туризм / В.В. Храбовченко. -М., 2014. -350 с.
11. Шилова С.Г. Сельский туризм. Из опыта некоммерческого партнерства "Зеленый дом" Республики Алтай / С.Г. Шилова. -Красноярск: ВСИТ, 2005. -96 с.
12. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.clivusmultrum.com/

## ТАШКИЛ НАМУДАНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ САЙЁҲӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ КӮҲӢ ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Ҷумҳурии Тоҷикистон 93% кӯҳсор мебошад, сокинони кишвар асосан дар деҳа зиндагонӣ мекунанд. Истифодаи имкониятҳои сайёҳии минтақаҳои кӯҳӣ боиси равнақи иқтисоди ин минтақаҳо мебошад. Дар мақола роҳҳои ташкил намудани хизматрасониҳои гуногуни сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ, ки омили рушди деҳот мебошад, оварда шудааст. Имкониятҳои минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ барои рушди туризми аграрӣ, экологӣ, дучархаронӣ, фурӯши маҳсулоти экологии тоза, хатсайрҳои гастрономӣ таҳлил карда шудааст. Тоҷикистон дорои иқтидори бойи ташкили хатсайрҳои гуногуни сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ мебошад. Тарзи ташкили хизматрасонии сайёҳиро бояд ба талаботи ҷаҳонӣ мувофиқ кард. Ташкил кардани хизматрасониҳои гуногуни саёҳӣ, пеш аз ҳама, омили рушди минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтисоди миллӣ мебошад. Вақте ки сатҳи зиндагии сокинони ин минтақа аз ҳисоби даромади сайёҳӣ баланд шуд, вайрон кардани табиат, буридани дарахтҳо, ки барои гарм кардани хонаҳои васеъ истифода бурда мешавад, низ аз байн меравад. Иҷрои пешниҳодҳои номбаршуда табиати зебои деҳаҳои кӯҳии Тоҷикистонро ба як минтақаи сайёҳию дамгирӣ мубаддал мекунад, ҷиҳати экологии минтақа беҳтар мешавад ва дар навбати худ сатҳи бекории сокинонро паст мекунанд, инчунин, даромади иловагӣ ба сокинони минтақа ва ҳокимияти ноҳияҳо меоварад.

**Калидвожаҳо**: сайёҳӣ, хатсайри аграрӣ, рушди деҳот, хатсайри экологӣ, минтақаҳои кӯҳӣ, лагерҳои кӯҳӣ, хатсайри саёҳӣ, хатсайр дучархаронӣ, хизматрасонии сайёҳӣ.

## ОРГАНИЗАЦИЯ ТУРИСТИЧЕСКИХ УСЛУГ В ГОРНЫХ РЕГИОНАХ ФАКТОР РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

Территория Таджикистана 93% гор, основное население республики живет в горных районах. Использованные туристических возможности горных регионов республики является катализатором развития местной экономики. В статье приведены пути организации различных туристических услуг в горных регионах, способсвующих развитию сельской месности. Рассмотрены туристические возможности горных регионов для развития аграрного туризма, экологического туризма, велотуров, продажи экологических чистых продуков и гастрономических туров. Республика Таджикистан имеет огромный туристический потенциал для организации туристических маршрутов в горном регионе. Организация туристичсеких услуг должна отвечать международным стандартам. Организация различных туристических услуг, в первую очередь, способствует развитию горных регионов республики, появлению новых рабочих мест и является фактором развития национальной экономики. Организация вышеуказанных мероприятий поможет превратить природу горной местности в туристические зоны отдыха, решить экологические проблемы и способствует созданию новых рабочих мест, дополнительных поступлений в бюджет местного населения горных районов.

**Ключевые слова**: туризм, аграрный туризм, развитие села, экологический маршрут, горные регионы, горные туристические лагеря, туристический маршрут, велотур, туристические услуги.

## THE ORGANIZATION OF TOURISM SERVICES IN MOUNTAIN REGIONS FACTOR OF THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

The territory of Tajikistan is 93% of the mountains, the main population of the republic lives in mountainous regions. The used tourist opportunities of the mountainous regions of the republic is a catalyst for the development of the local economy. This article to explain the ways of organizing various tourist services in mountain regions, contributing to the development of rural areas. Tourism opportunities of mountain regions for development are considered of agro tourism, ecological tourism, business tours, sale of ecological clean products and gastronomic tours. The Republic of Tajikistan has huge tourist potential for the organization of tourist routes in the mountainous region. The organization of tourist services must meet international standards. The organization of various tourist services, primarily contributes to the development of the mountainous regions of the republic, contributes to the emergence of new jobs and the factor of development of the national economy. The organization of the above-mentioned event will

turn the nature of the mountainous area into tourist recreation areas, solve environmental problems and contribute to the creation of new jobs, additional budget flows to the local population and mountain areas.

**Keywords**: tourism, agro tourism, rural development, ecological route, mountain regions, mountain tourist camps, tourist route, tour, tourist services.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қурбонов Ёрмаҳмад Султоналиевич*** **-** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондорӣ. **Суроға**: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: **(+992) 901716377**. E-mail: **yorma@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Ќурбонов Ёрмахмад Султоналиевич*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, и.о.доцента, заведующий кафедрой туристского бизнеса, рекреации и гостеприимства. **Адрес**: 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Телефон: **(+992) 901716377.** E-mail: **yorma@bk.ru**

**Information about the author:** ***Kurbonov Yormahmad Sultonalievich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor, Head of the Department of Tourism Business, Recreation and Hospitality. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad avenue, 48/5. Phone: **(+992) 901716377**. E-mail: **yorma@bk.ru**

ТДУ: 336.3

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАҲЛИЛИ МОЛИЯВИИ НОҲИЯҲОИ МИНТАҚАИ РАШТ

*Деҳқонов С.А.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Яке аз масъалаҳои мубрами муносибатҳои иқтисодиёти бозорӣ ин таҳлили иқтисоди молиявӣ маҳсуб мешавад. Сиёсати молиявии минтақавӣ ин маҷмуи муносибатҳои пулии субъектҳои худии минтақавӣ ва ҳангоми норасоии даромадҳои худӣ, истифодаи маблағҳои субвенсиониро дар бар мегирад. Сиёсати моливии минтақавӣ яке аз шохаҳои макроиқтисодӣ маҳсуб ёфта, соҳаҳои андоз, буҷет, суғурта, низоми бонкӣ, сармоягузориҳо ва дигар амлиётҳои пулиро дар бар мегирад. Низоми молиявӣ бошад, маҷмуи муносибатҳо ва институтҳои молиявиро меноманд.

Чи тавре Ш. Қодиров қайд менамояд "объектҳои асосии муносибатҳои молиявӣ ин пардохтҳо ба буҷа, андозҳо, ҷаримаҳо, ёрдампулиҳо, пасандозҳо ва дигар мафҳумҳои молиявӣ ба ҳисоб меравнад" [5,с.68]. Субъектҳои муносибатҳои молиявӣ бошанд: давлат, фирмаҳо, ташкилотҳою иттиҳодияҳои гуногун ва аҳолӣ ба ҳисоб меравнад. Буҷет ин нақшаи молиявӣ буда, аз қисмати даромад ва хароҷотҳо иборат аст, ки аслан барои як соли тақвимӣ таҳия гардида, дар шакли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар тасдиқ карда мешавад. Дар қонуни мазкур ҳамасола даромадҳо ва хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, инчунин, касри онҳо барои соли навбатии молиявӣ муайян ва тасдиқ мегардад. Низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду сатҳ иборат буда, ба сатҳи якуми он буҷети ҷумҳуриявӣ, фондҳои мақсадноки давлатӣ ва ба сатҳи дуюм бошад, буҷети маҳаллӣ (буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо, шаҳракҳо ва ноҳияҳои кишвар) дохил мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки даромадҳо ва хороҷоти буҷети ноҳияҳои минтақаи Рашт то кунун мавриди таҳлил ва таҳқиқи пурраи олимони ватанӣ қарор нагирифтааст. Чунки иқтисодиёти минтақавӣ илми ҷавон мебошад ва дар ҳоли омӯзишу таҳқиқотҳои нав қарор дорад. Оиди ин масъала иқтисодчии рус Э.В. Алехин чунин ақида дорад: "Иқтисодиёти минтақавӣ илми нисбатан ҷавон аст. Дар илми ғарб ин бахши илм, «илми минтақавӣ» номида мешавад, дар охири солҳои 50-уми асри XX шакл гирифтааст. Аввалин идеолог ва ташкилотчии ҷавон, ки дар самти илми минтақавӣ коркарда буд ин У. Айзард буд. Дар илми иқтисод ҳамчун илми мустақил дар солҳои 1970-1980 ташаккул ёфт ва мақоми фанни академиро дар соли 90-уми асри гузашта гирифт. Дар Русия бошад аввалин омӯзиши фанни иқтисодиёти минтақавӣ дар солҳои 70-уми асри XX пайдо шудааст. Асосгузори илми иқтисодии минтақавии Русия академик Н.Н. Некрасов ҳисобида мешавад.

Аз нуқтаи назари А.Г. Гранберг иқтисодиёти минтақавӣ бояд яке аз нуқтаи марказиро дар иқтисодиёти миллӣ дошта бошад" [1,с.5]. Аз нигоҳи ин олим, маркази илми иқтисодӣ ҳамчун низоми се-қутба сохта мешавад.

1 - макроиқтисод;

2 - микроиқтисод;

3 - иқтисодиёти минтақавӣ.

Олимони ватанӣ низ оиди масъалаи рушди иқтисодиёти минтақаҳо таҳқиқотҳо анҷом додаанд, ки яке аз онҳо иқтисодчӣ И.А. Аминов мебошад, ки оиди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин менигарад. "Минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ хусусиятҳои хоси худро доранд, ки дар мавқеи географӣ, табиӣ ва иқтисодӣ зоҳир мешаванд ва заминаҳои ташаккул ва рушди иқтисодиёт, дар имкониятҳои тараққиёти минбаъдаи қувваҳои истеҳсолкунанда метавонанд таъсири мусбат расонанд. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки заминаи обективӣ дар якчанд минтақаҳои иқтисодӣ ва сайёҳӣ ташаккул ёбанд. Ба монандӣ: Зарафшон, Ҳисор, Вахш, Кӯлоб, Ғарм ва Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон (ВМКБ)" [2,с.1].

Ҳамзамон, Ш. Шарипова қайд менамояд, ки рушди инфрасохтори минтақавӣ бо ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар вобаста аст, ки заминаҳо ва маҳдудиятҳои воқеии рушди минтақаро ба назар мегирад [15,с.188].

Оиди рушди иқтисодию иҷтимоӣ кишвар ва минтақаҳои он, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд мешавад, ки рушди минтақаҳои кишвар сатҳи муҳимтаринӣ амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад [8,с.41].

Минтақаи Рашт, ки сарзамини кӯҳсор аст аз панҷ ноҳия иборат буда дар ҳудуди он захираҳои табиии гуногун вуҷуд доранд, аз ҷумла, захираҳои тиллои пошхӯрда, захираҳои маҳсулоти сохтмонӣ, оҳаксанг, захираҳои ангиштсанг, захираҳои зеризаминии оҳан ва ғайра, ки дар асоси ин захираҳо метавон дар оянда корхонаҳои коркарди тилло ва маҳсулоти сохтмониро ба роҳ монд. Инчунин, маҳсулоти истеҳсолшавандаи соҳаи растанипарварӣ, боғу токпарварӣ ва чорводорӣ метавонад дар оянда ҳамчун сарчашмаи ашёи хоми маҳаллӣ ва замина барои бунёди корхонаҳои хурди саноатӣ, аз ҷумла, корхонаҳои коркарди шир, пашму пӯст ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ шавад. Истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва дар ин замина ба роҳ мондани бунёди корхонаҳои хурду миёна, метавонанд ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми минтақа, ғанӣ гаштани қисми даромади буҷети ноҳияҳои минтақа заминаи устувор гузорад [3,с.9].

Зикр бояд намуд, ки имрӯзҳо ноҳияҳои минтақа қисми зиёди даромади буҷети худро ҳамчун маблағгузорӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ (субвенсия) қабул менамояд, ки нигаронкунанда буда, барои ба даромадҳои худи таъмин намудани ноҳияҳои минтақаи Рашт бунёди корхонаҳои хурду миёнаи саноати заминаи асоси хоҳад гузошт. Ҳангоми таъмин будани сатҳи даромади буҷети маҳал ва озод будани ноҳияҳо ва минтақаҳои кишвар аз субвенсия имкониятҳои рушди иқтисодии кишвар меафзояд. Аммо, то ба ҳол маблағгузорӣ аз ҷониби буҷети ҷумҳуриявӣ бинобар сабаби рушд накардани инфрасохтори саноатӣ, ҷалб нагардидани сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ва рушд накардани фаъолияти соҳибкорӣ ба буҷетҳои ноҳияҳои минтақаи Рашт мушоҳида мегардад. Бинобар ин, барои таҳлили илмии мавзуи баррасишаванда мо дар назди худ мақсад гузоштем, ки барои асосҳои назариявӣ ва молиявии ноҳияҳои минтақаи Рашт зарур шуморидем ҳар як ноҳияро дар алоҳидагӣ таҳлил намоем.

Тибқи таҳлилҳои расмӣ - оморӣ мушоҳида мегардад, ки ноҳияи Рашт яке аз ноҳияи калонтарин ва сераҳолитарини минтақа ба ҳисоб рафта, ба маблағгузории буҷети ҷумҳуриявӣ (субвенсия) эҳтиёҷ дорад. Маълумотҳои вазъи кунунии ҳолати буҷети ноҳияи Рашт дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Даромад ва хароҷоти буҷети ноҳияи Рашт дар солҳои 2019-2021 (бо сомонӣ)**
**Table 1. Income and expenses of the Rasht district budget in 2019-2021 (in Somoni)**

| № | Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Тағйирот соли 2021 нисбати соли 2019 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | сомонӣ | бо (%) |
| 1. | Қисми даромад | 69 135 841 | 73 459 969 | 81 175 670 | 12039829 | 17,4 |
| | Аз ҷумла: | | | | | |
| | даромадҳои худӣ | 23 300 000 | 25 747 000 | 28 100 000 | 4800 000 | 20,6 |
| | субвенсия | 45 835 841 | 46 662 497 | 53 075 670 | 7239829 | 15,7 |
| 2. | Қисми хароҷот | 69 483 257 | 72 700 298 | 81 583 588 | 12100331 | 17,4 |
| 3. | Касри буҷет | -347 416 | -- | -407 918 | -60502 | 17,4 |
| 4. | Вазни хоси субвенсия (бо%) | 66,2 | 63,5 | 65,3 | -- | -0,9 банд |
| 5. | Даромади андозӣ | 22 976 970 | 25 121 390 | 27 420 000 | 4443030 | 19,3 |
| 6. | Даромадҳои ғайриандозӣ | 323 030 | 625 610 | 680 000 | 356970 | 110,5 |

Манбаъ: Дар асоси маводҳои Раёсати молияи ноҳияи Рашт, ҳисобот дар бораи иҷроиши буҷетҳои маҳалӣ барои солҳои 2019-2021 аз тарафи муаллиф омода карда шудааст [10,с.9].

Тавре, ки аз ҷадвали 1 мушоҳида мегардад буҷети ноҳияи Рашт дар соли 2019 аз ҳисоби даромадҳои худӣ ба маблағи 23 300 000 сомониро ташкил намуд, ки дар он саҳми манбаҳои андозӣ маблағи 22 976 970 сомонӣ ё 98,6% ва манбаъҳои ғайриандозӣ маблағи 323030 сомонӣ ё ин ки 1,4%-ро ташкил медод. Дар маҷмуъ, буҷети ноҳия аз ҳисоби манбаҳои худӣ 33,8%-ро ташкил дода, боқимонда 66,2%-и дигар ё маблағи 45835841 сомонӣ аз ҳисоби манбаҳои буҷети марказӣ (субвенсия) таъмин гардид.

Дар соли 2021 бошад даромадҳои худии буҷети ноҳияи Рашт маблағи 28 100 000 сомониро ташкил дод, ки дар он саҳми даромадҳои андозӣ маблағи 27 420 000 сомонӣ ё 97,5% ва даромадҳои ғайриандозӣ маблағи 680 000 сомонӣ ё 2,5%-ро ташкил намуд. Дар соли 2021 аз ҳисоби манбаҳои худӣ иҷроиши буҷети ноҳия 34,6%-ро ташкил дода, 65,3% ё маблағи 53 075 670 сомонии дигар аз ҳисоби манбаҳои буҷети ҷумҳуриявӣ (субвенсия) таъмин гардидааст. Қисми даромади буҷети ноҳия дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 аз ҳисоби маблағгузории буҷети ҷумҳуриявӣ дар ҳаҷми 7239829 сомонӣ ё 15,7% ва аз ҳисоби манбаҳои худӣ дар ҳаҷми 4800 000 сомонӣ ё 20,6% зиёд гардид.

Аз маълумотҳои расмии дар ҷадвали 1 дарҷгардида мушоҳида мегардад, ки саҳми даромадҳои худӣ дар таркиби даромадҳои умумии буҷети ноҳия дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 ба андозаи 0,8 банди фоизи зиёд гардид, вале ин нишондиҳанда то ҳол қонеъкунанда ба ҳисоб намеравад, чунки барои афзун гардонидани қисми даромади буҷети ноҳия аз манбаҳои худӣ дар ноҳия имконниятҳои васеъро истифода намудан мумкин мебошад.

Низоми иқтисоди бозорӣ аломатҳои гуногун дошта, хар як ноҳия хусусиятҳои хоси худро доро мебошад.

Доир ба таҳлили вазъи иқтисоди молиявии ноҳияи Тоҷикобод низ аз маълумотҳои расмии оморӣ мушоҳида мегардад, ки олимону иқтисодчиён таваҷҷуҳи кам зоҳир намудаанд. Қисми бештари даромади буҷети ноҳияро маблағгузории манбаҳои буҷети ҷумҳуриявӣ (субвенсия) ташкил дода, саҳми даромадҳои худӣ нисбатан кам мебошад. Дар ҷадвали 2 маълумоти расмӣ доир ба даромаду хароҷоти буҷети ноҳияи Тоҷикобод дар давраи солҳои 2019-2021 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Даромад ва хароҷоти буҷети ноҳияи Тоҷикобод дар солҳои 2019-2021 (бо сомонӣ)**

**Table 2. Budget income and expenses of Tojikobod district in 2019-2021 (in somoni)**

| № | Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Тағйирот соли 2021 нисбати соли 2019 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Сомонӣ | бо (%) |
| 1. | Қисми даромад | 27 574 720 | 28 299 107 | 32 891 460 | 5316740 | 19,2 |
| | Аз ҷумла: | | | | | |
| | даромадҳои худӣ | 6 037 900 | 6 661 700 | 7 380 000 | 1342100 | 22,2 |
| | Субвенсия | 21 536 820 | 21 637 407 | 25 511 460 | 3974640 | 18,4 |
| 2. | Қисми хароҷот | 27 713 286 | 28 513 159 | 33 056 744 | 5343458 | 19,2 |
| 3. | Касри буҷет | -138 566 | -214 052 | -165 284 | -26718 | 19,2 |
| 4. | Вазни хоси субвенсия (бо%) | 78,1 | 76,4 | 77,5 | -- | -0,6 банд |
| 5. | Даромади андозӣ | 5 822 900 | 6 566 700 | 7 270 000 | 1447100 | 24,8 |
| 6. | Даромадҳои ғайриандозӣ | 215 000 | 95 000 | 110 000 | -105000 | -48,8 |

Манбаъ: Дар асоси маводҳои Раёсати молияи ноҳияи Тоҷикобод, ҳисобот дар бораи иҷроиши буҷетҳои маҳалӣ барои солҳои 2019-2021 аз тарафи муаллиф омода карда шудааст [11,с.9].

Мувофиқи маълумотҳои расмии омории дар ҷадвали 2 овардашуда қисми даромади буҷети ноҳияи Тоҷикобод дар соли 2019 дар маҷмуъ маблағи 27 574 720 сомониро ташкил кард, ки дар он саҳми бештарро ба андозаи 78,1% ё 21536820 сомонӣ маблағгузориҳо аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ (субвенсия) ташкил медиҳад.

Дар соли 2019 бошад қисми даромади буҷети ноҳияи Тоҷикобод аз ҳисоби манбаҳои даромадҳои худӣ ба маблағи 6037900 сомониро ташкил дод, аз ҷумла: аз ҳисоби манбаҳои андозӣ 5822900 сомонӣ ё 96,4% ва аз ҳисоби манбаҳои ғайриандозӣ

215000 сомонӣ ё 3,6%-ро ташкил намуд. Дар маҷмуъ, таъминоти қисми даромади буҷети ноҳия дар давраи таҳлилшаванда аз ҳисоби манбаҳои худӣ ҳамагӣ ба 21,8% баробар буд.

Дар соли 2021 дар маҷмуъ қисми даромади буҷети ноҳияи Тоҷикобод 32 891 460 сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2019 ба маблағи 5316740 сомонӣ ё 19,2% зиёд гардид. Инчунин, дар соли 2021 аз ҳисоби манбаҳои даромадҳои худӣ қисми даромади буҷети ноҳия дар ҳаҷми 7 380 000 сомонӣ, ки дар он 7 270 000 сомонӣ ё 98,5% манбаҳои даромадҳои андозӣ ва 110 000 сомонӣ ё 1,55% манбаҳои даромадҳои ғайриандозӣ саҳм дорад, ки дар маҷмуъ 22,5%-и қисми даромади буҷети ноҳияро ташкил медиҳанд. Дар ин давра боқимонда таъминоти қисми даромади буҷети ноҳия дар ҳаҷми 25 511 460 сомонӣ ё 77,5% аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ (субвенсия) таъмин гардид. Қисми даромади буҷети ноҳия дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 аз ҳисоби маблағгузории буҷети ҷумҳуриявӣ дар ҳаҷми 3974640 сомонӣ ё 18,4 % ва аз ҳисоби сарчашмаҳои худӣ ба маблағи 1342100 сомонӣ ё ба андозаи 22,2% зиёд шуд.

Аз маълумоти дар ҷадвали 2 овардашуда мушоҳида мегардад, ки дар давоми солҳои 2019-2021 ҳаҷми даромадҳои худӣ дар таркиби қисми даромади буҷети ноҳия ба андозаи 0,4 банди фоизи зиёд гардидааст. Ҳолати мазкур то андозае нигаронкунанда ба ҳисоб меравад, гарчанде афзоиши саҳми манбаҳои худӣ дар таркиби қисми даромади буҷети ноҳия дар соли 2021 ба назар расад ҳам, вале дар маҷмуъ саҳми даромадҳои худӣ дар таркиби қисми даромади буҷети ноҳия дар соли 2019 ба 21,8% ва дар соли 2021 ба 22,2% баробар буд. Нишондиҳандаи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ноҳия то ҳол ҳама имкониятҳои мавҷуда ба таври васеъ истифода намегардад.

Яке аз ноҳияҳои дигари минтақаи Рашт ин ноҳияи Лахш ба ҳисоб рафта, бештар фаъолияти мардум ба соҳаи кишоварзӣ нигаронида шудааст. Ноҳияи Лахш аз рӯи истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, хусусан истеҳсоли картошка дар кишвар машҳур мебошад. Новобоста аз истеҳсоли зиёди картошка ноҳия ба маблағгузории буҷети ҷумҳуриявӣ ниёз дорад. Чунки дар ноҳияи инфрасохтори саноати сабук рушд накарда маҳсулотҳои истеҳсолгардида ҳамчун ашёи хом ба поитахти кишвар ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ равона карда мешаванд. Маълумот доир ба ҳолати буҷети ноҳияи Лахш дар давраи солҳои 2019-2021 дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. Даромад ва хароҷоти буҷети ноҳияи Лахш дар солҳои 2019-2021 (сомонӣ)**
**Table 3. Income and expenses of the Lakhsh district budget in 2019-2021 (SOM)**

| № | Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Тағйирот соли 2021 нисбати соли 2019 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | сомонӣ | бо (%) |
| 1. | Қисми даромад | 43 095 797 | 43 095 798 | 48 021 795 | 4925998 | 11,4 |
| | Аз ҷумла: | | | | | |
| | даромадҳои худӣ | 10 591 899 | 10 591 900 | 12 600 000 | 2008101 | 19 |
| | Субвенсия | 32 503 898 | 32 503 898 | 35 421 795 | 2917897 | 8,9 |
| 2. | Қисми хароҷот | 43 312 360 | 43 312 360 | 48 263 291 | 4950931 | 11,4 |
| 3. | Касри буҷет | -216 563 | -216 562 | -241 496 | -24933 | 11,5 |
| 4. | Вазни хоси субвенсия (бо%) | 75,4 | 75,4 | 73,8 | -- | -1,6 банд |
| 5. | Даромади андозӣ | 10 491 899 | 10 491 900 | 12 468 000 | 1976101 | 18,8 |
| 6. | Даромадҳои ғайриандозӣ | 100 000 | 100 000 | 132 000 | 32000 | 32 |

Манбаъ: Дар асоси маводҳои Раёсати молияи ноҳияи Лахш, ҳисобот дар бораи иҷроиши буҷетҳои маҳалӣ барои солҳои 2019-2021 аз тарафи муаллиф омода карда шудааст [12,с.9].

Мувофиқи маълумоти расмии дар ҷадвали 3 овардашуда дар соли 2019 қисми даромади буҷети ноҳияи Лахш дар маҷмуъ маблағи 43095797 сомониро ташкил медиҳад, ки дар он саҳми даромадҳо аз ҳисоби манбаҳои худӣ 10591899 сомонӣ ё 24,5% ва даромадҳо аз ҳисоби манбаҳои маблағгузорӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ (субвенсия) 32503898 сомонӣ ё 75,4% мебошад.

Дар соли 2019 дар таркиби даромадҳо аз ҳисоби манбаҳои худӣ, ки дар маҷмуъ маблағи 10591899 сомониро ташкил доданд, саҳми даромадҳои андозӣ 10491899 сомонӣ ё 99% ва даромадҳои ғайриандозӣ 100000 омонӣ ё 1%-ро ташкил дод. Дар ноҳияи Лахш низ ба монанди дигар ноҳияҳои минтақа саҳми маблағгузории буҷети ҷумҳуриявӣ дар қисми даромади буҷети ноҳия назаррас мебошад, ки он дар соли 2019 ба 75,4% баробар аст.

Дар соли 2021 бошад қисми даромади буҷети ноҳия дар маҷмуъ маблағи 48 021 795 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2019 ба маблағи 4925998 сомонӣ ё 11,4% зиёд гардид. Дар ин давра қисми даромади буҷети ноҳия аз ҳисоби манбаъҳои худӣ маблағи 12 600 000 сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2019 ба маблағи 2008101 сомонӣ ё 19% зиёд гардид.

Дар соли 2021 дар таркиби қисми даромади буҷети ноҳия аз ҳисоби манбаҳои худӣ саҳми манбаҳои андозӣ маблағи 12 468 000 сомонӣ ё 98,9% ва манбаҳои ғайриандозӣ 132 000 сомонӣ ё 1,04%-ро ташкил кард.

Дар соли 2021 саҳми манбаҳои даромади худӣ дар таркиби қисми даромади буҷети ноҳия 26,2% ё 12 600 000 сомонӣ ва аз ҳисоби маблағгузории ҷумҳуриявӣ 73,8% ё 35 421 795 сомониро ташкил кард.

Аз маълумоти дар ҷадвали 3 овардашуда мушоҳида мегардад, ки дар давоми солҳои 2019-2021 ҳаҷми даромадҳои худӣ дар таркиби қисми даромади буҷети ноҳия ба андозаи 1,7 банди фоизи зиёд гардидааст. Гарчанде афзоиши саҳми манбаъҳои худӣ дар таркиби қисми даромади буҷети ноҳия дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 то андозае мушоҳида шавад ҳам, вале бо он имкониятҳое, ки дар ноҳия мавҷуд аст нишондиҳандаи мазкур қонеъкунанда баҳисоб намеравад. Саҳми манбаҳои худдӣ дар таркиби қисми даромади буҷети ноҳия дар соли 2019 ба 24,5% ва дар соли 2021 ба 26,2% баробар буд. Нишондиҳандаи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ноҳияи Лахш низ ба монанди дигар ноҳияҳои минтақа имкониятҳои мавҷуда ба таври васеъ истифода намегардад.

Ҳангоми таҳлили омории рушди иқтисодии ноҳияи Нуробод маълум гардид, ки вазъияти кунунии даромадҳои буҷети ноҳияи Нуробод низ ба мисли дигар ноҳияҳои минтақа аз ҳисоби маблағҳои субвенсионӣ зиёд мебошад. Таҳлили ҳолати воқеии даромад ва хароҷотҳои буҷети ноҳияи мазкур дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4. Даромад ва хароҷоти буҷети ноҳияи Нуробод дар солҳои 2019-2021 (бо сомонӣ)**

**Table 4. Budget income and expenses of the Nurabad district in 2019-2021 (in Somoni)**

| № | Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Тағйирот соли 2021 нисбати соли 2019 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | сомонӣ | бо (%) |
| 1. | Қисми даромад | 39 962 798 | 43 825 518 | 49 553 763 | 9590965 | 24 |
| | Аз ҷумла: | | | | | |
| | даромадҳои худӣ | 8 091 400 | 8 763 900 | 9 470 000 | 1378600 | 17 |
| | Субвенсия | 31 871 398 | 35 061 618 | 40 083 763 | 8212365 | 25,7 |
| 2. | Қисми хароҷот | 40 822 824 | 44 001 524 | 49 802 777 | 8979953 | 22 |
| 3. | Касри буҷет | -860 026 | -176 006 | -249 014 | -611012 | -71 |
| 4. | Вазни хоси субвенсия (бо%) | 79,8 | 80,0 | 80,9 | -- | 1,1 банд |
| 5. | Даромади андозӣ | 8 006 400 | 8 675 900 | 9 372 000 | 1365600 | 17 |
| 6. | Даромадҳои ғайриандозӣ | 85 000 | 88 000 | 98 000 | 13000 | 15,2 |

Манбаъ: Дар асоси маводҳои Раёсати молияи ноҳияи Нуробод, ҳисобот дар бораи иҷроиши буҷетҳои маҳалӣ барои солҳои 2019-2021 аз тарафи муаллиф омода карда шудааст [13,с.9].

Мувофиқи маълумоти дар ҷадвали 4 овардашуда қисми даромади буҷети ноҳияи Нуробод дар соли 2019 дар маҷмуъ ба маблағи 39962798 сомониро ташкил намуд, ки таркиби он аз ҳисоби даромадҳои худӣ дар ҳаҷми 8091400 сомонӣ ташаккул ёфта, андозаи 20,2%-ро ташкил дод. Дар таркиби даромадҳои худӣ даромадҳои андозӣ 8006400 сомонӣ ё 8,9% ва даромадҳои ғайриандозӣ 85000 сомонӣ ё ин ки 1,05%-ро дар

бар гирифт. Дар ин давра зиёда аз 79,8% ё дар ҳаҷми 31871398 сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ (субвенсия) таъмин карда шуд. Касри буҷети ноҳия дар ин давра ба -860026 сомонӣ баробар гардид.

Дар соли 2021 бошад дар маҷмуъ қисми даромади буҷети ноҳия маблағи 49 553 763 сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2019 ба маблағи 9590965 сомонӣ ё 24% зиёд гардид. Дар таркиби қисми даромадҳои буҷети ноҳия дар соли 2021 ҳаҷми даромадҳо аз сарчашмаҳои худӣ ба маблағи 9 470 000 сомонӣ ё 19,1%-ро ташкил кард. Нишондиҳандаи мазкур дар муқоиса ба соли 2019 ба андозаи -1,1 банди фоизӣ паст гардидааст. Таркиби даромадҳои худӣ дар соли 2021 дар ҳаҷми 9 372 000 сомонӣ ё 99% аз ҳисоби манбаъҳои андозӣ ва 98 000 сомонӣ ё 1% аз ҳисоби манбаъҳои ғайриандозӣ ташаккул ёфт.

Дар соли 2021 зиёда аз 80,9% ё 40 083 763 сомонӣ аз ҳисоби малағгузории буҷети ҷумҳуриявӣ таъмин карда шуд. Нишондиҳандаи мазкур дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 ба 8212365 сомонӣ ё 25,7% афзоиш ёфтааст. Аслан ин афзоиш аз ҳисоби сол ба сол болоравии музди маоши кормандони соҳаи буҷетӣ ва нафақа ба вуқуъ пайвастааст. Вале ҳолати нигаронкунанда дар он аст, ки гарчанде ҳаҷми даромадҳои худӣ дар таркиби қисми даромади буҷети ноҳия дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 афзоиш ёфта бошад ҳам, лекин аз сабаби мавҷуд будани имкониятҳои ҷиҳати рушди бештари соҳаҳо дар ноҳия то андозае қонеъкунанда ба ҳисоб намеравад. Дар асл маблағи даромадҳои худӣ дар таркиби қисми даромади буҷети ноҳия дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 ба маблағи 1378600 сомонӣ ё 17% зиёд гардид. Дар соли 2021 дар таркиби даромадҳои худӣ даромадҳои ғайриандозӣ дар муқоиса ба соли 2019 ба андозаи 15,2% ё 13000 сомонӣ зиёд гардидаанд, ки ин нишондиҳанда низ беҳбудиро талаб менамояд.

Мувофиқи маълумоти расмии оморӣ бештари қисми даромади буҷети ноҳияи Сангвор ба монанди дигар ноҳияҳои минтақа аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ таъмин мегардад. Дар асл ноҳияи Сангвор нисбат ба дигар ноҳияҳои минтақа аз ҷиҳати ҳудуд васеътар мебошад, вале бештари ҳудуди ноҳия кӯҳсор буда, ноҳия аз дигар ноҳияҳои минтақа дида дуртар аз марказ ҷойгир аст, аз ин сабаб рушди соҳаҳо камтар ба мушоҳида мерасад. Маълумоти пурра доир ба нишондиҳандаҳои буҷети ноҳияи Сангвор дар давраи солҳои 2019-2021 дар ҷадвали 5 оварда шудааст.

**Ҷадвали 5. Даромад ва хароҷоти буҷети ноҳияи Сангвор дар солҳои 2019-2021 (бо сомонӣ)**

**Table 5. Income and expenses of the Sangvor district budget in 2019-2021 (in somoni)**

| № | Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Тағйирот соли 2021 нисбати соли 2019 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | сомонӣ | бо (%) |
| 1. | Қисми даромад | 24 982 004 | 25 339 935 | 27 558 286 | 2576282 | 10,3 |
| | Аз ҷумла: | | | | | |
| | даромадҳои худӣ | 4 610 400 | 5 161 400 | 5 780 000 | 1169600 | 25,3 |
| | Субвенсия | 20 371 604 | 20 178 535 | 21 778 286 | 1406682 | 7 |
| 2. | Қисми хароҷот | 25 107 542 | 25 441 702 | 27 696 770 | 2589228 | 10,3 |
| 3. | Касри буҷет | -125 538 | -101 767 | -138 484 | -12946 | -10,3 |
| 4. | Вазни хоси субвенсия (бо%) | 81,5 | 79,6 | 79,1 | -- | -2,4 банд |
| 5. | Даромади андозӣ | 4 484 100 | 5 127 570 | 5 748 000 | 1263900 | 28,1 |
| 6. | Даромадҳои ғайриандозӣ | 126 300 | 33 830 | 32 000 | -94300 | -74,6 |

Манбаъ: Дар асоси маводҳои Раёсати молияи ноҳияи Сангвор, ҳисобот дар бораи иҷроиши буҷетҳои маҳалӣ барои солҳои 2019-2021 аз тарафи муаллиф омода карда шудааст [14,с.9].

Аз маълумоти ҷадвали 5 мушоҳида мегардад, ки дар соли 2019 қисми даромади буҷети ноҳияи Сангвор дар маҷмуъ маблағи 24982004 сомониро ташкил дод, ки дар таркиби он зиёда аз 4610400 сомонӣ ё 18,4% аз ҳисоби сарчашмаҳои манбаи худӣ ва 20371604 сомонӣ ё 81,5% аз ҳисоби маблағгузории буҷети ҷумҳуриявӣ таъмин гардид.

Дар таркиби манбаҳои худии қисми даромади буҷети ноҳия сарчашмаҳои андозӣ маблағи 4484100 сомонӣ ё 97,2% ва сарчашмаҳои ғайриандозӣ маблағи 126300 сомонӣ ё 2,7%-ро ташкил дод.

Дар соли 2021 бошад дар маҷмуъ қисми даромади буҷети ноҳия маблағи 27 558 286 сомониро ташкил карда, нисбат ба соли 2019 ба 2576282 сомонӣ ё 10,3% афзоиш ёфт. Дар ин давра қисми даромади буҷети ноҳия аз ҳисоби даромадҳои худӣ ҳамагӣ маблағи 5 780 000 сомониро ташкил дод, ки аз он 5 748 000 сомонӣ ё 99,4% аз ҳисоби манбаъҳои андозӣ ва 32 000 сомонӣ ё 0,6% аз ҳисоби даромадҳои ғайриандозӣ ташаккул ёфт. Иҷроиши буҷети ноҳияи Сангвор дар соли 2021 аз ҳисоби манбаҳои худӣ маблағи 5 780 000 сомонӣ ё 20,9%-ро ташкил дода, боқимонда аз ҳисоби маблағгузории буҷети ҷумҳуриявӣ 79,1% ё маблағи 21 778 286 сомонӣ таъмин гардид.

Маълумоти расмии оморӣ шаҳодати онро медиҳад, ки дар соли 2021 ҳаҷми даромадҳои худӣ дар таркиби қисми даромади умумии буҷети ноҳия афзоиш ёфтааст, вале ин афзоиш бо имкониятҳои мавҷуда дар ноҳия қонеъкунанда ба ҳисоб намеравад. Дар асл маблағи даромадҳои худӣ дар таркиби қисми даромади буҷети ноҳия дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 ба маблағи 1169600 сомонӣ ё 25,3% зиёд гардид. Ҳамзамон, дар маҷмуъ саҳми даромадҳои худӣ дар таркиби қисми даромади буҷети ноҳия дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 ба 2,5 банди фоизӣ афзоиш ёфтанд.

Ҳангоми таҳлили даромад ва хароҷотҳои ноҳияиҳои минтақаи Рашт тартиб додани нақшаи даромад ва хароҷоти буҷети минтақаи номбурда ба маврид мебошад, ҳол он ки дар амал буҷети минтақавӣ мавҷуд нест ва аз таҳлилҳои ноҳияҳои минтақа ҷадвали 6-ро таҳлил менамоем.

**Ҷадвали 6. Даромад ва хароҷоти буҷети минтақа Рашт дар солҳои 2019-2021 (бо сомонӣ)**
**Table 6. Income and expenses of the budget of the Rasht region in 2019-2021 (in Somoni)**

| № | Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Тағйирот соли 2021 нисбати соли 2019 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | сомонӣ | бо (%) |
| 1. | Қисми даромад | 204751160 | 214020327<br>140560358<br>(бе н.Рашт) | 239200974 | 34449814 | 16,8 |
| | Аз ҷумла: | | | | | |
| | даромадҳои худӣ | 52631599 | 56925900 | 63330000 | 10698401 | 20,3 |
| | Субвенсия | 152119561 | 156043955 | 175870974 | 23751413 | 15,6 |
| 2. | Қисми хароҷот | 206439269 | 213 969 043<br>141268745<br>(бе н. Рашт) | 240 403 170 | 33963901 | 16,4 |
| 3. | Касри буҷет | -1688109 | -708387 | -1202196 | -485913 | -28,7 |
| 4. | Вазни хоси субвенсия (бо%) | 74,2 | 72,9 | 73,5 | -- | -0,7 банд |
| 5. | Даромади андозӣ | 51782270 | 55983460 | 62278000 | 10495730 | 20,2 |
| 6. | Даромадҳои ғайриандозӣ | 849330 | 942440 | 1052000 | 202670 | 23,8 |

**Манбаъ:** Муаллиф дар асоси таҳлили даромад ва хароҷоти буҷети ноҳияиҳои Рашт, Нуробод, Тоҷикобод, Лахш ва Сангвор тартиб додааст.

Аз маълумоти ҷадвали 6 мушоҳида мегардад, ки дар соли 2019 қисми даромади буҷети минтақаи Рашт дар маҷмуъ 204751160 сомониро ташкил дод, ки дар таркиби он зиёда аз 52631599 сомонӣ ё 25,7% аз ҳисоби сарчашмаҳои манбаи худӣ ва 152119561 сомонӣ ё 74,2% аз ҳисоби маблағгузории буҷети ҷумҳуриявӣ таъмин гардид. Дар таркиби манбаъҳои худии қисми даромади буҷети минтақа сарчашмаҳои андозӣ маблағи 51782270 сомонӣ ё 98,3% ва сарчашмаҳои ғайриандозӣ маблағи 849330 сомонӣ ё 1,6%-ро ташкил дод.

Дар соли 2021 бошад дар маҷмуъ қисми даромади буҷети минтақаи Рашт маблағи 239200974 сомониро ташкил карда, нисбат ба соли 2019 ба 34449814 сомонӣ ё 16,8% афзоиш ёфт. Дар ин давра қисми даромади буҷети минтақа аз ҳисоби даромадҳои худӣ

ҳамагӣ маблағи 63330000 сомониро ташкил дод, ки аз он 62278000 сомонӣ ё 98,3% аз ҳисоби манбаъҳои андозӣ ва 1052000 сомонӣ ё 1,6% аз ҳисоби даромадҳои ғайриандозӣ ташаккул ёфт. Иҷроиши буҷети минтақаи Рашт дар соли 2021 аз ҳисоби манбаҳои худӣ маблағи 63330000 сомонӣ ё 26,4%-ро ташкил дода, боқимонда аз ҳисоби маблағгузории буҷети ҷумҳуриявӣ 73,5% ё маблағи 175870974 сомонӣ таъмин гардид.

Маълумотҳои расмии оморӣ шаҳодати онро медиҳад, ки дар соли 2021 ҳаҷми даромадҳои худӣ дар таркиби қисми даромади умумии буҷети минтақа афзоиш ёфтааст, вале ин афзоиш бо имкониятҳои мавҷуда дар минтақа қонеъкунанда ба ҳисоб намеравад. Дар асл маблағи даромадҳои худӣ дар таркиби қисми даромади буҷети минтақа дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 ба маблағи 10698401 сомонӣ ё 20,3% зиёд гардид.

Чи тавре, ки аз таҳқиқотҳои ватанӣ бар меояд, дар шароити имрӯза аз 67 то 70%-и буҷети давлат аз ҳисоби андозҳо сарчашма мегирад [6,с.200].

Бо мақсади боз ҳам зиёд кардани манбаъҳои даромадҳои худӣ дар таркиби қисми даромади буҷети минтақа Рашт аз ҳисоби манбаъҳои андозию ғайриандозӣ бояд ҷалби имкониятҳои мавҷуда дар минтақа дар самти вусъат бахшидан пешниҳод менамоем, ки барои рушди ноҳияҳои минтақаи Рашт вусъат додани чунин соҳаҳо заруранд:

- соҳибкории истеҳсолӣ, хусусан: таъсиси корхонаҳои хурди истеҳсолӣ барои коркарди маваю сабзавот (шарбатҳои мева, хокаи картошка, крахмал);
- корхонаҳои хурди коркарди абрешим (ресандагӣ);
- коркарди пашм, пӯст, коркарди масолеҳи сохтмонӣ ва дӯзандагию бофандагӣ;
- корхонаҳои коркарди сангҳои қиматбаҳо;
- сохтани неругоҳҳои обии барқӣ;
- рушди соҳаи сайёҳӣ ва моҳипарварӣ;
- рушди соҳаи чорводорӣ ва парандапарварӣ;
- рушди соҳаи боғдорӣ ва занбури асалпарварӣ;
- бо оби полезӣ таъмин намудани заминҳои кишти ноҳияҳои минтақа;
- ташкил намудани курсҳои омӯзишӣ ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши соҳибкорони маҳаллӣ;

Ҳамзамон барои рушди минтақа ва зиёд намудани даромадҳои худи ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ яке аз роҳҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Мафҳуми сармоягузориро иқтисодчии рус Л.А. Голованова чунин шарҳ додааст: “Сармоягузорӣ - пули накд, коғазҳои қиматнок, амволи дигар, аз ҷумла ҳуқуқи моликият, дигар ҳуқуқҳое, ки арзиши пулӣ доранд, ба объектҳои соҳибкорӣ ва (ё) фаъолияти дигар гузошташуда бо мақсади ба даст овардани фоида ва (ё) ба даст овардани самараи дигари судбахш мебошад” [4,с.114].

Бо ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ метавон ба рушди минтақа таъсири мусбатро расонид, чунки дар минтақа сармоягузорони муваффақ мавҷуд мебошанд, ки онҳо бояд ҳавасманд ва ҷалб карда шаванд. Бо ҷалби сармоягузориҳо корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ бунёд намуда, мардуми маҳал бо ҷои кор таъмин шуда, ҳамзамон даромадҳои худии минтақа афзоиш меёбанд.

Чи тавре, ки Ф.С. Убайдов қайд менамояд дар замони муосир давлат барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо аҳамият зоҳир менамояд, вале ҷидду ҷаҳд асосан ба ҳавасмандсозии рушди минтақаҳои ақибмонда равона шудааст, на ба бартараф кардани сабабҳои ақибмонии онҳо [9,с.40]. Бинобар ин, масъулини соҳаро зарур мешуморем, ки барои бартараф намудани соҳаҳои рушд накардаи ноҳияҳои минтақа чораҳои заруриро андешанд.

Ҳангоми таҳлил маълум гардид, ки дар минтақаи Рашт қисми ками буҷет аз ҳисоби даромадҳои худӣ ҷамъоварӣ мегардад. Барои рушди даромадҳои худӣ дар таркиби буҷети минтақаи Рашт ва бартараф намудани норасогиҳои мавҷуда рушди сармоягузории зеҳнӣ бояд зиёд карда шавад, ҳангоми рушди сармояи инсони рушди даромадҳои худии минтақаҳо низ ба назар хоҳад расид.

Инчунин, рушди низоми бонкӣ ва бо фоизи паст пешниҳод кардани қарзҳо яке аз механизмоҳои пешрафти минтақаҳо мегардад, ки чи тавре киӣ дар Паёмашон

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 23.12.2022 иро намуданд, "Ҳаҷми қарзҳои дар соли 2022 аз ҷониби низоми бонкии кишвар ба аҳолӣ ва соҳибкорон дода шуда 14.1 миллиард сомониро ташкил мекунад" [7,с.5], ки дар минтақаи Рашт бошад дар соли 2021 ҳаҷми қарзҳои додашуда 55829,6 (млн.сом) ташкил медиҳанд.

Аз рӯйи таҳлилҳои гузаронидашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки яке аз сабабҳои афзоиш наёфтани қисми даромади буҷети ноҳияҳои минтақаи Рашт аз ҳисоби манбаъҳои худӣ ин ба таври васеъ истифода нагардидани имкониятҳои мавҷуда дар ноҳияҳои минтақа ба ҳисоб меравад, аз ҷумла: барномаҳои рушди соҳаҳо дуруст тарҳрези карда нашудаанд, камтаваҷҷуҳӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва бунёди корхонаҳои истеҳсолии саноатӣ дар минтақа, ба таври васеъ бо техникаю технологияи муосир таъмин набудани бахши кишоварзӣ дар ноҳияҳо, пурра бо усули интенсивӣ ба роҳ намондани парвариши зироату мева дар ноҳияҳо, он қадар рушд накардани соҳаи сайёҳӣ дар ноҳияҳо, ҳавасманд набудани соҳибкоронӣ маҳаллӣ, набудани мутахасисони касбӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ноҳияҳо, ба инобат нагирифтани хусусиятҳои хоси ноҳияҳои минтақа ҳангоми таҳия намудани барномаҳои рушди ноҳияҳо ва то дараҷаи зарурӣ муҳайё набудани шароити мусоид барои ҷалби сармояҳои дохилию хориҷӣ дар ноҳияҳои минтақа ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади рушди мунтазаму самараноки соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ноҳияҳои минтақа ислоҳи гуфтаҳои болозикрро бомаврид мешуморам.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Худойназаров Д.**

**АДАБИЁТ**


1. Алехин Э.В. Региональная экономика и управление / Э.В. Алехин. –Пенза, 2007. -С.5.
2. Аминов И. Природно-экономические зоны Республики Таджикистон: состояние и перспективы. Статья / И. Аминов. -С.1.
3. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои минтақаи Рашт барои соли 2017-2020. -9 с.
4. Голованова Л.А. Основы региональной экономики. –Хабаровск: Издательство ТОГУ, 2015. -С.114.
5. Қодиров Ш.Ш. Назарияи иқтисодӣ: иқтисоди миллӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ / Ш.Ш. Қодиров. – Душанбе, 2001. -С.68.
6. Маҳмадуллоев А. Самаранокӣ ва маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. Маҳмадуллоев, С.А. Деҳқонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. -№8. -С.200.
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022, 23 декабри 2022. -С.5.
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – С.41.
9. Убайдов Ф. Асосҳои назариявӣ ва методологии нақши давлат дар рушди низоми иқтисодии минтақавӣ / Ф. Убайдов, С.А. Деҳқонов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. -№4/1. -С.40.
10. Ҳисобот дар бораи иҷроиши буҷетҳои маҳалии Раёсати молияи ноҳияи Рашт барои соли 2019-2021. – С.8-9.
11. Ҳисобот дар бораи иҷроиши буҷетҳои маҳалии Раёсати молияи ноҳияи Тоҷикобод барои соли 2019-2021. –С.8-9.
12. Ҳисобот дар бораи иҷроиши буҷетҳои маҳалии Раёсати молияи ноҳияи Лахш барои соли 2019-2021. –С.8-9.
13. Ҳисобот дар бораи иҷроиши буҷетҳои маҳалии Раёсати молияи ноҳияи Нуробод барои соли 2019-2021. –С.8-9.
14. Ҳисобот дар бораи иҷроиши буҷетҳои маҳалии Раёсати молияи ноҳияи Сангвор барои соли 2019-2021. –С.8-9.
15. Шарипова Ш.А. Азнавсозии воситаҳои танзими давлатии таъмини инфрасохтории минтақаҳо / Ш.А. Шарипова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтмоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№8. -С.188.


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАҲЛИЛИ МОЛИЯВИИ НОҲИЯҲОИ МИНТАҚАИ РАШТ


Дар мақолаи мазкур сиёсати моливии минтақавӣ қисми даромад аз манбаъҳои худӣ ва ҷумҳуриявӣ (субвенсия) ва хароҷоти онҳо дар солҳои 2019-2021 мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуданд. Қайд кардан ба маврид аст, худи буҷет ин нақшаи молиявӣ буда, аз қисмати даромад ва хароҷот иборат аст, ки аслан барои як соли тақвимӣ таҳия гардида, дар шакли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар тасдиқ карда мешавад. Бояд тазаккур дод, ки даромадҳо ва хароҷоти буҷети ноҳияҳои минтақаи Рашт то кунун мавриди таҳлил ва таҳқиқи пурраи олимони ватанӣ қарор нагирифтааст. Чунки иқтисодиёти минтақавӣ илми ҷавон мебошад ва дар ҳоли омӯзишу таҳқиқотҳои нав қарор дорад. Қайд кардан ба маврид аст, ки

иҷроиши буҷети минтақаи Рашт дар соли 2021 аз ҳисоби манбаъҳои худӣ маблағи 63330000 сомонӣ ё 26,4%-ро ташкил дода, боқимонда аз ҳисоби маблағгузории буҷети ҷумҳуриявӣ 73,5% ё маблағи 175870974 сомонӣ таъмин гардид. Истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва дар ин замина ба роҳ мондани бунёди корхонаҳои хурду миёна, метавонанд ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми минтақа, ғанӣ гаштани қисми даромади худии буҷети ноҳияҳои минтақа заминаи устувор гузорад.

**Калидвожаҳо:** сиёсати молиявӣ, даромадҳои худӣ, субвенсия, касри буҷет, даромадҳои андозию ғайриандозӣ, сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ, саноат, иқтисодиёти минтақавӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ И ФИНАНСОВЫЙ АНАЛИЗ РАЙОНОВ РАШТСКОГО РЕГИОНА

В данной статье были проанализированы и рассмотрены региональная финансовая политика, часть доходов из собственных и республиканских источников (дотации) и их расходы в 2019-2021 гг. Стоит отметить, что сам бюджет представляет собой финансовую таблицу, состоящую из доходов и расходов, первоначально составленную на один календарный год, по форме Закона Республики Таджикистан «О Государственном бюджете Республики Таджикистан» Палатой представителей Верховного собрания страны. Следует отметить, что доходы и расходы бюджета районов Раштского региона не подвергались всестороннему анализу и исследованию отечественными учеными. Так как региональная экономика – наука молодая и находится в процессе новых исследований. Стоит отметить, что исполнение бюджета Раштского района в 2021 году за счет собственных средств составило 63330000 сомони или 26,4%, а остальное было обеспечено за счет республиканского бюджета на 73,5%, или на сумму 175870974 сомони. Эффективное использование имеющихся ресурсов, создание малых и средних предприятий может заложить прочную основу для создания новых рабочих мест, повышения уровня благосостояния населения региона, обогащения части региональной экономики и собственного дохода бюджета.

**Ключевые слова:** финансовая политика, собственные доходы, субсидия, дефицит бюджета, налоговые и неналоговые доходы, отечественные и иностранные инвестиции, промышленность, региональная экономика.

## THEORETICAL FOUNDATIONS AND FINANCIAL ANALYSIS OF DISTRICTS OF RASHT REGION

This article analyzed and considered the regional financial policy, part of the income from own and republican sources (subsidies) and their expenses in 2019-2021. It is worth noting that the budget itself is a financial table, consisting of income and expenses, originally compiled for one calendar year, in the form of the Law of the Republic of Tajikistan "On the State Budget of the Republic of Tajikistan" House of Representatives of the Supreme Assembly of the country. It should be noted that the revenues and expenditures of the budget of the districts of the Rasht region were not subjected to a comprehensive analysis and research by domestic scientists. Because the regional economy is a young science and is in the process of new research and research. It is worth noting that the execution of the budget of the Rasht district in 2021 at the expense of its own funds amounted to 63330000 somoni or 26,4%, and the rest was provided by the republican budget by 73,5% or in the amount of 175870974 somoni. Efficient use of available resources and, in this regard, the creation of small and medium-sized enterprises can lay a solid foundation for creating new jobs, improving the welfare of the region's population, and enriching part of the regional economy. own budget revenue.

**Keywords:** financial policy, own revenues, subsidies, budget deficit, tax and non-tax revenues, entrepreneurial activity, industry, regional economy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич*** –Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 931999974.** E-mail: **dot.sd@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Дехканов Сахибназар Амирходжаевич*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, соискатель кафедры экономической теории. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 931999974.** E-mail: **dot.sd@mail.ru**

**Information about the author:** ***Dekhkanov Sakhibnazar Amirkhodzhaevich*** **-** Tajik State Financial and Economic University, applicant for the Department of Economic Theory. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: (**+992) 931999974.** E-mail: **dot.sd@mail.ru**

ТДУ: 331

# ЗАРУРАТИ ИНКИШОФИ КАСБИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Кармышева М.Н.***
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Захираҳои меҳнатӣ новобаста аз истифодашавӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ ба инкишофи касбӣ ниёз дорад. Оид ба зарурати инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз санаи 23 декабри соли 2022 ба таври возеҳ чунин баён карда шуд: “таъсис додани ҷойҳои корӣ ва фарогирии пурраи аҳолӣ бо шуғл вазифаи аввалиндараҷаи тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, ҳар як роҳбари сохтору мақомоти давлатӣ ва соҳибкорон ба шумор меравад. Ҳукумати мамлакат то соли 2026 бо истифода аз тамоми имкониятҳо дар бобати ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб кардани шаҳрвандони аз 18-сола боло, ки касбу ҳунар надоранд ва саросар соҳибкасб гардонидани аҳолӣ чораҷӯӣ намояд” [9]. Вобаста ба ин гуфтаҳо, зарурати муқаррар намудани самтҳои инкишофи малакаи кории захираҳои меҳнатӣ дар кишвар зарур мебошад.

Бо шуғл таъмин намудани захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти муосир унсури заруриро ифода мекунад, ки ба сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ, тамоюли нишондодҳои асосии макроиқтисодӣ ва соҳавӣ таъсири бевосита мерасонад. Бинобар ин, истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили асосии таъмини рушди иқтисодӣ баромад мекунад [2]. Таҷрибаи хоҷагидорӣ нишон медиҳад, ки ба истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ ҷараёни дигаргуниҳои технологӣ таъсири калон мерасонад. Аз як тараф, дар натиҷаи дигаргуниҳои технологӣ афзоиши ҳосилнокии меҳнат ба миён омада, аз тарафи дигар, шумораи меҳнати зиндаи истифодашаванда рӯ ба коҳишёбӣ ниҳоданаш аз эҳтимол дур нест. Бинобар ин, дар ин радиф баланд намудани малакаи кории захираҳои меҳнатӣ ва талаботҳои нав ба нав маҳорати коргарон дар шароити пешрафти илму-техника вусъат меёбад. Дигаргуниҳои доимӣ дар техника ва технологияи истеҳсолӣ мукаммалгардонии донишҳо, қобилиятҳо ва азхуд намудани технологияҳои навро тақозо менамояд [3].

Дар ин ҷода муайян намудани ҳадафҳои инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ҳатман чунин унсурҳоро фарогир бошад:

- ташаккулёбии сохтори захираҳои меҳнатӣ, ки бо рақобатнокии баланд на танҳо дар бозори дохилии меҳнат, инчунин, дар бозори байналмилалии меҳнат, бо мақсади машғул шудани аҳолии қобили меҳнат дошта, бо меҳнати маҳсулнок;
- дастгирии сатҳи зарурии ташаккулёбӣ ва инкишофи захираҳои меҳнатӣ, ба эҳтиёҷоти саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ ҷавобгӯ буда;
- қонеъгардонии эҳтиёҷоти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ бо мутахассисони баландихтисоси дорои донишҳои зарурӣ ва таъминоти истеҳсолот бо кормандони салоҳиятнок;
- баланд намудани ҳосилнокии меҳнати кормандон аз ҳисоби густариши донишандӯзӣ ва касбомӯзӣ, ки салоҳиятҳои кории онҳоро баланд менамоянд;
- ташаккулдиҳии захираҳои меҳнатии дорои афзалиятҳои дарозмуддат дар самти инкишофи илм ва техника, ки ба ҷараёни саноатикунонӣ ҷавобгӯ буда;
- нигоҳдории сатҳи зарурии таъминоти кадрии соҳаҳои калидии иқтисодиёти миллӣ бо дарназардошти такмили ихтисос ва маълумоти зарурӣ доир ба меҳнати иҷрошаванда.

Таъмини унсурҳои номбурдаи такомули касбии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бо заминаҳои дахлдор алоқамандии бевосита доранд, ки ба онҳо, пеш аз ҳама, баҳодиҳии дараҷаи вазифаҳои гузошташуда ва чораҳои амалӣ доир ба баланд намудани сатҳи захираҳои меҳнатӣ, назорати муттасили самаранокии хароҷоти

воситаҳои пулии давлатӣ барои тайёркунӣ ва азнавтайёркунии захираҳои меҳнатӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ ва молиявии инкишофи захираҳои меҳнатӣ, мутобиқати сатҳи омодагии захираҳои меҳнатӣ ба сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда дар шароити муосир ва барои оянда, таъсиси заминаҳои зарурӣ барои баланд намудани саҳми захираҳои меҳнатӣ дар рушди иқтисодии мамлакат, амалигардонии чораҳо барои рушди ҳамаҷонибаи сармояи инсонӣ ва ғайраҳо.

Натиҷаи зарурии инкишофи захираҳои меҳнатӣ, пеш аз ҳама, ин таъмини соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бо омили меҳнати рақобатпазири дорои малакаҳои корӣ, яъне салоҳиятҳои мувофиқ мебошад.

Инкшофёбии касбии захираҳои меҳнатӣ бо зарурати дигаргуншавии технологӣ ба миён омада, ҳамзамон, ҷараёни дигаргуншавии шаклҳои шуғли аҳолиро ҳавасманд мегардонад. Дар ин замина эҳтиёҷот ба таъсири идоракунӣ ба ин ҷараён шиддат ёфта, сатҳи мутобиқшавии шуғли захираҳои меҳнатӣ ба ҳама гуна ҳолатҳои ба миён меомада баландтар мегардад. Аз ин лиҳоз, инкишофи дараҷаи касбии захираҳои меҳнатӣ дар шароити муосир, бояд яке аз шартҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҳама сатҳҳо баромад карда, дар муносибати инноватсионӣ асос гирад. Вобаста ба ин ақидаи Мусаев Б.А. қайд карданиям, ки мувофиқи он "инкишофёбии касбии захираҳои меҳнатӣ бо дарназардошти фаъолияти инфрасохтори бозори меҳнат, инчунин, амалигардонии тағйиротҳо дар механизмҳои дохилии бозор вобаста аз таъсири омилҳои гуногун амалӣ шуданаш лозим аст" [8].

Дар давраи муосир, инкишофёбии касбии захираҳои меҳнатӣ барои ҳалли чунин масъалаҳои зарурӣ равона шуданаш лозим аст: якум, таъминоти бозори меҳнат бо захираҳои меҳнатии дорои тахассусмандии тақозои замон; дуюм, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ба воситаи амалигардонии барномаи тайёркунӣ ва азнавтайёркунии қувваи корӣ.

Омода намудани кадрҳои баландихтисос маҷмуи чораҳоро ифода мекунад, ки ба баланд намудани муттасили малакаи корӣ равона карда шуда, барои эҳтиёҷоти ҷорӣ ва дурнамои фаъолияти ҳар як воҳиди хоҷагидорӣ зарур арзёбӣ карда мешаванд [5].

Бояд қайд намуд, ки ҳадафҳои инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, дар сиёсати давлатӣ мавқеи хосса дошта, дар "Стратегияи миллии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030" ба инобат гирифта шуда, чунин омадааст "таъминоти васеъшавии маҳсулнокии шуғли аҳолӣ ва баланд намудани ҳосилнокии меҳнат" ҳамчун яке аз мақсадҳои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат дар дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуддат баён кард шудааст [4].

Барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ бо дарназардошти таъминоти шуғли маҳсулнок ба фикри мо, се ҳолат ба инобат гирифтан зарур аст: якум, дар шароити густариши муносибатҳои бозорӣ ҳодисаи ба миён омадани бекорӣ ногузир буда, бо қонуниятҳои бозорӣ тавсиф карда мешавад; дуюм, дастгирии захираҳои меҳнатии бо ҷои корӣ таъмин набуда, аз тарафи давлат чораи ногузир буда, ҳамзамон, қобилияти молиявии давлату ҳукумат барои ин амалҳо хеле маҳдуд мебошад; сеюм, муносибатҳои бозорӣ такомули муттасили инкишофи захираҳои меҳнатиро тақозо менамояд, то ки онҳо ба вазъияти рақобатии ба миён омада тобовар бошанд.

Вобаста ба фаъолияти мақомотҳои давлатӣ дар ҷодаи инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ, дар шароити барзиёдии омили меҳант, бо назардошти таъмини шуғли маҳсулнок, профессор Кабутов М.К. нақши калидии институтҳоро қайд мекунанд [6]. Дар ҳақиқат бо истифода аз усулҳои таҳлили институтсионалӣ, аҳамияти онҳоро дар таъмини бозори меҳнат бо захираҳои меҳнати маҳсулнок муайян намудан мумкин аст. Инчунин, муносибати институтсионалиро дар амалигардонии сиёсати давлатии омода намудани касбии захираҳои меҳнатӣ бо дарназардошти таъминот бо шуғли маҳсулнок истифода бурдан мувофиқи мақсад мебошад.

Ба ақидаи Species Бобоҷонов Р.М. "мушкилоти дар самти омода намудани кадрҳои меҳнатӣ ҷой доштаро шартан ба якчанд гурӯҳҳои функсионалӣ ва ё категорияҳо ҷудо намудан мумкин аст: ба гурӯҳи якуми инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ нокифоягии аҳамияти давлатиро ба ҳалли масъалаҳои ташкилӣ дохил кардан мумкин аст; гурӯҳи

дуюми мушкилот ин сохтори низомӣ ба ҳисоб меравад; гурӯҳи сеюмро масъалаҳои ба такомули ҷараёни банақшагирии ҳаҷми омодакунии кадрӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти бозори меҳнат, идоракунӣ ва мутобиқсозии фаъолияти тарафҳои барои омодакунии босифати захираҳои меҳнатӣ манфиатдор" [4].

Қайд намудан ба маврид аст, ки хизматрасониҳои таълимӣ барои захираҳои меҳнатӣ дар марҳилаи аввал омодакунии касбиро фарогир буда, баъдан баландшавии тахассуснокиро вобаста ба касбҳои мухталиф дар назар дорад. Барои мутахассисон пешкаш намудани хизматҳои таълимӣ амалигардонии барномаҳои давлатиро дар шароити муосир бо назардошти шуғли маҳсулнок, ҷараёни азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисосро дар бар мегирад.

Баҳри инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ дар ҳар як мамлакат хизматрасониҳои таълимӣ бо мақсади тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо пешбинӣ карда мешавад. Дар ин радиф қайд намудан зарур аст, ки чунин хизматрасонӣ бо дарназардошти талаботи кордиҳанда, ба назар гирифтани манфиатҳои инфиродӣ ва қобилиятҳои худи захираҳои меҳнатӣ татбиқ карда мешавад. Хизматрасониҳои таълимӣ барои захираҳои меҳнатӣ аз омодакунии касбӣ оғоз гардида, то баланд намудани тахассуснокӣ давом мекунад. Барои нафарони малакаи корӣ надошта, чунин хизматрасонӣ омодакунии ибтидоиро дар назар дошта, дар ҷараёни он омӯзиши касбият ба назар гирифта мешавад. Барои захираҳои меҳнатии малакаи корӣ дошта бошад, алалхусус мутахассисон, чунин хизматрасонӣ азнавтайёркунии кадриро фаро гирифта, метавонад барои баланд намудани тахассуси мавҷудбуда ва ё барои азхуд намудани касби иловагӣ равона карда шавад, ки дар бозори меҳнат нисбатан талаботи бештар дорад. Бо мақсади амалигардонии омодакунӣ ва баланд намудани тахассуснокии захираҳои меҳнатӣ марказҳои омӯзишӣ, муассисаҳои таълимии касбии махсуси миёна, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаъолият мебаранд, ки ҳадафи онҳо ин омода намудани мутахассисони дар бозори меҳнат рақобатпазир мебошад. Дар тули соҳибистиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми гушаю канори кишвар марказҳои омӯзиши касбӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода шуда, фаъолият мебаранд. Дар ҷадвали 1 маълумоти омори расмӣ оид ба миқдори муассисаҳои миёнаи махсуси касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва марказҳои омодакунии кадрҳо оварда шуданд.

**Ҷадвали 1. Шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва теъдоди донишҷӯёни ба таълим фарогирифташуда** [1]

**Table 1. The number of secondary and higher vocational education institutions in the Republic of Tajikistan and the number of students enrolled**

| Нишондиҳандаҳо | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Соли 2021 нисбат ба соли 1991 (бо%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (адад) | 43 | 44 | 53 | 56 | 51 | 66 | 67 | 67 | 70 | 74 | 78 | 79 | 183,7 |
| Шумораи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (ҳазор нафар) | 40,7 | 26,8 | 25,3 | 31,8 | 37,9 | 68,9 | 76,7 | 82,4 | 86,5 | 90,4 | 97,7 | 95,5 | 234,6 |
| Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (адад) | 13 | 24 | 30 | 36 | 33 | 38 | 39 | 39 | 39 | 40 | 41 | 41 | 315,4 |
| Шумораи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (ҳазор нафар) | 69,3 | 74 | 77,7 | 132 | 151,7 | 176,5 | 186,9 | 195,7 | 209,8 | 229,6 | 245,9 | 239,5 | 345,6 |

Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022. -С.53

Аз маълумоти дар ҷадвал овардашуда мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар миқёси мамлакат шумораи муассисаҳои миёнаи касбӣ аз 43 адади соли 1991, ба 79 адад дар соли 2021 зиёд гардида, бо нишондиҳандаи нисбӣ 183,7% ташкил додааст. Дар ин муасссисаҳои касбӣ шумораи муҳассилин дар соли 2021 нисбат ба соли 1991 бо нишондоди нисбӣ 234,6% афзоиш ёфта, дар маҷмуъ ба 95,5 ҳазор нафар расидааст. Чунин вазъият дар тамоюли тағйирёбии шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат низ ба назар мерасад. Агар дар соли 1991 дар ҷумҳурӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ амал карда бошад, ин миқдор дар соли 2021 ба 41 адад расонида шуд, ки афзоиш 315,4% ташкил карда, шумораи муҳассилин бошад ба 345,6% дар ин давра зиёд гардида, дар соли 2021 ба 339,5 ҳазор нафар расидааст. Чунин таҳлили оморӣ нишон медиҳад, ки дар мамлакат оид ба омода намудан ва инкишоф додани малакаи касбии захираҳои меҳнатӣ мушкилоти мавҷуд набудани муассисаҳои таълимии сатҳи гуногун ба назар намерасад.

Бояд қайд намуд, ки афзоиши шумораи муҳассилин дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ барои инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ такони мусбат медиҳад. Лекин аз тарафи дигар, дар чунин ҳолат пастшавии малакаи кории захираҳои меҳнатӣ ва ё дар як сатҳ қарор гирифтани он аз имкон дур нест, ки ба гуфти Кочетов А. “дар коҳишёбии талабот ба мутахассисони баландихтисос, инчунин, пастшавии малакаи касбии онҳо ифода ёфта метавонад” [7]. Аз тарафи дигар, омода намудани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ баҳри инкишофи малакаи касбии захираҳои меҳнатӣ дар омода намудани мутахассисони дар бозори меҳнати дохилӣ зарурбуда бо сохтори омода намудани мутахассисон баҳо дода мешавад.

Дар асоси маълумоти расми 1, ки нишондиҳандаҳои омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз соли 1991 ва муқоиса бо соли 2021 оварда шудааст.

Аз нишондиҳандаҳои расми 1 (а) мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар соли 1991 сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат бо чунин вазъ тавсиф дода мешуд: ҳиссаи муҳассилини аз рӯи ихтисосҳои саноат ва сохтмон таҳсил мекарда 10,5% ташкил дода, аз рӯи ихтисоси кишоварзӣ 9,1%, иқтисодиёт 1,2%, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш 12,1%, маориф 64,6%, фарҳанг ва санъат 2,7%. Дар соли 2021 бошад сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо чунин иншондиҳандаҳои тавсиф карда мешуд дар расми 1 (б): ҳиссаи муҳассилини аз рӯи ихтисосҳои саноат ва сохтмон таҳсил мекарда 12,7%, аз рӯи ихтисоси кишоварзӣ 4,8%, иқтисодиёт 26,1%, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш 9,9%, маориф 42,6%, фарҳанг ва санъат 2%, дигар ихтисосҳо 1,8% [10].

Вазъияти омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Тоҷикистон дар соли 1991 бо чунин маълумот тавсиф карда мешавад дар расми 1(в): ҳиссаи муҳассилини аз рӯи ихтисосҳои саноат ва сохтмон таҳсил мекарда 27% ташкил дода, аз рӯи ихтисоси кишоварзӣ 10,3%, иқтисодиёт 12,8%, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш 29,2%, маориф 17%, фарҳанг ва санъат 3,9%. Дар соли 2021 бошад, сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо чунин нишондиҳандаҳо тавсиф карда мешавад дар расми 1(г): ҳиссаи муҳассилини аз рӯи ихтисосҳои саноат ва сохтмон таҳсил мекарда 8,6%, аз рӯи ихтисоси кишоварзӣ 1,6%, иқтисодиёт 3,1%, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш 63,3%, маориф 20,5%, фарҳанг ва санъат 2,2%, дигар ихтисосҳо 0,5% [11].

Ҳамин тавр, аз нишондиҳандаҳои муқоисавии таҳлили расми 1 муайян гардид, ки сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии мамлакат ба соҳаҳои хоҷагии халқ тули си соли охир дигаргуниҳои назаррас ба миён омадааст. Масалан, таҳлили муқоисавӣ соли 1991 дар муассисаҳои олии касбии кишвар 10,5%-и муҳассилини риштаи саноат ва сохтмонро ташкил диҳад, ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 12,7% расонида шуд. Бояд қайд намуд, ки вобаста ба ин раванд аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани саноатикунонии борсуъати иқтисодиёти

миллӣ соли 2018 таъсири худро расонид. Лекин дар шумораи умумии муҳассилин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ таҳсилкунанда ин нишондод барои пешбурди соҳаҳои саноат қаноатманд намебошад. Агар дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳиссаи муҳассилини аз рӯи ихтисосҳои саноат ва сохтмон таҳсилкунанда нисбат ба соли 1991 зиёд шуда бошад, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ин нишондод рӯ ба коҳишёбӣ ниҳодааст. Агар дар соли 1991 27% муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯи самти саноат ва сохтмон омода карда шаванд, дар соли 2021 ин нишондиҳанда ба 8,6% баробар шуд, ки коҳишёбиро дар сатҳи 18,4% нишон медиҳад [1].

**Расми 1. Сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар соли 1991 ва соли 2021**

**Figure 1. The structure of specialist training in secondary and higher vocational education institutions in 1991 and 2021**




**а) Сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар соли 1991.**




**б) Сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар соли 2021**




**в) Сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли 1991.**




**г) Сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли 2021.**

Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022. -С. 55.

Вазъияти мушкил дар самти омода намудани мутахассисони соҳаи кишоварзӣ ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба назар мерасад, ки боиси ташвиш аст. Агар дар соли 1991 дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 9,1% муҳассилин аз рӯи самти кишварзӣ таълим гиранд, ин нишондод дар соли 2021 ба 4,8% баробар шуд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бошад, ин нишондиҳанда дар соли 1991 ба 10,3 баробар бошад, дар соли 2021 ба 1,6% баробар шуд. Ин рақамҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки вазъи омодакунии кардҳои ихтисосманд барои соҳаҳои саноат ва кишварзӣ, ки соҳаҳои муҳимтарини иқтисодиёти миллӣ мебошанд, қаноатмандкунанда намебошанд.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар тули 30 соли тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ бештар барои омода намудани мутахассисон барои соҳаи мароиф, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, иқтисодиёт рӯ овардаанд. Махсусан чунин вазъият дар соли 2021

дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба назар мерасад. Боиси қайд аст, ки солҳои охир дар мамлакат таваҷҷуҳи довталабон ба ихтисосҳои иқтисодӣ, ба монанди “молия ва қарз”, “кори бонкӣ”, “ҳуқуқшиносӣ”, “кори табобатӣ” ва як қатор ихтисосҳои педагогӣ афзоиш ёфта истода, дар самти тахассусҳои техникии бо илмҳои дақиқ алоқамандбуда, коҳишёбӣ ба назар мерасад. Вазъияти ба миён омадаро ба инобат гирифта Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040-ро Солҳои рушди фанҳои дақиқ, табиӣ ва риёзӣ эълон намуданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таълимӣ мавҷуданд, ки қобилияти омодакуни кадрҳоро барои соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва техникиро доранд. Мутаассифона дар айни ҳол вазъияти омодакунии кадрҳо аз рӯи чунин ихтисосҳо беҳбудиро тақозо менамояд. Вобаста ба ин қайд намудан ба маврид аст, ки дар Стратегияи миллии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 чунин омадааст: “дар ҷараёни гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ, бояд ислоҳоти ҷиддӣ дар омодакунии кадрҳои муосири ба талаботҳои бозори меҳнат ҷавобгӯ амалӣ карда шавад” [11].

Ҷоиз ба таъкид аст, ки маҳз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ қобилият доранд дар муддати нисбатан кӯтоҳ барои инкишоф додан малакаи кории захираҳои меҳнатӣ мусоидат намоянд. Омода намудани мутахассисони соҳаҳои мухталиф дар сатҳи олӣ ин албатта хуб буда, лек барои пешбурди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, пеш аз ҳама, соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ мутахассисони соҳавӣ лозим аст, ки ба идоракунӣ ё роҳбарикунӣ набуда балки, барои пешбурди ҷараёни истеҳсолот зарурати аввалиндараҷа доранд. Дар ин ҷо сухан оид ба мутахассисони зинаҳои поёнӣ ва миёнаи соҳаҳо рафта, ки дар ҳақиқат онҳо қобилият доранд арзиши изофаро ба вуҷуд оваранд.

Барои ба эътидол овардани вазъияти ба миён омада дар самти инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ, фаъолияти муассисаҳои таълимии миёна ва олӣ доир ба ҷалби муҳассилин аҳамияти хосса дорад. Дар ин радиф амалигардонии сиёсати давлатӣ оид ба инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ, махсусан ҷалби аҳолии бо шуғл машғулнабуда аҳамияти калон дорад.

Бинобар гуфтаҳои боло самтҳои афзалиятноки инкишофи касбии захираҳои меҳнатиро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

- таъминоти сифати баланди хизматрасониҳои таҳсилоти аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ;
- омода намудани мутахассисон дар муассисаҳои таълимӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ;
- фаро гирифтани аҳолии бо шуғл машғулнабуда барои омӯзиши касбҳои мухталиф дар доираи омодакунӣ ва аз навтайёркунии кадрҳо дар муассисаҳои таълимӣ дар муддатҳои кӯтоҳтарин;
- ҳангоми омодакунии мутахассисон ба инобат гирифтани талаботи бозори меҳнат ва хусусиятҳои соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ;
- омодакунии мутахассисони сатҳи гуногун (маълумоти миёнаи махсус ва маълумоти олӣ) бо дарназардошти супоришҳои кордиҳандагон ва дар ин самт ҳамгироии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо истеҳсолкунандагон.

Самтҳои номбурдаро мумкин аст, дар ҷодаи сиёсати давлатии омодакунии мутахассисон аз ҳисоби аҳолии бо шуғл машғулнабуда истифода бурд. Зеро таҳлилҳои гузаронидашуда собит менамоянд, ки чандирнокии ҳаҷми барориш дар соҳаҳои саноат ва кишоварзии кишвар дар сатҳи баланд қарор дошта (дар саноати коэффитсиенти чандирнокии барориш аз рӯи омили меҳнат ба 9,4, дар соҳаи кишоварзӣ ба 7,1 ва дар иқтисодиёти миллӣ ба 7,5 баробар аст) [9], имконияти васеъшавии ҳаҷми истеҳсолоти ҷамъиятӣ аз ҳисоби ҷалби захираҳои меҳнатии иловагӣ вуҷуд дорад. Вале дар ин ҷода ҷалби аҳолии бо шуғл машғулнабуда омодакунии касбии онҳоро тақозо менамояд.

Бинобар ин, фишанги асосии таъмини инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ метавонад барои афзоишёбии истеҳсолоти ҷамъиятӣ мусоидат намуда, ҳамзамон, барои

баланд намудани самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ҳамчун заминаи устувор баромад кунад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ҳофизов Ҳ.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. -415 с.
2. Алиджанов Д.А. Взаимосвязь занятости трудовых ресурсов и стимулирования импортозамещающего роста в Республике Таджикистан / Д.А. Алиджанов // Экономический журнал. -М., 2015. -№3(39). -С.18-30.
3. Алиджанов Д.А. Импортозамещающий экономический рост в современных условиях Республики Таджикиситан. Монография / Д.А. Алиджанов. –Худжанд: Нури маърифат, 2021. -368 с.
4. Бабаджанов Р.М. Механизм формирования системы управления начальным профессионально-техническим образованием в РТ / Р.М. Бабаджанов // Научный журнал государственного учреждения «Научно-исследовательский институт труда, миграции и занятости населения». Рынок труда. –Душанбе, 2020. -№2(45). -С.12.
5. Водяхина С.А. Предпосылки реформирования системы подготовки и переподготовки населения / С.А. Водяхина // Профессиональное образование. –Столица, 2010. -№7. -С.10.
6. Кабутов М.К. Занятость населения трудоизбыточного региона в условиях становления рыночной экономики / М.К. Кабутов. -Душанбе, 1997. -135 с.
7. Кочетов А. Профессиональное образование и рынок труда: проблемы взаимодействия / А. Кочетов. – С.82.
8. Мусаев Б.А. Управление занятостью на российском рынке труда в современных условиях / Б.А. Мусаев // Успехи современной науки. - 2017. -Том5. -№3. -С.52.
9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022.
10. Рахимов Р.К. Некоторые вопросы инвестирования экономического роста / Р.К. Рахимов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. –Душанбе, 2003. -№1. -С.35.
11. Стратегияи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030. –Душанбе, 2016.


**ЗАРУРАТИ ИНКИШОФИ КАСБИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**


Дар мақолаи мазкур омодакунии касбии захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ кaрор гирифтааст. Оид ба зарурати инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ ва бо шуғл таъмин намудани захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти муосир унсури зарурӣ ба ҳисоб меравад, чунки он ба сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ, тамоюли нишондодҳои асосии макроиқтисодӣ ва соҳавӣ таъсири бевосита мерасонад. Аз таҳлилҳо маълум мегардад, ки истифодабарии самаранокии захираҳои меҳнатӣ ҷараёни дигаргуниҳои технологӣ таъсири калон мерасонад. Бинобарин дигаргуниҳои доимӣ дар техника ва технологияи истеҳсолӣ мукаммалгардонии донишҳо, қобилиятҳо ва азхуд намудани технологияҳои навро тақозо менамояд. Инкшофёбии касбии захираҳои меҳнатӣ мутобиқи зарурати дигаргуншавии технологӣ ба миён омада, ҳамзамон, ҷараёни дигаргуншавии шаклҳои шуғли аҳолиро ҳавасманд мегардонад. Дар ин замина эҳтиёҷот ба таъсири идоракунӣ ба ин ҷараён шиддат ёфта, сатҳи мутобиқшавии шуғли захираҳои меҳнатӣ ба ҳама гуна ҳолатҳои ба миёнмеомада баландтар мегардад. Аз ин лиҳоз, инкишофи дараҷаи касбии захираҳои меҳнатӣ дар шароити муосир бояд ҳамчун яке аз шартҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҳама сатҳҳо баромад карда, дар муносибати инноватсионӣ заминаи асосӣ гирад.



**Калидвожаҳо:** захираҳои меҳнатӣ, сифати зиндагонии аҳолӣ, дигаргуниҳои технологӣ, технологияи истеҳсолӣ, дараҷаи касбии захираҳои меҳнатӣ, муносибати инноватсионӣ.


**НЕОБХОДИМОСТЬ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ ТРУДОВЫХ РЕСУРСОВ В НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКЕ ТАДЖИКИСТАНА**


В данной статье рассматривается профессиональная подготовка трудовых ресурсов в экономике Республики Таджикистан. Что касается необходимости профессионального развития трудовых ресурсов и занятости трудовых ресурсов в современной экономике, то она считается необходимым элементом, поскольку оказывает непосредственное влияние на уровень и качество жизни населения, тенденции основных макроэкономических и отраслевых показателей. Из анализа видно, что процесс технологических изменений оказывает большое влияние на эффективное использование трудовых ресурсов. Поэтому постоянные изменения техники и технологии производства требуют совершенствование знаний, умений и освоения новых технологий. Профессиональное развитие трудовых ресурсов возникает в соответствии с необходимостью технологических изменений и в то же время стимулирует процесс изменения форм занятости населения. В связи с этим усиливается потребность в управленческом воздействии на этот процесс, повышается уровень адаптации использования трудовых ресурсов к любым возникающим ситуациям. С этой точки зрения, развитие профессионального уровня трудовых ресурсов в современных условиях должно выступать одним из основных условий социально-экономической политики всех уровней, беря за основу инновационный подход.

**Ключевые слова:** трудовые ресурсы, качество жизни населения, технологические изменения, технология производства, профессиональный уровень трудовых ресурсов, инновационный подход.

**THE NEED FOR PROFESSIONAL DEVELOPMENT OF LABOR RESOURCES AND THE NATIONAL ECONOMY OF TAJIKISTAN**

This article discusses the professional training of labor resources in the economy of the Republic of Tajikistan. As for the need for professional development of labor resources and employment of labor resources in the modern economy, this is considered a necessary element, since it has a direct impact on the level and quality of life of the population, trends in the main macroeconomic and sectoral indicators. The analysis shows that the process of technological change has a great impact on the efficient use of labor resources. Therefore, constant changes in equipment and production technology require the improvement of knowledge, skills and the development of new technologies. The professional development of labor resources takes place in accordance with the need and technological changes, and before that it stimulates the process of changing the form of employment of the population. In this regard, the need for managerial influence on this process increases, the level of adaptation of the use of labor resources to any emerging situations increases. From this point of view, the development of the professional level of labor resources in modern conditions should act as one of the main conditions of the socio-economic policy at all levels and take a basis in the innovative approach.

**Keywords:** labor resources, quality of life of the population, technological changes, production technology, professional level of labor resources, innovative approach.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Кармышева Майсара Назруллоевна*** **-** Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға**: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А.Деҳотӣ, 1/2. E-mail: **maysara.karmysheva@bk.ru**. Телефон: **(+992) 918-67-74-44**

**Сведения об авторе:** ***Кармышева Майсара Назруллоевна*** – Таджикский государственный университет коммерции, ассистент кафедры мировой экономики и международных отношений. **Адрес**: 734061, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица А. Дехоти, 1/2. E-mail: **maysara.karmysheva@bk.ru.** Телефон: **918-67-74-44**

**Information about the author:** ***Karmysheva Maysara Nazrulloevna*** - Tajik State University of Commerce, Assistant of the Department of World Economy and International Relations. **Address**: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Dehoti street 1/2. E-mail: **maysara.karmysheva@bk.ru**. Phone: **(+992) 918-67-74-44**

ТДУ: 338 (575.3)

# МАОРИФ УЗВИ АСОСИИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОӢ: ТАШХИС ВА ОМИЛҲОИ ИНКИШОФ

*Якубова Э.Н.*

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Инфрасохтор ҳамчун маҷмуи шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки рушди тамоми раванди истеҳсолот ва ҳам субъекти муайяни хоҷагидориро таъмин менамояд [15; 5].

Инкишофи инфрасохтори иҷтимоӣ ба натиҷаҳои иқтисодии фаъолияти инсон бевосита таъсир мерасонад. Дар системаи омилҳое, ки ба самараи истеҳсолот таъсир мерасонанд, бояд шартҳои муайянкардаи инфрасохтори иҷтимоӣ ба назар гирифта шаванд. Муассисаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ барои васеъ намудани такрористеҳсоли қувваи корӣ, ҷалб ва нигоҳ доштани мутахассисони соҳибихтисос шароит фароҳам меоранд [14; 13].

Омилҳои асосии иқтисодӣ ва тараққиёти ҷамъиятии инсониятро бе нақши инфрасохтор тасаввур кардан мумкин нест. Зеро, барои фаъолияти ҳамарӯзаи иқтисодӣ ва тамоми соҳаҳои иқтисодиётро дар худ ташкил медиҳад ва барои баланд бардоштани сатҳу сифати он нақши ҳалкунандаро мебозад.

Инфрасохтори таълимӣ яке аз муҳимтарин унсурҳои инфрасохтори иҷтимоӣ буда, имкон медиҳад, ки сармояи инсонӣ дар ҷомеа ташаккул, рушд ва пайваста такмил дода шавад. Зиёда аз ин, он ба беҳтар шудани тараққиёти иҷтимоию иқтисодии на танҳо мамлакат, балки минтақаҳои алоҳидае, ки дар сарҳадҳои онҳо воқеъ аст, мусоидат мекунад.

Дар айни замон, инфрасохтори маориф намудҳои гуногуни ташкилотҳо ва муассисаҳое, ки фаъолияти онҳо ба тарбияи насли наврас, омӯзиш ва кадрҳои хоҷагии халқро дар бар мегирад [8].

Ба муассисаҳои таълимӣ дохил мешаванд: мактабҳои умумӣ, муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои миёнаи махсус ва донишкадаҳои олӣ ва ғайраҳо.

Маориф яке аз самти афзалиятнок дар сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, зеро соҳаи маориф ва илм аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар фалсафаи давлатдории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар сол барои рушди соҳаи мазкур аз ҷониби сарвари давлат дастур ва супоришҳои алоҳида баҳри беҳтар намудани рушди соҳаи маориф ва илм алоҳида таъкид карда мешавад.

Аз ҷумла, барои ободонии ин самт, аз қабили сохтмони чанд муассисаи таълимӣ, бастани шартномаҳои дахлдор, зиёд намудани маоши кормандон, нашри китобу дастурҳои таълимӣ талошҳои зиёде ба сомон расонида шудааст.

Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мазкур чунин омадааст: «Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳаи маориф ва таълиму тарбияи насли наврас ҳамеша аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ мо бунёди маорифи миллӣ ва ворид гардидан ба фазои таҳсилоти байналмилалиро ҳадафи муҳимтарин ва самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор додем. Зеро мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад. Сарфи назар аз он, ки раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ ба низоми муайян ворид шудааст, минбаъд низ сатҳу сифати таълимро баланд бардоштан, кадрҳои баландихтисос тайёр кардан, забони давлатӣ, таърих ва фарҳанги бостонии халқи тоҷикро омӯхтан зарур аст. Баланд бардоштани шавқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиатшиносӣ, технологияи иттилоотӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, бахусус русӣ ва англисӣ, афзалият дода шавад» [20,с.28-29].

Дар таърихи маорифи мамлакат баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо заҳмати пеш аз пеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таълиму тадрис ва

сифатҳои нав гузошт, ки ин ҳама дар қонун “Дар бораи маориф”, қонунҳои амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ равшан баён гардидаанд. Соли 2013 Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»-ро бо таҳрири нав қабул намуд. Қонуни мазкур барои ба низом даровардани меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бахши маориф мусоидат намуда, барои равнақи минбаъдаи соҳаи маориф заминаи боэътимод фароҳам овард. Дар ин росто таҷдид ва такмили низоми таълиму тарбия аз ҷумлаи самти афзалиятнок ва вазифаи муҳимтарини сиёсати давлатӣ эълон гардид. Ислоҳоти фарогири соҳаи маориф тавассути ҳамасола зиёд кардани маблағгузории давлатӣ, таҳкими асосҳои миллии омӯзишу азхудкунӣ ва ба стандарти ҷаҳонӣ мувофиқ будан кӯшиш менамояд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳури Тоҷикистон қайд намудаанд, ки мақсади асоси мо дар ин самт аз он иборат аст, ки ҳифзи иҷтимоии мардум ҳарчи беҳтар таъмин гардад. Соҳаи маориф кӯшиш менамояд, ки барои тарбияи кӯдакону наврасони солим, таҳсили ҷавонон ва тарбияи кадрҳои замони муосир замина (базаи) моддӣ ва маънавиро вобаста ба талаботи замони муосир ҷо ба ҷо мекунад [20,с.28-29].

Ғайр аз он, ки ҳар сол дар Паёми Президенти кишвар вазифаҳои аниқу саҳеҳ гузошта мешавад, дар мамлакат аз соли 2014 оғоз карда, ҳар сол якуми сентябр-соли хониши нав, аз ҷониби сарвари давлат дар яке аз муассисаҳои таълимии кишвар дарси сулҳ баргузор мегардад, ки дар он вазифаҳои нав ба нав дар назди кормандони соҳаи маориф ва зиёиёни кишвар гузошта мешавад. Бо тарзи умум гӯем, агар таъмини таҳсилоти босифат дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (томактабӣ, мактабӣ, касбии ибтидоӣ ва касбии олӣ) ва беҳтар намудани базаи дастрасии таҳсилот барои ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз мавқеи зист, ҳолати иҷтимоӣ, миллат, дин яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати давлатдорӣ дар соҳаи маориф боқӣ мемонад.

Дар солҳои охир яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи маориф, ин баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаҳои таълимӣ (мактаб, коллеҷҳо, донишкада ва донишгоҳҳо) дар арсаи байналҳалқӣ мебошад ва аз ҷониби сарвари давлат ба масъалаи мазкур, аз соли 2017 таваҷҷуҳи зоҳир гашта, аз акредитатсияи байналхалқӣ гузаронидани муассисаҳои таълимӣ дастуру супоришхои аниқ пешкаш карда шуда истодааст. Зеро бо роҳи мазкур, шароитҳои мусоид дар сатҳи баланд бунёд намудани инфрасохтори соҳаи маориф, хизматрасониҳои сифатан баландро таъмин намудан мумкин аст. Дар амалигардидани ҳадафҳои дар боло зикргардида, саҳми ҳалкунандаро масъалаҳои рушди соҳаи маориф ва илм дар кулли минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад.

Маҳз дар даврони Истиқлолият муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таълими бисёрзинагии таҳсилот гузаштанд. Анҷом додани корҳои илмию таҳқиқотӣ яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ маҳсуб меёбад [20,с.28-29].

Байни Вазорати маорифи ҶТ ва вазоратҳои маориф (ва илм)-и кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ созишномаю тафоҳумномаҳои зиёде оид ба ҳамкорӣ ба имзо расиданд. Маҳз тавассути ин ҳамкориҳо тайёр намудани кадрҳои болаёқат дар хориҷи кишвар ба роҳ монда шуд. Дар ин давра бо мақсади дастгирии ҷавонони болаёқат ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисос барои соҳаҳои мухталифи ҷомеа бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» ва ба мақсади танзими қабули шаҳрвандони Тоҷикистон барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» таъсис дода шуд.

19 ноябри соли 2013 Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд ва муқаррар гардид, ки вазифаҳои пешбурди сиёсати илм аз доираи ваколатҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шуда, ба Вазорати мазкур вогузор гарданд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 10 феврали соли 2014, Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

(ММТНПҶТ) таъсис дода шуд. Аз соли 2015, дар баробари МТТОК (донишгоҳу донишкадаҳо), муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо) ба низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) ворид карда шуд, қабули донишҷӯён ба ин муассисаҳо (донишгоҳу донишкадаҳо) тавассути низоми мазкур амалӣ карда мешавад.

Чи тавре дар Паёми имсолаи Президенти кишвар бо тарзи алоҳида қайд карда шудааст: «таъкид менамоям, ки мо дар ҳазорсолаи сеюм ва асри пешрафти бесобиқаи илму технологияҳо, яъне дар асре, ки тамоми ҷанбаҳои ҳаёт тавассути саводу дониш ва илму технологияҳо идора карда мешавад, зиндагӣ дорем. Барои ҳамқадами замона будан ва рушди давлату ҷомеаро таъмин кардан омӯзиши илму дониш, хусусан, илмҳои табиӣ, риёзӣ, дақиқ ва аз худ кардани касбу ҳунар роҳи ягона ва дуруст мебошад. Дар замоне, ки илму техника бо суръати кайҳонӣ пеш меравад, бе дониши замонавӣ, бе касбу ҳунарҳои муосир ва бе донистани забонҳои хориҷӣ зиндагӣ кардан бисёр душвор мегардад. Баръакс касе, ки илму дониш ва касбу ҳунар дорад, дар зиндагӣ ҳаргиз хору зор ва ба касе муҳтоҷ намешавад ва умри бобаракат мебинад» [20,с.38].

Аз ин лиҳоз, арзёбӣ намудани рушди соҳаи маориф ва илм ҳамчун қисмҳои таркибии соҳаи инфрасохторӣ мувофиқи матлаб аст. Зеро, бо ин роҳ муайян намудани муаммоҳо дар ҳудудҳои алоҳидаи минтақаи ҷумҳурӣ ва ҳалли ин муаммоҳо яке аз роҳҳои асосӣ барои расидан ба мақсади гузошташуда мебошад.

Дар ин радиф, дар миқёси ҳар як самти фаъолияти таркибии соҳаи маориф яъне томактабӣ, мактабӣ, ибтидоии касбӣ, касбии олӣ бояд нишондиҳандаҳои махсусро таъкид намуд, ки барои муайян намудани ҳолати муосири инфрасохтори таълимии минтақаро мусоидат намояд. Чи тавре қайд карда мешавад, дар ин самт се гурӯҳи алоҳидаи нишондиҳандаҳоро фарқ кардан мумкин аст. Ба гурӯҳи аввал нишонидҳандаҳоеро ворид кардан мумкин аст, ки вазъи модди техникии муассисаро барои тавсиф намудан имконият медиҳад. Ба гурӯҳи дуюм бошад, он нишондиҳандаҳое ворид мегардад, ки таъминоти кадрии муассисаҳои таълимиро инъикос менамояд. Ба гурӯҳи саввум бошад, нишондиҳандаҳоеро ворид кардан мумкин аст, ки таъминоти иттилоотӣ-методии муассисаҳои таълимиро арзёбӣ намудан зарур аст.

Дар шароити муосир, дар қатори дигар нишондиҳандаҳо боз як гурӯҳи дигари нишондиҳандаҳое, ки мавҷудияти шароитро барои талабагони имконияти маҳдуди саломатӣ доранд, низ истифода бурда мешавад. Ин нишондиҳанда асосан нишондиҳандаи дастрасии шахсони имкониятошон маҳдуд мебошад. Илова бар ин, нишондиҳандаҳои дар шароити муосир истифодащаванда ин индикаторҳое мебошанд, ки ҳолати молиявӣ иқтисодии низоми маорифи минтақаро шарҳ медиҳанд.

Дар сарчашмаҳои илмӣ бештар ҳисоб намудани рейтинги инфрасохтори таълимии минтақаро аз рӯи ду нуқтаи назар муайян кардан мумкин аст:

- рейтинги рушди инфрасохтори таълимӣ барои ҳар як сатҳи алоҳидаи таҳсилот, яъне инфрасохтори таҳсилоти томактабӣ, инфрасохтори таҳсилоти мактаби миёнаи умумӣ, инфрасохтори таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва инфрасохтори таҳсилоти касбии олӣ;
- аз дигар нуқтаи назар тибқи равияҳои рушди инфрасохтори таълимӣ рейтингро муайян кардан мумкин аст, яъне аз рӯи таъминоти кадрӣ, аз рӯи таъминоти моддӣ-техникӣ, аз рӯи таъминоти иттилоотии методӣ, аз рӯи рушди шабакаи таълимӣ.

Инфрасохтори маориф ҳамчун узви ҷудонашавандаи инфрасохтори иҷтимоӣ ниҳоди асосӣ дар ташаккул, рушд ва такмили сармояи инсонӣ дар ҷамъият мебошад. Аз ҳама муҳим, инфрасохтори маориф дар ҳар як минтақае, ки дар он ҷойгир аст, шароити мусоид фароҳам меорад, то рушди иқтисодӣ – иҷтимоии он таъмин бошад. Барои арзёбӣ намудани сатҳи рушди инфрасохтор дар соҳаи маориф ва арзёбӣ намудан тамоюлоти тағйиротҳо аз методикаи баҳодиҳие, ки олимони рус Артемова О.В., Логачева Н.М. пешниҳод кардааст.

Аксарияти кулли муҳаққиқон нақши асосиро дар ташаккули сармояи инсонӣ ба соҳаи маориф медиҳанд, ки ба афзоиши даромади ояндаи ҷомеа, шахсият, баланд бардоштани некуаҳволии иҷтимоии инсон ва таъмини некуаҳволии ӯ таъсири калон мерасонад [9; 19].

Дар солҳои амалишавии иқтисодиёти бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, асосан муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ (МТТ) ба коҳиши назаррас дучор шуд. Дар бештар ҳолат як қисми муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо сабаби кам гаштани маблағгузорӣ имконияти нигоҳ доштанро гум кард. Дар натиҷа, бештари муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ фаъолиятро пурра қатъ намуд ва як қисми онҳо дар натиҷаи сиёсати нодурусти роҳбарони мақомотҳои дахлдор ба объектҳои хусусигардонӣ табдил ёфт ва ба ҷои онҳо мағозаҳо ё ин ки дигар намудҳои хизматрасонии тиҷоратӣ пайдо гардид. Вале, солҳои охир, хусусан дар даҳсолаи охир бо туфайли таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт корҳои созандагӣ, ободкорӣ низ сурат гирифта, миқдори объектҳои инфрасохтори таҳсилоти томактабӣ дар қаламрави вилояти Суғд низ бо ҳаракати нав рушд ёфта истодааст. Дар ин ҷода, барои тасдиқи суханҳои қайдгардида факту рақамҳои оморӣ оид ба ҳолати миқдории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар вилояти Суғд маълумот меорем (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар вилояти Суғд**
**Table 1. Preschool education institutions in Sughd region**

| Солҳо | Ҳамагӣ воҳид | аз он ҷумла: | | Кӯдакон (нафар) | Шумораи кӯдакон дар 1 МТТ | аз он ҷумла: | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | дар шаҳр | дар деҳот | | | дар шаҳр | кӯдакон дар 1 МТТ | дар деҳот | кӯдакон дар 1 МТТ |
| 1991 | 350 | 208 | 142 | 57098 | 163 | 40256 | 193 | 16842 | 118 |
| 1995 | 306 | 189 | 117 | 37471 | 122 | 26329 | 139 | 11142 | 95 |
| 2000 | 194 | 115 | 79 | 19152 | 98 | 12770 | 111 | 6382 | 80 |
| 2005 | 195 | 105 | 90 | 23230 | 119 | 16526 | 157 | 6704 | 74 |
| 2010 | 197 | 116 | 81 | 26689 | 135 | 18618 | 160 | 7071 | 87 |
| 2015 | 237 | 134 | 103 | 38691 | 163 | 26895 | 200 | 11796 | 114 |
| 2016 | 249 | 142 | 107 | 39930 | 160 | 27419 | 193 | 12511 | 116 |
| 2017 | 252 | 142 | 110 | 40654 | 161 | 27920 | 196 | 12734 | 115 |
| 2018 | 261 | 147 | 114 | 42282 | 162 | 28497 | 193 | 13785 | 120 |
| 2019 | 272 | 153 | 119 | 44507 | 163 | 29486 | 192 | 15021 | 126 |
| 2020 | 276 | 153 | 123 | 40283 | 145 | 26399 | 172 | 13884 | 112 |

Маҷмуаи омории Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. -Душанбе, 2021. - С.15-28.

Чи тавре аз ҷадвали 1 бар меояд, дар оғози ислоҳоти иқтисоди бозорӣ (соли 1991) дар қаламрави вилояти Суғд ҳамагӣ 350 воҳидро ташкил мекард, ки 208 адади он дар шаҳрҳо ва 142 ададаш дар минтақаҳои деҳот мавҷуд буд. Ин иқтидор ҳамагӣ зиёда аз 58097 нафар кӯдаконро фаро мегирифт. Яъне, ба ҳар як муассисаи таҳсилоти томактабӣ 163 нафар кӯдак рост меомад. Агар ҳолати мазкурро тибқи шаҳру ноҳияҳо шарҳ диҳем, нисбати шаҳр фарогирии кӯдакон дар деҳот ба маротиб шумораи камро ташкил мекард. Масалан, соли 1991 аз шумораи умумии кӯдаконе, ки ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ фаро гирифта шуда буданд 29,4% ба дӯши деҳот ва боқимонда ба дӯши аҳолии шаҳр рост меомад.

Дар даҳаи аввали ислоҳоти бозор ҳолати муассисаҳои таълимии томактабӣ хеле бад шуд, ки дар натиҷа, дар вилоят соли 2000 шумораи муассисаҳои таълимии томактабӣ 194 адад боқӣ монда, нисбат ба соли 1991-ум 44,6% кам шуд. Дар натиҷа шумораи кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии вилоят 19152 нафарро ташкил дод, ки аз замони оғози ислоҳоти бозор 66,5% кам шудааст.

Чи тавре факту рақамҳо нишон медиҳанд, коҳишёбӣ асосан дар деҳот нисбат ба шаҳр хеле шадидтар буд. Минбаъд, ба туфайли таваҷҷуҳи Ҳукумат қадам ба қадам шумораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ афзоиш ёфт. Дар соли охири тадқиқот, яъне соли 2020-ум шумораи онҳо ба 276 адад расонида шуд. Ин нишондиҳандаҳо нисбат ба соли 2000-ум 1,42 маротиба зиёд бошад ҳам, қонеъкунанда нест. Зеро, ҳоло ба сатҳи соли 1991 нарасидаем. Бо тарзи дигар гӯем, ҳоло дар сатҳи 78,9%-и миқдори соли 1991-

ро ташкил медиҳад. Ҳолати мазкур таъсири ҷалби кӯдаконро ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар вилоят низ инъикос мекунад. Масалан, соли 2020 ҳамагӣ 40283 нафар кӯдак дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тарбия гирад, ин 70,5%-и сатҳи соли 1991-ро ташкил медиҳад. Новобаста аз он, ки нисбати соли 2000-ум ин нишондиҳанда 2,1 маротиба зиёд шудааст. Чунин тамоюлотро дар таҳлили нишондиҳандаи шумораи кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ низ дидан мумкин аст. Масалан, соли 1991 дар як МТТ 145 нафарро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2000-ум 1,5 маротиба зиёд шудааст, вале нисбати соли 1991 ҳамагӣ 88,9%-и онро дар бар мегирад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат соҳаи маориф ҳамчун ниҳоди калидӣ дар маркази диққати роҳбарияти сиёсии олии мамлакат қарор дошта, дар ҳамаи самту соҳаи он пешравиҳои зиёде ба вуҷуд омаданд.

Бо ифтихор метавон гуфт, ки ҳоло аҳли маориф ва ҷомеаи кишвар бо дастгирӣ аз сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати кишвар, ба масъалаи сифати таълиму тарбия диққати ҷиддӣ дода, барои баланд бардоштани маърифатнокию ҷаҳонбинӣ, худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва масъулияти шаҳрвандии хеш саҳми арзанда мегузоранд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Комилов А.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Айвазян С.А. Анализ качества и образа жизни населения / С.А. Айвазян. -М.: Наука, 2012. -432 с.
2. Айвазян С.А. Интегральные индикаторы качества жизни населения региона как критерии эффективности социально-экономической политики, проводимой органами региональной власти / С.А. Айвазян, М.А. Исакин // Прикладная эконометрика. - 2006. -№1. -С.25-31.
3. Александрова, О.А. Реформа бюджетных учреждений: мнение пациентов и врачей / О.А. Александрова // Гуманитарные науки. Вестник финансового университета. – 2017. -Т.7. -№1. -С.54-63.
4. Аничин, В.Л. Совершенствование организационно-экономического механизма развития сельских территорий [Текст] / В.Л. Аничин, А.И. Добрунова // Проблемы и перспективы инновационного развития агротехнологий: материалы XX Международной научно-практической конференции. -Белгород: Изд-во Белгородского государственного аграрного университета им. В.Я. Горина, 2016. -С. 284-285.
5. Безуглая Е.В. Значение транспортной инфраструктуры в обеспечении устойчивого развития Курской области [Текст] / Е.В. Безуглая // Молодой ученый. - 2013. -№9. -С.152–154.
6. Беседина С.В. Система индикаторов для оценки состояния и перспектив развития ЖКХ / С.В. Беседина // ЖКХ журнал руководителя и главного бухгалтера. - 2012. -№5. -С.25–33.
7. Бунеева, М.В. Оценка инфраструктурных условий жизнеобеспечения населения и тенденций их изменения [Текст] / М.В. Бунеева // Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. - 2015. -№4(56). -С.433-439.
8. Еременко А.Д. Инфраструктура общества / А.Д. Еременко. -М.: Наука, 2001. -С. 25.
9. Капелюшников Р.И. Трансформация человеческого капитала в российском обществе (на базе «Российского мониторинга экономического положения и здоровья населения») / под ред. Р.И. Капелюшникова, А.Л. Лукьяновой. -М.: Фонд «Либеральная миссия», 2010. -196 с.
10. Киреев, А.А. Проблемы преобразования социально-экономического пространства. Между идеологией и наукой [Текст] / А.А. Киреев // Пространственная экономика. -2015. -№3. -С.16-33.
11. Клименко, О.И. Обзор методического инструментария оценки регионального развития социальной инфраструктуры [Текст] / О.И. Клименко, М.Е. Боталова // Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. - 2018. -№1(68). -С.64-74.
12. Князев Ю.К. Современная экономика - синтез рынка и социального регулирования: монография [Текст] / Ю.К. Князев. -М.: НИЦ ИНФРА-М, 2014. -176 с.
13. Коварда В.В. Влияние инфраструктуры на развитие АПК России [Текст] / В.В. Коварда, Е.В. Безуглая // Молодой ученый. - 2013. -№8. -С.194–197.
14. Коварда, В.В. Региональный агропромышленный комплекс: структура, ресурсное обеспечение и пути перехода к долгосрочному устойчивому развитию [Текст] / В.В. Коварда // Региональная экономика: теория и практика. - 2012. -№29(260). -С.59–64.
15. Коварда, В.В. Роль и значение транспортной инфраструктуры для социально-экономического развития Курской области [Текст] / В.В. Коварда, Е.В. Безуглая // Известия Юго-Западного государственного университета. - 2012. -№2. -Ч. 1. -С.110–113.
16. Консепсияи мактаби миллии тоҷик. -Душанбе, 2005.
17. Маориф – ояндаи Тоҷикистон. -Хуҷанд: Ношир, 2011. -С.5-8.
18. Методический подход к измерению качества жизни населения региона [Текст] / О.А. Козлова, Т.В. Гладкова, М.Н. Макарова, Е.Х. Тухтарова // Экономика региона. - 2015. -№2. -С.182-193.
19. Модернизация российского образования: вызовы нового десятилетия / под ред. А.А. Климова. -М.: Издательство «Дело» РАНХ, 2010. -104 с.

20. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (аз 21.12.2021). –Душанбе: Шарқи озод, 2021. -С.28-38.
21. Khushvakhtzoda, K.Kh. To the question of improving the training of competent specialists in the areas of human activity with an increased demand for knowledge / Khushvakhtzoda K.Kh., S.Kh. Khamidova // Herald of the Pedagogical University. Natural Sciences. – 2022. -No.4(16). -P.89-94. – EDN OXLUEA.

## МАОРИФ УЗВИ АСОСИИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОӢ: ТАШХИС ВА ОМИЛҲОИ ИНКИШОФ

Дар мақолаи мазкур оид ба маҷмуи шароитҳои иҷтимоию иқтисодии рушди инфрасохтори маориф, инчунин, инкишофи инфрасохтори иҷтимоӣ ба натиҷаҳои иқтисодии фаъолият мавриди таҳқиқ қарор дорад. Самти афзалиятнок дар сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаҳои таълимӣ (мактаб, коллеҷҳо, донишкада ва донишгоҳҳо) дар арсаи байналхалқӣ аз ҷониби сардори давлат ба масъалаи мазкур. Инчунин, оид ба ҳисоб намудани рейтинги инфрасохтори таълимии минтақаро аз рӯи нуқтаи назар муайян кардан. Илова бар он, нишондиҳандаҳои дар шароити муосир истифодашаванда, ки ҳолати молиявӣ иқтисодии низоми маорифи минтақаро шарҳ медиҳанд. Аз ин лиҳоз, арзёбӣ намудани рушди соҳаи маориф ва илм ҳамчун қисмҳои таркибии соҳаи инфрасохторӣ мувофиқи матлаб мебошад, тавсия гардидааст.

**Калидвожаҳо:** инфрасохтор, инфрасохтори маориф, рушд, рейтинг, индикатор, арзёбӣ, молиявӣ, методӣ, тамоюл, ҳудудӣ, муаммоҳо, сармояи инсонӣ.

## ОБРАЗОВАНИЕ – ГЛАВНАЯ ОСНОВА СОЦИАЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ: ДИАГНОСТИКА И ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ

В данной статье рассматривается сочетание социально-экономических условий развития образовательной инфраструктуры, а также развитие социальной инфраструктуры и экономических результатов деятельности. Это приоритетное направление в социально-экономической политике Республики Таджикистан. Повышение конкурентоспособности образовательных учреждений (школ, колледжей, институтов и вузов) на международной арене поручено Министерству образования и науки РТ. А также определен рейтинг образовательной инфраструктуры региона. Кроме того, представлены показатели, используемые в современных условиях, которые объясняют финансово-экономическое состояние системы образования региона. С этой точки зрения, рекомендуется оценить развитие образования и науки как составляющие инфраструктурного сектора.

**Ключевые слова:** инфраструктура, инфраструктура образования, развитие, рейтинг, показатель, оценка, финансовый, методологический, тренд, территориальный, проблемы, человеческий капитал.

## EDUCATION IS THE MAIN MEMBER OF SOCIAL INFRASTRUCTURE: DIAGNOSTIC AND DEVELOPMENT FACTORS

This article discusses the combination of socio-economic conditions for the development of educational infrastructure, as well as the development of social infrastructure and economic performance. This is a priority direction in the socio-economic policy of the Republic of Tajikistan. Improving the competitiveness of educational institutions (schools, colleges, institutes and universities) in the international arena is entrusted to the Ministry of Education and Science of the Republic of Tatarstan. And also the rating of the educational infrastructure of the region is determined. In addition, the indicators used in modern conditions are presented, which explain the financial and economic state of the education system in the region. From this point of view, it is recommended to assess the development of education and science as components of the infrastructure sector.

**Keywords:** infrastructure, education infrastructure, development, rating, indicator, assessment, financial, methodological, trend, territorial, problems, human capital.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Якубова Эхтиборхон Негматуллоевна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров, омӯзгори кафедраи баҳисобгирӣ ва аудит. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков, 1. Телефон: **929-09-93-93**

**Сведения об авторе**: ***Якубова Эхтиборхон Негматуллоевна*** - Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова, преподаватель кафедры бухгалтерского учета и аудита. **Адрес:**735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, улица Мавлонбекова, 1. Телефон: **929-09-93-93**

**Information about the author:** ***Yakubova Ehtiborkhon Negmatulloevna*** - Khujand State University named after B. Gafurov, Lecturer, Department of Accounting and Audit. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov street 1. Phone: **929-09-93-93**

ТДУ: 338.48

# ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ САЙЁҲИИ ДЕҲОТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


***Раҳимов М.А.***

**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**


Дар солҳои охир таваҷҷуҳи олимон ва муҳаққиқон ба масъалаҳои рушди сайёҳӣ афзун шудааст. Дар адабиёт, хусусан адабиёти иқтисодӣ интишороти зиёде арзи ҳастӣ намудаанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои иқтисодии ташаккул ва рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ шудаанд. Дар таҳқиқи ҷанбаҳои иқтисодии ташаккул ва рушди сайёҳӣ саҳми олимони ватанӣ Х.Ҳ. Алишоев [2], У.С. Асрорзода [3], А. Зоҳидҷон [5], Б.Ҳ. Каримов [6; 7; 13], А.А. Мирзоалиев [8], С.Х. Раҳимов [13], Қ.Х. Хушвахтзода [15] назаррас аст. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз на ҳама ҷанбаҳои иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии деҳот ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Бинобар ин, масъалаҳои ташаккул ва рушди сайёҳии деҳот ба таҳқиқ ниёз доранд.

Сайёҳӣ имрӯз дар рушди иқтисодии мамлакатҳо, минтақаҳо ва маҳалҳои алоҳида, аз ҷумла маҳалҳои деҳот нақши муҳимро иҷро мекунад. Соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар аксар мамлакатҳо ҳамчун сарчашмаи муҳимми даромад ба ҳисоб меравад. Инчунин, фаъолияти сайёҳӣ ба рушди инфрасохтори иқтисодиёти маҳалҳо, барқарорсозии ёдгориҳои фарҳангию таърихӣ ва ҳифзи муҳит мусоидат мекунад. Дар баробари ин, анъанаҳои деринаи мардуми деҳоти тоҷик, урфу одат, меҳмоннавозӣ, рушди ҳунармандӣ ва фаъолияти кишоварзӣ дар деҳот якҷоя бо захираҳои бойи табиию солимгардонӣ, ёдгориҳои фарҳангию таърихӣ ва тозагии экологии муҳити деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди яке аз самтҳои нави сайёҳӣ – сайёҳии деҳот замина мегузоранд.

Бояд хотиррасон кард, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари аграрӣ буда, ҳиссаи кишоварзӣ (якҷоя бо хоҷагии ҷангал, шикор, моҳидорӣ ва моҳипарварӣ), ки шуғли асосии аҳолии деҳот мебошад, дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилии он 21,14%-ро ташкил медиҳад (соли 2021) [10,с.217]. Ба санаи 1 январи соли 2022 аҳолии мамлакат 9886800 нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 7042700 нафар (71,2%) дар маҳалҳои деҳот зиндагӣ мекунанд [17,с.33]. Аз шумораи умумии аҳолии деҳот 3462200 нафар (49,2%)-ро занҳо ташкил медиҳанд, ки аз онҳо 1910700 нафар (55,2%) қобили меҳнат мебошанд. Шумораи мардҳо дар деҳот 3580500 нафар буда, аз онҳо 2036000 нафар (56,9%) қобили меҳнат мебошанд. Дар ин маврид, шумораи шахсони дар иқтисодиёт машғул ба ҳисоби миёна 2533500 нафар (соли 2021) буда, аз онҳо 1535300 нафар (60,6%) дар соҳаи кишоварзӣ (якҷоя бо хоҷагии ҷангал, шикор, моҳидорӣ ва моҳипарварӣ) фаъолият мекунад [10,с.85].

Бо назардошти ин гуфтаҳо, инчунин, бо сабабе, ки 93%-и масоҳати мамлакатро маҳалҳои кӯҳистон ташкил медиҳанд, роҳҳои нақлиётӣ ба аксари ин маҳалҳо душворгузаранд ва заминҳои барои истифодаи кишоварзӣ мусоид кам мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани истеҳсолоти кишоварзӣ ва саноатӣ маҳдуд аст. Инчунин, бар асари мавсимӣ будани меҳнати кишоварзӣ, таъмин намудани шуғли доимии аҳолии деҳот дар давоми сол ғайриимкон аст. Вале ин шароит барои машғул шудани аҳолии деҳот ба фаъолияти ғайрикишоварзӣ, аз ҷумла сайёҳӣ (сайёҳии деҳот) мусоид мебошад. Тавассути ба роҳ мондани сайёҳии деҳот, фаъолияти иқтисодии аҳолии деҳот метавонад вусъат ёбад ва бештари он ба шуғли сердаромад ҷалб карда шавад.

Ҷиҳати иқтисодии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи кишоварзӣ тадбирҳои ташкилию иқтисодиеро дар бар мегирад, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бахши кишоварзии иқтисодиёти миллӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ ва таъмини рушди устувори маҳалҳои деҳот равона гардидаанд. Хусусан дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди деҳот, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолии деҳот, аз ҷумла фаро гирифтани он ба шуғл корҳои зиёдеро анҷом додааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои зарфияти бузург барои ташкил намудани сайёҳии деҳот аст, ки асоси онро сарватҳои табиӣ, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, иншооти солимгардонии бо истифода аз обҳои гарм, буғҳо ва лойқаи шифобахши табиӣ ташкил медиҳанд. Дар маҳалҳои деҳоти кӯҳистон шароит ва захираҳои мусоид барои табобат, осоиши бадан, бартараф кардани хастагии ҷисмонӣ ва маънавии инсон, фароғати солим бо ҳам рост омадаанд, ки барои рушди сайёҳии деҳот кифоя мебошанд.

Ба хотири рушди сайёҳӣ дар маҳалҳои деҳоти мамлакат ва вусъат додани фаъолнокии аҳолии деҳот, ҷалб намудани онҳо ба фаъолияти ғайрикишоварзӣ, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ, духтани либосҳои миллӣ, сохтани асбобҳои мусиқӣ, истеҳсоли армуғон ва дигар намудҳои фаъолияти меҳнатии дорои даромади хуб ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон созгор мебошанд.

Яке аз муҳимтарин иқдомҳои Сарвари давлат, ки ба рушди фаъолияти аҳолии деҳот ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии он равона гардидааст, ин эълон намудани соли 2018 ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» мебошад, ки ҳангоми ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 декабри соли 2017 муаррифӣ гардид. Ҳамбаста намудани сайёҳӣ бо ҳунарҳои мардумӣ аз он далолат медиҳад, ки рушди сайёҳӣ ба рушди ҳунарҳои мардумӣ, ки асосан дар деҳот маъмул аст, такон мебахшад. Дар ин маврид Сарвари давлат таъкид намуданд, ки сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳимми бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин, муаррификунандаи таърих ва фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Барои рушди ин соҳа дар кишвар ҳамаи заминаҳои зарурии меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, илова бар ин, як силсила чораҳои ҳавасмандкунӣ низ татбиқ гардидаанд. Шароити мусоиди табиӣ ва иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба роҳ мондани хизматрасонии муосири сайёҳӣ ва инкишофи намудҳои гуногуни он имконияти беҳтарин муҳайё кардааст. Танҳо зарур аст, ки инфрасохтори муосир бунёд ва сифати хизматрасонӣ дар сатҳи байналмилалӣ ба роҳ монда шавад [11].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 26 декабри соли 2018 ироа гардид, солҳои 2019-2021-ро чун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ» эълон намуданд. Ҳадафи асосӣ аз ин иқдом татбиқи талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири боз ҳам обод кардани сарзамин, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ, пеш аз ҳама аҳолии деҳот, беҳтар намудани инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ дар соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмини аҳолии деҳот бо оби тоза, бунёд ва таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад [12].

Иқдомҳои созандаи Президенти кишвар аллакай дар оғози амалисозӣ натиҷаҳои хуб дод: дар соли 2018 шумораи сайёҳони хориҷии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташрифоварда нисбат ба соли пешин ба андозаи 2,4 маротиба зиёд шуд (диаграммаи 1).

Аз диаграммаи дар диаграммаи 1 тасвиргардида мушоҳида мешавад, ки гарчанде нишондиҳандаи воридшавии сайёҳони хориҷӣ дар солҳои пешин низ тамоил ба баландшавӣ дошта бошад ҳам, вале суръати пешравии он назаррас набуд. Масалан, соле пеш, яъне дар соли 2017 ба мамлакат 431 нафар шаҳрвандони хориҷӣ ҳамчун сайёҳ ворид шудаанд, ки ин шумора нисбат ба соли 2016 ба андозаи ҳамагӣ 25,3% зиёд аст. Мувофиқан дар солҳои пешин суръати пешравии нишондиҳандаи мазкур чунин аст: 2016 – (-16,7%), 2015 – 94%.

Бояд гуфт, ки тавре аз диаграмма ба назар мерасад, дар солҳои 2020-2021 шумораи сайёҳони хориҷии ба мамлакат ташрифоварда яку якбора кам шудааст (дар соли 2020 – 3,6 маротиба, соли 2021 – 15,6%). Сабаби ин, албатта паҳншавии пандемияи COVID-19 аст, ки ба фаъолнокии сайёҳӣ дар тамоми ҷаҳон таъсири манфӣ расонидааст. Пас аз муътадил гардидани вазъи эпидемиологӣ дар мамлакат, аллакай дар соли 2022 ташрифи сайёҳони хориҷӣ боз зиёд шуд.

**Диаграммаи 1. Ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Diagram 1. Visit of foreign tourists to the Republic of Tajikistan**




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [9; 10,с.183]

Азбаски сайёҳони хориҷӣ бо худ асъори хориҷӣ меоранд, онро барои пардохт кардани хизматрасониҳо ва молҳои харидаи худ иваз мекунанд, бинобар ин, бо зиёд шудани воридшавии онҳо ба мамлакат воридоти асъори хориҷӣ низ зиёд мешавад. Ҳангоми будубоши сайёҳони хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо аз ҷониби ширкатҳои сайёҳӣ, корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва аҳолии маҳаллӣ хизматрасонӣ карда мешавад, ки ин ҳам манбаи иловагии воридшавии асъори хориҷӣ мебошад.

Падидаи боз ҳам муҳимтар барои рушди иқтисодиёти мамлакат ин аст, ки сайёҳони хориҷӣ ба маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ ва армуғони миллӣ, инчунин, хӯрокҳои миллӣ таваҷҷуҳи зиёд доранд. Мушоҳида мешавад, ки ҳар нафар сайёҳи хориҷӣ аз мамлакат чизе аз қабили маҳсулоти ҳунармандии аҳолии маҳаллӣи ташриф бо худ ёдоварӣ мебарад ва ин ҳам ба рушди ҳунарҳои мардумӣ такон мебахшад, ҳам аз ин ҳисоб даромади шахсии аҳолии деҳот, ки бештари иншооти сайёҳӣ он ҷо ҷойгиранд, зиёд мешавад. Дар диаграммаи 2 тасвиршуда маълумот дар бораи даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳо ба сайёҳони хориҷӣ оварда шудааст.

**Диаграммаи 2. Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ**
**Diagram 2. Incomes from the provision of tourist services**




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [10,с.183]

Тавре аз диаграмма ба назар мерасад, даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳо ба сайёҳон аз соли 2016 то соли 2019 ду маротиба зиёд шудааст. Вале дар соли 2020 ин нишондиҳанда маблағи 7677 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли пешин ба андозаи 16820,9 ҳазор сомонӣ (3,2 маротиба) кам аст. Албатта сабаби якбора кам шудани даромад аз хизматрасониҳо ба сайёҳон кам шудани шумораи сайёҳони хориҷӣ бо сабаби пандемияи COVID-19 мебошад.

Аксари сайёҳони хориҷӣ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф меоранд, дилбохтаи зебоиҳои ин кишвари кӯҳистон ва офтобрӯ буда, аллакай аз истироҳат дар маконҳои сайёҳии мамлакатҳои рушдёфта дилмонда шудаанд ва бештар кӯшиш мекунанд, ки чанд муддате дар муҳити кӯҳистон ва табиати тозаи деҳот дам гиранд. Онҳо дар давраи истироҳат истиқомат карданро на дар меҳмонхонаҳои боҳашамати шаҳрӣ, балки дар хонаи хурдакаки деҳот меписанданд. Барои онҳо шароит дар макони истироҳат ҳар қадар содатар бошад, ҳамон қадар беҳтар аст. Сокинони шаҳрҳои калонро, ки аз фаъолияти муқаррарӣ дар ҷои кор, ғавғои доимӣ ва ҳавои дамгири шаҳр, таомҳои якранги тарабхонаҳо ва ошхонаҳо хаста шудаанд, сайёҳии деҳот ҷалб мекунад.

Сайёҳии деҳотро дар адабиёт баъзан чун «сайёҳии кишоварзӣ» (агротуризм), «сайёҳии сабз», «сайёҳии экологӣ» низ ном мебаранд [14,с.37]. Азбаски сайёҳии деҳот навъи фароғат буда, бо шиносоӣ бо расму русум, фарҳанг ва тарзи зиндагии сокинони маҳаллӣ ҳамрадиф аст ва сокинони маҳалҳои мамлакат, ки сайёҳон (хориҷӣ ва дохилӣ) бештар ба он ҷойҳо ташриф меоранд, ба фаъолияти кишоварзӣ машғул мебошанд, ин навъи сайёҳиро метавон ҳамчун сайёҳии кишоварзӣ низ номбар кард. Дар ин маврид, дар деҳот хизматрасониҳоро ба сайёҳон субъектҳои соҳибкорӣ – хоҷагиҳои деҳқонӣ, соҳибкорони инфиродӣ, инчунин, шаҳрвандони алоҳида аз ҷумлаи сокинони маҳаллӣ анҷом дода метавонанд. Онҳо, пеш аз ҳама, ба сайёҳони хориҷӣ ҷой барои истиқомати муваққатӣ (ҷойгоҳ), таом, тамошо ва сайру гашт, фароғат ва дигар хизматрасониҳоро пешкаш мекунанд.

Сайёҳии деҳот асосан ба истифодаи захираҳои кишоварзӣ, табиӣ, фарҳангию таърихии маҳалҳои деҳот ва хусусиятҳои онҳо ҳамчун маҳсулоти сайёҳӣ такя менамояд. Он вазъи иқтисодии маҳалҳои дурдастро беҳ намуда, ҳамзамон, ҳифзи табиати нотакрор ва тозаро таъмин мекунад. Бо рушди сайёҳӣ дар маҳалҳо тавассути иҷрои корҳо доир ба ҳифзи табиат, ки соҳибкорони дар ин соҳа фаъолияткунанда анҷом медиҳанд, барқарорсозӣ ва нигоҳдории ҳолати хуби захираҳои табиӣ ва ёдгориҳои фарҳангию таърихӣ таъмин мегардад. Ҷалб кардани аҳолии маҳаллӣ ба раванди барқарорсозӣ ва нигоҳдории захираҳои табиӣ ва ёдгориҳои фарҳангию таърихӣ қувваи таконбахш барои ҳавасманд кардани аҳолӣ ба истифодаи тулонӣ ва оқилонаи захираҳои сайёҳии маҳал мебошад. Иштироки сокинони маҳаллӣ дар фаъолияти сайёҳӣ ва гирифтани даромади назаррас аз ин фаъолият «барои онҳо ҳавасмандии иқтисодӣ ба вуҷуд меорад, вале танҳо бо назардошти иҷрои талаботи ҳифзи табиат» [16,с.246].

Субъектҳои хоҷагидории соҳаи кишоварзӣ, ки бо пешбурди фаъолияти сайёҳии деҳот шуғл меварзанд, асосан маҳсулоти кишоварзиро бо ҳаҷмҳои начандон калон истеҳсол мекунанд. Як ҳиссаи маҳсулоти онҳо барои истеъмоли шахсӣ, ҳиссаи дигараш барои хӯроки сайёҳон истифода мешавад. Дар ин маврид, маҳсулоти кишоварзӣ, ки онҳо истеҳсол мекунанд, гуногун буда, аз ҷиҳати сифат нисбат ба маҳсулоти дигар истеҳсолкунандагон бартарӣ дорад, инчунин, нархи он низ мувофиқан баланд мебошанд. Ба ин васила субъектҳои хоҷагидории кишоварзӣ даромади бештар мегиранд, ки ин онҳоро барои боз ҳам рушд додани ҳам истеҳсолоти кишоварзӣ ва ҳам фаъолияти сайёҳии деҳот ҳавасманд мегардонад. Ҳамин тавр, рушди якҷояи истеҳсолоти кишоварзӣ ва сайёҳии деҳот ба рушди устувори маҳалҳои деҳот, аз ҷумла маҳалҳои аз ҷиҳати пешбурди шаклҳои анъанавии хоҷагии кишоварзӣ афсурда мусоидат мекунад [4,с.26].

Соҳибкорон ва аҳолии деҳот, ки ба сайёҳон хизматрасонӣ мекунанд, бо истифода аз даромади иловагии аз ҳисоби чунин хизматрасониҳо гирифтаи худ барои будубоши сайёҳон хонаҳои муносиб месозанд. Онҳо ҳамзамон хонаҳои худро низ таъмир ва навсозӣ карда, бо ин роҳ намои деҳотро хуб ва онро барои сайёҳон ҷолибтар

мегардонанд. Яъне сайёҳии деҳот илова бар манфиати иқтисодӣ, ки ба аҳолии маҳал меорад, ҷиҳатҳои маънавӣ ва эстетикии ҳаёти деҳотро низ дигар мекунад.

Маблағҳои ба рушди сайёҳии деҳот равонагардида нисбат ба маблағҳои ба соҳаи кишоварзӣ сафарбаршуда худро тезтар мепушонанд. Вале сайёҳии деҳот дар ҳеҷ ҳолат ба истеҳсолоти кишоварзӣ рақобат намекунад, балки рушди онро густариш медиҳад. Субъектҳои хоҷагидорие, ки дар соҳаи сайёҳии деҳот фаъолият мекунанд, «ҳангоми бастани шартномаҳои таҳвили маҳсулоти озуқа барои истироҳаткунандагон пешакӣ зиёд кардани ҳаҷмҳои истеҳсолотро дар маҳал ба нақша мегиранд. Маблағҳои ба рушди сайёҳӣ сафарбаршуда дар рушди истеҳсолоти асосии кишоварзӣ истифода мешаванд, яъне худмаблағгузории соҳаи кишоварзӣ ба амал меояд» [1,с.74]. Дар натиҷа рушди сайёҳии деҳот ба рушди истеҳсолоти кишоварзӣ дар маҳал мусоидат мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иншооти сайёҳии зиёд ҳастанд ва амал мекунанд, ки аксари онҳо дар маҳалҳои деҳот ҷойгир мебошанд ва метавонанд манбаи назарраси даромади сокинони маҳаллӣ гарданд. Аз ҷумла, дар ноҳияи Лахш, дар масофаи 26 километр аз маркази ноҳия – шаҳраки Ваҳдат осоишгоҳи Тандикул ҷойгир аст, ки бо табиати дилкаш ва оби гарми шифобахши худ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он маъмул гардидааст. Дар ҳудуди ин осоишгоҳ дар масофаи ду метр дур аз чашмаи оби гарми шифобахш чашмаи дигаре бо оби хунуки муссафо ҷойгир аст, ки хусусан барои сайёҳони хориҷӣ мароқовар аст. Аксари сайёҳони хориҷӣ, ки бо мақсади кӯҳнавардӣ ва дидан аз қуллаи Исмоили Сомонӣ (собиқ қуллаи Коммунизм), ки баландиаш 7495 метр аст, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф меоранд, албатта ҳам дар роҳи сафар ва ҳам ҳангоми бозгашт дар мавзеи табобатию фароғатии Тандикул таваққуф мекунанд ва аз тамошои табиати дилкаш ҳаловат мебаранд. Ҳангоми таваққуф албатта онҳо аз хизматрасонии сокинони деҳоти гирду атрофи осоишгоҳ истифода мебаранд. Вале, тавре мушоҳида мешавад, сокинони деҳоти мазкур ба ҷиҳатҳои санитарию гигиенӣ ҳангоми хизматрасонӣ ба сайёҳон диққати муҳим намедиҳанд. Чунин ҳолатҳо қариб дар тамоми осоишгоҳҳо ва фароғатгоҳҳои ҷумҳурӣ, ки бо истифода аз чашмаҳои гарми табобатӣ фаъолият мекунанд, чун Зайрон (дараи Ромит), Обигарм (шаҳри Роғун), Авҷ (ноҳияи Ишкошим), Лойқаи шифобахши Танобчӣ (ноҳияи Темурмалик) ва дигарҳо мушоҳида мешавад. Хуб мебуд, агар дар чунин мавзеъҳои ҷолиби сайёҳон, ширкатҳои сайёҳӣ ташкил карда шуда, ба сайёҳони хориҷию дохилӣ хизматрасонии арзанда пешкаш мекарданд. Бо ташкили ширкатҳои сайёҳӣ даҳҳо нафар сокинони маҳллӣ соҳиби ҷои кори доимӣ ва даромади хуб мегардианд.

6. Целевое использование денежных средств - предполагает, что кредитные ресурсы должны использоваться в соответствии с целями, указанными в кредитном соглашении, и, таким образом, увеличивать вероятность возврата кредита.

В различных банковских учреждениях предоставление кредитов может быть ограничено определёнными требованиями. В ГУП СБ РТ «Амонатбанк» клиенты банка должны соответствовать следующим требованиям:

- клиент должен быть гражданином Республики Таджикистан;
- клиент должен иметь паспорт Республики Таджикистан;
- клиент должен быть в возрасте от 18 до 70 лет, для клиентов пенсионного возраста выдача кредита производится на условиях поручительства;
- проживать на территории Республики Таджикистан;
- иметь в течение последних 3 лет постоянный источник дохода.

Необходимо отметить, что наряду с вышеуказанными требованиями по отношению к клиенту применяются и другие критерии оценки, например, такие как наличие просрочек по ранее полученным кредитам, наличие параллельных кредитов и т.п.

Обычно процедура кредитования начинается с момента привлечения клиента до полного погашения кредита. Внутреннее положение по кредитованию ГУП СБ РТ «Амонатбанк» устанавливает следующие этапы кредитования:

1. проведение маркетинговых мероприятий для привлечения клиентов путём проведения беседы с клиентом, определения подходящего кредитного продукта для удовлетворения нужд клиента и предварительной оценки клиента.

2. принятие заявки на выдачу кредита, проверка кредитной истории клиента, сбор информации и документации;

3. оценка документации и обеспечения кредита;

4. посещение места бизнеса и домохозяйства клиента;

5. анализ социальных и финансовых аспектов деятельности клиента;

6. принятие решения о выдаче кредита на кредитном комитете;

7. мониторинги кредитов и заложенного имущества;

8. закрытие кредита;

9. в случае непогашения кредита - работа с проблемными кредитами.

Во всех кредитных организаций главным сотрудником по работе с клиентами является кредитный специалист, который отвечает за все этапы кредитования, вплоть до закрытия кредита. Хотя стоит отметить, что в некоторых кредитных учреждениях функции по работе с клиентами могут возлагаться на коллекторов, работников службы поддержки (Call center).

Важнейшую роль в процессе кредитования в банке играет построение эффективной системы скоринга. Скоринговая система позволяет оценить платежеспособность клиента на основе информации о клиенте и определить уровень кредитного риска.

Для проведения скоринга в ГУП СБ РТ «Амонатбанк» используется следующая информация о клиенте – физическом лице:

• уровень среднемесячного дохода клиента;
• количество отработанного времени на последнем месте работы;
• возраст;
• семейное положение;
• количество лиц, находящих на иждевении у клиента;
• образование;
• имущество, находящееся в распоряжении клиента, которое может быть использовано в качестве залога;
• задолженность перед другими кредитными учреждениями;
• наличие кредитной истории;
• другие сведения.

По юридическим лицам для оценки кредитоспособности проводится их финансовый анализ, который включает в себя следующее:

• проведение беседы с руководством организации или её официальным представителем;
• анализ бухгалтерского баланса и информации об основных средствах, дебиторской и кредиторской задолженности клиента;
• анализ отчётов о прибылях и убытках;
• анализ движения денежных средств за конкретный период;
• изучение кредитной истории клиента;
• изучение отчётов по аудиторской проверке клиента;
• анализ собственного капитала;
• бизнес-план клиента, в котором представлена информация о деятельности организации и его руководства, пути использования финансовых ресурсов организации;
• оценка имущества, которое можно принять в качестве залога;
• другие сведения.

Также в целях оценки платежеспособности клиента используется кредитная история клиента, которую ГУП СБ РТ «Амонатбанк» получает из двух источников: ООО «Кредитно-информационное бюро Таджикистана» и ООО «Бюро кредитных историй Сомониён».

Основным недостатком в процедуре скоринга ГУП СБ РТ «Амонатбанк» является то, что этот процесс носит длительный характер и не отвечает современным условиям развития кредитования. Некоторые из кредитных учреждений в РТ разработали и эффективно применяют собственные автоматизированные скоринговые системы, которые особенно в области розничного кредитования, существенно ускоряют процесс кредитования и улучшают качество оценки платежеспособности клиента.

Также на процесс кредитования в ГУП СБ РТ «Амонатбанк» существенно влияют следующие проблемы:

1. Высокий уровень конкуренции на внутреннем банковском рынке. Несмотря на широкую филиальную сеть и другие преимущества ГУП СБ РТ «Амонатбанка»-а, появление большого количества кредитных учреждений с инновационными подходами в банковском деле существенно сужают возможности по кредитованию.

2. Низкий уровень автоматизации процессов по кредитованию, наряду с отсутствием эффективной внутренней скоринговой системы оценки клиентов, также существует необходимость в внедрении эффективной автоматизированной банковской системы (АБС), автоматизации принятия и обработки кредитных заявок.

3. Недостатки в управленческой структуре банка и её несоответствие мировой банковской практике. ГУП СБ «Амонатбанк» является государственной структурой, которая имеет недостатки, присущие государственным органам, такие как излишние бюрократические процедуры, раздутый штат и т.д.

4. Недостаточный уровень кадрового потенциала банка для внедрения инновационных решений в операционной деятельности банка, в частности кредитования.

5. Низкий уровень развития рынка банковских услуг, который связан с низкими темпами развития экономики.

6. Ограниченные возможности по привлечению капитала в банковскую систему РТ.

7. Недостаточный уровень доверия клиентов к банкам в РТ и т.д.

Основываясь на вышеуказанных проблемах, можно привести следующие пути их решения:

1.улучшение управленческой структуры ГУП СБ РТ «Амонатбанк» на основе международного опыта, к примеру создания Наблюдательного Совета, чёткое разграничение финансовой и операционной деятельности банка и т.п.;

2.автоматизация бизнес-процессов в операционной деятельности банка, в частности, внедрение автоматизированной скоринговой системы, внедрение эффективной АБС, устранение неэффективных бюрократических процедур;

3.расширение источников финансирования кредитной деятельности банка за счёт выхода на мировые рынки капитала, в том рынок ценных бумаг;

4.повышение уровня доверия клиентов к банку на основе проведения маркетинговых кампаний, создания программы улучшения имиджа банка, повышения квалификации банковских сотрудников;

5.внедрение инновационных кредитных продуктов, удовлетворяющих потребности широкого круга клиентов в различных сферах экономики.

**Рецензент: к.э.н., доцент ТНУ – Сайфуров К.Ф.**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Анализ операционной деятельности коммерческих банков по оценке уровня долговой нагрузки населения в современных условиях // Экономика, предпринимательство и право. Гречишникова Д.Ю., Новосельцева М.М. – 2021.
2. Банковское дело: современная система кредитования / Оксана Афанасьева. -М.: КноРус, 2020.
3. Банковское дело и банковские операции: учебник / М.С. Марамыгин, Е.Г. Шатковская, М.П. Логинов, Н.Н. Мокеева, Е.Н. Прокофьева, А.Е. Заборовская, А.С. Долгов; под ред. М.С. Марамыгина, Е.Г. Шатковской; Министерство науки и высшего образования Российской Федерации, Уральский государственный экономический университет. -Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2021. -567 с.
4. Банковские инновации в условиях цифровой экономики:теория и практика, Магомаева Л. – 2021.
5. Банковское кредитование. Учебник / А.М. Тавасиев, Т.Ю. Мазурина, В.П. Бычков. -М.: ИНФРА-М, 2018.
6. Деньги, кредит, банки: учебник / Ровенский Ю.А., Наточеева Н.Н., Русанов Ю.Ю. и др. –М.: Проспект, 2017.

7. Долгосрочное банковское кредитование в России: теория и практика / Анна Яблонская. -М.: LAP Lambert Academic Publishing, 2017.
8. Закон Республики Таджикистан «О банковской деятельности» от 9 мая 2009 года - №524. [Электронный ресурс]. URL: https://www.nbt.tj/ru/laws/.
9. История банка https://www.amonatbonk.tj/ru/about/amb/history/
10. Инструкция №255 о порядке выдачи кредита и начисления процента в кредитных организациях, НБТ. [Электронный ресурс]. URL: https://nbt.tj/ru/normative/
11. Кредитный скоринг как инструмент повышения качества банковского риск-менеджмента в современных условиях, статья, Алешин В.А., доктор экономических наук, профессор, Южный федеральный университет, 2012. -4 с.
12. Обзор развития банковской системы по состоянию на 31 декабря 2022 года, НБТ. [Электронный ресурс]. URL: https://www.nbt.tj/ru/banking_system/nadzor.php.
13. Осуществление кредитных операций: учебник / коллектив авторов; под ред. О. И. Лаврушина. –М.: КНОРУС, 2017.
14. Оптимизация структуры банковской системы России. Монография / О.У. Авис, И.В. Ларионова. – 2016.
15. Список системообразующих кредитных организаций и потенциально системообразующих кредитных организаций на 2023 год, НБТ. [Электронный ресурс]. URL: https://www.nbt.tj/ru/suboti-moliyavi/intishorot.php.

## ПРОБЛЕМАҲОИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТИИ БОНК ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақола такмил додани раванди фаъолияти амалиётии бонк, ки яке аз омилҳои калидии рушд намудани бонк дар шароити кунунии рақобатпазирӣ маҳсуб мешавад, тавзеҳ дода шудааст. Ба ин мушкилот инҳо дохил мешаванд: сохтори ғайрисамаронокии идоракунии бонк, сатҳи пасти автоматикунонии равандҳои тиҷоратӣ дар қарздиҳӣ, маҳдудияти манбаъҳои маблағгузории раванди қарздиҳӣ, нокифоятии навъҳои гуногуни маҳсулоти қарзӣ, сатҳи пасти эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ. Муаллиф барои ҳал намудани мушкилоти болозикр дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк» роҳҳои зеринро тавсия медиҳад: татбиқи сохтори корпоративии бонк дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ, автоматикунонии равандҳои тиҷоратии қарздиҳӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои муосири бонкӣ, васеъ намудани манбаъҳои маблағгузории раванди қарздиҳ ва ғайраҳо. Ҳуҷҷати асосие, ки принсипҳо ва вазифаҳои қарздиҳии бонкиро муайян мекунад, сиёсати қарзӣ маҳсуб мешавад. Дар КВД БА ҶТ «Амонатбонк» хусусиятҳои мушаххаси қарзӣ дар низомномаи дохилӣ оид ба қарздиҳ муқаррар карда шудаанд. Дар доираи ин муқаррарот намудҳои зерини қарз таҳия ва татбиқ карда шудаанд: қарзҳои истеъмолӣ бо шартҳои кафолат ва/ё гарав, қарз ба соҳаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт, савдо ва хизматрасонӣ, қарзҳои гумрукӣ, овердрафт, қарзҳои байнибонкӣ, навъҳои гуногуни қарзҳои ипотекӣ, қарзҳои автомобилӣ.

**Калидвожаҳо:** раванди амалиётӣ, фаъолияти қарзӣ, қарз, маҳсулоти қарзӣ, скоринг, сиёсати қарзӣ, принсипҳои қарз, мутахассиси қарз, хизматрасонии бонкӣ, амалиёти бонкӣ.

## ПРОБЛЕМЫ СОВЕРШЕСТВОВАНИЯ ОПЕРАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ БАНКА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье раскрываются проблемы совершенствования операционной деятельности банка, которая является ключевым фактором развития банка, приносящим доход в современных условиях конкурентной борьбы. К таким проблемам относятся: неэффективная управленческая структура банка, низкий уровень автоматизации бизнес-процессов в кредитовании, ограничение источников финансирования кредитной деятельности, недостаточное разнообразие кредитных продуктов, невысокий уровень доверия населения страны к банковской системе. Для решения вышеуказанных проблем на примере ГУП СБ РТ «Амонатбанк», автор предлагает следующие пути их решения: улучшение корпоративной структуры банка на основе международного опыта, автоматизация бизнес-процессов в кредитовании для повышения качества банковского обслуживания, расширение источников финансирования кредитной деятельности и т.д. Основным документом, определяющим принципы и задачи кредитования банка, является кредитная политика. В ГУП СБ «Амонатбанк» характеристика кредитной политики изложена во внутреннем положении о кредитовании. В рамках данного положения были разработаны и внедрены следующие кредитные продукты: потребительские кредиты на условиях поручительства и/или залогового обеспечения, кредиты в сферу промышленности, кредиты в сферу строительства и транспорта, кредиты в сферу торговли и услуг, таможенные кредиты, овердрафты, межбанковские кредиты, различные виды ипотечных кредитов, автокредиты.

**Ключевые слова:** операционная деятельность, кредитная деятельность, кредит, кредитные продукты, скоринг, кредитная политика, принципы кредитования, кредитный специалист, банковское обслуживание, банковская операция.

## PROBLEMS OF IMPROVING THE OPERATING ACTIVITIES OF THE BANK IN MODERN CONDITIONS

The article reveals the problems of improving the bank's operational activities, which are key factors in the development of the bank in modern competitive conditions. These problems include: inefficient management structure,

low level of automation of business processes in lending, limited sources of financing of credit activities, insufficient variety of credit products, and a low level of confidence among a county's population in the banking system. To solve the above problems, the author using SUE SB RT "Amonatbank," suggests: to improve the corporate structure of the bank based on international experiences; to automate the business processes in lending to improve the quality of banking services; to expand sources of financing for credit activities, etc. The main document defining the principles and objectives of the bank's lending is the credit policy. In SUE SB "Amonatbonk" the peculiarities of the credit policy are set out in the internal regulation on lending. Within the framework of this regulation the following credit products have been developed and implemented: consumer loans under surety and/or pledge conditions, industrial loans, construction and transport loans, trade and service loans, customs loans, overdrafts, interbank loans, various types of mortgage loans, car loans.

**Keywords**: operational activity, credit activity, credit, credit products, scoring, credit policy, principles of lending, credit specialist, banking services, banking operation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Душанбиева Лайло Бозорбековна*** **-** Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»», сардори шуъбаи ҳисоббаробаркунӣ бо асъори хориҷӣ. **Суроға:** 734001, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 105. Телефон: **93-510-80-41.** E-mail: **laylo.dushanbieva@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Душанбиева Лайло Бозорбековна*** – Государственное унитарное предприятие Сберегательный банк Республики Таджикистан «Амонатбанк», Начальник отдела расчётов в иностранной валюте. **Адрес**: 734001, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 105. Телефон: **93-510-80-41.** E-mail: **laylo.dushanbieva@gmail.com**

**Information about the author**: Dushanbieva Laylo Bozorbekovna - State Unitary Enterprise "Savings Bank of the Republic of Tajikistan "Amonatbank"", the Head of the settlement department in foreign currency. Address: 105 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734001, Republic of Tajikistan. Phone: **93-510-80-41.** E-mail: **laylo.dushanbieva@gmail.com**

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

**ТДУ: 342.7 (575.3)**

# НИГОҲЕ БА ВАЗЪИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ЗАНОН ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШУРАВӢ

***Раҳмон Озода Эмомалӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таърихи бою рангин ва пурғановати халқи тоҷик гувоҳ аст, ки занон дар умури идораи давлат, истиқлолу озодихоҳӣ, рушди илму фарҳанг нақши мондагор доштаанд.

Яке аз давраҳои муҳимми таърихӣ, ки барои миллати тамаддунофари тоҷик марҳилаи тақдирсоз маҳсуб мешавад, рӯзгор ва зиндагии халқи тоҷик ва мавҷудияти давлати тоҷикон дар ҳайати Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) ба ҳисоб меравад. Дар ин марҳилаи таърихӣ низоми ҳуқуқии тоҷикон боз ҳам такмил ёфта, дар баробари дигар дастовардҳои муҳиму назарраси бахшҳои алоҳидаи хоҷагии халқ, дар бахши ҳуқуқи занон низ пешравиҳо ва дастовардҳо ба назар мерасанд.

Пажуҳиши вазъи ҳуқуқии занон дар Тоҷикистони шуравӣ аҳаммияти муҳимми таърихӣ, назариявӣ ва амалӣ дорад. Нахуст, бояд қайд намуд, ки омӯзиши таърихии вазъи ҳуқуқии занон имконият медиҳад, ки марҳилаҳои гуногуни таърихӣ бо давраи шуравӣ муқоиса гардида, пешрафтҳову нокомиҳо ва тағйиротҳои суратгирифта дар самти ҳуқуқу озодиҳои занон муайян карда шаванд. Ҳамзамон таҳлилу баҳогузорӣ намудани вазъи ҳуқуқии занон дар давраи шуравӣ барои бунёди ҷомеаи нисбатан адолатнок, баробар ва мутараққӣ дар замони муосир замина фароҳам хоҳад овард. Инчунин омӯзиши вазъи ҳуқуқии занон дар ин давраи таърихӣ имконият медиҳад, ки яке аз марҳилаҳои муҳимми рушди давлат ва ҳуқуқ дар сарзамини тоҷикон – давраи шуравӣ ба хонанда ва олимону пажуҳишгарон боз ҳам равшантар гардад. Зеро, ба истиснои баъзе пажӯҳишҳо[1; 2; 3; 11; 13; 14; 15], зиёданд масъалаву муаммоҳои соҳаҳои ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ дар давраи шуравӣ, ки аз ҷониби олимон пажуҳиш нагардидаанд. Яке аз чунин масъалаҳо ҳуқуқу озодиҳои занон ба ҳисоб меравад [10,с.5].

Масъалаи таъмин намудани баробарҳуқуқии мардону занон, манъи табъиз нисбат ба занон ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо дар масири таърих ҳамеша аз зумраи масъалаҳои рӯзмарра будааст [12,с.55]. Давраи шуравии рушди давлат ва ҳуқуқи тоҷикон низ ҷузъи таркибии таърихи башарӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ин марҳилаи таърихӣ бояд ҳамаҷониба ва воқеъбинона мавриди пажӯҳиш қарор дода шавад.

Бо дарназардошти Инқилоби Октябр ва низоми ҳуқуқии шуравӣ заминаҳои ҳуқуқӣ ва таърихи ташаккули вазъи ҳуқуқии занонро дар Тоҷикистон чунин марҳилабандӣ намудан мумкин аст:

1. Давраи то инқилобӣ, ки то соли 1917-ро дар бар мегирад. Дар ин марҳила расму оинҳои анъанавӣ дар Тоҷикистон амал карда, ҳаёти занонро муайян менамуданд. Занон ҳуқуқи таҳсил, иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ, овоздиҳӣ дар интихоботро надоштанд ва функсияи тобеиятро дар муҳити оила ва ҷомеа иҷро менамуданд. Ин давраро марҳилаи ҳукмронии тафаккури асримиёнагӣ унвон кардан мумкин аст.
2. Давраи баъдиинқилобӣ то таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтории Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶМШС Тоҷикистон), ки солҳои 1917-1924-ро дар бар мегирад. Дар ин давра, пас аз инқилоби соли 1917 дар самти ҳуқуқҳои занон ислоҳоти зарурӣ анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, баробарҳуқуқӣ, махсусан ҳангоми бастани никоҳ кафолат дода шуда, ба занон ҳуқуқи гирифтани таҳсил ва машғул шудан ба фаъолияти меҳнатии фоиданоки ҷамъиятӣ имконпазир гардид.
3. Давраи мухторияти Тоҷикистон, ки солҳои 1924-1929-ро фаро мегирад. Дар ин марҳила Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии мухтор дар ҳайати Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон (ҶШС Ӯзбекистон) таъсис меёбад [17,с.438]. Ин марҳиларо ҳамчун марҳилаи муҳим барои таҳкими минбаъдаи ҳуқуқу озодиҳои занон шуморидан мумкин аст, зеро дар қонунгузории Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон, ки ҳарду аз

қонунгузории ИҶШС маншаъ мегирифтанд, муҳимтарин ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии занон кафолат дода шуданд.

4. Давраи озодӣ аз мухторияти ҶШС Ӯзбекистон ва таъсисёбии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶШС Тоҷикистон), ки фарогири солҳои 1929-1991 мебошад. Дар ин марҳила, ҶШС Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақил дар ҳайати ИҶШС баромад намуда, ҳуқуқҳои занон тавассути қонунгузории ИҶШС мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода мешуданд. Баробарҳуқуқии занон ва мардон таъмин карда шуда, ҳуқуқи гирифтани таҳсил, машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ ва иштирок дар интихобот ҳамчун ҳуқуқҳои бунёдӣ ба занон кафолат дода шуд. Вале, муносибатҳо ва қолабҳои анъанавии иҷтимоӣ барои татбиқи пурраи баробарии гендерӣ монеа пеш меоварданд.

5. Давраи пасошуравӣ ё давраи соҳибихтиёрӣ, ки аз соли 1991 шуруъ мегардад. Дар ин давра, пас аз барҳам хурдани ИҶШС иштирокчиён (кишварҳои аъзо)-и он пайиҳам ҳамчун давлатҳои алоҳида соҳибихтиёр гардиданд, ки дар ин раванд Тоҷикистон низ Истиқлолияти давлатиро ба даст овард. Ин давраро марҳилаи навини рушди ҳуқуқу озодиҳои занон унвон кардан мумкин аст. Дар давраи соҳибихтиёрӣ ҳуқуқҳои занон тавассути қонунҳо ва санадҳои зерқонунии вижа кафолат дода шуданд. Як қатор қонунҳои вижа дар самти баробарҳуқуқӣ, манъи табъиз ва мубориза бар зидди зӯроварии оилавӣ қабул гардиданд.

Омӯзиши вазъи ҳуқуқии занон дар давраҳои махталифи мавҷудияти Тоҷикистони шуравӣ тавассути усули муқоисаи ҳуқуқ нишон медиҳад, ки занон дар роҳи мубориза барои баробарҳуқуқӣ монеаҳои гуногунро паси сар намудаанд.

Дар давраи нахуст, яъне то соли 1917 занон ҳуқуқ ба таҳсил ва иштирок дар ҳаёти ҷамъиятиро надошта, чун мутеъ ва фармонбардор дар оила ва ҷомеа ба ҳисоб мерафтанд. Дар ин марҳила расму оинҳои суннативу анъанавӣ ва эътиқоди динӣ ба ҳаёти занон таъсири амиқи хуро мерасониданд. Яъне дар Тоҷикистони тоинқилобӣ ҳуқуқу озодиҳои занон то андозае маҳдуд буданд. Ҳукмронии қолабҳои асримиёнагӣ барои амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои занон чун садди искандарӣ монеа мешуданд. Пас аз инқилоб, барои тағйир додани вазъият кӯшишҳои зарурӣ сурат гирифтанд, аммо дар марҳилаи саноатикунонӣ ва коллективизатсияи сталинӣ[9] ҳуқуқҳои занон боз ҳам ба маҳдудият дучор гардиданд.

Дар солҳои 1917-1924 ислоҳоти зарурӣ гузаронида шуданд ва мақсад аз онҳо таъмин намудани баробарии гендерӣ дар ҷомеа ба ҳисоб мерафт. Бо шарофати татбиқи сиёсати дурусти давлатӣ дар солҳои 20-30-юми асри XX ба занони тоҷик дар баробари мардон шароит фароҳам оварда шуд, ки саҳми арзишманди худро дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа бигузоранд [5]. Марҳилаи мазкур аз рушди ҳуқуқҳои фарҳангии занон башорат медиҳад. Занон имконият пайдо намуданд, ки таҳсил намоянд ва ба фаъолияти меҳнатии фоиданок машғул шаванд. Новобаста аз ин, дар ин марҳила низ расму оинҳои асримиёнагӣ таъсири манфии худро ба ҳаёти занон мерасониданд.

Давоми солҳои 1924-1929 ва 1929-1991 занон дар ҶМШС Тоҷикистон ва сипас ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқи гирифтани таҳсил, ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳуқуқи иштирок дар интихоботро ба даст оварда, онҳоро дар баробари мардон ба амал мебароварданд. Бо вуҷуди ин, бояд қайд намуд, ки муносибатҳо ва қолабҳои анъанавии иҷтимоӣ барои пурра татбиқ намудани баробарии гендерӣ монеа эҷод менамуданд.

Марҳилаи пасошуравии рушди ҳуқуқу озодиҳои занон аз соли 1991 оғоз меёбад. Ин давраро марҳилаи рушду нумӯи ҳуқуқу озодиҳои занон унвон кардан мумкин аст, ки мавзуи пажуҳиши вижа ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки қонунгузории ҶШС Тоҷикистон оид ба ҳуқуқҳои занон дар давраҳои гуногуни таърихии мавҷудияти давлати шуравӣ қабул гардида, меъёрҳо ва муқарароти умумӣ ва баъзан мушаххасро фаро гирифта, барои таъмини баробарии гендерӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои занон дар ҷомеаи имрӯза замина гузоштаанд.

Яке аз нахустин қадамҳои ҷиддӣ дар ин самт дар соли 1924 қабул гардидани Конститутсияи ИҶШС ба ҳисоб меравад, ки дар он баробарҳуқуқии мардон ва занон кафолат дода шуда буд.

Дар давраи мавҷудияти ҶШС Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул гардиданд, ки ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои занон равона гардида буданд. Барои омӯзиши декретҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳокимияти шуравӣ, ки марбут ба ҳуқуқу озодиҳои занон буданд, нақши маводи гуногуни нашргардида бағоят бузург мебошанд [10,с.6]. Дар байни онҳо метавон Маҷмуаи ҳуҷҷатҳои съездҳои Шуроҳои ИҶШС, ҷумҳуриҳои иттифоқ ва мухтори Иттиҳоди Шуравӣ (ҷилдҳои I, II, IV (қисми I) ва VII)-ро ном бурд, ки дар онҳо маводи марбут ба ҶМШС Туркистон, ҶХШ Бухоро, ҶМШС Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои иттифоқ нашр гардида буданд. Инчунин, Маҷмуаи мураттабшудаи қонунҳои амалкунандаи ҶШС Тоҷикистон (дар соли 1932), Маҷмуаи ҳуҷҷатҳо ва маводи «Октябри Бузург ва озодии занони Осиёи Миёна ва Қазоқистон (солҳои 1917-1936)», Маҷмуаи қонунҳо ва фармонҳои Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1938-1958 ва 1938-1968) аҳаммияти муҳимро доро мебошанд.

17-уми октябри соли 1931 қарори Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон (КМ ҲК) «Дар бораи дар назди Кумитаи марказӣ ташкил намудани Хонаи маорифи ҳизбӣ ва курсҳои такмили ихтисос барои фаъолони ҳизбӣ ва фаъолони давлати шуравӣ» ба тасвиб расид, ки дар заминаи он курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишии байниноҳиявӣ барои занони муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ ва ташкилотчиёни боғчаҳои кӯдакона ташкил ва ба роҳ монда шуданд [7,с.4]. Қарори мазкур, ки аслан ба баланд бардоштани фарҳангу маънавиёт ва маърифати ҳуқуқиву сиёсии занони ҶШС Тоҷикистон равона шуда буд, яке аз санадҳои муҳим дар рушду инкишофи нақш ва мақоми зан-модар дар Тоҷикистони шуравӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар асоси ин қарор дар назди КМ ҲК Тоҷикистон курсҳои такмили ихтисос барои занон ташкил карда шуданд.

Миёни таълимоти шуравӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои занон ва консепсияи ғарбии ҳуқуқи зан тафовутҳои назаррасе дида мешавад. Ба андешаи баъзе олимон «дар миёнаҳои солҳои 50-уми асри XX ҳифзи ҳуқуқҳои заноне, ки бо шаҳрвандони хориҷӣ ақди никоҳ бастаанд ва заноне, ки аз оилаҳои худ ҷудо шудаанд, аз зумраи масъалаҳои доғ ва ҳассос ба ҳисоб мерафт. Бо ин мақсад ду конвенсия қабул карда шуд – Конвенсия оид ба рӯйёнидани алимент дар хориҷа аз 20-уми июни соли 1956 ва бо қатъномаи таҳти №1040 (XI)-и Ассамблеяи Генералӣ Конвенсия оид ба шаҳрвандии зани шавҳардор аз 29-уми январи соли 1957. Ин санадҳо барои ҳимояи ҳуқуқҳои заноне равона гардида буданд, ки берун аз қаламрави давлати худ қарор доштанд» [12,с.62]. Аммо то кадом андоза татбиқ шудани санадҳои байналмилалии зикргардида дар Иттиҳоди Шуравӣ масъалаест, ки пажӯҳиши алоҳидаро талаб менамояд. Дар маҷмуъ, тасдиқ гардидани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, махсусан дар соҳаи ҳуқуқи занон аз ҷониби давлати шуравӣ, бавижа татбиқ шудани онҳо дар ҶШС Тоҷикистон аз ҷумлаи масъалаҳоест, ки бояд баргузида ва махсус пажӯҳиш гардад. Зеро низоми ҳуқуқии шуравӣ дар асоси мафкураи муайяни коркардшуда бунёд шуда буд. Аз ин рӯ, ҳама гуна кӯшишҳои ворид намудани идеология ва падидаҳои ҳуқуқии ғайр, махсусан ғарбӣ ба он ба муқобилият ва зиддиятҳои қатъӣ рӯ ба рӯ мегардид.

Занон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ нақши арзишманди худро дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ гузоштаанд, ки қаҳрамониву ҷоннисорӣ ва хизмати мондагори онҳо аз хотираҳо ва авроқи зардшудаи таърих ҳеҷ гоҳ зудуда нахоҳад шуд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ саҳми арзишманди занон дар ҳаёти фарҳангиву сиёсӣ ва баъзан ҳуқуқии ҷомеа ба хубӣ мушоҳида ва дар саҳифаҳои таърих сабт шудааст. Занон бо қаҳрамониҳои бемисл дар баробари садҳо мушкилот ва вазнинии зиндагӣ, тавонистанд, ки омӯзгорон, табибон, ходимони илмӣ, кормандони муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ ва ВАО-ро, ки дар хатти ҷабҳа (фронт) қарор доштанд, иваз намоянд. Вазифаи муҳимми тарбия намудани насли наврас ба дӯши занон афтод, ки бори масъулияти онҳоро дар солҳои душвори ҷанг дучанд менамуд [8,с.3]. Чунин ҳолат иштироки занонро дар ҳаёти сиёсию фарҳангии ҷомеа суръат бахшида, дар навбати худ шароити мусоидро ҷиҳати ташаккулёбии ҳуқуқҳои фарҳангии онҳо ба миён овард.

Дар солҳои ҷанг, КМ ҲК ИҶШС ба хулосае омад, ки шуъбаҳои махсуси кор бо занонро дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна таъсис диҳад. Нахустин мудири шуъбаи занони

КМ дар Тоҷикистон низ аз ҳисоби зани тоҷик таъин карда шуд. Дар шуъбаи мазкур чор нафар дастурдиҳанда (инструктор) кор менамуданд. Дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 1130 нафар ташкилотчии кор бо занон таъин карда шуданд. Шуъбаи занон ва ташкилотчиён пайваста фаъолияти худро дар байни занон ба роҳ монда, оид ба вазъияти ҷабҳа (фронт) ва қаҳрамонии ҷанговарон корҳои тарғиботӣ анҷом дода, нисбат ба занону кӯдакон ғамхорӣ менамуданд [6,с.5]. Аз ҳисоби зани тоҷик таъин кардан ба вазифаи мазкур аз баланд гардидани мақоми ҳуқуқии зан-модар дар он даврон гувоҳӣ медиҳад.

Бо рушди муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ва ташкил ёфтани мактабҳои типи нав занони тоҷик озодии бештарро ба даст оварда, дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолтар гардиданд. Муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ чорабиниҳои фарҳангӣ-сиёсии гуногунеро барои занон ташкил менамуданд, ки яке аз онҳо таҷлили 8-уми март ҳамчун рӯзи занон ба ҳисоб меравад. Чорабиниҳои оммавии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар роҳи расидан ба баробарии воқеӣ ва ҷалби занони тоҷик дар идоракунии давлатӣ, инчунин корҳои ҷамъиятию сиёсӣ нақши мондагор гузоштаанд [7,с.6].

Дар Конститутсияи соли 1937-и ҶШС Тоҷикистон ва дигар санадҳои ҳуқуқии он замон меъёрҳои мушаххас оид ба таъмини баробарии гендерӣ мустаҳкам гардида буданд. Дар моддаи 107-и Конститутсияи соли 1937-и ҶШС Тоҷикистон баробарҳуқуқии мардону занон дар ҳамаи соҳаҳо кафолат дода шуда, дар чунин шакл меъёр пешбинӣ гардида буд: «Занон дар ҶШС Тоҷикистон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, давлатӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ бо мардон ҳуқуқи баробар доранд...». Дар қисми 2-и моддаи мазкур ҳуқуқи занон ба меҳнат, истироҳат, суғуртаи иҷтимоӣ, таҳсил, ҳифзи давлатии манфиатҳои модару кӯдак ва ҳоказо кафолат дода шудаанд. Аз ин меъёр бармеояд, ки ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии занон низ дар ҶШС Тоҷикистон тавассути Конститутсияи соли 1937 танзим гардида, кафолат дода шуда будааст.

Конститутсияи соли 1937-и ҶШС Тоҷикистон нахустин Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки муҳимтарин ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии занонро мавриди танзим қарор додааст. Он баробарии мардон ва занонро пешбинӣ намуда, ба шавҳар додани духтарони ноболиғро манъ намуд. Инчунин дар Конститутсияи соли 1937 пешбинӣ гардида буд, ки монеъ шудан ба таҳсили занон ё монеъ шудан ба иштироки занон дар идоракунии давлатӣ ва ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ дар пай ҷазои қонунӣ дорад.

Конститутсияи мазкур ба занон ҳуқуқи гирифтани таҳсил, аз ҷумла таҳсилоти олӣ ва дастрасӣ ба ҳаёти фарҳангиро пешбинӣ намуд.

Ҳарчанд дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1937 меъёрҳои мушаххас оид ба ҳуқуқҳои фарҳангии занон ҷой доштанд, аммо онҳо дар амал мавриди татбиқ қарор намегирифтанд. Дар солҳои баъдӣ, бо мақсади аз байн бурдани чунин ҳолат, ба занон имкониятҳои мусоид ҷиҳати гирифтани таҳсил, иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ ва идоракунии давлатӣ фароҳам оварда шуд.

Соли 1978 дар ҶШС Тоҷикистон Конститутсияи нав қабул гардид, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои занон кафолат дода шуданд. Дар моддаи 33-и Конститутсияи мазкур пешбинӣ гардида буд, ки "занон ва мардон дар ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқҳои баробар доранд" [4,с.609-610]. Ҳамзамон дар идомаи моддаи 33-и Конститутсияи соли 1978 пешбинӣ шуда буд, ки "... ин ҳуқуқҳо бо роҳи ба занон баробари мардон додани имконият дар маълумотгирӣ ва касбу ҳунаромӯзӣ, дар меҳнат ва музди меҳнат ва пешравӣ дар касбу кор, дар фаъолияти ҷамъиятию сиёсӣ ва маданӣ, инчунин бо тадбирҳои махсуси муҳофизати меҳнат ва саломатии занон ба амал бароварда мешавад» [16,с.85; 4,с.609-610].

Дар Конститутсияи соли 1978-и ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқи занон ба гирифтани музди баробар барои кори баробарарзиш (моддаи 38), инчунин ба гирифтани рухсатӣ барои ҳомиладорӣ, таваллуд ва нигоҳубини кӯдак (моддаи 33) мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гирифта буданд.

Иштироки фаъолонаи занон дар чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ ва илмӣ яке аз вижагиҳои ҶШС Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Чунончи барои занон шароити мусоид ҷиҳати анҷом додани фаъолияти фарҳангию маърифатӣ ва илмӣ фароҳам шуда

буд. Масалан, гурӯҳҳои илмию бадеӣ аз ҳисоби занон ташкил карда шуда, барои заноне, ки таҳқиқоти илмӣ анҷом медоданд, конференсия ва семинарҳо баргузор карда мешуд.

Конститутсияи соли 1978-и ҶШС Тоҷикистон бо дарки муҳиммияти ҳуқуқҳои фарҳангии занон як зумра меъёрҳои мушаххасро ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои фарҳангии занон дар худ мустаҳкам намуд. Он баробарии мардону занонро дар назди қонун муқаррар намуда, ба онҳо имконияти озодона амалӣ намудани ҳуқуқҳои фарҳангиашонро кафолат дод. Махсусан Конститутсияи соли 1978-и ҶШС Тоҷикистон ба занон ҳуқуқи таҳсил намуданро пешбинӣ намуда, иштироки онҳоро дар ҳаёти фарҳангӣ, аз ҷумла дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, санъат, адабиёт, инчунин ҳуқуқи озодона машғул шудан ба фаъолияти эҷодиро муқаррар намуд. Ба занон ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ ва гирифтани таҳсил, аз ҷумла таҳсилоти олӣ кафолат дода шуд.

Аҳаммият ва муҳим будани ҳуқуқҳои фарҳангии занон дарк гардида, дар Конститутсияи соли 1978 ҶШС Тоҷикистон як зумра меъёрҳои мушаххас ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои фарҳангии занон мустаҳкам шуда буд. Дар солҳои баъдӣ бо мақсади беҳтар намудани вазъи занон дар ҶШС Тоҷикистон, ба онҳо имкониятҳои мусоид ҷиҳати гирифтани таҳсил, иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ ва озодии фаъолияти эҷодӣ фароҳам оварда шуд.

Новобаста аз мавҷуд будани меъёрҳои мушаххас нисбат ба ҳуқуқу манфиатҳои занон дар ҶШС Тоҷикистон, вазъи риоя ва амалисозии ҳуқуқҳои занон ҳамоно беҳбудиро тақозо мекард. Бисёре аз занон аз сабаби костагии маърифати ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои кафолатдодаи Конститутсияро амалӣ карда наметавонистанд. Яъне занон амалан дастрасӣ ба таҳсил ва фаъолияти фарҳангиро надоштанд. Илова бар ин, иштироки онҳо дар идоракунии давлатӣ кам ба назар мерасид.

Дар давраи бозсозӣ, яъне охирҳои солҳои 80-ум дар ҶШС Тоҷикистон ислоҳот сурат гирифт, ки мақсад аз он мустаҳкам намудани ҳуқуқҳои занон дар соҳаи фарҳанг ва таъмини баробарҳуқуқии мардону занон дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла дар соҳаи фарҳанг буд. Дар ин росто ба занон ҳуқуқи озодии эҷод, таҳсил, иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ кафолат дода шуданд. Инчунин истифодаи ҳама гуна табъиз нисбат ба занон дар соҳаи фарҳанг манъ гардида, давлат ва ҷомеа вазифадор шуданд, ки ҳуқуқҳои фарҳангии занонро эҳтиром намоянд.

Ба ғайр аз ин, дар давраи бозсозӣ дар ҶШС Тоҷикистон ба занон шароит ва имкониятҳои мусоид фароҳам оварда шуд то онҳо дар ҳаёти фарҳангӣ иштирок намоянд. Марказ ва клубҳои ҷамъиятии фарҳангӣ барои занон таъсис дода шуданд, ки мақсад аз таъсиси онҳо фароҳам овардани шароит ба занон ҷиҳати машғул шудан ба фаъолияти фарҳангӣ, гирифтани таҳсил ва омӯзонидани таҷриба ба ҳисоб мерафт. Инчунин, театрҳо ва студияҳои бадеӣ ташкил гардиданд, ки дар кори онҳо асосан занон ҷалб карда мешуданд.

Аммо, новобаста аз кӯшишҳои анҷомёфта ҳанӯз ҳам ҳолатҳое ба назар мерасиданд, ки нисбат ба занон дар ҶШС Тоҷикистон табъиз ва маҳдудият дар соҳаи фарҳанг ҷой доштанд. Масалан, ба занон на дар ҳама ҳолат имконият медоданд, ки ба фаъолияти эҷодӣ ва санъат машғул шаванд. Инчунин, баъзан ҳолат занон барои кори якхела нисбат ба мардон музди камтар мегирифтанд.

Новобаста аз ин, кӯшишу талошҳо дар самти беҳтар намудани мавқеи занон дар соҳаи фарҳанг, ки дар ҶШС Тоҷикистон сурат гирифта буданд, барои таҳкими ҳуқуқҳои фарҳангии занон дар давраи бозсозӣ нақши муҳимро иҷро намуданд.

Чунончи дар доираи сиёсати давлатӣ оид ба беҳтар намудани сатҳ ва сифати маълумотнокии занон дар назди донишгоҳҳои ҶШС Тоҷикистон гурӯҳҳои занона таъсис дода шуданд. Ин имконият фароҳам овард, ки давлат ҳадафи худро дар самти беҳтар намудани нақши занон дар ҷомеа ва баланд бардоштани вазъи иҷтимоии онҳо дар амал татбиқ намояд.

Аввалин гурӯҳҳои занона дар донишгоҳҳои ИҶШС таъсис дода шуданд. Мақсади асосӣ аз таъсис додани онҳо гирифтани таҳсилоти олӣ аз ҷониби занон ва иштирок намудани онҳо дар идоракунии давлатию ҷамъиятӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ҷумла чунин

гурӯҳҳои занона дар донишгоҳу донишкадаҳои ҶШС Тоҷикистон низ таъсис дода шуданд.

Шароити таълим дар гурӯҳҳои занона баробар бо мардон буд, вале дар ин ҷо расму оинҳои миллӣ ба инобат гирифта мешуданд. Дар баробари аз худ намудани фанҳои таълимӣ, инчунин барои занон курсҳои алоҳидаи омӯзиши фарҳанг, санъат, анъанаҳои миллӣ ва забон ташкил гардида буданд. Чунин амал ба занон имконияти нигоҳ доштани ҳувияти миллӣ ва фарҳангиро ба вуҷуд оварда, сатҳи маърифатнокии онҳоро баланд менамуд.

Дар солҳои 80-ум, яъне дар давраи бозсозӣ ҳуқуқҳои фарҳангии занон вусъати тоза пайдо кард. Барои иштироки занон дар ҳаёти фарҳангӣ имкониятҳои бештар фароҳам оварда шуд, ки онҳо тавонистанд нақши худро дар рушди ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ гузоранд. Аммо, аз сабаби он ки нисбат ба занон дар дигар соҳаҳо ҳанӯз ҳам табъиз ҷой дошт, онҳо имконияти пурра амалӣ сохтани ҳуқуқҳои фарҳангии худро надоштанд.

Дар ҶШС Тоҷикистон, ба мисли дигар ҷумҳуриҳои минтақа, нисбат ба нақши зан дар ҳаёти фарҳангӣ қолабҳо ва андешаҳои асримиёнагӣ мавҷуд буданд. Аксарият бар он назар буданд, ки занон дар фаъолияти фарҳангӣ ба натиҷаҳои баланд мушарраф намешаванд, зеро қобилият ва истеъдод надоранд. Ин қолабҳои асримиёнагӣ сабаб мешуданд, ки занон аз имконияти гирифтани таҳсил дар муассисаҳои махсуси таълимӣ, ки санъат, мусиқӣ, таетр ва ғ.-ро меомӯзониданд, маҳрум мегардиданд.

Илова бар ин, ақидае ҷой дошт, ки занон бояд ба корҳои рӯзгор машғул шуда, кӯдаконро тарбия намоянд ва ба фаъолияти фарҳангию маърифатӣ набояд машғул гарданд. Чунин андешаронӣ ва қолабҳои асримиёнагӣ имконияти занонро барои машғул шудан ба фаъолияти фарҳангӣ мушкил менамуд, зеро дар сурати амалӣ намудани фаъолияти фарҳангию маърифатӣ занонро табъиз ва нобаробариҳои зиёде дар пеш интизор буд.

Дар соҳаи фарҳанги ҶШС Тоҷикистон, ба мисли дигар ҷумҳуриҳои минтақа, ақидае вуҷуд дошт, ки занон бояд танҳо дар ҳамон жанрҳо ва майдонҳое баромад намоянд, ки ба табиати «занонаи» онҳо мувофиқ бошад. Масалан, ба занон ҳуқуқи баромад намудан дар театрҳо ва ҳунарнамоӣ кардан дар майдонҳои консертӣ, инчунин машғул шудан ба баъзе намудҳои санъат манъ гардида буд, зеро онҳо барои «мардон» пешбинӣ шуда буданд.

Чунин муносибат инкишофи ҳуқуқҳои занонро дар ҶШС Тоҷикистон маҳдуд намуда, нобаробариро дар самти дастрасии ҳуқуқҳои фарҳангӣ ба миён оварда буд. Новобаста аз ин, бо гузашти вақт вазъият тағйир ёфта, занон барои инкишоф додани қобилияти эҷодии худ имкониятҳои бештарро ба даст оварданд.

Таҳлилу баррасии вазъи ҳуқуқу озодиҳои занон дар Тоҷикистони шуравӣ нишон медиҳад, ки дар ин марҳила ба масъалаҳои таҳсил ва фаъолияти фарҳангию маърифатии занон бештар таваҷҷуҳ шудааст. Ин навъ муносибат ба ҳуқуқу озодиҳои занон дар Тоҷикистони шуравӣ мантиқӣ ва ҷавобгӯи талаботи давру замон буд. Зеро тафаккури асримиёнагии ҷомеа, ақибмондагии шуур ва фарҳанги ҳуқуқӣ барои кафолат ва амалишавии пурраи ҳуқуқу озодиҳои занон имконият намедод. Аз ин рӯ, дар санадҳои ҳуқуқии давраи шуравии Тоҷикистон, махсусан конститутсияҳо аслан дар бораи баробарии мардону занон, фаъолияти фарҳангию маърифатӣ, иштироки занон дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа ва инчунин оид ба баъзе ҳуқуқҳои иҷтимоии занон сухан меравад.

**Муқарриз: Саъдизода Ҷ. - н.и.х., дотсенти ДМТ**


**АДАБИЁТ**

1. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Азизов Убайдулло Абдуллоевич. – Душанбе, 2015. – 413 с.
2. Диноршоев А.М. Формирование идей прав человека в Таджикистане: история и современность: монография / А.М.Диноршоев, Б.А. Сафаров – Волгоградский филиал ФГБОУ ВПО «Российская академия народного хозяйства и государственной службы». Волгоград: Изд-во Волгоградский филиал ФГБОУ ВПО РАНХиГС, 2014. – 296 с.

3. Диноршоев А.М. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон/ А.М.Диноршоев, Ҷ.Саъдизода, З.Б.Имомова. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 136 с.
4. Конституция (Основной закон) Таджикской Советской Социалистической Республики от 14 апреля 1978 года // Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917-1994 гг.) / Составитель: д.ю.н., проф., академик Академии наук Республики Таджикистан, заслуженный деятель науки и техники Республики Таджикистан Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: Дониш, 2014. – С. 601-638.
5. Мухаббатова, Г.Х. Вклад женщин в проведение культурных преобразований в Республике Таджикистан: 1924-1941 гг.: автореф. дис. … канд. историк. наук: 07.00.02 / Мухаббатова Гулнора Хомидовна. – Душанбе, 2004. – 24 с.
6. Мухтарова, Г.А. Колхозницы Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.): автореф. дисс. … канд. ист. наук / Г.А. Мухтарова. – С. 20.
7. Набиева, Р.А. Образование массово-просветительных учреждений и привлечение женщин к их работе / Р.А. Набиева // Вестник Таджикского национального университета. – 2016. – № 3-3. – С. 3-7.
8. Набиева, Р.А. Освещение проблемы участия женщин в культурной жизни Таджикистана в годы ВОВ в исторической литературе 40-х -90-х XX в. / Р.А. Набиева // Вестник Таджикского национального университета. – 2016. – № 3-4. – С. 3-7.
9. Оид ба саноатикунонӣ ва коллективизатсияи сталинӣ муфассал ниг.: Цена сталинской коллективизации. – Манбаи дастрасӣ: https://www.vedomosti.ru/opinion/articles/2019/11/18/816552-tsena-kollektivizatsii (Санаи муроҷиат: 20.01.2023)
10. Рахмонова, О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане: 1917-2011 гг. автореф. дис. … кан. юрид. наук: 12.00.01. / Рахмонова Озода Эмомалиевна. – Душанбе, 2012. – 26 с.
11. Саидов И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ: дис. ... кан. юрид. наук: 12.00.01 / Саидов Исфандиёр Искандарович. – Душанбе, 2015. – 209 с.
12. Сафарзода, Б. А. Сравнительно-правовой анализ закрепления международных стандартов в области защиты прав женщин в законодательстве Республики Таджикистан / Сафарзода Бахтовар Амирали, Бухориева Сафаргул Мансуровна // Правовая жизнь. – 2020. – № 1(29). – С. 55-73.
13. Сафаров Б.А. История воплощения концепций и международных стандартов в области прав человека в правовую систему Республики Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Сафаров Бахтовар Амиралиевич. – Душанбе, 2015. – 366 с.
14. Саъдизода Ҷ. Чандандешӣ оид ба таҳкими ҳуқуқи инсон дар давраи шӯравӣ / Ҷ. Саъдизода // Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 57-64.
15. Тахиров Ф.Т. Роль Российского законодательства в формировании правовой системы Автономного Таджикистана / Ф.Т. Тахиров // Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – Душанбе: Дониш, 2009. – С. 147-154.
16. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҳмудов М.А. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – 620 с.
17. Холиқзода А.Ғ., Шосаидзода Ш.Ш., Аминҷонов А.Х., Соҳибзода М.С. Ҳуқуқ дар таърихи халқи тоҷик: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 508 с.

## НИГОҲЕ БА ВАЗЪИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ЗАНОН ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШУРАВӢ

Мақола ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ ва таърихи ҳуқуқи инсон – вазъи ҳуқуқу озодиҳои занон дар Тоҷикистони шуравӣ бахшида шудааст. Яке аз давраҳои муҳимми таърихӣ, ки барои миллати тамаддунофари тоҷик марҳилаи тақдирсоз ба ҳисоб меравад, рӯзгор ва зиндагии халқи тоҷик ва мавҷудияти давлати тоҷикон дар ҳайати Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ мебошад. Дар ин марҳилаи таърихӣ низоми ҳуқуқии тоҷикон боз ҳам такмил ёфта, дар баробари дигар дастовардҳои муҳимму назарраси бахшҳои алоҳидаи хоҷагии халқ, дар бахши ҳуқуқи занон низ пешравиҳо ва дастовардҳо ба назар мерасанд. Бояд қайд намуд, ки занон дар солҳои мавҷудияти ҳокимияти шуравӣ ба таври фаъол дар ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон иштирок намуда, ҷиҳати амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳояшон пайваста талош менамуданд. Дар ин марҳила, онҳо вазифаҳои муҳимро дар дастгоҳи идоракунии давлатӣ ва муассисаҳои фарҳангӣ соҳиб буданд. Муаллиф бо назардошти Инқилоби Октябр ва низоми ҳуқуқии шуравӣ рушди ҳуқуқу озодиҳои занонро ба давраҳо ҷудо намудааст, ки даврабандии пешниҳодкардаи муаллиф аҳаммияти бузурги илмӣ дорад. Мувофиқи хулосаи муаллиф дар ҶШС Тоҷикистон ба масъалаҳои таҳсил ва фаъолияти фарҳангию маърифатии занон бештар таваҷҷуҳ шудааст. Ин навъ муносибат ба ҳуқуқу озодиҳои занон дар ҶШС Тоҷикистон мантиқӣ ва ҷавобгӯи талаботи давру замон буд. Зеро тафаккури асримиёнагии ҷомеа, ақибмондагии шуур ва фарҳанги ҳуқуқӣ барои кафолат ва амалишавии пурраи ҳуқуқу озодиҳои занон имконият намедод. Аз ин рӯ, дар санадҳои ҳуқуқии давраи шуравии Тоҷикистон, махсусан конститутсияҳо аслан сухан дар бораи баробарии мардону занон, фаъолияти фарҳангию маърифатӣ ва иштироки занон дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа сухан меравад.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, озодӣ, баробарӣ, баробарии ҷинсӣ, баробарҳуқуқӣ, зан, баробарҳуқуқии мардон ва занон, ҳуқуқи занон, вазъи ҳуқуқии занон, табъиз, кафолат, санадҳои байналмилалӣ, Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ, Ҷумҳурии Мухтории Шуравии

Сотсиалистии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳаёти фарҳангӣ.


**ВЗГЛЯД НА ПОЛОЖЕНИЕ ПРАВ И СВОБОД ЖЕНЩИН В СОВЕТСКОМ ТАДЖИКИСТАНЕ**

Статья посвящена одному из актуальных вопросов науки юриспруденции и истории прав человека – положение прав и свобод женщин в советском Таджикистане. Одним из важных исторических периодов, который считается определяющим этапом для цивилизованного таджикского народа, является образ жизни и быта таджикского народа, и существование таджикского государства в составе Союза Советских Социалистических Республик. На данном историческом этапе, правовая система таджиков получила дальнейшее совершенствование, наряду с другими важными и значительными достижениями отдельных отраслей хозяйства, прогресс и достижения видны и в области прав женщин. Следует отметить, что в годы существования советской власти женщины активно участвовали в общественной жизни Таджикистана и постоянно пытались реализовать свои права и свободы. На этом этапе они занимали важные посты в аппарате государственного управления и учреждениях культуры. С учётом Октябрьской революции и советской правовой системы, автор разделил развитие прав и свобод женщин на периоды, предложенная автором периодизация имеет большое научное значение. По заключению автора, в Таджикской ССР больше внимания уделяется вопросам образования и культурно-просветительской деятельности женщин. Такое отношение к правам и свободам женщин в Таджикской ССР было разумным и отвечало требованиям времени. Так как средневековое мышление общества, отсталость сознания и правовой культуры не позволяли в полной мере гарантировать и реализовать права и свободы женщин. Так, правовые акты советского времени Таджикистана, особенно конституции, в основном говорят о равноправии мужчин и женщин, культурно-познавательной деятельности и участии женщин в культурной жизни общества.



**Ключевые слова:** право, права человека, свобода, равенство, гендерное равенство, равноправие, женщина, равноправие мужчин и женщин, права женщин, правовое положение женщин, дискриминация, гарантия, международные акты, Союз Советских Социалистических Республик, Таджикская Автономная Советская Социалистическая Республика, Таджикская Советская Социалистическая Республика, право на образование, культурная жизнь.



**A LOOK AT THE SITUATION OF WOMEN'S RIGHTS AND FREEDOMS IN SOVIET TAJIKISTAN**

The article is devoted to one of the topical issues of jurisprudence and the history of human rights - the status of women's rights and freedoms in Soviet Tajikistan. One of the important historical periods that is considered a defining stage for the civilized Tajik people is the way of life and everyday life of the Tajik people and the existence of the Tajik state within the Union of Soviet Socialist Republics. At this historical stage, the legal system of Tajiks has further improved, along with other important and significant achievements in certain sectors of the economy, progress and achievements are also visible in the area of women's rights. It should be noted that during the years of Soviet power, women actively participated in public life in Tajikistan and constantly tried to exercise their rights and freedoms. At this stage they occupied important positions in the state administration apparatus and cultural institutions. Taking into account the October Revolution and the Soviet legal system, the author divided the development of women's rights and freedoms into periods; the periodization proposed by the author is of great scientific importance. The author concludes that in the Tajik SSR more attention is paid to the education and cultural and educational activities of women. Such an attitude toward women's rights and freedoms in the Tajik SSR was reasonable and met the demands of the times. Since the medieval thinking of society, backwardness of consciousness and legal culture did not allow to fully guarantee and implement the rights and freedoms of women. Так правовые акты советского времени Таджикистана, особенно конституции, в основном говорят о равноправии мужчин и женщин, культурно-познавательной деятельности и участии женщин в культурной жизни общества.



**Keywords:** law, human rights, freedom, equality, gender equality, equality, woman, equality of men and women, women's rights, legal status of women, discrimination, guarantee, international acts, Union of Soviet Socialist Republics, Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic, Tajik Soviet Socialist Republic, right to education, cultural life.



**Маълумот дар бораи муаллиф: *Раҳмон Озода Эмомалӣ* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторе:** ***Рахмон Озода Эмомали*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры теории и истории государства и права, юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the author**: ***Rahmon Ozoda Emomali*** - Tajik National University, doctoral student of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law. **Address**: 734025, the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

ТДУ:341.14.5

# НАҚШИ НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ЗАРДУШТИЯ ДАР ТАҚВИЯТЁБИИ ҲУҚУҚИ МИЛЛӢ

*Саъдизода Ҷ., Азимов Ф.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар таърихи давлатдории тоҷикон ва сарнавишти миллати тоҷик Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳифаҳои нави ҳаётро кушода, барои шинохт ва эҳё намудани арзишҳои фарҳанги миллии тоҷикон шароити мусоидро ба миён овард. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид иброз менамоянд, ки марҳилаи навин зарурати омӯзиш ва таҳқиқи амиқу ҳамаҷонибаи арзишҳои таърихиву фарҳангии чандинҳазорсолаи миллатро бар пояи воқеияти таърих дар миён ниҳод [21,с.96]. Дар ҷойи дигар Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки омӯхтани таърих танҳо донистани гузашта нест, балки ин барои шукуфоии фардои ҳар як миллату давлат зарур аст. Имрӯз мардуми кишвар ба худшиносӣ ва барқарор кардани хотираи таърихии хеш беш аз пеш ниёз дорад. Мо бояд аз таърихи гузашта сабақ бигирем ва барои ваҳдати комили миллӣ корҳои бузургеро ба анҷом бирасонем [20,с.4-5]. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳқиқи таърихи тоҷикон, саҳми ба худ хосси онҳо ба ганҷинаи тамаддуни башарӣ ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи ҳамаи халқҳои Осиёи Миёна, бо ошкор намудани он чи ки онҳоро муттаҳид сохтааст, алоқаи ҷудонашаванда дорад [9,с.4].

Низоми ҳуқуқии зардуштӣ марҳилаи ибтидоии ташаккули ҳуқуқ ва давлати қадимаи тоҷикон мебошад. Ба андешаи У.А. Азиззода, меъёрҳои ҳуқуқии он таърихан дар заминаи дини зардуштӣ ташаккул ва инкишоф ёфтаанд [3,с.366]. Илова бар ин, ин низоми ҳуқуқӣ дар муддати тулонии таърихӣ ҳуқуқу фарҳанг ва эътибори мардуми мо буд. Ба андешаи А.Ғ. Холиқзода, тамаддуни Эрону Тӯрон, ки аз гавҳари ягонаи халқияти ҳиндуориён мабдаъ мегиранд, бидуни ягонагии фарҳангӣ, динӣ ва забонӣ сараввал ҳамоҳангию монандиро дар паҳнои ҳаёти сиёсию ҳуқуқӣ доро буданд. Баъзе муаллифон бо назардошти рамзҳои ҳуқуқи инсон ё рамзҳои адолат дар давраи муайян, санадҳои ҳуқуқии таърихӣ хулоса ва пешниҳодҳои худро ироа намуда, фарҳанги ҳуқуқиро дар аҳди зардуштиён ба таври амиқ баррасӣ намудаанд [29,с.204-211; 26; 27; 28; 29]. У.А. Азиззода чунин менигорад: "Замони амали фарҳанги зардуштӣ давраи поягузорию бавуҷудоии давлатдории тоҷикон ва ҳамзамон ташаккули меъёрҳо ва институтҳои ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки фарогири танзими васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ буданд" [1,с.236]. Ба андешаи муҳаққиқ, низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар баробари дигар низомҳои ҳуқуқии ҷаҳони қадим ҳамчун дастоварди бебаҳои таърихии халқи тоҷик эътироф карда мешавад [2,с.200]. Ягонагии дунёи Эрон ва Тӯрон, ки қабл аз нузули "Авесто" дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ дида мешуд, инъикоси худро дар ҳаёти ҳуқуқии онҳо ёфтааст. Воқеияти ягонагии усулҳои ҳимояи ҳуқуқҳо аз ҷониби худоҳои Об, Оташ ва шартнома – Митра, дар усулҳои мурофиаи ордалияи сард ва гарм (важи гарм ва важи сард) исботи ду қутби ҷаҳонбинии ҳуқуқии як низоми ҳуқуқӣ ва як халқияти Эрону Тӯронро пурзӯр намуда, раванди ҳамоҳангӣ: ташаккул ва инкишофи ҷаҳонбинию маънавиёти ҳуқуқии онҳоро назаран ва амалан исбот менамояд [33,с.24]. Умуман, ҷиноят ва ҷазо дар давлатҳои қадим бо урфу одат, анъана ва меъёрҳои динӣ алоқаманд буд.

Ба андешаи Р.С. Комилов, гуноҳон дар он аҳд асосан ба се гурӯҳ ҷудо шуда баданд: якум, айбу нуқсонҳои офарида нисбат ба офаридагон ё гуноҳои мазҳабӣ; дуюм, нуқсонҳои раият нисбат ба подшоҳ ё гуноҳҳони сиёсӣ; сеюм, нуқсонҳои афрод нисбат ба афроди дигар ё гуноҳҳои умумӣ [17,с.74-75]. Гуноҳҳои мавзуӣ низ се навъ буданд: гуноҳ нисбат ба ғайр, гуноҳҳои мазҳабӣ ва гуноҳҳои сиёсӣ. Тамоми авзоъ ва аҳволи гунаҳгор ва навъи гуноҳашро дар содир намудани ҳукм ба эътибор мегирифтанд: байни ашхоси калону хурд ва касоне, ки аз содир намудани гуноҳ озод буданд ва аз рӯйи иродаашон амалеро анҷом додаанд [17,с.74-75]. Ба онҳое, ки маҷбуран гуноҳ содир

менамуданд, ба онҳо имтиёз дода мешуд. Ҳатто байни ашхоси 7-8 сола ва ашхосе, ки аз 8 то 16 сола буданд, фарқ мегузоштанд. Ҷинси гунаҳгор низ ба эътибор гирифта мешуд ва ҷазои занон бо мардон ихтилоф дошт. Ба содиркунандагони гуноҳ 2 навъ ҷазо муқаррар шуда буд: сазои дунявӣ ва сазои ухравӣ. Гунаҳгор барои ин ки руҳи худро аз ҷазои ухравӣ озод созад, бояд тавба намояд. Ҷиноят ва ҷазо ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ дар давраи муайяни инкишофи ҷомеа хусусиятҳои худро доштанд. Аз ҷумла, ҷиноятҳои зидди қувваҳои табиат ва баъзе намудҳои ҳайвонот чунин вижагӣ доштанд. Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ баъзе ҳайвонот, ба монанди сагу дигар ҳайвоноти хонагӣ дар хидмати мардум буданд. Аз ин рӯ, касоне, ки ба озори ҳайвонот даст мезаданд, ҷазо дода мешуданд. Дар ин замина «Авесто» ва низоми ҳуқуқии зардуштӣ меъёрҳои сершумори ҳифзи табиатро ба ҳам мепайвандад.

Ба андешаи Д.С. Раҳмон, яке аз пайомадҳои муосири раванди ҷаҳонишавӣ ғарбӣ гаштани мазмуни қонунгузорӣ ва низоми ҳуқуқӣ мебошад. Воқеан, имрӯз дар аксар низомҳои миллии қонунгузорӣ афзудани параметрҳои намунаи ғарбӣ ба назар мерасад [22,с.152]. Ҳол он ки дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ тақрибан аз ҳазораи II то мелод то асри VII мелодӣ низоми ҳуқуқии зардуштӣ амал намудааст ва институтҳои алоҳидаи он ба низоми ҳуқуқии ғарбӣ ворид шуда, боз бо шаклу шамоили ғарбӣ ба қонунгузории муосири Тоҷикистон мунтақил гардидааст. Дар тули таърихи давлатдории тоҷикон ва ҳуқуқи мардуми тоҷик бисёре аз ниҳодҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои дини зардуштӣ аз як низом ба низоми дигар гузашта, қисме аз онҳо дар зиндагӣ ва анъанаҳои тоҷикони муосир амал мекунанд [3,с.366].

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми баромадҳои худ аз зиёиён ва олимони кишвар даъват ба амал меоранд, ки дастовардҳои таърихии халқамонро бештар тарғиб намоянд. Чунончи, вобаста ба вазъи имрӯзаи ҷаҳон, ки бухронҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву ахлоқӣ ба ҳама соҳаҳо таъсири худро расонида истодаанд, Пешвои миллат таъкид намуданд, ки олимони ҷомеашиноси мо бояд дастовардҳои таърихии халқамонро бештар тарғиб намоянд ва таҳқиқоташонро ба тақвияти пояҳои давлату давлатдории миллиамон ҳамчун омили муҳимтарини ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ равона созанд [23,с.5].

Қабл аз оне, ки низоми ҳуқуқии зардуштӣ баррасӣ гардад, зарур аст, ки нахуст баъзе масъалаҳои умумӣ ё мафҳумҳои асосӣ мавриди таҳлил қарор дода шаванд. Дар ин ҷо дар мадди аввал ҳамон истилоҳи “низоми ҳуқуқӣ” меистад, ки дар асоси он низоми ҳуқуқии зардуштӣ ошкор карда мешавад. Дар асоси таҳлили мафҳумҳои асосӣ моҳияти категорияҳои илмӣ, таносуби онҳо бо ифодаҳои мушобеҳ муайян карда мешавад.

Дар илми ҳуқуқшиносии муқоисавӣ истилоҳотеро мисли низоми ҳуқуқӣ, оилаи ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, ҳаёти ҳуқуқӣ, фазои ҳуқуқӣ ва ғ. истифода менамоянд [6,с.504; 10; 18; 25]. Моҳиятан, ин мафҳумҳо ба ҳамдигар то андозае муродифанд [23,с.75]. Аммо тафовути мазмунӣ дар миёни онҳо ба мушоҳида мерасад. Ба андешаи баъзе олимон, ба маънои маҳдудтарини худ низоми ҳуқуқӣ ин ҳуқуқи давлати ҷудогона мебошад [31,с.496-497]. Ба ин маъно низоми ҳуқуқӣ аз лиҳози терминологӣ бо мафҳуми “низоми ҳуқуқии миллӣ” муродиф мебошад [23,с.76]. Д.С. Раҳмон нозукиҳои байни мафҳумҳои “низоми ҳуқуқ” ва “низоми ҳуқуқӣ”-ро ошкор намуда, вижагиҳои онҳоро нишон додааст. Ин пажуҳишгар қайд менамояд, ки мафҳуми низоми ҳуқуқӣ бо мафҳуми низоми ҳуқуқ бояд омехта нагардад, зеро дарки ҳақиқати илмиро зери суол қарор медиҳад. Чунончи, низоми ҳуқуқ мафҳуми сохтори институтсионалӣ аст ва таносуби унсурҳои соҳаҳои ҳуқуқро ифода менамояд. Дар ҳоле ки низоми ҳуқуқӣ на танҳо ҳамбастагии дохили соҳаҳои ҳуқуқ, балки низоми ҳуқуқи миллиро дар шакли томаш, бо баинобатгирии фаҳмиши ҳуқуқӣ, раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтадбиқнамоӣ дар бар мегирад [23,с.76]. Дар тақвияти гуфтаҳои боло З.Х. Зокирзода чунин менигорад: “Оилаи ҳуқуқӣ” нисбат ба истилоҳи “низоми ҳуқуқӣ” васеътар буда, зинаи баландтарини зуҳуроти ҳуқуқиро касб намудааст [12,с.22]. Мақулаи “оилаи ҳуқуқӣ” бошад, барои ифодаи гурӯҳи низомҳои ҳуқуқӣ, ки бо ҳамдигар умумияти ҳуқуқӣ доранд, истифода мегардад [23,с.76]. Ягонагии ин низомҳои ҳуқуқӣ бар асари умумияти сохтори онҳо, сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, соҳа ва зерсоҳаҳои асосӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва анъанаҳо ба миён омадааст [23,с.76]. Баъзе олимон низоми ҳуқуқиро бо падида ё зуҳуроти “ҳаёти ҳуқуқӣ”

дар ҳамоҳангӣ қарор медиҳанд. Аз ҷумлаи чунин олимон А.В. Малко мебошад, ки ба муомилоти илмӣ "дар баробари мафҳуми низоми ҳуқуқӣ", инчунин мафҳуми "ҳаёти ҳуқуқӣ"-ро ворид менамояд.

А.Ғ. Холиқзода низоми ҳуқуқии зардуштиро таҳлил намуда, қайд мекунад: "Мувофиқи Авесто узви комилҳуқуқи ҷамъият танҳо пайравони дини зардуштӣ ба шумор мерафтанд" [32; 33,с.73]. Муҳаққиқ дар ҷойи дигар низ бо ҳамин мазмун чунин қайд мекунад: "...миёни меъёрҳои ҳуқуқии Авесто мафҳумҳои ҳуқуқие ҷой доранд, ки ҳуқуқ ва вазифаҳои асосии зардуштиёнро муқаррар менамоянд, ... Авесто пайравони дини зардуштиро нисбатан комилҳуқуқ меҳисобид" [33,с.73]. Метавон гуфт, ки аввалин сарчашмае, ки дар он оид ба таълимоти зардуштия ва дар бораи ҳуқуқ, ҷазо, ҳуқуқвайронкунӣ сухан меравад, ин китоби Авесто ва сонияи дигар сарчашмаҳое мебошанд, ки қисман ва ё пурра то замони мо расидаанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таърихи зиндагии Зардуштро ба ҳазораи II-и т.м. мансуб донистаанд [24,с.32]. Ба андешаи зумраи дигари олимон, зиндагии Зардушт ва таълифи китоби Авесто таърихи зиёда аз 3500-4000-сола дорад [30,с.17]. Ба андеша З.Х. Зокирзода, китоби Авесто аз сӯйи коҳинони маъбади зардуштӣ шифоҳӣ нақл мегардид, ки баъдан дар шакли китобат дар аҳди ҳукмронии сулолаи Сосониён расмиёт пайдо намуд [14,с.8]. Оид ба китоби Авесто бояд таъкид намуд, ки аз 21 наски он то замони мо 83 ҳазор калима боқӣ мондааст.

Низоми ҳуқуқии зардуштӣ бар мабнои Авесто асос ёфта, бисёр институтҳои ҳуқуқие, ки дар низомҳои ҳуқуқии романӣ-олмонӣ, англо-саксонӣ ва мусулмонӣ амал менамоянд, аз низоми ҳуқуқии зардуштӣ сарчашма мегиранд. Ба монанди: исқоти ҳамл, розигии тарафайн дар никоҳ, ҳифзи ҳайвоноти хонагӣ, ҷуброни зарар ё хариди гуноҳ ва амсоли инҳо. Лозим ба таъкид аст, ки Авесто на танҳо китоби диниву мазҳабӣ, балки он яке аз қонунномаи ҳамон давр эътироф мегардад. Оид ба ин масъала З.Х. Зокирзода менависад, ки Авесто ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ дар қатори маросиму ибодатҳои динӣ институтҳои ҷиноят, ҷазо, ҷавобгарӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва ғ.-ро инъикос менамояд [13,с.152]. Дар таълимоти зардуштӣ нақши меъёрҳои динӣ хеле бузург мебошад, зеро асоси таълимоти зардуштияро меъёрҳои динии Авесто ташкил медиҳанд. У.А. Азиззода чунин менигорад, ки дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши сарчашмаҳои динӣ муҳим мебошад. И.Б. Буризода таъкид менамояд, ки ҷиноятҳо ба муқобили дин мавқеи асосиро дар таснифоти ҷиноятҳо ишғол менамуданд [7,с.30]. Дар ин росто лозим ба таъкид аст, ки тавбаи баъзе гунаҳгорон, монанди касони аз мазҳаб рӯгардонда ё ашхосе, ки ҷасадро сӯзонидаанд, пазируфта намешавад ва гунаҳгор ҳам дар ин дунё ва ҳам дар он дунё сазовори ҷазо мегардид. Дар сарзамини тоҷикон то ҳукмронии Ҳахоманишиҳо меъёрҳои динии зиёде амал мекарданд, ки муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекарданд. Дар баробари меъёрҳои динӣ, меъёрҳои одатӣ ва анъанаҳо низ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши муҳим мебозиданд [4,с.33]. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ дини расмии давлатҳои Ҳахоманишӣ, Ашкониён ва Сосониён оини зардуштӣ ба шумор мерафт [16,с.19]. Онҳо бо такя ба таълимоти иҷтимоии зардуштия ба ривоҷу саодати оила эътибори зиёд медоданд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ бамаврид навиштаанд: "Империяи Сосониён, пеш аз ҳама, бо афзудани нуфузи дини зардуштӣ ва пуштибонии он шуҳрат ёфтааст... Беҳуда нест, ки таърихнигори аҳди ислом Масъудӣ ҳикмати машҳури «тахт пояи меҳроб асту меҳроб пояи тахт»-ро ба Ардашери Бобакон нисбат медиҳад" [24,с.66-67]. Масъалаи мазкур аз ҷониби Муҳаммад Рашшод ҳам дастгирӣ ёфтааст: "...Дар Эрон подшоҳони сосонӣ мазҳаби Зардуштро ба саросари мамлакат густарида ва ҳама табақотро бад–он кеш даровардand..." [19,с.5].

Зардуштиён барои зан аҳаммият ва эҳтироми зиёде қоил буданд. Инчунин, зану мард аз ҳуқуқи баробари моддию маънавӣ бархӯрдор буданд. Занҳо дар корҳои хона баробари мардон машғули фаъолият буданд. Ҳамчунин, дар гузашта занҳои зардуштӣ дорои амвол ва сарватҳои шахсӣ низ будаанд. Нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ ин аст, ки дар авқоти лозима занҳо зимоми умури қабилавиро низ дар даст доштаанд.

Дар замони шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён занон ҳам дар радифи мардон дар сохтани коххои шоҳони ҳахоманишӣ ширкат мекарданд ва дастмузди баробари мардон мегирифтанд. Аксаран, касби занон дар он давра, сайқал додани ниҳоии сангнигораҳо ва ҳамчунин духту дӯзу хайётӣ будааст. Қобили зикр аст, ки занҳо дар замони ҳомиладорӣ ва ё таваллуд аз кор озод буданд. Вале аз ҳадди ақали ҳуқуқ ба музд барои гузаронидани эҳтиёҷоти зиндагӣ бархӯрдор буданд. Илова бар ин, ҳуқуқи изофӣ дар намуди маводи зарурии зиндагӣ дарёфт менамуданд. Тааҷҷубовараш ин ки дар коргоҳҳои хайётӣ занон ба ҳайси сарпараст ва мудир фаъолият мекарданд ва гоҳо мардон дар зердастии занон қарор мегирифтанд. Аммо, занҳои хонадони шоҳӣ аз ҷойгоҳи вижае бархӯрдор буданд. Онҳо метавонистанд дар муносибат бо шоҳ фикрашонро мустақилона баён намоянд. Инчунин, коргоҳҳои азимеро бо ҳама коркунонаш идора намуда, мудирият мекарданд. Бояд қайд намуд, ки муҳосибот ва девонсолори ҳахоманишӣ ҳатто барои Малика низ истисно қоил намешуд. Муҳосабаи воридоту содиротро аз ӯ талаб менамуд.

Дар бисёре аз ҷойҳои Авесто ба диндорон супориш шудааст, ки аз беиффатӣ, зино ва корҳои ношоиста бипарҳезанд. Дар ҳар маврид кӯшиш намоянд, ки гоме бар хилофи иффат, покдоманӣ, ашоӣ (ростӣ) ва парҳезгорӣ бар надоранд. Ҳар фарди диндори зардуштӣ вазифадор аст, ки чун ба балоғат расад барои худ ҳамсареро интихоб намояд ва зиндагонии хуби хонаводагиро зери парчами меҳру муҳаббат ва ягонагию якрангӣ бо ӯ оғоз намояд. Дар тули зиндагии якҷояи худ кӯшиш намояд, ки фарзандони номвар ва лоиқи хушбахтию пешрафти халқу кишвар тавлид ва парвариш намояд. Дар таълимоти зардуштӣ оила муқаддас эътироф гардида, хиёнат кардан ба ҳамсар ҳамчун кирдори манфӣ баҳо дода мешуд. Тавре У.А. Азиззода қайд менамоянд, агар зан шавҳарашро хиёнат мекард, он гоҳ ба вай ҷазои қатл тадбиқ карда мешуд. Ҳатто мард метавонист худаш ҳамсарашро қатл намояд барои чунин ҳуқуқвайронкунӣ. Ҳуқуқи ҷиноятии қадимаи мардуми тоҷик оиларо қадр мекард ва онро аз таҷовузи ҷиноятӣ ҳифз менамуд [4,с.34]. Ба андешаи У.А. Азиззода дар таълимоти зардуштӣ фиреб додани духтари ҳанӯз шавҳар накарда ва ҳомиладор кардани ӯ яке аз ҷиноятҳои вазнин ба ҳисоб меравад. Дигар ҷиноят муносибатҳои маҳрамонаи ғайриқонунии марду зан ба ҳисоб мерафт. Зеро таълимоти зардуштӣ оиларо муқаддас шуморида, хиёнатро дар муносибатҳои занушавҳарӣ, махсусан хиёнати занро ба мард бисёр вазнин баҳо медод. Ҳамзамон, исқоти ҳамл аз никоҳи қонунӣ ва ё ғайриқонунӣ ҷинояти вазнин дониста мешуд [4,с.50].

Бояд ёдовар шуд, ки дар оини зардуштӣ ду ва ё бисёрзанагӣ ҷоиз нест. Гуфта шудааст, ки чӣ гунае ки як зан наметавонад дар як замон беш аз як шавҳар дошта дошад, мард низ наметавонад дар як никоҳ ду ва ё зиёда аз он зан дошта дошад. Ба ақидаи зардуштиён ин хилофи қонуни баробарҳуқуқии зану мард дар оини зардуштӣ мебошад. Дар сурати мавҷудияти зан ва ё мухолифати ӯ набояд мард иқдом ба гирифтани зани дувум намояд, зеро амали мазкур хилофи дину оин буда, дар он поймол шудани ҳуқуқи зан ба назар мерасад. Зеро дар дини зардуштия ҳувият ва ҳастии зан мақоми махсус дошта, он ҳамчун офаридаи Аҳурамаздо ва дорои сиришти пок дониста мешавад, ки мисли мард озоду соҳибихтиёр ва масъули аъмоли хеш аст. Вале бо вуҷуди ин, роҳҳои гирифтани зани дувум дар оинномаи зардуштия зикр шудааст.

Интихоби ҳамсар низ дар зардуштия ба худи марду зан вогузор будааст. Онҳо дар интихоби ҳамсар озод буда, тибқи дастуроти ин таълимот бояд интихоби оқилона дошта бошанд. Бо дарназардошти қонуни "Ашо" (ростӣ, покӣ) ҳамсари ояндаи худро интихоб кунанд.

Соҳиби китоби "Зан дар ҳуқуқи сосонӣ" чунин баён медорад: "Дар оини зардуштия духтар дар интихоби ҳамсар озод буд ва мардеро, ки падараш барои ӯ таъин мекард, барои ба ҳамсарӣ қабул кардани ӯ маҷбур набуд. Агар мехост қабул мекард ва агар намехост на. Дар сурати напазируфтани интихобкардаи падар, ӯ ҳақ надошт, духтарро аз ирс маҳрум созад ва дигар намуди муҷозотро дар ҳаққи ӯ раво бинад" [16,с.5].

Мавриди зикр аст, ки ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар натиҷаи поймол гардидани ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, эътибор, номус, номи нек ва монанди

инҳо ба вуҷуд меояд. Ба андешаи Ф.А. Бобохонов, неъматҳои ғайримоддии зикршуда дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавқеи хосро ишғол менамоянд [8,с.5]. Аз ин рӯ, ба ақидаи муҳаққиқ, ҳифзи шаъну шарафи инсон аз тухмат, таҳқир ва дигар кирдорҳои ба он таҷовузкунанда дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон масъалаи марказиро ташкил намуда, дар меъёрҳои ҳуқуқӣ мавриди танзим ва ҳифзнамоӣ қарор дода шуда, то замони мо омада расидаанд [8,с.5]. Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ оид ба бисёре аз ҳуқуқҳои шахсии ғайримоддӣ ва маънавии инсон дар шаклҳои гуногун гуфта шудааст ва шаклҳои танзими ҳуқуқии онҳо пешбинӣ гардидаанд [8,с.34]. Аз ҷумла, ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба ҳаёти хушбахтона, ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба озодии никоҳ, ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба шароитҳои ҳаёти осоишта ва ғ. дар асоси сарчашмаҳои расмӣ, аз ҷумла Авесто пешбинӣ гардидааст [11,с.31-32]. Ҳуқуқҳои номбурда хусусияти табиӣ дошта, ҳамчун неъматҳои маънавӣ ба ҳисоб меравانд ва зарар расонидан ба онҳо метавонад боиси оқибатҳои манфии хусусияти маънавидошта гардад. Ҳуқуқ ва неъматҳои ғайримоддии инсон ба мисли ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, номи нек ва ғ. ҳанӯз дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ дар сарзамини тоҷикон бо сарчашмаҳои динию ҳуқуқӣ муқаррар шуда буданд. Ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ, махсусан аз тухмат, таҳқир ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар сарзамини тоҷикон ҳифз мегардиданд ва марҳила ба марҳила ташаккул ёфтаанд [8,с.15]. Ба андешаи С.А. Раҷабзода, омӯзиш ва таҳқиқоти ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар марҳилаҳои гуногуни таърихи давлат ва ҳуқуқи халқи тоҷик замина фароҳам меорад, то ҷанбаҳои норавшан ва мураккаби мавзуъ дар низоми ҳуқуқии миллӣ дар равандҳои гуногуни таърихӣ таҳқиқ ва омӯзиш шуда, таҷрибаи мусбати он дар амалия ва қонунгузории замони муосири Тоҷикистон истифода шаванд, зеро дар раванди ҷаҳонишавӣ барои пешниҳод намудани механизми миллии дилхоҳ падида лозим аст, ки диққати аввал ба таърих, фарҳанг ва дастовардҳои миллӣ дода шавад. Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки бо роҳи азобу уқубати ҷисмонӣ дар ҳуқуқи зардуштӣ зарари бо кирдори ҷиноятӣ расонидашуда ҷуброн карда мешуд. Бо рушд ёфтани ҷомеа давлат ва низоми ҳуқуқии зардуштӣ ҷазо ва шаклу усулҳои истифодаи он низ тағйир ёфтанд. Шаклҳои қадимаи ҷазо, ки хусусияти бераҳмона доштанд, кам истифода мешуданд. Бар ивази онҳо ҷазоҳое истифода мегардиданд, ки хусусияти моддӣ ва ҷубронкуниро доштанд. Ба ин гурӯҳ ҷазоҳо ҷарима, пардохти товони зарар, фидяҳо, ивази ҷазо бо фидяҳои пулӣ ё корҳои сахроӣ, корҳои ҳатмӣ, корҳоиислоҳӣ ва ғайра дохил мешаванд. Р.С. Комилов чунин менигорад: "Ҷазоҳои дунявӣ аз қатл, тозиёна задан, занҷирбанд кардан, зиндон, заҳматҳои пурмашаққат фармудан, тамғазанӣ ва ғайра иборат буданд" [17,с.74]. Ба андешаи З.Х. Зокирзода, дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ бештар ҷазоҳои молумулкӣ (ҷарима, мусодираи молу мулк, додани молу мулк ҳамчун товон ва ғ.) таъин мегардид. Барои товони баъзе аз гуноҳҳо гунаҳгор мебоист фидя диҳад [17,с.74]. Дар ҳолати содир кардани ҷиноят ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк: ҳайвонот, асп, гӯсфанд ва монанди он иҷро мешуд. У.А. Азиззода низ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ мавҷуд будани институти мусодираи молу мулкро дастгирӣ менамояд. Чунончи, муҳаққиқ навъҳои ҷазоро дар низоми ҷазоҳои давлатҳои давраи зардуштӣ ба тарзҳои гуногун тақсим мекунад. Ба андешаи муаллиф, ҷазоҳо асосан навъҳои зерин доштанд: 1) ҳукми қатл; 2) ҷазои ҷисмонӣ; 3) ҷарима ва каффорати гуноҳ; 4) корҳои ислоҳӣ; 5) маҳдуд кардани озодӣ; 6) маҳрум сохтан аз озодӣ; 7) аз ҷамъият хориҷ кардан ва бадарға кардан; 8) мусодираи молу мулк; 9) маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти муайян ё ишғоли вазифаи муайян [3,с.369].

Дар мавриди аҳкоми қазо ё доварии Эрони куҳан дар китоби Абдуллоҳи Розӣ ("Таърихи муфассали Эрон") оварда шудааст: "Шоҳ, назар ба ин ки раиси тамоми табақаҳо ҳисоб меёфт, ҳаққи қазоват дар кулли умури шомил аз ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи ҷазоӣ (ҷиноятӣ) ва ҳатто мазҳабиро дошта, дар ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон дар маҷлисҳои ошкоро додрасӣ мекардааст, вале муроҷиа ба подшоҳ аз умури одӣ набуда, барои ин мақсуд қузоти махсус муайян шуда буд" [5,с.144]. Ба назар меояд, ки барои расидагӣ ба қазои сиёсӣ ва низомӣ ва ҳатто барои таҳқиқ дар баъзе масъалаҳои ҷазоӣ қозиҳои салоҳиятдор аз табақаи ғайрируҳониён интихоб мегашт, аз он ҷумла

шаҳрдовар (қозии шаҳр), родэрон (қозии Эрон), сипоҳдовар (қозии аскар) [17,с.72]. Вале муроҷиати одии афрод махсусан дар масъалаҳои маданӣ ва мазҳабӣ дар назди қузоти руҳонӣ ба амал меомад. Фақат руҳониёне, ки расман ин самтро доштанд, дастаи махсусе дар ҳайати иҷтимоӣ буданд. Ва ҳар руҳонӣ ин вазифаро уҳдадор набуда ва агар ҳам қазоват мекардааст, мебоист мурооти ташрифоти махсусеро намояд ва ҳукмаш ба эътибори қузоти расмӣ набудааст [5,с.144].

Дар ҳуқуқи ҷиноятии зардуштӣ институти шарикӣ дар ҷиноят ва такрори ҷиноят мавқеи хоссаро касб намуда буд. Шарикӣ дар ҷиноят ва такрори ҷиноят яке аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи ҷиноятии муосир маҳсуб мешавад, ки ҳазорсолаҳо пеш аҷдодону ниёгони мо аввалин шуда меъёрҳои мазкури ҳуқуқи ҷиноятиро маълум карда буданд.

Зимни ин, шахсияти иҷтимоӣ (фард) ва хонаводагии маҳкумшуда бар ин ё он ҷиноят ва кирдори зиддиҳуқуқӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирифт. Сарпарастони хурдсолон, ки ба тарбияти онҳо уҳдадор буданд, дар содир намудани гуноҳ ҷавобгарии ҳуқуқиро низ бар дӯш доштанд. Дар шароити имрӯза ин масъала низ яке аз масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ маҳсуб шуда, доир ба он Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011 қабул гардидааст, ки падару модарро муваззаф гардонидааст, ки аз кирдорҳои зиддиҳуқуқии фарзандони хеш пешгирӣ намоянд, ҳатто барои кирдори содиркардаи фарзанд падару модар низ ҷавобгарӣ ба уҳда доранд [15].

Ҳамин тавр, дар ниҳояти ин гуфтаҳо ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ бар мабнои Авесто асос ёфта, бисёр институтҳои ҳуқуқие, ки дар низомҳои ҳуқуқии романӣ-олмонӣ, англо-саксонӣ ва мусулмонӣ амал менамоянд, аз низоми ҳуқуқии зардуштӣ сарчашма мегиранд, ба монанди: якканикоҳӣ, розигии тарафайн дар никоҳ, ҳифзи ҳайвоноти хонагӣ, ҷуброни зарар ё хариди гуноҳ ва амсоли инҳо.

2. Зардуштиён ба зан аҳаммияти махсус медоданд ва эҳтироми зиёде қоил буданд. Инчунин, зану мард аз ҳуқуқи баробари моддию маънавӣ бархӯрдор буданд. Ҳамчунин, дар гузашта занҳои зардуштӣ дорои амвол ва сарватҳои шахсӣ низ будаанд. Нуқтаи ҷолиби таваҷҷуҳ ин аст, ки дар авқоти лозима занҳо зимоми умури қабилавиро низ дар даст доштаанд.

3. Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ як зан наметавонад дар як замон беш аз як шавҳар дошта бошад, мард низ наметавонад дар як никоҳ ду ва ё зиёда аз он зан дошта дошад. Ба ақидаи зардуштиён ин хилофи қонуни баробарҳуқуқии зану мард дар оини зардуштӣ мебошад. Дар сурати мавҷудияти зан ва ё мухолифати ӯ набояд мард иқдом ба гирифтани зани дувум намояд, зеро амали мазкур хилофи дину оин буда, дар он поймол шудани ҳуқуқи зан ба назар мерасад. Зеро дар дини зардуштия ҳувият ва ҳастии зан мақоми махсус дошта, он ҳамчун офаридаи Аҳуромаздо ва дорои сиришти пок дониста мешавад, ки мисли мард озоду соҳибихтиёр ва масъули аъмоли хеш аст.

4. Дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ тақрибан аз ҳазораи II то мелод то асри VII мелодӣ низоми ҳуқуқии зардуштӣ амал намудааст ва институтҳои алоҳидаи он ба низоми ҳуқуқии ғарбӣ ворид шуда, боз бо шаклу шамоили ғарбӣ ба қонунгузории муосири Тоҷикистон мунтақил гардидаанд. Дар тули таърихи давлатдории тоҷикон ва ҳуқуқи мардуми тоҷик бисёре аз ниҳодҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои дини зардуштӣ аз як низом ба низоми дигар гузашта, қисме аз онҳо дар зиндагӣ ва анъанаҳои тоҷикони муосир амал мекунанд.

**Муқарриз: Азиззода У.А. - д.и.ҳ., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Азиззода, У.А. Оид ба фаҳмиши ҷиноят ва ҷазо дар давлатҳои қадимаи тоҷикон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. – № 9. – С. 236.
2. Азизов, У.А. Становление и развитие институтов преступления и наказания на территории дореволюционного Таджикиистана / У.А. Азизов. – Душанбе: Андалеб-Р, 2014. – 200 с.
3. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследования: дис. ... д-ра юрид. наук: 12. 00. 01 / Азизов Убайдулло Абдуллоевич. – Душанбе, 2015. – 413 с.

4. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / У.А. Азизов. [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.
5. Абдуллоҳи Розӣ. Таърихи муфассали Эрон. -Теҳрон. – С. 144.
6. Бехруз, Х. Сравнительное правоведение: учебник для вузов. – М., 2008. – 504 с.
7. Буриев, И.Б. Действие мусулманского право в дореволюционном Таджикистане (VIII – начало XX вв): дис. канд. юрид. наук: 12.00.01 / Буриев Имонкул Бозорович. – Душанбе, 1998. – 244 с.
8. Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ: дис. ном. илм. Ҳуқуқ / Ф.А. Бобохонов. – Душанбе, 2022. – 203 с.
9. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Китоби якум / Б.Ғ. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 694 с.
10. Давид, Р. Основные правовые системы современности / Р.Давид, К. Жофре-Спинози. -М., 1998. -400 с.
11. Диноршоев, А.М. Андешаи ҳуқуқи инсон дар таълимоти динӣ ва фалсафӣ / А.М.Диноршоев, Ҷ. Саъдизода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – № 2 (10). – С. 31-32.
12. Зокирзода, З.Х. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: Ашуриён, 2021. – 40 с.
13. Зокиров, З.Х. Уголовно-правовая характеристика конфискации имущества. Монография / З.Х. Зокиров.– Душанбе: Нашри Камол, 2016. – 152 с.
14. Зокиров, З.Х. Конфискации имущества: прошлое и настоящее (на тадж. яз.). Монография / З.Х. Зокиров. – Душанбе: Сухан, 2016. – С. 8.
15. Кристен, Бортилма. Зан дар ҳуқуқи сосонӣ. Тарҷумаи доктор Носируддини Соҳибуззамонӣ. -Теҳрон 1337 ҳ. ш. – 83 с.
16. Комилов, Р.С. Фалсафаи ҳуқуқ. Китоби дарсӣ / Р.С. Комилов. Дар зери таҳрири доктори илмҳои фалсафа, профессор, академик М.Д. Диноршоев. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 544 с.
17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011 [Манбаи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: реҷаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 05.01. 2023).
18. Марченко, М.Н. Курс сравнительного анализа правоведения / М.Н. Марченко. – М., 2002. – 1068 с.
19. Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих (дар 7 ҷилд). Ҷилдҳои 3 ва 4, китоби дуюм (таҳияи Саидбеги Маҳмадуллоҳ ва Саидиён Исматуллоҳ). – Душанбе: Ирфон, 2002. – 404 с.
20. Раҳмон, Э. Сарчашмаи худшиносии миллӣ / Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998. – С. 4-5.
21. Раҳмон, Э. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 96 с.
22. Раҳмон, Д.С. Ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон: вижагӣ, дастовард ва мушкилот: монография. – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 252 с.
23. Раҳмон, Э. Иқтибос аз суханронии Пешвои миллат дар бораи тамоюли ҷаҳонишавии фарҳанг // Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон: вижагӣ, дастовард ва мушкилот: монография. – Душанбе: Эр-граф, 2021. – С. 5.
24. Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби аввал. Аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Лондон, 1999. – 238 с.
25. Саидов, А.Х. Сравнительное правоведение (основные правовые системы современности): учебник / А.Х. Саидов. Под ред. В.А. Туманова. – М., 2003. – 448 с.
26. Саъдизода, Дж. Законодательная политика в сфере прав человека и ее роль в формировании культуры прав человека / Дж. Саъдизода // Государствоведение и права человека. – 2016. – № 1. – С. 109-113.
27. Саъдизода, Дж. К вопросу о классификации культуры прав человека / Дж. Саъдизода // Права человека: теория, история, практика: сборник научных трудов, посвященный 65-летию Всеобщей декларации прав человека / Московский государственный университет экономики, статистики и информатики; Институт права и гуманитарного образования. – Волгоград : Волгоградский филиал ФГБОУ ВПО РАНХиГС, 2014. – С. 55-62.
28. Саъдизода, Дж. Культура прав человека как составная часть правовой культуры // Закон и право. – 2014. – № 10. – С. 63-67.
29. Саъдизода, Дж. Формирование культуры прав человека в зороастрийкий период // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/4-2. – С. 204-211.
30. Саъдизода, Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Бахмандрӯд, 2016. – 164 с.
31. Сотиволдиев, Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2010. -Ҷилди 2. – 496-497.
32. Халиков, А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право) / А.Г. Халиков. -Душанбе: Маориф ва фарњанг, 2005. -488 с.
33. Холиқов, А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми 1. Китоби дарсӣ / А.Ғ. Холиқов. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 301 с.

**НАҚШИ НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ЗАРДУШТИЯ ДАР ТАҚВИЯТЁБИИ ҲУҚУҚИ МИЛЛӢ**

Дар мақолаи мазкур дар бораи нақши низоми ҳуқуқии зардуштия дар тақвиятёбии ҳуқуқи миллӣ сухан меравад. Ба андешаи муаллифон, низоми ҳуқуқии зардуштӣ бар мабнои Авесто асос ёфта, бисёр

институтҳои ҳуқуқие, ки дар низомҳои ҳуқуқии романӣ-олмонӣ, англо-саксонӣ ва мусулмонӣ амал менамоянд аз низоми ҳуқуқии зардуштӣ сарчашма мегирад, ба монанди якканикоҳӣ, розигии тарафайн дар никоҳ, ҳифзи ҳайвоноти хонагӣ, ҷуброни зарар ё хариди гуноҳ ва амсоли инҳо. Ба андешаи муаллифон, дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ баъзе ҳайвонот, ба монанди сагу дигар ҳайвоноти хонагӣ дар хидмати мардум буданд. Аз ин рӯ, касоне, ки ба озори ҳайвонот даст мезаданд, ҷазо дода мешуданд. Дар ин замина «Авесто» ва низоми ҳуқуқии зардуштӣ меъёрҳои сершумори ҳифзи табиатро ба ҳам мепайвандад. Муаллифон қайд менамоянд, ки мафҳуми низоми ҳуқуқӣ набояд бо мафҳуми низоми ҳуқуқ омехта гардад, зеро дарки ҳақиқати илмиро зери суол қарор медиҳад. Чунончи, низоми ҳуқуқ мафҳуми сохтори институтсионалӣ аст ва таносуби унсурҳои соҳаҳои ҳуқуқро ифода менамояд. Муаллифон бар он назаранд, ки зардуштиён барои зан аҳамият ва эҳтироми зиёде қоил буданд. Инчунин, зану мард аз ҳуқуқи баробари моддию маънавӣ бархӯрдор буданд. Занҳо дар корҳои хона баробари мардонашон машғули фаъолият буданд. Ҳамчунин, дар гузашта занҳои зардуштиён дорои амвол ва сарватҳои шахсӣ низ будаанд. Нуқтаи ҷолиби таваҷҷуҳ ин, ки дар авқоти лозима занҳо зимоми умури қабилавиро низ дар даст доштаанд.

**Калидвожаҳо:** Авесто, Вандидод, ҷиноят, даъво, гуноҳ, амвол, моликият, зарар, шарикӣ дар ҷиноят, муносибати ҷамъиятӣ, низоми ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ.

## РОЛЬ ЗОРОАСТРИЙСКОЙ ПРАВОВОЙ СИСТЕМЫ В УКРЕПЛЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОГО ПРАВА

В данной статье говорится о роли зороастрийской правовой системы в укреплении национального права. По мнению авторов, зороастрийская правовая система базируется на основе Авасты, а многие правовые институты, действующие в романо-германской, англо-саксонской и мусульманской правовых системах, происходят от зороастрийской правовой системы, такие как: единобрачие, взаимное согласие в браке, защита домашных животных, возмещение ущерба или приобретение вины и тому подобное. По мнению авторов, в зороастрийской правовой системе некоторые животные, такие как собаки и другие домашние животные, находились на службе у людей. Поэтому тех, кто обижал животных, наказывали. В этом контексте «Авеста» и зороастрийская правовая система объединяют многочисленные нормы охраны природы. По мнению авторов, понятие правовой системы не следует смешивать с понятием правовой системы, поскольку оно ставит под сомнение понимание научной истины. Таким образом, правовая система представляет собой понятие институциональной структуры и представляет собой соотношение элементов правовых сфер. Авторы считают, что зороастрийцы имели большое значение и уважение к женщинам. Также мужчины и женщины пользовались правом на материальное и духовное равенство. Женщины занимались домашним хозяйством наравне со своими мужчинами. Также в прошлом зороастрийские женщины имели имущество и личное богатство. Интересным моментом внимания является то, что в нужное время женщины также занимались племенными делами.

**Ключевые слова:** Авеста, Вандидат, преступление, иск, вина, имущество, имущество, вред, соучастие в преступлении, общественные отношения, правовая система, юридическая ответственность, правонарушение.

## THE ROLE OF THE ZOROASTRIAN LEGAL SYSTEM IN THE STRENGTHENING OF NATIONAL LAW

This article talks about the role of the Zoroastrian legal system in strengthening national law. According to the authors, the Zoroastrian legal system is based on Avasta, and many legal institutions operating in the Romano-Germanic, Anglo-Saxon and Muslim legal systems originate from the Zoroastrian legal system, such as: monogamy, mutual consent in marriage, protection of domestic animals , compensation for damage or acquisition of guilt and the like. According to the authors, in the Zoroastrian legal system, some animals, such as dogs and other domestic animals, were in the service of people. Therefore, those who offended animals were punished. In this context, the Avesta and the Zoroastrian legal system unite numerous norms of nature protection. According to the authors, the concept of a legal system should not be confused with the concept of a legal system, since it calls into question the understanding of scientific truth. Thus, the legal system is a concept of an institutional structure and is a ratio of elements of legal spheres. The authors believe that the Zoroastrians had great importance and respect for women. Men and women also enjoyed the right to material and spiritual equality. Women did housework on an equal footing with their men. Also in the past, Zoroastrian women had property and personal wealth. An interesting point of attention is that, at the right time, women were also involved in tribal affairs.

**Keywords:** Avesta, Vandidate, crime, lawsuit, guilt, property, property, harm, complicity in a crime, public relations, legal system, legal responsibility, offense.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Саъдизода Ҷаҳонгир*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 985-38-38-67.** E-mail: **jahon_1967@mail.ru**

***Азимов Фирдавс Акбаралиевич*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва методикаи таълими он. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин, 63. Телефон: **(+992) 207-00-99-96.**

**Сведения об авторах:** ***Саъдизода Джахонгир*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедрой прав человека и сравнительного правоведения юридического

факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 985-38-38-67.** E-mail: **jahon_1967@mail.ru**
***Азимов Фирдавс Акбаралиевич*** – Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, ассистент кафедры права и методики преподавания. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63, Телефон: **(+992) 207-00-99-96**

**Information about authors:** ***Saadizoda Jahongir*** – Tajik National University, candidate of legal sciences, reader, Head of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 985-38-38-67.** E-mail: **jahon_1967@mail.ru**
**Information about authors:** ***Azimov Firdavs Akbaralievich*** – Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht region, Assistant of the Department of Law and Teaching Methods. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63, Phone: **(+992) 207-00-99-96**

**ТДУ: 349.444**

# АМАЛИГАРДОНӢ ВА ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ МАНЗИЛИИ НОБОЛИҒОНИ БЕ ПАРАСТОРИИ ПАДАРУ МОДАР МОНДА

***Исмоилзода Х.А., Ҳиматов Ҳ.Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба тасвиб расонидани Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи кӯдак [6] аз 20.11.1989 чун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ уҳдадор гардид, то тамоми қонунгузории худро дар самти ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон ба ин санади ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ намояд. Барои аввалин бор дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [8] аз 13 ноябри соли 1998 кӯдак чун субъекти мустақили ҳуқуқ эътироф гардида, дар он боби алоҳида оиди ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон пешбинӣ гардид. Дар боби 11 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуқуқҳои субъективии мушаххаси кӯдак, ки мазмуни молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ доранд, ном бурда шудааст.

Ин навгонии муҳим дар қонунгузорӣ, бешак, аз аҳаммияти зиёди назариявию амалӣ бархӯрдор буда, чунин падидаи номатлуброро, ки кӯдак на ҳамчун дорандаи мустақили ҳуқуқ, балки вобаста ба ғайриқобили амал будан ба як объекти ғайрифаъоли муносибатҳои падару модар табдил ёфта буд [12,с.255], бартараф намуд.

Дар м. 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [5] қайд гардидааст, ки ҳар кас ҳуқуқ ба манзил дорад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ҳуқуқи субъективӣ ба манзил, инчунин амалигардонӣ ва ҳифзи ин ҳуқуқро барои инсон ва шаҳрванд кафолат додааст, вале омилҳои гуногуне мавҷуданд, ки амалигардонии ин меъёри конститутсиониро ё душвор мегардонанд, ё умуман монеи дар амал татбиқ шудани он мегарданд.

Яке аз ҳуқуқҳои бунёдии кӯдак ин ҳуқуқ ба манзил мебошад. Дар зери мафҳуми ҳуқуқҳои манзилии кӯдак маҷмуи ҳуқуқҳои ашёӣ ва ҳуқуқҳои уҳдадорӣ дар нисбати соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории манзили истиқоматӣ фаҳмида мешавад, ки аз ҳуқуқи конститутсионӣ ба манзил маншаъ мегиранд [3,с.8].

Тибқи муқаррароти Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон [7] аз 18 марти соли 2022, ҳуқуқ ба манзил метавонад дар шакли ҳуқуқи моликият ва ё дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ амалӣ карда шавад. Роҳҳои амалӣ кардани ин ҳуқуқҳо бо доштани ҳуқуқи моликиятӣ ба манзил, бастани шартномаи кирояи иҷтимоии манзил ва шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ сурат мегирад.

Мавҷудияти як қатор омилҳо, ки аз мақоми ҳуқуқии кӯдак бармеоянд, аз ҷумла, маҳдудиятҳо дар мустақилона амалигардонии аксар ҳуқуқҳои субъективӣ ва иштироки намояндагони қонунии ноболиғон дар анҷомдиҳии як қатор аҳдҳои ҳуқуқӣ ба ҳуқуқи манзилии ноболиғон, амалигардонӣ ва ҳифзи он таъсири муайян мерасонанд. Маҳдудиятҳо дар қобилияти амалкунии ноболиғон, аз ҷумла дар самти ҳуқуқҳои манзилӣ, аз синну сол, сатҳи камолоти ҷисмонӣ, ақлонию равонии кӯдак маншаъ мегиранд ва бинобар ин онҳо наметавонанд мустақилона ҳуқуқҳои худро комилан амалӣ ва ҳимоя намоянд.

Бояд муқаррар намуд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери мафҳуми “кӯдакони бе парастории падару модар монда” кадом категорияи ноболиғонро дар назар дорад. Аз нигоҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” [10] аз 18 марти соли 2015 таҳти № 1196, кӯдаки бепарастор ноболиғе дониста мешавад, ки бо сабабҳои маҳдуд ё маҳрум карда шудани падару модар, падар ё модари танҳояш аз ҳуқуқи падару модарӣ, бедарак ғоиб эътироф ё фавтида эълон гардидани падару модар, ғайри қобили амал (дорои қобилияти маҳдуди амал) дониста шудани онҳо, барои адои ҷазо дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ қарор доштани падару модар, саркашӣ кардани падару модар аз тарбияи кӯдак ё ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ӯ, аз ҷумла ҳангоми рад кардани гирифтани кӯдаки худ аз муассисаҳои таълимӣ - тарбиявӣ ва ё табобатӣ, инчунин дар дигар ҳолатҳо бе парастории падару модар мондааст.

Чуноне аз мазмуни м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" бармеояд, дар Қонуни мазкур истилоҳоти "кӯдаки ятим" ва "кӯдаки бепарастор" чун мафҳумҳои аз лиҳози маъно гуногун оварда шудаанд. Дар фарқият аз м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак", дар м. 122 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми "кӯдаки бепарастор" ҳамчун мафҳуми аз лиҳози маъно васеъ корбурд шуда, фарогири кӯдаконе, ки падару модарашон фавтидаанд (кӯдакони ятим), низ мебошад, ки мантиқан дуруст аст. Аз ҷониби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" ҷудо намудани ин ду категорияи кӯдакон бештар ба он рабт дорад, ки мақоми "кӯдаки ятим" барои гирифтани имтиёз ва бо чораҳои дастгирии иҷтимоӣ фаро гирифтани ин гурӯҳи кӯдакон аҳаммият дорад [4,с.110].

Вобаста аз он ки дар нисбати кӯдакони бе парастории падару модар монда кадоме аз шаклҳои ҷобаҷокунии дар Кодекси оила пешбинишуда татбиқ карда мешавад (барои тарбия ба оила (фарзандхондӣ) додан, таҳти васоят ва парасторӣ гирифтан, тибқи шартнома барои тарбия ба оилаҳо (мураббӣ)-и парастор додан, дар муассисаҳои кӯдакони ятим ё муассисаҳои барои кӯдакони бе парастории падару модар монда (муассисаҳои тарбиявӣ, муассисаҳои табобатӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар муассисаҳои монанд) ҷойгир кардан), амалигардонӣ ва ҳифзи ҳуқуқи манзилии онҳо аз ҳам фарқ мекунад.

Чуноне аз мазмуни м. 124 Кодекси оила бармеояд, ҳамаи шаклҳои ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар мондаро метавон ба ду гурӯҳ тақсим намуд:

- шакли оилавии тарбияи кӯдакон (ба фарзандхондӣ додан, таҳти васоят (парасторӣ) гирифтан, тибқи шартнома барои тарбия ба оилаҳо (мураббӣ)-и парастор додан);
- муассисаҳои кӯдакони ятим ё муассисаҳои барои кӯдакони бе парастории падару модар монда (муассисаҳои тарбиявӣ, муассисаҳои табобатӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар муассисаҳои монанд).

Яке аз омилҳое, ки дар самти амалӣ кардани ҳуқуқи манзилии ноболиғони бе парастории падару модар монда мушкилиҳои муайянро дар доираи баъзе шаклҳои оилавии тарбияи кӯдакон ба вуҷуд меорад, ин вуҷуд доштани муносибати гуногун ба мафҳуми "оила" ва "аъзои оила" дар доктрина ва номуайян будани категорияи "аъзои оила" тибқи қонунгузорӣ мебошад.

Дар доктринаи ҳуқуқӣ аз ҷониби олимон, масалан, О. Усмонов ва М. Маҳмудов [14,с.39], В.А. Рясенсев [11,с.43-44], Е.М. Ворожейкин [2,с.17] ва дигарон, вобаста ба мавқеи субъективии муаллифон, мафҳуми илмии аз ҷиҳати шакл ва маъно гуногуни "оила" коркард ва пешниҳод гардидааст. Вале ба андешаи Ҳ.Н. Ҳиматов, ҳатто дар он мафҳумҳое, ки ба андешаи муаллифонашон таърифи ҳуқуқии "оила" дода шудааст, хоҳу нохоҳ оила ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ зуҳур мекунад [15,с.311].

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таърифи «оила» ҳамчун мафҳуми ҳуқуқӣ пешбинӣ нагардидааст. Аслан пешбинӣ намудани мафҳуми «оила» дар қонунгузорӣ, ки барои ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ ягона бошад, бинобар хусусияти иҷтимоӣ доштани ин мафҳум, имконнопазир аст. Оила ҳамчун институти ҷамъиятӣ умумияти афроде аст, ки бо пайвандҳои хос ба ҳамдигар иртибот дошта, дорои манофеи муштарак ва фардии моддию маънавӣ мебошанд [15,с.311].

Ба ҳамин маъно М.В. Антоколская қайд намудааст, ки мафҳуми оила ҳамеша чунон номуайян буда, ки ҳатто дар қонунгузорӣ наметавон онро ҷой намуд [1,с.9]. Чуноне В.И. Синайский иброз медорад, дар чунин ҳолат ҳангоми тафсири меъёрҳои ҳуқуқ мафҳуми оиларо мебояд вобаста ба ҳар мавриди хос шарҳ дод [13,с.483].

Агарчи дар қонунгузорӣ мафҳуми оила пешбинӣ нашуда бошад ҳам, вале қонунгузор вобаста ба мақсадҳои мушаххас дар меъёрҳои худ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои аъзои оиларо муқаррар намуда, бо ҳамин доираи аъзои оиларо муайян мекунад. Вале вобаста ба хусусияти муносибатҳои танзимшаванда ва мақсадҳои амалие, ки пешорӯи қонунгузор ҳангоми эҷоди меъёрҳои ҳуқуқӣ қарор доранд, дар санадҳои меъёрӣ доираи аъзои оила ба таври гуногун пешбинӣ шудааст.

Дар м. 2 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки қонунгузории оилавӣ муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва молумулкиеро, ки дар оила миёни зану шавҳар, падару модар ва фарзандон, дигар аъзои оила ба миён меоянд, танзим менамояд. Чуноне аз ин меъёр бармеояд, қонунгузор ин ҷо мафҳуми «дигар аъзои оила»-ро истифода намудааст. Меъёрҳое, ки муносибатҳои алиментдиҳиро танзим мекунанд, ин номгӯйро васеъ намуда, ба сифати «дигар аъзои оила» бобо, бибӣ, наберахо, бародарону хоҳарон, падарандару модарандарро ном мебарад. Аммо мафҳуми «дигар аъзои оила» бо ин субъектҳо маҳдуд нагардида, дар моддаҳои дахлдор мафҳуми «дигар хешутабор» низ истифода мегардад. Масалан, дар қ. 1 м. 67 КО омадааст, ки дар баробари бобою бибӣ, бародарону хоҳарон инчунин дигар хешу табор ҳуқуқи муошират бо кӯдакро доро мебошанд. Аз ин бармеояд, ки дар қонунгузории оилавӣ мафҳуми «аъзои оила» пурра мушаххас нагардида, он мазмунан фарогири доираи афроде мебошад, ки тавассути издивоҷ (ақди никоҳ), аслу насаби муштарак ва дигар асосҳои дар қонун пешбинишуда бо ҳам пайвандӣ дошта, дорои ҳуқуқ ва ухдадориҳо мебошанд.

Кодекси нави манзил аз 18 марти соли 2022 таҳти №1852, ки аз 1 сентябри соли 2022 ба қувваи амал даромад, дар фарқ аз Кодекси пеш амалкунанда доираи аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ ва аъзои оилаи кироягири манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоиро куллан ба шакли нав пешбинӣ кардааст*[16].

Муқаррароти қ. 1 м. 24 Кодекси манзили амалкунанда ба сифати аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ ҳамсар, фарзандон, падару модар, бобо, бибӣ, наберагон ва аберагони моликро, ки бо ӯ дар манзили истиқоматиаш доимӣ истиқомат мекунанд, эътироф намудааст. Вале дар қ. 2 ҳамин модда ҳамчун истисно Кодекси манзил шахсонеро ба сифати аъзои хонаводаи молики манзили истиқоматӣ низ ном бурдааст, ки метавонанд аъзои оилаи ин молик ҳисоб шаванд, агар онҳо бо розигии ӯ дар ҳамин манзили истиқоматӣ ба таври доимӣ бо молик истиқомат карда бошанд.

Аъзои оилаи кироягири манзили истиқоматӣ, ки бо кироядеҳи манзили истиқоматӣ шартномаи кирояи иҷтимоӣ бастааст, чуноне ки аз қ. 1 м. 64 Кодекси манзил бармеояд, ҳамсар, фарзандон, падару модар, бобо, бибӣ, наберагон ва аберагони кироягир баромад менамоянд. Вале ин қоидаи умумӣ буда, ҳамчун истисно шахсони дигар низ метавонанд аъзои оилаи кироягири манзили истиқоматӣ шинохта шаванд, агар кироягир онҳоро ба сифати аъзои оила ба ҳамин манзили истиқоматӣ бо розигии кироядеҳ маскун карда бошад (қ. 2 м. 64 Кодекси манзил). Чуноне аз муқаррароти баррасишудаи Кодекси оила ва Кодекси манзил бармеояд, меъёрҳои муайян кардани доираи аъзои оила дар қонунгузории оила ва манзил аз ҳамдигар фарқ доранд. Чунончи, ба доираи аъзои оилаи кироягири манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ ва молики манзили истиқоматӣ метавон ҳама гуна шахсонро дохил намуд, агар кироягир ё молик онҳоро аъзои оилаи худ эътироф намояд, ҳатто агар ин шахсон ҳамсар, падару модар, фарзандон ё дигар хешу табори кироягир ё молики манзили истиқоматӣ ҳам набошанд.

Акнун баррасӣ хоҳем кард, ки ин ҳолатҳо ба ҳуқуқи манзилии кӯдакони бе парастории падару модар монда чӣ гуна таъсир мерасонанд.

Фарзандхондӣ, тибқи қ. 1 м. 125 Кодекси оила, аз шаклҳои афзалиятноки ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар монда мебошад. Қонунгузорӣ кӯдакони фарзандхондшударо нисбат ба фарзандхондагон дар ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ аз рӯйи аслу насаб ҳамчун хешованд эътироф намудааст (қ. 1 м. 137 КО ҶТ). Ин меъёри қонунгузорӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои манзилии кӯдаки фарзандхондшуда аҳаммияти муҳим дорад, зеро меъёри мазкур ба кӯдаки фарзандхондшуда дар ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ аз рӯйи аслу насаб мақоми баробарро ба хешу табори шахси фарзандхонда эътироф намудааст.

Ҳамин тариқ, тибқи муқаррароти қ. 1 м. 137 КО ҶТ, қ. 1 м. 24 ва қ. 1 м. 64 Кодекси манзил кӯдаки фарзандхондшуда ҳамчун аъзои оилаи фарзандхонда эътироф шуда, дар

* Оиди доираи аъзои оилаи кироягири манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ ва аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ тибқи Кодекси манзилии пеш амалкунанда муфассал нигаред:

баробари фарзандони аслии фарзандхонда аз ҳама ҳуқуқҳои манзилие, ки Кодекси манзил ба аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ, аъзои оилаи кироягири манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоии манзили истиқоматӣ, шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ ва ё тибқи дигар асосҳои истифодабарии манзили истиқоматӣ додааст, бархӯрдор мебошад.

Барои мақоми ҳуқуқии ноболиғ, аз он ҷумла кӯдаки фарзандхондшуда, ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ тибқи шартҳои шартномаҳои кирояи иҷтимоӣ ва иҷораи манзили истиқоматӣ аҳаммияти муҳим дорад. Агар дар ҳайати оилаи кироягири манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ кӯдаки ноболиғ мавҷуд бошад, пас ӯ ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматиро бо шартҳои баробар бо дигар аъзои оилаи кироягир ба даст меорад.

Як нуктаи муҳимми дигарро зарур аст ин ҷо қайд намоем, ки дар асоси муқаррароти қ. 2 м. 25 Кодекси манзил аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ барои маскун кардани фарзанди ноболиғи худ дар қисми манзили истиқоматии барояшон ҷудонамудаи молики манзили истиқоматӣ ҳуқуқ доранд. Инчунин, тибқи қ. 1 м. 122 Кодекси манзил барои дар манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ дар назди падару модар маскун кардани фарзандони иҷорагир ва аъзои оилаи ӯ розигии иҷорадеҳ талаб карда намешавад (м. 122 Кодекси манзил). Азбаски чунин меъёри ҳуқуқӣ дар нисбати аъзои оилаи кироягири манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ дар Кодекси манзил пешбинӣ нагардидааст, ин ҷо савол пайдо мешавад, ки оё фарзанди ноболиғи аъзои оилаи кироягири манзили истиқоматӣ, аз он ҷумла, кӯдаки фарзандхондшуда, чунин ҳуқукро доро нест? Мо бар он андешаем, ки дар ҳолати мазкур бояд аз қиёси қонун (қ. 1 м. 7 Кодекси манзил) кор гирифт, яъне барои таъмини ҳуқуқу манфиатҳои манзилии кӯдакон мазмуни муқаррароти қ. 1 м. 122 Кодекси манзилро ба инобат гирифта, барои аъзои оилаи кироягири манзили истиқоматӣ ҳуқуқи маскун кардани фарзандони ноболиғро дар назди худ бе розигии кироядеҳи манзили истиқоматӣ эътироф намуд.

Салоҳияти ноболиғ барои ихтиёрдорӣ кардани молу мулки бо ҳуқуқи моликиятӣ ба ӯ тааллуқдошта аз ҳаҷми қобилияти амалкунии ноболиғ вобаста буда, бо қонунгузории граждани танзим карда мешавад [8,с.268].

Тибқи муқаррароти Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [9] аз 30 июни соли 1999, содир намудани аҳдҳо оиди бегона кардан (аз тасарруф баровардан)-и манзили истиқоматии ба ноболиғ бо ҳуқуқи моликиятӣ тааллуқдошта бо иштироки намояндаи қонунии кӯдак ва мушорикати мақомоти васоят ва парасторӣ сурат мегирад. Аҳдҳои ҳуқуқии гражданӣ бо манзили истиқоматиро падару модар, шахси фарзандхонда, васӣ аз номи ноболиғони ба синни чордаҳ нарасида (хурдсолон) анҷом медиҳанд (м. 29 КГ ҶТ). Ноболиғони аз синни чордаҳ то ҳаждаҳсола ҳамаи аҳдҳо бо манзили истиқоматии бо ҳуқуқи моликиятӣ ба онҳо тааллуқдоштаро бо розигии хаттии падару модар, шахси фарзандхонда, парастор ба анҷом мерасонанд (м. 27 КГ ҶТ).

Гурӯҳи дигари ноболиғони бе парастории падару модар монда кӯдаконе мебошанд, ки таҳти васояту парасторӣ (шакли оилавии тарбияи кӯдакон бе парастории падару модар монда) дода мешаванд. Амалигардонӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои манзилии ин категорияи кӯдакони бе парастории падару модар монда дорои хусусиятҳои хос мебошад.

Чуноне дар боло қайд гардид, Кодекси манзили амалкунанда дар фарқият аз Кодекси манзилӣ аз 27 декабри соли 1997 доираи аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ ва кироягири манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи манзили истиқоматиро васеъ намуда, наберагон ва аберагонро низ ҳамчун аъзои оила эътироф намудааст. Тибқи қонунгузорӣ кӯдакони бе парастории падару модар монда аъзои оилаи васӣ ва парастор ҳисоб намешаванд, вале агар бобо ва бибӣ ҳамчун молик ё кироягири манзили истиқоматӣ наберагон ва аберагони бе парастории падару модар мондаро таҳти васигӣ ва парасторӣ гиранд, пас дар ин ҳолат, аз нуқтаи назари мо, бояд муқаррароти қонунгузории манзилӣ ҳамчун қонунгузории махсус ба инобат гирифта шуда, кӯдакони бе парастории падару модар мондаи таҳти васоят ва парастории бобо ва бибӣ қароргирифта чун аъзои оилаи онҳо эътироф карда шаванд.

Тибқи муқаррароти м. 37 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1999, васиён ва парасторони шаҳрвандони ноболиғ уҳдадоранд бо ноболиғи таҳти васоят (парасторӣ) қарордошта якҷоя истиқомат намоянд. Аз ин қоида истисно мавҷуд аст, ки тибқи он ноболиғи таҳти парасторӣ қарордошта метавонад бо қарори мақомоти васоят ва парасторӣ ҷудо аз парастор истиқомат намояд, агар ба синни шонздаҳ расида бошад ва алоҳида истиқомат кардан ба тарбия ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ин ноболиғ таъсири манфӣ нарасонад.Аз мазмуни меъёри м. 37 Кодекси гражданӣ бармеояд, ки васӣ (парастор) метавонад ноболиғро ё дар манзили истиқоматии худ ҷой намояд ва ё ҳуқуқ дорад дар манзили истиқоматии ноболиғ, ки бо ҳуқуқи моликиятӣ ё дар асоси шартномаи кироя иҷтимоӣ ба ин ноболиғ тааллуқ дорад, истиқомат кунад. Андешаеро, ки васӣ (парастор) метавонад дар манзили истиқоматии зерпарастораш истиқомат кунад, м. 66 Кодекси манзил низ тасдиқ менамояд. Яке аз асосҳои нигоҳ доштани манзили истиқоматии кироягир тибқи шартномаи кироя иҷтимоӣ ҳангоми муваққатан ғоиб будани кироягир ва аъзои оилаи ӯ ин вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои васӣ ва парастор ба маҳалли дигар рафтани васӣ (парастор) мебошад. Тибқи ин муқаррарот ҳуқуқи васӣ (парастор) ба манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кироя иҷтимоӣ дар давраи иҷрои чунин уҳдадориҳо ба муддати зиёда аз шаш моҳ нигоҳ дошта мешавад.

Тибқи муқаррароти қ. 2 м. 21 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷойи истиқомати ноболиғони то чордаҳсола, ки таҳти васоят қарор доранд, ҷойи истиқомати васиёни онҳо эътироф мегардад. Дар ин меъёри қонун баъзе номутобиқате вуҷуд дорад, ки метавонад дар амалия мушкилоти муайянро ба вуҷуд биёрад. Чуноне дар боло зикр шуд, васӣ метавонад дар манзили истиқоматии ноболиғ, ки бо ҳуқуқи моликиятӣ ё дар асоси шартномаи кироя иҷтимоӣ ба ин ноболиғ тааллуқ дорад, истиқомат кунад. Агар васӣ дар давоми иҷрои уҳдадориҳои ба зиммааш гузоштаи қонунгузорӣ дар манзили истиқоматии ноболиғ муваққатан зиндагӣ намояд, ин асос барои ба миён омадани ҳуқуқи васӣ нисбат ба манзили истиқоматии кӯдаки дар таҳти васоят қарордошта шуда наметавонад. Меъёрҳои дахлдори Кодекси гражданӣ ва Кодекси оилавӣ низ инро таъкид мекунанд. Дар қ. 1 м. 21 Кодекси гражданӣ пешбинӣ шудааст, ки маҳалли истиқомат маҳалле эътироф мегардад, ки шаҳрванд доимӣ ё бештар дар он истиқомат мекунад. Васӣ дар манзили истиқоматии ноболиғи таҳти васоят қарордошта муваққатан истиқомат намуда, бо ба поён расидани уҳдадориҳои ба зимма доштааш онро бояд тарк намояд.

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, меъёри қ. 2 м. 21 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли ҳозирааш, ки мубҳам, норӯшан аст, метавонад ба таври хато маънидод гардад ва дар амалия тадбиқи нодуруст ёбад. Аз ин лиҳоз, зарур мешуморем, то муқаррароти мазкури Кодеки гражданӣ тағйир дода шуда, дар он муносибатҳои вобаста ба муайян намудани маҳалли истиқомати шахсони таҳти васоят қарордошта возеҳ ва рӯшан танзими ҳуқуқӣ шаванд, то номуайянии меъёри қонун дар ин масъала аз байн бурда шавад. Кӯдаконе, ки бе парастории падару модар монда, дар муассисаҳои тарбиявӣ, муассисаҳои табобатӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар муассисаҳои монанд ҷойгир карда шудаанд, тибқи қ. 1 м. 154 Кодекси оила ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматии худ ё ҳуқуқи истифода аз манзили истиқоматиро нигоҳ дошта ва агар соҳиби манзили истиқоматӣ набошанд, тибқи қонунгузории манзил ҳуқуқи гирифтани хонаи истиқоматиро доранд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" дар м. 16 ҳуқуқи кӯдак ба манзилро эълом дошта, дар қ. 2 ҳамин модда меъёри дар қ. 1 м. 154 Кодекси оила дарҷгардидаро ҳамчун ҳуқуқи кӯдакони ятим, маъюб ва бепарастор пешбинӣ кардааст. Ин категорияи кӯдакон, чуноне аз мазмуни меъёри мазкур бармеояд, агар дар хона-интернатҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ ё тиббӣ қарор дошта бошанд, дар ин муддат ҳуқуқи моликият ё ҳуқуқи истифодабарии онҳо аз манзили истиқоматӣ нигоҳ дошта шуда, дар сурати мавҷуд набудани ҷойи зист тибқи қонунгузорӣ ҳуқуқ ба гирифтани манзил доранд. Ин ҷо зарур аст аст ба як нуктаи муҳимми ин модда, ки барои ҳифзи ҳуқуқи манзилии ноболиғони дар ин меъёр номбаршуда аҳаммияти амалӣ дорад, ишора намуд. Дар қ. 3 м. 16 Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” қатъан муқаррар гардидааст, ки аз манзили истиқоматӣ берун кардани кӯдакони ятим, маъюб ва бепарастор бе додани манзили дигар манъ аст.

Бояд қайд кард, ки дар Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин меъёр, ки кӯдакони бе парастории падару модар монда набояд бе додани манзили дигар аз хонаи истиқоматӣ берун карда шаванд, вуҷуд надорад, вале дар м. 52 ин санади кодификатсионӣ, ки оиди ба шаҳрвандони эҳтиёҷманд тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ бенавбат додани манзили истиқоматӣ сухан меравад, дар баробари дигар категорияи шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматӣ ятимони бабалоғатрасида, ки барои истиқомат манзил надоранд, низ номбар шудаанд.

Дар Кодекси оила ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” шакли нави ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар монда, – оила (мураббӣ)-и парастор, пешбинӣ гардидааст. Ин шакли нави тарбияи кӯдакони бе парастории падару модар монда дар асоси шартнома сурат гирифта, давраи нигоҳубини ин категорияи кӯдакон ба собиқаи кории мураббии парастор ворид карда мешавад. Мутаассифона, то ҳол механизми амалинамоии ин шакли ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар монда коркард нашудааст. Ин шакли нав бо коркард шудани механизми муваффақи амалинамоӣ ва тартиб додани шартномаи намунавии барои тарбия ба оила (мураббӣ)-и парастор додани кӯдаки бепарастор имкон дорад ба яке аз шаклҳои авлавиятноки тарбияи кӯдакони бе парастор монда табдил ёбад.

Ба андешаи мо, яке аз шартҳои асосии ҷойгир намудани кӯдак дар оила (мураббӣ)-и парастор бояд соҳиби манзили истиқоматӣ будани мураббии парастор бо ҳуқуқи моликиятӣ ё дар асоси шартномаи кирояи иҷтимоии манзили истиқоматӣ бошад. Кӯдаки дар асоси шартнома ба тарбия додашуда дар давраи будубошаш дар оилаи мураббии парастор дорои ҳуқуқи истиқомат ба манзили мураббӣ мегардад. Агар бо ҳуқуқи моликиятӣ ва ё дар асоси шартномаи кирояи иҷтимоӣ ин кӯдак соҳиби манзили истиқоматӣ бошад, пас дар давраи дар оилаи мураббии парастор ҷойгир буданаш манзили истиқоматии ӯ нигоҳ дошта мешавад. Дар сурати надоштани манзили истиқоматӣ бояд тамоми кафолатҳои қонунгузорӣ оиди бо манзил таъмин кардан, амалигардонӣ ва ҳифзи ҳуқуқи манзилии кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд, дар нисбати кӯдаки барои тарбия ба оила (мураббӣ)-и парастор додашуда низ татбиқ гарданд.

Дар асоси баррасии баъзе аз ҷанбаҳои мавзуи амалигардонӣ ва ҳифзи ҳуқуқи манзилии ноболиғони бе парастории падару модар монда метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

1. Ҳуқуқи манзилии ноболиғони бе парастории падару модар монда аз ҳуқуқҳои бунёдии онҳо ба шумор рафта, аз маҷмуи ҳуқуқҳои ашёӣ ва ҳуқуқҳои уҳдадорӣ оиди соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани манзили истиқоматӣ иборат буда, дар шакли ҳуқуқи моликият ва ё дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ амалӣ мегардад.

2. Ноболиғон дорои вазъи ҳуқуқии махсус мебошанд, ки аз синну сол, сатҳи камолоти ҷисмонӣ, ақлонию равонии кӯдак маншаъ гирифта, ин авомил боиси маҳдудият дар қобилияти амалкунии онҳо мегардад. Мавҷудияти маҳдудиятҳои қонунӣ дар мустақилона амалигардонии аксар ҳуқуқҳои субъективӣ ва иштироки намояндагони қонунии ноболиғон дар анҷомдиҳии як қатор аҳдҳои ҳуқуқӣ ба ҳуқуқи манзилии онҳо, амалигардонӣ ва ҳифзи он таъсири муайян мерасонанд.

3. Вобаста ба хусусияти муносибатҳои танзимшаванда ва мақсадҳои амалие, ки пешорӯи қонунгузор ҳангоми эҷоди меъёрҳои ҳуқуқӣ қарор доранд, дар қонунгузории оилавӣ ва манзилӣ доираи аъзои оила ба таври гуногун пешбинӣ шудааст. Масалан, аз мавқеи қонунгузории манзилӣ, дар фарқ аз қонунгузории оилавӣ, метавон ҳама гуна шахсро ҳамчун аъзои оилаи кироягири манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ ва ё аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ эътироф намуд, агар кироягир ё молик онҳоро аъзои оилаи худ эътироф намояд, ҳатто агар ин шахсон ҳамсар, падару модар, фарзандон ё дигар хешу табори кироягир ё молики манзили истиқоматӣ ҳам набошанд. Ба таври гуногун муайян кардани категорияи “аъзои оила” дар

қонунгузории оилавӣ ва манзилӣ метавонад мушкилоти муайянро дар доираи баъзе шаклҳои оилавии тарбияи кӯдакон дар самти амалӣ кардани ҳуқуқи манзилии ноболиғони бе парастории падару модар монда ба вуҷуд орад.

4. Вобаста аз шаклҳои ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар монда (ба фарзандхондӣ додан, таҳти васоят ва парасторӣ гирифтан, тибқи шартнома барои тарбия ба оила (мураббӣ)-и парастор додан, дар муассисаҳои кӯдакони ятим ё муассисаҳои барои кӯдакони бе парастории падару модар монда (муассисаҳои тарбиявӣ, муассисаҳои табобатӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар муассисаҳои монанд) ҷойгир кардан), амалигардонии ҳуқуқи манзилии ин ноболиғон аз ҳамдигар фарқ мекунад. Ба таври мисол, агар ҳангоми фарзандхондӣ чун шакли афзалиятноки ҷобаҷокунии ноболиғони бе парастории падару модар монда кӯдаки ба фарзандхондӣ додашуда аъзои оилаи шахси фарзандхондкарда эътироф гардида, ҳуқуқи истиқомат дар манзили шахси фарзандхондкарда аз вазъи ҳуқуқии аъзои оила будани кӯдаки фарзандхондшуда бар ояд, ҳуқуқи кӯдаки ба васоят (парасторӣ) додашуда барои истиқомат дар манзили васӣ (парастор) аз қарори мақомоти васояту парасторӣ барои таъин намудан ба сифати васӣ (парастор) ва розигии васӣ (парастор) барои иҷрои ин ӯҳдадориҳо маншаъ мегирад, зеро кӯдаки ба васоят (парасторӣ) додашуда аъзои оилаи васӣ (парастор) эътироф намегардад.

**Муқарриз: Қурбонов Қ.Ш. - д.и.ҳ., профессори ДМТ**


**АДАБИЁТ**

1. Антокольская М.В. Семейное право: учебник / М.В. Антокольская. – М.: Юристъ, 2002. - 336 с.
2. Ворожейкин Е.М. Правовые основы брака и семьи / Е.М. Ворожейкин. - М.: Юрид. лит., 1969. - 160 с.
3. Егорова О.А. Реализация жилищных прав ребёнка: проблемы теории и практики: автореф. ... дисс. канд. юрид. наук / О.А. Егорова. - Москва, 2008. - 26 с.
4. Исмоилзода Х.А. Асосҳои ҳуқуқии шаклҳои ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар монда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Актуальные вопросы юриспруденции / Х.А. Исмоилзода // Материалы IX Международной научно-практической конференции (Душанбе, 29 апреля 2022 г.). -Душанбе: РТСУ, 2022. -С.108-111.
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шудааст) [Манбаи электронӣ]. URL: http: // mmk.tj/content/ (санаи муроҷиат: 08.09.2022).
6. Конвенция о правах ребенка (принята резолюцией 44/25 Генеральной Ассамблеи от 20 ноября 1989 года) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: СПС «Консультант-Плюс».
7. Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2022, № 1852. [Манбаи электронӣ]. URL: http: // ncz.tj/content/ (санаи муроҷиат: 08.09.2022).
8. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -1998. -№ 22. М. 303.Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қ. 1 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -1999. -№ 6. -М. 153, 154.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2015. -№ 3. -М. 218.
10. Рясенцев В.А. Советское семейное право / В.А. Рясенцев. - М.: Юрид. лит., 1971. - 296 с.
11. Семейное право: учебник / Н.А. Аблятипова, Ф.М. Аминова, Г.Г. Бодурова [и др.]; под ред. С.Н. Тагаевой. – Москва: ИНФРА-М, 2022. – 501 с. DOI 10.12737/1200568.
12. Синайский В.И. Русское гражданское право / В.И. Синайский. - М.: Статут, 2002. - 638 с.
13. Усмонов О. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон / О.Усмонов, М.Маҳмудов. - Душанбе: Сино, 1994. - 178 с.
14. Химатов Х.Н. Рассуждения о понятиях «семья» и «члены семьи» // Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития / Х.Н.Химатов //Материалы V международной научно-практической конференции (Душанбе, 31 октября 2017 г.). -Душанбе: РТСУ, 2017. – С. 310 -316.
15. Химатов Х.Н. Право членов семьи (бывших членов семьи) на пользование жилым помещением: современное состояние и перспективы развития / Х.Н. Химатов // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – № 3-12. – С. 144-148.



**АМАЛИГАРДОНӢ ВА ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ МАНЗИЛИИ НОБОЛИҒОНИ БЕ ПАРАСТОРИИ ПАДАРУ МОДАР МОНДА**

Дар мақола баъзе аз ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаи амалигардонӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои манзилии ноболиғони бе парастории падару модар монда мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ҳуқуқ ба манзил яке аз ҳуқуқҳои бунёдии кӯдак ба шумор рафта, аз маҷмуи ҳуқуқҳои ашёӣ ва ҳуқуқҳои ӯҳдадорӣ оиди соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани манзили истиқоматӣ иборат мебошад. Дар мақола меъёрҳои қонунгузории манзилӣ, инчунин муқаррароти дахлдори қонунгузории оилавӣ ва гражданӣ

оиди ҳуқуқҳои манзилииноболиғони бе парастории падару модар монда таҳлил гардида, дар натиҷа муайян карда шуд, ки вобаста ба шаклҳои алоҳидаи ҷобаҷокунии ин категорияи кӯдакон амалигардонӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои манзилии онҳо аз ҳамдигар фарқ менамояд.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ ба манзил, манзили истиқоматӣ, ноболиғ, ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи истифодабарӣ, шартномаи кироям иҷтимоии манзили истиқоматӣ.

## РЕАЛИЗАЦИЯ И ЗАЩИТА ЖИЛИЩНЫХ ПРАВ ДЕТЕЙ, ОСТАВШИХСЯ БЕЗ ПОПЕЧЕНИЯ РОДИТЕЛЕЙ

В статье исследуются некоторые теоретические и практические аспекты реализации и защиты жилищных прав несовершеннолетних, оставшихся без попечения родителей. Право на жилище, как совокупность вещных и обязательственных прав несовершеннолетнего в отношении владения, пользования и распоряжения жилым помещением, является одним из важнейших прав ребенка. В статье проанализированы правовые нормы жилищного законодательства, а также соответствующие нормы семейного и гражданского законодательства о жилищных правах несовершеннолетних, оставшихся без попечения родителей, и в результате определено, что реализация и защита жилищных прав данной категории детей в зависимости от конкретных форм их устройства, отличаются друг от друга.

**Ключевые слова:** право на жилище, жилое помещение, несовершеннолетний, право собственности, право пользования, договор социального найма жилого помещения.

## REALIZATION AND PROTECTION OF THE HOUSING RIGHTS OF CHILDREN LEFT WITHOUT PARENTAL CARE

The article examines some theoretical and practical aspects of the implementation and protection of the housing rights of minors left without parental care. The right to housing, as a set of real and obligation rights of a minor in relation to the possession, use and disposal of residential premises, is one of the most important rights of the child. The article analyzes the legal norms of housing legislation, as well as the relevant norms of family and civil legislation on the housing rights of minors left without parental care, and as a result it is determined that the implementation and protection of housing rights of this category of children, depending on the specific forms of their arrangement, differ from each other.

**Keywords:** right to housing, living quarters, minor, property right, right of use, social lease agreement for residential premises.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Исмоилзода Хадиҷабону Абдулазиз*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **7806_91@mail.ru**
***Ҳиматов Ҳабибулло Неъматович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **habib.himmatov@yandex.ru**

**Сведения об авторах:** ***Исмоилзода Хадичабону Абдулазиз*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры гражданского права юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **7806_91@mail.ru**
***Химатов Хабибулло Неъматович*** - Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент, доцент кафедры гражданского права юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **habib.himmatov@yandex.ru**

**Information about the authors*:*** ***Ismoilzoda Khadijabonu Abdulaziz*** - Tajik National University, applicant of the Department of Civil Law of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. E-mail: **7806_91@mail.ru**
***Himatov Habibullo Nematovich*** **-** Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor, Associate Professor of the Civil Law Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, 17. E-mail: **habib.himmatov@yandex.ru**

ТДУ: 348.7.01(575.3)

# МАСОИЛИ НАЗАРИЯВИИ ҲУҚУҚИ ИНТИХОБОТ ВА МУРОФИАИ ИНТИХОБОТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАЗМУН ВА МОҲИЯТИ ОН

*Гадоев Б.С., Абдулаҳадзода С.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки роҳи демократии инкишофро пеш гирифтааст, ҳар як шаҳрванд таҷрибаи субъективии иштирок дар маъракаҳои интихоботиро касб намудааст.

Ҳар падида ва раванде, ки дар ҷомеа ба вуҷуд меояд, он, пеш аз ҳама ифодакунандаи талаботу манфиатҳои аъзоёни ҷомеа мебошад. Яке аз чунин ҳодисаҳои муҳим дар ҳаёти сиёсии ҷомеа интихобот аст [2,с.64]. Агар ба таърих ва раванди ташаккули интихобот назар афканем, маълум мегардад, ки интихобот дар ҷомеа баробари сиёсат зуҳур намуда, то замони муосир чи дар ҷомеаҳои анъанавӣ ва чи дар ҷомеаҳои демократӣ дар шаклу навъҳои гуногун арзи ҳастӣ намудааст [7,с.266].

Интихобот ин воситаи ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии ҷомеа тариқи ифодаи иродаи сиёсии шаҳрвандон мувофиқи низоми интихоботӣ аст. Тариқи баргузории интихобот мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатии марказӣ ва маҳаллӣ ташаккул ёфта, номазадҳо ба мансабҳои интихобӣ муайян карда мешаванд.

Интихобот роҳи қадимтарини ба шахсият додани ваколати ҳокимӣ мебошад. Нигоҳ доштан ва истифодаи васеи онҳо дар давлатҳои демократӣ аз он иборат аст, ки онҳо як қатор вазифаҳои иҷтимоиро иҷро мекунанд, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

1. Ин воситаи муҳимми таъмини қонунияти ҳокимият, яъне эътирофи он аз ҷониби аҳолӣ мебошад.
2. Ин мизони ҳаёти сиёсӣ, нишондиҳандаи таносуби қувваҳо ва манфиатҳои мухталиф дар ҷомеа мебошад.
3. Воситаи интихоби пешвоёни сиёсӣ аст, ки имкони вогузор кардани функсияҳои идоракуниро ба одамоне фароҳам меорад, ки ба назари онҳо сазовори эътимод ва сифатҳои мувофиқ мебошанд.
4. Ин унсури муҳимми таъмини соҳибхтиёрии халқ ва низоми демократии сиёсӣ мебошад, ки ба туфайли он салоҳияти мақомоти муҳимтарини давлатӣ сарчашмаи иродаи халқ мебошад [3,с.67-71].

Ҳамин тариқ, интихобот унсури муҳимми амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Тарзи баргузории интихобот дар кишвари алоҳида сатҳи демократикунонии онро нишон медиҳад. Интихобот воситаи ташкили мақомоти намояндагӣ, ҳалли осоиштаи низоъҳои доимоамалкунанда дар ҷомеа ва ташкили сарварони сиёсӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун воситаи бунёди мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ баромад менамояд.

Тариқи интихобот овоздиҳии шаҳрвандон ба ҳокимияти давлатӣ мубаддал мегардад, зеро он ҳалқаи пайвасткунанда байни ҷомеа ва давлат мебошад. Барои шаҳрвандон парламент на танҳо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, балки намояндагии манфиатҳои онҳо ба ҳисоб меравад. Аз нуқтаи назари ҳизбҳои сиёсӣ интихобот механизме ба ҳисоб меравад, ки иштироки онҳоро дар ҳокимияти давлатӣ муайян менамояд. Аз нуқтаи назари номзадҳо, интихобот на танҳо имконияти иштирок дар овоздиҳӣ, балки муваффақияти онҳоро дар рақобат барои соҳиб гардидан ба мансаб ошкор менамояд.

Дар шароити муосир қонунгузории аксарияти давлатҳои демократӣ интихоботи озод ва раъйпурсиро ҳамчун ифодаи бевоситаи олии ҳокимияти халқ муайян менамоянд, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо ҳамин мазмун А.М. Диноршоев қайд менамояд, ки дар муҳлати муқарраршуда гузаронидани интихоботи озод ва даврӣ яке аз нишонаҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад [4,с.20]. Моҳияти давлати демократӣ низ дар ташкил ва гузаронидани интихоботи озодона ва шаффоф ифода меёбад [5,с.59].

Интихобот институти демократияи бевосита аст, ки иштироки бевоситаи шаҳрвандонро дар раванди амалӣ намудани ҳокимияти халқӣ таъмин менамояд. Дар чунин ҳолат нақш ва аҳаммияти интихобот бо ташкили мақомоти намояндагӣ маҳдуд намегардад, зеро интихобот дар як ҳолат бо принсипи сохтори конститутсионӣ муайян карда мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки чунин хусусиятҳо зарурати танзими ҳуқуқии мурофиаи интихоботиро талаб менамояд.

Танзими ҳуқуқии мурофиаи интихоботиро таҳқиқ намуда, пеш аз ҳама, бояд мафҳуми “интихобот”-ро, ки аз тарафи қонунгузор тасниф гардидааст, муайян намоем. Таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баргузории интихобот нишон медиҳад, ки дар онҳо таснифоти мафҳуми “интихобот” пешниҳод нагардидааст. Қайд намудан зарур аст, ки масъалаи ҷойгир намудани тамоми аломатҳои хосси ин падидаи мураккаби иҷтимоӣ дар мафҳуми интихобот ҳалношуда боқӣ мемонад.

Як қатор муаллифон қайд менамоянд, ки бо назардошти гуногунии интихобот таснифоти ҳуқуқии онро наметавон бо як мафҳум маҳдуд намуд, он бояд ҳамчун низоми мафҳумҳои бо ҳам алоқаманд бунёд карда шавад [10,с.41]. Ба ақидаи мо, чунин нуқтаи назар заминаи воқеӣ дорад, зеро интихобот дорои таъиноти иҷтимоии бисёрҳадафа мебошад.

Интихобот ҳамчун принсипи сохти конститутсионӣ, институти демократияи бевосита, маъракаи сиёсӣ ва институти мураккаби иҷтимоиву ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки имконияти ташкили мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро таъмин менамояд [11,с.60].

Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки мафҳуми “интихобот” мафҳуми серсоҳа буда, барои ифода намудани ҷанбаҳои муайяни зерин истифода мегардад: шакли нисбатан паҳнгардидаи демократияи бевосита; воситаи ташкили мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ; тартиби ҷойгиркунии мансабҳои интихобии хизматчиёни давлатӣ ва маҳаллӣ; мурофиаи интихоботӣ, ки аз миқдори муайяни марҳилаҳои пайдарҳам иборат аст; чорабинии ташкиливу ҳуқуқӣ, ки дар раванди он ҳайати намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти намояндагии худидоракунии маҳаллӣ, мансабҳои интихобии давлат ва худидоракунии маҳаллӣ интихоб мешаванд; раванди ифодаи бевоситаи ҳокимият, ки ба халқ тааллуқ дорад [12,с.43]. Дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ мафҳуми интихобот ҳамчун шакли қонунигардонидашудаи овоздиҳии бевоситаи халқ, зуҳуроти муҳимми демократия муайян гардида, гузаронидани интихобот ба мурофиаи интихобот монанд карда мешавад [13,с.10].

Дар ҳуқуқи конститутсионӣ ва интихоботӣ мафҳуми “интихобот” нисбати интихоб гардидани намояндагон ва шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мавриди истифода қарор дода шудааст. Бо мафҳуми “интихобот” тартиби ташкили мақомоти давлатӣ ва ваколатдоркунии шахси мансабдор тариқи овоздиҳӣ, ба он шарте ки ба ҳар як мансаб ё ҷой дар мақомоти давлатӣ ду ва ё зиёда номзадҳо рақобат менамоянд, ифода карда мешавад.

Дар ҳуқуқи конститутсионӣ зери мафҳуми “интихобот” тарзи демократии ташкили мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ фаҳмида мешавад, ки дар он худи халқ ё намояндагони он масъалаи киро дар ҳокимият гузоштан ва киро аз он дур намуданро тариқи тартиби муқарраргардидаи овоздиҳӣ ва интихоби шахсони мувофиқ аз ду ва зиёда номзадҳо ҳал менамояд [1,с.10].

Аксар вақт мутахассисони ҳуқуқи интихобот ва низоми интихобот дар баромадҳои худ мафҳуми интихоботро бо "мурофиаи интихоботӣ" ҳаммаъно тавсиф мекунанд. Қонунгузорӣ, дар аксари ҳолатҳо, аз сабаби мавҷуд набудани муносибати ягона дар фаҳмиши он, истифодаи чунин истилоҳро маҳдуд менамоянд. Дар сиёсатшиносӣ ва адабиёти ҳуқуқии кишварҳои алоҳида муносибатҳои мухталифи таснифи мафҳуми "мурофиаи интихоботӣ" мавҷуд аст.

Бо ҳамин мазмун дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мафҳуми “мурофиаи интихоботӣ” яке аз масъалаи баҳснок ба шумор рафта, байни олимон ва муҳаққиқони ҳуқуқи интихобот ва мурофиаи интихобот ҳамфикрӣ вуҷуд надорад [6,с.24]. Аз нуқтаи назари муносибати ҳуқуқӣ, мурофиаи интихоботӣ як шакли татбиқи ҳуқуқҳои

интихоботӣ, инфрасохтори технологӣ ва шакли тадбиқи принсипҳои конститутсионии ташкили интихоботи даврии озод ва таъмини ҳуқуқи интихоботии шахс ва шаҳрванд дар доираи пайдарпайии иҷрои маҷмуи амалҳои интихоботӣ ва расмиёти интихоботӣ мебошад, ки қонун пешбинӣ кардааст.

Дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ миқдори зиёди таснифоти мафҳуми "мурофиаи интихоботӣ" мавҷуд аст, ки боиси душвор ва мураккаб гардидани фаҳмиши ягонаи ин мафҳум гардидааст. Масалан, Р.Т. Биктагиров таснифоти зерини мафҳуми «мурофиаи интихоботӣ"-ро пешниҳод намудааст: мурофиаи интихоботӣ, аз як тараф, фаъолияти мақсадноки субъектҳои ҳуқуқи интихоботӣ нисбати амалӣ намудани ҳуқуқи субъективии конститутсонии шаҳрвандон оид ба интихоб кардан ва интихоб шудан дар мақомоти интихоботии ҳокимияти давлатӣ, аз тарафи дигар, фаъолияти шаҳрвандон-интихобкунандагон оид ба ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, инчунин оид ба додани салоҳиятҳо ба мансабҳои интихобӣ аст, ки тариқи иҷроиши амалҳо ва чараёнҳои интихоботӣ бо тартиб ва муҳлатҳои муайян, ки бо меъёрҳои мурофиавии қонунгузории интихоботӣ муқаррар гардидаанд, амалӣ мешавад [14,с.220-221].

Дар назария, қонунгузорӣ ва дар амалияи гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ мурофиаи интихоботӣ бо тартиби ташкил ва гузаронидани интихобот алоқаманд аст. С.Д. Князев пешниҳод менамояд, ки мурофиаи интихоботиро на ҳамчун фаъолияти субъектҳои салоҳиятдор, балки бояд ҳамчун низоми муносибатҳо, ки муташаккил ва алоқаманд буда, дар пайдарпайии муайян амалӣ мегардад, муайян намуд. Ин муайяннамоӣ, мувофиқи ақидаи аксарияти ҳуқуқшиносон, на танҳо ба таври маҷмуавӣ ва ҳаматарафа ин падидаи бисёртарафаи сиёсису ҳуқуқиро фарогир аст, балки, ба таври дақиқ тамоми ҷанбаҳоеро, ки ба ҷараён ва шаклҳои интихоботӣ тааллуқ доранд, муайян менамояд [8,с.48].

Мурофиаи интихоботӣ миқдори муайяни марҳилаҳо мебошад, ки пайдарпай якдигарро иваз менамоянд, аз лаҳзаи таъин гардидани таърихи баргузории интихобот оғоз гардида, бо эълони натиҷаҳои овоздиҳӣ ба итмом мерасад.

Қайд намудан зарур аст, ки дар шароити имрӯза, дар қонунгузории аксарияти кишварҳо, аз он ҷумла қонунгузории Тоҷикистон, мафҳуми "мурофиаи интихоботӣ" тасниф нашудааст. Дар доираҳои илмӣ ва қонунгузории як қатор кишварҳо мафҳуми "маъракаи интихоботӣ" мавриди истифода қарор дода шудааст. Лекин ин маънои рад намудани мафҳуми "мурофиаи интихоботӣ" ҳамчун категорияи илмӣ ва амалиро надорад, зеро бе мавҷудияти мурофиаи интихоботӣ худи интихобот ва натиҷаҳои он ғайриимкон мегардад. Мутобиқан, категорияи "мурофиаи интихоботӣ" яке аз мафҳумҳои асосии илм ва амалияи тайёрӣ ва гузаронидани интихоботи ҳокимият боқӣ мемонад, ки мазмуну мундариҷаи ҳуқуқии интихоботро ифода менамояд. Мафҳумҳои "маъракаи интихоботӣ" ва "мурофиаи интихоботӣ" аз рӯйи мазмуну мундариҷа ба ҳам монанд мебошанд, гарчанде дар илм ва амалияи ташкил ва гузаронидани интихобот ин ду мафҳум мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Ба андешаи мо истифодаи мафҳуми "мурофиаи интихоботӣ" беҳтар аст, зеро он ба таври ҳуқуқӣ моҳияти амалҳо ва ҷараёнҳои ҳуқуқиро, ки субъектҳои ҳуқуқи интихоботӣ дар раванди тайёрӣ ва гузаронидани интихобот амалӣ менамоянд, инчунин муайян намудани натиҷаҳои онро нисбат ба мафҳуми "маъракаи интихоботӣ" пурра ва дақиқ ифода менамояд.

Дар ҳолати ифода намудани амалҳои хислати мурофиавӣ дошта истифодаи мафҳуми "мурофиаи интихоботӣ" дуруст аст. Як қатор муаллифон чунин мешуморанд, ки масъалаи тасҳеҳи қонунгузории интихоботӣ дар самти мустаҳкам намудани мафҳуми "мурофиаи интихоботӣ" дар раванди ишора намудани маҷмуи муайяни амалҳо ва ҷараёнҳои ҳуқуқӣ, ки аз тарафи субъектҳои ҳуқуқи интихоботӣ дар доираи тайёрӣ ва гузаронидани интихобот ва муайян намудани натиҷаи он амалӣ мегарданд, мубрам ба ҳисоб меравад [16,с.40-42].

Дар илми муосир муносибатҳои мухталифи таснифоти мафҳуми "мурофиаи интихоботӣ" пешниҳод гардидаанд. Дар доираи ҳар як муносибат аз тарафи муаллифони алоҳида шаклҳо ва навъҳои гуногуни таснифот пешниҳод карда шудаанд.

Якум, аксарияти муаллифон мафҳуми “мурофиаи интихоботи”-ро ҳамчун танзими ҳуқуқии фаъолияти пайдарпай дар тайёрӣ ва гузаронидани интихобот тасниф намудаанд [15]. Тамоми муаллифон ки ин нуқтаи назарро тарафдорӣ намуда қайд менамоянд, ки мурофиаи интихоботӣ навъи мурофиаи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, метавон мурофиаи интихоботиро ҳамчун марҳилаҳои пайдарпай ва якдигарро ивазкунандаи тайёрӣ ва баргузории интихобот баррасӣ намуд.

Дар чунин таснифот як қатор муаллифон мафҳуми “мурофиаи интихоботӣ”-ро ба мафҳуми “маъракаи интихоботӣ” монанд намудаанд [17,с.47]. Маъракаи интихоботӣ бо мазмуни васеъ фаъолиятест, ки ба иттилоотонии интихобкунандагон ва ҳавасманднамоии иштироки онҳо дар овоздиҳӣ мебошад, ки дар марҳилаи тайёрӣ ва ташкил намудани интихобот иҷро карда мешавад. Бо мазмуни маҳдуд, маъракаи интихоботӣ марҳилаи алоҳидаи тайёрӣ мебошад, ки дар ҷараёни он интихобкунандагон бо номзадҳо ва барномаҳои пешазинтихоботӣ шинос мегарданд, ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадон ташвиқоти пешазинтихоботиро амалӣ менамоянд. Қайд намудан зарур аст, ки маъракаи интихоботӣ ба принсипҳои озодии ташвиқот, баробарии имконияти номзадон; бетарафии мақомоти ҳокимиятӣ давлатӣ нисбат ба номзадон; шаффофият ва назорати хароҷоти маъракаи интихоботӣ асос ёфтааст.

Муҳлати маъракаи интихоботӣ бо нашри меъёри таъин намудани интихобот (Полша), пешбарии номзад ё рӯйхати номзадон (Федератсияи Россия), санаи муайян пас аз эълони интихобот (Испания), то гузаронидани интихобот (Туркия, Тоҷикистон) мувофиқ карда мешавад. Чун қоида, як рӯз пеш аз марҳилаи овоздиҳӣ, маъракаи интихоботӣ ба итмом мерасад. Ба роҳ мондани моратория дар амалӣ намудани ташвиқоти пешазинтихоботӣ дар арафаи овоздиҳӣ имконият медиҳад, ки таъсири фишори “беруна” паст карда шавад ва ба интихобкунанда имконияти интихоби мустақил ва санҷидашуда пешниҳод карда шавад [18].

Лекин, олимони алоҳида, ба монанди Ю.А. Дмитрев ва В.Б. Исраелян ба муқобили чунин монанднамоӣ баромад намудаанд, зеро муҳлати гузаронидани маъракаи интихоботӣ аз муҳлати ташкили мурофиаи интихоботӣ фарқ дорад [19,с.54]. Мувофиқи ақидаи онҳо, маъракаи интихоботӣ танҳо қисми таркибии мурофиаи интихоботӣ ба ҳисоб меравад. Тафовути нишондодашуда, мувофиқи ақидаи ин олимон, ҳатто ба аломатҳои воқеии мурофиаи интихоботӣ дахл надорад. Ин муносибати таснифоти мафҳуми мурофиаи интихоботӣ – муносибати мурофиавӣ номида мешавад.

Дуюм, дар доираҳои илмӣ чунин нуқтаи назар ҷой дорад, ки мувофиқи он, мурофиаи интихоботӣ ҳамчун низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки бо ташкил ва гузаронидани интихобот алоқаманд аст, тасниф карда мешавад [28,с.9]. Чунин муаллифон эътироф менамоянд, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ дар марҳилаҳои алоҳида муттаҳид мешаванд, лекин пайдарпайии онҳо қатъӣ нест. Илова бар ин, имконияти амалӣ намудани марҳилаҳои мухталифи интихоботӣ дар як ҳолат ҷой дорад [20,с.123].

Ҳамин тариқ, хусусияти марҳилавӣ барои мурофиаи интихоботӣ, ба ақидаи ин муаллифон хос нест. Бо ин маънӣ, мурофиаи интихоботӣ аз мафҳуми низоми интихоботӣ бо мазмуни васеи он фарқияте надорад. Дар алоқаманди бо ин, чунин муносибати таснифоти мурофиаи интихоботиро муносибати низомнок меноманд.

Сеюм, дар гурӯҳи дигари таснифотҳо қайд карда мешавад, ки мурофиаи интихоботӣ ин низоми меъёрҳои муроифавӣ мебошад, ки тартиби тайёрӣ ва гузаронидани интихоботро дар интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ танзим менамояд [18,с.61]. Дар чунин ҳолат, мурофиаи интихоботӣ ҳамчун қисми таркибии низоми интихоботӣ далелеро тасдиқ менамояд, ки аксарияти меъёрҳои қонунгузории интихоботӣ хусусияти мурофиавӣ, на хусусияти моддиву ҳуқуқӣ доранд. Дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ чунин таснифоти мурофиаи интихоботиро муносибати меъёрӣ ном мебаранд.

Чорум, дар гурӯҳи дигари таснифотҳо, табиати маҷмуавии мурофиаи интихоботӣ эътироф карда мешавад. Дар чунин муносибат, мурофиаи интихоботӣ ҳамчун механизми танзими ҳуқуқии ташкили ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ тариқи гузаронидани интихобот тасниф карда мешавад. Дар чунин фаҳмиш, худи мурофиа на танҳо марҳилаҳо, балки фаъолияти эҷоди меъёрҳо ва истифодаи ҳуқуқ дар

соҳаи гузаронидани интихобот, ҳуқуқ ва принсипҳои интихобот, меъёрҳои ҳуқуқи интихоботиро дар бар мегирад [22,с.110].

Ҳамин тариқ, дар асоси ин муносибати таснифоти мурофиаи интихоботӣ як қатор муаллифн, ба монанди А.В. Зиновев, И.С. Полякова, С.Д. Князев мурофиаи интихоботиро аз унсурҳои мухталиф иборат медонанд, А.В.Зиновев, И.С. Полякова – унсури мурофиавӣ ва унсури меъёрӣ [23,с.78]; С.Д. Князев – унсури субъективӣ, технологӣ ва институтсионалӣ [9,с.98]. Дар сарчашмаҳои илмии ҳуқуқӣ чунин муносибати таснифоти мурофиаи интихоботиро муносибати омехта меноманд.

Ҳамин тариқ, нуқтаи назари мурофиавӣ ва омехта ба пуррагӣ аломатҳои мурофиаи интихоботиро таҷассум намекунанд. Лекин муносибати меъёрӣ дар мазмуни анъанавии мурофиа асос ёфтааст ва аломатҳои мухталифи мурофиаи интихоботиро таҷассум менамояд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки мурофиаи интихоботӣ як шакли фаъолияти ҳуқуқӣ буда, дар ҷараёни он муносибатҳои ҷамъиятии байни субъектҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи интихоботӣ пайдо мешаванд, инкишоф мёбанд ва қатъ мегарданд.

**АДАБИЁТ**


1. Диноршоев А.М. Избирательное право и избирательный процесс в Республике Таджикистан / А.М. Диноршоев, С.М. Салохидинова, Н.Р. Сафарзода; под ред. д.ю.н. Диноршоева А.М. Учебно-методический комплекс. -Душанбе, 2018. -С. 10.
2. Гадоев Б.С. Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.С.Гадоев //Ҳаёти ҳуқуқӣ. -2019. -№2 (26). -С.64.
3. Гадоев Б.С. Арзишҳои демократии интихобот / Б.С. Гадоев //Академический юридический журнал. -№1 (33). –Душанбе, 2020. -С.67-71.
4. Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад. Таъини интихобот ҳамчун даври аввали мурофиаи интихоботӣ: мафҳум ва хусусиятҳои он / С.А.Абдулаҳадзода //Қонунгузорӣ. -2021. -№2 (42). -С.20.
5. Саидов С.А. Хусусиятҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии мурофиаи интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С.А.Саидов //Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. -2018. -№2 (10). -С.59.
6. Саидов Собирҷон Абдулаҳатович. Мафҳуми мурофиаи интихоботӣ / С.А.Саидов //Қонунгузорӣ. -2019. -№3 (35). -С.24.
7. Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад, Муродзода Умед Уктам. Рушди қонунгузории интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад, Муродзода Умед Уктам //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2020. -№6. -С. 266.
8. Князев С. Д. Избирательный процесс: понятие, особенности и структура / С. Д. Князев // Правоведение. -1999. - № 3. - С.48.
9. Князев С.Д. Курс лекций по избирательному праву и избирательному процессу Российской Федерации / С. Д.Князев. - Владивосток: Изд-во Дальневост. гос. ун-та, 2001. –С.98.
10. Торшенко А.А. Понятие выборов в Российской Федерации / А.А.Торшенко, В.А. Трегубенков // Рос. юрид. журн. - 2001. - № 2. - С. 41.
11. Югов А.А. Субъективное избирательное право по действующему законодательству Российской Федерации / А.А. Югов // Рос. юрид. журн. - 2000. - № 3. - С. 60.
12. Соломаткин А. С. Челябинская область - субъект РФ: Учеб. Пособие / А. С.Соломаткин, А. Н.Кокотов, И. В. Выдрин. - Челябинск, 1997 - С. 43.
13. Баглай М. В. Конституционное право Российской Федерации / М. В. Баглай. - М., 2001. - С. 359.
14. Биктагиров Р.Т. Субъекты избирательного права России: теоретико-правовое исследование. Монография / Р.Т. Биктагиров. - Казань: Школа, 2009. - С. 220-221.
15. Биктагиров Р.Ф. Субъект избирательного права Российской Федерации: конституционно-правовое исследование: автореф. дис. д-ра юрид. наук / Р.Ф. Биктагиров. - М., 2010.
16. Дамаскин О.В. Избирательный процесс и электорально-правовая культура / О.В.Дамаскин, Е.В.Корчиго, Р.Р. Сеченова. - М.: Норма, 2005. - С. 40-42.
17. Веденеев Ю.А. Избирательное право: учебник / Ю.А. Веденеев, Д.Б.Катков, Е.В. Корчиго. - М.: Юриспруденция, 2001. –С.47.
18. Васильева Т. А. Избирательная компания // Большая российская энциклопедия. Электронная версия (2016); https://bigenc.ru/law/text/3270593 Дата обращения: 25.10.2020.
19. Дмитриев Ю.А. Избирательное право: учебник / Ю.А.Дмитриев, В.Б. Исраелян. - М.: Юстицинформ, 2008. – С.54.
20. Ахлюстин В.А. Избирательный процесс в Российской Федерации (проблемы теории, правового регулирования и правоприменения): дис. ... канд. юрид. наук / В.А. Ахлюстин. - М.: СПб., 2002.-С. 123.
21. Белов С.А. Избирательная система как правовой институт / С.А. Белов. - СПб.: Изд. Дом С-Петерб. гос. ун-та, 2005. –С. 61.

22. Серков С.В. К вопросу о понятии голосования и его роли в избирательном процессе Российской Федерации // Особенности реализации избирательного законодательства на современном этапе / С.В.Серков, В.А. Серков. - Тюмень: Вектор Бук, 2007. –С. 110.
23. Зиновьев А.В. Избирательная система России: теория, практика и перспективы / А.В. Зиновьев И.С. Полякова. - СПб.: Юрид. центр Пресс, 2003. –С.78.
24. Хрусталев Е. Н. Избирательный процесс в России: понятие и стадии / Е. Н. Хрусталев // Правоведение. - 1998. - № 2. - С. 33.
25. Краснов К.В. Субъект избирательного процесса в Российской Федерации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук / К.В. Краснов. - М., 2000. –С.10.
26. Худолей К.М. Конституционное право зарубежных стран СНГ и Балтии: учеб. пособие / К.М. Худолей. - Перм. гос. ун-т. Пермь, 2009. –С.93.
27. Корчиго Е.В. Актуальные вопросы теории избирательного процесса в России: дис. ... канд. юрид. наук/ Е.В. Корчиго. - М., 2002. –С. 35.
28. Авакьян С.А. Конституционное право. Методическое руководство к семинарам / С.А. Авакьян. - М.: Изд-во Моск. ун-та, 1996.-С.9.

## МАСОИЛИ НАЗАРИЯВИИ ҲУҚУҚИ ИНТИХОБОТ ВА МУРОФИАИ ИНТИХОБОТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАЗМУН ВА МОҲИЯТИ ОН

Дар мақолаи мазкур назару фаҳмишҳои намояндагони мактаби демократияи бевосита роҷеъ ба мазмуну моҳияти мурофиаи интихоботӣ баррасӣ шудаанд. Ҳамзамон, андешаҳои амиқи илмӣ, равишҳои амалию назарии хусусиятҳои мурофиаи интихоботӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, махсус қайд шудааст, ки интихобот василаи муҳимми таъмини принсипҳои демократии давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Зеро дар шароити имрӯза яке аз самтҳои афзалиятноки ислоҳоти давлативу ҳуқуқӣ рушди ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот ба ҳисоб меравад. Маҳз такмили он ба бунёди давлати демокративу ҳуқуқӣ, ташкил ва инкишофи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар мусоидат менамояд. Ҳамзамон, хос будани интихобот ба ҷомеаи мутамаддин бо хусусиятҳои муттаҳидӣ, ташаккули гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравии одамон, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ дар мақомоти мухталифи давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ баён гардидааст. Дар баробари ин, бо дарназардошти аҳаммияти интихобот таҳлилу баррасӣ гардидааст. Дар мақола мавқеи олимону муҳаққиқони илми ҳуқуқи конститутсионӣ мадди назар гирифта шудааст.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи интихобот, низоми интихобот, мурофиаи интихоботӣ, марҳилаҳои мурофиаи интихобот, таъини интихобот, хусусиятҳои давлати демократӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, интихоботи озод ва даврӣ, раъйпурсӣ, қонунгузории интихоботӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ИЗБИРАТЕЛЬНОГО ПРАВА И ИЗБИРАТЕЛЬНОГО ПРОЦЕССА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН: СОДЕРАЖАНИЕ И СУЩНОСТЬ

В данной статье показаны взгляды и понимание представителей школы прямой демократии относительно сущности избирательного процесса. При этом углубленные научные взгляды, практические и теоретические подходы к особенностям избирательного процесса обсуждались отечественными и зарубежными учеными и исследователями, при этом особо отмечалось, что выборы являются важным средством обеспечения демократических принципов конституционного государства. Потому что в современных условиях одним из приоритетных направлений государственно-правовых реформ является развитие избирательного права и избирательной системы. Его совершенствование способствует созданию демократического и правового государства, организации и развитию институтов гражданского общества в стране. При этом выражена особенность выборов в цивилизованном обществе с чертами единства, формирования политического плюрализма и мировоззрения людей разных социальных групп в различных государственных органах и общественно-политических организациях. В то же время избрательное право анализировалось и обсуждалось с учетом важности инклюзивности выборов, поскольку выборы не являются предметом открытого обсуждения одного человека, а включают в себя группу людей, местное население и физических лиц. Следует отметить, что в статье рассматривается позиция ученых и исследователей науки конституционного права.

**Ключевые слова**: избирательное право, избирательная система, избирательный процесс, этапы избирательного процесса, назначение выборов, характеристика демократического государства, органы государственной власти, свободные и периодические выборы, референдум, избирательное законодательство.

## ELECTORAL PROCESS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: CONCEPT AND STAGES

This article shows the views and understanding of representatives of the school of direct democracy regarding the essence of the electoral process. At the same time, in-depth scientific views, practical and theoretical approaches to the features of the electoral process were discussed by domestic and foreign scientists and researchers, while it was especially noted that elections are an important means of ensuring the democratic principles of a constitutional state. Because in modern conditions, one of the priority areas of state-legal reforms is the development of electoral law and the electoral system. Its improvement contributes to the creation of a democratic and legal state, the organization and development of civil society institutions in the country.At the same time, the peculiarity of elections in a civilized society with features of unity, the formation of political pluralism and the worldview of people, different social groups in various government bodies and socio-political organizations is expressed. At the same time, it was analyzed and

discussed taking into account the importance of the inclusiveness of elections, since elections are not the subject of open discussion of one person, but include a group of people, the local population and individuals. It should be noted that the position of scientists and researchers of the science of constitutional law is considered in the article.

**Keywords**: suffrage, electoral system, electoral process, stages of the electoral process, appointment of elections, features of a democratic state, public authorities, free and periodic elections, referendum, electoral legislation.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Гадоев Б.С.*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.E-mail: **burhonidin@mail.ru**
***Абдулаҳадзода С.А.*** **-** Донишгоҳи.миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sobirchons@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Гадоев Б.С.*** - Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор кафедры конституционного права юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **burhonidin@mail.ru**
***Абдулахадзода С.А.***- Таджикский национальный университет , ассистент кафедры конституционного права юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Sobirchons@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Gadoev B.S.*** **-** Tajik National University, Doctor of Law, Professor of the Department of Constitutional Law of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. E-mail: **burhonidin@mail.ru**
***Abdulahadzoda S.A.*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Constitutional Law of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. E-mail: **Sobirchons@mail.ru**

УДК:342.4(575.3)

# КОНСТИТУЦИОННАЯ РЕФОРМА КАК ОТРАЖЕНИЕ РЕАЛИЙ СУВЕРЕННОГО РАЗВИТИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

*Шарифзода Л.Ш.*
**Таджикский национальный университет**

Новейшая история Таджикистана на рубеже 80-х-90-х гг. XX в. ознаменовалась кардинальными изменениями всей системы общественных отношений явившимися результатом распада крупнейшей сверхдержавы – СССР. В политической сфере глубокие изменения коснулись институционального компонента политической системы общества, что связано с формой правления и формой конституционного устройства. Это с необходимостью поставило вопрос о проведении конституционной реформы, что, безусловно, предполагало принятие нового Основного Закона страны, ибо прежняя Конституция республики отражала иной характер государственного устройства и формы правления, когда Таджикистан являлся частью союзного государства, управлявшегося Коммунистической партией, правящий статус которой определялся Конституцией СССР. Все бывшие союзные республики с распадом СССР первые шаги своей суверенной истории начали с подготовки и принятия нового Основного Закона, в котором закреплялся статус их новой государственности.

С высоты пройденного времени можно констатировать тот факт, что принятая 6 ноября 1994 года Конституция Республики Таджикистан сыграла определённо положительную роль на том историческом этапе в начале переходного периода и становления демократической государственности, которая по-новому, с учётом требований времени, решила важнейшие вопросы, связанные с организацией управления государством, собственностью, правами и свободами граждан, формированием и деятельностью законодательного органа страны.

В Таджикистане процесс подготовки новой Конституции был противоречивым и сложным, т.к. в стране на начальном этапе её независимости вспыхнула гражданская война. Парадокс ситуации того трагического периода состоял в том, что несмотря на гражданское противостояние была создана комиссия по подготовке нового Основного Закона республики, которая исходила из того, что принятие новой Конституции должно принести стране мир и установить согласие в таджикском обществе. Как показало время, принятие новой Конституции страны оправдало эти надежды, создав платформу для достижения мира и созидательного развития.

Один из разработчиков новой Конституции Республики Таджикистан А. Достиев, оценивая её значение для будущего нашей страны, писал: «Её историческое значение заключается в том, что это была первая Конституция, написанная для суверенного Таджикистана и на государственном языке. Во-вторых, она официально была признана одной из пяти лучших конституций стран-членов ОБСЕ… В разработке проекта конституционных норм авторская группа была абсолютно самостоятельной. Конституция писалась не под какую-то личность или правительство. Она писалась исключительно для установления мира и согласия в обществе, для укрепления государственного суверенитета» [1].

Таким образом, принятие новой Конституции страны создало условия для мирного процесса в республике. По мнению Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, «с принятием Конституции в развитии государственности Таджикистана начался новый исторический этап, в процессе которого, благодаря созиданию и благоустройству, мы добились крупных изменений в политической, правовой, социально-экономической и культурной жизни. Только с принятием Конституции можно было создать благоприятные правовые условия во имя защиты независимости, погашения огня навязанной гражданской войны в обществе, восстановления деятельности парализованных государственных структур, обеспечения национальной безопасности, общественного порядка, возврата на Родину беженцев, а также укрепления политических, правовых, социально-экономических и культурных основ государства» [2]. Эмомали Рахмон считает, что «Конституция, в качестве

высшего закона страны, объявила желание и волю народа Таджикистана относительно неизменности формы управления государством, территориальной целостности и демократической, правовой, светской и социальной сущности государства. То есть в содержании данного судьбоносного документа были определены дальнейшие пути нашей независимой государственности, а также заложены конституционные основы дальнейшего её формирования и развития» [3].

В регионах, где законодательство о труде слабое или плохо соблюдается, часто существует более высокий риск эксплуатации и жестокого обращения с работниками, а также большее неравенство и социальная и экономическая нестабильность. Например, в некоторых частях Азии и Африки высокий уровень неформальной и нестандартной занятости, низкая заработная плата и плохие условия труда, которые могут способствовать бедности и социальной изоляции.

Воздействие международного регулирования труда на поощрение достойного труда, социальной справедливости и устойчивого развития также зависит от конкретной политики и применяемых подходов. Например, некоторые политики могут отдавать приоритет экономическому росту, а не правам работников, в то время как другие могут отдавать приоритет социальной защите и правам работников. Аналогичным образом, некоторые политики могут отдавать приоритет экологической устойчивости над экономическим ростом, в то время как другие могут отдавать предпочтение экономическому росту над экологической устойчивостью.

В целом, содействие достойному труду, социальной справедливости и устойчивому развитию требует комплексного подхода, учитывающего потребности и точки зрения работников, работодателей, правительств и организаций гражданского общества. Международное регулирование труда может сыграть важную роль в установлении стандартов и продвижении передовой практики, но оно должно сопровождаться сильными правоприменительными механизмами и приверженностью социальному диалогу и участию.

Однако в целом есть несколько предложений по развитию трудовых прав в международном праве, которые могли бы быть актуальны для Таджикистана или любой страны:

1. Усиление защиты основных трудовых прав: страны могли бы принять и обеспечить соблюдение международных трудовых норм и конвенций, в том числе касающихся свободы ассоциации и коллективных переговоров, принудительного труда, детского труда и дискриминации. Таджикистан мог бы ратифицировать и внедрить соответствующие конвенции МОТ для обеспечения защиты основных трудовых прав.
2. Улучшение условий труда: Международное трудовое право может потребовать от стран обеспечить безопасные и здоровые условия труда для всех работников. Это может включать в себя установление и обеспечение соблюдения правил рабочего времени, периодов отдыха, а также охраны труда и техники безопасности.
3. Защита прав уязвимых групп: Международное трудовое право может потребовать от стран защиты прав уязвимых групп, включая женщин, детей, мигрантов и работников неформального сектора. Таджикистан мог бы реализовать политику и программы, которые обеспечат этим группам доступ к достойной работе и защиту от эксплуатации. Согласно с вышеуказанными точками зрения следует понимать, что под гарантиями понимаются определенные меры, установленные государством, оберегающие гражданина от вероятных нарушений его прав и интересов, в том числе для всемерной их защиты в случае их нарушения [3,с.130].

4. Содействие социальному диалогу. Международное трудовое право может побуждать страны содействовать социальному диалогу и коллективным переговорам как средствам разрешения трудовых споров и улучшения условий труда. Таджикистан мог бы создать механизмы социального диалога и привлечь работников и их представителей к разработке трудовой политики и правил.

5. Усиление правоприменительных механизмов: Международное трудовое право может потребовать от стран создания эффективных правоприменительных механизмов для обеспечения соблюдения трудовых норм и конвенций. Таджикистан мог бы создать механизмы инспекции труда для обеспечения соблюдения трудового законодательства и обеспечения доступа работников к правосудию в случае трудовых нарушений.

Эти предложения могли бы помочь улучшить трудовые права и условия труда в Таджикистане и других странах и способствовать социальной справедливости и устойчивому развитию.

**Рецензент: Сангинзод Д. – д.ю.н., профессор ТНУ**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Бобокалонов, Ғ.М. Мавқеъ ва нақши Пешвои миллат дар таҳкими қонунгузорӣ оид ба меҳнат ба Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ғ.М. Бобокалонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. – № 1 (17). – С. 6-16.
2. Бозоров Р.Б. Трудовое право: Учебное пособые / Р.Б.Бозоров. – Душанбе: Типография ТНУ, 2014. – 172 с.
3. Бозоров, Р.Б. К вопросу о государственных гарантиях в сфере трудовых отношений / Р.Б. Бозоров // Государствоведение и права человека. – 2016. – № 1. – С. 129-132. – EDN YPULJP. 130
4. Бозоров, Р.Б. Кодификация нового трудового законодательства Республики Таджикистан / Р.Б. Бозоров // Правовая жизнь. – 2016. – № 3(15). – С. 138-143. – ЭДН ХЦГБЖ.
5. Конституция Республики Таджикистан была принята на всенародном референдуме 6 ноября 1994 года. 26 сентября 1999 г., 22 июня 2003 г. и 22 мая 2016 г. в нее вносились изменения и дополнения путем всенародного референдума [электронный ресурс]. URL: https://www.adlia.tj (дата обращения: 20.03.2023 г.)
6. Маҳмудозода М. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – 648 с.
7. Муминзода М.Н. Кодификатсияи санадҳои ҳуқуқии соҳаи маориф / М.Н. Муминзода, Н.И. Муминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №5. – С. 206-212.
8. Муминзода М.Н. Соҳаи ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқ / М.Н. Муминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 10. – С. 206-212.
9. Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон: вижагӣ, дастовард ва мушкилот: монография / Д.С. Раҳмон. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 252 с.
10. Саъдизода Дж. Формирование культуры прав человека в условиях становления правового государства в Таджикистане: монография. – Душанбе: Типография «Нушбод», 2022. – 230 с.
11. Саъдизода, Ҷ. Баъзе масъалаҳои назарӣ ва амалии муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва берунӣ / Ҷ. Саъдизода, С.Ш. Азимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. – № 1 (17). – С. 16-26. 19
12. Тафсири илмию оммавии Конститусияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 520 с.
13. Трудовой кодекс Республики Таджикистан от 15 мая 1997 года [электронный ресурс]. URL: https://www.adlia.tj (дата обращения: 20.03.2023 г.)
14. Трудовой кодекс Республики Таджикистан от 23 июля 2016 года, № 1329 [электронный ресурс]. URL: https://www.adlia.tj (дата обращения: 20.03.2023 г.)
15. Шонасридинов Ш. Ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар нақша ва маҳфумҳо) Васоити таълимӣ / Ш. Шонасридинов, Ғ.М. Бобокалонов, Д.Ш.Сангинов, О.А. Мавлоназаров. –Душанбе, 2012. – 261 с.


## ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Аҳамияти танзими меҳнатро дар ҳуқуқи байналмиллалӣ аз ҳад зиёд таъкид кардан мумкин нест, зеро он ҳифзи ҳуқуқҳои коргарон ва пешбурди кори шоистаро таъмин намуда, ба адолати иҷтимоӣ ва рушди устувор оварда мерасонад. Созмони Байналмилалии Меҳнат (СБМ) дар сафи пеши ин муқаррарот қарор дорад, ки стандартҳо ва конвенсияҳои байналмилалии меҳнатро, ки ҳуқуқҳои асосии меҳнатро ҳифз мекунанд ва таҷрибаҳои кори шоистаро пешбарӣ мекунанд, таҳия мекунанд. Шартномаҳои байналмилалии ҳуқуқи башар инчунин ҳифзи ҳуқуқҳои коргаронро дар муносибатҳои меҳнатӣ таъмин мекунанд, дар ҳоле ки санадҳои минтақавии ҳуқуқи башар дар ҳифзи ҳуқуқи коргарон дар баъзе минтақаҳо нақши муҳим бозидаанд. Принсипҳои роҳнамоии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тиҷорат ва ҳуқуқи инсон харитаи роҳро барои соҳибкорон барои ҳимояи ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнат дар фаъолияти худ пешниҳод мекунанд. Бо вуҷуди ин, монеаҳо барои танзими самараноки меҳнат дар иқтисодиёти ҷаҳонишавӣ боқӣ мондаанд, ба монанди паҳншавии иқтисодиёти ғайрирасмӣ, кори ноустувор ва набудани механизмҳои мувофиқи татбиқ. Ҳалли ин мушкилот чораҳои қатъиро барои такмил додани заминаи ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ, таҳкими муколамаи иҷтимоӣ ва дастгирии

кишварҳо дар эҷоди тавонмандӣ барои татбиқ ва татбиқи стандартҳои байналмилалии меҳнат талаб мекунад.
**Калидвожаҳо**: муносибатҳои меҳнатӣ, Созмони Байналмилалии Меҳнат (СБМ), стандартҳои меҳнат, ҳуқуқи инсон, кори шоиста, адолати иҷтимоӣ, рушди устувор.

## РЕГУЛИРОВАНИЕ ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЙ В МЕЖДУНАРОДНОМ ПРАВЕ

Значение регулирования трудовых отношений в международном праве невозможно переоценить, поскольку оно обеспечивает защиту прав трудящихся и поощрение достойного труда, что ведет к социальной справедливости и устойчивому развитию. Международная организация труда (МОТ) находится в авангарде этого регулирования, разрабатывая международные трудовые нормы и конвенции, которые защищают основные трудовые права и поощряют достойную практику труда. Международные договоры по правам человека также обеспечивают защиту прав работников в трудовых отношениях, в то время как региональные документы по правам человека сыграли важную роль в защите прав работников в определенных регионах. Руководящие принципы Организации Объединенных Наций в области предпринимательской деятельности в аспекте прав человека представляют собой дорожную карту для предприятий по соблюдению прав человека, в том числе трудовых прав, в своей деятельности. Тем не менее остаются препятствия для эффективного регулирования трудовых отношений в глобализированной экономике, такие как преобладание неформальной экономики, нестандартная занятость и отсутствие адекватных правоприменительных механизмов. Для решения этих проблем требуются решительные меры по совершенствованию правовой базы трудовых отношений, укреплению социального диалога и оказанию странам поддержки в наращивании потенциала для внедрения и обеспечения соблюдения международных трудовых норм.
**Ключевые слова:** трудовые отношения, Международная организация труда (МОТ), трудовые нормы, права человека, достойный труд, социальная справедливость, устойчивое развитие.

## REGULATION OF LABOR RELATIONS IN INTERNATIONAL LAW

The importance of regulating labor relations in international law cannot be overstated, as it ensures that workers' rights are protected, and decent work is promoted, leading to social justice and sustainable development. The International Labor Organization (ILO) is at the forefront of this regulation, creating international labor standards and conventions that safeguard fundamental labor rights and promote decent work practices. International human rights treaties also offer protection to workers' rights in labor relations, while regional human rights instruments have been significant in safeguarding the rights of workers in particular regions. The United Nations Guiding Principles on Business and Human Rights provides a roadmap for businesses to respect human rights, including labor rights, in their operations. Nevertheless, there remain obstacles to regulating labor relations effectively in the globalized economy, such as the prevalence of the informal economy, precarious work, and the lack of adequate enforcement mechanisms. Addressing these challenges requires robust measures to improve the legal framework for labor relations, strengthen social dialogue, and provide capacity-building support for countries to implement and enforce international labor standards.
**Keywords:** labor relations, International Labor Organization (ILO), labor standards, human rights, decent work, social justice, sustainable development.

**Маълумот дар бораи муаллифон*: Муминзода Нозим Исмат*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи соҳибкорӣ ва тиҷорат. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 935989522.** E-mail: **nozimmuminzoda@gmail.com**
***Муминзода Маҳмадшариф Нозим* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 93119 3333**. E-mail: **sharifjonmuminov@gmail.com**

**Сведения об авторах: *Муминзода Нозим Исмат*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры предпринимательства и коммерции. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 935989522.** E-mail: **nozimmuminzoda@gmail.com**
***Муминзода Махмадшариф Нозим* -** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 93119 3333**. E-mail: **sharifjonmuminov@gmail.com**

**Information about the authors: *Muminzoda Nozim Ismat*** - Tajik National University, Candidate of Law, Associate Professor of the Department of Entrepreneurship and Commerce. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **+992 935989522**. E-mail: **nozimmuminzoda@gmail.com**
***Muminzoda Mahmadsharif Nozim* -** Tajik National University, assistant of the Department of Human Rights and Comparative Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **93119 3333**

## СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ

УДК: 323+327 (575.3)

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РАВАНДИ ТАШАККУЛЁБИИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

*Сироҷиддин Муҳриддин*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 10 сол муқаддам, 15 марти соли 2013 зимни вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ [2] чунин изҳор доштанд: "Иштироки густурдаи давлати мо дар фаъолияти созмонҳои байналмилалию минтақавӣ аз зарурате сар задааст, ки кишварамон дар таҳкими амнияту субoти байналмилалӣ аз рӯи имкон саҳм гузошта, ҳимояи манфиатҳои хешро ба таври афзал таъмин намояд, инчунин, имкониятҳои технологӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва зеҳнии онҳоро барои иҷрои ҳадафҳои дарозмуддати сиёсати хориҷии Тоҷикистон – ташкил ва фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи ислоҳоти муваффақона дар дохили кишвар ва такомулу инкишофи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷалб намояд" [13].

Ҳоло бо гузашти як марҳилаи муайян аз он рӯзи таърихӣ, тасмим гирифтем, ки ҷанбаҳои муҳимтарини раванди ташаккулёбии сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба таври мухтассар матраҳ намоем.

Замоне Ҷумҳурии Тоҷикистон Истиқлоли давлатӣ ба даст овард, воқеияти ҳол чунин буд, ки дар вазъи ниҳоят ҳассосу мураккаб ва печидаи сиёсӣ касе аз сиёсатмадорони вақт ҳозир набуд, ки масъулияти роҳбарии давлатро ба уҳда гирад. Аз нухбагони сиёсии вақт нафаре ҳозир набуд, ки рисолати ҳаётан муҳим, яъне раҳо кардани давлати тозаистиқлоли тоҷикон аз вартаи нестӣ ва таъмини сулҳу осоишро анҷом диҳад. Дар чунин вазъи душвор, маҳз муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Пешвои ҳақиқии миллат, ки дар ҷодаи сиёсат аз миёни мардум бархостанд, бо ҷасорат, дарки масъулияти баланд ва ҳисси ватанхоҳӣ азми наҷоти Ватан, мубориза барои пойдории давлат ва таъмини ҳастии миллат карданд.

Дар чунин ҳол, баробари ҳалли масъалаҳои мураккаби сиёсати дохилӣ, муаррифии ҷумҳурӣ дар арсаи байналмилалӣ ва ба даст овардани эътирофу эътимоди ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбат ба Тоҷикистон коре буд басо мушкил. Барои анҷоми ин рисолати муҳим Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 29 сентябри соли 1993 бори аввал аз минбари Созмони Милали Муттаҳид ҳадафҳои сулҳҷӯёна ва азму ниятҳои неки давлати тозаистиқлоли моро бо нақшаҳои бунёдкорона, ба ҳайси субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуданд [3,с.6].

Ин рӯйдод аз лиҳози мазмуну ғоя ва ҷанбаҳои сиёсӣ, албатта, аҳамияти таърихӣ дорад ва маҳз дар ҳамин асос, бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Парлумони кишвар 29 сентябрро "Рӯзи кормандони хидмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" муқаррар кард [7].

Аз ҳамон рӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ роҳи интихобкардаи Ҳукумати Тоҷикистон, махсусан қадамҳои аввалин дар сиёсати прагматикӣ, санҷида ва устувори хориҷии онро эътироф намуд ва ҳусни эътимоди давлатҳои дуру наздик бо Тоҷикистон пайи ҳам ба вуҷуд омад. Бешубҳа, дар ин раванд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо талошҳои сулҳофарӣ ва сарҷамъ кардани миллати пароканда, ҳамзамон, меъмори сиёсати хориҷии мутавозин ва ҳусни ҳамҷаворecho Тоҷикистон гардиданд. Воқеан, заминаи назариявӣ ва ҳуқуқии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муҳтавои амалгарона ва воқеъбинона, ки ҳадафу самтҳои асосӣ, роҳу василаҳои татбиқи манфиатҳои дарозмуддати миллиро муайян мекунад, маҳз тавассути истеъдоди баланди сиёсатмадорӣ, назари борикбин ва жарфнигарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаккул ёфтааст.

Қадами дигари муҳим дар ин масир, ин бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудани Конститутсия буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҷаҳониён давлати

соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муаррифӣ намуда, инчунин, бунёди ҷомеаи адолатпарварро аз ҳадафҳои волои давлат муайян кард, ки ба боло рафтани эътибори байналмилалии ҷумҳурӣ замина фароҳам кард. Дар ин раванд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ», Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар асоси Конститутсия таҳия ва ба тасвиб расиданд, заминагузори ҳадафу вазифаҳо, хостаҳои давлат ва мардуми кишвар дар роҳандозии сиёсати хориҷӣ баҳри ҳимоя ва татбиқи манфиатҳои миллӣ гардиданд.

Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари пешбарандаи сиёсати хориҷии сулҳҷӯёнаву созанда эътироф шудааст ва мо низ дар заминаи ҳамин мафҳум бо ҳамаи давлату созмонҳо ҳамкории судмандро ба роҳ мондаем. Дастёбӣ ба чунин муваффақият ҳанӯз дар ибтидои даҳаи дувуми марҳалаи соҳибистиқлолӣ, дар натиҷаи бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ шудани сиёсати хориҷии «дарҳои кушода», муяссар гардид. Бо такя ба сиёсати «дарҳои кушода» давлати мо равиши хоси дипломатияи худро дарёфт ва имрӯз, на танҳо дар ҳалли масоили минтақавӣ ва ҷаҳонӣ иштироки фаъол дорад, балки дар арсаи байналмилалӣ ба ҳайси як кишвари пешсаф ва пешбарандаи ташаббусҳои аҳамияти глобалидошта эътироф гардидааст. Ин ҷо иқтибос аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 23 декабри соли 2022 басо бамаврид аст, ки фармуданд: “Давлати мо азм дорад, ки дар асоси сиёсати «дарҳои кушода»-и хориҷии худ робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманду созандаи дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон тавсеа бахшида, рушд диҳад” [9].

Айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистонро 192 давлати ҷаҳон эътироф карда, бо 183 кишвар муносибатҳои дипломатӣ ба роҳ монда шудааст [1]. Илова ба ин, кишвари мо узви комилҳуқуқи ҳамаи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ буда, иштирокдори беш аз 170 конвенсияи байналмилалӣ мебошад. Барои фаъолияти муассир ва пайгирии пайвастаи манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманд марҳала ба марҳала намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа таъсис ёфтанд, ки теъдодашон имрӯз 39 ададро ташкил медиҳад, ҳамчунин, дар зиёда аз 20 кишвар сафирони ғайримуқим таъин гардиданд. Дар шаҳри Душанбе сафоратҳои 24 кишвари хориҷӣ ва намояндагию дафтарҳои 57 созмони бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин, ғайридавлатӣ фаъолият мекунанд.

Маврид ба таъкид аст, ки бо назардошти равандҳои муосир сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам бештар хусусият ва муҳтавои прагматикӣ ва воқеъбинонаро рушд медиҳад, ки он албатта, ба татбиқи пайгиронаи ҳадафҳои милливу давлатии кишвар мусоидат мекунад. Махсусан, дар ду даҳсолаи охир Тоҷикистон якчанд тадбирҳоро роҳандозӣ кард, ки онҳо ба сифати омилҳои рушди сиёсати хориҷӣ ҷумҳуриро ба дастовардҳои муҳим дар ин раванд комёб гардониданд:

1. Ба мақсади зарурати такмили фаъолият дар самти таҳия ва иҷрои шартномаҳои байналмилалӣ ва мутобиқсозии онҳо ба манфиатҳои миллӣ, инчунин, ҳамоҳангсозии густурдаи фаъолияти ниҳодҳои масъули сиёсати хориҷӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хидмати дипломатӣ» (соли 2014 ва бо тағйирот дар соли 2019) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2016) дар таҳрири нав қабул шуданд. Илова бар ин, 30 декабри соли 2019 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №657 дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №593 аз 26 декабри соли 2006 “Дар бораи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардид, ки дар асоси он тағйироти ҳадафмандона, аз ҷумла таҷдиди сохтори Вазорат сурат гирифт;

2. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №332 аз 27 январи соли 2015 Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул гардид, ки дар он бо назардошти таҳаввулоту дигаргуниҳо дар арсаи байналмилалӣ ҳадафу мақсадҳо ва самтҳои асосии сиёсати хориҷии давлат муайян карда шуданд [4]. Албатта, ҳадафу вазифаҳо дар Консепсияи мазкур, ҳамчунин, аз шароити дигаргуниҳои ҳаёти

сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии кишвар ва дурнамои вазъи геосиёсӣ дар минтақа ва ҷаҳон дар даҳаи дуюми асри XXI бармеоянд. Аз ҷумла, ин санади заминавӣ таҳия ва роҳандозии чунин сиёсати хориҷиеро пешбинӣ кардааст, ки мутобиқ ба рушди кишвар ва равандҳои тавсеаёбандаи ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавӣ буда, дар масири воридшавӣ ба онҳо мусоидат мекунад, имкониятҳои муносиби навро ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи хатару таҳдидҳои имконпазир ба амнияти миллӣ фароҳам меорад, заминаҳои мусоидро барои татбиқи пайгиронаи манфиатҳои миллӣ дар асоси воқеъбинӣ ва мутавозинӣ таъмин мекунад. Қабули консепсияи нав, ки онро метавон ҷузъе аз раванди ташаккулёбии сиёсати хориҷӣ номид, бо фарогирии хусусиятҳои миллӣ дар сатҳи сифатан нав таҳия гардида, манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар дурнамо муайян намудааст.

Дар радабандии манфиатҳои миллӣ – ҳифз ва таҳкими Истиқлоли давлатӣ, тамомияти арзӣ, таъмини амнияти миллӣ, соҳибихтиёрии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давлат аз авлавиятҳо маҳсуб меёбанд. Ҳамчунин, фароҳамсозии шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ ва экологии кишвар, ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ, шараф ва манфиати шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқии Тоҷикистон берун аз кишвар, ташаккули ҳусни ҳамҷаворӣ бо ҳамсоягон дар минтақа, рушду таҳкими муносибатҳои дӯстонаю боэътимод ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои ҷаҳон, тақвият бахшидани симои мусбати Тоҷикистон дар ҷаҳон, амиқсозии робитаҳо бо ҷамъиятҳои ҳамватанони бурунмарзӣ дар доираи қонунгузории кишварҳои иқомати онҳо аз вазифаҳои умдаи сиёсати хориҷӣ баҳри татбиқи ҳадафҳои миллӣ муайян шудаанд;

3. Ба мақсади такмил додани хидматрасониҳои консулӣ барои шаҳрвандон ва мутобиқсозии ин раванд ба талаботу ниёзмандиҳои муосири шаҳрвандон, дар самти мазкур дигаргуниҳои чашмгире ба амал оварда шуд, ки, пеш аз ҳама, омилҳои таъмини кайфияти шаҳрвандон, амният ва эътимод ба ҳуҷҷатҳои таҳияшаванда ба эътибор гирифта шуд.

Бо назардошти рушди имрӯзаи технологияҳои иттилоотӣ, дар низоми хадамоти консулӣ шабакаҳои электронии таҳия ва судури шиносномаҳои дорои маълумоти биометрии хориҷӣ барои шаҳрвандони Тоҷикистон ва раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ роҳандозӣ гардид. Ба вижа, татбиқи барномаи судури раводиди электронӣ (e-visa), ки имрӯзҳо аз он шаҳрвандони аксар кишварҳои дунё истифода мекунанд, инчунин, қабул гардидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №464 аз 1 январи соли 2022 "Дар бораи ҷорӣ намудани низоми бераводиди яктарафа нисбат ба баъзе давлатҳои хориҷӣ", дар тақвияти симои мусбати давлат ва ҷалби бештари сармоягузорон ва сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон нақши муассир бозид [8].

4. Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким ва густариши ҳамкориҳо дар доираи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ҷойгоҳи хосса дорад. Маҳсули чунин ҳамкории самаранок имкон фароҳам овард, ки ташаббусҳои глобалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба вижа дар самти дарёфти роҳҳалҳои муносиб ва саривақтӣ вобаста ба мушкилиҳои марбут ба об ва истифодаи оқилонаи он, масъалаҳои иқлим ва ҳифзи муҳити зист, муқовимат бар зидди таҳдиду чолишҳои замони муосир аз сӯи ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди дастгирии аксарияти мутлақ қарор гирифта, Тоҷикистон дар ин масири созандагию башардӯстона ба сифати кишвари пешсаф эътироф гардид.

Қобили зикр аст, ки зимни пешбурди тадбирҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи об, мафҳуми дипломатияи об эҷод ва мавриди корбурди ҷомеаи байналмилалӣ қарор гирифт, ки ғояи асосии он дар истифодаи абзори нави музокиротӣ ба мақсади дарёфти наздикии мавқеъҳо ҷиҳати ҳалли масоили марбут ба мудирияти об ифода мегардад.

Имрӯз бо ҳисси ифтихор метавон гуфт, ки Тоҷикистон соҳиби панҷ ибтикори амалгароёнаи сатҳи ҷаҳонист, ки дар маҷмуъ, ҳар яки он бевосита ба тақдири инсоният алоқаманд буда, тақрибан ягон кишварро дар ҳалли онҳо бетараф гузошта наметавонад.

Дар асоси пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 54-ум (1 октябри соли 1999), Иҷлосияи 55-уми Маҷмаи умумии СММ, ки 20 сентябри соли 2000-

ум баргузор шуд, соли 2003 “Соли байналмилалии оби тоза” эълон гардид. Дар пайи татбиқи ин иқдом аз 29 август то 1 сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе ҳамоиши байналмилалӣ дар мавзуи оби тоза баргузор гардид [10,с.15-16].

23 декабри соли 2003 Маҷмаи умумии СММ дар асоси Эъломияи Душанбе қатъномаи дахлдорро қабул карда, солҳои 2005-2015-ро Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт” эълон кард. Гузашта аз ин, соли 2013 ҷомеаи байналмилалӣ тавассути қатъномаи Маҷмаи умумии СММ 67/204, ки муаллифаш Тоҷикистон аст, “Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об”-ро қайд намуд [11]. Маросими оғози “Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об” дар қароргоҳи UNESCO дар шаҳри Париж 11 феврали соли 2013 бо иштироки фаъоли ҳайати воломақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид [6]. Дар асоси пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2016 Маҷмаи умумии СММ қатъномаи дахлдорро қабул кард, ки тибқи он солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” эълон гардид [14]. Ташаббуси мазкур бори аввал аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 апрели соли 2015 зимни ҳамоиши ҷаҳонии об дар шаҳри Тегуи Ҷумҳурии Корея манзури ҷомеаи байналмилалӣ гардида буд.Баъдан, дар доираи татбиқи ин иқдоми бузург моҳи июни соли 2018 дар шаҳри Душанбе бо иштироки намояндагони воломақоми давлатҳои аъзои СММ ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба татбиқи Даҳсолаи байналмилаии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” баргузор гардид, ки зимни он маҷмуи масъалаҳои муҳими марбут ба захираҳои об мавриди баррасӣ қарор гирифт [5].

Рӯйдоди дигари таърихӣ, ки 14 декабри соли 2022 ба вуқуъ пайваст, ин дар асоси ташаббуси Пешвои миллат зимни Иҷлосияи 77-уми Маҷмаи умумии СММ қабул гардидани қатънома дар бораи соли 2025 “Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо” ва 21 март “Рӯзи ҷаҳонии пиряххо” буд [12]. Ин иқдом бо пуштибонии 153 давлати узви СММ пазируфта шуда, ҳамчунин дар назди СММ Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ дар умури ҳифзи пиряххо, таъсис ёфт ва дар соли 2025 доир намудани Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо дар шаҳри Душанбе ба нақша гирифта шуд.Акнун, бо назардошти пазироии гарми ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин ибтикори навбатии Пешвои миллат, дар марҳалаи татбиқи “Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо” Тоҷикистон ба сифати кишвари ташаббускор бештар мавриди таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалӣ қарор хоҳад гирифт. Зеро ташаббуси пурарзиши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди устувор ва мудирияти ҳамгироёнаи захираҳои об, татбиқи лоиҳаву барномаҳои махсуси соҳавӣ, таҳкими ҳамкорӣ ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои рушди устувори марбут ба захираҳои об нақши бориз хоҳад дошт.

Зикри як нуктаи дигар низ бағоят муҳим аст, ки расидан ба истиқлоли миллӣ дар охирин даҳаи садаи бист барои миллати тоҷик на оғози давлатдорӣ, балки бозгашт ба саҳнаи сиёсати ҷаҳонист. Вале мо дар оғози замони Истиқлоли давлатӣ ниҳод ё сохтори мукаммали татбиққунандаи сиёсати хориҷӣ надоштем.

Аз ин лиҳоз, имрӯз бо итминони комил ва бо ҳисси ифтихор бояд гуфт, ки ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳошияи он таъсис ва фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ зодаи ҳақиқии даврони истиқлол ва самараи заҳматҳои хастанопазири Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри таъмини ояндаи дурахшони давлату миллати тоҷик мебошанд. Вақт собит намуд, ки Тоҷикистон аз як кишвари канора ба кишари ташаббускор дар арсаи байналмилалӣ табдил ёфта, ҳамчунин дорои дипломатия хоси худ гардид, ки муариффгари кишвари мо дар минтақа ва ҷаҳон мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Дастовардҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/main/sijosati-khoriji/dastovardhoi-sijosati-khorijii-tojikiston (санаи муроҷиат: 11.03.2023).
2. Иштирок дар маросими ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/4111 (санаи муроҷиат 15.05.2023).
3. Зери назари Сироҷидин Аслов. 25 қадам дар паҳнои олам. Душанбе: Ирфон, 2016, - 220 с.
4. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон . Душанбе: 2015 – 82 с.

5. Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор", солҳои 2018-2028 ба кори худ оғоз кард [манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/3377/konfronsi-bainalmilalii-sathi-baland-oid-ba-dahsolai-bainalmilalii-amal-ob-baroi-rushdi-ustuvor-solhoi-2018-2028-ba-kori-khud-ogoz-kard (санаи муроҷиат: 12.03.2023).
6. Конфронси байналмилалӣ роҷеъ ба ҳамкорӣ дар соҳаи об [манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/14/konfronsi-bainalmilali-roje-ba-hamkori-dar-sohai-ob (санаи муроҷиат: 11.03.2023).
7. Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарият, кормандон ва собиқадорони Вазорати корҳои хориҷӣ [манбаи электронӣ]. URL: https://www.mfa.tj/tg/main/view/1703/muloqoti-prezidenti-jumhurii-tojikiston-bo-rohbariyat-kormandon-va-sobiqadoroni-vazorati-korhoi-khoriji (санаи муроҷиат 11.03.2023).
8. Низоми раводид бо кишварҳои хориҷӣ [манбаи электронӣ]. URL: https://consular.tj/nizomi-ravodid-bo-kishvarhoi-horiji.aspx (санаи муроҷиат: 11.03.2023).
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/29823 (санаи муроҷиат 10.03.2023).
10. Раҳмонова Р. Асосҳои хизмати дипломатӣ. – Душанбе, "Ганҷ", 2017. – 312 с.
11. Резолюция, принятая Генеральной Ассамблеей 21 декабря 2012 года, 67/204. Проведение Международного года водного сотрудничества, 2013 год.
12. Резолюция, принятая Генеральной Ассамблеей 14 декабря 2022 года, 77/158. Международный год сохранения ледников, 2025 год.
13. Суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/4113 (санаи муроҷиат 10.05.2023).
14. Resolution A/RES/71/222 - International Decade for Action, Water for Sustainable Development, 2018–2028 [манбаи электронӣ]. URL: https://sdgs.un.org/documents/ares71222-international-decade-action-wa-23198 (санаи муроҷиат: 12.03.2023).

## НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РАВАНДИ ТАШАККУЛЁБИИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

Дар мақола нақши Пешвои миллат дар рушди сиёсати хориҷии Тоҷикистон таҳқиқ шудааст. Мақсади асосии мақола нишон додани таърих ва вазъи кунунии кишвар дар самти сиёсати хориҷӣ мебошад. Таваҷҷуҳи зиёд ба ташаббусҳои ҷаҳонии Президенти Тоҷикистон, бахусус дар самти дарёфти роҳҳои муносиб ва саривақтии мушкилоти марбут ба захираҳои об ва истифодаи оқилонаи онҳо, масъалаҳои иқлиму экологӣ дар арсаи байналмилалӣ зоҳир мегардад. Муайян карда шуд, ки дар давоми се даҳсолаи охир Тоҷикистон ба шарофати саҳми Президенти кишвар муҳтарам Эмомали Раҳмон ба натиҷаҳои назаррас ноил шудааст. Дар ҷамъбаст метавон хулоса кард, ки дар ҳоли ҳозир Тоҷикистон ба яке аз чеҳраҳои калидӣ дар арсаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст ва ба шарофати ташаббусҳои худ метавонад дар чаҳорчӯби созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ нақши фаъол дошта бошад.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Пешвои миллат, ҷомеаи ҷаҳонӣ, сиёсати хориҷӣ, рушди устувор, нақш, ташаббусҳои глобалӣ, хизмати дипломатӣ.

## РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В ПРОЦЕССЕ РАЗВИТИЯ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ

В статье описывается роль Лидера нации в развитии внешней политики Таджикистана. Основная цель статьи - показать историю и современное положение страны во внешнеполитическом направлении. Большое внимание уделяется глобальным инициативам Президента Таджикистана, особенно в направлении поиска адекватных и своевременных решений проблем, связанных с водными ресурсами и их рациональным использованием, вопросами климата и охраны окружающей среды на международной арене. Было установлено, что за последние три десятилетия Таджикистан добился значительных результатов благодаря вкладу Президента страны Е.П. Эмомали Рахмона. Подводя итоги, можно сделать вывод, что в настоящее время Таджикистан стал одной из важных ключевых фигур на мировой арене и благодаря своим инициативам может играть активную роль в рамках региональных и международных организаций.

**Ключевые слова:** Таджикистан, Лидер нации, международное сообщество, внешняя политика, устойчивое развитие, роль, глобальные инициативы, дипломатическая служба.

## THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION IN THE DEVELOPMENT OF FOREIGN POLICY

The article describes the role of the Leader of Nation in the development of Tajikistan's foreign policy. The main objective of the article is to show the history and current situation of country in the foreign policy direction. Much attention is given to the global initiatives of the President of Tajikistan, especially in the direction of finding adequate and timely solutions to problems related to water resources and their rational use, climate and environmental issues in the international arena. It has been found that in the last three decades Tajikistan has achieved significant results with the contribution of the President of the country H.E. Emomali Rahmon. Summing up the results, it can be concluded that nowadays Tajikistan has become one of the important key figures in the global arena and through his initiatives he can play an active role in the framework of regional and international organizations.

**Keywords:** Tajikistan, Leader of the Nation, international community, foreign policy, sustainable development, role, global initiatives, diplomatic service.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сироҷиддин Муҳриддин*** **–** Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Сурога:** 734001, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шероз 33. E-mail**: info@mfa.tj.** Телефон**: +992 37 2211808**

**Сведения об авторе:** ***Сироджиддин Мухриддин*** **–** Министр иностранных дел Республики Таджикистан. **Адрес:** 734001, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Шероз 33. E-mail: **info@mfa.tj.** Телефон**: +992 37 2211808**

**Information about the author:** ***Sirojiddin Muhriddin*** **–** Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734001, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sheroz str., 17. E-mail: **info@mfa.tj.** Phone: **+992 37 2211808**

ТДУ: 323 (575.3)

# ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ ИСЛОМИ СИЁСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 70-80-УМИ АСРИ XX)

***Раҷабалиев Ф.З.***

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ**

Омӯзиши таърихи ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳокимият ва дин ҳамеша дар ҳамбастагӣ қарор доштаанд. Сиёсишавии ислом низ дар замони муосир аслан падидаи нав набуда, он дар тули таърихи мавҷудияти худ бо сиёсат пайванди қавӣ дошт, ки аз табиати худи ислом бармеояд. Зуҳури хусусияти сиёсии ислом дар ҳар як давраи таърихии он шакли ба худ хос дорад. Давраи нисбатан нави дар ҳаёти мусалмонон нақши сиёсӣ бозидани ислом, ки онро дар матбуот ва дигар воситаҳои ахбор “сиёсишавии ислом” номидаанд, ба солҳои 70-80-уми садаи XX рост меояд. Дар ин давра таъсири “омили исломӣ” дар ҳаёти давлатҳои мусулмонӣ хеле қувват гирифт [3,с.8-11]. Ин падида дар шакли афзудани миқдори ҳизбу ҳаракатҳои динӣ-сиёсии ғайрисуннатӣ ва таъсис ёфтану васеъ гардидани ташкилотҳои байналмилалии мусулмонӣ зуҳур ёфтааст. Масалан, дар сатҳи байналмилалӣ чунин созмонҳо, ба мисли “Лигаи олами ислом”, “Созмони ҳамкории исломӣ”, “Шурои олӣ доир ба корҳои ислом”, “Академияи таҳқиқотҳои исломӣ дар назди донишгоҳи Ал-Азҳар” ва ғайраҳо ба вуҷуд омаданд.

Исломи сиёсӣ, ба ақидаи аксар муҳаққиқон, ин зуҳуроти мураккаб ва бисёрҷанба мебошад, ки бештар дар натиҷаи таҳаввулоти дохилии ҷаҳони ислом ва якшавии силсилаи равандҳои ин таҳаввулот, алалхусус сиёсишавии аҳолии мусулмони пайваста афзоянда, аз тарафи онҳо азхудкунии таҷрибаи бегона ва дар гирдоби ҳаводиси асри XX коркарди таҷрибаи хосси инқилобӣ пайдо шудааст.

Дар ин маврид як нуктаро бояд ёдовар шуд, ки таҷрибаи 50-солаи сиёсисозии ислом нишон медиҳад, ки ин раванд бештар на дар он кишварҳое ба амал меояд, ки хусусияти суннатӣ доранд ва дар он мамлакатҳо неруи анъана ҳоло ҳам устувор буда, сатҳи диндорӣ баланд аст, балки дар он кишварҳое бештар рӯйи кор меояд, ки онҳо сатҳи баланди модернизатсия ва дунявиятро ноил шудаанд. Ба ақидаи муҳаққиқ А.В. Митрофанова, “сабаби ин дар он будааст, ки мақсади сиёсисозии дин ин на бозгашт ба гузашта ва ҳифз кардани унсурҳои кухнашуда, балки кӯшиши бомуваффақият модернизатсия кардани ҷомеа ба маънои васеаш (аз ҳаёти иқтисодӣ то иҷтимоию сиёсӣ) мебошад” [5,с.42]. Аз ин рӯ, яке аз сабабҳои сиёсишавии ислом бомуваффақиятии раванди умумиҷаҳонии модернизатсияи ҷомеаи исломӣ мебошад. Ба ақидаи С.А. Семедов, “суръати сиёсисозӣ бо суръати модернизатсия мутаносиб аст, яъне модернизатсия ба таназзули дин наовардааст, балки исломро ба шӯр оварда, фаъол сохтааст...” [7,с.230-239].

Тасаввуроти баръакси исломи сиёсӣ ин исломизм, ё худ радикализми исломӣ мебошад. Таърифи нисбатан пурраи исломизмро шарқшиноси рус А. Игнатенко медиҳад: «Исломизм ин идеология ва фаъолияти амалӣ мебошад, ки ба бунёди шароитҳое нигаронида шудааст, ки дар онҳо масъалаҳои ҳалталаби иҷтимоӣ, иқтисодӣ, этникӣ ва дигар ихтилофоти дилхоҳ ҷомеа (давлат), инчунин байни давлатҳое, ки дар онҳо мусулмонҳо зиндагӣ мекунанд, танҳо бо истифода аз меъёрҳои исломии дар шариат навишташуда ҳаллу фасл карда мешаванд» [10,с.7]. Маҳз барои ҳамин исломизм инчунин исломи сиёсӣ ё исломи сиёсикардашуда номида мешавад.

Масалан, Х. Дюран – олими илми диншиносии Донишгоҳи Филаделфияи ИМА, дар асоси тадқиқоти худ навиштааст, ки “...исломгароӣ ё исломи сиёсӣ аз нав зинда кардани фашизм мебошад, исломгароӣ дин нест, он фақат намуди зоҳирии динро барои ҳадафҳои сиёсии худ истифода мебарад...” [11,с.40].

Аз иқтибосҳои овардашуда хулоса кардан мумкин аст, ки мафҳуми наҳзати ислом (исломи сиёсӣ) маънои онро дорад, ки гурӯҳу ашхоси алоҳида зери парчами дини ислом ҳаракату ташкилотҳои сиёсии худро созмон дода, дар равандҳои сиёсии ҷомеа иштирок мекунанд, чунки ҳадафи аслии онҳо ба даст овардани ҳокимият ва таъсис додани

давлати исломӣ мебошад. Дар баланд рафтани нақши «омили исломӣ» ва хусусияти глобалӣ касб кардани раванди сиёсисозии ислом дар охири садаи XX ва ибтидои садаи XXI як қатор ҳодисаҳо таъсири худро расондаанд, ки дар миёни онҳо нақши Инқилоби исломии Эрон хеле муассир аст [1,с.21].

18 августи соли 1986 Бюрои Сиёсии КМ ҲКИШ қарор "Дар бораи пурзӯр кардани мубориза бо таъсироти ислом"-ро қабул кард, ки он ҳаёти мусулмонони кишварро ба танзим медаровард. Ин пеш аз ҳама ба вазъияти Осиёи Марказӣ, ки дар солҳои 80-ум ба миён омада буд, вобастагӣ дошт. Дар ин давра бори аввал фаъолияти гурӯҳҳои "динӣ-ифротӣ" зоҳир гардид, ки онҳо баргаштан ба исломи замони Пайғамбарро ташвиқ мекарданд. Ба ақидаи аксари муҳаққиқон, ин дар фаъолияти тарафдорони равияи "ваҳҳобия" ба назар мерасид. Ваҳҳобия яке аз фирқаҳои суннӣ буда, асосгузораш Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб (1703-1787) мебошад. Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб ақидаҳои худро аз осори Ибни Таймия ва Ибни Қайим гирифтааст. Ибни Таймия яке аз фуқаҳои машҳури ҳанбалия буд. Ваҳҳобиён муътақиданд, ки дар тули солҳои зиёд усулу фурӯи ислом тағйир ёфта, ба он бидъатҳои сершуморе дохил шудаанд, ки дар натиҷа ислом аз содагию басотати аввалаи худ дур рафтааст ва он бояд ба ҳолати нахустини беолоиши худ баргардонида шавад. Бино бар ин, мусулмонон тибқи усуле, ки Пайғамбар ҳукм фармудааст, бояд рафтор намоянд, аз корҳое, ки ӯ манъ намудааст, иҷтиноб варзанд, ба нубуввати расули Худо қоил бошанд ва ба русуму қавоиди замони садрулислом содиқ бимонанд. Аз ин рӯ, аксари кулли муҳаққиқон ваҳҳобияро фирқаи бунёдгароёна (фундаменталистӣ) ба қалам додаанд [4,с.70-85].

Исломгароён аз сиёсати "бозсозӣ" истифода карда, даъватро ҷиҳати эҳё намудани ислом оғоз ва пурзӯр карда, ғояи ваҳдати ислом ва сиёсатро дастгирӣ карданд ва инчунин ба муҷоҳидони Афғонистон, ки бо неруҳои Шуравӣ муқовимат мекарданд, ҳамкориро ба роҳ монданд. Имрӯз ба касе пӯшида нест, ки ҳама он гурӯҳҳои динӣ-ифротие, ки аз номи дини ислом ҳарф мезананд, албатта, аз дастгирии хадамотҳои махсуси давлатҳои манфиатдор бархӯрдоранд. Гурӯҳҳои динии солҳои 70-90-уми асри гузаштаи Осиёи Миёна (салафиҳои имрӯза) низ аз бисёр ҷиҳатҳо натиҷаи фаъолияти ҳамин хел хадамотҳои махсус буданд (ҳастанд).

Дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ теъдоди зиёди мусалмонон зиндагӣ мекарданд, ки ба гуфтаи директори РМР (ЦРУ) Уилям Кейси, ба Иттиҳоди Шуравӣ зарари ҷиддӣ расонида метавонистанд. Дар пайи ин ҳадаф афсарони РМР ҳатто Қуръонро ба забони халқҳои мусулмони Осиёи Миёна тарҷума карда, ба қаламрави Шуравӣ интиқол додаанд [2,с.116]. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқон, соли 1984 РМР якҷоя бо ҳамкасбони покистонии худ нақшаи ҷиҳодро барои муҷоҳидони афғон, ки бар зидди ИҶШС меҷангиданд, таҳия кардаанд.

Роҳбарияти ИҶШС ва ИМА хуб фаҳмида буданд, ки таҳкими исломи сиёсӣ, нуфузи афзояндаи фундаменталистҳои исломӣ, инқилоби исломӣ дар Эрон, ноамнии ҷиҳоди Афғонистон - ҳамаи инҳо боиси бедоршавии мусалмонони сокини Осиёи Миёнаи Шуравӣ хоҳад гашт. Аммо, мубориза бо ин падида мушкил буд, зеро болоравии исломизм бо оғози бозсозӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ рост омад. Таҷдиди сохтор вазъро бадтар кард ва дар ниҳоят ба фурӯпошии идоракунии сиёсӣ оварда расонд, ки онро фаъолони исломӣ ва ҷудоихоҳон истифода мекарданд. Роҳбарияти шуравӣ дар ин давра натавонист посухҳои мувофиқ ба мушкилоти ислом пайдо кунад ва ба ҳама чиз муқовимат намояд. Ин равандҳо дар водии Фарғона босуръат ҷараён доштанд, ки ҳамеша нисбат ба дигар минтақаҳо бо диндории баланд ва риояи қатъии меъёрҳои шариат фарқ мекарданд. Дар солҳои 80-ум маҳз дар ин ҷо созмонҳои динӣ-сиёсӣ ба вуҷуд омаданд. Дар пайдоиш ва ташаккулёбии онҳо омилҳои берунӣ нақши бузург мебозиданд.

Масалан, дар соли 1987 сафирон аз чанд давлати мусулмонӣ ба таври ғайриқонунӣ ба Намангони Ӯзбекистон ташриф оварданд. Ҳангоми вохӯрии пинҳонӣ бо руҳониёни маҳаллии Намангон дар масҷиди Гумбази шаҳр, онҳо масъалаи ташкили эҳёи ҳизби исломиро баррасӣ карданд, ки ҳадафи он ташкили воҳиди исломӣ дар тамоми водии Фарғона буд. Баъдтар ба ин ҳолати фарзия номи ихтисоршудаи FANO дода шуд, ки он

бо ҳарфҳои аввали шаҳрҳои асосии минтақа: Фарғона, Андиҷон, Намангон ва Ош сохта шудааст [2,с.121].

Солҳои 80-уми асри XX, дар давраи бо истилоҳ «бозсозии Горбачев», ки дар натиҷаи он «панҷараи оҳанин» миёни кишварҳои хориҷии Ғарб ва Иттиҳоди Шуравӣ аз байн рафт, роҳбарони ташкилоти байналмилалии террористии “Ихвон-ул-муслимин”-ро дар пояи мазҳабӣ рух додани низоъҳои миллӣ барои пурзӯр намудани корҳои таблиғотӣ ва тахрибии ғоявии худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ руҳбаланд кард [9,с.1-2]. Дар Тоҷикистон эҳёшавии исломгароии сиёсиро, ки аз таълимоти равияи “ваҳҳобия” сарчашмаи бевосита мегирад, ба фаъолияти руҳонии машҳури кишвар - Рустамов Муҳаммадҷон (қорӣ Муҳаммадҷони Ҳиндустонӣ) ва пайдоишу ташаккули ҳаракати “Наҳзати ҷавонони исломии Тоҷикистон” алоқаманд медонанд.

Рустамов Муҳаммадҷон (қорӣ Муҳаммадҷони Ҳиндустонӣ) муддати 8 сол (1908-1916) дар мадрасаи Усмонияи шаҳри Аҷмери Ҳиндустон таҳсил намуда, дар ибтидои солҳои 60-уми асри XX дар гирди худ ҷавонон, пеш аз ҳама, зодагони минтақаи Қаротегинро, ки таваҷҷуҳи бештар ба дин доштанд, ҷамъ ва муттаҳид карда, зери пӯшиши маҳфилҳои бо истилоҳ “Бедилхонӣ”, мактабҳои зиёди ғайрирасмии диниро ифтитоҳ намуда, аллакай дар он замон ба толибилмон оид ба мақсадҳои исломи сиёсӣ дарс хондааст. Аз ин рӯ, табиист, ки толибилмони аввалини Рустамов Муҳаммадҷон С.Нурӣ, Ҳимматзода М., Қаландаров С., Ғуфронов М. зери таъсири ғоявии ӯ тарбия ёфта, минбаъд ташкилкунандагону роҳбарони созмони “Наҳзати ҷавонони исломии Тоҷикистон” шуданд. Таҳлили сарчашмаҳои мухталифи дастрасгардида далели онанд, ки ҳаракати “Наҳзати ҷавонони исломии Тоҷикистон” ҳамчун ташкилоти сиёсӣ солҳои 70-уми асри XX пайдо шуда, тадриҷан ба як неруи исломи бунёдгаро мубаддал мегардад, ки решаҳои иҷтимоиву ақидавии он аз манбаъҳои боз ҳам амиқтар маншаъ мегиранд.

Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳои мавҷуда маълум аст, ки аввалин ҳалқаи ҳаракати “Наҳзати ҷавонони исломии Тоҷикистон” дар таърихи 20 апрели соли 1973 ба таври пинҳонӣ дар хонаи яке аз собиқадорони созмон Қаландар Садриддинов дар шаҳри Бохтар (собиқ Қӯрғонтеппа) таъсис дода шудааст. Дар ин рӯз панҷ нафар пайравони исломи бунёдӣ, яъне С.А.Нурӣ, Ғуфронов Муҳаммадҷон, Домулло Неъматулло, Саломов Одинабек ва Садриддинов Қаландар оид ба ташкил додани ҳаракати “Наҳзати ҷавонони исломии Тоҷикистон” қарор қабул карданд.

Аз тарафи роҳбарони ин ҳаракат қабул гардидани ақидаҳои “исломи бунёдӣ” муқаррарӣ буд, чунки ҳанӯз соли 1972 бо тавсияҳои С.А.Нурӣ Ғуфронов М. (қорӣ Муҳаммад) ба ш. Андиҷони Ӯзбекистон сафар намуда, дар он ҷо то соли 1978 дар назди руҳониёни маъруф қорӣ Мубин ва Аллома Раҳматулло таҳсилоти ғайриқонунии динӣ гирифта буд. Вақти бозгашт ба Тоҷикистон бо худ пинҳонӣ 200 адад адабиёт, аз ҷумла китобҳои дарсии Ҳасан ал-Банна, Саид ва Муҳаммад Қутб, Абуало ал-Маъдудӣ ва дигар фақеҳони “исломи сиёсӣ”-ро овард.

Соли 1983 Рустамов Муҳаммадҷон (*қорӣ Муҳаммадҷони Ҳиндустонӣ, с.т. 1892, зодаи деҳаи Чорбоғи шаҳри Қӯқанд, роҳбари маънавии асосгузорони “НҶИТ”*) ба деҳаи Пилдони Болои ноҳияи Лахш бо ҳамроҳии шогирдонаш С.А.Нурӣ, Саломов Ҷумъабек ва дигарон сафар карда, дар ҳузури намозгузорон ба зид набудани худ ва пайравонаш ба таълимоти бунёдгароии динию сиёсии ваҳҳобия иқрор шудааст. Аз ҷумла, ба саволи яке аз иштирокдорони суҳбат ҷавоб гуфта, тасдиқ кардааст, ки намоз хондан аз қафои муллои “ваҳҳобӣ” дуруст мебошад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳанӯз аз ҳамон давра ғояҳои исломи сиёсии бунёдгароӣ дар симои гурӯҳи ваҳҳобиҳо дар минтақаҳои Қӯрғонтеппаю Қаротегин пайдо шудааст. Дар паҳншавии ин таълимот “фатво”-и Рустамов Муҳаммадҷон нақши муассир бозидааст. Ҳарчанд шоҳидоне ҳастанд, ки дар бораи муносибати минбаъдаи Рустамов М. (Мавлавӣ Муҳаммадҷони Ҳиндустонӣ) бо С.А.Нурӣ огоҳӣ дошта, таъкид мекунанд, ки Рустамов М. С.Нуриро аз дарсаш ҳатто пеш кардааст. Баъдан маълум гашт, ки онҳо дар ақида зид набуда, танҳо дар масъалаи ташкили ҳизб, ки ба ақидаи Рустамов М. ҳоло вақташ нест, мухолифат доштаанд. Баъди ин “шогирдон” аз “устод”-и худ ҷудо гашта бошанд ҳам, лекин дар ҳама ҷо таъкид мекарданд, ки Мавлавӣ Муҳаммадҷони

Ҳиндустонӣ бо онҳост. Ҳарчанд дар ибтидо ин ҳаракат зоҳиран худро дорои хусусияти омӯзишӣ ва таълимоти динидошта нишон додан мехост, вале бо сабаби ҳадафҳои сиёсӣ доштанаш, тадриҷан ба созмони исломи сиёсӣ (ифротгаро) мубаддал гашт.

Ҳаракати "Наҳзати ҷавонони исломии Тоҷикистон" сохтори муайяни худро дошт: роҳбари он С.А.Нурӣ, сардори шуъбаи идеологӣ Ғуфронов М., шуъбаи кор бо ҷавонон Домулло Неъматулло, шуъбаи молия Садриддинов Қ. ва шуъбаи амният Саломов О. муайян шуданд. Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки пайдоиши ҳаракати "Наҳзати ҷавонони исломии Тоҷикистон" дар арсаи сиёсат ҳодисаи тасодуфӣ набуда, балки мақсаднок ҳамчун ҳизби дорои идеология ва сохтори муайян, барномаи сиёсӣ ва мақомоти махсус таъсис ёфтааст. Дар ибтидо ҳаракати "Наҳзати ҷавонони исломии Тоҷикистон" дар назди худ чунин вазифаҳоро гузошта буд:

- паҳн намудани адабиёти динӣ-сиёсӣ, ки аз кишварҳои хориҷӣ пинҳонкорона интиқол карда мешуд;

- дар асоси ғоявӣ ҷалби ҷавонони болаёқат ба сафи ҳаракати номбурда ва истифодабарии минбаъдаи онҳо ба сифати мубаллиғони ақидаҳои ҷараёни "ваҳҳобия", инчунин истихдомкунандагон;

- ба аъзои ҳаракат омӯзонидани талаботи риояи қоидаҳои махфикорӣ, хусусан дар рафти амалӣ кардани корҳои таблиғотӣ, ҷалбкунии тарафдорон, дастрас ва паҳн намудани адабиёти динӣ, инчунин пинҳонкорона нигоҳ доштани онҳо дар ҷойҳои махсус (махфигоҳҳо);

- таъмини амнияти роҳбарон ва аъзои ҳаракати "Наҳзати ҷавонони исломии Тоҷикистон";

- ба ҷавонон омӯзонидани арзишҳои исломӣ ва бо ин мақсад ба таври пинҳонӣ кушодани мактабҳои ғайриқонунии динӣ ва ғайра.

Дар раванди гузаронидани дарсҳо дар баробари омӯзиши китобҳои ба равияи "ваҳҳобия" тааллуқдошта, аз ҷониби С.А.Нурӣ ва ҳаммаслаконаш таваҷҷуҳи толибилмон ба масъалаҳои исломи сиёсӣ, яъне оид ба давлатдорӣ, ҳокимият, ҷойи дин дар сохтори давлат, риояи талаботи пинҳонкорӣ ҷалб мегардид, ки ин амалро ҳамчун аввалин ҳаракат оид ба таблиғоти исломи бунёдгаро дар Тоҷикистон ва ташкили фаъолияти сохтори махсуси сиёсӣ арзёбӣ кардан мумкин аст [6,с.12-40].

Роҳбари ҳаракати "Наҳзати ҷавонони исломии Тоҷикистон" С.А.Нурӣ дар бораи барномаи аввалияи наҳзат чунин гуфта буд: «Мувофиқи тақозои ҳамон замона дар барномаамон ду чиз буд: таълиму тарбия ва даъват». Ҳадафи созмонро низ ӯ ба таври сода чунин баён кардааст: «Мақсад ҳамин буд, ки исломро мардум бифаҳманд ва аз воқеият огоҳ шаванд. Дар тани беҷон (*яъне дини ислом-Р.Ф.!*) ҷон (*яъне сиёсат-Р.Ф.!*) ворид кунем» [9,с.8].

С.А. Нурӣ дар хотираҳояш барномаи таълимии худро чунин шарҳ додаст: «Дар ибтидо ман ба шогирдон ва наздикони худ як силсила китобҳоеро, ки барои ташкили як ҳаракати исломӣ ҳидоят мекарданд, таълим додам. Услуби таълими дарс тарзе буд, ки дар шуури онҳо афкори навро бедор мекард, то перомуни ташкили як созмони сиёсии исломӣ биандешанд ва зарурияти онро пай баранд»..., [9,с.7] «чунин барномае мураттаб кардем, ки вақте шогирд онро мехонд, худаш хоҳишманд мешуд ва изҳор мекард, ки созмоне таъсис гардад» [9,с.2-4].

Онҳо бо ҳар роҳу восита рӯзномаву маҷаллаҳои хориҷӣ, хусусан ба забони арабӣ навишташударо дастрас намуда, мехонданду таҳлилу баррасӣ мекарданд. Дар баробари ин бо ҳаммаслакону ҳамақидаҳои худ дар дигар ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ ва кишварҳои хориҷӣ пайваста робитаи ғайрирасмӣ доштанд. Чунончи, яке аз асосгузорони ҳаракат Саломов Ҷумъабек бо мақсади бархӯрдор шудан аз таҷрибаи фаъолияти гурӯҳҳои исломӣ аз ҷониби роҳбарияти Наҳзати ҷавонони исломии Тоҷикистон ба ҷумҳуриҳои Чеченистону Доғистони Федератсияи Россия фиристода шуда буд.

Хусусияти ин марҳила дар он аст, ки барои пурзӯр намудани корҳои таблиғотӣ оид ба паҳн намудани ақидаҳои "динӣ-ифротӣ" ва бо ин роҳ расонидани таъсири зарурии ғоявӣ-динӣ ба мафкураи ҷавонон соли 1978 шахсан С.А. Нурӣ бо қорӣ Мубин, қорӣ Абдувалӣ Мирзоев ва Аллома Раҳматуллоҳ робитаи наздику мустаҳкам барқарор

кард. Бояд қайд кард, ки шахсони мазкур “ҳамсабақон”-и С.А. Нурӣ дар нимаи солҳои 60-уми асри XX дар назди Мавлавӣ Муҳаммадҷони Ҳиндустонӣ буданд. Дар он замон фаъолони ҳаракати наҳзати исломии ҷавонони тоҷик пайваста бо супориши С.А. Нурӣ дар маъракаю маросими динӣ баромад намуда, руҳониёни расмӣ, эшонҳо ва инчунин сохти давлатиро танқид мекарданд, ки ин нишонаи рӯирости таблиғоти ақидаҳои ифротии исломи сиёсӣ мебошад.

Зикр бояд кард, ки дар охири солҳои 80-уми асри XX ин созмони исломгароён ба ҳаракати динию сиёсӣ табдил ёфта, дар минтақаҳои дигари кишвар пинҳонӣ шуъбаҳои худро таъсис дод. Ин созмон симои сиёсии худро соли 1986 бо ташкил намудани гирдиҳамоии зиддидавлатӣ дар шаҳри Бохтар (собиқ ш.Қӯрғонтеппа) нишон дод. Рӯзи 22 июни соли 1986 роҳбари созмон барои амалҳои зиддиҳукуматиаш аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶШС Тоҷикистон дастгир шуд, ки он боиси сар задани эътирози ҷонибдоронаш гашт.

Бо мақсади пешгирӣ намудани бетартибиҳои оммавӣ ва бадтар нагардидани авзои сиёсии вилоят С.А.Нурӣ аз боздоштгоҳи муваққатӣ бо қарори Прокуратураи генералӣ озод карда шуд. Чунин ҳолат барои сарҷамъ кардани тарафдорони зиёди наҳзатиён дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ мусоидат намуда буд, ки роҳбарияти он аз соли 1986 шуруъ карда, тавонист дар эътирозҳои оммавию сиёсӣ қувваи мардумро фаъолона истифода намояд. Бояд қайд кард, ки ба ақидаи аксар муҳаққиқон, ҳодисаҳои соли 1986 аввалин бархӯрди қатъии ҳукумат бо намояндагон ва тарафдорони исломи сиёсӣ буд. Ин ҳодиса дар таърихи ташаккули «исломи сиёсӣ» дар Тоҷикистон нуқтаи муҳим аст, зеро ин аввалин боздошти гурӯҳи руҳониёни ошӯбгар бо ҷурми сиёсӣ буд.

Сарфи назар аз ин, соли 1986 С.А. Нурӣ бо чанд ҷурми дорои хусусияти сиёсидошта айбдор дониста шуда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, ба муддати беш аз 1,5 сол аз озодӣ маҳрум карда шуд. Дар муассисаҳои ислоҳӣ С.А. Нурӣ ба омӯзиши масъалаҳои гуногуни динӣ, пеш аз ҳама, “исломи сиёсӣ” машғул шуд. Дар баробари ин, бо китобҳои роҳбари “инқилоби исломӣ”-и Эрон шинос шуда, ақида, тарзу усули сари қудрат омадани руҳониёнро ҳамчун намуна қабул намуд ва худро ба сифати қурбонии режими онвақтаи Давлати Шуравӣ ҳисобид.

Хулоса, пайдоиши гурӯҳҳои динӣ-сиёсӣ дар давраи барои Ҳукумати Шуравӣ хеле вазнин, яъне замони “бозсозӣ” рост омад, ки аз он фаъолони исломӣ ва ҷудоихоҳон истифода карданд. Дар пайдоиши исломи сиёсӣ дар симои ҳаракати “Наҳзати ҷавонони исломии Тоҷикистон” тайи солҳои 70-80-ум дар Тоҷикистон омилҳои беруна ва кишварҳои манфиатдори минтақа накши асосӣ бозидаанд. Дар баробари ин, буданд омилҳои мусоидаткунандаи дохилӣ, ки ин равандро метезониданд.

**Муқарриз:Сафарализода Х.Қ.-н.и.с., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Алиев С.М. Современное исламское возрождение и его особенности (на примере Ирана и Турции). Ислам и политика / С.М. Алиев. – М.: «Крафт+», 2001. – 420 с.
2. Белоглазов А.В. Влияние ислама на политические процессы в Центральной Азии: учеб. пособие / А.В. Белоглазов. –Казань: Казан. ун-т, 2013. – 294 с.
3. Валиахметова Г.Н. Исламский фактор в мировой политике: курс лекций / Г.Н. Валиахметова. Науч. ред. В.А. Кузьмин. -Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2013. – 124 с.
4. Милославский Г.В. Ваххабизм в идеологии и политике мусульманских стран (к эволюции возрожденческого течения в исламе). Ислам и политика / Г.В. Милославский. – М.: «Крафт+», 2001. – 420 с.
5. Митрофанова А.В. Политизация «православного мира» / А.В. Митрофанова. – М.: Наука, 2004. – 292 с.
6. Назиров Д. Проблемы политического ислама и конфликты в государствах Центральной Азии: дис. ... канд. полит. наук / Д. Назиров. – Душанбе, 2017. – 156 с.
7. Семедов С.А. Политизации ислама в современном мире / С.А.Семедов // Государство, религия, церковь в России и за рубежом. – М., 2009. – № 3. –С.230-239.
8. Семедов С.А. Ислам в политике: идеология и практика / С.А. Семедов. -М.: Экон-Информ, 2009. -272 с.
9. Суннатулло Иброҳимзода. Ваҳҳобия ва ҳизби исломӣ // Рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ». – 1990. -20 ноябр. – №264 (18.235).
10. Игнатенко А.А. «Ислам и политика». Сб. статей / А.А. Игнатенко. -М.: Новое издательство, 2004. -350 с.
11. Durán Kh. Muslims and Islamists in America // L’abbaglio dell’immigrazione. Rome: Istituto di Formazione per le Scienze Antropologiche. Pp. 27–28; 2000.

## ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ ИСЛОМИ СИЁСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 70-80-УМИ АСРИ XX)

Дар мақола омилҳои дохиливу берунии зуҳурёбии исломи сиёсӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 70-80-уми асри XX ва таъсири "омили исломӣ"-и кишварҳои мусулмонӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Муаллиф дар асоси сарчашмаҳои гуногуни илмӣ, зуҳуроти исломи сиёсиро дар Тоҷикистон ба кишварҳои манфиатдори мусулмонӣ ва созмону ташкилотҳои ифротӣ ва радикалӣ рабт медиҳад. Муаллиф таъкид мекунад, ки сиёсишавии ислом дар замони муосир аслан падидаи нав набуда, он дар тули таърихи мавҷудияти худ бо сиёсат пайванди қавӣ дошт, ки он аз табиати худи ислом бармеояд. Зуҳури хусусияти сиёсии ислом дар ҳар як давраи таърихии он шакли ба худ хос доштааст. Дар замони нав ин падида дар шакли афзудани миқдори ҳизбу ҳаракатҳои динӣ-сиёсии ғайрисуннатӣ ва таъсис ёфтану васеъ гардидани ташкилотҳои байналмилалии мусулмонӣ зуҳур ёфтааст. Зуҳури исломи сиёсӣ дар Тоҷикистон ба солҳои 70-80 асри XX рост меояд. Оғоз гардидани давраи бозсозӣ боиси тақвиятёбии ин раванд гардида буд. Бино бар ин, яке аз сабабҳои сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар кишвар афзоиши таъсири исломи сиёсӣ маҳсуб меёфт.

**Калидвожаҳо:** исломи сиёсӣ, созмонҳои байналмилалии исломӣ, "омили исломӣ", "салафия", "Наҳзати ҷавонони исломии Тоҷикистон", "Ихвон-ул-муслимин".

## ПРЕДПОСЫЛКИ ПОЯВЛЕНИЯ ПОЛИТИЧЕСКОГО ИСЛАМА В ТАДЖИКИСТАНЕ (70-80 ГОДЫ XX ВЕКА)

В статье рассматриваются внутренние и внешние факторы возникновения политического ислама в Таджикистане в 70-80-х годах XX века. Автор, ссылаясь на различные научные источники, связывает образование политического ислама в Таджикистане с заинтересованными мусульманскими странами и экстремистско-радикальными организациями. Автор подчеркивает, что политизация ислама в Новое время - явление не новое, и на протяжении всей своей истории оно имела прочные связи с политикой, что вытекает из самой природы ислама. Проявление политической природы ислама в каждый из его исторических периодов имеет свою форму. В новое время это явление проявилось в виде увеличения количества нетрадиционных религиозно-политических партий и движений, создания и расширения международных мусульманских организаций. Появление политического ислама в Таджикистане относится к 70-80-м годам XX века. Начало перестройки привело к усилению этого процесса. Поэтому одной из причин начала гражданской войны в стране стало усиление влияния политического ислама.

**Ключевые слова**: политический ислам, «Исламский фактор», международные исламские организации, "Салафия", "Возрождение исламской молодежи Таджикистана", "Братья-мусульмане".

## THE APPEARANCE OF POLITICAL ISLAM IN TAJIKISTAN IN THE 70-80S XX CENTURY

The article describes the internal and external factors of the emergence of political Islam in Tajikistan in the 70-80s of the twentieth century. The author, be founded on various scientific sources, connects the formation of political Islam in Tajikistan with interested Muslim countries and extremist-radical organizations. The author emphasizes that the politicization of Islam in modern times is not a new phenomenon, and throughout its history it had a strong connection with politics, which follows from the very nature of Islam. The manifestation of the political nature of Islam in each of its historical periods has its own form. In modern times, this phenomenon manifested itself in the form of an increase in the number of non-traditional religious and political parties and movements, the creation and expansion of international Muslim organizations. The emergence of political Islam in Tajikistan dates back to the 1970s and 1980s. The beginning of perestroika led to the intensification of this process. Therefore, one of the reasons for the start of the civil war in the country was the strengthening of the influence of political Islam.

**Keywords**: Political Islam, "Islamic factor", International Islamic organizations, "salafiya", "Revival of the Islamic Youth of Tajikistan", "muslim brotherhood".

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабалиев Файзиддин Зиёвудинович*** **-** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯйи шуъбаи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **(+992) 987611114.** E-mail: **rachabov2022@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Раджабалиев Файзиддин Зиёвудинович*** – Институт философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана соискатель отдела политологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: **(+992) 987611114.** E-mail: **rachabov2022@bk.ru**

**Information about the author:** ***Rajabaliev Fayziddin Ziyovudinovich*** - the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant of the Department of Political Science. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 33. Phone: **(+992) 987611114.** E-mail: **rachabov2022@bk.ru**

**ТДУ: 327.88**

# НАҚШИ ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ТАШКИЛИ БЕТАРТИБИҲОИ ОММАВӢ

*Саркориев Т.Б.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Шабакаи ҷаҳонии интернет ба сифати тадбиқкунандаи тараққиёти бесобиқаи илмию техникии асри XXI баромад менамояд. Паҳншавии бесобиқаи технологияи иттилоотӣ ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро куллан тағйир дод ва имконияти васеи иттилоотиро фароҳам овард. Яке аз захираҳои асосии интернет шабакаи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити ҳозира шахсеро ёфтан ғайриимкон аст, ки аз шабакаи ҷаҳонии интернет ва ё шабакаҳои иҷтимоӣ истифода набарад. Мувофиқи таҳқиқоти сотсиологӣ, аз ду як истифодабарандаи шабакаи ҷаҳонии интернет мунтазам ба шабакаҳои иҷтимоӣ ворид мешавад. Дар ибтидо “шабакаи иҷтимоӣ” маънои дигар дошт. Дар шакли ибтидоӣ зери мафҳуми шабакаҳои иҷтимоӣ гурӯҳи одамоне фаҳмида мешуд, ки бо ҳам робита ва ҳамкорӣ доштанд [21,с.39-58]. Аввалин маротиба ибораи шабакаҳои иҷтимоиро ба гардиши илмӣ сотсиологи англис Ҷ.А. Бернсом ворид намуда буд.

Консепсияи мазкур баъди пайдо шудани интернет дар соли 1969, ки ба пайдоиш ва инкишофи шабакаҳои иҷтимоии муосир замина гузошт, маънои дигарро соҳиб гардид. Аввалин шабакаи иҷтимоӣ бо истифодаи технологияи компютерӣ соли 1971 сохта шуда буд. Он аз ҷониби ҳарбиён барои интиқоли хабар ба воситаи “ARPANET” истифода бурда мешуд. Баъди 17 сол олими финӣ Яркко Ойкаринен протоколи “IRC”*-ро ихтироъ намуда буд, ки ба воситаи он имконияти иртиботи байниҳамдигарии гурӯҳӣ вуҷуд дошт [7]. Аммо фарогирии умумро шабакаҳои иҷтимоӣ баъдтар соҳиб гардиданд.

Соли 1995 Ренди Конрадс аввалин шабакаи иҷтимоиро дар шакли муосир сохта буд, ки номаш “Classmates.com” буд. Шабакаи иҷтимоии номбаршуда барои он истифодабарандагоне пешниҳод шуда буд, ки онҳо мақсади пайдо намудани ҳамкурс ва ё ҳамсинфони худро доштанд. Дар шароити ҳозира ин шабакаи иҷтимоӣ зиёда аз 50 млн аъзо дорад, ки тарҳи русии он “Одноклассники” ном дошта, он зиёда аз 300 млн истифодабаранда дорад.

Даҳсолаи охир афзоиши шумораи истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ нисбат ба интернет бештар шуда истодааст. Дар замони ҳозира шумораи умумии истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ ба 4,62 млрд нафар расидааст. Мувофиқи ҳисобот зиёда аз 1 млн нафар дар як рӯз ва 13 нафар дар як сония истифодабарандаи нав ба шабакаҳои иҷтимоӣ аъзо мешаванд [16].

Мувофиқи таҳқиқоти “Data Reportal”, 15,7%-и истифодабарандагони интернет дар сатҳи ҷаҳонӣ аз WhatsApp истифода мебаранд, ки ин нишондод нисбат ба дигар шабакаҳои иҷтимоӣ ва паёмакрасонҳо баланд аст. Ҳамин тариқ, Instagram -14,8%, Facebook -14,5%, WeChat -11,4%, Douyin -5,1%, Tiktok -4,3%, Twitter – 3.3%, FB Messenger -2.4%, Telegram -2.8%, Snapchat -1.4% истифодабаранда дорад. Инчунин, мувофиқи ин ҳисобот ҳар як истифодабаранда дар як рӯз ба ҳисоби миёна 2 соату 27 дақиқаро дар шабакаи иҷтимоӣ мегузаронад [24].

Шабакаҳои иҷтимоӣ дар баробари ҷиҳатҳои мусбат (имконияти васеи дарёфти маълумот, пешбарии тиҷорат, воситаи муошират байни одамон ва ғ.) тарафҳои манфии худро доранд. Дар ибтидо шабакаҳои иҷтимоиро доираи муайяни донишҷӯён истифода бурда, баъдан онҳоро ҳамчун воситаи ташвиқоту тағрибот, пешбарии реклама ва таъсири психологӣ ба афкори оммавӣ истифода мебурданд. Дар шароити ҳозира онҳоро ҳамчун воситаи пешбарии ҷангҳои иттилоотӣ, ташкили бетартибӣ, намоишҳои оммавӣ, инқилоб ва сарнагун кардани режимҳои сиёсӣ мавриди истифода қарор медиҳанд.

---

* Системаи хизматӣ, ки бо ёрии он тариқи шабакаи интернет бо дигарон дар як вақт суҳбат кардан мумкин аст.

Бешубҳа, барои ташкили нооромӣ ва эътирозҳои оммавӣ воситаҳои гуногун истифода бурда мешаванд, аммо усули самаранок дар ин раванд истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ҳисобида мешавад. Афзалияти онҳо аз дигар намуди воситаҳои ахбори умум ба иштирокчии бевосита табдил ёфтани шахс ба шумор меравад. Шабакаҳои иҷтимоӣ имкон медиҳанд, ки шахс нисбати ҳолати баамаломада ба воситаҳои гуногун фикру ақидаҳои худро изҳор намояд. Лайк, паҳнкунии иттилоот ва гузоштани шарҳ аз истифодабаранда меҳнат ва вақти зиёдро талаб намекунад. Имкониятҳои таъсиррасонии иттилоотӣ-ташвиқотии шабакаҳои иҷтимоӣ хеле баланд аст. Бовар кардан ба ахбори дар интернет гузошташуда ва пайдо намудани манбаи онро қисми ками истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ пайгирӣ менамоянд. Истифодабарандагони мазкур интернет ва шабакаҳои иҷтимоиро барои амалисозии мақсадҳои ҳаёти воқеӣ истифода мебаранд. Қисми зиёди истифодабарандагон бошанд, шабакаҳои иҷтимоиро ба сифати василаи баён намудани ҳиссиёти худ истифода мебаранд. Аксари вақт ин намуди истифодабарандаҳоро «лашкари роҳаткурсӣ» меноманд [8]. Дар як қатор адабиёти илмӣ, инчунин нисбати ин навъи истифодабарандагон мафҳуми «слактивист» ё «фаъоли бекора»-ро (аз англ. «slacker» (бекора) ва «activism» (фаъол) истифода мебаранд [20].

Солҳои пеш чунин меҳисобиданд, ки слактивистҳо дар ташкили намошҳои эътирозӣ, ташаккули афкори омма, қобилияти таъсир расондан ба вазъияти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва руҳияи ҷомеа таъсиргузор нестанд. Ҳанӯз соли 2010 сотсиолог Малколм Гладуэлл қайд намуда буд, ки тағйироти иҷтимоӣ ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ ғайриимкон аст. Аммо воқеияти ҳозира гуфтаҳои зикршударо инкор менамояд. Слактивистҳо субъекти асосии ташкили намоишҳои эътирозӣ ва нооромиҳо шуморида мешаванд. Хусусиятҳои ин навъи истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ аз он иборат аст, ки онҳо кӯшиши дарёфти иттилооти дурустро намекунанд.

Соли 2009 психологи даниягӣ Андерс Колдинг-Йоргенсен тадқиқоти илмии худро дар яке аз ҷойҳои машҳури шаҳри Копенгаген –“Фаввораи лаклак”, гузаронида буд. Колдинг–Йоргенсен дар шабакаи иҷтимоии Facebook гурӯҳеро ташкил намуд ва хабареро дар он гузошт, ки гӯё ҳукумати шаҳр нияти хароб кардани фаввораи машҳурро дорад. Муҳаққиқ гурӯҳро ба “дӯстонаш” дар Facebook муаррифӣ намуд ва дар муддати чанд соат онҳо низ ба маърака пайвастанд. Чанд вақт баъд маъракаи норозигӣ ба муқобили ҳукумати шаҳр васеъ шудан мегирифт. Дар авҷи машҳур шудани ин гурӯҳ ду тарафи муқобил пайдо шуданд. Вақте ки шумораи аъзоёни он ба 27,5 ҳазор нафар расид, Колдинг–Йоргенсен тадқиқоташро хотима дод. Аз ин рӯ, шабакаҳои иҷтимоӣ ба сифати воситаи калидии сафарбаркунии оммавӣ ба шумор мераванд. Маҳз фаврӣ ва дастрас будани иттилооти сиёсӣ ва расонидани хабар дар режими онлайн имкониятҳои сафарбаркунии эътирозиро зиёд мегардонад.

Маълум аст, ки яке аз омилҳои муваффақияти тарафи муқобил дар истифодаи қувва, ин ҳукмрон будан дар фазои иттилоотии кишвар ба ҳисоб меравад. Аз нуқтаи назари манфиатҳои миллӣ барои амнияти иттилотии кишвар фаъолияти давлатҳо ба таъмини афзалият дар фазои иттилоотӣ нигаронида шудааст. Афзалиятҳои иттилоотӣ дар ба даст овардани бартарӣ дар соҳаҳои психологӣ ва итилоотӣ–техникӣ фаҳмида мешаванд. Аз ин хотир бо ба инобат гирифтани имкониятҳои истифодабарии шабакҳои иҷтимоӣ ҳар як истифодабарандаи он “аскар” дар муборизаҳои иттилоотӣ ҳисобида мешавад. Истифодабаранда метавонад ҳам ҳамчун субъекти таъсиррасонӣ ва ҳам метавонад объекти ҷангҳои иттилоотӣ баромад кунад.

Шабакаҳои иҷтимоӣ яке аз унсурҳои калидӣ дар ташкили бетартибиҳои оммавӣ ба ҳисоб рафта, ба воситаи онҳо манипулятсияи шахс, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҷомеа ба роҳ монда мешавад. Аз ин хотир бо ба инобат гирифтани ҷиҳатҳои манфӣ ва харобовари шабакаҳои иҷтимоӣ бештари давлатҳо барои ҳимояи фазои иттилоотии кишвар дастрасӣ ба онҳоро маҳдуд ва ё пурра манъ намуда, дар баробари онҳо шабакаҳои иҷтимоии алтернативӣ ба аҳолӣ пешниҳод менамоянд. Дар Куба, Кореяи Шимолӣ, Туркманистон ва Покистон бошад, амалан дастрасӣ ба ҳамаи шабакаҳои иҷтимоӣ манъ карда шудааст.

Хитой барномаи “сипари тиллоӣ”–ро ҳанӯз аз соли 2003 таҳрезӣ намуда буд. Сабаби маҳдудиятҳои интернетӣ ҳамлаҳои террористӣ дар ҳудуди кишвар ба ҳисоб мерафтанд. Баъдан маълум гашт, ки иртиботи террористҳо ба воситаи шабакаи иҷтимоии Facebook ба роҳ андохта шудааст. Аз ин рӯ, аксари платформаҳои ширкатҳои хориҷӣ, ба монанди Instagram, Facebook, Twitter, YouTube ва Google дар рӯйхати сиёҳи Хитой қарор доранд. Ба ҷойи шабакаҳои иҷтимоии ғарбӣ аҳолии Хитой WeChat, Sina Weibo, Tencent QQ, Tencent Video, Xiao HongShu, Douban, Zhihu, Meituan, Toutiao ва DouYin (TikTok)-ро истифода мебаранд [12].

Шабакаҳои тарҳи миллии Хитой ҷойгузини шабакаҳои иҷтимоии ғарбӣ буда, дар байни аҳолӣ истифодабарандаи зиёд доранд. WeChat ва Renren Network шабакаҳои иҷтимоии шабоҳати Facebook буда, дар байни донишҷӯён ва умуман аҳолии Хитой, доираи васеи истифодабарандаи худро доранд. Ҳамин тавр, алтернативаи шабакаҳои иҷтимоии Twitter –Weibo, WhatsApp ва Viber –QQ, YouTube –Youku, Mail.ru –Zhihu – сохта шудаанд.

Дар Федератсияи Россия бошад, баробари мавҷудияти маҳдудиятҳои муваққатии шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин қатъи пурраи онҳо низ ба назар мерасад. Манъ намудани шабакаҳои иҷтимоии Instagram ва Facebook ва ба рӯйхати шабакаҳои террористӣ ва экстремистӣ ворид намудани онҳо дар соли 2022 ба ин мисол шуда метавонад [2]. Ин шабакаҳои иҷтимоиро дар “даъват ба истифодаи зӯрӣ нисбати русҳо” ҷониби Русия айбдор карда буд. 11 марти соли 2022 ширкати “Meta” муваққатан ба шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Instagram иҷозати “даъват ба зӯроварӣ” нисбати ҳарбиёни русро дода буд. Кумитаи тафтишотии Федератсияи Россия алайҳи ин ширкат бар асоси ду модда –280 ва 205.1-и “Кодекси ҷиноии Федератсияи Россия”, “даъвати оммавӣ ба фаъолияти ифротгароӣ ва тарғиби фаъолияти террористӣ” парвандаи ҷиноӣ кушода буд [18]. Инчунин, маҳдудиятҳо дар шабакаҳои иҷтимоие ба монанди Twitter, TikTok, YouTube, Zoom, Viber ва ғ. вуҷуд доранд. Бояд қайд кард, ки қисме аз шабакаҳои иҷтимоӣ дар ҳудуди Русия аз ҷониби худи ширкатҳо қатъ карда шуданд (TikTok, Zoom ва ғ.).

Ба сифати ҷойгузини шабакаҳои манъшудаи Facebook ва Instagram дар Россия ВКонтакте, Одноклассники, Yappy ва Telegram пешниҳод шуда буданд. Барои баргузории конфренсияҳои видеоӣ, ки ба воситаи Zoom, Zello, Webex, Discord, Microsoft Teams ва Skype роҳандозӣ мешуданд, шабакаҳое ба монанди “EYEVOX”, “Сферум”, “Видеозвонки Mail.ru”, “Видеозвонки VK”, ва “Яндекс.Телемост” ҳамчун воситаҳои алтернативӣ омода карда шудаанд [11].

Дар Украина маҳдудияти шабакҳои иҷтимоӣ ва хадамоти интернетии русӣ то моҳи майи соли 2023 қатъ карда шудаанд. Ба ин рӯйхат ВКонтакте, Одноклассники, Яндекс ва Mail.ru дохил карда мешаванд. Ҳанӯз аз соли 2017 аналоги ВКонтакте, бо номи “Ukrainians” таъсис дода шуда буд.

Дар Туркманистон YouTube, Facebook, Twitter, ВКонтакте, WhatsApp ва Viber маҳдуд шудаанд. Ин кишвар яке аз саркӯбгари фаъоли озодии баён ва ВАО ба ҳисоб меравад. Дар баробари маҳдудият нисбати шабакаҳои иҷтимоӣ, Туркманистон якчанд тарҳи миллии шабакаҳои иҷтимоии худро дорад, ки онҳо “bizbarde.com.tm”, “Arzuw”, “YASHLYK.COM” ва “iminami.tm.” мебошанд. Кореяи Шимолӣ низ давлатест, ки ба паҳншавии ақидаҳои ғайр дар ҷомеа роҳ намедиҳад. Робитаи аҳолии Кореяи Шимолӣ амалан бо ҷаҳони беруна қатъ карда шудааст. Дар кишвар фақат шабакаи дохилии иртиботи иттилоотӣ вуҷуд дорад. Соли 2016 тарҳи кореягии Facebook бо номи “StarCon.net.kp” фаъол шуда буд, ки фақат баъди як рӯз аз истифода бозмонд.

Эътироз ва ноороммиҳои пайдарпайи Эрон, ҳукуматро ба он водор кард, ки нисбати шабакаҳои иҷтимоӣ маҳдудият ҷорӣ намояд. Баъди ноороммиҳои соли 2022 шабакаи иҷтимоии Instagram ва паёмакрасон WhatsApp аз кор монданд ва дастрасӣ ба онҳо маҳдуд карда шуд. Сабаби асосии маҳдудияҳоро ҳукумат “амалҳои хусусияти оппозитсионӣ ва заиф намудани асосҳои амнияти миллӣ” шарҳ дода буд [1]. Инчунин, LinkedIn, Facebook, TikTok, ВКонтакте, Disqus, Sina Weibo, OK.ru ва Twitter низ ба таври расмӣ манъ карда шудаанд. Шабакаҳои тарҳи миллии Эрон “Gap”, “Soroush” ва “iGap” алтернативаи шабакаи иҷтимоии Telegram ва “Cloob” аналоги “Orkut” сохта

шудаанд. Инчунин, баъди маҳдудиятҳои шабакаи иҷтимоии “Aparat” чун намунаи Ютуб сохта шуда буд. Ғайри аз ин, ҳукумати Эрон қисми дигари шабакаҳои иҷтимоиро бо сабаби мувофиқ набудани онҳо ба арзишҳои фарҳангӣ ва ахлоқии аҳолӣ маҳдуд кардааст.

Дар қатори қатъ намудани шабакаҳои иҷтимоӣ, як қатор давлатҳо барои истифодабарии онҳо шарт ва маҳдудиятҳо гузоштаанд. Дар Австралия барои дар муддати муайяни вақт тоза накардани саҳнаи зӯроварӣ дар Facebook, роҳбариятро ҷарима ва ё 3 соли зиндон таҳдид мекунад. Инчунин, дар Англия ва Олмон низ ҳолат чунин буда, нисбати баъзе аз шабакаҳои иҷтимоӣ маҳдудиятҳои синнусолӣ ҷорӣ шудааст.

Дар муддати даҳсолаи охир шабакаҳои иҷтимоӣ, бешубҳа, ба омили асосии сафарбаркунии сиёсӣ, махсусан, бетартибии оммавӣ ва инқилобҳо табдил ёфтаанд. “Баҳори араб”, “Майдони Украина”, “Оккупайи амрикоӣ”, “Black Lives Matter” (Ҳаёти сиёҳпӯстон муҳим аст), камарбанди зарди Фаронса, ҳаракати Каталония барои истиқлолият, бетартибиҳои оммавии соли 2009 дар Молдова ва бетартибиҳо дар дигар қисматҳои олам ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ роҳандозӣ шуда буданд. Аввалин ҳолати истифодаи оммавии шабакаҳои иҷтимоӣ дар бетартибиҳои оммавии соли 2009 дар намоишҳои зиддидавлатии Эрон ва Молдова мушоҳида шуда буд [10,с.113–119]. Намоишҳои оммавие, ки дар Кишинев баргузор гардида буданд, аксари вақт бо номи аввалин “Инқилоби Twitter” машҳур аст [26]. Маҳз шабакаи иҷтимоии Twitter воситаи асосии паҳнкунии иттилоот дар бораи намоишҳои оммавӣ, сафарбаркунӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти иштирокчиёни бетартибӣ баромад менамуд.

Амалан ҳеҷ кадоме аз бетартибиҳои оммавии соли 2010-ум бе истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ баргузор нашуда буданд. Ҳамин тавр соли 2011 дар Миср, Тунис, Яман ва Ливия бетартибиҳои оммавӣ ба амал омаданд, ки дар натиҷа ҳукумати онҳо сарнагун карда шуд. Худи ҳамон сол намоишҳои бузурги оммавӣ дар Алҷазоир, Ироқ, Кувайт, Мароккаш, Умон, Урдун ва Судон баргузор шуда буданд. Шабакаҳои иҷтимоӣ дар сарнагун кардани режимҳои сиёсии Тунис ва Миср нақши калидӣ бозӣ карда буданд.

Соли 2011 дар майдони Таҳрири Қоҳира ҳазорҳо ҷавон ҷамъ шуда, ба муқобили ҳукумати Ҳусни Муборак, ки 30 сол сари қудрат буд, норозигӣ баён намуданд. Дар ин вақт Twitter ва Facebook барои ҳамоҳанг намудани намоиши оммавӣ, эътирозгарон истифода мебурданд. Аввалин эътирози Миср 25-уми январ дар рӯзи милиса дар Facebook ташкил шуда буд. Ҳукумат дастрасӣ ба интернетро маҳдуд карда буд, аммо ин амал низ натавонист пеши роҳи эътирозгаронро гирад, зеро тарзи ташкил, майдони эътироз ва вақти намоишҳои оммавӣ аллакай ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ муайян буданд. Дар раванди назорати сахт аз болои ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун рамзи озодии эътирозгарон баромад менамуданд.

Нақши шабакаҳои иҷтимоӣ, хусусан, Facebook дар ҳодисаҳои “баҳори араб” ба таври муфассал дар китоби Ваэля Гоним “Инқилоб 2.0” зикр шудааст. Муаллифи китоб саҳифаи “Ҳамаи мо Холид Саид”–ро сохта буд. Ин саҳифа ба хотири шахсе, ки аз ҷониби маъмурони милиса бо шиканҷа кушта шуд, сохтанд ва он ба мавқеи зиддиҳукуматӣ даъват мекард. Дар қисматҳои 2 ва 3–юми китоб нишон дода шудааст, ки чӣ тавр дар муддати кӯтоҳ аз саҳифа миллионҳо нафар дидан карданд ва чӣ гуна онҳо ба иштирокчии фаъоли бетартибӣ табдил ёфта, ба кӯча ва шаҳрҳои Миср баромаданд [25,с.58–121]. Ваэл Гоним стратегияи сафарбаркунии оммавиро ба восита шабакаҳои иҷтимоӣ тавассути чор марҳалаи асосӣ ташкил намуда буд:

1. Истифодабарандагонро даъват мекард, ки ба гурӯҳ ворид шаванд ва наворҳояшро тамошо кунанд.
2. Ба истифодабарандагон пешниҳод мекард, ки ҳодисаҳоро шарҳ диҳанд ва ба якдигар ирсол намоянд.
3. Иштирок дар маъракаи онлайнӣ.
4. Маърака аз режими “онлайн” ба “оффлайн” гузаштан, яъне баромадан ба кӯчаҳо.

Тактика ва стратегияи инқилобчиёни Миср ба воқеаҳои Тунис хеле монанд буд, зеро онҳо ҳамаи равандҳои дар Миср баамаломадаро бодиққат пайгирӣ менамуданд. Инчунин, эътирозгарони Миср бо роҳбарони эътирозгарони Тунис тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ иртибот доштанд.

Дар Тунис заминаи ташкили намоишҳои саросарӣ ва инқилобиро яке аз савдогарон, ки худро сӯзонда буд, оғоз мебахшад. Бетартибиҳо ба воситаи шабакаҳои иҷтимоии Twitter ва Facebook роҳандозӣ карда мешуданд. Дар раванди инқилоб фаъолон дар майдон иттилоот ҷамъ намуда, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳар гуна маводҳои иғвоангез паҳн менамуданд. Дар гурӯҳҳои шабакаҳои иҷтимоӣ паёмҳои “...ту инро дидан намехоҳӣ, ин даҳшат аст, аммо ҳатман инро бояд тамошо кунӣ. Ин қарзи маънавии ту ҳаст, то бинӣ, ки дар мамлакатамон чӣ мегузарад”, ба ҳамдигар ирсол карда мешуд.

Агар сарнагун кардани Чаушеский дар соли 1989 аввалин инқилоб ба воситаи телевизион бошад, пас инқилоби Тунис дар соли 2011-ро аввалин инқилоби шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ё инқилоб ба тариқи онлайн, номидан мумкин аст. Ҳамин тавр, мувофиқи тадқиқоти “Dubai School of Government” шабакаҳои иҷтимоии Twitter ва Facebook дар раванди ташкил ва инкишофи ҳодисаҳои “баҳори араб ” нақши калидӣ бозӣ кардаанд [22].

Бетартибиҳои ибтидои даҳаи дуюми асри XXI кишварҳои пасошуравиро низ дар канор намонданд. Соли 2011 сокинони як қатор шаҳрҳои Белоруссия бо нишони эътироз ба кӯчаҳо баромаданд. Намоиш дар ҳар шакл қариб чор моҳ давом дошт. Дар ташкили намоишҳои оммавӣ шабакаҳои иҷтимоии ВКонтакте ва Facebook истифода бурда шуданд. Ин эътироз бо номи “инқилоб ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ ” маълум аст. Моҳияти ин намоиш аз он иборат буд, ки иштирокчиён мунтазам дар маркази шаҳрҳо ҷамъ шуда, бе ягон шиор ва талаб дасткӯбӣ мекарданд [13].

Худи ҳамон сол дар Русия низ бетартибиҳои оммавӣ сар заданд. Дар ташкили ин гирдиҳамоиҳо шабакаҳои иҷтимоии Twitter, Facebook ва ВКонтакте мусоидат намуда буданд. Омили асосии ташкили эътирози сиёсии соли 2019 дар Москва низ интернет – платформаҳое, ба монанди Facebook ва YouTube ҳисобида мешаванд.

Facebook ва Twitter дар охири соли 2013 ва аввали 2014 воситаи асосӣ барои ташкили “Евромайдон” дар Киев шуда буданд. “Евромайдон” имкониятҳои баланди шабакаҳои иҷтимоиро дар сафарбаркунӣ ва барқарор намудани робита байни эътирозгарон нишон дода буд. Шабакаҳои иҷтимоии ВКонтакте, Facebook ва Twitter дар ташкили ин намоиши оммавӣ нақши бузург бозиданд. Дар шабакаи мазкур гурӯҳҳои зиёде бо ҳазорҳо аъзо ташкил карда шуда буданд [3].

30 ноябри соли 2013 дар Facebook гурӯҳи “Евромайдан SOS” ташкил шуда буд [6]. Аъзоёни гурӯҳ зиёда аз 100 ҳазор нафар буданд. Иттилоот дар гурӯҳ бо забонҳои русӣ, украинӣ ва англисӣ нашр карда мешуд. Дар гурӯҳ иттилооти тарғиботӣ дар бораи эътироз, талаби ба истеъфо рафтани вазири ВКХ В.Ю. Захарченко ва ҷазо додани касоне, ки эътирозро пароканда намуда буданд, ҷойгир карда шуда буд [4].

Инчунин, дар гурӯҳ иттилоот дар бораи рӯзноманигороне, ки захм бардоштаанд, суратҳои намоишҳои ғайризӯрӣ, лавҳаҳои тағриботӣ дар бораи инқилоб [19], маълумотномаҳои ҳуқуқӣ барои эътирозгарон [17], даъват барои корпартоии оммавӣ дар саросари Украина, якҷо намудан ва овардани эътирозгарон аз дигар минтиқаҳои Украина ба Киев, ҷамъоварии маълумот дар бораи “Евромайдон” ва паҳн намудани он дар ВАО-и ҷаҳонӣ ҷойгир карда мешуданд.

Чунин вазъро ба инобат гирифта, аксари муҳаққиқон нақши “Twitter” -ро дар инқилоб ва бетартибиҳои оммавии Кишинёв (2009), намоишҳои оммавӣ дар Эрон (2009), инқилоб дар Тунис (2010-2011), инқилоб дар Миср (2011), “Евромайдон” дар Украина (2013 -2014) ва “баҳори рус” хеле бузург маънидод менамоянд.

Табаддулоти давлатии соли 2009 дар Молдова фаҳми навро ба моҳияти “инқилобҳои ранга” ворид намуд. Он марҳалаи нави иштироки ВАО дар равандҳои сиёсӣ ҳисобида мешавад. Аз ин хотир аксар вақт ин табаддулотро “Twitter–инқилоб” ном мебаранд. Мафҳуми “Twitter–инқилоб”–ро муҳаққиқи амрикоӣ Морозов Е. дар раванди шӯришҳои моҳи апрели соли 2009 нисбат ба ҳодисаҳои Молдова ном ниҳода

буд [9]. Ақидаҳои муаллиф дар бораи тарз ва усули пешбарии ҷангҳои иттилоотӣ дар маводи “Moldova’s Twitter Revolution” [27] (Twitter-инқилоби Молдлова) гирдоварӣ шуда, баъд дар шакли мақола бо номи «Moldova’s Twitter revolution is not a myth» (Twitter –инқилоби Молдовия миф нест) нашр шуд. Ин мафҳум барои он истифода шуда буд, ки фаҳм ва шакли нави ба амал омадани инқилоб дар ин марҳала аз худ дарак дод. Инқилоб ба таври дигар сурат мегирад ва он аз инқилобҳои то ин вақт баамаломада фарқ дорад. Дар тафовут аз онҳо ин намоишҳоро эътирозгарон ба тариқи онлайн тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ташкил намуда буданд. Ҳамин тариқ, яке аз роҳҳои асосии барқарор намудани робитаи байниҳамдигарии ташкилотчиёни эътироз, шабакаи иҷтимоии Twitter буд. Рамзи Twitter ба сифати нишони бетартибӣ дар Молдова аз ҷониби эътирозгарон истифода бурда мешуд.

Баъдан мавҷи эътирозҳо ҷомеаи Эронро фаро гирифт. Технологҳои сиёсии оппозитсияи сиёсӣ ба воситаи шабакаи иҷтимоии Twitter ба таври фаъол иттилоот дар бораи вайрон намудани қоидаҳои интихоботро паҳн менамуданд. Аксарияти “твиттҳо” аз дигар кишварҳои олам фиристода мешуданд [5,с.381-382]. Аз ин рӯ, Twitter ба нахустманбаи асосии ҳодисаҳои сиёсии Эрон табдил ёфта буд. Омили асосии сар задани норозигӣ дар Эрон натиҷаи интихоботи президентӣ буд. Ҳукумат хизматрасониҳои интернетиро қатъ намуда буд, аммо ин ҳолат натавонист пеши роҳи истифодабарандагони “Twitter”-ро гирад, зеро онҳо аллакай ретранслятсияҳои эҳтиётӣ ва “Wi-Fi” -интиқолдиҳандаҳоро пештар таъсис дода буданд. Аммо маҳдудиятҳои сахт ва қатъ намудани алоқаи мобилӣ ба он оварда расонид, ки оппозитсияи сиёсӣ натавонист барномаи эътирозҳои оммавиро ба таври мушаххас тартиб диҳад.

Чи тавре ки ишора шуда буд, шабакаҳои иҷтимоӣ барои ташкили инқилоб ва бетартибиҳои оммавӣ имконияти васеъ доранд. Агар дар байни солҳои 1970-1984 дар ҷаҳон ба ҳисоби миёна 7 ва солҳои 1985-1999 4 инқилоб ва табаддулот шуда бошад, пас бо пайдоиши шабакаҳои иҷтимоӣ ва шабакаи ҷаҳонии интернет шумораи бетартибӣ ва инқилобҳо бештар шуда истодааст. Масалан, аз ибтидои соли 2000 қариб ҳар сол 2 маротиба инқилоб, табаддулот ва ё бетартибии оммавӣ сар мезанад.

Ҳамаи инқилобҳо ва бетартибиҳои оммавие, ки ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ ба роҳ монда шуда буданд, барои давлату миллат оқибатҳои бади иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва геополитикиро ба бор овардаанд. Сиёсатшиноси тоҷик Сафарализода Х.Қ. қайд менамояд, ки “...баъзан вақт дар натиҷаи инқилобҳои ранга ташкилотҳои террористию экстремистӣ, афроди ҷиноятпеша ва гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ба сари қудрат меоянд. Дар Миср соли 2012 маҳз бетартибиҳои сиёсӣ ва инқилобҳои ранга сабабгори ба сари қудрат омадани ташкилоти террористию экстремистии “Ихвон–ул-муслимин” гардида буд. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон соли 2020 дар натиҷаи инқилоб як зумра ашхоси дорои собиқаи маҳбасӣ ба сари қудрат омада буданд, ки зарари онро на танҳо шаҳрвандони ин кишвар, балки кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам эҳсос менамоянд. Зеро аз соли 2020 ба ин тараф бинобар сабаби баёнияҳои ғайрикасбӣ ва қарорҳои нодурусти сиёсӣ чандин маротиба бо гуноҳи ҷониби Қирғизистон низоъҳои сарҳадӣ сар зад. Албатта, ин падида муваққатӣ аст, аммо чунин зуҳурот ва чунин тамоюлот ба муносибатҳои сиёсии минтақавӣ метавонад таъсири нохуб расонад. Аз ҳар ҷонибе, ки назар афканем, ҳеҷ як аломати мусбатро дар инқилобҳои ранга дида наметавонем. Аз ҳама бадтар ин аст, ки тазоҳуроти оммавӣ ва эътирозҳои сунъӣ барои як зумра одамон ба одати доимӣ ва манбаи рӯзгузаронӣ табдил меёбад, ки минбаъд чунин афрод метавонанд ба сифати зархарид дар муқобили давлату ҳукумат истифода бурда шаванд” [15,с.64.].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шабакаҳо ва паёмакрасонҳое, ба монанди IMO, Viber, WhatsApp, Facebook messenger, OK.ru, Telegram, Instagram, Facebook, Linkedin, TikTok, YouTube ва ғ. дар фазои иттилоотии кишвар истифодабарандаи бештар доранд. Истифодабарии шабакаҳои иҷтимоӣ аз тарафи аҳолии кишвар ба охири даҳаи аввали асри XXI рост меояд. Шумораи истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ мувофиқи ҳисоботи соли 2022 дар Тоҷикистон ба 1,43 млн нафар баробар аст, ки ин 14,5%-и шумораи умумии аҳолии кишварро ташкил медиҳад. Омори истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст: Instagram -1,04 млн.,

Facebook -443,4 ҳазор, Facebook messenger 196 ҳазор, Linkedin 71 ҳазор, Twitter 17,4 ҳазор ва ғайра [23]. Дар фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон тули чанд соли охир аст, ки созмонҳои экстремистию террористӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароии хешро тарғиб менамоянд. Дар натиҷаи чунин фаъолияти таблиғотӣ қисме аз ҷавонони кишвар, бахусус муҳоҷирони меҳнатӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ мағзшӯӣ гардида, ба доми созмонҳои фаъолияташон мамнуъ афтодаанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки як қатор созмонҳо бо мақсади ҷалби ҷавонон ба сафҳои худ шабакаҳои иҷтимоиро ҳамчун василаи пешбурди фаъолияти таблиғотӣ истифода мебаранд [14,с.98]. Бо зиёд шудани шумораи истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон лозим аст, ки пеши роҳи паҳншавии ҳар гуна ақидаҳои ифротӣ гирифта шавад. Таҷрибаи кишварҳои олам нишон медиҳад, ки маҳдуд намудани дастрасӣ ба онҳо наметавонад ба таври пурра сатҳи авҷгирии бетартибиҳоро гирад. Ҳар навъи намоиши оммавие, ки дар кишварҳои олам ба амал омадааст, омилҳои асосии он мушкилиҳои иҷтимоӣ, беадолатӣ дар ҷомеа, сатҳи пасти зиндагӣ ва омилҳои ба ин монанд баромад менамуданд. Аз ин рӯ, ҳукумати кишварҳоро лозим аст, ки пеш аз ҳама ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ диққати бештар равона намоянд, то руҳияи нобоварӣ дар афкори омма шакл нагирад. Маҳз чунин мушкилиҳо сабаб мегарданд, ки ҷавонон ва дар умум ҷомеа объекти осони пешбарии бетартибиҳои оммавӣ ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ табдил ёбанд. Мушкилиоти ҷойдоштаи ҷамъият ҳамчун осебпазирии кишвар аз ҷониби созмонҳои ифротгаро ва тундгаро моҳирона истифода бурда мешавад. Созмонҳои мазкур маҳз тавассути чунин мушкилиҳо ба афкори қишрҳои осебпазир таъсиррасонӣ менамоянд.

Ҳамин тариқ, шабакаҳои иҷтимоиро ҳазорон истифодабаранда ҳамчун манбаи асосии дарёфти иттилоот ва муошırати байниҳамдигарӣ истифода мебаранд. Аз ин хотир қувваҳои оппозитсионӣ доимо дар ташкил намудани ҳамоишҳои оммавӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мебаранд. Аз тарафи дигар, аксарияти истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ ҷавонон буда, имкониятҳои ҷисмонӣ ва хусусиятҳои психологии онҳоро дар ташкили бетартибиҳо қувваҳои муқобил самаранок истифода мебаранд. Аз ин рӯ, давлатҳо дар рақобатҳои иттилоотӣ тарҳи шабакаҳои иҷтимоии миллиро омода месозанд, то назорат аз болои онҳо осон шавад ва пеши роҳи ҳар гуна бетартибӣ гирифта шавад. Аз тарафи дигар, дар баробари ақидаҳои вайронкоронаи гурӯҳҳои алоҳида аз ҷониби шаҳрвандон ва қишри зиёии кишвар дар шабакаҳои иҷтимоӣ бояд гурӯҳҳои алоҳидае кушода шаванд, ки ба ташвиқу тарғиби арзишҳои инсонӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва муҳаббат ба Ватан машғул гарданд, то ба ҳар гуна бетартибии оммавӣ, ки натиҷаашро воқеаҳои “баҳори араб” нишон додаанд, роҳ дода нашавад. Инчунин, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ВАО–и давлатӣ бояд аз натиҷаҳои харобиовари давлатҳое, ки ба ҳолати беҳокимиятӣ расидаанд, филмҳои ҳуҷҷатӣ намоиш дода шаванд.

**Муқарриз: Сафарализода Х.Қ. - н.и.с., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. В Иране заблокировали Instagram и WhatsApp. [Электронный ресурс]. URL: //www.kp.ru/online/news/4931730// (дата обращения: 12.01.2023).
2. В России начали блокировать Instagram. [Электронный ресурс]. URL https://74.ru/text/world/2022/03/13/70505387/ (дата обращения: 11.01.2023).
3. Где можно узнать новости о Евромайдане: список сообществ в социальных сетях. [Электронный ресурс]. – URL: http://ain.ua/2013/12/12/505368 (дата обращения: 10.01.2023).
4. Евромайдан без цензуры. [Электронный ресурс]. URL: https://www.facebook.com/EvromaidanUncensored/ (дата обращения: 12.01.2023).
5. Егоров В.Г. Сравнительная политология постсоветского пространства / В.Г. Егоров. – М.: КНОРУС, 2017. – 411 с.
6. Евромайдан SOS // [Электронный ресурс]. – URL: www.facebook.com/EvromaidanSOS (дата обращения: 12.01.2023).
7. История социальных сетей: появление и развитие. [Электронный ресурс]. URL: https://sciencepop.ru/israzvitie/ (дата обращения: 10.01.2023).
8. Кузнецов Д. «Диванные войска» признали важной частью протестов. [Электронный ресурс]. URL: https://nplus1.ru/news/2015/12/08/slackers-strike-back (дата обращения: 26.01.2023).

9. Медийный фактор «цветных революций» (на примере государственного переворота 2009 г. в Молдове) [Электронный ресурс]. – URL: https://age-info.com/2019/06 (дата обращения: 03.01.2023).
10. Мизюркин Ю.А. Роль интернет-коммуникаций в движениях протеста в странах Магриба и Ближнего Востока / Ю.А. Мизюркин // Пути к миру и безопасности. – 2013. – № 1 (44).
11. Названы российские аналоги иностранных соцсетей [Электронный ресурс]. – URL https://lenta.ru/news/2022/04/08/mincifry/ (дата обращения: 12.01.2023).
12. Почему в Китае нет Facebook, Twitter и Youtube? И как китайские аналоги бьют рекорды популярности [Электронный ресурс]. – URL: https: economistua.com/pochemu-v-kitae-net-facebooktwitter-i-youtube–kitajskieanalogi-zapadnyh-sotssetej–byut-rekordy-populyarnosti/ (дата обращения: 11.01.2023).
13. Работа группы «Революция через социальные сети» «ВКонтакте» заблокирована Бела Пан [Электронный ресурс]. URL: https//ru.wikipedia.org/wiki (дата обращения: 15.01.2023)
14. Сафарализода Х.К. Реалии социальных сетей // Социальные сети интернета как реальная угроза национальной безопасности: материалы республиканской научно-теоретической конференции (г. Душанбе, 29 ноября 2022 г.). – Душанбе: ТНУ, 2022. – 94-100.
15. Сафарализода Х.К. Цветные революции как угроза политической стабильности общества // Международные отношения и безопасность. – 2022. – № 2 (2). – С.59-77.
16. Соцсети 2022: Россия и мир [Электронный ресурс]. – URL: https://corp. wtcmoscow. ru/services/ internationalpartnership/analitycs/sotsseti-2022-rossiya-i-mir-chast- (дата обращения: 09.01.2023).
17. Страйк Плакат / Евромайдан без цензуры [Электронный ресурс]. – URL: https://www.facebook.com/EvromaidanUncensored/posts/1435794769967594 (дата размещения: 05.01.2023).
18. Суд запретил в России Instagram и Facebook за экстремистскую деятельность [Электронный ресурс]. – URL: https://realnoevremya.ru/news/245084-v-rossii-zapreschen-instagram-i-facebook-za-ekstremistskuyu-deyatelnost (дата обращения: 11.01.2023).
19. Экстремистки на #Евромайдан / Евромайдан без цензуры // – URL: https://www.facebook.com/Evr omaidan Uncensored /posts/1435793 439967 727 (дата обращения: 13.01.2023).
20. Barbera P., González-Bailón S., Bonneau R., Jost J. T., Nagler J., Tucker J., W ang N. Replication Data for: The Critical Periphery in the Growth of Social Protests [Манбаи электронӣ]. – URL: https://dataverse.harvard.edu/dataset. Xhtml?persistentId (санаи муроҷиат: 22.01.2023).
21. Barnes J.A. Class and Committees in a Norwegian Island. Human Relations . – Paris, 1954. - 58 c.
22. Civil Movements: The impact the Facebook and Twitter.Dubai School of Government. -2011. – C. 1-30.
23. Digital 2022: Tajikistan [Манбаи электронӣ]. – URL: https://datareportal.com/reports/digital-2022-tajikistan?rq=/ (санаи истифодабари: 12.01.2023)
24. Digital 2022: the world's favourite social media platforms [Манбаи электронӣ]. – URL: https://datareportal.com/reports/digital-2022-favourite-social-platforms- (санаи истифодабарӣ: 09.01.2023).
25. Ghonim Wael. Revolution 2.0: The power of People greater theh the people in Power. – Boston: A. Memoir. Houghton Miffin Harcourt, 2012. -320 c.
26. Moldova forces regain control of parliament after 'Twitter revolution' [Манбаи электронӣ]. –URL: https://www.theguardian.com/world/2009/apr/08/moldovaprotest-election-chisinau (санаи истифодабарӣ: 10.01.2023).
27. Moldova's Twitter Revolution. [Манбаи электронӣ]. URL: https://neteffect.foreignpolicy.com/posts/2009/04/07/moldovas_twitter_revolution (санаи истифодабарӣ: 03.01.2023).

## НАҚШИ ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ТАШКИЛИ БЕТАРТИБИҲОИ ОММАВӢ

Мақола ба таҳлили нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар ташкили бетартибиҳои оммавӣ бахшида шудааст. Муаллиф нишон додааст, ки паҳншавии технологияҳои интернетӣ ба ташкили намоишҳои эътирозӣ ва бетартибиҳои оммавӣ то кадом андоза мусоидат менамоянд. Дар мақола инчунин тарҳи миллии шабакаҳои иҷтимоии давлатҳои алоҳида мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар ташкили бетартибии оммавӣ баррасӣ гардидааст. Ҳодисаҳои "баҳори араб" ва "инқилобҳои ранга" махсус мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар ташкили ин бетартибиҳои оммавӣ нишон дода шудааст. Дар асоси ин муаллиф нишон додааст, ки чӣ тавр шабакаҳои иҷтимоӣ ба сафарбаркунии сиёсӣ ва эътирозии шаҳрвандон таъсир мерасонанд ва ба ташкилу ҳамоҳангсозии амалҳои эътирозӣ мусоидат мекунанд. Инчунин, дар мақола шумораи истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, роҳҳои пешгирӣ аз ҳар гуна ақидаҳои ифротӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ нишон дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** шабакаҳои иҷтимоӣ, интернет, "инқилобҳои ранга", бетартибии оммавӣ, шабакаҳои иҷтимоии миллӣ, "баҳори араб", слаквистҳо, сафарбаркунии оммавӣ, "Twitter -инқилобҳо".

## РОЛЬ СОЦИАЛЬНЫХ СЕТЕЙ В ОРГАНИЗАЦИИ МАССОВЫХ БЕСПОРЯДКОВ

Статья посвящена анализу роли социальных сетей в организации массовых беспорядков. Автор показал, в какой степени распространение интернет-технологий способствует организации протестов и массовых беспорядков. В статье также рассматривается национальная модель социальных сетей отдельных государств, а также рассматривается роль социальных сетей в организации общественных волнений. Специально изучены события «арабской весны» и «цветных революций», показана роль социальных сетей в организации этих

массовых беспорядков. На основании этого автор показал, как социальные сети влияют на политическую мобилизацию протестующих граждан, помогают организовывать и координировать акции протеста. Также в статье изучено количество пользователей социальных сетей в Республике Таджикистан и показаны способы избегания любых экстремистских идей в социальных сетях.

**Ключевые слова:** социальные сети, Интернет, «цветные революции», массовые волнения, национальные социальные сети, «арабская весна», слаквисты, массовая мобилизация, «Twitter-революции».

**THE ROLE OF SOCIAL NETWORKS IN THE ORGANIZATION OF MASS RIOTS**

The article is devoted to the analysis of the role of social networks in the organization of riots. The author showed to what extent the spread of Internet technologies contributes to the organization of protests and riots. The article also examines the national model of social networks of states, as well as the role of social networks in organizing public unrest. The events of the "Arab spring" and "color revolutions" are specially studied, the role of social networks in organizing these riots is shown. Based on this, the author showed how social networks influence the political mobilization of protesting citizens, help organize and coordinate protests. The article also studied the number of social network users in the Republic of Tajikistan, and showed ways to avoid any extremist ideas in social networks.

**Keywords:** social networks, Internet, “color revolutions”, mass unrest, national social networks, “arab spring”, slackers, mass mobilization, “Twitter revolutions”.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Саркориев Табрез Байгович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **501158816.** E-mail**: tsarkoriev@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Саркориев Табрез Байгович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры политических процессов в Таджикистане. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.Телефон: **501158816.** E-mail**: tsarkoriev@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sarkoriev Tabrez Baigovich*** - Tajik National University, Ph.D student of the Department of Political Processes in Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 33. Phone: **501158816.** E-mail: **tsarkoriev@mail.ru**

ТДУ:321.17

# МУБОРИЗАҲОИ МУШТАРАК БО ТАҲДИДҲОЕ, КИ ДАР НАТИҶАИ НИЗОЪҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ БА ВУҶУД ОМАДААНД

*Пиров Т.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Воқеаҳои охирин, ки дар натиҷаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд омадаанд, ба устуворӣ ва амнияти соҳаҳои муҳимми иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва геополитикии кишварҳо таъсири назаррас расонидаанд.

Ташкилотҳо ва ниҳодҳои зиёде вуҷуд доранд, ки бар зидди терроризми байналмилалӣ, бахусус дар минтақаи Шарқи Наздик, мубориза мебаранд. Дар кори тадқиқотии худ диққатро ба минтақаи Осиёи Марказӣ равона намудем, чунки минтақаи мазкур дар чорроҳаи байни Хитой, Русия ва Осиёи Ҷанубӣ аҳамияти муҳимми стратегӣ дошта, дорои захираҳои фаровони табиӣ ва инсонӣ мебошад, ки дар он манфиатҳои қувваҳои ҳарбии кишварҳои гуногун ба ҳам бармехӯранд [4,с.20].

Аксари Осиёи Марказӣ дар ниҳодҳои гуногун, аз ҷумла ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сиёсии эҳтимолӣ иштирок менамоянд. Нақши Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД) ва Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) ҷиҳати таъмини амният ва рушди равандҳои интегратсионӣ дар минтақа назаррас буда, ба омӯзиши онҳо бояд диққат махсус дода шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Эмомалӣ Раҳмон доимо бар он нуқта таъкид мекунанд, ки нақши ташкилотҳои минтақавӣ дар самти таъмини устуворӣ ва амният хеле назаррас аст. Дар робита ба ин, Тоҷикистон бо ташкилотҳои зиёд дар самти пойдории сулҳ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми минтақа ҳамкорӣ менамояд. Дар яке аз баромадҳои худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз намудаанд: " ... дар ин самт Тоҷикистон имрӯзҳо бо шарикони худ дар доираи чорабиниҳои ташкилотҳои минтақавӣ, ба монанди ИДМ, СААД ва СҲШ ҳамкориҳои мақсаднок менамояд".

Ҳамкориҳои амиқ дар самти мазкур дар замони муосир барои кишварҳои Осиёи Марказӣ яке аз масъалаҳои рӯзмарра ва асосии геополитикии хориҷӣ ба ҳисоб меравад, ки вобаста ба сабабҳои зерин ба вуҷуд меоянд:

- мавҷудияти сарчашмаи ноустуворӣ дар наздикиҳои сарҳади минтақа (Афғонистон, Ироқ, низои Ҳиндустону Покистон, мушкилоти Каспий);
- фаъолгардии ҳаракатҳои тундгаро ("Ал-Қоида", Ҳаракати исломии Ӯзбекистон (ҲИӮ), "Ҳизб-ут-Таҳрир", "Ҳаракат барои соҳибихтиёрии Туркистони Шарқӣ" ва ғайраҳо) ва ҷамъшавии онҳо дар минтақаҳои сарҳадии Афғонистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ);
- ҳаракати "Толибон" дар Афғонистон [5].

Ҳамчунин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намудааст: "Кишвари мо аз ҷиҳати мавқеи ҷуғрофӣ дар қисмати аз охир пеши муборизаҳои муосири ситезаҳо ва таҳдидҳо қарор гирифтааст ... Ба ҳама маълум аст, ки таъмини сулҳ ва устуворӣ дар Осиёи Марказӣ бо вазъияти амниятии Афғонистон алоқаи зич дорад" [6].

Ҳамин тавр, барои пойдории сулҳ ва ваҳдат дар кишвар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони Ҳамкории Шанхай, ки фаъолияти он барои таъмини амният ва пойдории устувории минтақаи Авруосиё, муборизаҳои муштарак ҷиҳати ситезаҳо ва таҳдидҳои нав, мустаҳкамгардонии ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ-башардӯстона равона гардидааст, ҳамкорӣ менамояд [2,с.15].

Саммити таърихии СҲШ, ки санаи 8-9 июни соли 2017 баргузор гардид, барои рушди фаъолияти ташкилоти мазкур мусоидат намуд. Яке аз натиҷаҳои муҳимтарини созмони мазкур қабули Ҳиндустон ва Покистон ҳамчун аъзоҳои комилҳуқуқи ташкилот маҳсуб мёебад. Аъзо шудани ду кишвари пуриқтидор ва бонуфузи Осиёи Ҷанубӣ дар СҲШ иқтидор ва имкониятҳои фаъолияти ташкилоти мазкурро дар самти муборизаҳои муштарак зидди ситезаҳо ва таҳдидҳои наву анъанавӣ боз ҳам густариш дод.

Минтақаи васеи СҲШ – аз Арктика то уқёнуси Ҳинд аз Шимол ба Ҷануб ва аз Лиянюнгани Хитой то Калининградi Русия аз Шарқ ба Ғарб – бо аҳолии тақрибан 44% аз аҳолии умумии ҷаҳон вазифаи муштараки ҷиддиро ҷиҳати таъмини устуворӣ, мубоHизаҳои самарбахши муштарак зидди таҳдидҳо ва ситезаҳои амниятӣ дар тамоми гӯшаву канори таҳти масъулияти ташкилоти мазкур қароргирифта муқаррар кардааст. Созмони мазкур айни замон бузургтарин ташкилоти минтақавии ҷаҳон ба ҳисоб меравад [10,с.20].

СҲШ чор кишвари абарқудрати яроқи ҳастаидоштаро мутаҳҳид намуда, нисфи гурӯҳи кишварҳои яроқи ҳастаидоштаро ташкил медиҳад.

Декларатсияи Остона оид ба ҳуқуқи кишварҳо-аъзоёни СҲШ ҳуҷҷати асосии вохӯрии роҳбарони кишварҳо-аъзоён дар шаҳри Остона ба шумор меравад. Дар ҳуҷҷати мазкур ба ғайр аз мақомҳои мувофиқанамудаи кишварҳо-аъзоён вобаста ба масъалаҳои муҳимми рӯзмарраи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин қадамҳои минбаъдаи Созмони мазкур оид ба мубоHизаҳо зидди таҳдидҳо ба сулҳ ва амният муқаррар гаштаанд.

Қобили қайд аст, ки СҲШ нақши ҳамоҳангсозии СММ-ро дар муносибатҳои байналмилалӣ дастгирӣ намуда, ба рушди рӯзафзун ва тавсеаи ҳамкориҳо бо СММ ва институтҳою муассисаҳои махсусгардонидашудаи он аҳамияти хосса зоҳир менамояд.

Чорабиниҳои махсусе, ки бо иштироки муштараки СММ ва СҲШ баргузор мегарданд, ҷиҳати рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти мубориза бо таҳдидҳо ва ситезаҳои амниятӣ нақши назаррас доранд. Ин ҳолатро ба таври возеҳ натиҷаҳои чорабиниҳои муштараки СММ ва СҲШ тасдиқ намудаанд. Масалан, муборизаи муштарак зидди таҳдидҳо ва ситезаҳо моҳи ноябри соли 2016 дар шаҳри Ню-Йорк; амалиёти муштарак бо Идораи СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ – “Амалиёти муштараки СММ ва СҲШ оид ба мубориза зидди маводи мухаддир: таҳдидҳои умумӣ, амалиётҳои муштарак” моҳи марти соли 2017 дар шаҳри Вена [1,с.20].

Котиби генералии СҲШ – Рашид Алимов чунин иброз намудааст: “СҲШ кӯшишҳои ҳамоҳангсозонаро ҷиҳати мубориза зидди ситезаҳо ва таҳдидҳои умумии амниятӣ, омӯзиши амиқи гуфтушуниҳо ва ҳамкориҳо вобаста ба таъмини маҷмуи бехатарӣ, аз ҷумла мубориза зидди терроризм, кибертерроризм, ҷудоихоҳӣ, экстремизм, ҷинояткории муташаккилонаи байналмилалӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, мустаҳкамгардонии амнияти иттилоотии байналмилалӣ, эътинои вазъияти фавқулода афзоиш медиҳад” [10,с.20].

Дар робита ба ин, СҲШ тасмим гирифтааст, ки минбаъд мақомоти муҳимми доимоамалкунанда – Идораи зиддитеррористии минтақавии (ИЗМ) СҲШ-ро рушд диҳад. Танҳо солҳои 2011-2015 мақомотҳои салоҳиятдори кишварҳо-аъзоёни СҲШ таҳти роҳбарии ИЗМ СҲШ дар марҳилаи тайёрӣ 20 амали террористиро пешгирӣ намуданд; тақрибан 650 ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидоштаро пешгирӣ намуданд; 44 базаи террористӣ ва тақрибан 1700 аъзои ташкилотҳои террористии байналмилалиро барҳам доданд; зиёда аз 2700 иштирокчии ниҳодҳои ғайриқонунии мусаллаҳона, шарикони онҳо ва нафарони ба фаъолияти ҷиноятӣ гумонбарро дастгир намуданд; 213 нафари ба фаъолияти ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ мансуб, ки шумораи зиёди онҳо ба муҳлатҳои дароз маҳбас шуда буданд, дастгир намуданд; 180 нафар мавриди ҷустуҷӯ қарор гирифтанд; 600 анбори махфии яроқҳо пайдо карданд, зиёда аз 3250 дастгоҳҳои худсохтаи тарканда, тақрибан 10 ҳазор яроқ, 450 ҳазор лавозимотҳои ҷангӣ ва зиёда аз 52 тонна моддаҳои таркандаро мусодира карданд. Дар робита ба ин, корҳои мақсаднок оид ба мубориза зидди истифодабарии шабакаҳои интернетӣ бо мақсадҳои террористӣ ва экстремистӣ анҷом дода шуданд.

СҲШ дар ҷавоб ба фаъолияти экстремистии рушдёбанда дар саммити шаҳри Остона Конвенсия оид ба мубориза зидди экстремизмро қабул намуд. Ҳуҷҷати мазкур дар баробари Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бо терроризм, ҷудоихоҳӣ ва экстремизм, Конвенсияи СҲШ зидди терроризм ва ҳамкории барномавии кишварҳо-аъзоёни СҲШ дар мубориза зидди терроризм, ҷудоихоҳӣ ва экстремизм барои солҳои 2016-2018, инчунин Стратегияи зидди террористии ҷаҳонии СММ ва Қарордоди

дахлдори Шурои амнияти СММ барои мустаҳкамгардонии заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба мубориза зидди ситезаҳо ва таҳдидҳо мусоидат намудааст. Конвенсияи СҲШ оид ба мубориза бо экстремизм бо мақсади мустаҳкамгардонии амният, афзоиши самарабахшии ҳамкориҳои мақомотҳои салоҳиятдор ва мукаммалгардонии қонунгузории соҳаи мазкур қабул шудааст.

Афзоиши фаъолияти террористӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон мукаммалгардонӣ ва рушди усулҳои муборизаҳои муштаракро бо падидаи мазкур талқин менамояд. Қарори қабулнамудаи роҳбарони кишварҳо-аъзоёни СҲШ оид ба мубориза бо терроризми байналмилалӣ яке аз муҳимтарин ҳуҷҷатҳои сиёсӣ мебошад, ки баҳогузории рафти кор, мустаҳкамгардонии ҳамкориҳои байналмилалиро дар самти мубориза бо терроризм ва даъвати ҷомеаи ҷаҳонро бо мақсади муттаҳид гаштан дар доираи ниҳодҳои зиддитеррористии байналмилалӣ вобаста ба муқобилият бо терроризми ҷаҳонӣ муқаррар менамояд.

Дар шароитои муосир густариши мафкура ва ташвиқоти террористӣ, бахусус дастгирии оммавии терроризм бо мақсади таҳрики анҷомдиҳии амалҳои террористӣ, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ хатари калон дорад. Дар робита ба ин, СҲШ тасмим гирифтааст, ки ҷиҳати мубориза бар зидди тундгароӣ кӯшишҳои муштаракро дар шакли тадбирҳои пешгирикунандаи экстремизми динӣ, этникӣ, мафкуравӣ ва сиёсӣ, инчунин таҳаммулнопазирии этникиву нажодӣ ва хусумати динию миллӣ анҷом диҳад. Тундгароӣ бештар дар байни ҷавонон паҳн шуда, аввал дар шакли экстремизм ва оқибат терроризм амалӣ гардонида мешавад. Дар баробари ҳамкориҳои мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ дар самти мубориза бо терроризм, ҷудоихоҳӣ ва экстремизм нақши давлатҳо бо ҷалби ниҳодҳои боиқтидори ихтиёрӣ ва масъулиятноки ҷомеаи шаҳрвандӣ, алалхусус ташкилотҳои анъанавии динӣ, муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ, матбуот, ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва ғайридавлатии кишварҳо-аъзоёни СҲШ, ки дар ҳудуди онҳо тибқи қонунгузории миллӣ амал мекунанд, назаррас мебошад.

Бинобар ин, бо мақсади нигоҳдории сулҳ ва устувории кишвар, решакан намудани ситезаҳо ва таҳдидҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи дуюми “Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон зидди терроризм ва экстремизмро барои давраи то соли 2020” қабул намуд. Дар доираи ҳуҷҷати мазкур як қатор тадбирҳое муқаррар шуда буданд, ки дар ҷумҳурӣ бобарор амалӣ гардиданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомотҳо ва сохторҳои дахлдори кишварҳоро уҳдадор намуд, ки бо аҳолӣ, корҳои доимии фаҳмондадиҳиро баргузор намоянд. Чунин корҳо бештар бо ҷавонон, ки таҷрибаи ҳаётии хуб надоранд, гузаронида мешаванд. Гурӯҳҳои манъшуда ба ҳайати худ маҳз ҷавононро аз кишварҳои гуногун қабул менамоянд [11,с.20].

Кишварҳо-аъзоёни СҲШ минбаъд ҳамкориҳои мутақобиларо зидди пешгирии амалиётҳо ва ҷойгирнамоии террористҳо-афсарони хориҷӣ ва гурӯҳҳои террористӣ тавассути назорати таъсирбахши сарҳадӣ; мубодилаи иттилоот оид ба шахсони мансуб ба амалиётҳои террористӣ; ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ва дуздидаи тасдиқкунандаи шахсият; амалигардонии тафтишотҳои муштарак оид ба ҷиноятҳои террористии байнаилмилалиро тибқи муқаррароти Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар самти ошкор ва қатъ кардани роҳҳои воридшавии нафарон ба гурӯҳҳои террористӣ, ҷудоихоҳон ва тундагароён мансуб ба ҳудуди кишварҳо-аъзоёни СҲШ аз соли 2006 ва Созишнома оид ба ҳамкорӣ ва амалиётҳои мутақобилаи кишварҳо-аъзоёни СҲШ вобаста ба масъалаҳои сарҳадӣ аз соли 2015 пеш мебаранд.

Ҳамчунин, кишварҳо-аъзоёни СҲШ тасмим гирифтаанд, ки ҳамкориҳоро дар самти мубориза бо фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ҷалбкунандаи шахсон барои таълим ва истифодабарӣ бо мақсадҳои террористӣ, даъвати оммавӣ ба амалиётҳои террористӣ ё дуруст шуморидани амалиётҳои террористӣ ва маблағгузории амалиётҳои террористӣ машғуланд, густариш диҳанд.

СҲШ ниҳоди ҳарбӣ намебошад, аммо мубориза бо таҳдидҳои террористӣ зарурияти рушд ва мустаҳкамгардонии механизмҳоро ҷиҳати решакан кардани амалиётҳои террористӣ талқин мекунад. Дар робита ба ин, СҲШ ҳамкориҳои таълимии муштараки зиддитеррористиро доимо амалӣ менамояд, аз ҷумла “Амалиёти осоишта” [12,с.25].

Дар заминаи Созишнома байни ҳукуматҳои кишварҳои аъзои СҲШ оид ба ҳамкорӣ дар самти таъмини амнияти иттилоотии байналмилалӣ аз соли 2009 ҳамкориҳои амалӣ вобаста ба масъалаҳои мубориза бо ташвиқ ва тарғиби терроризм, ҷудоихоҳӣ ва тундгароӣ дар соҳаи иттилоот мустаҳкам шуда истодаанд.

Дар баробари ин, яке аз таҳдидҳои ҷиддӣ ба амният барҳамдиҳии вазъи осоишта ва устувори байналмилалӣ, истеҳсол ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир маҳсуб меёбанд. Ташкилоти мазкур мехоҳад ҳамкориҳои тарафайн ва ҳамоҳангсозонаи амалиро бар зидди гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва психотропӣ дар асоси Созишнома байни кишварҳо-аъзоёни СҲШ оид ба ҳамкорӣ зидди гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, психотропӣ ва прекурсорҳо аз соли 2004, Изҳороти роҳбарони кишварҳо-аъзоёни СҲШ оид ба таҳдиди маводи мухаддир аз соли 2015 ва тибқи конвенсияҳо ва қарорҳои СММ, инчунин ҷаласаҳои Ассамблеяи генералии СММ оид ба мушкилиҳои маводи мухаддир моҳи апрели соли 2016 дар шаҳри Ню-Йорк ба роҳ монад.

Дар натиҷаи амалиётҳои махсуси зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар минтақаи таҳти идораи СҲШ қарордошта дар панҷ соли охир 69 тонна маводи нашъадори фалокатовар мусодира шудааст, ки он 14% нишондиҳандаҳои умумиҷаҳониро ташкил медиҳад. Ҳамкориҳои тарафайни мақомотҳои салоҳиятдор ҷиҳати мусодира намудани зиёда аз 75 тонна прекурсорҳо, ки барои истеҳсоли маводи нашъадор зарур буданд, нақши назаррас гузоштанд.

Амалиётҳои муштараки мақомотҳои кишварҳо-аъзоёни СҲШ натиҷаҳои самарабахши амалиро ба бор меоранд. Бар зидди таҳдиди маводи нашъадор танҳо дар сурати муттаҳиднамоии кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ мубориза бурдан имконпазир аст. Аз ҳамин хотир, Ҳамкориҳои СҲШ бо Идораи СММ дар самти мубориза бо маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ идома ёфта истодаанд [13,с.22].

Қобили қайд аст, ки ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти мазкур дар доираи як ташкилот маҳдуд нестанд. Дар минтақа ба ғайр аз СҲШ фаъолияти муваффақонаро Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД) низ пеш бурда истодааст.

СААД ташкилоти бисёрҷанбаи амнияти муштараки намуди нав мебошад, ки фаъолияти он барои инъикоси таҳдидҳои кухна (таҷовуз аз ҷониби давлат ё гурӯҳи давлатҳо) ва таваккалҳою ситезаҳои намуди нав (масалан, терроризми байналмилалӣ, ҷинояткории муташаккилона, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунии байналмилалӣ ва савдои одамон, ҷиноятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ) равона гардидааст.

СААД соли 1992 дар асоси қарори Шурои Амнияти Дастаҷамъӣ аз 14 майи соли 2002 ба имзо расидааст [14,с.22].

Ташкилоти мазкур қувваҳои дастаҷамъиро дар ҳайати зерин таъсис додааст:

- Қувваҳои муштараки зудфошкунанда барои амнияти дастаҷамъии минтақаи Осиёи Марказӣ (ҚМЗ);
- Қувваҳои муштараки эътинои фаврӣ (ҚМЭФ);
- Қувваҳои муштараки ҳавоӣ (ҚМҲ);
- Қувваҳои муштараки оштидиҳӣ (ҚМО).

Ҳамчунин, СААД дорои ду гурӯҳи ҳарбии минтақавӣ мебошад:

- Гурӯҳи Аврупои Шарқӣ (Русия-Белорусия),
- Гурӯҳи Қафқоз (Русия-Арманистон).

Қувваҳои муштарак ва гурӯҳҳои мазкур ҳамасола машқҳои махсусро мегузаронанд :

- Машқи ҚМЗ “Сарҳад”.
- Машқи ҚМЭФ “Муносибати мутақобила”.
- Машқи ҚМО “Бародарии барҳамнахӯранда”.
- Машқи тактии махсуси “Кобалт”-и қувваҳои таъиноти махсуси ҚМЭФ.
- Машқи тактикаии махсус бо қувваҳо ва воситаҳои тадқиқотии идораҳо ва зерсохтори “Ҷустуҷӯ”.

• Машқи “Бародарии ҳарбӣ” (машқҳои махсус, ки ҳама намудҳои машқҳои СААД-ро муттаҳид мекунад.

• Машқҳои зидди маводи мухаддири “Раъд”.

• Машқҳои ҳавоии “Пули ҳавоӣ” (аввалин маротиба моҳи октябри соли 2018).

СААД амалиётҳои махсуси доимоамалкунандаро ба роҳ мемонад, ки дар доираи онҳо ниҳодҳои миллӣ муносибатҳои мутақобила доранд ва барои мубориза бо ин ё он намуди таҳдидҳои амниятӣ ҷавобгар мебошанд. Амалиётҳои доимоамалкунанда вобаста ба самтҳои зерин ба роҳ монда мешаванд:

- “Роҳ” – мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир;
- “Зидди қонун” – мубориза бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ аз давлатҳои сеюм;
- “Прокси” – мубориза бо ҷинояткорӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ.

СААД роҳи дуру дарозро аз ниҳоди ҳарбӣ то созмони амниятии бисёрҷанба, ки барои муқовимат бо чолишҳо намудҳои гуногуни ситезаҳо ва таҳдидҳои амниятӣ дорои ҳуқуқ ва воситаҳои воқеӣ мебошад, тай кардааст. Рӯйхати пурраи чолишу таҳдидҳо ва воситаҳои муқовимат бо онҳо дар Стратегияи амнияти муштараки СААД то соли 2025 муқаррар шудаанд.

Мавриди зикр аст, ки ҷой ва нақши Ассамблеяи Парламентии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ дар рушди асосҳои ҳуқуқии СААД, ки фаъолияти худро тибқи Қоидаҳои муваққатӣ оид ба “Ассамблеяи Парламентии СААД” ба роҳ мемонад, назаррас аст. Қоидаҳои муваққатии мазкур дар ҷамъомади парламентии ҳайати кишварҳо-аъзоёни Ассамблеяи байнипарламентии ИДМ ва кишварҳои аъзои СААД аз 30 марти соли 2007 қабул гаштаанд. Ассамблеяи Парламентӣ мақомоти ҳамкории байнипарламентии кишварҳо аъзои Ассамблеяи Парламентии ИДМ ва кишварҳои аъзои СААД буда, дар доираи Ассамблеяи байнипарламентии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таъсис дода шудааст [15,с.24]. Ваколатҳои Ассамблеяи Парламентӣ дар самти фаъолияти қонунгузорӣ аз қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии намунавӣ иборат буда, барои танзими муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти СААД, қабули тавсияҳо оид ба батанзимдарории равандҳои тасдиқи шартномаҳои байналмилалие, ки дар доираи фаъолияти СААД баста шудаанд, қабули тавсияҳо оид ба мутобиқати қонунгузории кишварҳои аъзои СААД ба муқаррароти шартномаҳои байналмилалие, ки аз ҷониби давлатҳои мазкур дар доираи СААД ба имзо расидаанд, равона гардидаанд.

Ба тавсияҳои СААД, ки аз ҷониби Ассамблеяи Парламентӣ қабул мешаванд, дохил мешаванд:

• тавсияҳо оид ба мутобиқати қонунгузории миллии кишварҳои аъзои СААД ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ, ҳарбӣ-сиёсӣ ва ғайраҳо;

• тавсияҳо оид ба батанзимдарории равандҳои мутобиқати парламентҳои кишварҳои аъзои СААД ба шартномаҳо (созишномаҳо)-и байналмилалие, ки дар доираи СААД, қарорҳои Шурои амнияти муштараки СААД ва дигар шартномаҳои байналмилалӣ ба имзо расидаанд, ки иштироки кишварҳои аъзои СААД дар онҳо муҳим буда, барои ноил гардидан ба мақсадҳои умумии дар Оинномаи СААД муқарраршуда равона шудаанд;

• тавсияҳо оид ба мутобиқати қонунгузории миллии кишварҳои аъзои СААД ба қоидаҳои шартномаҳои байналмилалие, ки аз ҷониби давлатҳои мазкур дар доираи СААД ба имзо расидаанд;

• тавсияҳо оид ба масъалаҳои ҳамкории кишварҳои аъзои СААД дар самтҳои гуногун.

Ба сифати мисол тавсияҳои зеринро овардан мумкин аст: тавсияҳо оид ба мутобиқат ва ҳамоҳангсозии қонунҳои кишварҳои аъзои СААД вобаста ба фаъолияти ҷустуҷӯйӣ-оперативие, ки зарурияти мустаҳкам намудани онҳоро дар қонунгузории миллии кишварҳои аъзои СААД пешбинӣ мекунанд, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муайянкунандаи заминаҳои ҳуқуқии ҳамкориҳои байналмилалӣ ҳангоми риояи қатъии ғояҳои баробарии соҳибихтиёрии давлатҳо ва мудохила накардан ба корҳои дохилӣ, инчунин тартиботи ягонаи пешниҳоди маълумот оид ба шахсони мансуб ба гурӯҳҳои

муташаккили ҷиноятӣ ва кормандони махфӣ ба прокурорҳои назоратӣ ва ғайраҳоро муқаррар мекунанд; тавсияҳо оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузории кишварҳои аъзои СААД дар самти корҳои иттилоотӣ-таҳлилии мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ; тавсияҳо оид ба мутобиқати қонунгузории кишварҳои аъзои СААД оид ба масъалаҳои расонидани кумакҳои ҳуқуқӣ вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар доираи мубориза бар зидди терроризм ва ҷинояткории байналмилалӣ ҷиҳати таъсиси механизми ягона ва мукаммали батанзимдарории ҳуқуқ дар асоси институтҳои бавуҷудомадаи қонунгузорӣ роҷеъ ба масъалаҳои расонидани кумакҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар самти парвандаҳои ҷиноятӣ дар доираи мубориза бо терроризм ва ҷинояткории байналмилалӣ, таъмини амалигардонии қоидаҳои шартномаҳои байналмилалии мутобиқнамоии кишварҳо-аъзоёни СААД оид ба масъалаҳои мазкур ва ғайраҳо.

Умуман, ҳангоми баррасии масъалаҳои мувофиқагардонӣ ва ҳамоҳангсозии муқарраротi меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар доираи СААД бояд Қарори Шурои Ассамблеяи байнипарламентии кишварҳои ИДМ – Аъзоёни Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ аз 17 ноябри соли 2005, №8 “Оид ба чораҳои мукаммалгардонии таъмини ҳуқуқии мубориза бо ситезаҳо ва таҳдидҳои нави амнияти муштараки кишварҳо–аъзоёни СААД”, ки имкониятҳои ҳалли масъалаҳои мутобиқнамоии қонунгузории кишварҳои аъзои СААД-ро тавассути шартномаи байналмилалӣ дар доираи СААД пешбинӣ кардааст, зикр намуд. Дар санади мазкур имкониятҳои истифодабарии қувваҳо ва воситаҳои низоми амнияти муштарак дар самти мубориза бо ситезаҳо ва таҳдидҳои муосир низ муқаррар шудаанд. Қатъгардии шартномаи байналмилалӣ ба вуҷуд омадани уҳдадориҳои тарафайнро байни иштирокчиён пешбинӣ менамояд, аммо қонунгузории намунавӣ хусусияти тавсиявӣ дошта, барои мутобиқнамоии қонунгузории миллии кишварҳои аъзои СААД тавсияҳоро пешниҳод мекунад. Ҳамин тавр, дар баробари қабули қонунҳои намунавӣ қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии СААД дар самти қатъгардии созишномаҳои байнидавлатӣ, ки қувваи ҳатмии ҳуқуқӣ доранд, аҳамияти назаррас доранд.

Ҳамчунин, санаи 4 феврали соли 2009 роҳбарони кишварҳои СААД дар саммити шаҳри Москва таъсиси Қувваҳои муштараки эътиноиро дастгирӣ намуданд. Тибқи санади баимзорасидаи мазкур, кишварҳои аъзо барои муқовимат ба таҷовузи ҳарбӣ амалиётҳои махсусро дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизми байналмилалӣ, ҷиноятҳои муташаккилонаи байналмилалӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, инчунин барҳам додани вазъиятҳои фавқулода амалӣ менамоянд [3,с.22].

Ҳамин тавр, хулоса баровардан мумкин аст, ки муборизаҳои геополитикӣ ба ноустувории минтақа, афзоиши таъсисёбии гурӯҳҳои хурди террористӣ, ҷинояткории байналмилалӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор ва дигар намудҳои ҷиноятҳо оварда мерасонанд. Бо мушкилиҳои мазкур дар танҳоӣ мубориза бурдан имконнопазир аст. Бинобар ин, масъалаи таъсиси ташкилотҳое, ки қувваҳои муштараки якчанд давлатҳои иштирокчии муносибатҳои байналмилалиро дар мубориза бо ситезаҳо ва таҳдидҳои муосир ҳамоҳанг месозад, масъалаи муҳим маҳсуб меёбад. Айни замон фаъолияти шумораи зиёди кишварҳо ва ташкилотҳо ба мубориза бо таҳдидҳо равона гардидааст. Аз ҷумла, нақши СААД ва СҲШ дар самти устувор намудани вазъи Осиёи Марказӣ назаррас мебошад. Созмонҳои мазкур таъсирбахшии фаъолияти худро дар амалия нишон додаанд ва онҳо барои оянда низ дорои иқтидори бузург мебошанд.

**Муқарриз: Розиқов Ф.- н.и.т., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. The United Nation and peace keeping: Results, limitations a. prospects: The lessons of 40 y. of experience / Ed. by I. J. Rikhye, K. Skjelsbaek. - London: Macmillan, cop.2019. - 200с.; 20см
2. Антонов,М. В.Организация Договора о коллективной безопасности как субъект мировой политики и ее роль в формировании многополярного мира: дис...канд. полит. наук: 23.00.04. / Антонов Максим Владимирович; Пенз. гос. ун-т, [Моск. гос. ун-т им. М. В. Ломоносова, Фак. политологии]. - Пенза, 2016. - 15 л.
3. Буянов В. С. Россия в глобализирующемся мире: учеб. пособие. / В. С. Буянов. - М.: Книга и бизнес, 2015. - 332, [1] с.; 22 см
4. Европа, Россия, Азия: сотрудничество, противоречия, конфликты: материалы II Междунар. науч.-практ. конф., 20-21 апр. 2017 г.. / Федер. гос. бюджет. образоват. учреждение высш. образования "Ряз. гос. ун-т им.

С.А. Есенина", Фак. истории и междунар. отношений, каф. всеобщ. истории и междунар. отношений, Ассоц. брит. исслед.. - Рязань : Ряз. гос. ун-т им. С. А. Есенина, 2017. - 339, [1] с.; 20 см
5. Информационно-пропагандистская политика радикальных исламских организаций (на примере ХАМАС, "Хизбаллы" и "Аль-Каиды"): дис...канд. полит. наук: 23.00.04. / Горбатова Виктория Вячеславовна; Моск. гос. ун-т им. М.В. Ломоносова, Фак. политологии. - М., 2013. - 227 л.: 500.00
6. Международная конференция высокого уровня на тему «Противостояние терроризму и насильственному экстремизму». – 2018 [Маводи электронӣ]. URL:https://mfa.tj/ru/main/view/3224/vystuplenie-na-tseremonii-otkrytiya-mezhdunarodnoi-konferentsii-vysokogo-urovnya-na-temu-protivostoyanie-terrorizmu-i-nasilstvennomu-ekstremizmu
7. Международные отношения: теории, конфликты, движения, организации: учеб. пособие для студентов вузов/ [Цыганков П. А. и др.]. Под ред. П. А. Цыганкова, Л. О. Терновой. - М: КНОРУС, 2019. - 341 с.; 22 см
8. Новые международные отношения: основные тенденции и вызовы для России / [А. Г. Аксененок и др.]. Под ред. А. В. Лукина. - М.: Междунар. отношения, 2018. - 590, [2] с.; 25 см.
9. Организация Договора о коллективной безопасности как субъект мировой политики и ее роль в формировании многополярного мира: дис...канд. полит. наук: 23.00.04. / Антонов Максим Владимирович; Пенз. гос. ун-т, [Моск. гос. ун-т им. М.В. Ломоносова, Фак. политологии]. - Пенза, 2016. - 153 л.
10. Перспективы многостороннего сотрудничества ШОС с международными структурами в интересах развития стратегии Организации / [Лузянин С.Г. и др.]; Рос. акад. наук, Федер. гос. бюджет. учреждение науки Ин-т Дал. Востока Рос. акад. наук, Центр изучения стратег. проблем СВА и ШОС. -М.: ИДВ РАН, 2019. -33, [1] с.; 20 см
11. Перспективы развития ШОС: [сб. ст.] / Рос. акад. наук, Федер. гос. бюджет. учреждение науки Ин-т Дал. Востока Рос. акад. наук. - М.: ИДВ РАН, 2016. - 43, [1] с.; 20 см.
12. ШОС в современном мире, 2016-2018 гг. Шанхайская организация сотрудничества в сообщениях ТАСС: [сборник]. Под ред. Р.К. Алимова и С.В. Михайлова. -М.: Весь Мир, 2018. -24, [1] с., [16] л. ил., портр.; 25 см
13. Политика и опиум. Пути контрабанды наркотиков из Афганистана в Центральную Азию / Ахмад ЗияМусави, Константин Курылев. - М.: URSS : ЛЕНАНД, 2020. - 17 с.; 22 см.
14. Россия - Центральная Азия. Отношения в военной области: история и современность / О.А. Белослудцев, В.В. Корнеев. - М.: Воен. изд-во, 2007. - 25, [1] с., [16] л. ил.,к.; 22 см.
15. Содружество Независимых Государств... : крат. сб. предвар. стат. итогов. ...в 2018 году / Межгос. стат. ком. Содружества Независимых Государств. - М.: СтаткомитетСНГ, 2019. - 15, [2] с.; 24 см.

## МУБОРИЗАҲОИ МУШТАРАК БО ТАҲДИДҲОЕ, КИ ДАР НАТИҶАИ НИЗОЪҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ БА ВУҶУД ОМАДААНД

Дар замони муосир аксари давлатҳои ҷаҳон ба ҳам алоқаманд мебошанд. Ҳодисае, ки дар кишвари алоҳида ба миён меояд, бидуни таъсир ба минтақаи алоҳида ё дунё аз байн намеравад. Масалан, оқибатҳои хатарноктарини низоъҳои геополитикӣ ба минтақа бавуҷудой ва фаъолгардии терроризми байналмилалӣ, савдои одамон, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории байналмилалӣ маҳсуб меёбанд. Барои таъмини бехатарӣ ва пешгирии ноустувории минтақа зарурияти мудохилаи қувваҳои ҳарбии кишварҳои зиёд ба миён меояд. Дар робита ба ин, соли 2018 дар маросими ифтитоҳии Конфронси байналмилалӣ дар мавзуи "Мубориза бо терроризм ва экстремизми зӯроварона" Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз намуд: "Ба ҳама аён аст, ки дар ҳолатҳои мазкур ягон кишвари дунё дар алоҳидагӣ дар мубориза алайҳи таҳдидҳои афзоишёбандаи зидди амният, таъмини сулҳ ва устуворӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида наметавонад... Таърих ва таҷрибаи талхи бисёр кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон шаҳодат медиҳанд, ки дар мубориза бо қувваҳои мухолифин ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ танҳо дар сурати ҳамкорӣ ва амалиётҳои якҷояи кишварҳо метавон ғолибиятро ба даст овард".

**Калидвожаҳо:** низоъҳои геополитикӣ, амнияти байналмилалӣ, терроризми байналмилалӣ, давлатҳои абарқудрат, СҲШ, СААД, Тоҷикистон.

## КОЛЛЕКТИВНАЯ БОРЬБА С УГРОЗАМИ, ВОЗНИКШИМИ В РЕЗУЛЬТАТЕ ГЕОПОЛИТИЧЕСКИХ КОНФЛИКТОВ

В современном мире, когда большая часть стран мира взаимосвязаны, ни одно событие в отдельной стране не проходит без последствий для всего региона или мира. Так, например, одним из опаснейших последствий геополитических конфликтов в регионе является зарождение и активизация международного терроризма, торговли людьми, незаконного оборота наркотиками, транснациональной преступности. И для обеспечения безопасности необходимо задействовать силы многих стран для пресечения дестабилизации региона. В этой связи, в 2018 году на церемонии открытия Международной конференции высокого уровня на тему «Противостояние терроризму и насильственному экстремизму» Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон заявил: «Не секрет, что в такой ситуации ни одна страна в мире в одиночестве не способна достичь успеха в противостоянии возрастающим угрозам безопасности, обеспечить мир и стабильность… История и горький опыт многих стран мира, в том числе Таджикистана, свидетельствуют о том, что в борьбе с враждебными силами и глобальными угрозами победу можно одержать только через сотрудничество и совместные действия».

**Ключевые слова**: геополитические конфликты, международная безопасность, международный терроризм, держава, ШОС, ОДКБ, Таджикистан.

## COLLECTIVE COUNTERMEASURES AGAINST THREATS ARISING FROM GEOPOLITICAL CONFLICTS

In today's world, when most of the countries of the world are interconnected, any occasion in any country does not disappear without consequences for the entire region or the world. For example, one of the most dangerous consequences of geopolitical conflicts in the region is the emergence and intensification of international terrorism, human trafficking, drug trafficking, and transnational crime. And to ensure security, it is necessary to use the forces of many countries to prevent the destabilization of the region.In this regard, in 2018, at the opening ceremony of the High-Level International Conference on the topic “Countering Terrorism and Violent Extremism”, the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon said: “It is not secret that in such a situation, no country in the world is not able to achieve success in countering the growing threats to security, to ensure peace and stability alone... The history and bitter experience of many countries of the world, including Tajikistan, testify that in the fight against hostile forces and global threats, victory can be won only through collaboration and joint action.

**Keywords:** geopolitical conflicts, international security, international terrorism, power, SCO, CSTO, Tajikistan.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Пиров Тоир Фарухович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи минтақашиносии хориҷӣ, факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **pirovtoir@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Пиров Тоир Фарухович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры зарубежного регионоведения, факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.E-mail: **pirovtoir@gmail.com**

**Information about the author**: **Pirov Toir** - Tajik National University, doctoral student of the Department of Foreign Regional Studies, Faculty of International Relations. **Address:** 734025, the Republic of Tajikistan, Dushanbe, avenue Rudaki, 17.E-mail: **pirovtoir@gmail.com**

ТДУ: 32.019

# ЗАМИНАҲОИ ИДЕОЛОГӢ, МИЛЛӢ, ДИНӢ-СИЁСӢ ВА ИҶТИМОИИ ЗУҲУРИ ИФРОТГАРОИИ ҶАВОНОН

***Ғайратова Ф.А., Боронова Р.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш. Кӯлоб**

Дар адабиёти илмӣ ифротгароии ҷавонон аксаран ба сифати навъи хосси ифротгароӣ пазируфта шудааст. «Ифротгароӣ дар байни ҷавонон зуҳуроти инфиродӣ ва гурӯҳиву иҷтимоии равишу василаҳои аз лиҳози ахлоқӣ ва ҳуқуқ тундравона ва зиёдаравонаи фаъолияти ҳаётии ҷавонон ҳамчун гурӯҳи хосси иҷтимоӣ ва дараҷаи махсуси аҳолӣ мебошад» [7,с.10].

Истилоҳи мазкур амалан дар айёми «инқилобҳои ҷавонон» дар солҳои 1960 дар кишварҳои Европаи Ғарбӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Америка маъмул гардида буд. Дар мутолиоти хориҷии ба зуҳуроти ифротгароӣ бахшида шуда метавон самтҳои зеринро ҷудо кард:

1. Таҳқиқоте, ки бештар ба омилҳои равонии ба ифротгароӣ гаравидани афроди алоҳида таваҷҷуҳ мекунанд. Як қатор равоншиносон - равонпизишкҳои касбӣ муътақиданд, ки афроди ифротгаро, тундрав ва террористон гирифтори ихтилоли руҳӣ ҳастанд. Аммо мантиқан афроди сифатҳои ғайримуқаррарии шахсӣ дошта дар созмонҳо мутобиқ шуда, фаъолияти худро бо дигарон ҳамоҳанг сохта ва тартибу интизоми устуворшударо риоя карда наметавонанд. Аз ҷумла, намояндагони равияи фрейдизми нав, набудани равоншиносии руҳии ҷиддиро дар ифротгароён ва амалҳои табиӣ доштани онҳоро эътироф карда, бовар доранд, ки онҳо аз осебҳои дар кӯдакиашон дида, ки ба девонафеълӣ ва дигар амалҳои ғайримуқаррарӣ оварда мерасонанд, азият мекашанд. Ин фарзия, аз ҷониби Ҷ. Пост ва пайравони ӯ тарғиб карда мешавад [4,с.241-256].

2. Равишҳое, ки ба шарҳи сабабҳои зуҳури ифротгароӣ иддао доранд ва онҳоро назарияҳои маҳдудияти иҷтимоӣ *(social deprivation)* метавон номид. Дар нигоҳи аввал онҳо тасдиқ мекунанд, ки ифротгароӣ ва шаклҳои дигари амалҳои тундравона бар асари қашшоқӣ дар шароити тақсимоти нобаробари қудрат зуҳур мекунанд ва аз ин рӯ гурӯҳҳо ва шахсони қашшоқ ва аз ҳокимият маҳрум тундрав ва ифротгаро мешаванд. Ҳарчанд ки дар баъзе мавридҳо назарияи мазкур асоснок ба назар мерасад, вале ҷолиб он аст, ки роҳбарон ва фаъолони созмонҳои ифротгаро ва тундрав ба табақаи қашшоқон ва камбағалон мансуб нестанд. Донишманди америкоӣ Т.Р.Гарр назарияи «руҳафтодагии нисбӣ»-ро пешниҳод карда буд, ки мувофиқи он одамон ҳангоми ихтилоф дар интизориҳои арзишии гурӯҳҳо ва имкониятҳои тадбиқнашуда норозигӣ ва майл ба зӯроварӣ нишон медиҳанд. Т.Р.Гарр се модели (усули) руҳафтодагии нисбиро пешниҳод кардааст:

а) умедвориҳои арзишӣ бетағйир мемонанд, вале имкониятҳо маҳдуд шудаанд;

б) умедвориҳои арзишӣ боло мераванд, вале имкониятҳо бетағйир мемонанд;

в) умедвориҳои арзишӣ меафзоянд, вале имкониятҳо маҳдуд шудаанд [9,с.51].

Назарияи руҳафтодагии нисбӣ дар осори Д.Дэвис, И.Фейерабенд, Б.Несволд ва дигарон тавсеаи бештар ёфтааст. Назарияи мазкур теъдоди зиёди ҳолатҳоро дар сатҳи баланди иҷтимоӣ шарҳ дода, ҳамзамон сабабҳо ва воситаҳои ҷалби пешвоён ва фаъолони созмонҳои тундрав ва ифротгароро нишон дода натавонистааст. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза ба ҳайси пойгоҳҳои назариявию методологии таҳқиқи ҷамъиятҳои ифротгароӣ, тундрав ва террористӣ назарияҳои нав, аз қабили «назарияи шабакаҳои иҷтимоӣ» (М.Грановеттер, Р.Берт [1-2]) ва «назарияи сармояи иҷтимоӣ» (П.Бурде, Р.Коулман, Р.Патнэм [8-10-11) пешбарӣ карда мешаванд. Дар ин ҳол шабакаи иҷтимоӣ ҳамчун гурӯҳи гумоштаҳои инфиродӣ, ки меъёрҳо ё арзишҳои ғайрирасмиро тақсим мекунанд ва сармояи иҷтимоӣ – ҳамчун қобилияти бозингарон ҷиҳати таъмини неъмат (сарват) бо роҳи узвият дар шабакаҳо ва дигар сохторҳои иҷтимоӣ фаҳмида мешавад [15,с.273].

Гуфтанист, ки корбурди истилоҳи «ифротгароӣ» дар илми муосири иҷтимоӣ нишонае аз осори субъективизм ва «тамғазаниҳост». Бо вуҷуди ин, дар осори аксари муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ зери мафҳуми ифротгароӣ андешаҳои ғайри таҳаммулпазирӣ фаҳмида мешаванд, ки хислат ва баъзан фаъолияти зӯроварона доранд.

Дар адабиёти илмиву оммавии солҳои охир, бахусус саҳифаҳои матбуот, таваҷҷуҳи бештар ба масъалаи густариши ифротгароӣ дар муҳити ҷавонон равона карда мешавад. Аз нигоҳи назариявӣ муҳим аст, ки вижагии зуҳури рафтори ифротгароёна дар байни наврасон дар шароити гуногун, соҳаҳои будубоши онҳо, зисту маишати онҳо дарк карда шавад. Аз нигоҳи амалӣ зарур аст, ки табиат ва манбаъҳои шаклгирии тафаккури ифротӣ дар тасаввури онҳо мушаххас карда, шаклҳои хавфноки табдили шуури кӯдакон, наврасон зери таъсири омилҳои берунӣ ва воситаҳои шахсиятӣ, хусусияти синнусолӣ ошкор карда шаванд.

Пеш аз ҳама, чанд шароитест, ки ифротгароии ҷавонон боиси нигаронии идораҳои ҳокимият, ҷомеа, падару модарон, омӯзгорон, табибон гардидааст.

Дар миёни шароити табиати объективӣ дошта, ҷойи аввалро худи амали зуҳуроти ифротгароӣ дар миёни ҷавонони минтақа ва умуман ҷаҳон касб кардааст. Дар ин замина худи унсури эътирозии рафтори ҷавонон, бегонашавии амалҳо ва ҳаракатҳои ҷавонон афзудааст. Мушоҳидаҳо аз он далолат мекунанд, ки эътирози ҷавонон хислати нимҷиноятӣ гирифта, дар шакли нокомилии ҷиноятии табақаҳои васеи ҷавонони ҳозира зоҳир мегардад.

Ба вижа рӯ тофтани табақаҳои васеи ҷавонон аз арзишҳои таърихан шакл гирифтаи фарҳангии классикӣ ба сӯйи ҷунбишҳои зерфарҳангӣ боиси нигаронист. Ин ҷунбишҳо нусхаи сунъии фарҳанги асил буда, пойгоҳи онро, ки тайи садсолаҳо ва ҳазорсолаҳо бо кӯшишҳои ҷомеаи башарӣ шакл гирифтаанд, забун месозанд. Дар пеши назари мо таъвизи фарҳанг, ахлоқ, ба шаклҳои пуробуранги ҳаммонандии фарҳангӣ, тақлиди дурушт ё қабеҳ сурат гирифта истодааст. Иҷтимоишавии воқеии ҷавонони минтақа, баъзан бо пазироии кӯр-кӯронаи манзараҳои кӯчагӣ, вижагиҳое, ки берун аз таъсири фарҳангӣ, таҳсилотӣ, оилавӣ мегузарад, иваз карда мешавад. Аввалияти эҳсосот ҳангоми интихоби услуби рафтор, амал, робита бо ҳамсолон яке аз сабабҳои боризи нокомилии ҷиноятӣ дар айёми ҷавонӣ гардидааст. Вай ангезандаи дар шуур шакл гирифтани мавқее мешавад, ки алайҳи мероси умумифарҳангӣ нигаронда шудааст. Чунинанд сарчашмаҳои тавлиди руҳияи ифротгароӣ, ки баъдтар ба амал мегузаранд.

Ҳарчанд ки худи ифротгароӣ дар намунаҳои равшани худ дар давраи камолот ба назар мерасад, аммо афзудани теъдоди созмонҳои ғайрирасмии наврасону ҷавонон, ки самти ҳадафмандонаи фаъолияти онҳо арзиши эътирофшудаи иҷтимоӣ надоранд, боиси нигаронӣ шудааст. Ин иттиҳодияҳо аз рӯйи унвон ва майлони расман эълоншуда ба майлонҳои фарҳангӣ, ғоявӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ мансубанд. Аммо фаъолияти баъзе гурӯҳҳои наврасон баъзан самти зиддииҷтимоӣ мегирад, ки дар натиҷа онҳо гумошта, иштирокчии чорабиниҳои ғайричашмдошт ва оқибатҳои пешбининашуда дошта мегарданд. Дар ин мавридҳо эҳтимолияти хислати ҷинояткорӣ, ифротӣ, террористӣ, зиддиинсонӣ, авбошӣ гирифтани онҳо меафзояд.

Чунин навъҳои аъмоли маҳкумкардаи ҷомеа, аз қабили зӯроварӣ, роҳзанӣ, авбошӣ, майзадагӣ, нашъамандӣ, фоҳишагии ҷавонон бояд бодиққат омӯхта шуда, пеш аз ҳама ба масъалаи синну соли ин гуна шахсон таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шавад. Ба андешаи мо, ҳангоми омӯзиши зуҳуроти ифротгароӣ дар байни ҷавонон чунин гурӯҳҳои синнусолиро бояд ба назар гирифт:

1. Субъектҳои хурдсоли то 12-сола, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои амали хеш ба хотири то ба охир дарк карда натавонистани гуноҳи хеш, нафаҳмидани оқибатҳои рафтори худ, мавҷуд набудани меъёрҳои қонунгузории ҷавобгарӣ, усулҳои ҷазо надоранд.

2. Наврасони аз 12 то 16-сола, ки қобилияти дарки мумкин ё номумкин будани шаклҳои рафтору амали худро доранд ва то дараҷаи муайян барои амалҳои хусусии ғайриқонуниашон шахсан ё дар таркиби гурӯҳ ҷавобгарии ҳуқуқӣ доранд.

3. Ҷавонон ва духтарон, ашхоси аз 16 то 25-сола, ки ҳамчун шаҳрванд пурра барои амал, рафтор, ҳаракати хеш ҷавобгаранд ва барои гуноҳҳои содиркардаашон ҷазо мебинанд. Намояндагони ин гурӯҳи синнусолӣ тибқи омор аз ҳама бештар ҷиноятҳои хислати ифротгароӣ дошта содир мекунанд.

Дар гурӯҳи аввал ифротгароии кӯдакон бо навъи эътирозӣ ё мусобиқа (мунозира) таҷассум меёбад, ки такя ба сарсахтӣ ё пофишории бачагона, хоҳиши дар ақида ё амали худ устувор мондан, худхоҳӣ ва кӯшиши худро аз ҳамсолон боло гирифтан аз рӯйи донишу ақлу ҷасорат ё маҳорати иҷрои ин ё он амал дорад. Кӯдакони руҳияи таҷовузкории фаъолона дошта худро нигоҳ дошта наметавонанд, босабру ботаҳаммул нестанд ва ҳадди амал, рафтор ё ҳаракати хешро намедонанд. Кӯдакони руҳияашон шикаста фаъол нестанд, бетарафӣ, беэътиноӣ зоҳир мекунанд ва аксаран худро чун тамошобин нишон медиҳанд, ки нишонаи рафтори инҳирофӣ мебошад.

Ба гурӯҳи дувуми синнусолӣ аслан наврасоне шомиланд, ки дар зинаи шаклгирии ҷиҳатгириҳои шахсӣ нисбат ба мафҳумҳои «некӣ» ва «бадӣ», «муҳаббат» ва «нафрат», «дӯстӣ» ва «душманӣ», «ёрӣ» ва «бетарафӣ», «номус» ва «бешарафӣ», «самимият» ва «бераҳмӣ», «одамгарӣ» ва «ваҳшоният», «фарҳанг» ва «ҷаҳолат» ҷой доранд. Дар ин марҳила иттилоъ оид ба арзишҳои шаҳвониву алоқаҳои ҷинсӣ, муносибат ба саломатӣ, шароб, тамоку, моводи нашъаовар, пул, меҳнат, ҳуқуқ ва маҳдудиятҳо, мамнуиятҳо дастрас мегарданд. Раванди такомули шахс, ки бо иртибот ба қонунҳо, шаҳрвандият таҳким бахшида мешавад, ба тавлиди ҳавохоҳиҳои (пойбандиҳои) ошкоро (ба варзиш, мусиқӣ, синамо, дӯстӣ, эҳсосоти баланд ва амсоли инҳо) оварда мерасонад ва майл ба навъҳои муайяни ифротгароӣ пайдо мешавад.

Дар маҳдудаи гурӯҳи сеюми синнусолӣ ҳангоми мавҷудияти шароити мусоид чунин шаклҳои вокуниши оммавӣ, ифротгароии зӯроварона, аз қабили ифротгароии сиёсӣ, миллӣ, динӣ, нажодӣ шакл мегиранд. Дар ин гурӯҳ таҷзияи ифротгароӣ ба ифротгароии муваққатӣ, тасодуфӣ ва решадор (давомдор), ки бо эътиқодот ва ҷаҳонбиниҳои устувор ва побарҷо таҳким меёбанд, ба амал меояд.

Ҳамзамон бояд ба назар гирифт, ки мулоҳизаҳои фавқуззикр оид ба робитаи ифротгароии ҷавонон бо гурӯҳҳои синнусолии одамон, ки бо ин ё он дараҷа таҳти таъсири ифротгароӣ дар навъҳои гуногуни он мондаанд, асоси устувор шуда наметавонанд, ки синну солро меъёри аслӣ ва ягонаи пойбандӣ ба амалҳои инҳирофӣ ва тахрибкорона ҳисоб намоем. Ифротгароӣ падидаи хеле мураккаб, гуногунсифат ва гуногуннавъ буда, асос намедиҳад, ки онро бо андозагирии синнусолии дастдории ҷавонон ба ин навъи рафтори инфиродӣ ва дастаҷамъона тавсиф намоем.

Ифротгароии ҷавонон, пеш аз ҳама, дар ҷойи зист ва кори онҳо зуҳур меёбад. Мусаллам аст, ки оила, муассисаҳои кӯдакона, мактаб, донишгоҳҳову донишкадаҳо, коллеҷҳо, корхонаҳо, муассисаҳои хизматрасонӣ, илмӣ ва низомӣ идоракунӣ ҳамроҳ бо муҳити ҷамъиятӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҳизбҳо, фондҳо ҷойҳоеанд, ки дар онҳо ифротгароии ҷавонон дар шакли ниҳону ошкоро вуҷуд дошта метавонад. Дар он ҷое ки замина номувофиқ ё ноқулай бошад, ифротгароӣ худро ба кунҷи ниҳон мезанад, ё ба кӯча, ба фазои кушод майл мекунад. Гуфтанист, ки ҳамроҳ бо муассисаҳои таҳсилотӣ, маҳфилу клубҳои гуногун, ҷойҳои будубош ва муоширати ҷавонон, воситаҳои ахбори омма ва паҳншавии оммавии иттилоот, парастишгоҳҳо, муассисаҳои хӯроки умумӣ, воситаҳои нақлиёт, китобхонаҳо, толорҳои консертӣ, лонаи бузурги ифротгароии ҷавонон буда метавонанд.

Ба зумраи далоили муҳаррике, ки густариши ифротгароиро дар байни ҷавонони минтақа тақвият медиҳанд, метавон инҳоро мансуб донист:

- ғолибияти зоҳирӣ, таъсири намоишкоронаи фаъолияти созмонҳо, ҷунбишҳои ифротгаро, ки бо «асолат» (нотакрорӣ)–и сару либос, суханрониҳо, нутқҳо, тарзи муошират, даъватҳо, рафтори пешвоён тақвият дода мешаванд;
- содагии усули устуворшавӣ ва худмуаррифии шахсият тавассути воситаҳои содакардашудаи ҳамроҳшавӣ ба созмонҳо;
- муҳит ва руҳияи ҷамъиятчигӣ, озодӣ, бетакаллуфӣ, ки дар ҳаракат ҳукмрон аст;
- камолоти ғайрикофии иҷтимоии ҷавононе, ки ба созмону ҳаракатҳо мепайванданд;

- машҳур ва маъруфияти ҳаракатҳои маргиналӣ ва пешвоёни онҳо;
- ноқаноатмандӣ аз ҳаёт бетағйирӣ, беҳаракатӣ ва навмедӣ аз беҳбудӣ;
- парастиши ифротгароӣ аз ҷониби қисмати муайяни ҷавонони имрӯз [10,с.51].

Васеъшавии ҳудудҳои мавҷудият ва болоравии ифротгароии ҷавононро на танҳо мавҷудияти далоили ангезанда барои дастгирии он шарҳ медиҳанд. Ҳамзамон, дар мубориза алайҳи ифротгароии ҷавонон заифии кори тарбиявиву фаҳмондадиҳӣ дида мешавад, ки бояд ҷанбаҳои бешумори манфии рафтори ифротии ҷавононро нишон диҳад. Ҷавонон то ҳол ба қадри кофӣ ҳис накардаанд, ки ифротгароии дар байни онҳо ҷой гирифта то кадом андоза ба шахс, ҷомеа, давлат зарари ҷиддӣ мерасонад.

Дар шароити буҳрони иқтисоди миллӣ, ки боиси шиддати мушкилоти иҷтимоӣ ва дигар мушкилоти дохилии ба ҳам алоқаманд мегардад, дар кишвар афзудани ҷинояткорӣ дар байни наврасон ба чашм мерасад. Аксари ҷавонони мо аз бекорӣ ва қашшоқӣ азоб мекашанд. Ин шароит ба фоидаи ифротгароён аст, ки кӯшиши ба ҷониби худ кашидани ҷавононро доранд. Дар чунин шароит насли ҷавон бовариро ба оянда аз даст дода, аз набудани шароити истифодаи неруи корӣ дар ватани худ азоб мекашад. Аксар вақт ҷавонон дар рӯ ба рӯйи мушкилоти интихоби дарёфти кор дар муассисаи давлатӣ бо маоши начандон баланд ва бизнеси бигузор шубҳанок, вале даромаднок истода, ба сохторҳои ҷиноятқор афтода мемонанд. Дар ин ҳол наврасон ва ҷавонон манбаи зуҳури падидаҳои зиддииҷтимоӣ шуда мемонанд. Дар натиҷа чунин мешавад, ки ҷавонон ба сафи созмонҳои ҷиноятқор, динии ифротгароӣ ва террористӣ ҳамроҳ мешаванд.

Ҳамзамон, фаъолияти наврасоне, ки ба муассисаҳои динӣ ва ҳуҷраҳои ғайрирасмии пинҳонкорӣ аз ҷониби имом-хатибони баъзе маҳалҳо ташкил карда шуда мераванд, ҷиддӣ назорат карда намешавад. Иллати асосии чунин падидаи номатлуб дар байни наврасон харобшавии ахлоқ дар оила, ба тарбияи пурраи фарзандон машғул шуда натавонистани волидайн, ки аксаран ба таъмини фарзандони хеш бо ғизо ва сару либос машғул мешаванд, мебошад. Вазъияти мураккаб дар мактабҳои миёна ва махсуси таълимӣ боқӣ мондааст. Мушкилоти низоми маориф ва фаъолияти сусти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ боиси фаъолшавии созмонҳои ифротгаро мешавад, ки наврасонро чун василаи арзони тадбиқи ҳадафҳои худ истифода мебаранд. Ҳоло ҳам ҳодисаҳои ташкили мактабҳои ғайрирасмии динӣ, ки дар он кӯдакони хурдсол омӯзонда мешаванд, ба назар мерасад.

Дар шароити фаъолияти институти оила ва мактаб «омӯзгор ва тарбиятгари асосии кӯдакон» «кӯча» мешавад. Ҳодисаҳое ҳам ба чашм мерасанд, ки наврасону мактаббачагон ба хотири боло бурдани нуфуз ва ташкили гурӯҳи ҷиноятқори худ худнамоӣ карда, кӯдакону наврасони бегонаро, ки тасодуфан ба кӯча ва ё «ҳудуди нуфуз»-и онҳо даромадааст, лату кӯб мекунанд. Чунин ба назар мерасад, ки бар асари мукаммал набудани воситаҳои тадбиқи сиёсати иҷтимоӣ ҷомеа ба ҳалли мушкилоти рӯз кӯшида, ба насли наврас таваҷҷуҳи ҷиддӣ надодааст [14,с.165].

Ин амр боис шудааст, ки гурӯҳи муайяни ҷавонони ба истилоҳ «бесоҳиб монда» рӯ ба дидгоҳҳо ва андешаҳои хориҷӣ (ба вижа иртиҷоӣ) биёранд. Майли зиндагии беҳтар ва гуворотар, ки ба далели заъфи муваққатии рӯзгор дар миёни ҷавонон пайдо шудааст, рӯз то рӯз хоҳиши гурӯҳи ҷавононро ба бегонапарастиву хештанфурӯшӣ ва орзуи дидани кишварҳои бегона зиёд мекунад.

Аз суханони Роҳбари давлат дар масъалаи тарбияи ҷавонон бармеояд, ки рафтори наку, масъулият ва дониш аз насл ба насл ба таври меросӣ намегузарад. Волидайн, муассисаҳои таҳсилотӣ, васоити ахбори оммаи миллӣ бо такя ба таҷрибаи таърихии халқи мо, намунаи қаҳрамонию мардонагии фарзандони муборизи он ва мероси адабӣ бояд ҷавононро тарзе тарбия намоянд, ки ба талаботи имрӯзу фардои давлатдории миллии мо воқеан ҳам ҷавобгӯ бошанд. Худшиносии наврасон ва ҷавонон, аз нигоҳи маърифати ватанпарастӣ ва фарҳанги сиёсӣ ба кумаки доимӣ ва таъсири ҳамаҷонибаи волидайн, мактаб ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ниёз дорад [16,с.5].

Аз ин рӯ, яке аз омилҳои асосии пешгирии ифротгароӣ ин ташаккули таҳаммулпазирии динӣ дар байни ҷомеа мебошад.

Дар ҷаҳон динҳои зиёд, ғоя ва таълимоти динӣ мавҷуданд. Одатан интихоби инсон аз дин, фарҳанг ва арзишҳои дигар бо ҳудуди зист алоқаманд мебошад. Таҳаммулпазирии динӣ ин эътирофи ҳуқуқи мавҷудият ва пайравӣ аз ҳар як дин, таҳаммул ба пайравии озоди он, эҳтиром нисбати намояндагони тамоми динҳо ба шумор меравад.

Таҳаммулпазирии динӣ дар муносибати таҳаммулпазиронаи пайравони як ҷомеаи динӣ-мазҳабӣ ба пайравони ҷомеаҳои динӣ-мазҳабии дигар мебошад. Омӯзиши адабиёт ва манобеи дар ихтиёр буда аз он далолат доранд, ки мабдаи ғоявии андешаву рафтор ва аъмоли гурӯҳҳо ва ташкилотҳои ифротгароиву террористӣ аз маҳдудаи давлат ва минтақа берун рафтааст [11,с.343].

Барои мусоидат ба ташаккули таҳаммулпазирӣ ва пешгирии паҳншавии ифротгароӣ ва зӯроварӣ, пеш аз ҳама, ташаккули эҳтиром ба гуногунрангии фарҳангҳо, тамаддунҳо ва халқҳо, омодагӣ ба дарк ва ҳамкорӣ бо нафароне, ки вобаста ба симо, забон, ақида фарқ мекунанд, зарур мебошад. Пеш аз ҳама, ин вазифаи ВАО мебошад, вале нақши тарбия дар оила ва муассисаҳои таълимӣ низ назаррас мебошанд.

Бояд эътироф намуд, ки қисмати нисбатан пешрафта, муташаккил ва инкишофёфтаи зиёӣ ва эҷодии ҷавонон донишҷӯён ба шумор меравaнд. Таҳаммулпазирӣ барои донишҷӯ маънои муносибат дар дохили муҳити донишҷӯйӣ ва берун аз он мебошад. Назорати ин муносибатҳо душворанд, зеро аз фарҳанги шахсии ҳар як нафар вобаста мебошанд. Зарур аст, ки на танҳо ғояҳои таҳаммулпазириро тарғиб намоем, балки сатҳи умумии фарҳанги донишҷӯёнро боло бардорем [10,с.56].

Баргузор намудани корҳои пешгирикунандаи ифротгароӣ байни ҷавонон хеле муҳим мебошад, зеро маҳз насли ҷавон бо назардошти омилҳои мухталиф ба таъсирҳои беруна ва омилҳои ифротӣ осебпазир ба шумор меравад. Мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷавонон, баҳодиҳии ниҳоӣ ва иқтидори тадбиқнашуда, номукаммалии равонӣ вобастагии ҷиддӣ аз афкори дигарон – заминаҳои асосии густариши ғояҳои иртиҷоӣ байни ҷавонон мебошанд.

Аз ин рӯ, тадбиқи пешгирии ифротгароӣ ва терроризм байни ҷавонон дар қиёс бо нобуд сохтани оқибатҳои ин падида хеле муфид ва самаранок мебошад. Аз ҷумла, ташкили чунин иқдом дар роҳи коҳиши зуҳуроти иртиҷоӣ дар муҳити ҷавонон имконпазир мебошад:

Якум баргузор намудани чорабиниҳои маҷмуӣ баҳри ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар муҳити ҷавонон. Донистани ҳуқуқу озодиҳои худ ба инкишофи эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон, аз ҷумла ба ҳаёт, саломатӣ ва шаъни онҳо аз ҷониби насли ҷавон мусоидат менамояд.

Дуюм, тарбияи муносибати таҳаммулпазирӣ нисбати тамоми одамон новобаста аз миллат, дин, мақоми иҷтимоӣ ва молиявии онҳо дар замири ҷавонон. Ташаккули ин афкор дар зеҳни ҷавонон аз хурдсолӣ имкони пешгирии тафриқаи инсонҳоро вобаста ба нишонаҳои махсус пешгирӣ менамояд. Ин ҳолат барои пешгирии шаклҳои гуногуни ифротгароӣ, пеш аз ҳама динӣ, миллӣ ва иҷтимоӣ мусоидат хоҳад намуд.

Сеюм, пешниҳоди тадбирҳо ҷиҳати ҳалли мушкилоти кор ва истироҳати ҷавонон. Аксари ҷавонон бинобар набудани хоҳиш ё имконияти надоштани кор ё истироҳат ба доми ифротгароён меафтанд. Аз ҷумла, на танҳо дар шаҳрҳои калон, балки маҳаллаҳои аҳолинишини дурдаст бояд клубҳо, қасрҳои фарҳанг, кинотеатрҳо, осорхонаҳо, боғҳои фарҳангӣ ва дигар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ амал намоянд. Инчунин, тарғиби фаъоли тарзи ҳаёти солим дар муҳити ҷавонон, варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ зарур мебошад. Зарур аст, ки ин чорабиниҳо барои тамоми ҷавонон аз лиҳози молиявӣ низ дастрас бошанд.

Чорум, болоравии сатҳи таъминоти маишӣ ва моддии ҷавонон, кумак барои дарёфти ҷойи кори мутахассисони ҷавон, дастгирии барномаҳои манзилӣ барои ҷавонон [13].

Хамин тариқ, заминаҳои ғоявӣ, миллӣ, динӣ ва иҷтимоии зухури ифротгароии ҷавононро таҳқиқ намуда, метавон чунин натиҷагирӣ кард:

- масъалаи ифротгароӣ, зуҳуроти зиёдаравӣ ва тундравӣ дар ҳифзи манфиатҳои хеш ва амсоли инҳо, аз ҷумла рӯ овардан ба зӯроварӣ аз давраҳои пешин ба ҷомеа

шинос буданд. Аз чаҳорчӯбаи таҳқиқи зуҳуроти ифротгароӣ метавон гуфт, ки барои ҳар як давлат ва ҷомеаи муайян сабабҳои пайдоиши ифротгароӣ метавонанд вобаста ба шароити объективӣ ва субъективӣ гуногун бошанд. Ҳамчунин, шароити такягоҳии зуҳур ва паҳншавии ифротгароӣ вуҷуд доранд, ки онҳоро метавон барои ҳамаи кишварҳо ба кор бурд. Аз ҷумла, метавон чунин омилҳои асосии зуҳур ва густариши ифротгароиро дар шароити имрӯза ҷудо кард: буҳронҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, босуръат паст шудани сатҳи зиндагии қисмати зиёди аҳолӣ, тағйирёбии шаклии ниҳодҳои сиёсӣ ва сохторҳои ҳокимият, заъфи онҳо дар ҳалли мушкилоти пешомадаи рушди ҷомеа, кӯшиши гурӯҳҳои алоҳида барои тезонидани ҳалли мушкилоти хеш ва ғайра. Бо назардоши фарогирии падидаи омӯхташаванда чунин навъҳои ифротгароиро метавон ҷудо кард: сиёсӣ, мафкуравӣ, динӣ, қавмӣ, экологӣ ва амсоли инҳо;

- дар байни ҳамаи навъҳои ифротгароӣ дар марҳилаи имрӯза ифротгароии ҷавонон бо назардошти миқёс, дараҷаи таъсир, хислатҳои теъдодиву сифатӣ бар навъҳои дигар бартарӣ дорад. Субъектҳои ин навъи ифротгароӣ маъмулан созмонҳои диниву миллӣ ва ҷудоихоҳи гуногунмазҳаб баромад мекунанд, ки дар фаъолияти худ аз барномаҳои динӣ ба хотири расидан ба ҳадафҳои мушаххаси сиёсӣ истифода мебаранд;

- ҷаҳонишавӣ ва боз ҳам байналмилалшавии ҷамоаҳои ифротгароӣ - амрест бетардид, ки ҷаҳон имрӯз дар рӯ ба рӯйи он истодааст;

- раванди таҳқиқи навъҳои гуногуни ифротгароии ҷавонон бо сабаби сатҳи баланди шартӣ будан ва маҳдудияти объективии чаҳорчӯбаи замонӣ хеле душвор гардидааст. Зери мафҳуми маҳдудияти замонӣ мо он шароитро дар назар дорем, ки табиати ҳама гуна навъҳои ифротгароӣ, аз ҷумла ифротгароии ҷавонон дар маҷмуъ хислатҳои монанде доранд [10,с.59].

**Муқарриз: П.Нуриддин – н.и.с., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Burt R.S. Toward a Structural Theory of Action: Network Models of Social Structure, Perspectives and Action. N.Y.: AcademicPress, 1982.
2. Granovetter, M. S. The Strength of Weak Ties // American Journal of Sociology. 1973. Vol.78. № 6. P. 1360-1380.
3. Portes, A. Social Capital: its origins and applications in modern sociology // Annual Review of Sociology. 1998. № 24. - P.6.
4. Post, J. Narcissism and the Charismatic Leader-Follower Relationship // Political Psychology. 1986. № 7 (4). P.675-688.
5. Post, J. Notes on Psychodynamic Theory of Terrorist Behavior // Terrorism: An International Journal. 1984. № 7(3). P. 241-256.
6. Robins, R., Post J. Political Paranoia: The Psychopolitics of Hatred. New Haven (Conn.): Yale Univ. Pr., 1997.
7. Афанасьева, Р.М. Социокультурные условия противодействия экстремизму в молодежной среде (социально-философский анализ): дисс. к.ф.н. / Р.М. Афанасьева. - Москва, 2007. - С. 10.
8. Бурдье, П. Формы капитала / П.Бурдье // Западная экономическая социология: Хрестоматия современной классики. Сост. и науч. ред. В.В. Радаева. - Москва, 2004. - С. 519-536.
9. Гарр Т.Р. Почему люди бунтуют / Т.Р.Гарр. - Питер, 2005. -С.51.
10. Ғайратова Ф.А. Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он /Ф.А.Ғайратова// диссертатсия, Душанбе-2021. - 194с.
11. Ғайратова Ф.А. Экстремизм ва мафкураи «давлати исломӣ» / Ф.А. Ғайратова, Р.Ш. Нуриддинов // Паёми ДМТ. – 2020. - №7. -С. 342-347.
12. Коулман, Дж. Капитал социальный и человеческий / Дж.Коулман // Общественные науки и современность. - 2001. -№ 3. - С. 122-139.
13. Патнэм, Р. Чтобы демократия сработала / Р.Патнэм // Гражданские традиции в современной Италии. - Москва, 1996. - 288 с.
14. Противодействие идеологии терроризма и экстремизма в сфере образования [Манбаи электронӣ]. URL: https://minobrkchr.ru/protivodeystvie-ideologii-terrorizmu-i-ekstremizmu-v-sfere-obrazovaniya/ (санаи муроҷиат 18.08.2020).
15. Самиев, Х.Д. Ҷавонон ва гаравиши онҳо ба андешаҳои ғайр ва бегона / Х.Д.Самиев // Терроризм ва ифротгароӣ – роҳҳои пешгирии он. – Душанбе, 2015. – С.165.
16. Фукуяма, Ф. Великий разрыв / Ф.Фукуяма. - Москва, 2003. - С. 273.
17. Ятимов, С. Мудрость и стиль государственного управления / С.Ятимов // Народная газета. - №20 (20198) 8 мая 2019. -С.5.

## ЗАМИНАҲОИ ИДЕОЛОГӢ, МИЛЛӢ, ДИНӢ-СИЁСӢ ВА ИҶТИМОИИ ЗУҲУРИ ИФРОТГАРОИИ ҶАВОНОН

Дар мақолаи мазкур заминаҳои идеологӣ, миллӣ, динӣ-сиёсӣ ва иҷтимоии зуҳури ифротгароии ҷавонон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар адабиёти илмиву оммавии солҳои охир, бахусус саҳифаҳои матбуот, таваҷҷуҳи бештар ба масъалаи густариши ифротгароӣ дар муҳити ҷавонон равона карда мешавад. Аз нигоҳи назариявӣ муҳим аст, ки вижагии зуҳури рафтори ифротгароёна дар байни наврасон дар шароити гуногун, соҳаҳои будубоши онҳо, зисту маишати онҳо дарк карда шавад. Аз нигоҳи амалӣ зарур аст, ки табиат ва манбаъҳои шаклгирии тафаккури ифротӣ дар тасаввури онҳо мушаххас карда, шаклҳои хавфноки табдили шуури кӯдакон, наврасон зери таъсири омилҳои берунӣ ва воситаҳои шахсиятӣ, хусусияти синну солӣ ошкор карда шаванд. Ҳарчанд ки худи ифротгароӣ дар намунаҳои равшани худ дар давраи камолот ба назар мерасад, аммо афзудани теъдоди созмонҳои ғайрирасмии наврасону ҷавонон, ки самти ҳадафмандонаи фаъолияти онҳо арзиши эътирофшудаи иҷтимоӣ надоранд, боиси нигаронӣ шудааст. Ин иттиҳодияҳо аз рӯйи унвон ва майлони расман эълоншуда ба майлонҳои фарҳангӣ, ғоявӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ мансубанд. Аммо фаъолияти баъзе гурӯҳҳои наврасон баъзан самти зиддиҷтимоӣ мегирад, ки дар натиҷа онҳо гумошта, иштирокчии чорабиниҳои ғайричашмдошт ва оқибатҳои пешбининашуда мегарданд. Дар ин мавридҳо эҳтимолияти хислати ҷинояткорӣ, ифротӣ, террористӣ, зиддиинсонӣ, авбошӣ гирифтани онҳо меафзояд. Баргузор намудани корҳои пешгирикунандаи ифротгароӣ байни ҷавонон хеле муҳим мебошад, зеро маҳз насли ҷавон бо назардошти омилҳои мухталиф ба таъсирҳои беруна ва омилҳои ифротӣ осебпазир ба шумор меравад. Мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷавонон, баҳодиҳии ниҳоӣ ва иқтидори татбиқнашуда, номукаммалии равонӣ, вобастагии ҷиддӣ аз афкори дигарон – заминаҳои асосии густариши ғояҳои иртиҷоӣ байни ҷавонон мебошанд.

**Калидвожаҳо**: ифротгароӣ, терроризм, ҷавонон, дин, сиёсат, миллат, фарҳанг, ҷомеа, давлат, пешгирӣ, ҷиноят.

## ИДЕОЛОГИЧЕСКИЕ, НАЦИОНАЛЬНЫЕ, РЕЛИГИОЗНО-ПОЛИТИЧЕСКИЕ И СОЦИАЛЬНЫЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ВОЗНИКНОВЕНИЯ МОЛОДЕЖНОГО ЭКСТРЕМИЗМА

В данной статье всестороннему анализу и обзору подвергнуты идеологические, национальные, религиозно-политические и социальные основы молодежного экстремизма. В научной и массовой литературе последних лет, особенно на страницах прессы, все больше внимания уделяется вопросу распространения экстремизма в молодежной среде. С теоретической точки зрения важно понять особенность проявления экстремистского поведения у подростков в разных условиях, районах их проживания, условиях жизни. С практической точки зрения, необходимо уточнить характер и источники формирования экстремального мышления в их воображении, выявить опасные формы трансформации сознания детей и подростков под влиянием внешних факторов и личностных средств, возрастные особенности. Хотя сам экстремизм проявляется в своих ярких проявлениях в период зрелости, вызывает беспокойство рост числа неформальных организаций подростков и молодежи, объективная направленность деятельности которых не имеет признанной социальной ценности. По официально заявленному названию эти объединения характеризуются культурной, идеологической, экономической и политической направленностью. Однако деятельность некоторых групп подростков иногда принимает антисоциальную направленность, в результате чего они запутываются и становятся участниками неожиданных событий и непредвиденных последствий. В этом случае возрастает вероятность того, что они приобретут криминальный, экстремистский, террористический, антигуманный, хулиганский характер. Очень важно проводить мероприятия по предупреждению экстремизма среди молодежи, ведь именно молодое поколение уязвимо перед внешними воздействиями и экстремистскими факторами с учетом различных факторов. Социально-экономические проблемы молодежи, итоговая оценка и неиспользованный потенциал, умственная незрелость, серьезная зависимость от чужого мнения являются основными основаниями для распространения бунтарских идей среди молодежи.

**Ключевые слова:** экстремизм, терроризм, молодежь, религия, политика, нация, культура, общество, государство, профилактика, преступность.

## IDEOLOGICAL, NATIONAL, RELIGIOUS-POLITICAL AND SOCIAL PREREQUISITES FOR THE ORIGIN OF YOUTH EXTREMISM

In this article, the ideological, national, religious-political and social foundations of youth extremism are subjected to a comprehensive analysis and review. In the scientific and popular literature of recent years, especially in the press, more and more attention is paid to the issue of the spread of extremism among the youth. From a theoretical point of view, it is important to understand the peculiarities of the manifestation of extremist behavior in adolescents in different conditions, areas of their residence, living conditions. From a practical point of view, it is necessary to clarify the nature and sources of the formation of extreme thinking in their imagination, to identify dangerous forms of transformation of the consciousness of children and adolescents under the influence of external factors and personal means, age-related features.Although extremism itself manifests itself in its vivid manifestations in the period of maturity, the growth in the number of informal organizations of teenagers and youth, the objective orientation of whose activities has no recognized social value, is worrying. According to the officially declared name and orientation, these associations belong to the cultural, ideological, economic and political orientation. However, the activities of some groups of teenagers sometimes take on an anti-social direction, as a result of which they become confused and become

participants in unexpected events and unforeseen consequences. In these cases, the likelihood that they will acquire a criminal, extremist, terrorist, inhumane, hooligan character increases.It is very important to carry out activities to prevent extremism among young people, because it is the younger generation that is vulnerable to external influences and extremist factors, taking into account various factors. Socio-economic problems of youth, final assessment and untapped potential, mental immaturity, serious dependence on other people's opinions are the main reasons for the spread of rebellious ideas among young people.

**Keywords:** extremism, terrorism, youth, religion, politics, nation, culture, society, state, prevention, crime.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Ғайратова Фотима Асламшоевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, кафедраи муносибатҳои байналмилалии факултети муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **fotima.gairatova.84@mail.ru**
***Боронова Рухшона Абдурасуловна*** – Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш. Кӯлоб, саромӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети муштараки тоҷикӣ-россиягӣ. **Суроға:** 735140 Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Борбад. E-mail: **raksana_83@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Гайратова Фатима Асламшоевна*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, кафедра международных отношений факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **fotima.gairatova.84@mail.ru**
***Боронова Рухшона Абдурасуловна*** - Институт технологий и инновационного менеджмента в г. Куляб, стар. преп. кафедры права и государственного управления совместного таджикско-российского факультета. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, город Куляб, Борбад. E-mail: **raksana_83@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Gairatova Fatima Aslamshoevna*** - Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Department of International Relations, Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, st. Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **fotima.gairatova.84@mail.ru**
***Boronova Rukhshona Abdurasulovna*** - Institute of Technology and Innovation Management in Kulyab, star. teacher department of law and public administration of the joint Tajik-Russian faculty. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulyab city, Borbad. E-mail: **raksana_83@mail.ru**

ТДУ:320.21

# НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ ИРТИБОТӢ ДАР ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ИДОРАИ ДАВЛАТӢ

*Расулзод Л.Х.*
**Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар низоми муосир рушди давлат, фаъолияти муназзами институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ технологияҳои иттилоотию иртиботӣ нақш ва таъсири меҳварӣ дорад. Ин нақш ва аҳамияти ширкатҳо ва корхонаҳое, ки фаъолияти ҳаррӯзаашон бо муштариён, рақобатпазирии бозорӣ ва қонеъ намудани талаботи мизоҷон пайваст аст, хеле барвақт дарк намуда, ба татбиқи технологияи мазкур дар низоми фаъолияти худ рӯ оварданд.

Дар кишварҳои дорои низоми бозоргонии иқтисод мақомоти давлатӣ нисбат ба ширкатҳо ва корхонаҳои хусусӣ афзалияти ТИИ-ро дар самранокӣ ва пешрафти низоми фаъолият каме баъдтар дарк намуданд. Бинобар ин, имрӯзҳо дар низоми фаъолияти ин ду бахши фаъолият (хусусӣ ва давлатӣ) тафовутҳо аз нуқтаи назари истифодаи технолоияи муосир зуд ба чашм мерасанд. Дар ин самт бахши хусусӣ нисбатан пешқадам ва муосир мебошад.

Бо вуҷуди он ки истифодаи ТИИ ҳамчун унсури ҷомеаи иттилоотӣ дар амалияи ҷамъиятӣ аз солҳои 90-ум ба ин тараф маъмул гардид, вале заминаҳои назариявии падида каме пештар дар осори як зумра муҳаққиқон инъикоси худро пайдо намуда буданд. Асарҳои Д. Бел, М. Кастелс [2,с.248], Ф. Вебстер [7,с.380], Э. Тоффлер [6,с.560] ва як қатор олимони дигар асосҳои назарияи ҷомеаи иттилоотӣ, ғайр аз ин, шароити пайдоиш ва аҳамияти нави институтҳои сиёсиро дар ҷомеаи иттилоотӣ ба таври муфассал баррасӣ намуда буданд. Асарҳои ин муҳаққиқон ҳарчанд дар ибтидо ҳамчун эҷодиёти устуравӣ ба назар мерасиданд, вале гузашти вақт нишон дод, ки идеяи ҷомеаи иттилоотӣ на танҳо табиқшаванда аст, балки барои ҷаҳони нав ва шароити нави инкишофи давлатҳо унсури ногузир ва ҳатмӣ мебошад.

Ҳамин тавр, рушди имкониятҳо ва зарфиятҳои ТИИ, афзалияти хоса касб намудани истифодаи васеи онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ба он боис гардид, ки дар нимаи аввали солҳои 90-ум ҳукуматҳои кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон барномаҳои миллии инкишофи ҷомеаи иттилоотиро қабул намоянд.

Ҷорӣ намудани ТИИ дар низоми фаъолияти мақомоти давлатӣ ва электронишавии бахшҳои мухталифи институтҳои ҳокимияти давлатӣ ба такмили идораи давлатӣ ва тақвияти сиёсати иҷтимоии кишварҳо мусоидати ҷиддӣ намуд. Ин таҳаввулоти нав дар идораи давлатӣ ба пайдоиши истилоҳи нав - «ҳукумати электронӣ» ё «давлати электронӣ» сабаб шуд.

Мафҳуми “ҳукумати электронӣ” дар русӣ аз тариқи тарҷумаи айнии калимаи англисии “electronic government”, ба ибораи дигар “e-government” ба вуҷуд омадааст. Бори аввал истилоҳи "ҳукумати электронӣ" дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар ибтидои солҳои 90-уми асри 20 дар даврони Билл Клинтон мавриди истифода қарор гирифт. Маҳз Билл Клинтон ба рушди интернет ва рушди технологияҳои иттилоотӣ аҳамияти хоса равона намуда буд. Баъдан ин истилоҳ дар васоит ахбори омма ва дар матни суханрониҳои расмӣ маъмул шуд. Бо вуҷуди паси сар шудани зиёда аз се даҳсола, то кунун таърифи илмии умумиэътирофшудаи истилоҳи “ҳукумати электронӣ” вуҷуд надорад. Муҳаққиқон истилоҳи "ҳукумати электронӣ"-ро аз паҳлӯҳои мухталиф баррасӣ намуда, ба он тафсири сиёсӣ, иқтисодӣ, техникӣ, амалӣ ва тавсифӣ медиҳанд.

Дар амалияи идораи давлатӣ дар Русия аз соли 2000 инҷониб дар санадҳои расмӣ «ҳукумати электронӣ» ҳамчун «ҳукумат дар шабака» мавриди корбурд қарор гирифта, тадриҷан як қатор таҳқиқотҳои илмӣ низ дар ин замина ба вуҷуд омаданд. [4].

Дар ин давра М. Вершинин фаҳмиши “ҳукумати электронӣ”-ро ҳамчун “низоми ҳамкории муколамаи байни давлат ва шаҳрвандон бо истифода аз интернет” маънидод намуда, ин низомро як навъи нави тағйирот дар идораи давлатӣ тавсиф кард, ки

муносибати байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асоси принсипҳои ТИИ ба роҳ монда мешавад [1,с.253].

Бо мурури замон муҳаққиқони дигари рус, ки ба омӯзиши назария ва амалияи идораи давлатӣ машғул буданд, ба пажӯҳиши нақш ва аҳамияти "ҳукумати электронӣ" дар идораи давлат рӯ оварданд. Дар натиҷаи таҳлили осори онҳо ду равиши хосро нибат ба арзёбии моҳияти "ҳукумати электронӣ" метавон мушаххас намуд.

"Ҳукумати электронӣ" дар фаҳмиши "маҳдуд ва ё мӯътадил" ва "васеъ ва ё радикалӣ".

Дар фаҳмиши «мӯътадил» «ҳукумати электронӣ» ҳамчун василаи такмили низоми фаъолияти идораи давлатӣ тавассути истифодаи технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ шарҳ дода мешавад, ки самара ва натиҷаи татбиқи он дар расонидани хизмат ба аҳолӣ инъикос меёбад. Чунин консепсия ба нерӯи ТИИ ва арзишҳои ҷомеаи кушоди шаҳрвандӣ, бо таваҷҷуҳ ба ниёзҳои шаҳрвандон, самаранокии хароҷот, дастрасӣ ба назорати иҷтимоӣ асос ёфтааст. Он ҳамчун тарҳи нави идоракунии давлатиӣ шуморида мешавад, ки дар натиҷаи дигаргун сохтани муносибатҳои муқарраргардидаи байни шаҳрвандон ва ҳокимият пайдо шудааст [5,с.193-195].

Мувофиқи фаҳмиши «радикалӣ» «ҳукумати электронӣ» на танҳо хусусияти нави муносибатҳои дохилӣ-ташкилиро тағйир медиҳад, балки тамоми системаи муносибатҳои идораи давлатӣ ва ҷамъиятро низ дигаргун менамояд. М.Ю. Павлютенкова ва А.А. Сваруп чунин меҳисобанд, ки моҳияти аслии «ҳукумати электронӣ» дар фаҳмиши аввал бештар муносиби ҷомеа мебошад ва танҳо дар маънои маҳдуд «ҳукумати электронӣ» ҳамчун идеяи идоракунии давлатӣ, ки хоси ҷомеаи иттилоотӣ аст, баррасӣ карда шавад.

Дар натиҷаи таҳлили асарҳои марбут ба муҳаққиқони рус, ки тайи 10 соли охир ба табъ расидаанд, як қатор тафсирҳои мушаххаси истилоҳи «ҳукумати электронӣ»-ро метавон қайд намуд, ки вобаста ба мазмуни муҳият ва равиши илмӣ ба масъала аз ҳамдигар тафовут доранд. Аз ҷумла «ҳукумати электронӣ» ин:

–хизматрасонӣ ба ширкатҳо ва аҳолӣ бо истифода аз ТИИ, аз ҷумла сохтани вебсомона барои мақомоти давлатӣ;

– ҷорӣ намудани ТИИ дар тамоми самтҳои фаъолияти давлат, илова бар ин, ҳамкории фаъоли мақомоти давлатӣ бо ҳамдигар, бо корхонаҳо ва аҳолӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофияти фаъолияти ҳукумат ва имкони назорати ҷомеа аз болои он;

–системаи тадбирҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва воситаҳои техникӣ, ки ба таъмини фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба хизматрасонии давлатӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тавассути истифодаи ТИИ, инчунин ҳамкории электронии байнисоҳавӣ равона шудааст;

–идеологияест, ки дар асоси он давлат қисми зиёди вазифаҳо ва хидматрасониҳои худро тариқи электронӣ амалӣ мекунад;

–тарзи пешниҳоди иттилоот ва расонидани маҷмӯи аллакай ташаккулёфтаи хизматрасониҳои давлатӣ ва маҳаллӣ ба шаҳрвандон, соҳибкорон, дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ, ки дар он ҳамкории шахсии байни давлат ва шаҳрвандон кам карда шуда, технологияҳои иттилоотӣ ба таври васеъ истифода мешаванд ва ғайра.

Муҳаққиқони ғарбӣ ба истилоҳи «ҳукумати электронӣ» аз мавқеи "самранокӣ" назар менамоянд. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳида ва Британияи Кабир, олимон зери истилоҳи «ҳукумати электронӣ» консепсияеро мефаҳманд, ки ҳадафи ниҳоии он баланд бардоштани самаранокии ҳукумат мебошад. Он роҳи муосири дигаргунсозии маҷмуи муносибатҳои байни бахши давлатӣ ва ҷамъиятӣ мебошад.

Мувофиқи тафсири Кумитаи идоракунии давлатии Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд, "ҳукумати электронӣ" - ҳамчун механизми таъмини беҳтарини идораи давлат, ислоҳоти сохторҳо, ташаккул додани фарҳанги идоракунӣ тавассути истифодаи ТИИ мебошад. Дар ин фаҳмиш "ҳукумати электронӣ" ва «идоракунии хуб» ҳамчун синоним ва падидаи ҳаммаъно ба назар мерасад.

Ҳамаи тафсирҳои дар боло зикршударо ҷамъбаст намуда, мо метавонем ба чунин хулоса оем, ки «ҳукумати электронӣ» - усули пешниҳоди иттилоот ва хизматҳои давлатӣ ба шаҳрвандон, бахши савдо инчунин дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ бо истифода аз ТИИ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки тибқи арзёбии аксари муҳаққиқон, ки ба пажӯҳиши масъала машғуланд, чаҳор самти муносибатҳо дар раванди татбиқи "ҳукумати электронӣ" зикр мегардад. Инҳо:

–байни институтҳои давлатӣ ва шаҳрвандон (G2C - governmentto-citizen).

–байни ташкилотҳои давлатӣ ва хусусӣ (G2B - government-tobusiness);

–байни муассисаҳои давлатӣ ва кормандони онҳо (G2E - government-to-employee).

–байни мақомоти давлатӣ ва зинаҳои гуногуни ҳукумат (G2G -government-to-government).

Чаҳор самтаҳои зикргардида дар маҷмуъ муҳимтарин ҷанбаъҳои фаъолияти давлат ва ҷомеар дар бар мегиранд, ки дар заминаи татбиқи ҳукумати электронӣ ҳосил мешавад.

Мақсад аз ташкили «ҳукумати электронӣ» ин истифодаи фаъолонаи ТИИ, беҳтарсозии тарзи иртиботи байни шахсони мансабдор ва шаҳрвандон бо мақсади баланд бардоштани самаранокии хизматҳои давлатӣ мебошад.

«Ҳукумати электронӣ» танҳо харидорӣ ва насб намудани ТИИ-ро дар назар надорад, балки чуноне ки дар боло низ қайд гардид, мақсади асосии он таъмини самаранокӣ дар ҳама гуна шаклҳои фаъолият мебошад. Бинобар ин, барои дар сатҳи шоиста табиқ намдуани он омодагии электронӣ ва ё баланд бардоштани фарҳанги истифодаи ТИИ ҳам дар сатҳи хидматчиёни давлатӣ ва ҳам миёни оммаи шаҳрвандон зарур мебошад.

Воқеан, фаъолияти натиҷабахш ва самараноки ҳукумати электронӣ дар сурати мавҷуд набудани механизмҳои хуби иртиботи электронии байнисоҳавӣ ғайриимкон аст. Зеро тавре маълум аст, хадамоти давлатӣ асосан ба шаҳрвандон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нигаронида шудааст. Тибқи низоми анъанавӣ шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқиро лозим аст, ки барои анҷом додани ягон коре, ки ба мақомоти давлатӣ алоқаманд аст, шахсан тамоми ҳуҷҷатҳои заруриро бояд ҷамъоварӣ намуда, муассисаву идораҳои зиёдеро давр зананд. Аммо татбиқи «ҳукумати электронӣ» имкон медиҳад, ки онҳо аз ҳама ташвишҳои вобаста ба "ташрифи шахсӣ" халос шаванд. Барои ин пеш аз ҳама зарур аст, ки ниҳодҳои давлатӣ дар навбати аввал зарфиятҳо ва иқтидори иттилоотию иртиботии худро ҳам аз нигоҳи технологӣ ва ҳам кадрӣ хеле баланд бардоранд.

Бояд қайд кард, ки мафҳуми «ҳукумати электронӣ» ба принсипи расонидани хизмати давлатӣ ба шаҳрвандон дар реҷаи «равзанаи ягона» асос ёфтааст.

Принсипи мазкур маънои истисно ё маҳдуд кардани иштироки муроҷиаткунандагон (шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ)-ро дар раванди аз мақомоти гуногун ҷамъоварӣ ва ё пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва шаҳодатномаҳои гуногун ба мақомотро ифода мекунад.

Ҳадафҳои асосии татбиқи принсипи «равзанаи ягона» инҳо мебошанд:

–батанзимдарории тартиби аз ҷониби шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ гирифтани хизматраосниҳои давлатӣ;

–баланд бардоштани сатҳу сифати дастрасии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба хизматҳои давлатӣ;

–истисно кардани робитаҳои шахсии муроҷиаткунандагон бо шахсони мансабдори мақомоте, ки оид ба пешниҳод (рад кардан)-и хизматҳои давлатӣ қарор қабул мекунанд;

–муқовимат ба коррупсия ва барҳам додани бозори хизматҳои миёнаравӣ, ки дар доираи пешниҳоди хизматҳои давлатӣ аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ дар асоси талаби ҳаққи хизмат ба роҳ монда мешавад ва ғайраҳо

Самти афзалиятноки ҳамкорӣ дар татбиқи принсипи «равзанаи ягона» ин ташкили мубодилаи электронии ҳуҷҷатҳо ва иттилооте мебошад, ки ба аризадиҳандагон тааллуқ

доранд ва дар системаҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ истифода, ташаккул, нигоҳдорӣ ва коркард мешавад.

Таъсиси «ҳукумати электронӣ» ташкили се шабакаи муттаҳидшудаи ҳамкории шаҳрвандон ва тамоми мақомоти ҳокимиятро таъмин мекунад. Ба ибораи дигар, ташаккули низоме, ки дар он шаҳрванд дар маҷмӯъ бо сохтори давлатӣ ҳамкории мутақобила мекунад. Ин се шабака иборатанд аз:

–ташкили марказҳои дастгирӣ ва хадамоти телефонӣ барои шаҳрвандон;

–порталҳои хизматҳои давлатӣ ва шаҳрӣ дар шабакаи Интернет дар сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ;

–шабакаи ягонаи идораҳое, ки ба шуъбаҳои гуногун хизмат мерасонанд, ба ибораи дигар, марказҳои бисёрмақсадноки пешниҳоди хизматҳои давлатӣ ва коммуналӣ.

Бояд зикр намуд, ки рушду инкишофи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол асосан ба солҳои 1997 рост меояд. Аниқтараш моҳи сентябри соли 1997 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон барнома “Дар бораи таъмини ҳуқуқӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳон” қабул гардид. Ҳуҷҷати мазкур дар рушду инкишофи технологияи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии мамлакат саҳми босазое гузошт. Пеш аз ҳама шаҳрвандони Тоҷикистон ва иттиҳодияҳои давлатию ҷамъиятӣ ба шабакаи иттилоотии ҷаҳонӣ пайваст гардиданд .

Технологияҳои муосири коммуникатсионӣ, ки дар ҳама соҳаҳо ҷорӣ карда шуда, воситаи мувофиқ ва самараноки табодули иттилоот ва хизматрасонии мизоҷон мебошанд. Инро дар мисоли хизматрасониҳои интерактивӣ дар бахшҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дидан мумкин аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар баҳри амалӣ намудани иттилоърасонӣ ва хизматрасонии электронӣ стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ қабул шудаанд. Аз ҷумла:

- Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-комммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Барномаи давлатии инкишоф ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2017;
- Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра мебошад, ки заминаи муҳими стратегии иттилоърасонӣ ва хизматрасонии электронии давлатиро ташкил медиҳанд [3,с.313].

Сол то сол Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи татбиқи унсурҳои ҳукумати электронӣ ба дастовардҳои назаррас ноил мегардад. Ин пеш аз ҳама ба татбиқи зина ба зинаи санадҳоест, ки номгӯи онҳо дар боло оварда шуданд. Аҳамияти татбиқи «ҳукумати электронӣ»-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама дар се мавриди зерин метавон дарҷ намуд:

1. баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ дар ҳама марҳилаҳо, пешгирӣ аз коррупсия, баланд бардоштани сатҳи шаффофияти хизматрасониҳои давлатӣ;

2. имконияти муосир ва муассири иртиботи озоду шаффоф миёни ҳукумат ва ҷомеа;

3. баланд шудани сатҳи боварии ҷомеа ба ҳокимият, институтҳои алоҳидаи он ва мутобиқан таъмини суботи сиёсӣ дар давлат.

Бояд таъкид менамоем, ки «ҳукумати электронӣ» ин лоиҳаи кӯтоҳмуддате нест, ки ҳадафаш расидан ба марҳилаи ниҳоии рушд бошад, балки такмили пайвастаи идораи давлатиро бо такя ба технологияҳои нави иттилоотию иртиботӣ тақозо мекунад. Он системаи идоракунии давлатиро хеле шаффоф ва ба талаботи замона ҷавобгӯ гардонида, дастрасии шаҳрвандонро ба раванди қабули қарорҳои идоракунӣ боз мекунад. Такмили технологияҳои нав боиси афзоиши иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии кишвар ва дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ ва дар натиҷа таҳаввулоти идеалҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мегардад.

**Муқарриз: Холов Х.Қ. - н.и.с., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**

1. Вершинин М.С. Политическая коммуникация в информационном обществе / М.С. Вершинин. -Санкт-Петербург: Изд-во Михайлова В. А., 2001. -253 с.
2. Кастельс М. Информационная эпоха: экономика, общество и культура/М. Кастельс. Москва: Изд-во ГУ ВШЭ, 2000. 248 с.
3. Маҳмадов А.Н., Ибодов А.Ҳ. Нақш ва мавқеи интернет дар сиёсат /Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. -Душанбе: Сино, 2014. -қисми 1. -№3/8 (150). -313 с.
4. Об организации предоставления государственных и муниципальных услуг : федеральный закон от 27 июля 2010 г. № 210-ФЗ // Российская газета. 2010. № 5247. 30 июля.
5. Павлютенкова М. Ю. Социально-политические аспекты концепции «Электронное правительство» / М. Ю. Павлютенкова, А. А. Сваруп // Технологии инфор мационного общества - Интернет и современное общество: труды VII Всероссийской объединенной конференции (Санкт-Петербург, 10–12 ноября 2004 г.). СанктПетербург : Изд-во филол. ф-та СПбГУ, 2004. С. 193–195.
6. Тоффлер Э. Шок будущего / Э. Тоффлер. Москва : АСТ, 2001. 560 с.
7. Уэбстер Ф. Теории информационного общества / Ф. Уэбстер. Москва: Аспект Пресс, 2004. 380 с.
8. Урсул А. Д. Природа информации. – М., 2011. – 206 с. 42.
9. Фролов Д.Б. Информационная геополитика и вопросы информационной безопасности // Национальная безопасность, № 1, 2009.
10. Хорошилов А.В., Романов К.А. О критерии эффективности инвестиций в информационные технологии // Вопросы статистики. – 2009. – №11. – С.49-51. 43.
11. Шафрин Ю.А. Информационные технологии. – М., 2008. – 700 с.
12. Юсупов Р.М. О влиянии информационно-коммуникационных технологий на обеспечение национальной безопасности в условиях формирования информационного общества. М.: 2009.
13. Экономическая основа деятельности средств массовой информации // Право и СМИ в Центральной Азии. 2011. 15 мая. [Электронный ресурс]. URL: http://medialaw.asia/document/1265-1296 (дата обращение 26 августа 2012 г.).

## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ ИРТИБОТӢ ДАР ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ИДОРАИ ДАВЛАТӢ

Дар мақола нақши технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ дар таъмини самаранокии идораи давлат мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф консепсияи «ҳукумати электронӣ» ва татбиқи принсипҳои онро ҳамчун омили меҳварии идораи муосир ва босамари давлатӣ арзёбӣ мекунад. Татбиқи ҳукумати электрониро дар самти сода ва сабук намудани низоми пешниҳоди хизматҳои давлатӣ хеле муҳим арзёбӣ намуда, бидуни он рушди давлатро дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ имконнопазир арзёбӣ мекунад. Ҳамзамон муаллиф нақши истифодаи ТИИ-ро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба баланд гардидани бовари шаҳрвадон нисбат ба институтҳои ҳокимияти сиёсӣ ва тақвияти ҳамгироии давлат ва ҷомеа хеле муҳим мешуморад. Бояд таъкид менамоем, ки «ҳукумати электронӣ» ин лоиҳаи кӯтоҳмуддате нест, ки ҳадафаш расидан ба марҳилаи ниҳоии рушд бошад, балки такмили пайвастаи идораи давлатиро бо такя ба технологияҳои нави иттилоотию иртиботӣ тақозо мекунад. Он системаи идоракунии давлатиро хеле шаффоф ва ба талаботи замона ҷавобгӯ гардонида, дастрасии шаҳрвандонро ба раванди қабули қарорҳои идоракунӣ боз мекунад. Такмили технологияҳои нав боиси афзоиши иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии кишвар ва дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ ва дар натиҷа таҳаввулоти идеалҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мегардад.

**Калидвожаҳо**: ТИИ, идоракунии давлатӣ, ҳукумати электронӣ, ҷомеаи иттилоотӣ, мақомоти давлатӣ, институтҳои ҳокимияти давлатӣ, ҷомеаи кушод, суботи сиёсӣ

## РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ЭФФЕКТИВНОСТИ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ

Статья посвящена роли информационно-коммуникационных технологий в обеспечении эффективности государственного управления. Автор рассматривает концепцию "электронного правительства" и реализацию ее принципов как важнейший фактор современного и эффективного государственного управления. Обосновывается мысль о том, что внедрение электронного правительства в сфере упрощения и смягчения процесса предоставления государственных услуг очень важно, и без его комплексной реализации невозможно развитие государства в стремительно развивающемся информационном обществе. Автор считает очень важной роль использования ИКТ в деятельности органов государственной власти, как с точки зрения повышения доверия граждан к институтам политической власти, так и укрепления политической стабильности в обществе. Следует подчеркнуть, что «электронное правительство» – это не краткосрочный проект, цель которого – выйти на завершающую стадию развития, а требует постоянного совершенствования государственного управления с опорой на новые информационно-коммуникационные технологии. Это делает систему государственного управления максимально прозрачной и отвечающей современным требованиям, открывает доступ граждан к процессу принятия управленческих решений. Развитие новых технологий ведет к увеличению участия граждан в политической жизни страны и в процессе принятия политических решений, и как следствие, к эволюции идеалов гражданского общества.

**Ключевые слова:** ИКТ, государственное управление, электронное правительство, информационное общество, органы государственной власти, государственные институты, открытое общество, политическая стабильность

**THE ROLE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN ENSURING THE EFFICIENCY OF PUBLIC ADMINISTRATION**

The article is devoted to the role of information and communication technologies in ensuring the effectiveness of public administration. The author considers the concept of "electronic government" and the implementation of its principles as the most important factor in modern and efficient public administration. The idea is substantiated that the introduction of e-government in the field of simplification and mitigation of the process of providing public services is very important, and without its comprehensive implementation it is impossible to develop the state in a rapidly developing information society. The author considers the role of the use of ICT in the activities of public authorities to be very important, both in terms of increasing citizens' confidence in the institutions of political power, and strengthening political stability in society. It should be emphasized that "electronic government" is not a short-term project, the purpose of which is to reach the final stage of development, but requires continuous improvement of public administration based on new information and communication technologies. This makes the public administration system as transparent as possible and meets modern requirements, opens up access for citizens to the process of making managerial decisions. The development of new technologies leads to an increase in the participation of citizens in the political life of the country and in the process of political decision-making, and as a result, to the evolution of the ideals of civil society.

**Keywords:** ICT, public administration, e-government, information society, public authorities, public institutions, open society, political stability

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Расулзод Лоиқ Холиқ*** – Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ходими калони илмии шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва таъбу нашр. **Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3. Телефон: **935-67-10-15**

**Сведения об авторе:** ***Расулзод Лоик Холик*** – Академия Министерства внутренних дел Республики Таджикистан, старший научный сотрудник организационно-научного и издательского отдела. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан горд Душанбе, улица Мастонгулова, 3. Телефон: **93567-10-15**

**Information about the author:** ***Rasulzod Loik Kholik*** - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, senior researcher of the organizational, scientific and publishing department. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mastongulova street 3. Phone: **935-67-10-15**

**УДК: 327.88**

# ВЫЗОВЫ И УГРОЗЫ СОЦИАЛЬНЫХ СЕТЕЙ

*Сафарализода Х.К.*
**Таджикский национальный университет**

**Введение.** Любое достижение человечества может быть использовано как во благо, так и во вред людям, государствам и народам. Чтобы убедиться в этом и признавать правильность этого факта, необходимо учитывать, кто использует то или иное достижение и с какой целью. Анализ и рассмотрение достижений последних десятилетий в этом контексте позволяет определить, в чью пользу и во вред кому будут использованы эти достижения. Социальные сети интернета как очередное достижение человечества, с одной стороны, если служат для улучшения отношений государства с обществом, общественной связи, формирования общественного мнения, совершенствования способов предоставления информации, с другой стороны, создают ряд вызовов и угроз. Если посмотреть на этот вопрос с точки зрения их пользы, то можно заметить, что в основе возникновения социальных сетей лежат, прежде всего, коммерческие интересы. Владельцы этих сетей собирают и обрабатывают большое количество информации с помощью информационных технологий, а затем продают ее. Информация, производимая технологическими компаниями, служит для повышения конкурентоспособности производственных компаний и захвата рынков. Кроме того, технологические компании занимаются сбором информации и созданием больших информационных ресурсов через социальные сети, чтобы в будущем можно было использовать искусственный интеллект. Эффективное использование искусственного интеллекта зависит от информационных ресурсов. Для этого технологические компании пытаются любыми способами увеличить количество пользователей социальных сетей. В том числе поощрение пользователей, раздача денег, придание привлекательности виртуальному пространству социальной сети, снятие цензуры, продвижение рекламы и т.д. Вот почему в последние годы растет число пользователей интернета и социальных сетей. Наряду с технологическими компаниями, также ряд государств (прежде всего геополитические субъекты) и экстремистско-террористические организации используют социальные сети в своих интересах. Социальные сети дали этим субъектам возможность использовать информационно-технологический потенциал интернета для достижения своих целей. Именно поэтому за последние десять лет в виртуальном пространстве интернета быстрым темпами возросли масштабы пропаганды радикальной идеологии, распространения экстремистских и террористических идей, промывание мозгов молодежи, распространение ложной и провокационной информации, негативное влияние на общественное мнение, организация политических и социальных волнений и цветных революций, реализация информационных и идеологических войн и т.п. Кроме того, социальные сети являются источником увеличения некачественной информации, фактором отчуждения молодежи от научно-теоретических знаний, причиной потери времени людей, распространения чужой культуры, усиления влияния ложной и недостоверной информации на общественное мнение. Поэтому необходимо определить, какие угрозы и опасности могут создавать социальные сети на данном этапе государственности и особенно в будущем.

**I. Кто получает выгоду (или пользу) от социальных сетей?** Технологические компании собирают информацию через социальные сети для осуществления информационного бизнеса, компании-производители нуждаются в такой информации для повышения конкурентоспособности своей продукции. Экономическая конкуренция и повышение конкурентоспособности торгово-экономических организаций крайне необходимы в процессе становления капиталистической системы и расширения ее регионального и глобального масштаба. Еще во второй половине XIX века К. Маркс и Ф. Энгельс в своем известном труде «Манифест Коммунистической партии» на основе изучения закономерностей исторического развития пришли к выводу, что «буржуазия

подчинила деревню господству города. … Так же как деревню она сделала зависимой от города, так варварские и полуварварские страны она поставила в зависимость от стран цивилизованных, крестьянские народы – от буржуазных нардов, Восток – от Запада [10,с.43-44]. Принимая во внимание этот фактор, ряд стран мира уделяют особое внимание вопросу развития рыночной экономики, повышения конкурентоспособности своей экономики и создания благоприятных условий для достижения этой цели. Поэтому они стремятся снижать свою зависимость от развитых капиталистических стран. Даже Китайская Народная Республика, формирующая свой государственный строй на основе однопартийной системы и политической программы единственной в стране коммунистической партии, с пониманием этой реальности выбирает и формирует рыночную экономику. В целом на сегодняшнее время почти все страны уделяют внимание развитию рыночной экономики, в связи с чем экономическая конкуренция на мировых рынках с каждым годом становится все более острой и сложной. Для достижения успеха национальные государства обеспечивают всевозможные условия для деятельности финансовых и производственных компаний с учетом современной действительности.

Наблюдения показывают, что в современных условиях информация стала важнейшим фактором повышения конкурентоспособности экономики. Еще в 1815 году успешный английский банкир Натан Ротшильд признал, что «кто владеет информацией, тот владеет миром» [14]. Происхождение этой «стратагемы» имеет свою историю. 18 июня 1815 года армия Наполеона потерпела поражение у голландского города Ватерлоо в сражении с армией стратегических партнеров Англии. Н. Ротшильд первым узнал об этом через своих осведомителей, а утром 19 июня 1815 года прибыл в Лондон и выставил свои акции на продажу по низкой цене. Другие банкиры, видя такую ситуацию, думали, что британцы проиграли битву, и спешно продавали свои акции по дешевой цене. В этом процессе ежеминутно обесценивались ценные бумаги в Англии, Австрии и Пруссии. Во второй половине дня агентства компании Ротшильдов скупают все акции по низкой цене. Через сутки обманутые банкиры узнали, что не англичане, а Наполеон проиграл битву. Многие обманутые акционеры кончали с собой самоубийством, но Н. Ротшильд зарабатывает более 40 миллионов фунтов стерлингов. Позднее Н. Ротшильд и его команда пытались первыми получить любую информацию [17]. Такая ситуация лишний раз доказывает, что тот, кто владеет информацией, может управлять миром. В последующие годы и в современных условиях такая закономерность тысячи раз доказала свою правдивость. В настоящее время борьба за информацию идет очень интенсивно. Можно даже сказать, что получение информации и борьба за нее уже является одним из важнейших элементов современных информационных войн.

Информация имеет разную ценность. Потому что ее можно разделить на следующие группы: 1) публичная и доступная всем информация; 2) деловая информация и недоступная; 3) стратегическая или секретная информация. Публичная информация носит пропагандистский характер, поэтому ее стараются сделать доступной для всех. Деловая информация необходима для достижения успеха, поэтому ее покупают и продают. Стратегическая информация традиционно – это совокупность сведений о врагах и соперниках, которые собираются спецслужбами, поэтому она является секретной. Учитывая такую ситуацию, можно сказать, что информация имеет неодинаковую ценность.

Действительно, во все времена деловая и стратегическая информация имела высокую ценность и считалась главным источником успеха и победы. В настоящее время во всех сферах общественной жизни, особенно в сфере политики и экономики, люди, располагающие «нужной» информацией, получат больше пользы при меньших затратах. Поэтому информацию покупают и продают, чтобы преуспеть в бизнесе, в политике и в других сферах. В таких условиях «рынок информации» развивается день ото дня, а количество компаний, производящих ее, увеличивается.

Принимая во внимание вышеизложенное, стоит отметить, что социальные сети интернета с первых моментов своего появления имели коммерческий характер и до сих пор останутся таковыми. То есть социальные сети, в первую очередь, создавались и

использовались для сбора информации. То, что окна (интерфейс) социальных сетей с каждым годом становятся все лучше и лучше, не означает, что владельцы этих компаний всегда думают о комфорте, развлечении и отдыхе пользователей. Раздача денег некоторым активным пользователям не означает, что эти сети занимаются гуманитарной или благотворительной деятельностью. Напротив, они делают это, чтобы сделать эти сети более привлекательными и увеличить количество пользователей этих сетей. Потому что чем больше становятся пользователей социальных сетей, тем больше информации собирается на серверах их владельцев. Затем эта информация обрабатывается и продается покупателям (точнее, производителям товаров и продукции - производственным компаниям). Информация, которая предлагается для продажи, соответствует требованиям рынка. Другими словами, компании, собирающие информацию через социальные сети, раньше других определяют вкусы покупателей, а продукция, произведенная на основе такой информации, быстрее находит покупателей на рынке. Каждое действие, которое пользователь социальной сети совершает в виртуальном пространстве интернета, является информацией, которая будет в дальнейшем обрабатываться. Например, загрузка изображений, текстов, видео, аудиозаписей, лайков, дизлайков, комментариев, отправки статей другим и т.д. являются виртуальными действиями, с помощью которых определяют настроения и вкусы людей.

